ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2020. №5

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО
НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2020. №5

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2020. No.5

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2020

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карокатулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2020. – №5. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).© ДМТ, 2020

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. С. Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустов Хамрохон Джумаевич — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2020. – №5. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2020

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal: TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaḳhtzoda Kobiljon Khushvaḳht — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Khorkashev Sakhidod — *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Nazarzoda Saifiddin — *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Ismoilov Shamsullo Ismoilovich — *Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad — *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Abdusattorov Abdushukur — *Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Saidov Khalimdzhon Azizovich — *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom — *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna — *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustov Khamrokhon Dzhumaevich — *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2020. – №5. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2020

УДК:811

ТАҲҚИҚОТ МАРБУТ БА МОҲИЯТ ВА МАФҲУМИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ФЕМИНИСТӢ

Камолова С.
Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии Москва дар шаҳри Душанбе

Дар марҳилаи такомули забоншиносии муосир ғояи асосии тафаккур идрок набуда, балки ҳамдигарфаҳмӣ мебошад, ки дар раванди омӯзиши забон ҳамдигарфаҳмии фарҳангу маданияти одамонро нисбати якдигар нишон медиҳад. Муҳиммияти таҳқиқоти таъсири инсон дар забон якчанд омилҳоро фаро мегирад, ки яке аз онҳо омили гендерии ӯ буда, мавқеи шахсиятро аз диди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар тасвири забонии ҷаҳон муайян месозад. Омили гендерӣ мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ дошта, дар тамоми падидаҳои забон аз нигоҳи ҷинсият омӯхта мешавад. Дар охири асри XX ва то ҳол таҳқиқоти зиёде дар забоншиносии муосир, дар самти психолингвистика, сотсиолингвистика ва прагматика ба назар мерасад, ки дар он мушкилоти асосии забон ва ҷинсият равшанандозӣ мегардад. Дар замони ҳозира забоншиносии гендерӣ бо шиддат инкишоф ёфта, ҳамчун мавзӯи актуалӣ дар таҳқиқоти забоншиносони хориҷиву ватанӣ дида мешавад, ки аз ҷумлаи онҳо А.В. Кирилина, И.И. Халеева, Д.Ч. Малиевская, Р. Лаккоф, З. Фрейд ва аз забоншиносони тоҷик А.М. Байзоев, Ф. Амонова, Р. Бобоҷонова, М.Т. Маҳмадҷонова, Р. Шодиев, Ф.С. Мухторова ва дигарон мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи гендерӣ дар мавқеи марказии ҷомеа ҷой гирифта, дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ оид ба гендершиносӣ ҳамчун илм ва мубрамияти ин масоил мақолаву маърӯзаҳо нашр мегарданд. Аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавқеи занон дар ҷомеа ва фаъол гардонидани нақши онҳо, як қатор қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаву барномаҳои давлатӣ, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробарии мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва ғайра ба тасвиб расида, қабул гардиданд, ки нишонаи амиқи иродаи сиёсии роҳбарияти давлат дар самти боло бурдани мавқеъ ва нақши занон дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз қарордоду фармонҳои дар боло зикргардида аён аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гендершиносӣ масъалаи актуалӣ ба назар мерасад.

Мақсади асосии таҳқиқоти гендерӣ дар забоншиносӣ омӯзиш ва тавсифи услуби нутқи ҳарду ҷинс, яъне зан ва мардро дар бар гирифта, хусусияти рафтори суханронии онҳоро муайян месозад. Ин масоил дар ҷомеаи имрӯза мавзӯи мубрам маҳсуб ёфта, мақолаи мазкур низ мафҳуми воҳидҳои луғавии гендериро дар забоншиносӣ равшанандозӣ менамояд.

Робитаи суханронии зану мард воҳидҳои луғавии гендерии махсусро интихоб менамояд, ки дар ин раванд фарқияти нутқи мардона ва занона ба вуҷуд меояд. Забоншиноси даниягӣ О. Эсперсен мавриди таҳқиқот таваҷҷуҳи худро бештар ба нутқи занон равона карда, қайд менамояд, ки занон дар ҷомеаи имрӯза нисбат ба мардон ҳангоми суханронӣ камтар ба алфози қабеҳ роҳ дода, ба истифодабарии эвфимизм рӯ меоранд [1, с.45]. Аз ақидаи ин олим бармеояд, ки занон дар раванди суханронӣ якзабона буда, нисбат ба мардон калимаҳои иқтибосиро камтар истифода мекунанд ва қобилияти азхудкунии забони навро мисли мардон надоранд, зеро сабаби асосии ин ҷараён дар муҳоҷирати мардон ба дигар кишварҳо инъикос меёбад. Дар умум омӯзиши омили гендерӣ дар забон бо ду хусусияти махсус тасвиб меёбад: а) таҳқиқот дар музофоти забоншиносӣ хусусияти ғайримунтазам дорад; б) ҳангоми тасвири хусусиятҳои забони мардона ва занона мафҳуми дигар чун «дефитсит» - и меъёрҳои забонии нутқи занона ба миён меояд [1, с.47].

Таҳқиқоти пуршиддату мунтазами гендершиносӣ охири солҳои 60-уми асри гузашта ба назар мерасад, ки бо мурури рушду инкишофи илми сотсиолингвистика як қатор маводу маълумотҳои статистикӣ фароҳам оварда шуд, ки боиси омӯзиши амиқтари гендерӣ дар забоншиносӣ гардид. Аз рӯйи маводҳои бадастоварда маълум гардид, ки ҷинси инсони гуфтугӯкунанда ба салоҳияти забонӣ таъсири муайян мерасонад ва дар

баробари он, воҳидҳои луғавии гендерӣ на танҳо аз таъсири ҷинси гуфтугӯкунанда, балки аз рӯйи хусусиятҳои синнусолӣ, касбу кор ва тарзи зиндагии инсон дар деҳот ва шаҳр низ омилҳои гендериро ба вуҷуд меорад. Аз ҷумла, мушоҳида карда шуд, ки занон одатан вожаҳои бонуфузтари талаффузро истифода мебаранд. Дар охири солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-ум таҳқиқоти гендерӣ дар забон ба туфайли ҷунбиши нави занон дар ИМА ва Олмон такони бузургеро ба даст овард, ки дар натиҷаи он тамоюли хосси забоншиносӣ ба вуҷуд омад, ки забоншиносии феминистӣ ё танқиди феминистии забонро фаро гирифт. Рисолаҳои илмии Р.Лакофф боиси сарчашма ва асоснок гардидани индросентрикии забон буда, дар таҳқиқоти худ олими мазкур мавқеи паст доштани занро дар ҷомеа ва тасвири забонии ҷаҳон нишон медиҳад, ки ин омил ба забон таъсири худро расонда, хусусияти танқиди феминистии забонро ба вуҷуд меорад [4, с.241-254].

Дар забоншиносии феминистӣ ду самт мушоҳида мешавад: якум марбут ба омӯзиши забон бо мақсади муайян кардани "асимметрия дар таркиби забон алайҳи занон" мебошад. Ин асимметрияҳоро сексизми забонӣ меноманд. Сухан дар бораи стереотипҳои патриархалӣ меравад, ки дар забон сабт шуда, ба сухангӯёни он дар тасвири ҷаҳон ҷой мегирад, ки дар он занон нақши дувумро мебозиданд ва асосан ба сифатҳои манфӣ алоқаманд буданд.

Аз охири солҳои 60-уми асри XX дар забоншиносӣ (асосан дар ИМА ва Олмон) як самт пайдо гардид, ки танқиди феминистии забон ё забоншиносии феминистӣ номида шуд. Забоншиносии феминистӣ забонро барои индосентрикӣ буданаш танқид намуд, зеро самтгирӣ на ба шахси умум, балки танҳо ба мард равона карда шуда буд. Забон барои табъиз дар асоси ҷинсҳои занон айбдор карда мешуд. Табъиз дар забон барои бартарияти шаклҳои нутқи мардӣ ва дуюмдараҷаву объективӣ будани занон ба ҳисоб рафта, мувофиқати онҳо дар бисёр забонҳо махсусан мафҳуми "мард" дар мавқеи марказӣ ва дар нишонаҳои занон бошад паҳншавии рейтингҳои манфӣ ифода мешавад. Сабаби ин далел фарзияи нисбии Сепир-Ворф буд, ки сохторҳои забон ва тафаккурро роҳнамоӣ карда, бар он ақида буд, ки тафаккури инсон асосан аз рӯйи хусусиятҳои забон муайян карда мешавад. Забоншиносии феминистӣ барои ислоҳоти забон тавсияҳои зиёдеро пешниҳод кардааст. Самти дуюми забоншиносии феминистӣ омӯзиши хусусиятҳои гендерии муошират дар гурӯҳҳои якхела ва омехтаро дар бар мегирад. Таҳқиқоти зикргардида дар раванди таҳлили нутқи занону мардон ҳангоми дар ток-шоуҳои телевизионӣ, гуфтугӯи байни табибон ва беморон, гуфтугӯ дар оила инъикос гардида, бо фарогирии ҷанбаҳои мухталиф зимни гузаронидани муколамаҳои баҳсбарангез қарор мегиранд.

Имрӯз мо дар бораи мавҷудияти таҳқиқоти гендерӣ, омӯзиши ҳарду ҷинс, аниқтараш, ҷараёни бунёди иҷтимоии фарқияти байни ҷинсҳо суҳбат карда метавонем. Гендер яке аз нишондодҳои ҳувияти иҷтимоии шахсиятест, ки сохтори институтсионалӣ ва расмии фарҳангӣ ҳисобида мешавад. Маросимҳои иҷтимоӣ, инчунин нобаробарии гендериро эҷод мекунанд, ки ин нобаробариҳоро метавон дар либос, ҳаёти ҳамарӯза ва кору фаъолияти инсон мушоҳида кард. Гендер ҳамчун маҳсули фарҳангӣ дарки мардумро ба занонагӣ ва мардонагӣ будани касбу кори инсон ҷудо намуда, аз нигоҳи мавқеи иҷтимоӣ воҳидҳои луғавии гендериро ба миён меорад, ки чунин воҳидҳои махсуси луғавӣ ҳатто дар фолклор, афсонаҳо, ривоятҳо ва анъанаҳо ба назар мерасанд. Омӯзиши гендер дар забоншиносӣ бо ду масъала сарукор дорад:

1. Забон ва инъикоси ҷинсият дар он. Ҳадафи ин равиш тавсиф ва тавзеҳ додани он аст, ки ҳузури одамони баробарҳуқуқи гендерӣ дар забон чӣ гуна зоҳир мешавад (пеш аз ҳама, системаи номинатсионӣ, воҳидҳои луғавӣ, синтаксис, категорияи ҷинсият), ки дар кадом соҳа назаррас будани рейтинги мардон ва занонро муайян месозад.

2. Суханронӣ ва рафтори умумии коммуникатсионии мардон ва занон, ки дар он стратегияҳо ва тактикаи маъмулӣ, интихоби гендерии воҳидҳои луғавӣ, роҳҳои ноил шудан ба муваффақият дар муошират, афзалият дар интихоби луғат, сохти синтаксисӣ, яъне хусусияти гуфтугӯи мардона ва занонаро меомӯзад.

Ҳангоми омӯзиши нутқ ва умуман рафтори муколамавӣ, ҷинс ҳамчун яке аз нишонаҳое маҳсуб меёбад, ки тавассути он ҳувияти иҷтимоии маъруф дар муошират сохта мешавад. Одатан, он бо параметрҳои синнусолӣ, мақом, гурӯҳи иҷтимоӣ алоқамандии зич дорад. Яке аз таҳқиқоти машҳур дар ин самт пажӯҳиши Дебора Танен буд, ки дар китоби "Шумо ҳамеша маро намефаҳмед. Занҳо ва мардон дар муколама" ба назар мерасад [6, с.352-353]. Муаллиф камбудиҳои коммуникатсиониро дар муоширати байни одамони ҷинсҳои гуногундошта таҳлил намуда, онҳоро бо талаботҳои гуногуни ҷомеа барои мардон ва занон, инчунин мушаххасоти иҷтимоии кӯдакӣ ва наврасиро дар вақти муошират асосан дар гурӯҳҳои якхелаи ҷинсӣ гузошта, шарҳ медиҳад. Дар зери таъсири ин омил, дар мардон ва занон ангезаҳои гуногуни рафтор, стратегияҳо ва тактикаи мухталиф таҳия карда мешаванд. Рафтори суханронии мардон, чун қоида, ба дастёбӣ ва

нигоҳ доштани мустақилият ва мақоми баланд нигаронида шудааст. Суханронии занон бошад дар ҷомеа хусусиятҳои ростгӯӣ ва эмотсионалиро возеҳ медиҳад. Ин фарқиятҳоро, тибқи консепсияи Д.Таннен, дар тамос ва тафсири баёнияҳо аз мавқеи мақом ё аз мавқеи нигоҳ доштани робита, ҳамбастагӣ ва кумак шарҳ додан мумкин аст [13, с.88].

Дар фарҳангу маданияти халқиятҳо, анъана ва расму оинҳои муошират мавҷуданд, ки барои мардон ва занон баробарҳуқуқиро муҳайё сохта наметавонанд. Ҳамин тавр, дар вақти ҷашнвораҳо, сухан бештар ба сардори оила ба мардон дода мешавад, ки ин гувоҳ аз нобаробарии нутқи зану мард мебошад.

Дар доираи самти коммуникативӣ-дискурсивӣ, гендершиносӣ дар алоқамандии коммуникативии фардҳо дар намудҳои мухталифи рафтори нутқии мардон ва занон аз нуқтаи назари шахсияти иҷтимоӣ, мутобиқшавии коммуникативӣ ва интерактивизм омӯхта мешавад. Гуногунӣ ва тағйирпазирии мафҳумҳои мардона ва занона имкон медиҳад, ки воҳидҳои луғавии гендерӣ дар муоширати оммавӣ, масалан, дар таблиғот, сиёсат, кору фаъолият истифода карда шаванд.

Ташаккули таҳқиқоти гендерӣ маънои ба ҳамаи соҳаҳои ҷамъиятшиносӣ ворид намудани масъалаи «занон»-ро дорад. Он дар солҳои 70-уми асри XX зери фишори ҳаракатҳои фаъолонаи занон ба вуҷуд омадааст, ки аз нав дида баромадани нақши занро дар пешрафти башарият, фарҳанг ва таърихи ҷомеа талаб мекарданд. Дар байни онон олимон низ буданд. Маҳз онҳо ба ақидаҳои анъанавии дар доираи илмӣ ҳукмронбуда доир ба мақоми зан муқобилият карданд. Моҳияти ин талабот иборат аз он буд, ки ҳангоми пешниҳоди ҳар гуна назарияи ҷамъиятӣ ба назар гирифтан лозим аст, ки аҳли ҷомеа одамони бечинс нестанд. Он аз марду зани тарбияи гуногундошта иборат аст, ки ҳар яки онҳо дорои таҷрибаи гуногуни иҷтимоӣ ҳастанд ва ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ назари гуногун доранд.

Мафҳуми «гендер» рафтори пешбинигардидаи иҷтимоие мебошад, ки барои мардону занон мувофиқ дониста шудааст. Анна Кирилина бошад, чунин шарҳ медиҳад, ки «истилоҳи «гендер» на сабаби табиӣ, балки сабаби иҷтимоию фарҳангии тафовутҳои байниҷинсиро бояд таъкид кунад» [3, с.6-7]. Масъалаи муҳаққиқ аз он иборат буд, ки байни мафҳумҳои «ҷинс» ва «гендер» фарқи аниқ гузорад. Гендер на тафовути ҷисмонии байни зану мард, балки хусусиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфтаи байни мард ва зан аст, рафтори пешбинигардидаи иҷтимоие мебошад, ки барои мардону занон мувофиқ дониста шудааст. Ҷинс бошад, дар навбати аввал, тафовутҳои ҷисмонӣ, физиологӣ ва биологии байни марду занро ифода мекунад. Ин хулосаи зоҳиран оддӣ бо душворӣ аз худ карда мешавад.

Рамзи табиии тавсифи занон дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои мард фарқ карда мешавад. Воҳидҳои луғавии гендерие, ки танҳо ба зебоиву муҳассанот, хушрафториву хушгуфторӣ ё ин ки баръакс зиштиву носозгории зан дар раванди муошират истифода мешаванд, инҳо мебошанд: ***моҳтобам, чарогам, мӯрчамиён, симтан, нозукадо, гул, сарвқомат, навниҳол*** ва ғайра.

Сифатҳои табиӣ ва ҷисмонии занро метавон дар зебоӣ; зудҳаракатӣ, ҷавонӣ, тозагӣ ва ғайра қадр кард, ба мисли ***зебосанам, азизам, моҳтоби ман, чеҳраи моҳ, офтобакам***.

Забонҳои фарҳангӣ тамоюлро аз нишонаҳои хосси зан маҳкум мекунанд. Калимаи ***деҳқонзан***, ки танҳо ба ҷинси зан хос мебошад, хислати манфӣ дошта, зоҳиран он занеро дар назар дорад, ки азимҷуссаю дағал ва баднамою бадафт мебошад. Муодили нисбии ин воҳиди луғавӣ ба мазмуни дурушт дар услуби гуфтугӯӣ, чунин занонро ***мардак*** ном мебаранд, ки ин калима аз рӯйи мазмун тасвиркунандаи *меҳнаткаш будани зан, бақувват ва мустаҳкамирода* будани он мебошад.

Дар шакли биоморфии фарҳанг марбут ба ҳаёти ҳаррӯза воҳидҳои луғавии гендерии зиёде нишон дода шудааст, ки бо мафҳуми ***«зан»*** якҷоя ифода мегарданд. Ҳамин тавр, дар фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ, "***мор"*** бо мазмуни маҷозӣ ба зани *хашмгин* ва *маккор* ташбеҳ меёбад. Инчунин, ибораи фразеологии ***каждумро дар бағал ҷой кардан*** *модареро*, дар назар дорад, ки *фарзандонашро мепартояд*. "***Шапалакҳои шабона" ё "сӯзанак***" бошанд, ташбеҳкунандаи *зани мавқеи пастдошта дар ҷомеа, зани сабукпо ва сабукфикр* буда, ***кабк*** бошад, *зани зебо ва хушрӯйро* ифода менамояд [8, с.521].

Воҳидҳои луғавии гендериро метавон таҳлили сохторӣ намуд, ки бештари онҳо аз сифату исм сохта шуда, хислатҳоеро нишон медиҳанд, ки танҳо марбут ба зан мебошанд. Як қатор сифатҳо дар якҷоягӣ бо исм маънои ифодаҳои гуногунро ташкил медиҳанд, чун ***духтари дилтанг, духтари оромтабиат, зани ҷангара, зани саркаш*** ва ғайра. Номҳои баъзе ҳайвонҳо аломатҳои манфии гендериро нишон медиҳанд. Масалан: ***албастӣ – ҷодугар, бадхашм, бадкирдор; калламуш, рӯбоҳ- зани беақл, маккор; каждуми таги бурё- хиёнаткор, зани дурӯггӯй, хоин; гусола - духтари содда, бетаҷриба; саги девона – хашмгин будани занро мисли саг*** ташбеҳ ёфтаанд. Дар забони тоҷикӣ инқилобҳои шифоҳӣ мавҷуданд, ки ҷинси

занро бо баъзе хусусиятҳои рафтори саг муқоиса мекунанд: ***зани сабукпой ё фоҳишазан*** ба ***саги дайду*** монанд карда шуда, ***зани шаттоҳро*** чун ***саг*** барин ***ҷангара*** номгӯӣ менамоянд.

Ранги сиёҳ дар воҳидҳои луғавии гендерӣ бо мазмуни манфӣ истифода шуда, хислатҳои бади ҷинсҳоро ифода менамояд. Масалан, ***зани рӯяш сиёҳ*** ҳамчун ***зани бевиҷдон*** тасвир карда мешавад ё ин ки ранги дигар, ки маънои мусбӣ дорад ва танҳо барои тасвири зоҳирии занон истифода мешавад, ранги ***кабуд*** аст, яъне ***чашмони кабуд*** ин ***зебоии занро*** нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, аз мисолҳои дар боло овардашуда маълум мешавад, ки дар рафтори муошират мардон ва занон ҳанӯз ҳам фарқиятҳо ҷой доранд. Забон аз мавқеи гунбазм сохта шудааст ва аксар вақт тасвири оламро аз нуқтаи назари мардона инъикос мекунад. Аз ақидаҳои олимони забоншинос равшан гардид, ки воҳидҳои луғавии гендерӣ аз нобаробарии мақоми зан дар ҷомеа буда, сабабгори пайдоиши забоншиносии феминистӣ гардидааст, ки то ҳол мушкилоти гендерии забонро зери танқид қарор дода, таҳқиқотҳои илмӣ ба табъ расида истодаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Есперсен О. Философия грамматики / О. Есперсен; пер. с англ. В.В. Пассека и С.П. Сафроновой; под ред. и с предисл. Б.А. Ильиша. - М.: Изд-во иностранной литературы, 1958.
2. Карташкова Ф.И. Невербальные компоненты коммуникации, отражающие эмоции мужчин и женщин / Ф.И. Карташкова, В.В. Ганина, О.Н. Гудкова // Тендер: язык, культура, коммуникация. - М.: МГЛУ, 2002. - С.280.
3. Кирилина А.В. Развитие тендерных исследований в лингвистике / А.В. Кирилина // Филологические науки. - 2003. - № 5. - С.310.
4. Лакофф Р. Язык и место женщины. - Тендерные исследования / Р.Лакофф. - Харьков, 2000. - № 5. – С.340.
5. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. - Душанбе, 2006.
6. Танен Д. Ты меня не понимаешь (Почему мужчины и женщины не понимают друг друга) / Д. Танен. - М.: Персей АСТ, 1996. - С.353.
7. Трофимова Е.И. О концептуальных понятиях и терминах в тендерных исследованиях и феминистской теории / Е.И. Трофимова // Женщина в российском обществе. - 2000. - №4. – С.32-39.
8. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ. I. - 802 с.
9. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Ҷ. II. - 803 с.
10. Халеева И.И. Тендер в теории и практике обучения межъязыковой коммуникации / И.И. Халеева // Тендер: язык, культура, коммуникация: Доклады Первой Международной конференции. - М., 2001. - С. 7-11.
11. Халеева И.И. Тендер в теории и практике обучения межъязыковой коммуникации / И.И. Халеева // Тендер: язык, культура, коммуникация: Тез. I международ, конференции. - М., 1999. - С.106-108.
12. Caiazza Amy. Mothers and Soldiers: Gender, Citizenship, and Civil Society in Contemporary Russia. - L. andN.Y., "Routledge", 2002. - 192p.
13. Tannen D. You just don't understand: Women and men in conversation. - New York, 1990.

ТАҲҚИҚОТ МАРБУТ БА МОҲИЯТ ВА МАФҲУМИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ФЕМИНИСТӢ

Мақолаи мазкур оид ба мафҳум ва моҳияти воҳидҳои луғавии гендерӣ буда, дар он омилҳо ва марҳилаҳои бавуҷудоии мушкилоти гендерӣ дар забоншиносӣ баррасӣ мегардад. Инчунин дар мақола қайд шудааст, ки омили гендерӣ мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ дошта, дар тамоми падидаҳои забон аз нигоҳи ҷинсият омӯхта мешавад. Мақсади асосии таҳқиқоти гендерӣ дар забоншиносӣ омӯзиш ва тавсифи услуби нутқи ҳарду ҷинс, яъне зан ва мардро дар бар гирифта, хусусияти рафтори суханронии онҳоро муайян месозад. Дар мақола масъалаи рафтори муошират ду ҷинс баррасӣ шуда, робитаи суханронии зану мард воҳидҳои луғавии гендерии махсусро интихоб менамояд, ки дар ин раванд фарқияти нутқи мардона ва занона ба вуҷуд меояд. Забоншиносии феминистӣ низ яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқи мақолаи мазкур ба шумор меравад, ки дар он нобаробарии мавқеи зан дар ҷомеа ва фарқияти рафтори муошират зану мард таҳлил мегардад. Онро метавон пай бурд, ки дар рафтори муошират мардон ва занон ҳанӯз ҳам фарқиятҳо ҷой доранд. Забон аз мавқеи гунбазм сохта шудааст ва аксар вақт тасвири оламро аз нуқтаи назари мардона инъикос мекунад. Инчунин қайд мешавад, ки мафҳуми «гендер» рафтори пешбинигардидаи иҷтимоие мебошад, ки барои мардону занон мувофиқ дониста шудааст. Мақолаи мазкур ҳамчунин фарқияти гендерро аз ҷинс муайян намудааст. Гендер на тафовути ҷисмонии байни зану мард, балки хусусиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфтаи байни мард ва зан аст, рафтори пешбинигардидаи иҷтимоие мебошад, ки барои мардону занон мувофиқ дониста шудааст. Ҷинс бошад, дар навбати аввал, тафовутҳои ҷисмонӣ, физиологӣ ва биологии байни марду занро ифода мекунад.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, гендер, ҷинс, забоншиносии феминистӣ, фарҳанг, ҷамъият, зан, мард, рафтори муоширатӣ, воҳидҳои луғавии гендерӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПОНЯТИЯ И СУЩНОСТИ ГЕНДЕРНЫХ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ФЕМИНИСТИЧЕСКОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

В данной статье рассматриваются понятие и сущность гендерных лексических единиц, а также факторы и этапы возникновения гендерных проблем в языкознании. В статье также отмечается, что гендерный фактор имеет понятие социальной значимости и во всех языковых явлениях изучается с точки зрения половой относительности. Основной целью гендерных исследований в лингвистике, является изучение и описание стилистических

особенностей речи обоих полов, то есть говоря о мужчине и женщине, определяется характер их речевого поведения. В статье обсуждается проблема речевого общения между двумя полами, речевая связь между мужчинами и женщинами требует выбора конкретных гендерных лексическхе единиц, в процессе которого определяется разница между мужской и женской речью. Феминистская лингвистика также является одной из актуальных вопросов в исследовании этой статьи, которая анализирует неравенство положения женщин в обществе и различия речевого поведения женщин и мужчин. Можно отметить, что в речевом поведении мужчин и женщин все еще существуют различия. Язык построен с куполообразной позиции, и часто представляет мир с мужской точки зрения. Также отмечается, что термин «гендер» - это социально предусмотренное поведение, которое считается подходящим как для мужчин, так и для женщин. Данная статья также дает возможность определить отличие гендера от пола. Гендер - это не физическое различие между мужчиной и женщиной, а социально сформированное, предусмотренное поведение между мужчиной и женщиной, которое считается подходящим как для мужчин, так и для женщин. А пол, в первую очередь представляет физические, физиологические и биологические различия между мужчинами и женщинами.

Ключевые слова: лингвистика, гендер, пол, феминистская лингвистика, культура, общество, женщина, мужчина, речевое поведение, гендерные лексические единицы.

RESEARCH OF THE CONCEPT AND ESSENCE OF GENDER LEXIC UNITS IN FEMINISTIC LINGUISTICS

This article examines the concept and essence of gender lexical units, as well as factors and stages of the emergence of gender problems in linguistics. The article also notes that the gender factor has the concept of social significance and is studied in all linguistic phenomena from the point of view of sexual relativity. The main goal of gender research in linguistics is to study and describe the stylistic features of speech of both sexes, that is, speaking about a man and a woman, the nature of their speech behavior is determined. The article discusses the problem of verbal communication between the two sexes, the verbal communication between men and women requires the choice of specific gender lexical units, in the process of which the difference between male and female speech is determined. Feminist linguistics is also one of the topical issues in the study of this article, which analyzes the inequality of the position of women in society and the differences in the speech behavior of women and men. It can be noted that there are still differences in the speech behavior of men and women. The tongue is built from a domed position, and often represents the world from a masculine point of view. It also notes that the term "gender" is socially intended behavior that is considered appropriate for both men and women. This article also makes it possible to determine the difference between gender and sex. Gender is not a physical difference between a man and a woman, but a socially formed, prescribed behavior between a man and a woman, which is considered appropriate for both men and women. And gender primarily represents the physical, physiological, and biological differences between men and women.

Key words: linguistics, gender, sex, feminist linguistics, culture, society, woman, man, speech behavior, gender lexical units.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Камолова Сабоҳат*** – Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии Москва дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо ва илмҳои гуманитарӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Назаршоев, 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

Сведение об авторе: ***Камолова Сабохат*** - Филиал Национального исследовательского технологического университета «МИСиС», кандидат филологических наук, доцент кафедры языков и гуманитарных наук. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Назаршоева, 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

Information about the author: ***Kamolova Sabokhat*** – Branch of the National Research Technological University "MISiS", candidate of philological sciencies, senior lecturer of the Department of Languages and Humanitarian sciences. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nazarshoeva Str., 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Tel.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

УДК: 80/81 (1-87)

АЗ ТАЪРИХИ ПЕШРАФТИ НАЗАРИЯИ ТАРҶУМА ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АВРУПО ВА АМРИКО

Алимов Ф.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳадаф аз таҳияи мақолаи мазкур аз баррасии анвои тарҷума, инъикоси даврони ташаккули соҳаи тарҷумашиносӣ чун бахше аз забоншиносии Аврупо ва Амрико ва таҳлили омилҳои рушди он шурӯъ аз нимаи дувуми асри XX то ба имрӯз, иборат мебошад.

Шумораи таърифҳои тарҷума баробар аст ба шумораи муаллифоне, ки дар ин соҳа чизе навиштаанд. Тарҷумаро метавон нисбат дод ба а) як соҳаи фан b) мавод (матни тарҷумашуда) ва ё ин ки с) равиши амали тарҷума, ба ибораи дигар, тарҷума. Сабаби чунин гуногунӣ дар он аст, ки истилоҳи тарҷума худ чандин маъно дорад [9, с.4-5].

Аз даврони пайдоиши тарҷума то ба имрӯз агарчи тавзеҳоти мухталифи бешумор вудуд дошта бошад ҳам, вале ҳеҷ як қоидаи универсалие, ки тамоми паҳлуҳои тарҷумаро ифода кунад, мавҷуд нест [4, с 37, 6, с.21, 13, с.7]. Тарҷума доимо миёни забони асл ва забони тарҷумашаванда сурат мегирад, ба ибораи дигар, наметавон калима ба калима

онро тарҷума намуд ва матни тарҷумашуда бояд аз матни тарҷумашаванда фарқ кунад [11, с.11-12]. Ҷойивазкунии матни аслро бо матни забони дигар тарҷума гӯянд [12, с.20]. Тарҷума ин эквиваленти андешаҳоест, ки тавассути ифодаҳои як забон ба забони дигар интиқол дода мешаванд [14, с.13]. Тарҷума иборат аст аз интиқол додани маънои матни асл ба маънои матни забони тарҷумашаванда. Дар ин сурат маъно боқӣ мемонад ва танҳо шакл тағйир меёбад [5, с.3]. Тарҷума ин рамзкушоист. Ҳангоми тарҷума рамзҳои як забон ба рамзҳои забони дигар табдил меёбанд [4, с.60-161].

Аз андешаҳои дар боло зикршуда чунин бармеояд, ки имрӯз истилоҳи "тарҷума-translation" дорои маъноҳои гуногун мебошад:

1. Илм ва ё соҳае аз илм: ('I studied translation at university') – Ман тарҷумаро дар донишгоҳ омӯхтам.

2. Мавод, яъне матни тарҷумашуда ('they published the Tajik translation of the report'). Онҳо тарҷумаи маърӯзаро тоҷикӣ ба нашр расонданд.

3. Раванди амалигардонии тарҷума, ки бо номи "тарҷума, тарҷумакунӣ" шинохта шудааст.

Умуман, дар забоншиносӣ ду навъи тарҷума мавҷуд аст: хаттӣ – (translation) ва шифоҳӣ – (interpretation).

Раванди тарҷума (process of translation) миёни ду забони гуногун бо иваз намудани матни асл (the source text or ST) бо манти забони тарҷумашаванда (the target text or TT) ва забони асл (the source language or SL) ба забони тарҷумашаванда (the target language or TL) сурат мегирад:

Якобсон категорияҳои тарҷумаро дар асари худ бо номи "'On linguistic aspects of translation" чунин муайян намудааст:

- дохилизабонӣ ё дуборанависӣ – тарҷумаи воҳидҳои як забон бо истифода аз воҳидҳои худи ҳамон забон.
- тарҷумаи миёнизабонӣ ё тарҷумаи саҳеҳ – тарҷумаи воҳидҳои як забон бо истифодаи воҳидҳои чанд забони дигар.
- тарҷумаи дохилимаъноӣ ё тарҷумаи воҳидҳои забонӣ бо истифодаи системаи воҳидҳои ғайризабонӣ [8, с.139].

Ин ҳама тавзеҳот семиотикӣ мебошанд, яъне соҳаи илме, ки муоширатро тавассути рамзу ишораҳо ва системаи ишораҳо меомӯзад ва забон ҷузъи ҷудонашавандаи ин система маҳсуб меёбад [12, с.13, 15, с.45].

Истифодаи он дар ин ҷо илман қарор дорад, зеро тарҷума танҳо бо забони шифоҳӣ маҳдуд нест.

Тарҷумаи дохилимаъноӣ, масалан, замоне амалӣ мегардад, ки як матн ба шаклҳои гуногун баргардон карда мешавад, ба мисоли мусиқӣ, филм ва ё расме. Роҷеъ ба ин навъи тарҷума мисол шуда метавонад машҳуртарин сози мусиқии Ҷеф Вейнӣ (1898), ки аз рӯйи асари бадеии Ҳ.Г. Велс бо номи *The War of the Worlds* (1898), ки минбаъд соли 2006 ба саҳна гузошта шуд.

Тарҷумаи миёнизабонӣ ё тарҷумаи саҳеҳ, замоне амалӣ мегардад ки мо матни забони муайянро айнан бо худи ҳамон забон дуборанависӣ мекунем. Масалан, фарҳангҳои тафсирӣ ва ё донишномаҳо метавонанд намунаи барҷастаи ин навъи тарҷума гарданд.

Дар тӯли таърих нақши тарҷумаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ дар муносибатҳои миёни халқҳои гуногуни олам назаррас мебошад. Илова бар ин, ин навиштаҷотҳо ҳамчун санади муҳим ва сарчашмавӣ ба муҳаққиқону донишмандон хизмат менамоянд. Бо рушд ёфтани тиҷорати байналмилалӣ нақш ва мақоми тарҷума низ беш аз пеш муҳим гардид. Омӯзиши тарҷума ва масоили он ҳамчун фанни таълимӣ дар нимаи дуюми асри XX ба вуҷуд омад. Акнун ин соҳаи илм дар тамоми гӯшаву канори дунё зери унвони "тарҷумашиносӣ" шинохта мешавад.

Тарҷумашиносӣ илмест, ки назария, амалия, раванд ва дар маҷмӯъ санъати нигориши тарҷумаро меомӯзад [6, с.69-71; Newmark, 1988; Tou, 1997, p. 142]. Асосгузорони ин соҳаи илм Ҷеймс Ҳолмас, Мона Бейкер, Снел Ҳорнби ва дигарон мебошанд. Ин соҳаи илмест, ки ҳар гуна мушкилотро, ки дар тарҷума ва раванди амалигардонии он ба миён меояд, меомӯзад [7, с.181]. Минбаъд соли 1995 даврони дуюми рушди ин соҳа ҳангоми ба миён омадани нашри дуюми асари Мери Снел Ҳорнби бо номи "*Translation Studies:*" рӯйи чоп омад, ки дар он атрофи "Рушди бемайлони тарҷумашиносӣ ҳамчун соҳаи илм" ва "Муҳокимаи байналмилалии самаранок" андешаҳои ҷолибу дақиқ пешкаш гардидаанд [13, с.8-12].

Аслан, рушди тарҷумашиносиро чор омили муҳим таъмин менамоянд:

Якум, рушди бемайлони тарҷумаҳои махсус ё ҳирфавӣ ва барномаҳои гуногуни тарҷумакунӣ. Ин барномаҳои тарҷумонӣ (тарҷумакунӣ) диққати миллионҳо хонандагону донишҷӯёнро ба худ ҷалб намудааст. Донишҷӯён кумаки ин гуна барномаҳоро дар

раванди тарҷума зарурӣ медонанд, ки дар ин замина онҳо ба беҳтарин тарҷумонҳо табдил меёбанд. Ин барномаҳо метавонанд тарҷумаҳои таҳқиқ, илмӣ, техникӣ, конфронсӣ, аудиовизуалӣ ва ба ин монандро таъмин намоянд.

Дуюм, маҳфилу конфронсҳо, китобу мақоллаҳо ва мақолаву дастурҳои зиёд роҷеъ ба тарҷумаро дар даҳсолаҳои пешин ёфтан мумкин аст. Ба монанди, мақоллаҳои тарҷумашиносии байналмилалии *Babel* (Нидерландия) and *Meta* (Канада), нашри аввалин 1955, TTR (*Traduction, terminologie, rédaction* , Canada) in 1988, *Target* (the Netherlands) in 1989, and *The Translator* (Англия) in 1995. Вобаста ба забон ва фарҳанг шумораи зиёди ин гуна мақоллаҳоро метавон ном бурд: *Cultures* (Венгрия), *Cadernos de Tradução* (Бразилия), *Chinese Translators Journal* (Чин), *Linguistica Antverpiensia – New Series* ва ғ.

Инчунин мақоллаҳои электронии зиёде низ дар сомонаҳои гуногуни интернетӣ мавҷуд аст, ки ҳамагон аз онҳо ба таври фаровон истифода мебаранд, ба мисли *The Journal of Specialised Translation* and *New Voices* (see www.routledge.com/cw/munday). Силсилаи мақолаҳои гуногуни муаллифони зерин хонандаи доимии худро доранд: Continuum, John Benjamins, Multilingual Matters, Peter Lang, Rodopi, Routledge and St Jerome.

Сеюм, чун рушди доимии соҳа таъмин гардид, нақши дастхатҳо, фарҳангҳо, донишномаҳо ва китобҳо ба истилоҳ "воситаҳои аналитикӣ" низ рушд ёфт. Аз ҷумла, *Translation Studies* (Bassnett 1980/1991/2002), *Contemporary Translation Theories* (Gentzler 1993, 2001), *The Routledge Encyclopedia of Translation Studies* [Baker and Malmkjær 1998; Baker and Saldanha 2009] ва ғ.

Чорум, фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ. Федератсияи Байналмилалии Тарҷумонҳо (The Fédération Internationale des Traducteurs) аз тарафи Ҷамъияти тарҷумонҳои Фаронса соли 1953 ташкил шуд ва президенти он Пиере Франчайс Гайле таъйин гардид. Ассотсиатсияи тарҷумашиносии Канада (Canadian Association for Translation Studies/Association canadienne de traductologie); Ҷамъияти тарҷумашиносии аврупоӣ (European Society for Translation Studies) (EST, Vienna, 1992); Ассосиатсаи тарҷумашиносии Амрико (the American Translation Studies Association) (ATISA, Kent, OH, 2002) ва ғ.

Дар таърихи ташаккули илми тарҷумашиносӣ дар Аврупо ва Амрико нақши харитаҳои Ҳолмас Ҷ ва Тоури Ҷ басо назаррасанд. Гентзлер дар асари худ бо номи *Contemporary Translation Theories* қайд мекунад, ки харитаи Ҳолмас Ҷ чун сутуни аввалин дар ин соҳа аст [5, с.93]. Снел Ҳорнби низ ба ин ақида ҳамфикр аст [13, с.3]. Ҳолмас дар асари машҳури худ, ки соли 1972 навишта шуд ва минбаъд соли 1988 ба чоп расид, назарияи аввалини соҳаро инъикос намудааст. Ҳолмас ба мушкилот ва маҳдудиятҳои ин тадқиқот таваҷҷуҳи бештар намуд ва ниҳоят чаҳорчӯбаеро офарид, ки инъикоскунандаи тамоми паҳлуҳои тарҷумашиносӣ мебошад [9, с.10]. Асаре, ки Ҳолмас офарид *translation studies* бо забонҳои испанӣ ва фаронсавӣ номгузорӣ гардида буд. Асари таҳиянамудаи Ҳолмас минбаъд аз тарафи муаллифони дигар ба мисли Тоури (1991 ва 1995), Снел Ҳорнби (1991), Лвовская (1993), Пим (1998) ва Ҳуртейдо (2001) таҷдиду такмил гардид. Аён аст, ки рушди беисти тарҷумашиносӣ чун соҳае аз илм дар солҳои 80-ум ҳикояи муваффақе гардида буд [3].

Тарҷумашиносӣ ҳанӯз аз даврони пайдоиши худ, яъне нимаи дуюми асри XX то ба имрӯз назария ва усулҳои гуногунро дар худ фаро хондааст, аз ҷумла: *назарияи эквивалентӣ ва муқоисаи забонҳо; назарияи функсионалистон; назарияи полисистемавӣ* ва ғ.

Ҳарчанд ҳар яке аз ин назарияҳо ва методу усулҳои боло тафсилоти мукаммалеро соҳибанд, аммо мехоҳам муҳимтарин паҳлуҳои ҳар яке аз онҳоро ба таври фишурда ва муъҷаз дар мақолаи ҳозир инъикос намоям.

1. Назарияи эквивалентӣ ва муқоисаи забонҳо. Омӯзишҳои ин давра бештар ба масоили мухталифи забоншиносӣ ва ҳамарзишӣ ё худ эквивалентӣ нигаронида шуда буд. Дар ин давра муҳаққиқони зиёде дар соҳаҳои гуногуни забоншиносӣ асарҳо таълиф намуданд. Аз ҷумла, Якобсон (*On linguistic aspects of translation*, 1959) ва ё Нида (*Toward a Science of Translation*, 1964). Якобсон бештар ба мушкилоти баробармаъноӣ (эквивалентӣ) таваҷҷуҳ менамояд. Дар ин асар ӯ қайд мекунад, ки мушкилотро дар додани маъно ҳангоми тарҷума метавон тавассути дигаргуниҳои грамматикӣ миёни забонҳо баён намуд.

Дар ин давра таваҷҷуҳи бештар ба офаридани моделҳои сохторҳои забон, аз ҷумла, грамматика равона гардида буд. Инчунин, муҳокимаи масъалаи ҳамарзишии матнӣ низ ба худ қолабу методҳои таҳияи худро пайдо намуд [Delisle, 1980, p. 91-92].

2. Назарияи функсионалистон. Назарияи функсионалӣ, ки дар Олмон миёни солҳои ҳафтодум ва ҳаштодуми асри гузашта ба вуҷуд омад, ба тарҷума назари функсионалӣ ва соммуникативӣ дошт. Бархе аз шоҳкориҳои муҳаққиқонеро, ки дар ин самт таълиф

гардидаанд, метавон ном бурд: Reiss (*Translation Criticism: Potential and Limitations*, 1971, and *Text types, translation types and translation assessment*, 1977) ва ғ.

Дар заминаи фаъолияти функсионалистон критерияҳои мухталифи тарҷума ба миён омад, ки ҳадафи онҳо ин амалан тарҷумаро коммуникативӣ сохтан буд. Ин муҳаққиқон мафҳуми калидиеро зери унвони "Skopos" истифода мебурданд. "Skopos"- Скопос - истилоҳи техникӣ буда, ҳангоми суҳбат намудан оид ба ҳадафҳои тарҷума ва амалияи тарҷума истифода бурда мешавад. Назарияи Скопос бошад солҳои 70-ум аз ҷониби Вермиер муаррифӣ гардида буд.

3. Назарияи полисистемавӣ. Омӯзиши тарҷумаи тафсирӣ. Лаҳзаи муҳимми дигар, ки дар майдони тадқиқоти соҳаи тарҷума нақши бориз дорад, ин пайдоиши назарияи бисёрсистемавӣ дар солҳои ҳафтодум мебошад. Намояндагони маъруфи назарияи мазкур Even-Zohar (1978 and 1990) ва Hermans (1999) мебошанд. Ин муҳаққиқон бар ин назаранд, ки қабл аз тарҷума тарҷумон бояд аз адабиёт ва фарҳанги забони тарҷумашаванда огоҳии комил пайдо намояд. Назарияи тарҷумаи тафсириро Тоури бо таълифи асари худ зери унвони "Дар ҷустуҷӯи назарияи тарҷума" ва "Тарҷумашиносии муқоисавӣ ва ғайри он" (*In Search of a Theory of Translation*, 1980, and *Descriptive Translation Studies and Beyond*, 1995) поягузорӣ намудааст. Ин муҳаққиқ ба гипотезаи пешниҳоднамудаи Ивен Зоҳар такя намуда, методологияи таҳлили тарҷумаҳоро таҳқиқ намудааст. Доираи кори таҳқиқотии муҳаққиқ Тоури ба калимаҳои забони тарҷумашаванда ва муттаҳид намудани матни асл (the source text or ST) бо манти забони тарҷумашаванда (the target text or TT) якҷо бо омӯхтани доираи фарҳанги забони тарҷумашаванда (the target text or TT) равона гардида буд. Ҳадафи ягонаи муҳаққиқ муайян намудани характери ниҳонии тарҷума ва ба низоми мушаххас даровардани меъёрҳои раванди тарҷума маҳсуб меёфт.

Умуман, ҳадафи марказии ин зинаи тадқиқот кашфи қонуниятҳо ва тартиботест, ки раванди тарҷумаро идора мекунанд ва он ҳама метавонанд мавриди истифодаи васеи тарҷумонҳо ва муҳаққиқони минбаъда қарор гиранд.

Аз андешаҳои дар боло зикршуда, чунин бармеояд, ки тарҷумашиносӣ (Translation studies) соҳаи тадқиқоти илмиест, ки дар тӯли таърих доманаи васеи омӯзиши худро дошт ва солҳои охир ба таври фавқулода рушд намудааст. Қаблан тарҷумашиносиро чун методикаи омӯзиши забон муайян менамуданд, ки он қисме аз адабиёти муқоисавӣ маҳсуб меёфт. Ҳамаи муҳаққиқон бар ин назаранд, ки дар маркази илми тарҷумашиносӣ худи тарҷума ва масоили марбут ба он қарор дорад.

Рушди бемайлони соҳаи тарҷума ва тарҷумашиносӣ дар забонҳои мухталифи дунё, аз ҷумла, забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба нашри китобҳои таълимии марбут ба соҳа, тадқиқотҳои илмӣ ва мақолаҳо оварда расонд, ки мақолаи мазкур намунае аз онҳост.

А Д А Б И Ё Т

1. Нагзибекова М.Б. Русско-таджикский переводческий толковый словарь / М.Б.Нагзибекова, М.М.Мирзоева. – Душанбе: Таджикский национальный университет фонд «Русский мир», 2014. - 187 с.
2. Baker, M. Encyclopedia of Translation Studies, London and New York: Routeledge. 1998.
3. Bassnett, S. (1980). Translation Studies. London and New York: Routeledge; revisited edition, 1991.
4. Frawly, W. (ed.). Translation: Literary, Linguistic and Philosophical perspective, Newark, London and Toronto: Associated University Press, 1984.
5. Gutt, E. A. (1991). Translation and relevance: Cognition and Context, Oxford: Blackwell; 2nd edition, Manchester: St Jerome, 2000.
6. Holmes, James S. ES, J. S. 1988/2000. "The Name and Nature of Translation Studies". In:Venuti, L. (ed.). 2000. - P.172-185.
7. Holmes, James S. (1988b/2004) 'The name and nature of translation studies', in Lawrence Venuti (ed.), The Translation Studies Reader, 2nd edition, 2004. - P.180.
8. Jakobson, R. 'On Linguistic Aspects of Translation', in R. A. Brower (ed.) *On Translation,* Cambridge, MA: Harvard University Press, 1959. - P.232.
9. Munday, J. Introducing Translation Studies: Theories and Applications, London and New York: Routeledge, 2010. – 236 p.
10. Newmark, Peter. *A Text book of Translation.* Hemel Hempstead: Prentice Hall, 1987.
11. Nida, E. (). "Linguistics and Ethnology in Translation Problems," *Word* 1, 1945. – P.194-208.
12. Rabin, C. "The Linguistics of Translation," in A.H.Smith (ed.) *Aspects of Translation: Studies in Communication* 2, London: Seeker and Warburg, 1958. - P.123.
13. Snell-Hornby, Mary. The Turns of Translation Studies , Amsterdam and Philadelphia: John Benjamins, Chapter 1, 2006.
14. Steiner, G. (1975). After Babel: Aspects of Language and Translation, London, Oxford and New York: Oxford University Press, 3rd edition, 1998.
15. Vermeer, H. J. "Skopos and Commission in Translational Action," trans. A. Chesterman, in A. Chesterman (ed.) Readings in Translation Theory, Helsinki: Oy Finn Lectura Ab, 1989. - P.173.

АЗ ТАЪРИХИ ПЕШРАФТИ НАЗАРИЯИ ТАРҶУМА ДАР ЗАБОНШИНОСИИ АВРУПО ВА АМРИКО

Мақола ба яке аз мавзӯъҳои муҳимми забоншиносӣ, яъне "Аз таърихи пешрафти назарияи тарҷума дар забоншиносии Аврупо ва Амрико" бахшида шудааст. Мақолаи мазкур, махсусан, андешаҳои гуногуни

муҳаққиқону донишмандони соҳа, анвои тарҷума ҳамроҳ бо мисолҳои возеҳу дақиқ аз асарҳои машҳуру маъмул, даврони ташаккули соҳаи тарҷумашиносӣ чун бахше аз забоншиносӣ ва таҳлили омилҳои рушди он дар Аврупо ва Амрико шурӯъ аз нимаи дувуми асри XX то ба имрӯзро инъикос менамояд. Ҳамзамон, дар мақола назарияҳои гуногуну ҷолиб, ки чун сутунҳои бунёдии ин соҳаи илм дар забоншиносӣ эътироф шудаанд, зикр гардидаанд. Зимни баррасии таърифоти гуногун роҷеъ ба мафҳуми истилоҳи *тарҷума* дар мақола, маълум гардид, ки барои ин истилоҳ таърифи ягона ва универсалӣ вуҷуд надорад. Бинобар ин, метавон қайд кард, ки тарҷума – ин иваз намудани матни асл бо муодили он дар забони тарҷума мебошад. Илова бар ин, соҳаи тарҷумашиносӣ дар Аврупо ва Амрико ба таври лозимӣ инкишоф ёфта, дар заминаи он даҳҳо китобҳои илмӣ, таълимӣ, рисолаҳои номзадӣ, фарҳангҳо роҷеъ ба истилоҳоти тарҷумашиносӣ ва мақолаҳо дар муассисаҳои гуногун ба чоп расидаанд, ки муҳтавои чанде аз онҳо дар мақола инъикос шудааст. Бояд тазаккур дод, ки соҳаи тарҷума доманаи васеи баҳси худро дорад, ки дар раванди фаъолияти тарҷума ҳар яке бо истилоҳоти махсус ва мушаххас муаррифӣ мешаванд. Пас аз омӯзиши соҳа маълум гардид, ки дар баробари асарҳои мухталифи забоншиносони тоҷик дар маҷмӯъ оид ба истилоҳшиносӣ, саҳми муаллифон Нагзибекова М. ва Мирзоева М. бо таҳияи фарҳанги тафсирии истилоҳоти тарҷумашиносӣ, махсусан, дар илми тарҷумашиносии тоҷик басо назаррас арзёбӣ мегардад. Аз андешаҳои дар боло зикршуда, чунин бармеояд, ки тарҷумашиносӣ (Translation studies) соҳаи тадқиқоти илмиест, ки дар тӯли таърих доманаи васеи омӯзиши худро дошта, солҳои охир ба таври фавқулода рушд намудааст. Қаблан тарҷумашиносиро чун методикаи омӯзиши забон муайян менамуданд, ки он қисме аз адабиёти муқоисавӣ маҳсуб меёфт. Дар баробари муҳаққиқони соҳа, мо низ бар ин назарем, ки дар маркази илми тарҷумашиносӣ худи тарҷума ва масоили марбут ба он қарор доранд.

Калидвожаҳо: тарҷумашиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, матни асл, матни тарҷумашаванда, забони асл, забони тарҷумашаванда, истилоҳоти тарҷумшиносӣ.

ИЗ ИСТОРИИ ТЕОРИИ РАЗВИТИЯ ПЕРЕВОДА В ЛИНГВИСТИЧЕСКОМ ИССЛЕДОВАНИИ В ЕВРОПЕ И АМЕРИКЕ

Статья посвящена одной из важных тем изучения языкознания – истории развития теоретического языкознания в Европе и Америке. В упомянутой статье конкретно обсуждаются основные концепции перевода, различные идеи ученых и исследователей в данной области, виды перевода с конкретными примерами, основанными на хорошо известных работах, исторический период развития исследований перевода как части изучения лингвистики и анализ причин его развития в Европе и Америке со второй половины двадцатого века до наших дней. Также, в статье упоминаются различные интересные теории, которые признаны основополагающими в этой области науки лингвистики. Изучив различные определения перевода в статье, мы убедились, что единого и универсального определения этого термина не существует. Поэтому следует отметить, что перевод – это замена исходного текста его эквивалентом на языке перевода. Кроме того, хорошо развита сфера переводческих исследований в Европе и США, на основе которых в различных учреждениях опубликованы десятки научных книг, учебников, диссертаций, словари по переводческим терминам, некоторые из которых приводятся в статье. Следует отметить, что сфера перевода имеет широкий круг вопросов, каждый из которых представлен конкретными терминами в процессе перевода. В результате изучения литературы выяснилось, что наряду с различными работами таджикских лингвистов по переводческой терминологии в целом, важен вклад М. Нагзибековой и М. Мирзоева в разработку и опубликование толкового словаря переводческих терминов. Из приведенных выше суждений следует, что переводческие исследования – это область научных исследований, которая исторически имела широкий спектр исследований и быстро развивается в последние годы. Раньше переводческое дело определялось как метод изучения языка, который был частью сравнительной литературы. Наряду с исследователями в этой области мы также считаем, что сам перевод и связанные с ним вопросы находятся в центре переводоведения.

Ключевые слова: переводоведение, контрастивная лингвистика, исходный текст, целевой текст, исходный язык, целевой язык,терминология переводческих исследований.

FROM THE HISTORY OF THEORY DEVELOPMENT OF TRANSLATION IN LINGUISTICS STUDY IN EUROPE AND AMERICA

The article is devoted to one of the important topics of linguistics study –the history of theory development of translation in linguistics study in Europe and America. The mentioned article specifically discusses the main concepts of translation and translation studies, different ideas of scholars and researchers in the field, types of translation with specific clear examples based on well-known woks, historical development period of translation studies as a part of linguistics study and analyzing its development reasons in Europe and America since the second-half of the twentieth century up to now. At the same time, the article mentions various and interesting theories that are recognized as the fundamentals of this branch of science in linguistics. Examining the various definitions of translation in the article, it became clear that there is no single and universal definition for this term. Therefore, it should be noted that translation is the replacement of the source text with its equivalent in thetarget language. In addition, the field of translation studies in Europe and the United States is well developed, on the basis of which dozens of scientific books, textbooks, dissertations, dictionaries on translation terms and articles have been published in various institutions, some of which are contained in the article. It should be noted that the field of translation has a wide range of issues, each of which is represented by specific terms in the process of translation. After studying the field, it became clear that, along with various works of Tajik linguists in general on terminology, the contribution of the authors Nagzibekova M. and Mirzoeva M. is highly valued by the development of an interpretive dictionary of translation terms, especially in the of Tajik translation studies. Observing the above considerations, we may say that translation studies is a field of scientific research that has historically a wide range of studies and has developed rapidly in recent years. Previously, translation studies was defined as a method of language learning, which was part of the comparative literature. Along with researchers in the field, we also believe that translation itself and related issues are at the center of the science of translation studies.

Key words: translation studies, contrastive linguistics , source text, target text, source language, target language, translation studies terminology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алимов Фирдавс Худойдодович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи забони англисӣ ва типологияи контрастивӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **firdavsalimov1994@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-865-14-07**

Сведения об авторе: ***Алимов Фирдавс Худойдодович*** - Таджикский национальный университет, доктор Ph.D кафедры английского языка и контрастивной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **firdavsalimov1994@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-865-14-07**

Information about the auther: ***Alimov Firdavs Khudoydodovich*** – Tajik National University, Doctor Ph.D of the Department of English Language and Contrastive Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **firdavsalimov1994@mail.ru.** Tel.: **(+992) 98-865-14-07**

УДК: 491.550

ЯК РОҲИ ПАЙДОИШИ МУВОЗИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ ДАР ТАЪРИХНОМАҲОИ ТОҶИКИИ САДАҲОИ X-XIII

Ҷӯраева С.Б.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ дорои захираи фаровони калимаву таркиб ва ибораву ифодаҳо буда, онҳо дар тӯли садсолаҳо ба аҳли қалам дар ифодаи нишонраси фикру андеша ҳамчун унсурҳои зарури забон мадад карда омадаанд. Ибораҳои устувори забон, ки бештар бо истилоҳи як навъи «воҳидҳои фразеологӣ» машҳур ҳастанд, ҳиссаи калон ва муҳимми чунин захираҳои луғавиро ташкил медиҳанд. Ин гуна унсурҳои луғавӣ дар тӯли беш аз ҳазор сол ба аҳли илму адаб барои дақиқ, равшану возеҳ ва зебову гӯшнавоз баён намудани матлаб ёрӣ расонидаанд. Вақте ки таркиби луғавии осори гуногунсоҳаи ниёгонро аз назари таҳлил мегузаронем, равшан хоҳад шуд, ки чун ин сарвати луғавии забон дар ҳама давру замон барои соҳибонаш ҳамчун масолеҳи тайёр ва зарури забон дар адои нозуктарин ҷиҳати ифодаи фикр хидмат кардаанд. Аз байни чунин сарчашмаҳои аз гузаштагон то ба мо меросмонда таърихномаҳои садаҳои X-XIII дар ҳифзи ин гуна ифодаҳои рехтаву устувор нақши шоиста доранд.

Одатан дар байни бархе аҳли таҳқиқ чунин ақидае маъмул аст, ки забони осори таърихӣ хушкухолӣ буда, дар онҳо унсурҳои луғавии ба эҳсос таъсиркунанда дучор намеоянд ё кам ба назар мерасанд, вале ҳангоме ки мо забони маъхазҳои аз ниёгон то ба морасида, бахусус осори таърихии қарнҳои X-XIII-ро таҳлил менамоем, ботил буда инчунин андеша собит мешавад. Ин аст, ки иддае аз муҳаққиқон маҳз ҳамин хусусияти таърихномаҳои куҳанро дар назар дошта, дар вақташ таъкид намуда буданд, ки “фаровон ба кор гирифтани унсурҳои маърифати ҳиссӣ аз ҷониби муаррихон ва нуфузи ҷанбаи зеҳнӣ дар нигориши воқеаҳо ва ашхоси таърихӣ дар бархе маворид таърихномаҳоро дар радифи осори бадеӣ қарор додааст” [9, с.365].

Воқеан, ҳангоме ки хонанда бо забони таърихномаҳое, чун “Тарҷумаи “Таърихи Табарӣ”-и Абӯалии Балъамӣ, “Таърихи Бухоро”-и Абӯбакри Наршахӣ, “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ, “Зайн-ул-ахбор”-и Абӯсаиди Гардезӣ, “Таърихи Систон”-и маҷҳулмуаллиф, “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ”-и Ҷурфодиқонӣ ва м. инҳо шинос мешавад, дар қатори дигар истилоҳоти фаровони илмии таърихиву ҷуғрофӣ, тиббиву гиёҳшиносӣ ва ғайраҳо бо гурӯҳи калони калимаву ибора ва ифодаҳои зебои рӯҳро навозишкунанда дучор мегардад, ки баъзеи онҳо бо вуҷуди дилнишину гӯшнавоз буданашон аз таркиби луғавии забон тадриҷан хориҷ шудаанд. Ибораҳои устувору рехта, чунонки ишора гардид, яке аз ҳамин гуна захираҳои луғавии ба ақл ва эҳсос таъсиркунанда ҳисоб меёбанд.

Таърихномаҳои фавқуззикр аз рӯйи дар худ маҳфуз доштани чунин воҳидҳои рехта ягона нестанд: дар баъзеи онҳо шумори ин гуна ифодаҳо басо зиёд, дар дигаре камтар, дар қисми сеюм баробари фаровон дучор омаданашон бо доштани маъноҳои хосса ва шаклҳои вижа аз дигар осори илмиву таърихӣ фарқ мекунанд. Дар ин мақола имкони таҳлили ҳамаи хусусиятҳои чунин ибораҳо нест, бинобар ин, танҳо бо баррасии воҳидҳои фразеологии феълие маҳдуд хоҳем шуд, ки дар онҳо аз ҳисоби дигаршавии яке аз ҷузъҳо-вожаҳои мансуб ба исми таркиби онҳо ду ё зиёда мувозӣ ба вуҷуд омадаанд.

Маълум аст, ки мувозиҳои фразеологӣ яке аз шаклҳои луғавӣ-грамматикии аз рӯйи маъно ва дараҷаи устуворӣ ягона ба шумор рафта, чунин сарватҳои луғавии забон метавонанд гоҳ дар як шакли муайян, гоҳ дар чанд қарина мавриди истифода қарор дошта бошанд [14, с.66, 67].

Дар аксари забонҳои дунё қисми калони аксари воҳидҳои фразеологӣ дар як шакли мушаххас ба кор мераванд, вале шумори чунин унсурҳои луғавии ба чанд гуна

истифодашаванда низ кам нестанд. Агарчи байни чунин мувозиҳо тафовут ба андозаи кам ё зиёд ба назар мерасад, аммо дар шаклҳои мухталиф вуҷуд доштани онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ устувории онҳоро аз байн бурда наметавонанд [14, с.67]. Бояд дар назар дошт, ки мувозиҳои чунин воҳидҳои фразеологӣ ба тариқи механикӣ пайдо нагардида, онҳо дар натиҷаи ба таври мутаносиб истифодашавии ибораҳое ба вуҷуд омадаанд, ки бо гузашти замон фразеологизатсия шуда [6, с.103], вобаста ба ивазшавии овози алоҳидаи таркибашон, ё тағйирёбии калимаи мустақилмаънои дохилашон, ё ки ба ҷойи як унсури грамматикӣ ба кор рафтани ҳамин гуна унсури дигар ба се навъ: мувозиҳои фонетикӣ, луғавӣ ва морфологӣ ҷудо мешаванд [7, с.60-62].

Таҳлили воҳидҳои рехтаву устувори таърихномаҳои садаҳои X-XIII гувоҳи он аст, ки дар ду ё беш аз он мувозӣ ба кор рафтани ҳиссае аз ин гуна ибораву ифодаҳо таърихи беш аз ҳазорсола дошта, бо гузашти замон аз байни онҳо бархеяшон танҳо дар як шакл, баъзеяшон дар чанд қарина мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Чунонки ишора шуд, як гурӯҳи воҳидҳои фразеологии дар чунин таърихномаҳо мавҷуда дар натиҷаи ивази исмҳои таркибашон хусусияти сермувозигиро соҳиб гардидаанд. Агар мансубияти забонии исмҳои таркиби чунин ибораҳо аз назари таҳлил гузаронида шавад, маълум хоҳад гардид, ки мувозиҳо дар натиҷаи бар ивази як вожаи тоҷикӣ омадани калимаи дигари ҳамин забон, ё як унсури луғавии тоҷикӣ ва як арабӣ, ё ки ба ҷойи як вожаи арабӣ мавриди истифода қарор гирифтани воҳиди луғавии дигари ҳамин забон пайдо шудаанд. Чунончи, дар забони тоҷикӣ мафҳуми худро дар хатар гузоштан бо ибораи *ҷон ба кафи даст гирифтан* ифода мешавад. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" агарчи ибораҳои *ҷон аз каф гузоштан*, *ҷон аз каф додан* ба назар мерасад [11, ҷ.2, с.788], вале ибораи фавқ дучор нагардид, дар "Фарҳанги ибораҳои рехта" шакли *ҷон ба каф гирифта/монда* дида мешавад [12, ҷ.2, с.652].

Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо, аз байни таърихномаҳои зикршуда ибораи мазкур дар "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ"-и Ҷурфодиқонӣ дучор омад: Ва дар ин айём қурби бист ҳазор мард аз муттаввиаи ислом аз акси Моваруннаҳр омада буданд ва мунтазири айёми ҳаракати султон нишаста ва шамшерҳо кашида ва такбири муҷоҳадат зада ва *ҷонҳо* дар роҳи иҳтисоб *бар кафи даст гирифта*... [13, с.259]. Ҳамин муаллиф дар мавриди дигар мувозии *сар ба кафи даст гирифтан*ро истифода кардааст, ки чунин шакли онро мо аз ҳеҷ луғатномаи бароямон дастрас пайдо накардем: ...ва ӯ ҳамчун фили маст сар дар муқоталат ниҳода ва дар нусрати дини Ҳақ(қ) *сар ба кафи даст гирифта* ва ҷон фидои шаҳодат карда [13, с.230].

Чунин ибораҳо дар таърихномаҳои мавриди таҳлил аз ҷиҳати дараҷаи корбурд ҳар хеланд: дар баъзеи онҳо истифодаи як шакл имтиёз дорад, дар дигаре мувозии дигар бартарият пайдо кардааст. Масалан, дар забони тоҷикӣ аз қадимулайём то ҳол мафҳуми омодаи хидмат шудан тавассути ибораҳои рехтаи *камар бастан* ва *миён бастан* баён карда мешавад [5, ҷ.11, с.16377, ҷ.13, с.19381; 11, ҷ.1, с.532, 686; 12, ҷ.1, с.518, 633].

Аз байни шаш таърихномаи тазаккурёфта шакли *миён бастан* хосси забони "Таърихи Байҳақӣ", аммо гунаи *камар бастан* мансуб ба "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" аст: Валекин чун давлат эшонро машғул кардааст, то аз шуғлҳои бузург андеша медоранду кифоят мекунанд ва *миён бастаанд*, то ба ҳеҷ ҳол халале наяфтад…[1, с.154]…чун муқаррар аст султонро, ки ғарази ман андар он чӣ гӯям, ҷуз салоҳ нест, ин корро *миён бастам* ва ҳам имрӯз гирди он бароям…[1, с.106]. Ҷое, ки Сулаймон мулк бирасид, сазад, ки чун мӯр *камари* хидмат *бибандам* ва бад-ин хатти чун пойи малах ҷузве чанд нависам...[13, с.17].

Дар айни як асар мавриди истифода қарор гирифтани ду мувозии худи ҳамон як ибора низ ба мушоҳида мерасад. Ҳамчун намуна ин ҷо дар ифодаи мафҳуми ба ҳалокат расонидани шахс зикр намудани ибораи *касеро аз ҷаҳон гум кардан* кофист, ки он дар "Тарҷумаи "Таърихи Табарӣ" дар шакли *касеро аз пушти замин гум кардан* низ дучор мегардад: Савоб он аст, ки Ҳурмузро *аз пушти замин гум кунем* [2, ҷ.1, с.608]. Ва чун аз бино бипардохт, ӯро ҳеҷ ғам набуд, ҷуз ғами Бобаку ҳарби ӯ, то ӯро *аз ҷаҳон гум кунад* [2, ҷ.2, с.1583].

Дар таърихномаҳои ин даврон инчунин дар се мувозӣ ба кор рафтани айни як воҳиди фразеологии феълӣ мушоҳида карда шуд. Ба сифати далел ин ҷо ёдовар шудани ибораҳои *дил бо касе яке кардан*, *сар бо касе яке кардан*, *даст бо касе яке кардан* бамаврид аст, ки мафҳуми бо касе иттифоқ кардан, мадад кардан дар кореро мефаҳмонанд [3, ҷ.2, с.975, 994; 5, ҷ.7, с.9496, 9663-9664; 11, ҷ.1, с.343]: Пас ӯ ҳилат кард ва пинҳони ӯ ямониёнро кас фиристод ва эшонро хоста пазируфт бисёр, то *дилашон бо хештан яке кард* [2, ҷ.2, с.1430]. Пас мардумон *дил бо Лайс яке карданд* ва ӯ дираму динору ҷавоҳир дошт бисёр, мардумонро ҳамедод…[10, с.217]. Ва Алӣ ибни ал-Лайс ба Систон ниҳон буд ва Субкарӣ *сар бо ӯ яке дошт* [10, с.198]. Мардумони Систон чи хоссу чи ом бо эшон *даст яке карданд* [10, с.93] …бо сипоҳи хеш *даст бо мо яке кун*, ки мо ба эътиқоди неку бархостем, Систон

низ фаро кас надиҳем [10, с.159] …ин аз он муҳиммот аст, ки, албатта, таъхир бар надорад ва Булқосими Булмаҳкам дар ин боб оятест, сӯйи ӯ набишта ояд, то *даст бо ту яке кунад* ва он чӣ воқиб аст дар ин, тамомии он ба ҷой орад [1, с.323]. Боз бояд гашт ва *даст яке кард*, ки қасди Суманот дорем, чун аз он фориғ шавем ва шумо низ хонии Туркистон бигрифтед, он гоҳ тадбири ин сохта ояд [1, с.558].

Чунонки эҳсос мешавад, дар иддае аз таърихномаҳо, мисли “Таърихи Систон” ҳар се мувозӣ, дар дигаре, монанди “Таърихи Байҳақӣ” фақат яке аз гунаҳои айни як воҳиди фразеологӣ истифода шудаанд. Дар осори дигари асримиёнагӣ низ шаклҳои мазкур аз рӯйи дараҷаи корбурд фарқ доранд. Ин аст, ки А. Деххудо барои як мувозӣ аз чанд сарчашма, барои дигар шакл танҳо аз як маъхаз шоҳид овардааст [5, ҷ.7, с.9496, 9663-9664].

Тавре ки ишора гардид, бархе аз мувозиҳои ибораҳои мазкур дар натиҷаи ивази як исми тоҷикии таркиби онҳо ба вожаи арабиасл ба вуҷуд омадаанд. Дар чунин мавридҳо аз ҷиҳати дараҷаи истифода ҳамон шакле бартарӣ дорад, ки дар таркиби худ исми аслии тоҷикӣ дорад. Чунончи, дар таърихномаҳои ин давра чун осори дигари гузашта ибораи *савганд хӯрдан* фаровон ба мушоҳида мерасад, вале гунаи *қасам хӯрдан* хеле кам дида мешавад. Ин аст, ки дар фарҳангномаҳои тафсирии гузаштаву ҳозира қариб тамоми шоҳид барои шакли аввал оварда шуда [5, ҷ.8, с.12210; 11, ҷ.2, с.168], барои мувозии дуюм далеле ба назар намерасад [5, ҷ.11, с.15501], дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” чун шоҳид барои *қасам хӯрдан* танҳо аз Фасеҳӣ ном шоир як байт зикр гардидааст [11, ҷ.2, с.677]. Дар таърихномаҳои мавриди таҳлили мо низ қариб кулли мисолҳо барои гунаи *савганд хӯрдан* омадаанд: Ва *савганд хӯрд*, ки ман аз он ҳадисҳо, ки бар ту бардоштанд ва аз он дирамҳо, ки Баҳром зада буд, огоҳ набудам ва надонистам ва нафармудам [2, ҷ.1, с.605]. Хоҷа гуфт: «Ночор чун вакили дари муҳташамест ва аҷреву мушоҳараву силат дорад ва *савгандони муғаллаза хӯрда*, ӯро чора набудааст» [1, с.361]. Ва Абдуллоҳ ибни Молик ал-Хузоӣ соҳиби шурати Маҳдӣ ва Ҳодӣ буд ва Ҳорун *савганд хӯрда буд*, ки ба ҳаҷ пиёда равад [4, с.108]. Чун аърози падар ӯро навмед гардонид, оташи имтиозу ҷамароти ғазаб дар андарунаш забона зад ва *савганде муғаллаз хӯрд*...[13, с.317].

Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо, муаллифи “Таърихи Байҳақӣ” дар баробари шакли *савганд хӯрдан*, ки дар асари номбурда зиёд ба чашм мерасад, танҳо дар ду маврид мувозии *қасам хӯрдан*ро ба кор бурдааст: Ва бо ин ҳама *қасам мехӯрам*, дар ҳолати ризо, на дар вақти икроҳ ва дар ҳини амн, на дар замони хавф… [1, с.357]. Ва ин қасам қасами ман аст ва ин байъати набишта байъати ман аст, *қасам хӯрдаам* ба он аз аввал то охири қасаме, ки эътиқод дорам ба он, ки ба ҷой орам онро…[1, с.359].

Лозим ба ёдоварист, ки баръакси забони таърихномаҳои даврони номбурда дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ шакли *қасам хӯрдан* маъмул гардидааст [12, ҷ.2, с.543].

Дар истифодаи чунин ибораҳо дар таърихномаҳои ин даврон ҳолати акс низ дида мешавад, яъне дар бархе мавридҳо истифодаи ибораҳои рехта бо исми арабиасли дар таркибашон мавҷуда дар қиёс бо гунаи дар таркиби худ вожаи аслии тоҷикӣ дошта имтиёз пайдо кардаанд. Намунаи чунин ифодаҳо метавонанд ибораҳои *гам хӯрдан* ва *андуҳ хӯрдан* бошанд. Вобаста ба ин масъала бояд гуфт, ки дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” *андуҳ хӯрдан* зикр шуда, тафсираш бидуни зикри шоҳид ба *гам хӯрдан* ҳавола шудааст [11, ҷ.1, с.76], вале мураттибон баъдан қайди гунаи *гам хӯрдан*ро фаромӯш кардаанд [11, ҷ.2, с.645].

Таҳлилу қиёси забони таърихномаҳои фавқ нишон медиҳад, ки дар онҳо мувозии *гам хӯрдан* бештар, вале шакли *андуҳ хӯрдан* кам истифода гардидааст: Умар *гами писар ҳамехӯрд*, ки аср шуда буд, гуфт: «Хоста надорам, ки ӯро фидо кунам…» [2, ҷ.1, с.776]. Ва Худои азза ва ҷалла ӯро аз ҳарб кардан бираҳонид ва *гам хӯрдан* кифоят кард [2, ҷ.2, с.1579]. Он шаб бо ғаме сахт бузург бихуфтам, дар хоб дидам Хизрро, алайҳи-с-салом, наздики ман омад ва маро пурсиду гуфт: «Чандин *гам чаро мехӯрӣ*?» [1, с.258]. Ва сипоҳи Шом *андуҳ хӯрданд* бад-он, ки ҳисор аз даст бидода буданд [2, ҷ.2, с.1442]. Ва Масъуди Лайс маро гуфт, ки султон аз ту чанд бор пурсид, ки Булфазл чун уфтода бошад ва *андуҳи ту мехӯрад* [1, с.661].

Гоҳо дар “Тарҷумаи “Таърихи Табарӣ” шакли *гаму андуҳ хӯрдан* низ дучор меояд: Пас чун шаб андар омад, Худои азза ва ҷалла фариштаро сӯйи Ҷирҷис фиристод ва гуфт: «Эй банда, ҳеҷ *гам махӯру андуҳ*, ки он душмани Ман се бор туро бикушад ва Ман туро зинда кунам ва бори чаҳорум туро бипазирам ва ӯ бар ту зафар наёбад» [2, ҷ.1, с.477].

Дар таърихномаҳои тазаккурёфта, тавре ки дар боло ишорааш рафт, мавридҳои ивазгардии як исми арабиасли таркиби чунин ибораҳо ба ҳамин гуна исми он забон дида мешавад. Намунаи корбурди ин гуна ибораҳо *аҳд шикастан* ва *вафо шикастан* аст, ки дар ҳар ду мувозӣ ба ҳайси исми таркиби онҳо вожаҳои арабии *аҳд* ва *вафо* ба кор рафтаанд.

Дар фарҳангномаҳои бароямон дастрас дар ифодаи мафҳуми аз қавл гаштан, қарордодро барҳам задан, ваъдахилофӣ кардан дар қатори шакли *аҳд шикастан* гунаи

аҳду паймон шикастан низ дучор гардида, мувозии *вафо шикастан* ба мушоҳида нарасид [11, ҷ.1, с.117].

Аз байни таърихномаҳои мазкур ҳарду мувозӣ дар "Тарҷумаи "Таърихи Табарӣ" мавриди истифода қарор гирифта, дар "Зайн-ул-ахбор" танҳо шакли *аҳд шикастан* мушоҳида карда шуд: Пас кас фиристод, ки ман ин ҳар ду дийят бидиҳаму *аҳди шумо нашиканам* [2, ҷ.1, с.810]. Ва агар ту набиштӣ ва *аҳд бишикастӣ* ва савганд ба дурӯғ кардӣ, туро аз се кор берун нест…[2, ҷ.2, с.1103]. Ва ин он вақт гуфтанд, ки ҷосусон бозомаданд ва сифати ҷабборон ва Уҷ ибни Аноқа мегуфтанд ва *аҳд бишкастанд*, ки ба ҳам карда буданд ба ногуфтани ин сухан [4, с.34].

Таҳлил ва муқоисаи корбурди ибораҳои рехтаи чунин таърихномаҳо нишон медиҳад, ки бархе аз онҳо хеле нодиранд. Ҳадафи мо ин ҷо ифодаҳои *хурмо ба Басра бурдан* ва *хурмо ба Ҳаҷар бурдан* аст. Дар ҳамаи фарҳангномаҳои ба мо дастрас гунаи *хурмо ба Басра бурдан* ҳамчун муродифи ибораи *зира ба Кирмон бурдан* ишора гардида, аз бархе таърихномаҳои мавриди таҳлили мо, мисли "Таърихи Байҳақӣ" ва осори адибоне, чун Саноӣ, Имомии Ҳиравӣ, Мухторӣ, Дақиқӣ шоҳид зикр шудааст [5, ҷ.6, с.8529; 11, ҷ.2, с.509], вале истифодаи гунаи *хурмо ба Ҳаҷар бурдан* дар ҳеҷ кадоми онҳо қайд нагардидааст. Гунаи *хурмо ба Басра бурдан* дар "Таърихи Байҳақӣ" ва шакли *хурмо ба Ҳаҷар бурдан* дар "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" ба қайд гирифта шуд: Ва ахбори Маъмун ва Иброҳим пеши чашм ва хотири худованд аст, муҳол бошад маро, ки аз ин маонӣ сухан гӯям, ки *хурмо ба Басра бурда бошам* [1, с.218]. Ва Абӯҷаъфар ҳикоят кард, ки: "Чун он туҳаф пеши Соҳиб бурдам ва аз забони Абӯалӣ бар сари он узр хостам, дар забони ман омад, ки мо дар ҳамли ин бизоати музҷот ба ҳазрати Кофиййулкуффот онро монем, ки *хурмо ба Ҳаҷар барад*" [13, с.85]. Таҳиягари матни кириллии "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" дар ҳошияи асар қайд кардааст, ки "Ҳаҷар номи шаҳрест дар Яман, ки ватани хурмост. Ин масали маъмули арабист, мисли *зира ба Кирмон бурдан*, *лаъл ба Бадахшон бурдан*, *филфил ба Ҳиндустон бурдан*" [13, с.85].

Ба ин тариқ, аз назари таҳлил гузаронидани чанде аз воҳидҳои фразеологии таърихномаҳои садаҳои X-XIII нишон медиҳад, ки онҳо ба аҳли илму адаб барои нишонрас баён гардидани матлаб кумак карда, аксарашон дар як шакли мушаххас, вале қисми дигарашон дар ҳамон гузаштаи дур чанд мувозӣ маъмул шуда будаанд.

Сермувозигии чунин ибораҳои рехтаву устувор шояд зери таъсири забони минтақаи муаллифон сурат гирифта бошад.

Дар ду ё беш аз он шаклҳо ба кор рафтани гурӯҳе аз воҳидҳои фразеологӣ дар натиҷаи ивази ду вожаи ҳаммаъно, ё ду-се калимаи мухталифмаъно ба вуқӯъ омада, бархе аз онҳо ҳамчун таъбироти нодир шинохта шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ / Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн Байҳақӣ; таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. –Душанбе: Бухоро, 2014. – 774 с.
2. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ / Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад Балъамӣ. Ҷилди 1; бо муқаддима ва тавзеҳоти М. Умаров ва Ф. Бобоев. - Теҳрон, 1380/2001. – 817 с.
3. Баҳор Л.Т. Баҳори Аҷам. Фарҳанги луғот, таркибот, киноёт ва амсоли форсӣ / Л.Т. Баҳор; тасҳеҳи К. Дизфулиён.Ҷилдҳои аввал-сеюм. – Теҳрон: Тилоя, 1379-1380. – 2180 с.
4. Гардезӣ, Абӯсаид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор / Абӯсаид Абдулҳай Гардезӣ (ба хатти кирилӣ баргардони Қ. Рустам). – Душанбе: Бухоро, 2014. – 415 с.
5. Деҳхудо, А. Луғатнома / А.Деҳхудо. Ҷилдҳои 6, 7, 8, 11, 13. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. – 20138 с.
6. Жуков В.П. Семантика фразеологических единиц / В.П. Жуков. - М.: ЛЕНАНД, 2019. Издание второе, дополненное. – 158 с.
7. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: УдТ, 1982. – 103 с.
8. Наршахӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро / Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар Наршахӣ; мураттибон: Ғ.Ғоибов, К.Олимов, Н. Амиршоҳӣ. - Душанбе: Пайванд. 2012. – 546 с.
9. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) / Н. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 396 с.
10. Таърихи Систон / Таҳияи матн, муқаддима, тавзеҳот ва феҳристҳо аз М.Имомов ва А. Абдусаттор. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 352 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷилди 1. - 951с.; Ҷилди 2. – 949 с.
12. Фарҳанги муқаммали забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.А. / Зери таҳрири С.Назарзода ва дигарон. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 829 с.
13. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта / М.Фозилов. – Душанбе: Нашрдавлтоҷик., 1963. - Ҷилди 1. - 952 с.; - 1964. - Ҷилди 2. – 802 с.
14. Ҷурфодиқонӣ, Абушшараф Носеҳ ибни Зафар. "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" / Абушшараф Носеҳ ибни Зафар Ҷурфодиқонӣ; муқаддима, таҳия, таҳшия, таълиқот, луғот ва феҳристи Н.И. Ғиёсов. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 416 с.
15. Шанский Н.М. Фразеология современного русского языка / Н.М. Шанский. - М.: ЛЕНАНД, 2014. - Издание седьмое. – 265 с.

ЯК РОҲИ ПАЙДОИШИ МУВОЗИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ ДАР ТАЪРИХНОМАҲОИ ТОҶИКИИ САДАҲОИ X-XIII

Дар мақола сухан аз хусуси дар чанд мувозӣ ба кор рафтани ҳиссае аз воҳидҳои фразеологии дар шаш таърихномаи қарнҳои X-XIII меравад. Дар мақола масъалаи **як роҳи пайдоиши мувозии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар таърихномаҳои тоҷикии садаҳои X-XIII** баррасӣ гардида, тарзҳои гуногуни маҳфузмонии онҳо дар гӯйишҳои алоҳидаи тоҷикӣ таҳлил шудаанд. Муаллиф дар заминаи маводи аз **таърихномаҳои тоҷикии садаҳои X-XIII** гирдовардааш нишон додааст, ки аксари таъбирҳои дар осори ин давра истифодашуда ҳоло ҳам дар забони адабӣ, ҳам лаҳҷаҳо маҳфуз мондаанд, вале баробари ин, ҳиссае аз онҳо бо таҳаввулоти гуногуни шаклӣ дар гӯйишҳо ба таври васеъ истифода мегарданд. Муаллиф дар асоси маводи аз таърихномаҳои ин даврон гирдовардааш ба хулосае омадааст, ки як қисми онҳо дар натиҷаи иваз гардидани исмҳои таркиби онҳо ташаккул ёфта, дар тӯли беш аз ҳазор сол дар забони тоҷикӣ истифода мешаванд, ҳиссаи дигар дар айни ҳол матрук гардидаанд. Бархе аз ин гуна ибораҳо, аллакай, дар ҳамон даврони соҳибони чунин таърихномаҳо ҳамчун унсурҳои луғавии камистеъмол шинохта шуда, дар иддае аз таърихномаҳо аҳён-аҳён ба кор рафтаанд. Муаллифи мақола дар интиҳо бо далели қавӣ зикр менамояд, ки дар ду ё беш аз он шаклҳо ба кор рафтани гурӯҳе аз воҳидҳои фразеологӣ дар натиҷаи ивази ду вожаи ҳаммаъно, ё ду-се калимаи мухталифмаъно ба вуқӯъ омада, бархе аз онҳо ҳамчун таъбироти нодир шинохта шудаанд.

Калидвожаҳо: таркиби луғавии забон, таърихномаҳои садаҳои X-XIII, луғатномаҳо, воҳидҳои фразеологӣ, мувозӣ, исмҳо, ибораҳои нодир, вожаҳои аслии тоҷикӣ ва арабӣ.

ОДИН ИЗ ПАРАЛЛЕЛЬНЫХ СПОСОБОВ ОБРАЗОВАНИЯ ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТАДЖИКСКИХ ИСТОРИЧЕСКИХ ТРАКТАТАХ X-XIII ВЕКОВ

В статье речь идет о нескольких параллельных способах образования фразеологических единиц и их использовании в шести исторических трактатах X-XIII веков. Также рассматривается проблема параллельного образования глагольных фразеологических единиц в таджикских исторических трактатах **X-XIII** веков, и анализируются различные способы их сохранения в отдельных таджикских говорах. Автор на основе собранного материала из таджикских исторических трактатов **X-XIII** веков показал, что некоторые толкования, используемые в наследии данного периода, сохранились в таджикском литературном языке и говорах , но на равне с этим часть их используется очень широко в таджикских говорах в различных преобразованных формах. Автор на основе собранного ичсточниковедческого материала из исторических трактатов того периода приходит к выводу о том, что одна их часть формирована в результате изменения существительных в их структуре и более тысячи лет используются в таджикском языке, но другая их часть вышла из употребления. Некоторые из данных словосочетаний уже в тот период со стороны составителей данных трактатов считались как малоупотребительные словарные элементы и очень редко использовались. Автор в конце статьи настоятельно отмечает, использование группы фразеологических единиц в двух или более формах происходит в результате изменения двух однозначных слов или двух или трех слов с противоположными значениями и некоторая их часть признано как уникальное толкование.

Ключевые слова: словарный состав языка, исторические трактаты X-XIII веков, словари, фразеологические единицы, параллельный, существительное, редкие словосочетания, исконно таджикские и арабские слова.

ONE OF THE PARALLEL METHODS OF FORMATION OF VERBO PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE TAJIK HISTORICAL TRACT OF THE X-XIII CENTURIES

The article deals with several parallel ways of forming phraseological units and their use in six historical treatises of the X-XIII centuries. The problem of parallel formation of verbal phraseological units in the Tajik historical treatises of the X-XIII centuries is also considered, and various ways of their preservation in certain Tajik dialects are analyzed. Based on the collected material from Tajik historical treatises of the X-XIII centuries, the author showed that some of the interpretations used in the heritage of this period have been preserved in the Tajik literary language and dialects, but equally with this, some of them are used very widely in Tajik dialects in various transformed forms ... On the basis of the collected material from historical treatises of that period, the author comes to the conclusion that one part of them was formed as a result of changes in nouns in their structure and have been used in the Tajik language for more than a thousand years, but another part of them has fallen out of use. Some of these phrases already at that time were considered by the compilers of these treatises as little-used dictionary elements and were very rarely used. The author at the end of the article strongly notes that the use of a group of phraseological units in two or more forms occurs as a result of changing two single-valued words or two or three words with opposite meanings, and some of them are recognized as a unique interpretation.

Key words: vocabulary of the language, historical treatises of the X-XIII centuries, dictionaries, phraseological units, parallel, noun, rare phrases, native Tajik and Arabic words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Сведения об авторе: ***Джураева Сарвиноз Бобокуловна*** – Худжандский государственный университет им. академик Б.Гафуров, доцент, заведующая общеуниверситетской кафедры культурологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Information about the author: ***Dzhuraeva Sarvinoz Bobokulovna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Associate Professor, Head of the University Department of Culturology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru**. Tel **.: (+992) 92-774-05-01**

УДК: 81 (22) : 338

ТАЪСИРИ ЗАБОНИ АРАБӢ БА ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ АСРҲОИ МИЁНАИ ФОРСУ ТОҶИК

Гурезов Ҷ.Н., Насриддиниён Б.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Тадқиқи таъсири як забон ва адабиёт ба забон ва адабиёти дигар таҳқиқоти васеъ ва густурдаро тақозо мекунад. Мусаллам аст, ки дар доираи мақолае ин амал имконнопазир аст. Аз ин рӯ, мо танҳо ба паҳлуҳо ва ҷанбаҳои мухталифи таъсири забон ва адабиёти араб ба забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ дар давраи муайяни таърихӣ дахл карда, аз муфассалбаёнӣ худдорӣ менамоем.

Ҷойи баҳс нест, ки олимон ва муҳаққиқони соҳаи забон ва адабиёт исбот кардаанд, ки дар ҷаҳон забоне нест, ки калимаю истилоҳотро аз забони дигар нагирад, агарчи таърихи он ҳатто ба ҳазорсолаҳо расад, ҳанӯз ҳам пурра аз омилҳои мухталифи замон ва сиёсат вобаста буда метавонад. Албатта, ҳама забонҳо ногузир бо сабабҳо ва омилҳои мухталиф ба ин рухдод дучор мешаванд ва олимон муҳимтарини онҳоро дар ҳамсоягӣ, тиҷорат, ҷангҳо, муҳоҷират ва ғайра хулоса кардаанд.

Бино бар сабаби гуногунрангии муносибатҳои байни забони форсии тоҷикӣ ва арабӣ дар замонҳои қадим, ҳарду забон ба ҳамдигар таъсир доштанд ва зиёда аз ин барои пурра кардани захираи луғавии ҳамдигар мусоидат кардаанд.

“Мувофиқи нишондодҳои таърихӣ муносибатҳои байни форсҳо ва арабҳо замоне оғоз мешуд, ки Ардашери Бобакон дар асри III пеш аз милод баъзе аз қаламравҳои арабии Уммонро забт кард ва дар натиҷа доираи паҳншавии забони арабиро низ то андозае маҳдуд кард. Инро далелҳои таърихӣ низ тасдиқ мекунанд, ки муносибатҳои байни форсу тоҷикон, афғонҳо ва арабҳо ҳангоми нобудшавии давлати Ассуриёнӣ аз ҷониби мадайҳо ва тақсими заминҳои онҳо дар асри ҳафти пеш аз мелод решакан шуданд” (5, с.124).

Вақте ки доираи ҳукмронии Куруши Кабир то ба маркази Бобулистони Қадим рафту як империяи бузурге барпо кард, дар он ҷо оилаҳои сершумори араб ба сар мебурданд, ки ба ӯ фидя ва хироҷ медоданд ва ин омил, яъне ҳамзистӣ ба омезиши забонҳо мусоидат кард. Ба ҳамин монанд, байни форсҳо ва давлати Аббосиён ҷангҳо дар сарзаминҳои Яман ва Ҳиҷоз низ идома доштанд. Аз тарафи дигар, бо гузашти айём ва тақозои замон муносибати тиҷоратӣ байни форсҳо ва арабҳо ба амал омад ва ба воситаи киштиҳо молу амволи тиҷоратиро тавассути халиҷи Форс ба кишварҳои якдигар интиқол медоданд ва ин низ як заминаи созгори рушди забонҳо барои доду ситад кардани вожаҳо фароҳам овард. Дар ин росто муносибатҳои ҳамсоягии форсҳо ва сарзамини арабҳои Шарқиро набояд нодида гирифта шавад. Бояд ба гуфта ояд, ки таъсирпазирӣ, яъне омезиши калимаҳо ва таркибҳо дар байни халқиятҳои арабзабон ва шохаҳои забони порсӣ: дарӣ, форсӣ ва тоҷикӣ бештар ба ду давра рост меояд:

Аввалан, дар давраи Сосониён, хусусан давраи ҳукмронии Хусрав I ва баъдан пайдоиши Ислом дар заминҳои Форс ва Хуросону Мовароуннаҳр амалӣ гардидааст. Дар тӯли ин ду давр, ба забонҳои форсии дарии тоҷикӣ аз арабӣ калимаҳо ва мафҳумҳои зиёдеро ба кор бурдаанд.

Мавриди таъкид аст, ки забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ қаблан ҳам робитаҳое доштанд, ки дар даврони пеш аз Ислом оғоз ёфта буданд, вале таъсири пурнуфузи забон ва адабиёти араб ба забон ва адабиёти мо аз давраи ба ислом рӯ овардани мардумонамон шурӯъ гардид. Ин раванд бо паҳн шудани дини Ислом дар минтақа вусъати бештар пайдо кард, зеро як муддат забони тоҷикӣ мавриди фишори забони арабии ҳукмрон қарор гирифт. Қудрати забони арабӣ он замон он қадар қавӣ буд, ки бо забонҳои гуногун, аз қабили ибрӣ, қибтӣ, ҳурронӣ ва ғайра омезиш ёфту оҳиста-оҳиста боиси аз байн рафтани онҳо гашт.

Дар як муддати кӯтоҳ дини Ислом дар ҳама гӯшаю канори Эрону Хуросон паҳн гардид. Аз ин рӯ, муқовимат бо чунин як забоне, ки дини пурқувватро оварда буд, осон набуд. Ҳарчанд ки арабҳо ва амалдорони хилофат бар зидди забони форсии тоҷикӣ баромад карданд, ба саркӯб кардани он муваффақ нашуданд.

Мояи ифтихор ҳам ҳаст, ки забони форсии тоҷикӣ на танҳо аз байн нарафт, балки ба забони арабӣ ва адабиёти он таъсири амиқ гузошт. Муаллифи асари “Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ” бо ифтихор таъкид менамояд, ки “забони форсӣ-тоҷикӣ дар тӯли таърихи вуҷудаш ба рушду нумуи як силсила забонҳо, аз қабили ӯзбекӣ, қирғизӣ, қазоқӣ, озарӣ, гурҷӣ, арманӣ, чиченӣ, ингушӣ, русӣ, арабӣ, испанӣ, лотинӣ, португалӣ, яҳудӣ, туркии усмонӣ, англисӣ, итолиёвӣ, ҳиндӣ ва ғайра кумак кардааст” (1, с.53).

Ҷойи масаррат аст, ки омӯхтани забон ва адабиёти арабӣ ва илмҳои роиҷи замона аз ҷониби ориёитаборон боис гардид, то аксар китобҳои пуразриши исломӣ аз ҷониби олимони форсу тоҷик таълиф гарданд ва бешубҳа бад-ин васила калимаҳои форсии миёнаро дар он ворид намуданд, ки пасон ба забони имрӯзии арабӣ омехта шуд ва табиист, ки зарфияти таърихии худро аз даст доданд.

Бо шуҷоат ва илман дар асоси мадракоти муътамад ва манобеи фарҳангномаву маъхазҳо, дар заминаи муътабартарин маводи бостонию асрҳои миёна зимни собит кардани қадимӣ будани забони форсии тоҷикӣ забоншиносон дар осори таҳқиқотии решашиносии хеш аз Қурони Маҷид дар ҳудуди 21 ё 27 вожаи тоҷикиасле, амсоли ибриқ (аз обрез) ва сиҷил (сангу гил)-ро пайдо намудаанд, ки муаллифи асари "Забони миллат-ҳастии миллат" Эмомалӣ Раҳмон бар онҳо истинод кардааст.

Дар асари ҷомеи хеш- "Забони миллат- ҳастии миллат" Эмомалӣ Раҳмон нигоштаанд: **"то даме ки башарият ҳаст ва забонҳо вуҷуд доранд, доду ситад ва таъсири мутақобилаи забонҳо низ идома пайдо мекунад"**ва муҳимтар аз ҳама забони тоҷикӣ **"дари хазинаи дороиҳои худро барои забонҳои дигар боз мегузорад"** (8, с.188-189).

Пас аз ворид шудани дини муқаддаси Ислом дар сарзамини мо ва табдил ёфтани он ба оини нав, интишори забони арабӣ дар ин сарзаминҳо афзоиш ёфт, зеро мардум эҳтиёҷ ба амал кардани дини нави худро эҳсос мекарданд. Зарурати дарк намудани мафҳумҳои оятҳои қуръонӣ барои мусалмонони нав ба миён омад. Аз тарафи дигар, омӯхтану донистани забони арабӣ, илова бар он ки он беҳтарин роҳи ба даст овардани мансаби давлатӣ дар даврони хилофат буд, ба мардуми таҳҷоӣ мартабаи баланд ва шаъну шараф (манзур зиёд шудани доираи васеи хонандагон- Г.Ҷ., Н.Б.)-ро фароҳам меовард.

Инчунин боиси таваҷҷуҳ намудан ба забони арабӣ мавқеи сиёсии ашрофзодагони замонаро меафзуд. Табиист, ки то ҳамин вақт (манзурамон истилои араб аст) сокинони ин сарзамин ба истифодаи забон ва алифбои паҳлавӣ одат карда буданд, ки ойини онҳо зардуштӣ буд ва дар айни замон ба ғояи дарӣ ва алифбои арабӣ афтод.

Ҳамин тавр, дар марҳилаи аввал, хатти арабӣ барои навиштан ба майдони забон ва адабиёти мо ворид шуд ва хатти паҳлавӣ, ки бисту панҷ ҳарфу овоз дошт ва аз камбудиҳо холӣ набуд (табиист, ҳар хатту алифбое ҳамеша ба ислоҳот ниёз дорад - Г.Ҷ., Н..Б.), бинобар ин мардум барои як хатти нисбатан осонфаҳм зарурат дошт. Новобаста аз он ки ин хатти нисбатан нав буд, мардуми таҳҷоӣ барои талаффуз кардани ҳарфҳои хосси арабии ص ، ض ، ط ، ظ ، ث و мушкилӣ мекашиданд.

Аз тарафи дигар, бисёре аз вожаҳои арабӣ, ки дар забони мо корбурд мешуданд, маънои куҳнаи худро гум карда, маънои нав пайдо карданд. Қоидаҳои грамматикии забони мо ҳамон тавр боқӣ монд, аммо мазмуни онҳо тағйир ёфта, тобиши навро ба худ касб намуд. Ва дар охир, баъзе калимаҳои арабӣ дар забони мо тағйир ёфтанд ва калимаҳои мураккабе пайдо шуданд, ки дар худи забони арабӣ вуҷуд надоранд ё камистеъмол ҳастанд.

Агар таъсироти забони арабиро ба забони форсию тоҷикӣ шартан гурӯҳбандӣ намоем, чунин тасниф мешавад:

Аввалан, оятҳои Қуръонро барои дуруст истифода бурдани меъёри адабии забони арабӣ мисол мезаданд. Ғайр аз ин, гарчанде ки шеъри форсӣ-дарӣ аз замони пайдоишаш бо вазн алоқаманд аст, аммо дар хусуси забони арабӣ бошад гуфтани ин сухан таҳаммул мехоҳад, зеро сараввал ягон қоида барои санҷиши саҳеҳии ин оятҳо муқаррар нашуда буд. Забони арабӣ дар минтақаҳои форснишин баъди ба майдони илму адаб омадани Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ (719-787) – ҳамон шахсе, ки арӯзи арабиро ба тартиб овардааст, бештар густариш пайдо кард.

Далели дигари нуфузи забони арабӣ ба шеъри форсӣ ва баръакс дар мавриди зерин инъикос мегардад. Масалан, Унсурӣ мегӯяд:

Ба теғи шоҳ нигар номаи гузашта махоҳ,
Ки росттар аз нома теғи ӯ бисёр (7, с.109).

Мафҳуми байти зеринро Абутамом чунин менигорад:

السيف أصدق أنبأ من الكتب
في حدة القول بين الجد و اللعب.

"Шамшер аз китоб дида ростгӯтар аст,
Ба эътидоли сухан на ҷиддию ва бо шухӣ" (4, с.8).

Ба ҳамин тариқ , Абутайиб ал-Мутанаббӣ низ мефармояд:

لولا مفارقة الأحباب ما وجدت
لها المنايا إلي أرواحنا سبيلا

"Агар ҷудоӣ аз дӯстон ба ман гарон намеафтид,
Рӯҳи мо ҳаргиз ҷудо аз мо намешуд, беаҷаб" (3, с.31).

Бо ҳамин маънӣ Фахриддини Гургонӣ чунин гуфтааст:

Набудӣ маргро ҳаргиз ба ман роҳ,
Вагарна фурқаташ будӣ камингоҳ (6, с.136).

Асадии Тусӣ низ аз тасвирҳои Мутанаббӣ баҳра бурда, онро дар шеъри худ ба кор бурдааст:

Набояд шуд аз хандаи шоҳ далер,
На ханда-ст дандон намудан зи шер (3, с.118).

Ин тасвир дар намунаи байти Мутанаббӣ чунин омадааст:

إذا نظرت نيوب الليث بارزة
فلا تظنن أن الليث مبتسم.

“Агар лабу дандани шерро дар ҳолати кушода мебинӣ,
Пас гумон макун, ки шер сӯи ту хандон аст” (3, с.35).

Ҷойи дигар дида мешавад, ки Анварӣ зимни қасидае, ки дар мадҳи яке аз ашрофзодагон бо ном Абулҳасани Умронӣ гуфтааст:

Худ хароботии гетӣ нест ҷойи ту, вале
Ганҷҳо нанҳанд ҳаргиз, ҷуз ки дар ҷойи хароб (3, с.118).

Чуноне ки мушоҳида мешавад мазмуни байти зерин низ аз эҷодиёти Мутанаббӣ сарчашма гирифтаст:

و ما أنا منهم بالعيش فيهم
ولكنه معدن الذهب الرغام

“Зиндагии ман мисли зиндагии онҳо нест,
Лекин ҳаёти ман намунаи маъдани тиллост” (7, с.24).

Ҷамъбасти эҷоди тасвиру мафҳумҳои ашъори арабӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ он қадар амиқ аст, ки ба риштаи баҳс кашидан ва шоҳид овардани ҳамаи онҳо дар ҳаҷми як мақола ғайриимкон аст.

Бо пайдоиши дини муқаддаси Ислом дар сарзаминамон, олимону шоирони мо оятҳои Қуръон ва ҳадиси набавиро дар навиштаҳои худ истифода бурдаанд, ки тадриҷан бо мурури замон вусъат пайдо карда, тамоми соҳаҳоро фаро мегирифтанд. Ҳам дар асарҳои манзум ва ҳам мансур намунаи оятҳои қуръонӣ шарҳу тавзеҳ меёфтанд, вагарна барои бештари хонандагонашон номафҳум мемонданд. Албатта, зуҳуроти ин усул бештар дар осори ирфонӣ дида мешавад.

Илми арӯз дар соҳаи адабиёт низ як падидаест, ки аз арабӣ ба форсӣ паҳн шудааст, гарчанде ки чунин анъанаҳо дар шеъри қадимӣ ва дар баъзе асарҳои насрии мо вуҷуд доштанд, вале онҳо ба таври мустақим ва вазни комил ба ҳам пайваст набуданд.

Бо адабиёти араб, баъд аз он ки хусусан шоирони форсу тоҷик сару кор гирифтанд (манзур шоирони тоҷиктабори арабигӯ ва дузабона-зуллисонайн ва ҳам ба истилоҳ дар қолаби ширу шакар), онҳо шохаҳои зиёди адабиёти арабро ба даст оварданд ва онро ҳамчун як илми мустақил инкишоф дода, дар шеърҳои худ истифода карданд, ки имрӯз мо онҳоро дар намунаҳои ашъори Ҷалолуддини Балхию Саъдӣ ва Мавлоно Ҷомӣ бештар мебинем

Таҷассуми баъзе шаклҳои шеърӣ низ яке аз он арзишҳое мебошад, ки забон ва адабиёти моро боз ҳам муҳташам сохт. Мисли он, ки арабҳо баъзе намунаҳои шеъри форсиро қабул карданд ва баъзан онҳоро каме тағйир доданд ва баъзеи онҳоро дар адабиёти худ истифода бурданд.

Форсҳо низ аз ин амал даст накашиданд ва баъзе шаклҳои шеърие, ки дар намунаҳои шеъри мо вуҷуд надоштанд, аз адабиёти арабӣ гирифта, тасаввуроти худро ба он интиқол доданд.

Албатта, истифодаи вожаҳо ва ибораҳои тозаи арабӣ дар матнҳои классикии забони форсии тоҷикӣ ба мисли “Калила ва Димна” бештар маъмул аст, вале имрӯзҳо он қадар ба онҳо аҳаммият намедиҳанд.

Ҳикоёт ва шӯхиҳои арабӣ низ диққати моро пурра ба худ ҷалб мекунанд. Ҳатто баъзе аз ҳаҷвнигорони муосири мо латифаҳои арабиро бо коркарди нав рӯйи саҳна гузоштаанд. Имрӯз шумораи ками ҷавонон ҳастанд, ки дар бораи осори "Лайлӣ ва Маҷнун", "Юсуф ва Зулайхо", ки аслан аз арабҳо омадаанд, маълумот надошта бошанд. Ин равандро низ метавонем ҳамчун таъсири мутақобилаи фарҳангу тамаддуни арабҳо ва мардуми форсу тоҷик бишиносем.

Дар ниҳояти кор, бузургтарин ва муҳимтарин таъсири забон ва адабиёти араб ба забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ калимаҳои бешумори арабӣ мебошад, ки имрӯзҳо дар ҳама самтҳои ҳаёти мо, хосса забон ва адабиёт, ҳатто дар гуфторамон мақоми устувор касб кардаанд. Ба андеша ва собити муҳаққиқон, беш аз сӣ дар сади калимаҳои форсии тоҷикӣ ба реша дар забони арабӣ доштани онҳо ишора мекунанд.

Агар мо асарҳои хаттии асрҳои аввали паҳншавии Исломро мутолиа кунем, мебинем, ки миқдори калимаҳои арабии дар забони форсӣ истифодашуда беш аз се дар

садро ташкил накардаанд. Гарчанде ки дар баъзе китобҳои адабӣ шумораи калимаҳои арабӣ ба 5% мерасад, аммо пас аз охири асри чоруми ҳичрӣ калимаҳои арабӣ ба забони форсӣ теъдодан афзудаанд.

Хулоса, таъсири тарҷумаи китобҳои арабиро ба форсии дарии тоҷикӣ нодида гирифтан мумкин нест, зеро калимаҳои зиёди арабӣ бе тарҷума ба гуноҳи мутарҷимон, ки аз коҳилӣ саъй накардаанд, то муодили форсии тоҷикии онҳоро пайдо намоянд, дар шакли асл ё бо каме дигаргунии савтӣ ворид гардидаанд, ки ба тасаллути онҳо асос гузоштаанд.

Пас аз пайдоиши калимаҳои сершумори арабӣ дар забон ва адабиёти тоҷикӣ, ниёз ба истифодаи луғатномаҳои дузабонаи арабию форсӣ, арабию дарӣ ба миён омад, ки боиси ривоҷи таълифи фарҳангҳо-луғатномаҳо гардиданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуҷамол Ҳасанов. Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ / Ҳасанов Абдуҷамол. – Хуҷанд: Ношир, 2017.
2. Амид Ҳасани Исфаҳонӣ. Фарҳанги забон ва адаби форсӣ.- (муҷаллади аввал ва дувум) / Исфаҳонӣ, Амид Ҳасан. - Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1378 ҳ. - 408 с.
3. Белова А.Г. Очерки по истории арабского языка / А.Г. Белова. - Москва, 1999. - 224 с.
4. Габучан Г.И. Теория артикля и проблемы арабского синтаксиса / Г.И. Габучан. - Москва, 1972.
5. Зайфи Шавқӣ. Таърихи адабиёти араб (асри Исломӣ) / Шавқӣ, Зайф. - Миср: Интишороти Доират-ул-маориф, 1412 ҳ. - 336 с.
6. Мишкуров Э.Н. Основы теоретической грамматики современного арабского языка. Ч.1–2. / Э.Н. Мишкуров. - Москва, 1978. - 326 с.
7. С.Сулаймонӣ. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / Сулаймонӣ С. - Душанбе, 2008. - 1200 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат / Эмомалӣ Раҳмон - Душанбе: Эр-граф, 2016.

ТАЪСИРИ ЗАБОНИ АРАБӢ БА ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ АСРҲОИ МИЁНАИ ФОРСУ ТОҶИК

Татқиқи ҳамаҷонибаи таъсири як забон ва адабиёт ба забони дигар таҳқиқоти васеъ ва густурдаро тақозо мекунад. Мусаллам аст, ки дар доираи мақолае ин амал имконнопазир аст. Аз ин рӯ, мо танҳо ба паҳлуҳо ва ҷанбаҳои мухталифи таъсири забон ва адабиёти араб ба забони форсии тоҷикӣ дар даврai муайяни таърихӣ дахл карда, аз мафассалбаёнӣ худдорӣ менамоем. Ёдрас шудан арзанда аст, ки олимон ва муҳаққиқони соҳаи забон ва адабиёт исбот кардаанд, ки дар ҷаҳон забоне бе истифодаи калимаю истилоҳот аз забони дигар табиӣ рушд намекунад. Ҷойи таъкид аст, ки бидуни калимаҳо ва истилоҳоти забонҳои дигар дар ин замони ба суръати кайҳонӣ рушдкунанда ин амал имконнопазир аст, зеро қариб дар ҳар дақиқа, ҳеҷ набошад соат ашёи тозае пайдо ё ихтироъ мегардад. Дар ниҳояти кор, бузургтарин ва муҳимтарин таъсири забон ва адабиёти араб бинобар сабабҳои дар боло зикршуда, чи табиию чи ғайритабиӣ, ба забон ва адабиёти форс-тоҷикӣ калимаҳои бешумори арабӣ ворид гардидаанд, ки имрӯзҳо дар ҳама самтҳои ҳаёти мо, ҳатто дар гуфтор ва адабиёти муосири мо реша доранд. Ба андешаи муҳаққиқони мақола беш аз сӣ дарсади калимаҳои муосири форсӣ-тоҷикӣ аз забони арабӣ иқтибос гардидаанд. Агар мо мероси хаттии асрҳои аввали Исломро мутолиа кунем, мебинем, ки миқдори калимаҳои арабии дар забони форсӣ истифодашуда беш аз се дарсадро ташкил накардааст. Ҳол он ки дар баъзе китобҳои адабӣ шумораи калимаҳои арабӣ ба 5% мерасад, аммо пас аз охири асри IV ҳичрӣ калимаҳои арабӣ ба забони форсӣ теъдодан афзудаанд. Хулоса, таъсири тарҷумаи баъзе китобҳои арабиро ба форсӣ нодида гирифтан мумкин нест, зеро калимаҳои зиёди арабӣ ба забонҳои дарӣ ва форсӣ тарҷума шудаанд ва то имрӯз дар ин забон мавҷуданд. Пас аз пайдоиши калимаҳои сершумори арабӣ дар забон ва адабиёти тоҷикӣ, истифодаи луғатномаҳои дузабонаи арабию форсӣ, арабию дарӣ низ зарур шуд ва намудҳои гуногуни фарҳангҳо таълиф гардиданд, ки аз омилҳои асосии тасъирпазирӣ ба шумор мераванд.

Калидвожаҳо: муъмин, ислом, забон, усул, таъсирот, баён, истилоҳ, маънои аслӣ, маънои маҷозӣ, тарҷумонӣ.

ВЛИЯНИЕ АРАБСКОГО ЯЗЫКА НА ЯЗЫК И ЛИТЕРАТУРУ СРЕДНЕВЕКОВОЙ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В данной статье авторы раскрывают естественное влияние одного языка и литературы на другой язык. Эта тема требует обширных и широких исследований. Однако невозможно привести это в одной статье. Невозможно объединить все различные аспекты и темы и высказать на нескольких страницах. Поэтому мы должны учитывать различные аспекты и аспекты влияния арабского языка и литературы на персидский язык и воздержаться от религиозности. Многие ученые и исследователи в области языка и литературы доказали, что в мире нет языка, который бы не заимствовал слова и терминологию из другого языка и, в свою очередь, ничего не делал на своем родном языке. Предположим, вы можете найти совершенно чистый язык, без слов и других толкований этого языка, без какой-либо другой причины, кроме как мощный и исторический язык. Его историческое существование, даже после тысячелетий, все еще полностью зависит от различных факторов времени и политики. Конечно, все языки неизбежно встречаются по разным причинам и факторам, и ученые суммировали некоторые из них по соседству стран, торговле, войнам, миграции и многим другим. В конечном результате, самое большое и самое важное влияние арабского языка и литературы на персидско-таджикский язык и литературу - это бесчисленные арабские слова, которые коренятся во всех аспектах нашего языка и литературы сегодня, даже в нашей повседневной речи и литературе. По словам исследователей, более тридцати процентов современных персидско-таджикских слов написаны на арабском языке. Если мы прочитаем сочинения ислама первых веков, мы увидим, что число арабских слов, используемых в персидском языке, было менее трех процентов. Хотя в некоторых литературных изданиях количество арабских слов достигает 5%, в конце хиджры четвертого века арабские слова были сгруппированы на персидские разделы. Таким образом, нельзя игнорировать влияние перевода некоторых арабских книг на персидский язык, потому что многие арабские слова были переведены на таджикский и персидский и существуют до сегодняшнего дня. После появления многочисленных арабских слов в таджикском

языке и литературе также потребовалось использование двуязычных арабских и персидских словарей, арабского и таджикского, а также появились различные типы культур.

Ключевые слова: верующий, ислам, язык, метод, влияние, выражение, термин, буквальное значение, метафорическое, перевод.

INFLUENCE OF THE ARABIC LANGUAGE ON THE LANGUAGE AND LITERATURE OF THE MEDIEVAL PERSIAN-TAJIK LITERATURE

The authors are considered the majors of the influence of one language and literature to another language requires extensive and difficult research. However, it is impossible to say more in a brief article. It is not possible to combine all the different aspects and topics on several pages. Therefore, we must take into consideration various aspects and aspects of the influence of the arabic language and literature on the Persian language and refrain from religiosity. How many scientists and researchers in the field of language and literature have proved that there is no language in the world that does not take words and terminology from another language and, in general, does nothing in its native language or in other languages. Suppose you can find a completely pure language, without words and other interpretations of this language, without any other reason than a powerful and historical language. Its historical time, even after millennium, is still completely dependent on various factors of time and politics. Of course, all languages inevitably occurs for various reasons and factors, and scientists summarized some of them in the neighborhood, trade, wars, migration and many others. Ultimately, the biggest and most important influence of the arabic language and literature on the Persian-Tajik language and literature is the countless arabic words that are rooted in all aspects of our language and literature today, even in our everyday speech and literature. According to the researcher, more than thirty percent of modern Persian-Tajik words are written in Arabic. If we read the writings of Islam of the first centuries, we will see that the number of arabic words used in the Persian language was less than three percent. Although the number of arabic words in some literary books reaches 5%, after the end of the fourth-century Tajik, arabic words are grouped into Persian. In short, one cannot ignore the effect of translating some arabic books into Persian, because many arabic words have been translated into Tajik and Persian and still exist today. After the appearance of numerous arabic words in the Tajik language and literature, the use of bilingual arabic and Persian dictionaries, arabic and Tajik was also required, and various types of cultures were suppressed.

Key words: believer, Islam, language, method, influence, expression, term, literal meaning, metaphorical, translation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Гурезов Ҷамшед Нурмаҳмадович*** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-93-53**
Насриддиниён Бобишоҳи Ҳасанпур - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2. E-mail: **Bobishoh.tj@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-68-89-26**

Сведения об авторах: ***Гурезов Джамшед Нурмахмадович*** – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-93-53**
Насриддиниён Бобишохи Хасанпур - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, и.о. доцента кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти1/2. E-mail: **Bobishoh.tj@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-68-89-26**

Information about the authors: ***Gurezov Jamshed Nurmahmadovich*** - Tajik State University of commerce, Candidate of philological sciences, senior teacher of Languages department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Tel.: **(+992) 938-93-93-53**
Nasriddiniyon philological sciences ***Bobishohi Hasanpur*** - Tajik State Commerce University; candidate of philological sciences, ex. pos. dotcent chair of languages/ **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2. E-mail: **Bobishoh.tj@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-68-89-26**

УДК: 42:491.550

РЕАЛИЯҲО – ИСМҲОИ ХОС ВА РОҲУ ВОСИТАҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Кесамирова С.Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Тарҷумонӣ нисбат ба соҳаи тарҷумашиносӣ бештар равнақ ёфтааст. Тарҷумонро зарур меояд, ки пеш аз тарҷумаи ин ё он матн аз тамоми усулҳое, ки дар назарияи тарҷума омӯзонида мешавад, бархӯрдор бошад. Дар раванди тарҷума баъзе истилоҳоте вомехӯранд, ки тарҷума намудани онҳо ғайриимкон ба назар мерасад, махсусан «реалияҳо». Аз рӯйи хусусиятҳои назарияи тарҷума реалияҳо тарҷуманашавандаанд, аммо новобаста аз ин дар тарҷумашиносӣ баъзе усулҳои тарҷума ҳастанд, ки масъалаи тарҷумаи реалияҳоро ҳал мекунанд. Тарҷумони хуб бояд аз ин нозукиҳои тарҷума огоҳ бошад. Агар мутарҷим ба ин чизҳо таваҷҷуҳ зоҳир накунад, пас ҳама метавонанд мисли ӯ ин ё он матнро новобаста аз дараҷаи забондониашон тарҷумаи калима ба калима кунанд, вале дар ин маврид матни тарҷумашуда маъное зоҳир намекунад. Вақте ки тарҷумон

реалияро тарҷума карда натавонад ва аз усулҳои тарҷумаи он хабардор набошад, он вақт маълум мегардад, ки ӯ аз касби тарҷумонӣ тамоман дур аст.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур ин омӯзиши хусусияти калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хосси миллӣ дар забони англисӣ, исмҳои хос чун реалияҳо ва таҳлили тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ мебошад.

Баъзеи реалияҳо аломатҳои исми хосро доранд, дигарашон ҳам исми хос ва ҳам реалия мешаванд. Бояд қайд кард, ки ба кадом гурӯҳ дохил шудани баъзе номҳо баҳсталаб аст. Дар ҳақиқат, ҳудуди реалияҳо ва исмҳои хосро дар як қатор ҳолатҳо муайян кардан номумкин аст.

Сабаби якум дар он аст, ки имлои номҳо бетартиб аст. Дуюм ин, ки фарқият байни қоидаҳои имлои забонҳо гуногун аст. Дар мисоли ин ҳолати носаҳеҳ бояд ба эътибор гирифт, ки калима ва номҳои ҳиндӣ дар «Гайавате» дар байни исмҳои хос буда, бо ҳарфи калон навишта мешавад реалияҳо дар забони ҳиндӣ, танҳо ба ашёҳо дахл доранд. Онҳо калимаҳои оддӣ шуда меоянд, ҳатто баъзе вақт ҳамчун термин ҳастанд, (Мисол, номи ҳайвонҳо: мурғобии сафед, маҳмоҳӣ, куланг). Ба ин намуди реалияҳои маҳдуд дар забони балгарӣ ҳам баъзан номҳои идҳо, ки дар забони русӣ ва дигар забонҳо ҳастанд ва баъзе номҳои мавҷудоти асотирӣ аз қабили (Кощей Бессмертный, Царевна – Лягушка) дохил мешаванд.

Аз исмҳои хос баъзеи реалияҳо бо мазмун ва мундариҷа фарқ мекунанд, аз ҳамин сабаб онҳоро бо исмҳои хосси гуфторӣ баробар кардан мумкин аст. Масалан, дар байни номи идҳо бештари онҳо ба мо шиносанд, аз ҷумла: Рӯзи муаллимон, иди модарон, аммо баъзе исмҳои хоссе ҳастанд, ки ба хонанда бегона буда, бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: иода малид [10]. Муаллиф онҳоро маънидод накардааст, ҳатто дар тарҷума ҳам онҳо бо номи аслиашон меоянд, аз ин бармеояд, ки онҳо бештар нақши исми хосро мебозанд, на реалияҳоро. Маҳдудиятҳо байни баъзе исмҳои хос ва реалияҳо хеле ноустуворанд, баъзе вақт онҳо тамоман вуҷуд надоранд. Дар баъзе ҳолатҳо ба имло такя карда, як категория ба категорияи дигар гузариш меёбад. Новобаста аз мулоҳизаи В.С. Виноградова, мо майли исмҳои хосро ба реалияҳо дохил карданро надорем [3]. Аз меъёрҳои назарияи тарҷума баромада, мо онҳоро ҳамчун синфи мустақил «лексикаи муодил» меҳисобем, ки дар вақти тарҷума аломатҳои ба худ хосссро доранд ва тарзи тарҷумаи онҳо ба шакли тарҷумаи реалияҳо мувофиқ мебошанд. Ба реалияҳо онҳо аз ҷиҳати обуранги миллӣ ва таърихӣ доштанашон иртибот доранд, аз ҳамин сабаб муалифон онҳоро ба реалияҳо дохил мекунанд.

Дар таснифоти дигари мутобиқатҳои байнизабонии Я.И. Рецкер исмҳои хос, истилоҳот ва шумораҳо ҳамчун муодилҳои доимӣ тақассум ёфтаанд, ки ҳамеша мутобиқи худро дар дигар забон меёбанд [8], вале Л.С. Бархударов исмҳои хосро ба гурӯҳи якуми воҳидҳои луғавии бемуодил тақсим намудааст [2]. С. Влахов ва С. Флорин исмҳои хосро чун реалия ном бурдаанд, чунки ба ақидаи онҳо исмҳои хос муодили худро дар дигар забон надошта, бо роҳи транслитератсия ва транскрипсия тарҷума мешаванд [4, с.27].

Ба ақидаи бештари забоншиносон, исмҳои хос реалия мебошанд, чунки ҳар як миллат ному лақаби ба худ хосси худро дорад. Масалан, дар забони англисӣ *John, Henry III, Edward, Susan,* дар забони тоҷикӣ *Сангалӣ, Табаралӣ, Ҷумъагул* дар забони русӣ, *Лев Толстой, Лебедев, Орлов* ва ғайра. Аз мисолҳои мазкур бармеояд, ки ин номҳои хос тобиши рангу бори миллии ин халқиятҳо мебошанд. Дар забони тоҷикӣ исмҳои хос бо зарфу олотҳои дастӣ ва меҳнатӣ гузошта шудаанд, вале дар забони русӣ исмҳои хос бо номи паррандаву ҳайвонот дида мешаванд. Дар забони англисӣ бошад ба куллӣ аз дигар забонҳо фарқ мекунад, яъне бештари исмҳои хос аз воқеаҳои таърихӣ гирифта шудаанд. Дар забони тоҷикӣ низ чунин исмҳои хос дида мешаванд, ба монанди Восеъ, Темурмалик, Рустам ва Суҳроб, вале исмҳои хосси номбаршуда дар дигар забонҳо муодили худро надоранд, яъне Л.С. Бархударов, С.Флорин ва С.Влахов дуруст қайд мекунанд, ки исмҳои хос ба воҳидҳои луғавии бемуодил дохил шудаанд. Онҳоро чун реалия номбар кунем ҳам, хато намекунем.

Тарҷумаи реалия – исми хос яке аз масъалаҳои муҳимми назария ва амалияи тарҷума ба шумор меравад ва хусусиятҳои миллӣ ва таърихии мардуми забони аслро дар бар мегирад. Исмҳои хос бештар бо роҳи транскрипсия ва транслитератсия тарҷума мегарданд. Фарқияти транскрипсия аз транслитератсия дар он зоҳир мегардад, ки транскрипсия - гузариши овозҳои бегона (одатан номҳои хос, номҳои географӣ, истилоҳоти илмӣ) бо ёрии ҳарфҳои алифбои забони мақсад. Транслитератсия - гузариши ҳарфҳои забони дигар бо ёрии ҳарфҳои алифбои забони тарҷума.

Чи тавре ки қайд намуда будем, ба бемуодилии воҳидҳои луғавӣ калимаҳое дохил мешаванд, ки ҷанбаҳои миллии хосси як миллатро ташкил намуда, дар дигар миллат муодили худро ёфта наметавонанд. Онҳоро чун истилоҳ забоншиноси хориҷӣ мисли П.

Нюмарк culture-specific items; culture-bound terms; cultural items ва ғайра номгӯй мекард [13, с.292].

Чи тавре ки қайд намудем, реалияҳо ба гурӯҳи якуми воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд ва дар умум З.Г. Прошина воҳидҳои луғавии бемуодилро ба чор намуд тасниф намудааст, ки ба таври зайл мебошад:

1) калимаҳои ягонае, ки ба фарҳанги як миллат хос мебошанд, мисли kimono – кимоно;

2) аналогҳо: drug-store – дорухона;

3) калимаҳои монанде, ки бо вазифаҳои гуногун дар забон истифода мешаванд: *cuckoo's call (анг) – садои ку-ку* (ин иборараро дар он ҳолат мардуми англис истифода мебаранд, ки агар вақти издивоҷи духтар наздик шавад, вале дар забони тоҷикӣ ба маънои маҷозӣ шахси камақл, гул, аҳмақ, сабуксарро дар назар дорад).

4) лакунаҳо: *clover-leaf – кушодашавии роҳ, ки монанди барги юнучқа аст* [**7**, с.117].

Ғайр аз З.Г. Прошина дигар олимон низ дар бораи реалия таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, ки ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд. Яке аз онҳо С. Влахов ва С. Флорин мебошанд, ки намудҳои реалияҳоро ба якчанд гурӯҳҳо тасниф кардаанд: реалияҳои ҷуғрофӣ; реалияҳои этнографӣ; реалияҳои меҳнатӣ; реалияҳои санъату маданият; реалияҳои объектҳои қавмӣ; реалияҳои ченак ва пул; реалияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ; реалияҳои орган ва намояндагони ҳокимият; реалияҳои ҳарбӣ ва ғайра [7, с.51-56].

Реалияҳое, ки чун исми хос дар истифода қарор доранд, номҳои идҳо, ҷашну маросимҳо мебошанд, ки ба гурӯҳи реалияҳои санъату маданият дохил мешаванд. Аз рӯйи таснифоти С. Влахов ва С. Флорин мулоҳиза намоем, реалияи ***Halloween*** ба гурӯҳи калони реалияҳои санъату маданият дохил шуда, ҳамчун исми хос ба як зергурӯҳи хурдакаки ҷашну маросимҳо дохил мешавад. Мувофиқи эзоҳоти этимологии луғати англисии Оксфорд калимаи ***Halloween*** аввалин бор дар қарнҳои XVI аз калимаи ихтисоршудаи забони шотландӣ ***All-Hallows-Even*** гирифта шуда, маънояш "***шоми ҳама шахсиятҳои муқаддас***" мебошад. Ин маросим дар охирон шаби моҳи октябр ҷашн гирифта мешавад, ки мувофиқи таҳқиқот моҳи октябр охирин моҳи тақвими қабилаҳои келтӣ ба шумор мерафт. Он ҷашнро онҳо чун шаби соли куҳна ном бурда, шаби занҳои ҷодугар эълон менамуданд. Худи калимаи ***hollow*** аз ибораи (***holy person, saint***) сарчашма гирифта, калимаи ***Even*** ба маънои ***evening*** омадааст. Дар забони англисии қадим онро дар шакли ***halwemesse day*** истифода менамуданд [14]. Бояд қайд намуд, ки ин маросим аз қабилаҳои келтии Шотландия сарчашма гирифта, то ҳол ҳамчун як иди хосси мардуми англис ҳар сол 31-уми октябр ҷашн гирифта мешавад ва ба забони тоҷикӣ ҳамчун реалия бо роҳи транслитератсия дар луғати забони англисӣ ва тоҷикӣ интиқол ёфтааст.

Чи гунае ки дар боло зикр гардид, исмҳои хос чун воҳидҳои луғавии бемуодил бо усулҳои гуногун чун транслитератсия, транскрипсия ва шарҳи маънӣ ба дигар забон тарҷума мегарданд:

*There is **Mortimer's**, the tobacconist, the little newspaper shop, **the Coburg branch of the City and Suburban Bank**, the **Vegetarian Restaurant**, and **McFarlane's** carriage-building **depot** [11].*

*Аввал магазини тамокуфурӯшии **Мортимер**, баъд дӯкончаи газетафурӯшӣ, сонӣ шуъбаи банки **Шаҳрӣ ва Атрофи шаҳрии Кобург**, баъд **ресторани вегетарианӣ**, сонӣ **депои** каретаҳои **Мак-Ферлан** [1].*

Ҷумлаи дар боло зикршуда на танҳо лакуна, балки як қатор исмҳои хосседро доро мебошад, ки дар матни тарҷума ҳамчун воҳидҳои луғавии бемуодил тарҷума шудаанд. Исми хоси ***Mortimer*** дар матни тарҷума бо усули транслитератсия чун Мортимер гузашта, исмҳои хосси дигар мисли ***the Coburg branch of the City and Suburban Bank*** ба матни тоҷикӣ ҳам бо усули транслитератсия ва ҳам шарҳи маънӣ интиқол гаштаанд. Ибораи ***Vegetarian Restaurant*** лакунаи забони англисӣ ба шумор рафта, дар ин матн бо усули транслитератсия ҳамчун ***ресторани вегетарианӣ*** тарҷума шудааст. Албатта, хӯроку таомҳои халқи тоҷик низ бе гӯшт тайёр карда мешаванд, вале ҳоло ҳамчун тарабхонаи махсус барои ин гуна таомҳо дида намешавад, шояд ин сабаб бошад, ки калимаи ***vegetarian*** муодили худро дар матнҳои тоҷикӣ пайдо намуда наметавонад.

Тамоми реалияҳое, ки чун исми хос дар матн истифода мешаванд, ба воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд. Тарҷумашиноси барҷастае, ки оид ба воҳидҳои луғавии бемуодил таҳқиқоти илмиро ба анҷом расонидааст ин А.О. Иванов мебошад. Ба ақидаи ин тарҷумашинос, мафҳумҳо дар тамоми забонҳо аз рӯйи таснифоти семиотикии маъноӣ ба се зина ҷудо мешаванд:

- Зинаи аввал мафҳуми референсиалӣ мебошад, ки дар он муносибати мафҳум ба худи ҳамон предмет буда, калимаро дар шакли денотативӣ будан ё набудан муайян месозад;

- Зинаи дуюм мафҳуми прагматикӣ аст, ки муносибати истифодабарандагони онро нисбати худи он калима омӯхта, маъноҳои коннотативӣ ва ҳиссиётии калимаро дарбар мегирад;
- Зинаи сеюм нишонаҳои дохилизабоние мебошанд, ки муносибати ифодашавии онҳо дар системаи сохтории забон омӯхта мешавад, яъне ҳар як аломати забон дар доираи сохтори грамматикии худ ифода мегардад. Яке аз қисматҳои махсуси ин зина исмҳои хос ба шумор мераванд [5].

Зинаи референсиалӣ мутобиқати муносибати мафҳумро ба предмет муайян месозад. Мисол, дар забони англисӣ, барои мафҳуми калимаи ***food*** тамоми сабзавот, меваҷот ва маҳсулотҳои хӯрокворие, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти организми зинда истифода мешавад, ҳамчун референт ё денотативи ҳамон мафҳум ба шумор меравад. Дар умум, маънои асосии калима ин денотатив аст, вале коннотатив гуфта, маънои дуюм ва дигар маъноҳоеро, ки дар услубҳои гуногун истифода мешаванд, дар назар дорад. Маънои дуюмдараҷаи калимаи ***food*** дар услуби гуфтугӯӣ ***grub*** мебошад, ки ҳамчун коннотативи калимаи ***food*** ба ҳисоб меравад. Тавре қайд намудем, тобишҳои коннотативӣ гуфта маъноҳои эҳсосотӣ ва образноки онҳоро дар назар доранд. Истифодаи калимаи ***grub*** дар услуби ғайрирасмӣ қарор гирифта, дар он якхела будани синну соли истифодабарандагони ин калима ба назар гирифта шуда, танҳо байни хешовандон ва дӯсту рафиқони наздик дар услуби гуфтугӯӣ кор фармуда мешавад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мафҳуми референсиалӣ маънои асосии калимаро дарбар гирифта, бештари онҳо дар дигар забонҳо муодили худро ёфта наметавонанд. Калимаҳое, ки бо маънои аслии худ омада, маънои маҷозӣ ва умуман дигар маъноҳоро ифода намекунанд, онҳо истилоҳот, неологизмҳо, исмҳои хос, лакунаҳо. мебошанд. Аз ин сабаб, онҳоро ба воҳидҳои луғавии бемуодил дохил намудаанд, чунки онҳо бо сабабҳои дар боло зикргардида муодилҳои худро дар дигар забон намеёбанд.

Зинаи дуюм ба худ номи воҳидҳои луғавии бемуодили прагматикиро гирифтааст. Маънои прагматикӣ маъноҳои дуюм ё маънои калимаҳоеро, ки дар услубҳои гуногун мавриди истифода ҳастанд, дар назар дорад. Маъноҳои прагматикии калима на ҳамавақт муодили худро дар дигар забонҳо меёбанд. Мисол, калимаи англисии ***dollar*** якчанд мафҳумҳои прагматикии худро мисли ***buck (sawbuck), clacker, clam*** дорад, ки бо як калимаи тоҷикӣ чун ***доллар*** интиқол ёфтааст, ки, албатта, ин бемуодилии ин воҳидҳои луғавиро нишон медиҳад. Ба ин зинаи бемуодилии прагматикӣ гурӯҳи калимаҳои архаизмҳо, диалектизмҳо ва локализмҳо дохил мешаванд.

Зинаи сеюм воҳидҳо ва нишонаҳои дохилизабоние мебошанд, ки системаи сохтори грамматикии забонро дарбар мегиранд. Ба ин гурӯҳ калимаҳое дохил мешаванд, ки таркибҳои фонема, сохтори грамматикӣ ва маъноиашон танҳо хусусияти хосси забони асл буда, дар дигар забон муодил намеёбанд. Ба ин гурӯҳ бештар номҳои таърихӣ, номҳои ҷуғрофӣ, тамоми исмҳои хос ва реалияҳое, ки бо роҳи транскрипсия ё транслитератсия дар дигар забон интиқол меёбанд, марбут мебошанд.

Ҳар як исми хос маъно ё сарчашмаи таърихии худро дорад, вале калимаҳое, ки ба ин гурӯҳ дохил мешаванд, аҳаммият на ба маънои этимологии онҳо, балки ба сохтори грамматикӣ ё фонемаҳои онҳо равона карда мешавад. Вақте ки мо луғатҳои забони англисӣ ва тоҷикиро муқоиса менамоем, тамоми исмҳои хос аз рӯйи талаффуз ба дигар забон интиқол меёбанд. Мисол, дар “Фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ” номҳои одамон ба таври зайл инъикос гардидаанд: ***Abigail- Эбигейл; Adam-Адам, Одам; Albert-Алберт, Allan-Аллан*** [6, с.989]. Аз ин мисолҳо бармеояд, ки барои ёфтани муодили исмҳои хос на сохтори маъноии онҳо, балки қоидаҳои грамматикии он забон ба назар гирифта шуда, ин гуна воҳидҳои луғавӣ бештар бо роҳи транслитератсия ё транскрипсия ба дигар луғат интиқол меёбанд.

Bessie *had now finished dusting and tidying the room, and having washed her hands, she opened a certain little drawer, full of splendid shreds of* ***silk*** *and* ***satin****, and began making a new bonnet for Georgiana's doll* [J.E., с.15].

Бесси *гардрӯбӣ ва батартибдарории хонаро анҷом бахшида, дастонашро шуст, қуттиш андаруни либосҷевонро, ки пур аз матоъпораҳои зебои* ***абрешиму атлас*** *буд, кушода, барои ба зочаи Ҷорҷиана кӯлоҳаки нав таҳия намудан пардохт* [Ҷ.Э., с.19].

Азбаски исмҳои хосро ба муодилҳои пурра дохил намудаанд, дар ҷумлаҳои боло исми хосси забони англисӣ ***Bessie*** муодили пурраи худро дар ҷумлаи забони тоҷикӣ чун ***Бесси*** пайдо намудааст [2, с.74]. ***Бесси*** исми хос маҳсуб ёфта, ба ҷинси занона тааллуқ дорад, яъне дар ин ҷумла номи духтарро нишон додааст.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки исмҳои хос метавонанд чун реалияҳо истифода шаванд. Агар исми хос тобиши маъноӣ ва хусусияти таърихӣ ва миллии як миллатро ифода кунад, чун реалия маҳсуб мешавад. Аз маълумотҳои назариявӣ маълум гардид, ки

Л.С. Бархударов исми хосро чун воҳиди луғавии бемуодил ном мебарад, зеро тамоми исмҳои хос чун воҳидҳои луғавии бемуодил ба таври транскрипсия ва транслитератсия аз як забон ба забони дигар интиқол меёбанд. Я.И. Ретскер бошад, исми хосро ба гурӯҳи муодилҳои пурра дохил менамояд, чунки баъзе исмҳои хоссе ҳастанд, ки вобаста ба истифодабариашон ҳам машҳур ва ҳам муодили устувори худро дар тамоми забонҳо ёфтаанд. Мисол, исмҳои хосси забони англисӣ Лондон, Ҷон, Ню-Йорк, исмҳои хосси забони русӣ Москва, Кремл ба гурӯҳи исмҳои хосси муодили пурра дохил мешаванд. Исмҳои хосси номбаршуда дар тамоми кишварҳо машҳур ва муодили устувори худро доро мебошанд. С. Влахов ва С. Флорин исмҳои хосро чун реалияҳо бо сабаби тобиши миллӣ ва сарчашмаи таърихӣ доштанашон ба воҳидҳои луғавии бемуодил ворид намудаанд. Аз таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ маълум гардид, ки реалияҳо чун исми хос дар матн вохӯрда, ҳамчун воҳиди луғавии бемуодил тарҷума мегарданд. Дар дигар ҳолатҳо бошад, исмҳои хос муодили пурра ва устувори худро дар дигар забонҳо доро мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Артур, Конан Дойль. Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс / Артур Конан Дойль. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 448 с. (тарҷ. аз русӣ)
2. Бархударов, Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л.С. Бархударов. - М.: ЛКИ, 2010. - 3-е изд. - 240 с.
3. Виноградов, В.С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы) / В.С. Виноградов. - М.: Издательство института общего среднего образования РАО, 2001. - 224 с.
4. Влахов, С.И. Непереводимое в переводе / С.И. Влахов, С.П. Флорин. - М.: Р. Валент, 2009. - 4-е изд. - 360 с.
5. Иванов, А.О. Безэквивалентное и непереводимое в свете современной лингвистической теории: дисс… канд. филол. наук: 10.02.19. – общее языкознание / А.О. Иванов. – Л., 1984. – 189 с.
6. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2017. – 1016 с.
7. Прошина, З.Г. Межкультурная коммуникация и опосредованный перевод / З.Г. Прошина // Вест. НГУ. Серия лингвистика и межкультурная коммуникация. – 2006. – Том 4. - Вып.1. - С.59-64.
8. Рецкер, Я.И. Пособие по переводу с английского языка на русский язык. 3-е изд., перераб. и доп. / Я.И. Рецкер. - М.: Просвещение, 1982. - 159 с. - В надзаг.: Гос. центр, курсы заоч. обучения иностр. яз. «ИН-ЯЗ».
9. Шарлотте, Бронте. Ҷейн Эйр. Роман; тарҷ. аз русӣ Салими Зарафшонфар. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2010. - 412 с.
10. Швейцер, А.Д. Теория перевода: Статус, проблемы, аспекты / А.Д. Швейцер. - М.: Наука, 1988. – 215 с.
11. Arthur, Conan Doyle. Adventures of Sherlock Holmes / Arthur Conan Doyle. – USA: Quality Paperback Book Club, 1994. - 307 p.
12. Charlotte, Bronte. Jane Eyre / Charlotte Bronte; edited with an introduction by M. Smith. - Oxford University Press, 1975. - 496 p.
13. Newmark, P. A Textbook of Translation / P. Newmark. - New York, 1988. - 292 p.
14. Explore. Lexico Dictionaries [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: www.lexico.com

РЕАЛИЯҲО – ИСМҲОИ ХОС ВА РОҲУ ВОСИТАҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур оид ба реалия ва исми хос буда, бештар умумият ва фарқияти онҳоро нишон медиҳад. Тамоми реалияҳое, ки чун исми хос дар матн истифода мешаванд, ба воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд. Инчунин дар мақола роҳу воситаҳои тарҷумаи исмҳои хос чун транскрипсия ва транслитератсия ифода гардидааст. Илова бар ин, дар мақола фарқияти назарраси транскрипсия ва транслитератсия хеле кушоду равшан нишон дода шудааст. Фарқияти транскрипсия аз транслитератсия дар он зоҳир мегардад, ки транскрипсия-гузариши овозҳои бегона (одатан номҳои хос, номҳои географӣ, истилоҳоти илмӣ) бо ёрии ҳарфҳои алифбои забони мақсад. Транслитератсия-гузариши ҳарфҳои забони дигар бо ёрии ҳарфҳои алифбои забони тарҷума. Дар мақола аз маълумотҳои назариявӣ маълум гардид, ки Л.С. Бархударов исми хосро чун воҳиди луғавии бемуодил ном мебарад, зеро тамоми исмҳои хос чун воҳидҳои луғавии бемуодил ба таври транскрипсия ва транслитератсия аз як забон ба забони дигар интиқол меёбанд. Я.И. Ретскер бошад, исми хосро ба гурӯҳи муодилҳои пурра дохил менамояд, чунки баъзе исмҳои хоссе ҳастанд, ки вобаста ба истифодабариашон ҳам машҳур ва ҳам муодили устувори худро дар тамоми забонҳо ёфтаанд. С. Влахов ва С. Флорин исмҳои хосро чун реалияҳо бо сабаби тобиши миллӣ ва сарчашмаи таърихӣ доштанашон ба воҳидҳои луғавии бемуодил ворид намудаанд. Дар мақола инчунин қайд гардид, ки реалияҳо чун исми хос дар матн вохӯрда, ҳамчун воҳиди луғавии бемуодил тарҷума мегарданд.

Калидвожаҳо: тарҷума, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, реалия, исми хос, муодили пурра, бемуодил, транскрипсия, транслитератсия, шарҳи маънӣ, тобиши миллӣ.

РЕАЛИЯ – ИМЯ СОБСТВЕННОЕ И СПОСОБЫ ЕЕ ПЕРЕВОДА В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье показываются общность и различия реалий и имён собственных. Все реалии, которые используются в контексте как имена собственные, входят в группу безэквивалентных лексических единиц. Также в статье рассматриваются пути и способы перевода имён собственных, в частности методом транскрипции и транслитерации. Кроме того, освещены некоторые ощутимые различия транскрипции и транслитерации, проявляющиеся в том, что транскрипция – передача другими звуками речи или письменными знаками (обычно имена собственные, географические названия, научные термин; транслитерация же – передача букв другого языка

с помощью алфавита языка перевода. В статье, согласно теоретическим сведениям, выясняется, что Л.С. Бархударов называл имена собственные безэквивалентными лексическими единицами, поскольку все они передаются в другом языке путём транскрипции и транслитерации. Я.И. Рецкер считал, что имена собственные можно включить в группу полных эквивалентов, ибо существуют некоторые имена собственные, которые в зависимости от их употребления достаточно известны и обрели свои эквиваленты во всех языках. С. Влахов и С. Флорин отмечали, что имена собственные являются реалиями, и в связи с тем, что они обладают национальным оттенком значения и историческими источниками, включили их в группу безэквивалентных лексических единиц. В статье также отмечается, что реалии встречаются в тексте как имена собственные и переводятся как безэквивалентные лексические единицы.

Ключевые слова: перевод, английский язык, таджикский язык, реалия, имя собственное, полные эквиваленты, безэквивалентность, транскрипция, транслитерация, смысловое толкование, национальный оттенок.

REALIA - PROPER NOUNS AND METHODS OF THEIR TRANSLATION IN ENGLISH AND TAJIKI LANGUAGES

This article shows the commonality and differences of realities and proper names. All realities that are used in the context as proper names are included in the group of equivalent lexical units. The article also discusses ways and means of translating proper names, in particular by transcription and transliteration. In addition, some tangible differences in transcription and transliteration are highlighted, which are manifested in the fact that transcription is the transmission by other sounds of speech or written characters (usually proper names, geographical names, scientific terms; transliteration is the transfer of letters of another language using the alphabet of the target language. In the article, according to theoretical information, it turns out that L.S. Barkhudarov called the proper names non-equivalent lexical units, since all of them are transmitted in another language by transcription and transliteration. Ya.I. Retsker believed that proper names should be included in the group of full equivalents, because there are some proper names that, depending on their use, are well known and have found their equivalents in all languages. S. Vlakhov and S. Florin noted that proper names are realities, and due to the fact that they have a national connotation of meaning and historical sources, included them in the group of inequivalent lexical units. The article also notes that realities are found in the text as proper names and are translated as equivalent lexical units.

Key words: translation, English, Tajik, reality, proper name, full equivalents, nonequivalence, transcription, transliteration, semantic interpretation, national connotation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кесамирова Саодат*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Сведения об авторе: ***Кесамирова Саодат*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, соискатель кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat*** – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, aspirant, the Department of comparative-typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru**. Tel.: **(+992) 900-00-70-97**

УДК: 81.2 (англ)

БАРРАСИИ ПАЙДОИШИ ИСТИЛОҲОТИ МУСИҚӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Исоева Д.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Таърихи пайдоиши мусиқиву созу наво ва маданияти мардуми Англия бо хусусиятҳои ба худ хос фарқ мекунад. Англия яке мамлакатҳои нахустини Аврупо мебошад, ки бо сурудҳои бисёровозаш шуҳрат ёфта буд. Исботи ин гуфтаҳо намунаи сурудҳои классикии бисёровозаи (полифония - polyphone) халқиест, ки то замони мо омада расидаанд.

Ба ин истилоҳи “Glee” мисол шуда метавонад, ки як намуди суруди англисии бисёровозро ифода мекунад. Сарчашмаи мусиқӣ дар байни мардуми англис аз маданияти қабилаҳои келтҳо, ки аз асри IV дар ҷазираҳои Британия маскун буданд, оғоз меёбад. Дар асри 1-уми то давраи мо келтҳо дар қисми зиёди Аврупои марказӣ ва ғарбӣ сукунат доштанд. Тадриҷан забон, анъана ва ақидаи динии онҳо ба дигар халқиятҳое, ки дар ин маҳалҳо мезистанд интиқол меёбад.

Он нусхаҳои қадимии анъанаҳои шифоҳии сурудҳои халқие, ки то ба мо омада расидаанд, нишон медиҳанд, ки то чӣ андоза намояндагони ин анъанаҳо, аз қабили уднавозону сарояндагон, шоирону эҷодкорон ва достонсароёни қиссаву достонҳо, нотакрору беҳамто будаанд. Онҳо на танҳо достонсаро буданд, балки худ матнҳои шеъру сурудҳоро низ эҷод мекарданд.

Қувваозмоии уднавозони асри миёна, ки дар идҳои деҳоту маросимҳои шаҳрҳо баргузор мегардиданд, байни халқ хеле маъмул гардида, ба ҳукми анъана даромада

буданд. Дар охири асрҳои миёна, ин барои пайдо шудани мактабҳои уднавозони касбӣ замина гузошт.

Сарчашмаҳои санъати тасвирӣ, адабӣ ва халқӣ, (фолклорие), ки то имрӯз боқӣ мондаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки мусиқӣ аз даврaҳои қадим дар ҳаёти халқи англис мақоми махсусро ишғол менамуд.

Аз даврaҳои қадим дар ҳаёти ҳаррӯзаи халқи Англия, ки бештарашонро деҳқонон, ҳунармандон, баҳрнавардон ва ҷанговарон ташкил мекарданд, сурудҳои гуногунжанр арзи вуҷуд доштанд, аз ҷумла сурудҳои деҳқонон, ки оид ба кишту кору заминдорӣ буданд, сурудҳои шикорчиён, моҳидорон, сурудҳои ишқӣ, сурудҳо оид ба баҳр, лирикӣ, ҳаҷвӣ ва ғайра.

Дар қатори жанрҳои мусиқии халқии Британияи Кабир ҷойи асосиро, бешубҳа, қисса ишғол менамояд. Масалан, roundlay – дар забони англисӣ маънои суруди халқӣ ё қиссаро дорад.

Ягон жанри фолклор аз таъсири он берун намондааст ва он ҳатто ба ҳамаи жанрҳои мусиқии касбӣ низ таъсири худро расонидааст.

Кэрол (carol) ба жанрҳои аз ҳама қадима мансуб мебошад. Кэролҳо дар аввал гимнҳои қӯшаовози диние буданд, ки бо мурури замон хусусияти дунявӣ мегиранд.

Дар замони муосир кэрол – як навъ аз сурудҳои иди Мавлуди Исо гаштааст. Қиссаҳои зиёде, ки бо номи кэрол то замони мо омада расидаанд, ба туфайли он аст, ки онҳо асосан дар рӯзи Милод сароида мешаванд. Сараввал, ҳам қисса (баллада) ва ҳам кэрол якҷоя бо рақс иҷро карда мешуданд.

Маводе, ки баъдтар аз он ин ду жанри алоҳида ташаккул ёфтаанд, рақси ҳамовози даврарақс (round – dance) аст.

Санъати касбии сарояндагии мардуми англис дар замонҳои хеле пеш пайдо шудааст. Бо мурури замон ва пешравии санъати мусиқӣ тадқиқоти назарии соҳаи мусиқӣ дар илми мусиқишиносӣ оғоз меёбад. Верҷинелнавозони англис, ки асосгузори мусиқии тугмавӣ (клавиатурӣ) ба ҳисоб мераванд, дар тамоми мамлакатҳои Аврупо машҳур шуда буданд. Саволе ба миён меояд, ки ин асбоб чӣ асбобе буд, ки Англияро ин қадар машҳур гардонд?

(Virginel) Верҷинел – асбобиториву – тугмавии (клавишно – струнний) росткунҷаест, ки одатан бепоя мебошад. Онро одатан дар рӯйи миз мегузоштанд. Ин асбоби мусиқӣ дар асрҳои XVI-XVII, аввал дар Англия, сипас дар тамоми минтақа хеле паҳн шуда буд. Асосҳое низ мавҷуданд, ки истилоҳи мазкур ба истилоҳи “клавир” дар Олмон ва “чембало” дар Италия муродиф буда, барои ҳамаи асбобҳоиториву – тугмавии гуногун, чӣ росткунҷа бошад ва чӣ секунҷаву доирашакл ягона гардид.

Оид ба пайдоиши номи верҷинел андешаҳои гуногун мавҷуданд. Яке аз онҳо ин аст, ки он аз калимаи лотинии вирго (virgo) – дӯшиза, духтар (этимологияи дар Англия маъмул) гирифта шудааст. Асбоби мазкур барои мусиқинавозӣ дар хона истифода шуда, одатан онро ҷавондухтарони ашрофзода менавохтанд.

Исботи ғайришайъии маъмул будани этимологияи мазкур якумин нашри чопии мусиқии верҷиналии англисӣ мебошад (1612). Онро “Парфения” (аз калимаи юнонии “парфенос”- дӯшиза, духтар) меноманд.

Мусиқии халқи англис аз бисёр сарчашмаҳо об мехӯрад. Дар баробари англисҳо дигар халқҳои Аврупо низ санъати мусиқии худро офаридаанд, ки он низ то андозае ба инкишофи санъати мусиқинавозии Англис таъсир расонидааст [6, с.75].

Аз ин рӯ, дар истилоҳшиносии мусиқии Англис як гурӯҳи истилоҳҳои мусиқие (жанр ва намудҳои мусиқӣ, асбобҳои мусиқӣ, овоз, савту лаҳн ва ғайра) мавҷуданд, ки аз забонҳои лотинӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва итолиёвӣ иқтибос шудаанд. Масалан, чунин намудҳои мусиқӣ мавҷуданд: (Capella) Капелла- (бе ҷӯр шудани ягон асбоби мусиқӣ ё чизи дигар сароида мешавад), (Aria) Ариа-(суруд ба хусус аз опера (барои ҷараёни намоиш хеле муҳим аст)), (Arietta) Ариетта-(арияи кӯтоҳ ё ором), (Arioso) Ариосо-(як намуди суруди яккае, ки ҷараёни опера ё оперетта сароида мешавад), (Cantata) Кантата-(мусиқӣ барои дастаи сарояндагону навозандагон), (Capriccio) Каприссио-(мусиқии шӯху марғуб), (Coda) Кода- (қисми анҷоми порчаи мусиқӣ), (Fantasia) Фантазия-(асари мусиқӣ), (Libretto) Либретто-(асаре, ки суханҳои дар саҳна, мусиқӣ ё баллет мегуфтаро дорад), (Opera) Опера-(мазҳакае, ки барои сарояндагону навозандагон бо мусиқӣ гузошта шудааст), (Operetta) Оперетта-(як намуди операи ором), (Oratorio) Ораторио-(асари мусиқии калонҳаҷм барои дастаи навозандагон, дастаи сарояндагони ҳамовоз ва яккахон). Ба ин монанд боз бисёр калимаву истилоҳоте мавҷуданд, ки дар соҳаи мусиқӣ маъмулу серистифода буда, аз забони итолиёвӣ иқтибос шудаанд. Ин истилоҳҳо дар забони англисӣ низ дар шакли аслиашон истифода шуда, дар луғатҳо мазмун ва маънои мафҳумҳои мазкур оварда мешаванд. Истилоҳҳои Lieblich (lovely-дилчасп), lustig (cheerful-шӯх), munter (lively-

марғуб), kraftig (strong-баланд, шиддатнок), langsam (slow-ором), schnell (fast-тез, босуръат), stark (strong-бошиддат) ва ғайраҳо аз забони олмонӣ гирифта шудаанд.

Истилоҳҳои gracieux (graceful-дилнавоз, рӯҳбахш), joyeux (joyful- ҷаззоб), enmesure (intime-муосир, вақтӣ), librement (freely-озодона, форам) ва дигарҳо аз забони фаронсавӣ сарчашма мегиранд [4, с.124].

Қайд кардан зарур аст, ки истилоҳҳои мусиқии иқтибосшуда (бахусус аз забони итолиёвӣ) на танҳо дар таркиби забони англисӣ, балки дар дигар забонҳои дунё низ дида мешаванд.

Бо паҳн гардидани дини насронӣ дар асри VI мусиқии динӣ (калисоӣ) хеле инкишоф меёбад. Ташаккули санъати касбии мусиқии Англис дар тӯли чандин асрҳо маҳз ба туфайли ин аст. Ангораҳои фариштагон ва роҳибони сурудхондаистода ё асбобҳои гуногуни мусиқиро навохтаистода (уд, лира ва ғайра) то замони мо омада расидаанд.

Баъди забт шудани Англия аз ҷониби нормандиҳо ҷараёни заминдорӣ (феодалишавӣ) қувват мегирад. Вобаста ба ин, таъсири маданияти нормандиҳо (фаронсавӣ) зиёд гардида, он дар мусиқӣ, адабиёт ва санъати меъморӣ осори худро мегузорад.

Ҳамзамон ба мусиқии англис намудҳои нави санъати мусиқии халқӣ, бахусус санъати менестрел, (дарборӣ) ворид мешавад.

Дар матнҳои лотинии асри миёна менестрел (дарборӣ) гуфта шахсонеро номидаанд, ки дар хизмати шахсии ашрофзодагон буда, ягон вазифаи махсусеро иҷро мекарданд. Ба ин маъно ҳатто шоир ва масхарабози дарбор низ менестрел номида шавад ҳам, калимаи “менестрел” на танҳо касби шоириро маънидод мекард. Дар матнҳои минбаъдаи фаронсавӣ ва англисӣ (баъди асрҳои XIII) ин истилоҳ чун ҳаммаънои жонглер (тосбоз) низ истифода бурда мешуд.

Менестрелҳо одамоне буданд, ки истеъдоди баланд дошта, забони лотинӣ ва бисёр забонҳои дигарро медонистанд. Онҳо на танҳо мусиқии кишварҳои ҷавони Аврупоиро, балки мусиқии кишварҳои қадимаи Осиёи наздикро низ менавохтанду месароиданд.

Азбаски менестрелҳо асбобҳои мусиқии арабӣ ва форсиро навохта метавонистанд, онҳо бо ин ҳунарашон ин давраи тираи асри миёнагиро бо лаҳзаҳои хушу эҳсоси гуворо рангину мусаффо менамуданд, ки ин барои одамони ин асрҳо дар ҳамон вақт хеле муҳим буд.

Васеъшавии робитаҳои фарҳангии Англия ва Фаронса таъсири муштараки маданияти мусиқии ҳар ду кишварро боз ҳам қавитар намуд. Дар ибодатгоҳи Вустер, дайри Лосминстер ва дигар муассисаҳои динӣ дастнависҳои мусиқии асрҳои XIII-XIV боқӣ мондаанд. Онҳо аз асарҳои мусиқие иборатанд, ки аз эҷодиёти мусиқии ибодатгоҳи Нотр-Дами Париж иқтибос шудаанд.

Дар истилоҳоти соҳаи мусиқишиносӣ мафҳуми “нотатсияи мензуралӣ” мавҷуд аст, ки аз калимаи лотинии “mensura” – андоза, ченак реша гирифта, низоми сабти овозҳои мусиқиро мефаҳмонад.

Пайдоиши операи итолиёвӣ шавқу завқи тамошобинони англисро аз операи миллӣ ва асарҳои мусиқии англисӣ дур намуд.

Дар соҳаи санъати мусиқии англис дар нимаи аввали асри XVIII фаъолияти мусиқишинос – бастакор Г.Ф. Гендел нақши беандоза дошт. Гендел дар Лондон тақрибан 50 сол зиндагӣ карда (1710-1759), мувофиқи табъ ва талаботҳои адабии мардуми англис зиёда аз 40 операро бо усули итолиёвӣ офаридааст. Ин операҳо аз ҷониби ҳунармандони англис бо забони итолиёвӣ ба саҳна гузошта мешуданд.

Ин бастакори олмонӣ чун меҳвари ҳаёти мусиқии Англия мавқеи мустаҳкамро гирифт. Ба ин на танҳо эҷодкории Гендел, маҳорати сарояндагии ӯ, балки қувваи ташкилотчигии ӯ, самти демократии эҷодиёташ сабаб гардиданд. Таъсири Гендел бахусус дар мусиқии сарояндагони ҳамовоз (хор) аён гардид. Дар эҷодиёти ӯ, ки аз асотиру достонҳои таърихиву динӣ (Инҷил) сарчашма мегирифтанд (“Иуд Маскавей”, “Самсон”, “Исроил дар Миср” ва ғайра) аввалин маротиба чун мубориза барои ҳаёти озодихоҳии инсоният дар мусиқӣ таҷассум гардид.

“Операи Гадоён” –и (The beggar`s opera, Лондон 1728) шоиру мазҳаканависи англис Ҷ. Гей ва бастакори олмонӣ Ҷ. Пепуш, ки дар Англия зиндагӣ мекард, мавқеи мустаҳками операи итолиёвиро хеле заиф намуд.

“Операи гадоён” – пародияи операи итолиёвӣ ва ҳаҷви шарир ба табиати ҷомеаи буржуазии англис - баёнгари мухолифини озодихоҳ буд. Опера байни тамошобинони озодихоҳ мақоми ғайричашмдоштро соҳиб гардид (63 намоиш танҳо дар даври якуми намоиш) ва тӯли солҳои зиёд дар барномаи намоишҳои театрҳои Англия мавқеи мустаҳкам дошта, гаштаю баргашта ҷиҳатҳои саҳнавию мусиқиаш такмил дода мешуданд.

Маҳз “Операи гадоён” ба пайдоиши жанри нав - “операи балладӣ” сабаб гардида, анъанаҳои намоишҳои халқии менестрелҳои асри XV– ро эҳё намуд.

Бастакороне, ки барои театри мазҳакаи Лондон мусиқӣ меофариданд, бегуфтугӯ ҳунармандони болаёқат буданд, аммо санъати мусиқидонии онҳо назар ба дастовардҳои ҳамзамононашон, бастакорони бузурги Олмон, Австрия, Италия ва Фаронса на он қадар тараққӣ карда буд. Маҳз аз ҳамин сабаб ба Англия мусиқишиносону ҳунармандони хориҷиро даъват менамуданд ва ба онҳо операҳову ораторияҳову симфонияҳо фармоиш медоданд [6, с.85].

Дар байни ин бастакорони хориҷии нимаи дувуми асри XVIII И.К. Бах низ ба маданияти мусиқии англисӣ саҳми босазо гузоштааст (“Бахи лондонӣ”, писари Иоган Себастян Бах, ки солҳои 1762-82 дар Англия фаъолият бурдааст).

Аз соли 1767 бастакор ва пианинонавози итолиёвӣ М. Клементи дар Лондон фаъолият бурдааст, ки ӯ сарвари мактаби клавирии англис маҳсуб меёфт. Ташрифи И. Гайдн (соли 1791-1792 ва 1794-1795) ба Англия як воқеаи муҳимме дар маданияти мусиқии англис ба ҳисоб меравад.

Ӯ дар Англия 12 симфония навишта, (Симфонияҳои Лондон) 187 сурудҳои шотландиро коркард намудааст. Ягона бастакори англис, ки аз Англия ба минтақаи Аврупо барои кор рафтааст Ҷ. Филд (миллаташ ирландӣ) буд, ки аз синни 20 солагиаш дар Россия зиндагӣ кардааст.

Пианинонавоз, муаллифи песаҳои фортепианӣ ва консертҳои фортепианӣ Ҷ. Филд асосгузори жанри ишқии ноктюрн барои фортепиано ба ҳисоб меравад.

Пайдоиши ҷамъиятҳои консертӣ ва мусиқавӣ ба инкишоф ва ташаккули минбаъдаи мусиқии англис таъсири калон расониданд, ки “Академияи мусиқии қадима” (аз с. 1770) – ҷамъияти аввалини консертӣ дар Лондон; “Кэтч - клуб ” (аз с. 1761) –ҷамъияти ҳаводорони сурудҳои ҳамовозӣ (хор), “Ҷамъияти мусиқии шоҳӣ” (аз с. 1762); “Консерти мусиқии қадима” (аз с. 1776) аз ҷумлаи он ҷамъиятҳоянд.

Дар асри XVI Лондон яке аз марказҳои калонтарини мусиқии аврупоӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин ҷо Ф. Шопен, Ф. Лист, Ф. Менделсон, Н. Паганини, Г. Берлиоз, Р. Вагнер, Ҷ. Верди, Ш. Гуно, Ҷ. Мейербер, А. Дворжак, баъдтар П.И. Чайковский, А.К. Глазунов ҳунарнамоӣ кардаанд. Дар театри “Ковент–Гарден” дастаи ҳунарии итолиёвиҳо ҳунарнамоӣ менамуданд, ки бо устодони ҳунармандаш шуҳрат ёфта буд.

Ибтидо аз соли 1857 дар Лондон мунтазам фестивалҳо бахшида ба ҷашнвораҳои ҳунарманд Гендел (аз соли 1859 дар қасри Булӯрӣ) баргузор мегардиданд, ки шумораи иштирокчиёни ин фестивал то 4000 мерасид.

Озмуни дастаҳои навозандагони нафасӣ (оркестр) баргузор мегардиданд, ки нахустин озмун дар Манчестер соли 1853 ташкил шудааст.

Аз миёнаи асри XIX сар карда ба навохтан ва омӯзиши мусиқии классикӣ ва мусиқии қадимаи англис диққати зиёд дода мешуд. Ҷамъиятҳои ба номи ҳунармандон Гендел (1843), Бах (1849), Персел (1861), ҷамъияти омӯзиши санъати мусиқии асримиёнагӣ (Plain song and medieval society, 1888) ташкил дода шуданд [7].

Хулоса, дар охирҳои асри XIX дар ҳаёти мусиқии Англия пайдоиши тамоюли демократӣ оғоз мегардад. Соли 1878 ҷамъияти консертии халқӣ ташкил мешавад, ки дар маҳаллаҳои камбағали Лондон кансертҳо ташкил мекард. Дар бисёр шаҳрҳои Англия дастаи ҳаводорон – сарояндагони ҳамовоз (хор) пайдо шуданд, ки дар калисоҳо, клубҳо ва саҳнаҳои кушод баромад мекарданд.

Консерти дастаи донишҷӯён – сарояндагони ҳамовоз (хор), бахусус шуҳрати беандоза дошт. Дастаи сарояндагони ҳамовоз (хор) бо ҷамъиятҳои зиёди ҳамовоз (хор) муттаҳид гардида буданд; Ҷамъияти Созиши Пок (1832); Ҷамъияти сарояндагони ҳамовоз (хор) (1833), Ҷамъияти сарояндагони ҳамовози (хор) шоҳӣ (1871), сарояндагони ҳамовози (хор) Бах (1875) ва чандин дигар ҷамъиятҳо маҳз дар тӯли ин солҳо ташкил ёфтаанд.

Низоми осонкардашудаи хаттии нота, ба номи “тоника – сол; фа”, ки дар ҳамаи мактабҳои таҳсилоти умумии Англия ҷорӣ шуда буд, ба васеъ паҳн гардидани ҳаракати сарояндагони ҳамовоз (хор) мусоидат кард.

Бо ташаккулёбии фарҳанги мусиқӣ, талабот ба муассисаҳои таълимӣ зиёд гардида, донишу маърифати мусиқидонии мардуми англис хеле ғаниву бой гардид.

А Д А Б И Ё Т

1. Джаматов, С. Структурно-семантический анализ ирригационной терминологии таджикского и английского языков в сопоставительном плане: дис. канд. филолог. наук / С.Джаматов. - Душанбе, 2006. – 140 с.
2. Джамшедов П. Введение в германскую филологию / П.Джамшедов. - Душанбе. РТСУ, 2014. - С.142-146.
3. Лейчик, В.М.: Термин и его определение / В.М. Лейчик // Терминоведение и терминография в индоевропейских языках. Сб. науч. трудов. - Владивосток, 1987. - С. 135-145.

4. Лотте, Д.С. Вопросы заимствования и упорядочения иноязычных терминов и терминоэлементов / Д.С. Лотте. - М.: Наука, 1982. – 149 с.
5. Любенская, С.И. Пути и источники формирования музыкальной терминологии: автореф. дис. ... канд. филолог. наук / С.И. Любенская. - Л., 1972. – 236 с.
6. Музыковедение. [Электронный ресурс]. http://www.bolshoyvopros.ru/questions/1784789-kakie-nauki-izuchajut-muzyku-i-kakim-obrazom.html
7. Музыкальная энциклопедия. Лексикография музыкальная. [Электронный ресурс]. http://sbiblio.com/BIBLIO/content.aspx?dictid=116&wordid=841138
8. Compton`s Encyclopedia, University of Chicago, 1985. - 264 p.
9. Encyclopedia Britanica. - London, 2003. - New Edition. - Pp.565-66.
10. Sager J.C.A. A practical course in terminology processing. – Amstepdam: John Benjamins, 1990.

БАРРАСИИ ПАЙДОИШИ ИСТИЛОҲОТИ МУСИҚӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Муаллиф кӯшиш мекунад, ки дар мақола доир ба истилоҳоти соҳаи мусиқӣ дар забони англисӣ маълумот дода, оид ба таъриху пайдоиш, ташаккул ва сарчашмаҳои иқтибосӣ, имло ва забон равшанӣ андозад. Муаллиф қайд кардааст, ки бо баробари ташаккулёбии фарҳанги мусиқӣ, талабот нисбат ба муассисаҳои таълимӣ зиёд гардида, донишу маърифати мусиқидонии мардуми англис хеле ғаниву бой гардидааст. Маводи динӣ ва эҷодиёти шифоҳии мардум (фолклор) чун воситаҳое баррасӣ гардидаанд, ки истилоҳоти соҳаи мусиқиро то замоне ҳифз намуда то ба имрӯз расонидаанд. Масалан, муаллиф дар бораи пайдоиши истилоҳҳои кэрол, верҷинел, парфения, капелла, ария, менестрел ва ғайраҳо ба сарчашмаҳои диниву эҷодиёти халқӣ такя намуда, онҳоро шарҳу эзоҳ додааст. Муаллиф ақидаҳои худро чамъбаст намуда, зикр намудааст, ки дар охирҳои асри XIX дар ҳаёти мусиқии Англия пайдоиши тамоюли демократӣ оғоз гардида, соли 1878 чамъияти консертии халқӣ ташкил мешавад, ки дар маҳаллаҳои камбағали Лондон консертҳо ташкил мекард. Дар бисёр шаҳрҳои Англия дастаи ҳаводорон – сароянда гони ҳамовоз (хор) пайдо шуданд, ки дар калисоҳо, клубҳо ва саҳнаҳои кушод баромад мекарданд. Инчунин, дар мақола сабабҳои пайдоиши баъзе истилоҳҳои вобаста ба ҳаёти мусиқии англис дида баромада шудаанд.

Калидвожаҳо: суруди халқӣ, уднавоз, баллада, даврарақс, Верҷинел, парфения, ариа, кантата, опера, менестрел, либретто.

ВОЗНИКНОВЕНИЕ МУЗЫКАЛЬНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Автор пытается пересмотреть музыкальную терминологию на английском языке и внести ясность в историю и происхождение, а также источник их заимствования в английском языке в этой статье. Уместно отметить, что сохранившиеся изобразительные, литературные и фольклорные источники свидетельствуют о том, что музыка с давних времен занимала важное место в быту и общественной жизни английского народа. По мнению автора статьи, религиозная литература и фольклор считаются одним из основных средств обогащения музыкальной терминологии до наших дней. Например, автор анализирует и объясняет такие слова, как кэрол, вирджинель, парфения, капелла, ария, менестрал и т. д. на основе религиозных и фольклорных источников. Автор статьи, пользуясь достоверными источниками приходит к выводу, что в музыкальной жизни Англии того периода начинают проявляться демократические тенденции. В 1878 было создано Народное концертное общество, которое организовывало популярные концерты для жителей бедных кварталов Лондона; во многих городах Англии возникли любительские хоры, выступающие в церквях, клубах, на открытых эстрадах. Особым успехом пользовались концерты студенческих хоровых коллективов. Также в статье рассматриваются причины развития или создания некоторой музыкальной терминологии в английской музыкальной жизни.

Ключевые слова: народная песня, баллада, хоровод, колядка, вирджинель, парфения, капелла, ария, менестрал, опера, кантата, либретто.

THE ORIGIN OF ENGLISH MUSICAL TERMINOLOGY

The author tries to review the music terminology in English language and to shed light on the history and origin as well as the source of their borrowing into English in this article. Religious literature and folklore are considered one of the primary means to rich the music terminology to present day. For instance, the author analyses and explains the words like carol, virginel, parpheny, capella, aria, menestral etc. based on religious and folklore sources. According to the reliable sources it is determined that democratic tendencies started to appear in the musical and cultural life of England at that period. It is also pointed out that in 1878 National concert society was organized which carried out popular concerts for poor people of London. It is noted that amateur choirs also appeared in many cities of England, which organized performances in the churches, clubs and etc. As well, the article reviews the causes of development or creation of some music terminology in English music life.

Key words: folk song, ballada, round-dance, carol, virginel, parpheny, capella, aria, menestral, opera, cantata, libretto.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исоева Дилором Ҳусейновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, муаллими калони кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч.Мавлонбеков, 1. Тел.: **(+992) 92-707-56-80**

Сведения об авторе: ***Исаева Дилором Хусейновна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры фонетики и лексикологии английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр.Мавлонбекова, 1. Тел.: **(+992) 92-707-56-80**

Information about the author: ***Isoeva Dilorom Huseinovna*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, senior teacher (lecturer) of the Department of English Phonetic and Lexicology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Str. Mavlonbekova, 1. Tel.: **(+992) 92-707-56-80**

УДК: 491.550

ТАҲҚИҚИ БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЛАҲҶАҲО

Қурбонов С.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои хосси шева як қабати устувори лексикаи лаҳҷавиро ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди умумияти лаҳҷаҳо ва забони адабӣ дар шаклгириҳои сарфиву наҳвӣ тафовутҳои зиёде низ ба назар мерасанд, ки тадқиқи ин қолабҳои забонӣ муҳим ба шумор меравад. Як роҳи инкишофи лексикаи лаҳҷавӣ калимасозӣ ба ҳисоб рафта, ба андешаи забоншинос Шукуров М. калимасозӣ иқтидори забони тоҷикиро бозгӯӣ менамояд [12, с.106]. Баррасии масъалаи калимасозӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳо аз солҳои 60-уми асри гузашта шурӯъ гардида, дар даврони муосир тадқиқи ин масъала дар заминаи лаҳҷаҳо ҷараёни навро касб менамояд. Тадқиқоти забоншинос С. Раҳматуллозода таҳти унвони “Калимасозии исм” (дар асоси маводи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ) рӯшаниандози бисёр масъалаҳои мубрами соҳа мебошад [ниг.: 5]. Дар тадқиқоти мазкур калимаҳои мураккаби исмӣ аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳҳои мураккаби пайваст, тобеъ, усули омехта тасниф шуда, муҳаққиқ ба калимаҳои мураккаби сеҷузъа низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки он аз нигоҳи илмӣ саҳеҳ буда, барои тадқиқоти минбаъдаи сохтори калимаҳои хосси шева замина фароҳам меорад.

Дар қабати луғавии лаҳҷаҳо усули калимасозии мураккаб назаррас мебошад. Вобаста ба мавқеи корбаст ва шаклҳои истифода калимаҳои мураккаб дар лаҳҷаҳо дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ буда, тадқиқи ин бахш дар доираи калимаҳои хосси шева ҳамоно ниёз ба тадқиқот дорад. Дар мақола ба таври хеле мухтасар усули омехтаи калимасозӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ тадқиқ мегардад. Вобаста ба маънои ҷузъҳо дар ин қабил калимаҳо воситаҳои калимасози морфологӣ дорои тобишҳои нави маъноӣ мегарданд. Гурӯҳе аз ин калимаҳо ҳамоно дар ҷараёни ташаккули маъноӣ ва сохторӣ қарор дошта, бо гузашти вақт шакли устувори сарфиро соҳиб мешаванд. Дар ин шаклгириҳои сарфӣ аз калимаҳои мураккаби дар лаҳҷаҳо серистеъмол бо пасвандҳо сохта шудани калимаҳои нав низ назаррас мебошад. Ин ҷараёни шаклгириҳои сарфӣ дар баррасии калимасозии мураккаб муҳим буда, тадқиқи мукаммали лаҳҷаҳои тоҷикӣ барои бозгӯии дақиқи хусусиятҳои забонии онҳо асос мегардад. Дар ин усули калимасозӣ мавқеи калимаҳои исмӣ устувор мебошад, ки «дар байни гурӯҳҳои калимаҳои забон ду категорияи калон буда, дигарон дар атрофи он муттаҳиданд. Яке аз онҳо ҳодиса ва предмет (исм) буда, баъд аломатҳои он: сифату хусусият, миқдору тартиб ва дигаре амалу хосияти он аст» [7, с.15].

Воситаҳои морфологии калимасоз дар таркиби луғати умумихалқӣ ва диалектизмҳои лексикии нопурра серистеъмол бошанд ҳам, калимасозии пасвандҳо дар қабати калимаҳои хоссаи шеваҳо хеле маҳдуд ба назар мерасад. Дар лаҳҷаҳои мавриди тадқиқ пасвандҳои **-а, -ак, -ӣ** дар сохтани калимаҳои мураккаби омехта бештар корбаст шудаанд, ки дар алоҳидагӣ бозгӯӣ намудани хусусиятҳои онҳо мувофиқи матлаб аст.

Муҳаққиқи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ С. Раҳматуллозода вобаста ба хусусиятҳои забониашон калимаҳои мураккаби омехтаро дар доираи исмҳо саҳеҳ тасниф намудааст [ниг.: 5]. Мувоқи ин таснифот дар қатори аввали ин навъи калимаҳо воситаҳои калимасоз дар ташкили ин шаклҳои сарфӣ ҳатмӣ буда, ихтисори онҳо боиси заъфи маъно мегардад. Баръакси ин, дар гурӯҳи дуюм воситаҳои морфологӣ бештар хусусияти шаклсозӣ дошта, аз таҳлили маводи лаҳҷаҳо бармеояд, ки ҷузъҳои ин навъи калимаҳоро ташкилдиҳанда дар истеъмол бе воситаҳои калимасозӣ низ устувор мебошанд.

Калимаҳои мураккаби усули омехта бо пасванди **-ак** дар таркиби калимаҳои хосси шева бештар аз исм ва ҳиссаҳои дигари нутқ исм месозанд. Профессор Камолиддинов Б. дар лаҳҷаҳо як қатор хусусиятҳои забонӣ касб намудани ин пасвандро зикр намудааст [3, с.197-198] Дар лаҳҷаҳои мавриди назар аз исму феъл сохта шудани калимаҳои усули омехта ҷараёни устувор дорад: **борпечак** (Саридашт) ҷомадон; **албандак // олбандак** (Мискинобод; Элок) сарбандак, пешонибандак; **паррачинак** (Нилу; Хуфар) асбоб барои чиндани санги осиё; **овлъпак** (Қ.) нармии сари кӯдак; **барғындашапак** (Ҷк.) барфбозӣ; **хафкашак** (Шӯрообод) як навъи таоми парҳезӣ; **овчъкак** (гурӯҳи Ҷанубии Кӯлоб) оби барф ва ғ. Дар ин қолаб омадани калимаи **мағлесък//махлесък** дар гуфтори тоҷикони Бадахшон ба маънои *ҳайвони дарандаи шабеҳи муш, ки гӯё аз ақиби чорвои калон ба шиками он даромада, аъзои дохилии ӯро мехӯрдааст*, мушоҳида гардид. Ин калима дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба шакли **мағлесак** дар ифодаи шабушки хурд меояд ва дар Ховалинг **мъхлесък** маънои хурдакак, майдаякро дорад. Дар ифодаи маънои мазкур калимаи хосси шева **гарък** (Порвор) низ меояд.

Калимаи **раравак** дар манотиқи Бойсун ба маънои пайроҳаи хурд дар пояи кӯҳ ва пушта омада, ин калима бо шакли дигари пасванди ***-ак: -ук (равук)*** дар гуфтори тоҷикони Вахон суфачаи атрофи оташдонро ифода месозад.

Дар лаҳҷаҳо бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ ташаккули калимасозии хоссаро низ мушоҳида менамоем, ки ин ба табиати забони зиндаи халқ вобастагӣ дорад. Ба таври мисол, калимаи **ҷувол** дар осори классикӣ ба маънои халтаи калон корбасти фаъол дошт. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ин калима дар шакли мураккаби **ҷолдӯз** (ҷуволдӯз –Қ.С.) ба маънои сӯзани калон меояд, ки дар гузашта калимаи сохтаи **хаймагӣ** ҳамин маъноро дошт. Тавассути пасванди **-ак** ин калима дар қолаби калимаи мураккаби омехта ба маънои як навъи ҳашарот меояд: *Чушмааоб-а лабаш-да аҷ ҷолдӯзаки пурра шиштан намеша.* Калимаҳои мураккаб вобаста ба мавқеи нутқ дар ифодаи маънои грамматикӣ тобиши махсус пайдо мекунанд. Ин масъала ҳамеша дар мадди назари забоншиносон буд. Вобаста ба табиати забони тоҷикӣ ва шеваҳои он дар асоси қолаббандии ибораҳои озоди синтаксисӣ ба миён омадани калимаи мураккаб ҳодисаи маъмулӣ ба шумор рафта, омӯзиши ин бахш рӯшаниандози бисёр масъалаҳост [6, с.15].

Калимаи хосси лаҳҷаи **ҷолдӯзак** дар шакли калимаҳои мураккаби сеҷузъа омада, бо ибораҳои тафсилёфтаи навъи «бачаи чашмонаш сиёҳ» муодил мегардад: ***Мозири ҷолдӯзакчушм*** (Мозираи чашмонаш шабеҳи чашмони ҷолдӯзак) *ноз накуна, ки Худо мезана*. Аз ин гуфтаҳо метавон хулоса бароварда, ки бисёре аз калимаҳои мураккаб дар асл аз ибораҳои изофӣ ва ғайриизофии исм ба амал омадаанд. Корбасти калимаи мураккаби сеҷузъаи **ҷолдӯзакчушм** хусусияти фардӣ низ дорад, яъне соҳибони забон дар ҷараёни нутқ ба таври ғайриихтиёр баъзан калимаҳоеро ба забон меоранд, ки сохт ва маънои онҳо низоми мураккабро дорост. Бо вуҷуди он ки дар сохтори ин шакли мураккаб калимаҳои умумихалқии ***дӯз*** (дӯхтан) ва **чашм** корбаст шудаанд, вале ин қабил калимаҳоро наметавон ба қатори лексикаи умумихалқӣ ва ё диалектизмҳои лексикии нопурра дохил кард, яъне доираи маъноӣ ва дараҷаи корбасту шаклгириҳои хоссаи он ба гурӯҳи диалектизмҳои лексикии пурра тааллуқ доранд. Дар забоншиносии тоҷик муайян нагардидани меъёрҳои шинохти калимаҳои хосси шева боиси аз назари муҳаққиқон дур мондани ин қабати луғавӣ гардидааст [11, с.162].

Аз исму исм бо пасванди **-ак** сохта шудани калимаҳои мураккаби исмӣ дар лаҳҷаҳо назаррас мебошад: **нулпайик** (Ниёзбегиён) патак, порчаи намад ё матои ғафс, ки ба даруни пойафзол меандозанд; **потелък** (Вахё) гиря; ноором; (Ғорон) дар хок ғел задании мурғ; **ғӯлобак** (Қӯрғонча) ҷароҳат ва ғ.

Дар калимаҳои мураккаби аз исму сифат таркибёфтаи **ганданафасак** (Дараи Ниҳон) як навъ ҳашароти бадбӯй; **палпуқсарак** (гурӯҳи Кӯлобии Ҳисор) парешонмӯй пасванди **-ак** хусусияти шаклсозӣ дорад.

Аз маводи лаҳҷаҳои тоҷикони Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ мисолҳои зиёде дорем, ки дар бунёди калимаҳои мураккаби омехта мавқеи воситаи калимасози **-ак** устувор мебошад ва ихтисори он боиси заъфи маъно мегардад. Бо исм ташкил ёфтани шаклҳои морфологӣ дар ин қолаб серистеъмол аст: **момодустак** (Сина) халилихӯрак (ҳашороти болдор); **нулпатак** (Самсолиқ) як навъи парандаи минқордароз аз ҷинси мурғобӣ; **сарғанък** (Вахиё) як навъи ғарами ғалла (аз қабили гандуму ҷав ва ғ.). Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Шимолии Кӯлоб ва Қаротегинӣ хамири майда-майда, лӯнда-лӯнда буридашудаи бо резаи пиёзу кашнич, қаланфуру райҳон ва ғайра омехтаи дар равған пухташударо бо шаклҳои **чагалдак** (Каҳдара) **чъғалдак** (Вахиё) **чекалдак** (Қаротегин) ифода менамоянд. Ин калима дар манотиқи Бойсун шакли **чағалдак** дошта, ба маънои дом барои моҳӣ меояд.

Яке аз ҷузъҳои калимаҳои зерин маънои луғавии худро аз даст додаанд, яъне рехташавии онҳо боиси духӯрагии маъноии умумии калима мегардад: **думғарақ** (Бойсун) бозии кӯдакона; **пихникбод** (Анҷироб, Ёл) гирдбод, барфи шамоломехта, тундбод; **ручалък** (Роғ) сарпӯши сафолин барои даҳанаи оташдон (чаҳлак); **чахтакпай//чахтапай** дом барои гирифтор кардани ҳайвонҳои ваҳшӣ; (Қаротегин) мушгирак; **потехък** (тоҷикони Ишкошим) кашол додани коре; **похсакмунан** (Қаротегин) кӯзапушт, хамидақомат; **сангълак** (Каҳдара) нони арзанӣ. Дар натиҷаи тағйироти савтӣ шакли асосии калима барои намояндагони дигар лаҳҷаҳову шеваҳои тоҷикӣ дар ифодаи маъно духӯрагиро ба вуҷуд оварда, ин омил яке аз роҳҳои ба қатори калимаҳои хосси шева гузаштани лексикаи умумихалқӣ ба ҳисоб меравад [ниг.:1, с.165]. Дар шакли **лувиковак** (Тӯда), ки маънои оташкобро дорад, ҷузъи аввал аз калимаи алов (оташ–С.Қ.) маншаъ мегирад.

Бо пасванди **-а** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исмҳои мураккаби омехта сохта шудаанд. Бояд қайд намоем, ки пасвандҳо чун унсури калимасоз дар ташаккули қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо нақши муҳим доранд [ниг.: 10]**.** Ин пасванд дар калимасозӣ, аз ҷумла калимасозии

мураккаби омехта фаъол мебошад. Дар лаҳҷаҳо калимаҳои мураккаби омехта, ки ҷузъҳои маънодори онҳо дар шакли яклухт истифода нагардида, дар ташаккули онҳо воситаҳои калимасоз нақши муҳим доранд, бештар вомехӯранд: **санггӯла** (Қӯрғонча, Сина) гиёҳи туршмаза; **пархишта** (Сина) тарзи ниҳолгирӣ аз буттаи ток; **ҳафкабута** (Шимоли Кӯлоб) матои рангоранг ва ғ. Калимаи мураккаби омехтаи **таллапеч** (Қӯрғонча) маънои буғчаи либосҳоро дошта, ин калима дар гӯйиши ҷануб ба шакли **таличабан** (Қаротегин) бӯхчабанд корбаст мешавад. Калимаи **пошикаста (**Бойсун, Қӯрғонча**) // пошъкаста** (шимолу ғарбии Кӯлоб) маънои маҷозӣ касб намуда, зан ё духтари қадрасро ифода менамояд.

Дар қолаби калимаҳои мураккаби омехта омадани сифату зарфҳое, ки маънои яке аз ҷузъҳои онҳо духӯра ба назар мерасад: **алапата** (Ҳазорчашма) парешон; **аламарта** (Сина, Дараи Ниҳон) воқеан; **яккабилак** (Қӯрғонча) беҳтарин ва ғ.

Дар лаҳҷаҳо бо калимаи **об** ташаккул ёфтани исмҳои мураккаби омехта бештар ба назар мерасад: **мърова** (Ёзғанд; Куглик) зане, ки ба сифати намоянда дар шаби тӯйи никоҳ арӯсро то хонаи навдомод ҳамроҳӣ мекунад; **шалова** (Карш, Маланд) он ки байни дандонҳояш фосила бошад; **чарғоба** (Қӯрғонча) обсабз. Дар калимаи **зағома** (Қӯрғонча) ба маънои моҳихона тағйироти фонетикӣ ба амал омада, ба калимаи **об** рабт доштани ҷузъи дуюми онро маънои калима собит месозад: *Зағома-да об боша, моҳиҳойа дас гирифтан осон нес* (Қӯрғонча)

Дар таркиби луғати калимаҳои хосси шева аз калимаҳои мураккаби мустаъмал бо пасванди **-а** сохта шудани калимаҳои мураккаби омехтаро низ мушоҳида менамоем: **парбеха** (Ромит) навдаҳои бехи дарахт; **таҳпала** (Ялдамич) пушта, суфакӯҳ; **сартӯла** (Сина) фарзанди нахустин; **бодама** (Ғк., Кҳ.) барфтӯда, тарма; (Бдх.) бӯрони барфӣ, барфбод; тундбод ва ғ. Калимаи **нилаала** (Қаротегин), ки аз исму сифат таркиб ёфтааст, ба маънои *алочашм* меояд. Ин калима дар шакли **милаала** ба ҳамин маъно дар минтақаи Кӯлоб серистеъмол аст. Дар аксари лаҳҷаҳои гӯйиши ҷанубӣ калимаи **сарпанҷа** барои ифодаи қуббаи рубоб мустаъмал аст. Бояд қайд намуд, ки ин калимаи мураккаби омехта ба маънои ранҷиш низ корбаст дорад. Аз ҳиссаҳои дигари нутқ бо усули калимасозии мураккаби омехта сохта шудани зарф низ мушоҳида мегардад: **бадбора** (Дараи Турбат) охирин, охир ва ғ.

Дар лаҳҷаҳо бо пасванди **-ӣ** дар қолаби калимаҳои мураккаби омехта омадани лексикаи лаҳҷавӣ маъмул буда, вобаста ба шакл ва маънои ҷузъҳои маънодори калимаро созмондиҳанда вазифаи ин воситаи грамматикӣ якранг намебошад [4, с.3-4]. Дар баъзе калимаҳои мураккаб мавқеи ин воситаи калимасоз устувор мебошад: **овғами́** (Дараи Ниҳон) сероб, пуроб; **мағулбози́ // мағълбози́** (Ғорон) тӯйи арӯсии бошукӯҳ; **мандоғӯ́** (Шимоли Кӯлоб) таронае, ки ҳангоми кӯфтан ва даравидани ғалла месароянд ва ғ. Калимаи мураккаби **мандоғӯ́** дар шакли **мандоғигу//мандоғгу** (Ховалинг) ба шахси нақароти таронаро иҷрокунанда далолат менамояд.

Дар низоми калимасозии лаҳҷаҳо вобаста ба табиати забони халқ ва раванди таърихии шаклгириҳои сарфиву наҳвӣ ба тағйироти зиёд дучор мегарданд, дар бисёре аз калимаҳои мураккаби омехта маънои яке аз ҷузҳо хира гардида, ҳодисаи ихтисоршавии воҳидҳои забонӣ низ дар шаклгириҳо [ниг.: 2, с.82] ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин ҳодисаҳои забонӣ ва вобаста ба муҳити ҷуғрофиву омилҳои дигари забонӣ дар қолаби калимаҳои мураккаб рехташавии маъноҳо ба амал омада, яклухтии ин шаклҳои наҳвӣ нигоҳ дошта мешавад: **наwқони́** (тоҷикони Бадахшон) ҷави тезпазак, ки ҳосили он барои рафъи айёми гуруснагии аввали тобистон истифода мешуд; беҳосилӣ; **навқуни́** (Қаротегин) кишти барвақтӣ; **нъшкъръки** (Кангурт) шубҳа; ҳазар, ҳисси ноҳушӣ; **катхъдойи//катхъдоги** (гурӯҳи вахиёӣ-рашти) меҳмондӯстӣ, меҳмоннавозӣ; **ҳъмбози́** (Ҳимич) як навъи бозии бачагон; **чаблули́** (Сарихосорх) як навъи растанӣ; **лаблӯли́** (Қӯрғонча) хокпӯши гирдогирди бом; **рукоби** (тоҷикони Вахон) косаи хурди чӯбӣ ва ғ.

Ҳангоми тадқиқи хусусиятҳои сарфиву наҳвии унсурҳои шевагӣ профессор Ҳасанов А. нуктаи ҷолибе баён мекунад: “Бархе аз ин унсурҳо дар раванди инкишофи худ аз шакли бунёдиашон то андозае дур рафтаанд, ки ошкор кардани гунаи ибтидоияшон тадқиқи амиқи лингвистиро тақозо менамояд” [9, с.224].

Калимаи мураккаби лаҳҷавии **калладаққи́** (Қӯрғонча) дар шакли **даққисар** ба маъноҳои мӯйи ношуста ва паҳну парешон меояд, ки дар шакли ибораи изофӣ (каллаи даққӣ // сари даққӣ) корбасти он низ маъмул мебошад. Албатта, ҷанбаи луғавии шаклҳои сарфиро ташкилдиҳанда заминаи дар қолабҳои гуногун омадани онҳоро фароҳам меорад, ки «Калимабандӣ қолаби муайян дорад ва ҳар як қолаб миқдори муайяни тарҳбандиро ташкил менамояд, ки ҷузъҳои он аз ҳиссаҳои ҷудогонаи нутқ иборат мебошанд. Ба ин тариқа, қолаб ва тарҳи калимабандӣ ҳамчун як воҳиди синтаксисӣ дар муносибати умумӣ

ва конкретӣ меистанд. Калимабандие, ки чанд тарҳи гуногун дорад, дар як қолаб ғунҷоиш меёбад ва баръакс як қолаб чанд тарҳбандӣ дошта метавонад» [8, с.43].

Дар калимаҳои зерин ҷузъҳои калимаи мураккаб дар́ гуфтори мардум мустаъмаланд ва пасвандӣ -ӣ хусусияти шаклсозӣ дорад: **посиракори** (Ғофилобод) кишт́и шарикӣ; **пъландари́** (Ғорон) остона; (тоҷикони Вахон) болодарӣ; **чагърди́//чаҳгърди́** (тоҷикони Ишкошим) мағоки самти рости танӯр, ки дар он об ҷӯшонанд.

Бисёре аз калимаҳои мураккаби рехтаро ба осонӣ метавон ба ибораи озоди́ синтаксисӣ баргардонд: **таҳпали́** (Мискинобод) қисми поёнии саҳни хона, пойгоҳ; **таҳпойи́** (Ёзғанд) палос, кӯрпача; **таҳпоқи́** (Нӯшор) харак, он чӣ, ки барои андова ва таъмири девор истифода мебаранд; **таҳпочаги́** (Навдонак) бехҷаст, навдаҳои наврӯйидаи бехи дарахт ва ғ.

Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ шаклгириҳои сарфӣ хусусиятҳои зиёди забониро доро буда, дар онҳо низоми мураккаби мансуб ба забони зиндаи халқ амал менамояд, ки дар сурати тадқиқи ҳамаҷонибаи шеваҳои забони тоҷикӣ ва таълифу тадвини луғатҳои фарогири лексикаи лаҳҷавӣ метавон ин равандро ба шакли амалӣ ва илмӣ бозгӯӣ намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аванесов, Р.И. Русская литературная и диалектная фонетика / Р.И. Аванесов. - М.: Учпедгиз, 1974. - 287 с.
2. Аюбова М. Қурбонов С. Ихтисоршавии воҳидҳои забонӣ / М.Аюбова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2009. - №1(17). - С.80-88
3. Камолиддинов Б. Чанд вазифаи пасванди-ак дар шеваи Понғоз / Б. Камолиддинов // Тезисы докл. апрельской научно-теоретический конф. профессорско-преподавательского состава. –Душанбе: «Изд-во ТГУ», 1993. – С.197-198.
4. Раҳматуллозода С. Бо пасванди -ӣ (-гӣ) сохтани исмҳои маънӣ С. Раҳматуллозода // Маҷмӯаи илмӣ-методӣ (Силсилаи маводи филологӣ доир ба назария ва таълими забони тоҷикӣ). - Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2009. - С.3-9.
5. Раҳматуллозода С. Калимасозии исм (дар асоси маводи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ) / С. Раҳматуллозода. - Душанбе: Дониш, 2019. – 231 с.
6. Рубинчик Ю.А. Персидского – русский словарь. Том II / Ю.А. Рубинчик. – М.: Русский язык, 1985. – 864 с.
7. Ҳалимов С. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С.Ҳалимов, Н. Шукурова. – Душанбе: Маориф, 1988. – 98 с.
8. Ҳамроқулов Х. Таснифи ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ аз рӯи мавқеи калима дар калимабандӣ / Х. Ҳамроқулов // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1978. – С.43-47.
9. Ҳасанов А.А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфиву наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйиши шимолӣ / А.А. Ҳасанов. - Хуҷанд, 2003. - 256 с.
10. Ҳусайн Умеди Род. Вожасозии пасвандӣ дар гӯйиши гилакӣ / Род, Ҳусайн Умед. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 77 с.
11. Ҷӯраев Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ / Ғ.Ҷӯраев. – Душанбе, 2017. – 320 с.
12. Шукуров М. Забони мо ҳастии мост / М.Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 320 с.

ТАҲҚИҚИ БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЛАҲҶАҲО

Калимаҳои хосси шева як қабати устувори лексикаи лаҳҷавиро ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди умумияти лаҳҷаҳо ва забони адабӣ дар шаклгириҳои сарфиву наҳвӣ тафовутҳои зиёде низ ба назар мерасанд, ки тадқиқи ин қолабҳои забонӣ муҳим ба шумор меравад. Як роҳи инкишофи лексикаи лаҳҷавӣ калимасозӣ ба ҳисоб меравад. Баррасии масъалаи калимасозӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳо аз солҳои 60-уми асри гузашта шурӯъ гардида, дар даврони муосир тадқиқи ин масъала дар заминаи лаҳҷаҳо ҷараёни навро касб менамояд. Тадқиқоти забоншинос С. Раҳматуллозода таҳти унвони “Калимасозии исм” (дар асоси маводи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ) рӯшаниандози бисёр масъалаҳои мубрами соҳа мебошад. Дар тадқиқоти мазкур калимаҳои мураккаби исмӣ аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳҳои мураккаби пайваст, тобеъ, усули омехта тасниф шуда, муҳаққиқ ба калимаҳои мураккаби сеҷузъа низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки он аз нигоҳи илмӣ саҳеҳ буда, барои тадқиқоти минбаъдаи сохтори калимаҳои хосси шева замина фароҳам меорад. Дар қабати луғавии лаҳҷаҳо усули калимасозии мураккаб назаррас мебошад. Вобаста ба мавқеи корбаст ва шаклҳои истифода калимаҳои мураккаб дар лаҳҷаҳо дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ буда, тадқиқи ин бахш дар доираи калимаҳои хосси шева ҳамоно ниёз ба тадқиқот дорад. Дар мақола ба таври хеле мухтасар усули омехтаи калимасозӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ тадқиқ мегардад. Вобаста ба маънои ҷузъҳо дар ин қабил калимаҳо воситаҳои калимасозии морфологӣ дорои тобишҳои нави маъноӣ мегарданд. Гурӯҳе аз ин калимаҳо ҳамоно дар ҷараёни ташаккули маъноӣ ва сохторӣ қарор дошта, бо гузашти вақт шакли устувори сарфиро соҳиб мешаванд. Дар ин шаклгириҳои сарфӣ аз калимаҳои мураккаби дар лаҳҷаҳо серистеъмол бо пасвандҳо сохта шудани калимаҳои нав низ назаррас мебошад. Ин ҷараёни шаклгириҳои сарфӣ дар баррасии калимасозии мураккаб муҳим буда, тадқиқи мукаммали лаҳҷаҳои тоҷикӣ барои бозгӯии дақиқи хусусиятҳои забонии онҳо асос мегардад.

Калидвожаҳо: калима, лаҳҷа, мураккаб, ҷузъ, пасванд, ҳиссаҳои нутқ, морфология, сермаъно, серистеъмол, лексика, асолат, калимаҳои хосси шева.

ИЗУЧЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ В ГОВОРАХ

Изучения формирования диалектной лексики имеет первостепенное значение, и в этом контексте определяется исторический процесс языка и его новизна. Благодаря сравнительному изучению диалектов и литературного языка появляется возможность экспериментировать с разнообразными разноуровневыми элементами языка, наглядно демонстрируя все потенциальное богатство сложного словообразования. Несмотря на общность диалектов и литературного языка, существует множество различий в грамматических и синтаксических

формах, что их сравнение с литературными видами и выражением в других диалектах имеют актуальное значение. Одним из способов развития лексического слоя является словообразование. Рассмотрение вопроса словообразования на основе диалектных материалов началось в 60-х годах прошлого века, и в наше время изучение этого вопроса на основе диалектов приобретает все новые масштабы. Лингвистические исследования Рахматуллозода С. под названием «Словообразование существительных» (на материалах южных и юго-восточных диалектов таджикского языка) охватает многие актуальные вопросы данной области. В этом исследовании составные существительные классифицируются на сложные группы, подчиненные, смешанные виды, и исследователя также интересуют составные слова, состоящие из трех частей, что является правильным с научной точки зрения и позволяет дополнительно изучить структуру слов. В лексическом слое диалектов примечателен метод сложного словообразования. В зависимости от положения и форм использования сложные слова в диалектах обладают рядом лингвистических особенностей, и изучение этого раздела в контексте конкретных слов все еще требует дополнительного исследования. В статье кратко исследуется словообразование на материалах таджикских говоров Сурхандарьинской области и южного таджикского диалекта. В зависимости от значения компонентов таких слов, морфологические средства словообразования имеют новые смысловые оттенки. Некоторые из этих слов все еще находятся в процессе семантического и структурного формирования и со временем приобретают устойчивую форму. Образование новых слов из суффиксов в сложных диалектных вариантах также заметно в этих конструкциях. Безусловным достоинством статьи являются примеры, на основе которых осуществляется анализ словообразования в таджикских говорах.

Ключевые слова: слово, говор, сложный, компонент, суффикс, морфология, многозначный, употребительные слова, лексика, диалектизм, подлинность.

STUDYING SOME FEATURES OF WORD FORMATION IN SPELLS

The study of the formation of dialectal vocabulary is of paramount importance, and in this context the historical process of the language and its novelty is determined. Thanks to the comparative study of dialects and the literary language, it becomes possible to experiment with various multilevel elements of the language, clearly demonstrating all the potential wealth of complex word formation. Despite the commonality of dialects and the literary language, there are many differences in grammatical and syntactic forms that their comparison with literary types and expression in other dialects is relevant. One of the ways to develop the lexical layer is word formation. Consideration of the issue of word formation based on dialectal materials began in the 60s of the last century, and in our time, the study of this issue based on dialects is acquiring ever new dimensions. Linguistic research of S. Rakhmatullozoda entitled "Word formation of nouns" (based on the materials of the southern and southeastern dialects of the Tajik language) covers many topical issues in this area. In this study, compound nouns are classified into complex groups, subordinate, mixed types, and the researcher is also interested in compound words consisting of three parts, which is scientifically correct and allows further study of the structure of words. In the lexical layer of dialects, the method of complex word formation is remarkable. Depending on the position and forms of use, complex words in dialects have a number of linguistic features, and the study of this section in the context of specific words still requires research. The article briefly examines word formation on the materials of the Tajik dialects of the Surkhandarya region and the southern Tajik dialect. Depending on the meaning of the components of such words, morphological means of word formation have new semantic yuans. Some of these words are still in the process of semantic and structural formation, and over time they acquire a stable form of waste. The formation of new words from suffixes in complex dialect variants is also noticeable in these constructions. The unconditional merit of the article is the examples on the basis of which the analysis of word formation in Tajik dialects is carried out.

Key words: word, dialect, complex, component, suffix, morphology, polysemous, common words, vocabulary, dialecticism, authenticity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kurbonzoda 64@mail.ru**. Тел.: **(+992) 907-73-96-02**

Сведения об авторе: ***Курбонов Содик Хамрокулович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры истории языка и типологии филологического факультета. E-mail: **kurbonzoda 64@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-73-96-02**

Information about the author: ***Kurbonov Sodiq Hamroqulovich*** - Tajik National University, Associate professor, Departmen of language history and typology, Faculty of philological sciences. E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru.** Tel.: **(+992) 907-73-96-02**

УДК: 491.159.2

ТАҲЛИЛИ ТАРКИБИ МОРФОЛОГИИ МИКРОТОПОНИМИЯИ ВОДИИ ҒУНДИ НОҲИЯИ ШУҒНОН

Сафарқулова Ш.Ю.
Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ

Топонимика соҳаи махсуси илми забоншиносӣ буда, мавзӯъҳои баҳси онро омӯзиши ҳамаҷонибаи номҳои ҷуғрофӣ, воҳидҳои маъмурӣ ташкил медиҳанд. Топонимия бо илмҳои таъриху этнография, этимология шевашиносӣ ва лексикология алоқаи зич дорад. Омӯзиши топонимия барои равшан намудани масъалаҳои печидаи илмҳои таърих, мардумшиносӣ, ҷуғрофия, бостоншиносӣ ва фолклоршиносӣ аҳаммияти калони илмӣ ва назариявӣ дорад. Зеро номҳои ҷуғрофӣ осори ноаёни таърихи кишварро инъикос намуда,

бозмонда аз забонҳои аз байнрафта, нишонае аз шаҳрҳои харобгардида, порае аз мавзеъҳои бо мурури замон бар асари ҳодисаҳои табиӣ ва таърихӣ аз байнрафта маҳсуб мешаванд.

Дар соҳаи топонимика бисёр олимон аз ҷумла Грюнберг А.Л. (1980), Bernard P. (1978), Донидзе Г.И. (1969), Караев С.К. (1964, 1978), Кармышева Б.Х. (1971), Латвинский Б.А. (1972, 1985, 1963), Барсович Л.П., Моногарова А.Ф. (1972), Мурзаев Э.М. (1962, 1969), Montgomerie (1904), Пахалина (1969), Поспелов Е.М. (1980), Розенфелд (1980), Савина В.И. (1971), Стеблин-Каменский И.М. (1976), Суперанская А.В. (1964) андешаҳои ҷолиб ва арзишманди худро баён кардаанд. Чунончи Лури Павел Барсович дар автореферати худ дар мавзӯи «Историко лингвистический анализ согдийской топонимии» оид ба тадқиқоти номҳои географӣ ва топонимӣ ва ба кадом забон шомил будани онҳо назари арзишманди илмӣ баён намудааст. Ӯ маълум кардааст, ки «қисмати зиёди топонимҳо ба забони суғдӣ ва қисматҳои хурд ба забонҳои хоразмӣ, форсии миёна ва бохтарӣ мансуб ҳастанд» (1, Луры,1965,30).

Дар соҳаи топонимикаи Тоҷикистон олимон асару мақолаҳои зиёде таълиф намудаанд. Аз он ҷумла Абдунабиев А. (1992), Булбулшоев У. (2010), Додихудоев Р.Х (1975, 1985, 1980), Исмоилов Ш. (1994, 2000), Насрадиншоев А. (2005), Назарзода С. (1999), Маҳмадҷонов М. (2005), Офаридаев Н. (2010, 1991, 2002), Розова Л.И. (1975), Розенфелд А.З. (1940, 1953, 1969), Сулаймонов С. (1973, 1980), Хромов А.Л. (1980, 1963, 1969, 1970), Хасанов Х.Х. (1969), Ҳомидов Д. (1999), (1992), Ҷумахони Алимӣ (1995) оид ба тапонимҳои минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва ҳудуди паҳншавии забонҳои эронӣ нигоштаҳои арзишманд доранд.

Дар вақти ҷамъ кардани мавод дар водии Ғунди ноҳияи Шуғнон маълум гардид, ки топонимҳои забони шуғнонӣ аз рӯйи таркиб сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешаванд. Ин топонимҳо аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ дошта, дар ҳудуди Помири Ғарбӣ зиёд ба назар мерасанд. Топонимҳои сода дорои як реша, сохта аз исм ва пасванд, таркибӣ аз якчанд асос ва мураккаб бо изофа сохта мешавад.

Дар ин мақола таркиби морфологии микротопонимияи водии Ғунд таҳлил карда шудаст.

Чуноне ки муҳаққиқи соҳа Н. Офаридаев менависад: “дар забонҳои помирӣ се намуди топонимҳо вуҷуд доранд: фонетикӣ; морфологӣ; семантикӣ. Мутобиққунонии топонимия имконият медиҳад, ки аломатҳои асосӣ бо ҳам таъсир кунанд, якчанд системаҳои топонимӣ таъсиргузории тарафайни худро дар забонҳо нишон медиҳанд. Муайян кардани тағйиротҳои гуногунсохторӣ ва намудҳои номҳо дар зери таъсири қоидаҳои фонетикӣ ва грамматикии забонҳои гуногун дар ноҳияҳои муайян ба тариқи ба ин ноҳияҳо хос сурат мегиранд...”.

Топонимикаи забонҳои помириро забоншиносон аз рӯйи пайдоиш ба гурӯҳҳои муайян чудо кардаанд. Мисол: Додихудоев Р.Х. чунин қайд кардааст: “Аз тақсимбандӣ маълум мегардад, ки номвожаҳои чуғрофии маҳалҳои мазкурро метавон ба: а) топонимҳои мансуб ба забонҳои помирӣ (рӯшонӣ, бартангӣ, рошорвӣ, язгуломӣ); б) топонимҳои ғайри шуғнӣ помирӣ; в) топонимҳо-субстратҳо ҷудо кард [3, с.73-74].

Насрадиншоев бошад сохту хусусиятҳои калимасозӣ, қабатҳои топонимӣ, хусусияти лексикӣ-микротопонимияи ноҳияи Мурғобро таҳқиқ намудааст. Ӯ зикр кардааст, ки «қисматҳои зиёди микротопонимҳои Помири Шарқӣ дар заминаи гурӯҳҳои забонҳои шуғнонӣ ва рӯшонӣ ба вуҷуд омадаанд. Топонимикаи шуғнонӣ, рӯшонӣ дорои хусусияти махсуси лексикӣ, фонетикӣ ва морфологӣ буда, дар системаи топонимии ин минтақа мавқеи намоён дорад» [5, с.15].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки топонимика барои муайян намудани сохт ва таркиби грамматикии забонҳои куҳан, барои аниқ маълум кардани муносибати таърихӣ, ба ин ё он забон мансубият доштани топонимҳо, барои пайдо намудани роҳу усулҳои нав ба нави тадқиқи номҳо ва барои нишон додани мавқеи элементҳои алоҳида дар номсозӣ низ ҳамчун соҳаи илм хизмат мекунад.

Дар мақолаи мазкур топонимияи ноҳияи Шуғнонро мавриди таҳқиқ қарор дода, як қатор маълумотҳои тозаи лингвистӣ ва ҷуғрофиро ба даст овардем. Водии Ғунд яке аз водиҳои калонтарини ноҳияи Шуғнон буда, дар масофаи 180 км дар самти шимоли Помири Ғарбӣ ҷойгир шуда, аз 4 ҷамоат, 42 деҳаи аҳолинишин бо аҳолии 18 ҳазор нафар иборат аст.

1. Ҷамоати деҳоти Сучон
2. Ҷамоати деҳоти Навобод
3. Ҷамоати деҳоти Вер
4. Ҷамоати деҳоти Ванқалъа.

Р.Х. Додихудоев дар автореферати худ “Лингвистический анализ микротопонимии Памира” формантҳоро ба таври шартӣ ба се намуд ҷудо кардаст: формантҳои таърихӣ, формантҳои махсус, яъне формантҳои луғавӣ, формантҳои опелятивӣ [2, с.6].

Дар водии Ғунд топонимҳои зиёде дучор мешаванд, ки бо формантҳо сохта шудаанд. Формантҳоро метавон ба қисматҳои зерин ҷудо кард: формантҳои луғавӣ; форматҳои пасвандӣ. Формантҳои луғавӣ - ин формантҳо дорои маънои мустақил мебошанд. Формантҳои bun ва bir дар забони шуғнонӣ самти поёниро ифода мекунанд. Daraxt bun-buni daraxt; kŷbun-tagi kuh; taxbun tagi sang. Форманти gāлл (сар-боло) сӯй ва самтро ифода мекунад, yedgāl; ẋoygāл, weδgāl,barobarjingal. Форманти даẋт-ҷойи ҳамвор ва кушодаро ифода мекунад. Wiruyadaẋt (дашти он тараф); Mastŷndaẋt(дашти Мастон); Bêrdaẋt (дашти Берд); Tamošodaẋt (дашти тамошо); δŷʒiʒdaẋt (δŷʒiʒ-душидан, даẋт-дашт). Форманти qŷl- ин формант дар охири калима бо исму сифат омада, микротопонимияи мураккаб месозад. Suman qŷl (кули Суман, Баччор), Zarvaj qŷl (кули Зарвач, Баччор), Warẋeʒ qŷl (кули Warẋeʒ). Форманти пиц - ба ду маъно истифода мешавад. 1-рӯй, 2-ба маънои ҷуғрофӣ сӯй ва самтро ифода мекунад. Xirpipic Pitovpic, (офтобрӯя), Šarovpic (ҷойи кушод).

Форманти dara- ин формант бо исму сифат омада микротопонимияи мураккаб месозад. Аз қабили Mehrobdara, Metindara, Manemdara, Bogevdara.

Формантҳои пасвандӣ бо воситаи пасванд сохта мешаванд.

«Форманти-“ак” бо исму сифат омада, микротопонимияи зерин месозад. Мисол: kutezak (ш. «кӯ»«кŷh» tez «tez»); «teztez» (ағба) мавзеъ -ак пасванд. Gozak (ш.гоз “сабза”) - ак пасванд (чарогоҳ)” [5, с.18-19].

Микротопонимҳое, ки бо формантҳои пасвандӣ сохта мешаванд. Форманти –ак бо исму сифат омада, хурдиро ифода мекунад: daẋtak-дашт, (мавзеъ) sêdak-санг; rožak rož-баландӣ -ак суффикс. (номи деҳа).

Форманти га - ин формант дар забони тоҷикӣ гоҳ ва гаҳ буда, маконро ифода мекунад: yelgā - yel айлоқ gā суффикс, korgā, (корга) morjgā; (замин).

Форманти ен - дар забони шуғнонӣ шакли ҷамъро ифода мекунад. Chaxmaen, (чашмаҳо), gozen (маргзорҳо), kuyen (кӯҳо).

Форманти еʒ-ин формантро пасванди маконсоз меноманд. Warẋeʒ (деҳа) Chaẋeʒ (дашт) Rivandeʒ (мавзеъ).

Форманти ев - ин формантро низ форманти маконсоз меноманд. Xanev (мавзеъ), Rigŷvev (мавзеъ) Kizichev (мавзеъ Манем).

Булбулшоев У. топонимияи водии Шоҳдараро омӯхта, аз рӯйи сохт онҳоро ба қисматҳои зерин ҷудо мекунад: ”Содда-lozar-“пирях”; zuwor «саршавии ҷӯй ё чашма, мураккаб- śoś -darā «Шош» ушелъе,-«кум», dara-ущелъе, букв. «дараи регзор». Таркибӣ - śośbuwadara-хас (Шошбувад) название горного потока в селении Шошбувад; Nimoδdarā-sarvidoj (Нимос) “горный потока в селении Нимос” [1, с.48-53].

Дар натиҷаи ҷамъоварӣ ва ба система даровардани маводи забонӣ ва таҳлили онҳо маълум гардид, ки топонимҳои водии Ғундро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: топонимҳои сода, топонимҳои сохта, топонимҳои мураккаб, топонимҳои таркибӣ.

Топонимҳои сода - топонимҳое мебошанд, ки танҳо як реша доранд: ин топонимҳо среистеъмол буда, дар Помири Ғарбӣ зиёд ба назар мерасанд ва як маъниро ифода мекунанд. Daẋt- «дашт» (номи мавзеъ, Манем) Goz «марғзор» (деҳаи Колхозобод) Yel «айлоқ» (чарогоҳ, Боғевдара), γor «ғор» ostŷn «остон» ҷойи муқаддас, (Варẋeʒ) qŷl «кул» дар баъзе вақтҳо пасванди – “ен”-ро қабул мекунад. (Танг) Qŷlen (Ривак), darā «дара» ин микротопоним серистъмол буда, қариб дар ҳамаи деҳаҳо истифода мешавад. (Манемдара, Боғевдара), kawk «кавк» (чаша), ки дар деҳаи Баччор ҷойгир аст. šorv (об), ки дар деҳаи Колхозобод ҷойгир аст. медӯн «майдон» (мавзеъ), ки дар деҳаи Ривак ҷойгир аст.

Топонимҳои сохта - микротопонимҳое, ки аз исм бо пасванди – “о” сохта мешаванд: Офаридаев Н. калимаи коргā -ро чунин таҳлил кардааст. “коргā-кузниса, кузня: zamini korga земелънй участок которая находится вблизи кузни” [117], korgā-ҷойи кор; (микротопонимияи коргā қариб дар ҳамаи деҳот дида мешавад. (Манем, Барсем) kŷlgā-, (kŷl) , ҳавз gā-суффикс; kaẋtgā-ҷойе, ки ғалла кишт мекунанд; ẋoygāl-ẋoy-сангтӯда gāl-ҷой (ҷойи сангтӯда); šošak-шош-кум, ак-суффикс, morjga-морҷ-маргзор, ga суффикс, širizmak-ширизм-бутта, ак суффикс, taxgalak- тах-санг, gal пасванд, Маҳмадҷонов О. калимаи шабарро чунин таҳлил кардааст: “шибер\\шабар\\шивар (замини нишеб, ҳамворӣ)” [4, с.64] дар забони шуғнонӣ бошад, śabarak-śabar-намнок, -ак суффикс, (номи мавзеъ)-и намнок, ки дар деҳаи Бидурδ ҷойгир аст. śobun-шобунд ак суффикс (номи роҳ), ки мардуми деҳаи Рож аз он истифода мекунанд, rimzor-рим- “Сафедорzor” бо пасванди “-zor”. Номи мазкур барои ифодаи як мавзеъ, ки дар деҳаи Манем дар баландӣ ҷойир мебошад, истифода

шудааст. Маҳмадҷонов О. калимаи хидорҷро чунин шарҳ додааст. Хидорҷев ин топонимия дар шакли ҷамъ омадааст ва дар забони мустаъмали шуғнӣ вожаи “хидордж” ба маънои “осиёб” (ш.т) мавҷуд аст ва шакли “хидордж+ев” ба маънии “осиёбҳо (ш.ҷ-ев)” истифода мешавад [4, с.72]. Калимаи хидорҷев – хидорҷ - осиёб ва “ев” суффикс мебошад (мавзеъ).

Микротопонимҳои мураккаб аз якчанд асос иборат ҳастанд. Ин асосҳо бо воситаи грамматикӣ ба ҳам алоқаманд мешаванд ва топонимияи мураккаб месозанд. Ин микротопонимҳо асосан бо исму сифат меоянд. Мисол: sāvʒŽir-sāvʒ-сабз, Žir-санг (санги сабз Боғев); šitobog-šito-хунук,bog ,(ҷойи хунук Барсем); sāvʒẋed-sāvʒ-сабз, ẋed-санг (саги сабз, Боғев); safedčin-safed-pā̆нг, čin-тозā̆ (ҷойи тоза, Колхозобод); zirdgoz-zird-зард, goz-марғзор (марғзори зард, Риwак) rustzhir-ruṡt-сурх, zir-санг (санги сурх, Вуж); ruṡtẋoy-rust'-сурх хой-сангтӯда (сангтӯдаи сурх, Мун); ϑuδjinjingal- ϑuδjin-сӯхтагӣ jingal-ҷангал (ҷангали сӯхта, Риwак); čuẋtoqi-čuẋ-хурӯс toqi-токӣ (тоҷи хурӯс, Танг); murʒакparin-murʒак-мӯрча parin-овринг (овринги мӯрча, Рож). Офаридаев Н. калимаи “дӯзахдара” - ро аз нигоҳи динӣ таҳлил кардааст, ки маънояш “дараи дӯзахтӣ ё худ дараи дӯзахт мебошад” мебошад [7, с.119]. Дӯзахдара-дӯзах-дӯзах, дара-дара (номи деҳа Навобод).

Топонимҳои таркибӣ - топонимҳое, ки аз якчанд калима сохта мешаванд: sā̆mori safed; (Бидурδ); Shohi viloyat (Боғев); Sumbi dul dul (Wep); Tangi barjev tang-ҷойи танг, bar-теппа, jev-суффикс (Манем) Gul gul čaẋma-чашма, Gul gul-садои об (Боғевдара); Shohpartovi yelga- Ṡohpartov-номи шахс, -и бандаки изофӣ, yelga-айлоқ (Боғевдара); Bibizaynab čaẋma- Bibizaynab-номи шахс, čaẋma-чашма (Чашмаи Бибизайнаб, Сижд) Obi Sajar (Танг), Tircindak taxen (сангҳо болои ҳамдигар, Манем) Silemy̆n wiδec - Silemy̆n-номи шахс, wiδec-обмӯрӣ (обмӯрии Силемӯн, Манем); Dargohi Imy̆m-Dargoh-даргоҳ, Imy̆m-имом (Қадамгоҳи Имом, Ванқалъа).

Маълум шуд, ки топонимияи водии Ғунд аз ҷиҳати пайдоиши лексикӣ ва морфологӣ гуногун буда, маъноҳо ва шаклҳои мухталифи таърихиро соҳибанд. Дар мақола чор навъи микротопонимия: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки шаклҳои истифодаи форманти ҳархелаи тобишҳои гуногунро ифода карда (хурдӣ, калонӣ, макон, самт, ҳолат, ҳаракат) аз шаклу сохтори гуногун таркиб ёфтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Булбулшоев У.Т. Микротопонимия долины Шахдары в этнолингвистическом освещении / У.Т. Булбулшоев. - Санкт-Петербург, 2005. – 151 с.
2. Додыхудоев Р.Х. Лингвистический анализ микротопонимии Памира (на материале шугнано-язгулямской группы); автореф дисс. док. фил. наук / Р.Х. Додыхудоев. - М., 1980. - 20 с.
3. Додыхудоев Р.Х. Памирскаямикротопонимия (исследование и материалы) / Р.Х. Додыхудоев. – Душанбе, 1975. – 165 с.
4. Маҳмадҷонов О. Таҳқиқоти таърихӣ ва забоншиносии номвожаҳои ҷуғрофии водии Ҳисор / О.Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2018. – 274 с.
5. Насрадиншоев А. Микротопонимияи Помири Шарқӣ / А.Насрадиншоев. – Душанбе, 2005. - 122 с.
6. Офаридаев Н. Микоротопонимия Ванджа и Дарваза / Н.Офаридаев. – Душанбе, 1991. - 175 с.
7. Офаридаев Н. Сарчашмахои юнонӣ ва хитоӣ / Н.Офаридаев // Масъалаҳои Помиршиносӣ. – Душанбе, 2003. – 253 с.
8. Шакармамадов Н. Фолклори Помир ҷилди 2. Душанбе, 2005 с.
9. Шохуморов А. Памир-страна Ариев. Душанбе, 1997.-
10. Этимологический словаръ Ваханского языка.-Саннкт-Петербург 1999.-478с.

ТАҲЛИЛИ ТАРКИБИ МОРФОЛОГИИ МИКРОТОПОНИМИЯИ ВОДИИ ҒУНДИ НОҲИЯИ ШУҒНОН

Маълум шуд, ки топонимияи водии Ғунд аз ҷиҳати пайдоиши лексикӣ ва морфологӣ гуногун буда, маъноҳо ва шаклҳои мухтасарро соҳибанд. Дар мақола микротопонимҳо аз рӯйи сохти морфологӣ ба чор навъ тақсимбандӣ шудаанд: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Топонимҳои содда- топонимҳое мебошанд, ки танҳо як реша доранд: ин топонимҳо серистеъмол буда, дар Помири Ғарбӣ зиёд ба назар мерасанд ва як маъниро ифода мекунанд. Мисол: daẋt- «дашт» (номи мавзеъ, Манем) goz «марғзор», yel «айлоқ» (чарогоҳ, Боғевдара), γor «ғор» ostů̄n «остон» ҷойи муқаддас. Навъи дуюм топонимияи сохта-мебошад, ки он аз исм ва бо пасвандҳо сохта мешавад: ẋoygā̆l-ẋoy-сангтӯда gā̆l-ҷой (ҷойи сангтӯда); šošak-шош-қум, ак-суффикс, morjga-морҷ-марғзор, ga суффикс, širizmak-ширизм-бутта, ак суффикс, tāxgalak- tāx-санг, gāl суффикс. Топонимҳои мураккаб аз дучанд асос иборат ҳастанд. Ин асосҳо бо воситаҳои грамматикӣ бо ҳам алоқаманд мешаванд ва топонимияи мураккаб месозанд. Ин топонимҳо асосан бо исму сифат меоянд. Мисол: sāvʒŽir-sāvʒ-сабз, Žir-санг (санги сабз Боғев); šitobog-šito-хунук,bog, (ҷойи хунук Барсем); sāvʒẋed-sāvʒ-сабз, ẋed-санг (саги сабз, Боғев); safedčin-safed-pā̆нг, čin-тозā̆ (ҷойи тоза, Колхозобод); zīrdgoz-zīrd-зард, goz-марғзор. (марғзори зард, Риwак). Топонимҳои таркибӣ- топонимҳое, ки аз якчанд калима сохта мешаванд: šāmori safed; (Бидурδ) parižīr-pari, пари, žīr-санг ин санг дар деҳаи Боғев ҷойгир аст, яъне санге, ки болои он париро медиданд. хāуẋас–оби тунуке, ки аз дарё ҷудо мешавад; (Манем) γobgoz-γob-обсабз, goz марғзор; morjogā̆- ҷойи морҳо jogā̆-ҷой (ҷойи морҳо, (Wep); šarīkxů̄na-šarīk-ҳамроҳ, xů̄na-хона; (Барсем) rivārigoz-rivār-намак, goz “марғзор”. Инчунин дар мақолаи мазкур формантҳои луғавӣ, пасвандӣ, ки

тобишҳои маъноии хурд, макон, ва самтро ифода мекунанд, оварда шудааст. Микротопонимияи водии Ғунд аз ҷиҳати сохт дар мақола мавриди омӯзиш қарор дода шуда, як қатор маълумотҳои тозаи забоншиносӣ ба даст оварда шудааст.

Калидвожаҳо: топонимика, исконные слова, таҳлили морфологӣ, свойства, употребление, стру.

АНАЛИЗ МОРФОЛОГИЧЕСКОГО СОСТАВА МИКРОТОПОНИИ ДОЛИНЫ ГУНД ШУГНАНСКОГО РАЙОНА

Стало известно, что топонимия Гундской долины с точки зрения лексического появления является разнообразной и обладает своими краткими значениями и видами. В статье микротопонимы по морфологической структуре подразделяются на 4 вида: простые, составные и сложные. Простые топонимы являются топонимами, которые состоят толъко из одного корня: это топонимы часто употребляемые, много встречаются на Западном Памире и имеют одно значение. Например: daẋt- «степъ» , goz «лужайка» (Манем), yel “пастбище” (Боѓевдара), γor «пещера» ostůn « священное место» (Манем). Второй вид топонимии-это построенные топонимы, которые составляются из существителъного путём добавления суффикса: šošak-šoš-песок,ак-суффикс(Манем) morjgᾱ-morj-трава, gᾱ суффикс, širizmaк-širizm-кустарник, ак суффикс, tāxgalak- tāx-камень, gāl суффикс. Сложные топонимы состаят из нескольких основ. Эти основы грамматически связываются друг с другом и создают сложные топонимы. Такие топонимы обычно состоят из существителъного и прилагателъного. Например: sᾱvʒŽir-sᾱvʒ-зелёный, Žir-камень (зелёный камень Боѓев); šitobog-šito-холодный,bog-сад, (холодная местность, Барсем); sᾱvʒẋed-sᾱvʒ-зелёный, ẋed-камень (зелёный камень, Боѓев); safedčin-белый, čin-чистый (чистая местностъ, Колхозобод); zīrdgoz-zīrd-жёлтое, goz-лужайка. (жёлтая лужайка, Риwак). Составные топонимы – состоящие из нескольких слов: šāmori safed; (Бидурð) parižīr-pari-фея, žīr-камень (камень феи) xāyẋac–тонкая вода, которая отделяется от (Манем) γobgoz-γob-водоросль, goz-лужайка, morjogᾱ- mor-змея, jogᾱ-местностъ (змеиная местностъ (Wep); šarīkxůna-šarīk-приятелъ, xůna-дом (Барсем) rivārigoz-rivār-солъ, goz-лужайка. Также в данной статъе приведены словарные, суффиксовые форманты, которые обозначают значения местности и направления. Микротопонимия Гундской долины по своей структуре рассмотрена в данной статъе, в резулътате чего получен ряд новых данных по изучению языка.

Ключевые слова: топонимика, исконные слова, морфологический анализ, свойства, употребление, состав.

THE TOPONYMS OF DISTRICT SHUGNAN VALLEY GUND; MORPHOLOGICAL BEATUTES

It became known that the toponyams of Gund valley in terms of lexical appearance is diverse and has short meanings an types. In the article microtoponyms are subdivided into 4 types according to their morphological structure: simple, compound, complex and derivate. Simple toponyms –are toponyms that consist of only one root. This toponyms are often used, they are found in many places in the Western Pamirs and they denote their meaning. For example: daẋt- «veld», goz «lawn» (Манем), yel “pasture” (Боѓевдара), γor «cave» ostůn « sacred place» (Манем). The second type is constructed toponyms, which toponyms are composed of a noun by adding a suffix. For example: šošak-šoš-sand, ак-suffix(Манем) morjgᾱ-grass, gᾱ suffix, širizmaк-širizm-bash, ак suffix, tāxgalak- tāx-stone, gāl suffix. Complex toponyms consist of several bases. These stems are grammatically linked to each other and create complex place names. Such place names usually consist of noun and an adjective. Forexample-sᾱvʒŽir-sᾱvʒ-green, Žir-stone (green stone Боѓев); šitobog-šito-cold,bog-garden, (cold place Барсем); sᾱvʒẋed-sᾱvʒ-green, ẋed-stone (green stone Боѓев); safedčin-safed-white, čin-clean (clean locality, Колхозобод); zīrdgoz-zīrd-yellow, goz-lawn. (yellow lawn ,Риwак). Compound toponyme are safed. Forexample: šāmori safed; (Бидурð) parižīr-pari-fairy, žīr-stone (fairy stone) xāyẋac–water that separates from the river. (Манем) γobgoz-γob-alga, goz-lawn, morjogᾱ- mor- snake, jogᾱ-locality (snake terrain) (Wep); šarīkxůna-šarīk-friends, xůna-house (Барсем) rivārigoz-rivār-salt, goz-lawn. This article contains that dictionary , suffix, formants that designate the meanings of the smallness of the locality of the directions.

Key words: oponimy, morphological, analysis, suit words, characteristic, composition, used.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарқулова Шарифамо Юсуфшоевна*** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти PhD шуъбаи забонҳои помирӣ. **Суроға:** 736002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Холдорова, 1. Тел.: (**+992) 938-24-21-74**

Сведения об авторе: ***Сафаркулова Шарифамо Юсуфшоевна*** - Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D отдела памирских языков. **Адрес:** 736002, Республики Таджикистан, г.Хорог, ул. Холдорова, 1. Тел.: (**+992) 938-24-21-74**

Information about the author: ***Safarqulova Sharifamo Usufshoevna*** - Institute of Humanities named after academician B. Iskandarov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Ph.D. candidate of the Pamir languages department. **Address:** 736002, Republic of Tajikistan, Khorog, st. Kholdorova, 1. Tel.: **(+992) 938-24-21-74**

УДК: 491.550: 891.550: 82

МАВҚЕИ УСЛУБИИ НОМУ ЛАҚАБ РОҶЕЪ БА НОМУ ЛАҚАБҲОИ ПЕРСОНАЖҲОИ АСАРҲОИ БАДЕИИ УСТОД АЙНӢ

Иброҳимова М.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тадқиқи мавқеи услубии ному лақаби қаҳрамонҳо яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ буда, барои муайян кардани хусусиятҳои эҷодии адибон роли калон мебозад. Доир ба ин масъала дар асарҳои адабиётшиносони советӣ В.В. Виноградов, Э.Б. Магазиник, А.И. Ефремов, А.А. Реформатский баъзе ишораҳо меравад. Махсусан, кори тадқиқотии М.И. Привалов ҷолиби диққат аст. Муаллиф дар асоси санадҳои зиёд таркиби номҳои хос ва лақабҳои машҳурро муайян карда, мавқеи онҳоро дар кушодани хулқу атвор, ҷаҳонбинӣ ва рӯзгори персонажҳо аён месозад.

Дар илми забоншиносӣ ин масъала алҳол ба таври бояду шояд тадқиқ нашудааст. Диққати муҳаққиқонро бештар масъалаҳои услубии забонӣ ба худ ҷалб кардааст. Аз як силсила мақолаҳои тадқиқотии Носирҷон Маъсумӣ дар филологияи тоҷик соҳаи нав илми услубшиносӣ оғоз шуда бошад ҳам, услубҳои бадеӣ ва обуранги миллию байналмилалии онҳоро ҳамаҷониба омӯхташуда ҳисобидан мумкин нест.

Устод Садриддин Айнӣ бо асарҳои безаволи худ пояи реализми сотсиалистиро дар адабиёти тоҷик гузошт ва пойдор гардонд, таърихи бадеии халқамонро равшану барҷаста офарид. Вай аз сарвати бебаҳои забони тоҷикӣ моҳирона истифода карда, забону услуби насри бадеии моро бой гардонд ва чуноне ки Носирҷон Маъсумӣ дуруст қайд мекунад, «анъанаи махсуси забониву услубиро ба вуҷуд овард».

Ҷолиби диққат аст, ки нависандаи ҳақиқатнигор ҳангоми офариниши образҳои бадеӣ дар интихоби калима ба мавқеи услубӣ ва ҷиҳати таъсирбахшии он бо камоли масъулият диққат медод. Дар эҷодиёти устод ҳар як калима, хусусан ному лақаби қаҳрамонон, аз ҷиҳати услубию бадеӣ зарурияти истеъмолӣ пайдо карда, барои кушодани хулқу хӯ ва ботини персонажҳо ёрӣ мерасонанд.

Устод аз «Ҷаллодони Бухоро» сар карда то «Ёддоштҳо» аз суханронӣ, ному лақаби персонажҳо барои аз ягон ҷиҳат пурраю барҷаста баромадани образҳо истифода бурда, силсилаи услуби эҷодии худро пайдо кард ва такмилу инкишоф дод.

Нависанда дар «Ҷаллодони Бухоро» тавассути образи Ҳамро-гавбоз, Қодир-буз, Қурбон-девона, Рӯзӣ-сарносӣ, Ҳайдарча, Мачиди Қаҳкашонӣ, ки ҳар яке дорои хислату хусусият ва рафтори муайян аст, пӯсида рафтану ботинан ба ҳалокат расидани сохти нангини амириро ба қалам додааст. Манзараҳои одамкушӣ, мурдакашӣ ва ғайраҳо чунон мудҳиш аст, ки ҳатто боиси бедор шудани нафрату ғазаби зиёди худи ҷаллодон гардидааст. Инро дар боби «Соҳибони шариат», дар мунозираи мурдакашон аробакашон ва ҷаллодон мушоҳида кардан мумкин аст:

«— Ҷаноби олиат кист? Ҷаноби олиат, ки ту, ҷонсӯхта, мехоҳӣ ӯро беайб нишон диҳӣ, фосиқ, фоҷир, моли мардумхӯр, ифлос ва мурдор як одам аст. На танҳо худи ӯ, балки бо амалдорони худ, бо ҳокимони худ, бо аҳли дари хонаи худ, ҳатто бо муллоёни худ, ки ту онҳоро аз рӯйи шариат кор мекунанд гуфтӣ, ҳамагӣ мурдор, хунхӯр, даюсанд... Кӣ будани онҳоро аз ман пурс...» [1, с. 35].

Дар мисоли болоӣ ибораи «ҷаноби олӣ» аз забони Ҳамрогавбоз ба вазифаи услубии бадеӣ истифода шуда, мазмуну моҳияти дигар пайдо кардаасг. Нависанда ин унвони «фахрӣ»-ро маҷозан, киноямезона маънидод намуда, ба ин восита образи манфури амирро ҳамчун сардори ҷаллодон ҷилвагар сохтааст.

Дар романи «Дохунда» симои баъзе намояндагони табақаҳои муфтхӯр тасвир гардидааст, ки барои фош намудани хислатҳои бади намояндагони сохти феодалӣ хизмат кардаанд. Нависанда, пеш аз ҳама, хусусиятҳои синфию иҷтимоии ин қабил одамонро ба қалам дода, хислатҳои фардӣ ва мақсаду мароми онҳоро муайян сохта, ба ҳалокат ҳукм кардааст.

Дар асар ному лақаби Юсуфи гург ва Ҳаити гург диққатҷалбкунанда аст. Дар ҳолате ки Юсуфи гург соҳиби чизу давлат буд, думравонаш Исомуддин ва Ҳаити гург ба ӯ тамаллуққорона «Эшони тӯра», «Эшончон» мегуфтанд. Вале баъди шикасташ аз вай рӯй гардонданд ва ҳатто ба ӯ «Накбатхоҷа» ном гузоштанд. Ному лақаби Ҳаит ҳам вобаста ба вазъият ҳар хел мешавад ва аз ин рӯ, хусусияти хосси услубӣ пайдо мекунад. Масалан, нависанда худро бетараф ангошта, гоҳо Ҳаит, гоҳо Мулло Ҳаит ном мебарад. Азимшоҳ бошад, тамаллуққорона барои изҳори «ихлос» ва «ҳурмат» Домулло Ҳаит мегӯяд. Исомуддин (азбаски ҷӯраи наздик ва ҳолдони Ҳаит аст) ба ӯ бепарда гап мезанад ва ӯро гоҳо «Ҳаит», гоҳо «гург» ва гоҳо «Ҳаити гург» ном мебарад.

Ҳамин тавр, нависанда лақабу номро дар ҳар шароит ҳар хел истифода карда, муносибати байни персонажҳоро кушода медиҳад. Ҳаити гург ва Исомуддин Юсуфи гургро дар ғайбаш байни худ «Накбат» ва «Накбатхоҷа» ном баранд ҳам, дар назди одамони бегона «Эшони тӯра» гуфта таъриф мекунанд, то ки ихлоси дигаронро ба эшон ва худашон зиёд гардонанд. Ба ин восита, образи Юсуфи гург, Ҳаити гург, Исомуддин ва Азимшоҳ ҳамчун одамони дурӯя, тамаллуқкор ва фиребгар мешавад, баъзан ному лақаби қаҳрамон вобаста ба вазъияти конкретӣ шарҳ ёфта, мавқеи муайяни услубӣ пайдо мекунад, ки ба ин восита вазъияти иҷтимоии соҳибном аён мегардад.

Дар тағйир ёфтани номи Раҳимдод (аз романи «Ғуломон») нависанда симои ғуломфурӯшонро моҳирона фош месозад. Аввалин коре, ки ғуломфурӯшон дар роҳи амалӣ кардани нақшаҳои худ ба анҷом расониданд, ба асирони суннимазҳаб додани номи шиагӣ буд. Номи «Неқадам» ба шиамазҳаб будани Раҳимдод ишора мекард. Ба ин восита ҳиллаи шаръӣ ёфта шуд. Даллоли ғуломфурӯшон барои тезии бозор ба маънидоди номи Неқадам сар мекунад. Дар ин ҳолат нависанда симои нафратангези ғуломфурӯшонро нишон медиҳад.

«Даллол сухани худро давом кунонид: Номи ин бачаро шунавед, номаш Неқадам аст. «Неқадам» «Неккадам» гуфтан аст. Азизони гузашта «ном осмонӣ аст» гуфтаанд, нек будани қадами ин бача аз номаш ҳам маълум аст, агар шумо ҳамин бачаро харида баред, ҳамаи некиҳо бо қадами ин бача ба хонаи шумо медарояд...» [3, с. 86-87].

Дар айёми пиронсолӣ номи Раҳимдод дигар мешавад. Хурду калони ҳавлии Абдураҳимбой ӯро «Бобоғулом» меноманд. Дар назари аввал ин чо ҳеҷ гуна ҷиҳати таҳқиркунанда нест. Ва гӯё «ҳурмат» карда, ба номаш «бобо»-ро илова кардаанд. Аммо дар асл ҳамеша ғуломии Раҳимдод таъкид меёбад. Худи ӯ дар сари пирӣ аз ниҳоди нопоки онҳо огоҳ шуда мегӯяд:

«— Фирефта шудам, саҳв кардам!.. Ман инҳоро бардошта калон карда будам... Инҳо маро на бо номам, балки «Бобоғулом» гуфта ҷеғ мезаданд... Ман аз кучо медонистам, ки дар зери ин суханҳои меҳромез қаҳр ва ба нӯги он забони морвор заҳр будааст...» [3, с. 110]

Дар ҳақиқат, «Бобоғулом» гуфтани онҳо ишорае ба вазъияти ғуломонаи қаҳрамони асар буд, ки инро худи Раҳимдод хеле дер пай мебарад. Бесабаб нест, ки нависанда ба тағйирёбии номи қаҳрамон диққат додааст.

Дар мавриди дигар, нависанда барои нишон додани қаҳру ғазаб ва нафрату адовати қаҳрамони мусбат нисбат ба душманони синфӣ аз ном ба маврид истифода кардааст:

«— Холдор, Холдор! Рафта хӯрокатро хӯр,— гуфт Қулмурод.

Номи сагат ба ранги худаш муносиб будааст, лекин, афсӯс, ки бо писари қушбегӣ ҳамном шудааст,— гуфт Шокир ба Қулмурод.

Чӣ тавр?

Номи яке аз писарҳои қушбегии нав — Мирзои ургунчӣ ҳам Холдорбегиҷон аст.

Хуб, ҳамном шуда бошад, чӣ зарар дорад?

Ин гуна як саги боақлу бономус ҳайф аст, ки бо яке аз одамони беномуси амир ҳамном шавад» [3, с.227-228].

Нависанда ба воситаи услуби бадеӣ ва дигар воситаҳои тасвир мундариҷаи дохилии ҳодисаҳо ва ҷаҳони ботинии баъзе персонажҳоро кушода медиҳад. Устод Айнӣ дар офаридани образи типии Қорӣ-Ишкамба маҳорати баланди санъаткорӣ зоҳир кардааст.

Ва мегӯяд:

«— Қорӣ-Ишкамба?

Дар ҳақиқат ҳам, ин ном хеле ғалатӣ буд. Ман медонистам, ки халтаи меъдаи хайвонотро, ки дар он чо хӯроки хӯрдашуда ҷамъ мешавад, «ишкамба» меноманд. Аммо «ишкамба» номида шудани одамро дар умри худ нахустин бор шунида истода будам ва сабаб чӣ бошад, ки одамро «ишкамба» номидаанд?» - гӯён дар дили худ тааҷҷуб мекардам ва ин тааҷҷубамро ба он дӯстам изҳор намуда аз вай эзоҳ пурсидам» [6, с.11-12].

Чи тавре ки дидем, калимаи «ишкамба» диққати нависандаро махсусан ба худ ҷалб кардааст. Бинобар ин, барои тадқиқи ин лақаб дарҳол мекӯшад.

«— Номи аслии ин одам «Қорӣ-Исмат» аст,— гуфт дӯстам дар ҷавоб,— лекин ишками он кас калон аст, шояд ба ҳамин муносибат бошад, дар вақтҳои аввал баъзе касон ӯро «Қорӣ Исмати Ишкам» гуфтаанд ва баъзе ширинкорон «Қорӣ Исмати Ишкамба» хитоб намудаанд ва рафта-рафта калимаи «Исмат»-ро партофта «Қорӣ-Ишкамба» гуфтаанду мондаанд ва чунон ки мегӯянд, «лақаб равшантар аз ном аст», номи аслии он шахс аз забонҳо афтода, дар байни мардум бо унвони «Қорӣ-Ишкамба» шуҳрат ёфтааст» [6, с.12].

Худи нависанда зимнан ишора мекунад, ки лақаб ифодакунандаи муносибатҳои гуногуни одамон буда, дар кушодани образи асари бадеӣ мавқеи муайян дорад. Азбаски устод Айнӣ ба халқ ва ба эҷодиёти бойи ӯ меҳру муҳаббати зиёд дошт, ба мазмуни лақабҳои гузоштаи халқ мулоҳизакорона муносибат мекард. Ба ин маънӣ менависад:

«— Бояд аз касе, ки мардум ба ӯ лақаби «Ишкамба»-ро сазовор дидаанд, умеди хайре карда нашавад,— гуфтам ман ба дӯстам,— бо вуҷуди ин ту ӯро ба ман шиносо карда мон!.. Агар ӯ ба ман ҳуҷра надиҳад ҳам, ман чӣ гуна будани «Ишкамбаодам»-ро дида мемонам. Худи ҳамин барои ман як фоида аст» [6, с.12].

Ба лақаби «Ишкамба» сазовор гардидани Қорӣ-Исмат заминаи иҷтимоии худро дорад. Нависанда дар зимни ин образ судхӯриву гурусначашмии давлатмандони даврро фош мекунад:

«— Қорӣ Исмат баъд аз муомилаи худро бо савдогарони калон сар кардан аз хумори гӯшту равғанхӯрӣ баромад. Ҳар шаб ба хонаи чандин бой, ки онҳо қарздорони ӯ буданд, рафта палави хушгӯшту равған, мурғбирён, баррабирён, қазилтушбера ва мантуро ҳар чи қадаре ки метавонист, мехӯрд. Дар натиҷаи ин пурхӯрӣ шикамаш калон шуда рафтан гирифт...» [6, с.103].

Ҳамин тавр, устод Айнӣ ба воситаи ҳаматарафа маънидод кардани лақаби Қорӣ Исмат табиат ва моҳияти иҷтимоии судхӯрӣ, тарзи зиндагӣ, амалиёту кирдор ва ҷаҳони ботинии типи манфурро фош ва равшан кардааст. Ин ҷо ному лақаби персонаж хусусияти услубӣ пайдо карда, дар офаридани образ ва кушодани хулқу атвори ӯ саҳм гузоштааст.

Семён Семёнович (аз «Ятим») яке аз образҳои мусбатест, ки нависанда ба воситаи он саҳми коммунистонро дар тарбияи ҷавонони ватандӯсти советӣ нишон додааст. Ӯ бо хислату хусусият ва рафтори шоистаи худ сазовори ҳурмату эҳтироми хурду калон мегардад. Устод Айнӣ дар офариданн образи Семён Семёнович аз номи ӯ ҳам истифода мебарад:

«Семён Семёновичро ба русӣ хоҳ ҳамсолони худаш бошанд, хоҳ калонсолон ва хоҳ бачагони хурдсол «Сина» мегуфтанд. Мардумони маҳаллӣ бошанд, ин калимаро «сина», яъне аъзои бадани одамӣ фаҳмида, «ҳақиқатан ин ҷавон синаи одамист, ки дил дар даруни вай меистад ва ё нӯги пистон аст, ки хурдсолонро шир дода ба воя мерасонад» мегуфтанд» [1, с.434-435].

Нависанда барои боз ҳам возеҳтар кушодани образи коммунист Семён Семёнович, ки тамоми ҳастиашро ба хизмати халқу Ватан, ба муҳофизати хоки муқаддаси он ва ба тарбияи сарҳадчиёни ҷавон бахшидааст, аз номаш моҳирона истифода бурда тавонистааст. Айнӣ ба ин восита, аз як тараф, дӯстии вайроннашавандаи халқҳои Ҳукумати Шӯравиро нишон дода бошад, аз тарафи дигар, ҳалимӣ, хоксорӣ ва ба дили мардуми маҳаллӣ маскан гирифтани ӯро таъкид мекунад.

Хусусияти услубӣ пайдо кардани ному лақаби қаҳрамон дар «Ёддоштҳо» ҳам хеле барҷастааст. Аз ҷумла, дар ҳикояи «Парвардигорхӯҷа» нависанда барои танқиди насабтарошӣ ва мутакаббирии қаҳрамон аз лақаби ӯ истифода бурдааст. Мардуми деҳа Саид Акбарро ҳамчун талабаи мадраса ҳурмат карда, ба меҳмонӣ даъват мекунанд. Вале ҳамаи ин барои Саид Акбари насабтарош кам аст. Ӯ худро, аз мардуми авом боло мегирад ва аз «нодонии» онҳо хафа шуда, ба зиёфат ҳозир намешавад. Бинобар ин, ба Қорӣ Маҳмуд, ки сабаби наомаданашро аз ӯ мепурсад, чунин ҷавоб мегардонад:

«— Зеро соҳибхона, ки савод надорад, маро номбар карда «фалони то ҳол наомад» гуфтанашро ба гӯши худам шунидам. Номи маро, ки толибилми мадрасаҳои Бухоро мебошам, ба забон гирифтани як одами бесавод магар дар ҳаққи ман беодобӣ нест? Бинобар ин, «зиёфаташ сарашро хӯрад» гӯён аз паси дари меҳмонхонааш баргашта омадам» [5, с.122].

Ҷолиби диққат аст, ки Садриддин Айнӣ барои кушодани хулқу атвори Саид Акбар санъати худфошкуниро кор фармудааст.

Нависанда ба ин қонеъ нашуда, аз забони Қорӣ Маҳмуд дар назди омма Саид Акбарро масхара мекунад:

«Барои ҳар кас ва ҳар чиз як ном лозим аст, ки ҳеҷ набошад. дар ғайби он кас ва он чиз он номро ба забон гирифта аз вай гап зананд. Акнун ки шумо аз номи падаратон ба шумо дода ор мекарда бошед, ба шумо як номи бисёр калон медиҳем, ки аз вай ор накунед ва бо гирифтани он ном шуморо фаҳмем. Ин ном, ба фаҳми ман, «Парвардигорхӯҷа» аст, ки номи худост ва дар дунё аз ин ном калонтар номе нест. Азбаски ба Парвардигор, ки номи худост, барои шумо як калимаи «хӯҷа» ҳам ҳамроҳ мешавад, аз номи худо ҳам калонтар мешавад, ки ба шумо бисёр муносиб аст» [5, с. 122].

Ҳамин тавр, қариб дар ҳамаи асарҳои бадеии устод Айнӣ ному лақаби бисёр қаҳрамонон мавқеи услубӣ пайдо кардаанд. Ин бошад, яке аз хусусиятҳои хосси услубии нависандаи, ҳақиқатнигор ба ҳисоб рафта, халқияти эҷодиёти ӯро бори дигар таъкид мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Осори баргузида / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. - 463 с.
2. Айнӣ, С. Дохунда / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. - 128 с.

3. Айнӣ, С. Ғуломон / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1950. - 620 с.
4. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми II. / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1949. - 270 с.
5. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисмҳои I ва II. / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. - 352 с.
6. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 2015. - 207 с.
7. Қаландаров А. Мавқеи услубии ному лақаб / А.Қаландаров // Садои Шарқ, 1974. - №4. - 98 с.
8. Шукуров М. Инъикоси муҳимтарин протсесҳои таърихии ҷамъият дар образҳои мусбати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қисмҳои I ва II). / М. Шукуров // Шарқи сурх. – 1956. – № 5.
9. Шукуров М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1998. – № 1-6. – С. 111-121.
10. Ятимов С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт / С.Ятимов. – Душанбе: ҶДММ «Ганҷ нашриёт», 2019. – 248 с.

МАВҚЕИ УСЛУБИИ НОМУ ЛАҚАБ РОҶЕЪ БА НОМУ ЛАҚАБҲОИ ПЕРСОНАЖҲОИ АСАРҲОИ БАДЕИИ УСТОД АЙНӢ

Лақабгузорӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон ба назар мерасад. Гарчанде бисёре аз нависандагон дар асарҳои бадеии худ лақабро ҳангоми офаридани образҳои бадеӣ зиёд истифода мебаранд, касе ҳамтои устод Айнӣ нест. Устод Айнӣ дар асарҳои безаволи худ дар офариниши образҳои бадеӣ дар интихоби калима ба мавқеи услубӣ ва ҷиҳати таъсирбахшии онҳо диққати хосса зоҳир намудааст. Дар эҷодиёти устод ҳар як калима, хусусан ному лақаби қаҳрамонон, аз ҷиҳати услубию бадеӣ зарурияти истеъмолӣ пайдо карда, барои кушодани хулқу хӯ ва ботини қаҳрамонҳо ёрӣ мерасонад. Мавқеи услубии ному лақаби қаҳрамонҳо яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ буда, барои муайян кардани хусусиятҳои эҷодии адибон роли калон мебозад. Гарчанде дар гузашта дар илми забоншиносӣ масъалаи ному лақаб ба таври бояду шояд тадқиқ нашуда бошад ҳам, имрӯзҳо мақолаву корҳои илмӣ дар ин самт назаррасанд. Диққати муҳаққиқонро бештар масъалаҳои услубии забонӣ ба худ ҷалб кардааст. Аз як силсила мақолаҳои тадқиқотии Носирҷон Маъсумӣ дар филологияи тоҷик соҳаи нав илми услубшиносӣ оғоз шуда бошад ҳам, услубҳои бадеӣ ва обуранги миллию байналмилалии онҳоро ҳамаҷониба омӯхташуда ҳисобидан мумкин нест.

Калидвожаҳо: ном, лақаб, услуб, услуби бадеӣ, эҷодиёт, персонаж, хислату хусусият, рафтор, устод Айни, калима, мавқеъ, лақаби қаҳрамонҳо, қаҳрамонҳо, забоншиносӣ.

МЕСТО И РОЛЬ ИМЕНИ И ПРОЗВИЩ ПЕРСОНАЖЕЙ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПРОИЗВЕДЕНИЙ УСТОДА АЙНИ

Прозвища встречаются во всех сферах человеческих жизни. Хотя многие писатели в своих художественных произведениях часто используют прозвища, но никто не сравнится в этом с устодом Айни. Устод Айни в своих бесценных произведениях уделял особое внимание образам, подбору слово, стилю и их эффективности. В творчестве устода Айни каждое слово, особенно имя и прозвище, важны для раскрытия черт характера и нравов героев. Стилистическое место имени и прозвища является особой лингвистической задачей и играет важную роль в выявлении творчества писателей. Хотя в прошлом в языкознании клички и прозвища были недостаточно исследованы, но на сегодняшней дней в этой сфере созданы много научных работ и статей, больше всего привлекает внимание исследователей задача языкового стиля. Можно считать, что Носирджон Маъсуми открыл новое направление в стилистике, но не все вопросы художественного стиля и его национальной окраски изучены.

Ключевые слова: имя, прозвище, стиль, художественный стиль, творческий, характерный, характер, поведение, устод Айни, слово, позиция, прозвище геро,ев, герой, лингвистика.

PLACE AND ROLE OF THE NAME AND NICKNAMES IN RELATION TO THE NAMES AND NICKNAMES OF CHARACTERS ARTWORK USTOD AINI

Giving a nickname is seen in all areas of human life. Although many writers in their work of art often use the nickname, but no one can compare with the method of Aini. Ustod Aini in his invaluable work paid special attention to the creation of the image, the selection of the word, the role, the style and their effectiveness. In the works of Ayni's mouth, each word, especially a name and a nickname for revealing the character traits and morals of the characters. The stylistic place name and nicknames is a special linguistic task and plays an important role in identifying the creativity of writers. Although in the past in linguistics of names and nicknames has not been sufficiently investigated, but today many scientific works in this area have been studied and articles most attracts the attention of researchers to the task of linguistic style. On the one hand, although it can be considered that Nosirjon Mausumi opened a new trend in stylistics, but on the other hand it cannot be assumed that all the artistic style and their national colors have not been studied.

Key words: Name, nickname, style, artistic style, creative, characteristic, character, behavior, Aini, word, position, heroes, hero, linguistics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Иброҳимова Мутриба Холиқназаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 985-16-06-35**

Сведения об авторе: ***Иброхимова Мутриба Холикназаровна*** – Таджикской национальной университет, аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 985-16-06-35**

Information about the author: ***Ibrohimova Mutriba Kholiknazarovna*** - Tajik National University, graduate student of the university-wide department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 985-16-06-35**

УДК: 42-56 (575.3)

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Турди-Аханова И.А.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Фразеологизмҳо дар системаи забон ҷойи махсусро ишғол карда, дар пешбурди он нақши муҳим доранд. Воситаҳои воҳидҳои фразеологиро бо истифодаи тавсифҳои типологӣ, ки бевосита ба семантикаи он тааллуқ доранд, муайян кардан мумкин аст. Ба гуфтаи В.Виноградов, воҳидҳои фразеологӣ яке аз воситаҳои бадеии сухани рангин мебошанд, ки нутқи моро гуворо ва рангоранг мегардонанд [1, с. 27-33].

Пайдоиши истилоҳи “фразеология” аз калимаи юнонӣ фраза –калима ва логос таълимот гирифта шудааст. Чарлз Балли фразеологияро як ҷузъи таркибии услуб ҳисобидааст. Воҳидҳои фразеологӣ як ҷузъи зинда ва аслии луғатҳои ҳама гуна забонҳои зинда мебошанд. Аксар воҳидҳои фразеологӣ дар матн мушкилоту проблемаҳои ҷомеаро ошкор мекунанд.

Ғайр аз он, фразеологизм яке аз омилҳое мебошад, ки дар асар хусусияти бадеӣ ва эмотсионалӣ дорад. Ҳолатҳое мавҷуданд, ки воҳидҳои фразеологӣ дар луғатҳои махсус инъикос нашудаанд ё худ муаллифон онҳоро аз ҳаёти воқеӣ ва ҳодисаҳои ҷамъиятӣ гирифтаанд. Ба гуфтаи забоншиноси машҳур И. Сидоренко, фразеология ин илм дар бораи воҳидҳои эҳсосотӣ ва образнокии калимаҳо буда, хосиятҳои ба худ хос дорад [2, с.17].

Ташаккули воҳидҳои фразеологӣ зиддияти байни тафаккур ва маҳдудиятҳои захираҳои лексикии забонро суст мекунад. Дар он ҳолатҳое, ки воҳидҳои фразеологӣ синонимӣ лексикӣ доранд, онҳо одатан стилистикӣ (услубӣ) номида мешаванд. Фразеология сарвати забон аст. Дар воҳидҳои фразеологӣ метавон инъикоси таърихи халқ, ягонагии фарҳанг ва ҳаёти одамонро пайдо кард. Фразеологизмҳо аксар вақт ҳангоми ба ягон ходисаи тасодуфӣ гирифтор шудани одамон истеъмол мегарданд.

Забоншиноси швейтсариягӣ Чарлз Балли [1865-1947] бори аввал маҷмӯаи калимаҳоро дар китобҳои худ "Очерк дар бораи стилистика ва услуби баёни фаронсавӣ" ба низом даровардааст ва як бобро дар бораи фразеология ихтисос додааст. Дар китоби аввал ӯ чор гурӯҳи ибораҳоро муайян намудааст:

- таркиби ройгон (lesgroupements libres), яъне, таркиби аз решаи ягона ва усутворӣ маҳрумшуда;
- комбинатсияи шинос (lesgroupemen tsusuels), яъне ибораҳои дорои алоқамандии нисбатан сусти реша бо пешванду пасвандҳо, ки барои пайдоиши баъзе тағйиротҳо сабаб мешаванд;
- силсилаи фразеологӣ яъне, гурӯҳи калимаҳое, ки дар онҳо ду мафҳуми ба ҳам наздик қариб аз як реша сохта мешаванд. Устувории ин мафҳумҳо тавассути маънои аслии калима ё ибора собит карда мешавад;
- ягонагии фразеологӣ (lesunites phras eologiques), яъне мафҳумҳое, ки дар онҳо калимаҳо маънои худро гум кардаанд ва як консепсияи ягонаи бебозгаштро ифода мекунанд. Чунин таснифот ба таҷдиди қисмҳо имкон намедиҳанд.

Андешаҳои В.В.Виноградовро дар соҳаи фразеологизмҳо як қатор олимон танқид карданд. Ҳамин тавр, Н.Н. Амосова таъкид мекунад, ки мафҳуми «устувории решаи калимаҳо ва ибораҳои рехта» дар шакли аксиома таърифро талаб намекунад, зеро ки хусусияти тағйирнаёбанда дорад.

А.И. Смирнитский воҳидҳои фразеологӣ ва идиомаҳоро фарқ мекунад ва воҳидҳои фразеологиро ҷузъи ҷудонашавандаи услуб меҳисобад, аммо на ҳамчун фанни алоҳида. А.И. Смирнитский ибораҳои рехтаро сухани таърихан мустаъмали ифодаи нутқ ҳисоб мекунад. Идиомаҳо ба интиқоли маъно, бо тобишҳои маъноие асос ёфтаанд. Хусусияти хосси онҳо дар услуби баён дар истифодаи як калима ба ҷойи калимаи дигар зоҳир мегардад.

Ба таври муқаррарӣ, мо тарҷумаҳои фразеологӣ ва ғайри фразеологиро фарқ карда метавонем. Дар тарҷумаи фразеологӣ истифодаи воҳидҳои устувор дар матн зоҳир мегардад, аммо дар тарҷумаи эквиваленти мутлақ новобаста аз таркиби матн ва ё алоҳида будан, мушоҳида мегардад. Эквивалентҳо метавонанд пурра бошанд, мисол: (бар зидди ҷараён – **to against stream** (ба муқобили ҷараён); скрипка - оҳанги навозиш (навохтани скрипкаи аввал) ва қисман (**to stand on one's bottom** - дар пойи худ истодан - маънои "мустақил, мустақил будан, ба худ такя кардан"; **to laugh in one's sleeve** ришханд задан - “ нотарсона хандидан”).

Фразеология қисмати аз ҳама ҷолиб ва хосси луғати ҳама гуна забон аст. Аксарияти калимаҳои фразеологӣ маъноҳои ҷумлаи баёншавандаро обуранги нав мебахшанд. Ҳатто воҳидҳои фразеологии стилистикӣ аз маъноҳои асосии он фарқ мекунанд ва дар ин замина маънои ифоданокиро ба даст оварда метавонанд. Гузашта аз ин, фразеология яке аз омилҳои ба муболиға хос буда, тарҷумаи онҳоро хеле мушкил мекунад. Ҳолатҳое мавҷуданд, ки воҳидҳои фразеологӣ дар луғатҳои махсус инъикос нашудаанд ё худ дар эҷоди худи муаллифон худ ба худ омадаанд.

Эквиваленти фразеологӣ як воҳиди рамзии фразеологӣ дар оилаи забонҳои аврупоист, ки ба маънои воҳидҳои фразеологии англисӣ комилан мувофиқат мекунад. Мисол:

to shed crocodile tears – (проливать крокодилье слезы) ба рехтан ашкҳои тимсоҳро мутаассир мекунад.

A drowning man will catch at a straw – (утопающий хватается за соломинку) марди ғарқшуда дар соҳил сайд карда мешавад - одами ғарқшуда хасеро мегирад.

Аксар вақт дар воҳидҳои фразеологии англисӣ якчанд аналогҳои русӣ мавҷуданд, ки бо хусусиятҳои стилистикӣ фарқ мекунанд:

Not for love or money – (ни за какие деньги) на барои муҳаббат ва на барои маблағ.

There is no smoke without fire – (нет дыма без огня) бе оташ ягон дуд нест.

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ як намуди махсуси таркиби калимаҳои устувор ва такрорӣ мебошанд. Хусусияти фарққунандаи онҳо номутобиқатии қисман ё пурраи нақшаи мундариҷа ва нақшаи ифодаи ҷолиби забон мебошад, ки хусусиятҳои воҳидҳои фразеологиро муайян мекунад ва, албатта, ба интихоби усулҳои фаъолияти тарҷума таъсир мерасонад. Аксари муодилаҳои фразеологиро мо дар фразеологияи байналмилалӣ меёбем.

Фразеологияи байналмилалӣ, ки ба забонҳои бисёр халқҳо аз манбаъҳои таърихӣ, мифологӣ, адабӣ ворид шудааст, аз як забон ба забони дигар гирифта шуда, дар байни халқҳои гуногун новобаста аз якдигар ба вуҷуд омадааст, ки ба сабаби умумияти тафаккури инсон, наздикии баъзе ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, кор, истеҳсолот, рушди илм ва санъат ташаккул ёфтааст.

Қариб дар ҳама забонҳо якчанд арзишҳои умумии фразеологӣ мавҷуданд, аммо на ҳамаашон васеъ паҳн шудаанд, дар нутқи шифоҳӣ васеъ истифода мешаванд ва дар луғатҳо сабт карда мешаванд. Гурӯҳҳои ҷудогонаи онҳоро танҳо бо калимаҳои алоҳидаи забонҳои модарӣ истифода мебаранд. Аз ин лиҳоз, мушкилоти асосии тарҷумон ин муайян кардани воҳиди фразеологӣ дар матн ва инчунин қобилияти фарқ кардани таркиби устувор аз тағйирёбанда мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов В.В. Забони русӣ (грамматикаи калима). / В.В.Виноградов. - М.: Высш. шк., 1986. – 283 с.
2. Степанова М.Д.. Грамматикаи шифоҳӣ / М.Д.Степанова, Г. Хельбиг. - М.: Высш. Школа, 1978. – 259 с.
3. Жуков А.В. Луғати фразеологии забони русии мактабӣ / А.В. Жуков, В.П. Жуков. - Мю: Просвещение, 2006. - 574 с.
4. Балли Ш. Стилистикаи франсузӣ / Ш. Балли. - М.: 1865-1947. - 57 с.
5. Bally Ch. France Stylistic / Ch.Bally. - 1905, 1909. - 43 p.
6. Амосова Н.Н. Асосҳои фразеологии англисӣ / Н.Н. Амосова. – Ленинград: Издательство ЛГУ, 1963. – 198 с.
7. Смирницкий А.И. Лексикологияи забони англисӣ / А.И. Смирницкий. – М., 1956. - 67 с.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Фразеологизмҳо дар системаи забонҳо мавқеи махсусро ишғол намуда, ҳамчун воҳиди номинативӣ дар забон нақши асосиро мебозанд. Дар замони муосир ҳеҷ кас шубҳа надорад, ки ибораҳои рехта, яъне воҳидҳои фразеологӣ сохторӣ номинативӣ доранд. Фразеологизмҳо ин ганҷи забонанд. Дар вохидҳои фразеологӣ таърихи халқ ва фарҳангу ҳастии миллатро дарёфт намудан мумкин аст. Одатан, ин ибораҳои рехта хусусияти миллӣ доранд. Воҳидҳои фразеологӣ қисми асосии калима ва ибораҳои рехта ва зиндаи луғати ҳар як забонро ташкил мекунанд. Қисми асосии ибораҳои рехта хусусияти ба нутқ обуранг доданро доранд. Ҳатто вохидҳои фразеологии стилистикӣ бо хусусияти хосси миллии худ дар асарҳо фарқ мекунанд. Баъзан ҳолатҳое мешавад, ки ибораҳои рехтаву устувор дар луғатҳо мавҷуд нестанд ва онро тарҷума кардан имконнопазир аст.

Калидвожаҳо: Мавқеи махсус, воҳидҳо, номенативӣ, ганҷи забон, таърихи халқ, ибораҳои рехта, обуранг, устувор, хусусияти миллӣ.

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Фразеологизмы занимают особое место в системе языков и находят свое обоснование в языковой номинации. На сегодняшний день никто не сомневается в том факте, что фразеологические единицы (ФЕ) считаются номинативными образованиями. Фразеология – это «клад» языка. Во фразеологизмах может найти отражение история народа, своеобразие его культуры и быта. Фразеологизмы часто носят ярко национальный характер. Фразеология составляет наиболее живую, яркую и своеобразную часть словарного состава любого языка. Подавляющая часть фразеологических оборотов обладает экспрессивной окраской. Даже стилистически нейтральные фразеологизмы отличаются национальным своеобразием и могут приобретать экспрессивные

значения в контексте. Более того, фразеология – один из факторов, присущих художественным произведениям и значительно усложняющих их перевод. Бывают случаи, когда фразеологизмы не отражены в специальных словарях, либо образуются спонтанно, в индивидуально-авторском словотворчестве. Их отличительной особенностью является частичное или полное несоответствие плана содержания плану выражения, что определяет специфику фразеологизма и непременно будет оказывать влияние на избрание приемов и способов переводческой деятельности.

Ключевые слова: Органическая часть, языковая номинация, фразеологические единицы, национальный характер, своеобразная часть, экспрессивные значения, специальные словари, отличительная особенность, словотворчество, полное несоответствие, способы переводов.

ESSENCE AND COMPREHENSION OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN ENGLISH LANGUAGE

One of the literary means of our rich speech issuable figurative expressions which make our speech more colorful and unrepeatable. Phraseology – is reproducing unit in speech which often can be equivalent to word and have holistic meaning, constant component composition and grammatical structure. The forms of phraseologies make weak the demanding of minds and limited lexical resource of language. On that case, when phraseology have lexical synonyms they usually differ in stylistic relations. Phraseology – is treasure of language. In phraseology we can find the feature and history of humanity, difference and their cultures. Phraseology often carries vivid national character. The trades of literature of our rich language are emotional phrases that make our speech more colorful and unrepeatable. In conclusion should note. The forms of phraseologies make weak the demanding of minds and limited lexical resource of language. On that case, when phraseology have lexical synonyms they usually differ in stylistic relations. Phraseology – is treasure of language. In phraseology we can find the feature and history of humanity, difference and their cultures. Phraseology often carries vivid national character. Phraseology – is special type of stable and reproducible combination of words. Their peculiarities are partly and fully discordant of content and their expressing that define the specificity of phraseologies and have a great influenced to the way of using in translation. Most of times in languages there are many types of phraseologies but not all them spread and used only during the conversation and fixed in special vocabularies. The definite groups of people depending from their language use the phraseologies that are not fixed in vocabularies. The main problem appear during the translation of phraseologies units in the text and their definition from stable combination of words.

Key words: Figurative expressions,unrepeatable, reproducing, holistic meaning, reproducible combination, specificity, special vocabularies, definite groups, stable combination.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турди-Аханова Ирода Абдумаликовна*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳо. Нишонӣ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1\2. E-Mail: **irodaturdiakhanova@gmail.com.** Тел.: **(+992) 93-444-45-79**

Сведения об авторе: ***Турды-Аханова Ирода Абдумаликовна*** **-** Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, заведующая кафедрой языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Дехоти 1\2.; E-Mail: **irodaturdiakhanova@gmail.com**. Тел.: **(+992) 93-444-45-79**

Information about the author: ***Turdi-Akhanova Iroda Abdumalikovna*** **-** Tajik State University of Commerce, Candidate of Philology Science, Head of the Department of Languages. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Street 1/2. E-Mail: **irodaturdiakhanova@gmail.com.** Tel.: **(+992) 93-444-45-79**

УДК: 811.111+811.161.1+811.21.22

МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА МУҲТАВОИ ЗАРБУЛМАСАЛҲО ВА МАҚОЛҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ, РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

Сайдалиева Ф. Сайдалиева З.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз он забонҳоест, ки саршори дурдонаҳои нодир буда, лафзи ширини тоҷикӣ маҳз ба шарофати онҳо гуворотар мегардад. Дурдонаҳо гуфта, он унсурҳоеро дар назар дорем, ки барои ҷаззобу дилписанд ифода ёфтани матлаби нависанда хизмат мекунанд. Калимаҳои зидмаъно, ҳаммаъно, наздикталаффуз, ҳамшакл, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақол, дубайтиҳо ва амсоли онҳо аз он воситаҳои муосири забонанд, ки барои ҷолибу нотакрор баромадани тасвир нақши муҳим мебозанд. Аз даврони қадим то ҳол олимон ва мутафаккирони кишварҳои гуногун дурдонаҳои жанри фолклор, яъне зарбулмасал ва мақолҳоро ҳамчун сарчашмаи ҳикматҳои халқӣ ҷамъоварӣ намуда, ба онҳо аҳаммияти хосса медиҳанд.

М.Горкий нақши зарбулмасал ва мақолҳоро дар баёни афкори иҷтимоию сиёсии мардум баррасӣ намуда, навишта буд: «... муҳтавои зарбулмасал ва мақолҳоро тамоми таҷрибаи ҳаётӣ, иҷтимоию таърихии халқи меҳнаткаш ташкил медиҳад». Ҳамчунин ӯ муҳим будани ҷамъоварии ин дурдонаҳоро тарзи ифодаи маъниҳои гуворо ва ҳикматомез қайд мекунад: «Санъати сухан дар даврони қадим дар ҷараёни меҳнати пурмашаққати мардум тавлид ёфтааст. Сабаби пайдоиши он ҳаракати мардум ба ташкили таҷрибаи меҳнатӣ дар шакли шифоҳӣ, яъне зарбулмасал, мақолҳо, дубайтӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва ғайра буд, ки хеле зуд ва устувор дар хотираи инсон нақш мебаст» [1, с.3].

Таҳлил ва муқоисаи зарбулмасал ва панду ҳикматҳои халқҳои гуногун аз нуқтаи назари мувофиқ омадан ба ҳамдигар, таркиби луғавӣ, тарзи ифодаи маъниҳои гуворо ва ҳикматомез ва тарзи тарҷумаи онҳо ба забони дигар аҳаммияти зиёди илмӣ ва амалиро дорост. Омезиш ва муқоиса намудани зарбулмасал ва мақолҳои мардумоне, ки тӯли чандин асрҳо дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекунанд ё мардумоне, ки аз ҷиҳати урфу одатҳо, маданият, фарҳанг, таърихи сиёсӣ ва этникӣ зич алоқамандand, ба бисёр ҷиҳатҳои таъсири мутақобила ва робитаи дуҷонибаи фарҳанги миллии он кишварҳо равшанӣ меандозад. Бояд қайд намуд, ки зарбулмасал ва мақолҳои мардумоне, ки хеле дур аз ҳамдигар зиндагонӣ мекунанд ва таърихан ба ҳамдигар алоқамандии суст доранд, на танҳо аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, балки аз рӯйи сохт ва таркиб низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: ***Агар сухан зар аст, сукут гавҳар аст***. Тарҷумаи он ба забони русӣ: ***Если слово - серебро молчание- золото, Не можете найти то, что вам нужно?*** [1, с.37].

Тарҷумаи он ба забони англисӣ:

1: Speech is silver, silence is golden.

2: A closed mouth catches no files.

3: He cannot speak well that cannot hold his tongue.

4: There is a time to speak, and a time to be silent [2, с.232].

Зарбулмасали «***агар сухан зар аст, сукут гавҳар аст***» ҳам дар забони русӣ ва ҳам англисӣ мавҷуд аст ва дар байни халқ васеъ истифода мешавад. Зарбулмасали мазкур чи аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва чи аз рӯйи сохт ва таркиби лексикӣ ба ҳам монанд аст, вале гунаҳои тарҷумаи он ба забони англисӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Гунаи аввал, яъне ***Speech is silver, silence is gold*** тарҷумаи таҳтуллафзист. Ин навъи тарҷумаро баъзан тарҷумаи ҳарф ба ҳарф ё калима ба калима мегӯянд. Гунаи дуюм бошад, яъне ***A closed mouth catches no files***, пурра мазмуну мундариҷаи зарбулмасали тоҷикиро инъикос менамояд. Варианти сеюм: He cannot speak well that cannot hold his tongue, тарҷумаи тасвирист. Гунаи чорум ***There is a time to speak, and a time to be silent*** ҳам монанд, яъне аналоги гунаҳои пештара мебошад. Дар забони тоҷикӣ гунаҳои гуногуни зарбулмасали мазкур истифода мешаванд. Масалан***: Агар гуфтан сим аст, хомушӣ зар аст. Даҳони баста - ҳазор тилло. Хомӯшӣ аз каломи беҳуда бех*** ва ғайра.

Гунаҳои зарбулмасал ва мақолҳои мазкур дар панду андарзҳои Шайх Саъдӣ низ вомехӯранд:

1.Аввал андеша в-он гаҳ гуфтор,
Пойбаст омадааст у пас девор.
Сначала подумай, потом говори,
Фундамент, заложив, стену возводи.

2. Нахуст андеша кун, он гаҳ гуфтор,
Ки номаҳкам бувад беасл девор.
Сначала подумай, потом говори, ибо стена,
Без фундамента не бывает прочна.

3.Андеша кардан, ки чӣ гуям, беҳ аз
Пушаймонӣ хурдан, ки чаро гуфтам.
Подумать над тем, что сказать, лучше,
Чем раскаиваться в том, зачем сказал [1, с.29].

Ҳар се панду ҳикматҳои овардашуда варианти зарбулмасали «Аввал андеша, баъд гуфтор»- и дар байни мардум хеле машҳур мебошанд. Онҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, сохт, таркиби луғавӣ ва обурангӣ бо тарҷумаҳои хеш бо зарбулмасалҳои забони русӣ мутобиқати комил доранд. Ҳикмати дуюм гунаи панди аввала мебошад. Андарзи сеюм парафразаи тасвирии он ду ҳикмати авваларо ташкил медиҳад ва аз ҷиҳати сохт ва таркиби лексикӣ аз онҳо фарқ мекунад.

Дар байни мардуми англис низ ин зарбулмасал васеъ истифода мешавад ва аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, аз рӯйи сохт ва таркиби лексикӣ ва фасоҳат мутобиқати комил бо зарбулмасали англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ дорад:

First think, then speak. Аввал андеша кун, пас сухан гӯй. Сначала подумай, потом говори.

Дарвоқеъ, дар ҷараёни тарҷумаи асари бадеӣ тарҷумон ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад, зеро ифодаҳои маҷозӣ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо, панду ҳикматҳо ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ, ки обуранги хосси миллӣ доранд ва паҳлуҳои мухталифи зиндагии мардуми моро инъикос мекунанд, аз як забон ба забони дигар осон тарҷума намешаванд. Сарфи назар аз ин, фурӯгузор кардани онҳо ба коҳиши мазмун ва бадеияти асар оварда мерасонад.

Зарбулмасалҳои тоҷикӣ ва англисӣ қариб ба якдигар алоқамандии зич доранд. Онҳо тамоми рӯзгори моддии мардумро дар бар мегиранд. Мазмун ва мундариҷаи зарбулмасалҳо гуногун буда, дар онҳо хислатҳои хубу бади инсонҳо инъикос ёфтаанд.

Зарбулмасал сухани пандомӯз, боҳикмат, насиҳатомез, муъҷаз, машҳуру вирди забонгашта, ки дар нутқ ҳамчун мисол оварда мешавад; яке аз жанрҳои машҳури адабиёти гуфтории мардуми тоҷик аст.

Маҳфуми зарбулмасал дар байни тоҷикон бо вожаҳои ***масал, мисол, матал, мақол, нақл, қавли машоих, сухани бобоён, қавли бузургон, гуфтаи калонҳо, сухани падарон*** ва дар забони англисӣ низ инҳо бо чунин тарз оварда шудаанд***: parable, forexample, proverb, sayings, proverbs, sayings, pronouncements, sayings of grandparents, greatpeople, sayings of adults, sayingsoffathers*** ва монанди ин. Ҳангоми гуфтани зарбулмасал гӯяндаи он чунин таъбирҳоро ба кор мебарад: ***«чӣ хеле ки гуфтаанд…», «ба гуфтаи падарон…», «мегӯянд, ки…», «бобоён гуфтаанд, ки…», «беҳуда нагуфтаанд, ки …», «бузургон гуфтаанд, ки…», «беҳуда нагуфтаанд, ки…», «дар урфият мегӯянд, ки…», «масал ҳаст, ки…», «ҳикмате ҳаст, ки**…», ***«фалонӣ гуфтааст, ки…» // "As they have said ...", "According to the fathers ...", "the grandparents said ...", "the great grandchildren said ..." "," says the tradition, "...", "there is a parable ...", "there is a wisdom that ...***ва ғайра [6, с.124].

Дар зарбулмасал воқеа, ҳодиса, мушоҳида, панду андарз ба таври умумӣ ҷамъбасту хулоса мегардад. Зарбулмасал бо истилоҳоти дигаре ба монанди андарзпанд, афоризм, масал иртибот дошта, натиҷаҳои мантиқан қавии иҷтимоӣ, афкори фалсафӣ, андешаҳои равонии инсонро дар бар мегирад. Барои ифодаи зарбулмасал дар фолклоршиносии тоҷик ду истилоҳ - зарбулмасал ва мақол дар канори ҳам ба кор меравад, вале зарбулмасал ва мақол аз якдигар фарқ доранд. Зарбулмасал ба воситаи санъатҳои бадеӣ ба мисли истиора, киноя, тавсиф, ташбеҳ, ташхис, маҷоз ва амсоли ин баён мегардад ва дар забони англисӣ низ ҳаминро ифода мекунад. Масалан: «**Шохи дарахти мевадор хам аст**» / «**The branches of the fruit tree are also bent**». Ин зарбулмасалҳо ҳам дар забони англисӣ ва ҳам тоҷикӣ ба маҷозу киноя нисбат ба шахси бомаърифат, хоксор ва ҳалим гуфта шудааст. Мақол бидуни санъатҳои бадеӣ гуфта мешавад. Масалан: ***«Пушаймонӣ суд надорад» / “There is no return to repentance”.***

Дар айни ҳол зарбулмасалу мақол аз ҷиҳати сохт ба ҳам наздик буда, дорои як вазифа мебошанд, ки ин ҳам панду насиҳати инсон аст. Ин жанр аз замонҳои бостон то замони мо вирди забони мардум буда, адибони гузашта низ аз он зиёд истифода бурдаанд. Дар маҷмӯа ва китобҳои зиёди асрҳои пешин намунаҳои зарбулмасалҳо ҷой дода шудаанд [5, с 45].

Зарбулмасалҳо мавзӯъҳои гуногун – маориф, ҳодисаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва сиёсӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Масалан, дар бораи меҳнат: «***Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад», / "Gold is found in the fire, man in labor"; «Мард бояд, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад», «То ҷон наканӣ, санги сиёҳ лаъл нагардад», «Аз дастам корама гир аз даҳонам нонама гир»;*** дар тасвири табақоти иҷтимоӣ: «***Киҳо кашанд ҷабру ҷафо, киҳо кунанд кайфу сафо», «Замона аз они зӯр, тамошо аз они кӯр», «Шайхро ҳунар нест, хонақоҳ танг аст»;*** ахлоқ***: «Аз дилозор Худо безор», «Гӯри бахил танг аст»;*** муносибати хонаводагӣ: ***«Мардро мард мекардагӣ ҳам зан, номард мекардагӣ ҳам зан», «Хонаи марди дузана баракат надорад», «Зани бебача, бӯриёи сари кӯча», «Хола ба ҷойи модар аст».***

Бештари зарбулмасалҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ дар қолаби манзум гуфта шудаанд. Вале аксари зарбулмасалҳои мансур низ дорои қофия ҳастанд, ки санъати сачъро ба ёд меоранд. Дар зарбулмасалҳо санъатҳои бадеии гуногун ба кор мераванд. Тавсиф: «***Ба ҳавло гуфтан даҳон ширин намешавад», «Табиби меҳрубон аз дидаи бемор намеафтад».*** Ташбеҳ: ***«Ба ош пашша машав», «Суҳбати нодон-оташи сӯзон», «Молу давлат чирки даст аст».*** Ташбеҳи мураккаб: ***«Аз гунг касе сухан нашунида аст, аз бед касе мева начидааст», «Одамизод аз гул нозуку аз санг сахт аст»*** ва ғайра.

Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз манбаъҳои таҳқиқи ҳаёти маънавии мардум ба шумор рафта, барои дақиқтар омӯхтани ҳаёти иҷтимоӣ, равонӣ, фалсафӣ ва таърихи шифоҳии мардумон аз ҳар нигоҳ ёрӣ хоҳанд расонд. Дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ истифодаи зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикию англисӣ нақши муҳиммеро мебозанд, зеро зарбулмасалҳо, ки тамоман сар то сар пандомез ҳастанд дар рӯҳияи ҳам илмӣ ва ҳам тарбиявии донишҷӯён хеле муфид мебошанд. Махсусан зарбулмасалҳо оиди меҳнат, ки мавзӯи асосии тадқиқоти илмии мо ба ҳисоб меравад, барои тарбияи насли наврас ва донишҷӯён дар рӯҳияи ватандорӣ ва меҳнат кардан ба ватан, оила инчунин барои аз худ кардани илмҳои замони муосир басо зарур аст. Дар тамоми самтҳои асосӣ, хоҳ дар ҷодаи илм бошад хоҳ дар ҳамаи ҷабҳаҳо, бе меҳнат ягон кор самараи хуб надорад ва на хоҳад дошт. Агар ба тамоми олимон, муҳаққиқон,

донишмандон назар андозем ҳамаи ин шахсони бузург бе меҳнат ба ин мартабаҳои бузург нарасидаанд. Дар зарбулмасали зерин ин гуфтаҳо амиқ оварда шудааст.

“Бе меҳнат роҳат нест”. “Одамро аз меҳнаташ мешиносанд”. “ Меҳнат кунӣ, роҳаташро мебинӣ”.

Зарбулмасалҳо равияҳои гуногунро дар бар мегиранд, чуноне ки дар боло зикр кардем. Дар бораи илмомузӣ чуноне ки гуфта шудааст:

“Аз гаҳвора то ба гӯр илм биҷӯй” / «Learn from the cradle to the grave». “Илм дар синаҳост на дар сатрҳо” / “Knowledge must be the head, not the books”. “Илматро ба дигарон биомӯз ва илми дигаронро биомӯз” / «Teach others and learn from them». Илм дар хурдӣ ба монанди нақш дар санг аст / «Teaching of a child as the carving on a stone» [4, с.58].

Бояд қайд намуд, ки зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ на танҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, балки аз рӯйи сохт, таркиб ва ҷумлабандиашон низ бо ҳамдигар алоқаманд ҳастанд. Ин мувофиқатии зарбулмасалҳо ва мақолҳо чуноне ки муаллиф қайд кардааст, на танҳо дар байни сарзаминҳои форсизабон, балки дар сарзаминҳои мамлакатҳои дигар низ ба вуқӯъ омадааст.

Таҳлил ва муқоисаи зарбулмасал ва панду ҳикматҳои халқҳои гуногун аз нуқтаи назари мувофиқ омадан ба ҳамдигар аз рӯйи таркиби луғавӣ, тарзи ифодаи маъниҳои гуворо ва ҳикматомез, тарзи тарҷумаи онҳо ба забони дигар аҳаммияти зиёди илмӣ ва амалиро дорост. Муаллиф ҳангоми таҳлили мавзӯъ маълум кардааст, ки баъзе зарбулмасалу мақолҳо мутобиқати пурраю нопурра доранду баъзеи дигарашон ҳарф ба ҳарф тарҷума шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Калонтаров Я.И. Мудрость трех народов / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Адиб, 1989. – 432 с.
2. Kuzmin S.S. Russian-English dictionary of proverbs and sayings / S.S. Kuzmin, N.L. Shadrin. - Moscow: Russky Yazik, 1989. – 353 с.
3. Асрорӣ В. «Зарбулмасал ва мақолҳо» Жанрҳои фолклори тоҷик / В. Асрорӣ, Р. Амонов // Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. - Душанбе, 1980. – С.78-92.
4. Фозилов М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ / М.Фозилов. – Душанбе: Дониш, 1976. - 374 с.
   Ширинова Р. Зарбулмасал ва мақолҳои водии Бартанг / Р. Ширинова. - Душанбе: АФРСС Тоҷикистон Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 1979. - 120 с.
5. 6. Путилов Б.Н. Методология сравнительно-типологического изучения
6. фольклора / Б.Н. Путилов. - Л., 1976. – 386 с.
7. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1980. – 304 с.
8. Юсуфова, М. Қайдҳо оид ба истеъмоли зарбулмасалу мақолҳо дар «Дохунда»-и С. Айнӣ / М. Юсуфова // Армуғон II. (Масъалаҳои филологияи тоҷик). – Душанбе: Дониш, 1971. – 260 с.

МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА МУҲТАВОИ ЗАРБУЛМАСАЛҲО ВА МАҚОЛҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ, РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

Таҳлил ва муқоисаи зарбулмасал ва панду ҳикматҳои халқҳои гуногун аз нуқтаи назари мувофиқ омадан ба ҳамдигар, таркиби луғавӣ, тарзи ифодаи маъниҳои гуворо ва ҳикматомез, тарзи тарҷумаи онҳо ба забони дигар аҳаммияти зиёди илмӣ ва амалиро дорост. Омӯзиш ва муқоиса намудани зарбулмасал ва мақолқои мардумоне, ки тӯли чандин асрҳо дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекунанд ё мардумоне, ки аз ҷиҳати урфу одатҳо, маданият, фарҳанг, таърихи сиёсӣ ва этникӣ зич алоқамандand, ба бисёр ҷиҳатҳои таъсири мутақобила ва робитаи дучонибаи фарҳанги миллии он кишварҳо равшанӣ меандозад. Бояд қайд намуд, ки зарбулмасал ва мақолҳои мардумоне, ки хеле дур аз ҳамдигар зиндагонӣ мекунанд ва таърихан ба ҳамдигар алоқамандии суст доранд, на танҳо аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, балки аз рӯйи сохт ва таркиб низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд Зарбулмасалҳои тоҷикӣ ва англисӣ қариб ба якдигар алоқамандии зич доранд. Онҳо тамоми рӯзгори моддии мардумро дар бар мегиранд. Мазмун ва мундариҷаи зарбулмасалҳо гуногун буда, дар онҳо хислатҳои хубу бади инсон инъикос ёфтааст. Зарбулмасал сухани пандомӯз, боҳикмат, насиҳатомез, муъҷаз, машҳуру вирди забонгашта, ки дар нутқ ҳамчун мисол оварда мешавад; яке аз жанрҳои машҳури адабиёти гуфтории мардуми тоҷик аст. Бояд қайд намуд, ки зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ на танҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, балки аз рӯйи сохт, таркиб ва ҷумлабандиашон низ бо ҳамдигар алоқаманд ҳастанд. Ин мувофиқатии зарбулмасалҳо ва мақолҳо чуноне ки муаллиф қайд кардааст, на танҳо дар байни сарзаминҳои форсизабон балки дар сарзаминҳои мамлакатҳои дигар низ ба вуқӯъ омадааст.

Калидвожаҳо: мафҳум, зарбулмасал, мақол, таҳлил, мундариҷа, муқоиса, забони англисӣ ва русӣ.

ОПРЕДЕЛЕНИЕ, СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК В АНГЛИЙСКОМ, РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье приводится анализ и сравнение пословиц и поговорок разных народов. Лингвистическая композиция, способ выражения мудрых изречений, способ их перевода на другие языки имеют большое научное и практическое значение. Изучение и сравнение пословиц и поговорок народов, тесно связанное с традициями, культурой, политической и этнической историей, со многими аспектами межкультурного влияния показывает, что таджикские и английские пословицы во многом связаны. Содержание пословиц различно, отражая как хорошие, так и плохие качества человека. В качестве примера приводятся мудрые пословицы, наставления знаменитых ораторов, которые являются одним из известных жанров таджикской народной литературы. Примечательно, что таджикские и английские пословицы и поговорки взаимосвязаны не только по содержанию, но и по структуре,

составу и формулировке. Это совпадение пословиц и пословиц, как указывает автор, произошло не только в персоязычных народов, но и в других странах.

Ключевые слова: определение, пословицы, поговорки, анализ, введение, сравнение, английский и русский языки.

DEFINITION, ESSENCE AND CONTENT OF PROVERBS AND SAYINGS IN ENGLSH, RUSSIAN TAJIK LANGUAGES

This article addressed by analyses and comparison of proverbs and tales of different peoples from an appropriate perspective; Coming to each other, the linguistic composition, the way of expressing beautiful and wise meanings and the way they translate into other languages is of great scientific and practical importance. Studying and comparing the proverbs and sayings of the people who have lived in the neighborhood for many centuries, or the people who are closely related to traditions, culture, political and ethnic history, to many aspects of the intercultural influence of the country throws. The Tajik and English proverbs are closely related. They encompass all of the people's livelihoods. The content and the content of the proverbs are varied, reflecting both the good and the bad qualities of the person. The proverbs wise, admonishing, composer, famous, viral speaker, is given as an example; is one of the well-known genres of the Tajik folk literature. It is noteworthy that Tajik and English proverbs and sayings are interrelated not only in terms of content, but also in terms of structure, composition, and formulation. This coincidence of proverbs and proverbs, as the author points out, has not only occurred among Persian-speaking lands, but also in the lands of other countries.

Key words: definition, proverbs, sayings, analyzing, introduction, compare, English and Russian languages.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Сайдалиева Фотима*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълим. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 987-51-94-97**

Сайдалиева Зуҳро - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълим. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 981-00-75-76**

Сведения об авторах: ***Сайдалиева Фотима*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры иностранных языков и методики преподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 987-51-94-97**

Сайдалиева Зухро – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры иностранных языков и методики преподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 981-00-75-76**

Information about the authors: ***Saidalieva Fotima*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistant of the chair of foreign languages and teaching methodology. **Address:** 735360, Republik of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str.16. **Tel**.: **(+992) 987-51-94-97**

Saidalieva Zuhro - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistant of the chair of foreign languages and teaching methodology. **Address:** 735360, Republik of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str.16. Tel.: **(+992) 981-00-75-76**

УДК: 491.550

КОРБАСТ ВА ТАҲЛИЛИ ЗАБОНИИ НОМИ БАЪЗЕ ПАЙҒАМБАРОН ДАР «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Носирова О.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Дар олам ҷанбае вуҷуд надорад, ки барои тадқиқ ва омӯзиш қобили таваҷҷуҳ набошад, лекин масоиле мавҷуд аст, ки бештари мардум ба он таваҷҷуҳ надоранд ва дар назари эшон чизи оддӣ ва ҳатто нолозим менамояд. Вале бояд гуфт, ки омӯзиши ҳар як шохаи илм муъҷизот, муассирӣ ва паҳлуҳои мусбати ба худ хос дорад. Масалан, омӯхтани номҳо (исмҳои хос), махсусан номҳои одамон (антропонимия) афкори моро моломоли маълумотҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ, огоҳ сохтан аз вазъи иҷтимоии даврони гузашта, таърихи тавлиди калимаҳо, шинос намудан ба расму оин ва урфу одоти қавму миллатҳо.

Омӯзиш, таҳлилу тадқиқ ва маънидод намудани онҳо, дар айни замон аз ҷониби муҳаққиқони соҳа бо назардошти ҷанбаҳои забонӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ хеле роиҷ гаштааст, ки ҷолиби диққат аст. Муҳаққиқони соҳа зимни тадқиқоташон паҳлуҳои гуногуни номҳои манотиқи гуногуни кишвар, асарҳои насрӣ – ривоятӣ ва осори баъзе аз саромадони адабиёти пешину муосири тоҷикро мавриди омӯзиши таърихию забонӣ қарор дода, маҳсули тадқиқоташонро дар шакли асарҳои илмӣ, мақолаҳо ва дастуру фишурдаҳои илмӣ ба табъ расонидаанд, ки дар густариши илми номшиносии тоҷик мақоми созгор доранд.

Дар ин ҷабҳа тадқиқотҳои олимону муҳаққиқони ватанӣ Н. Абдуллоев, Р.Х. Додихудоев, О. Маҳмадҷонов, Ҷ. Алимӣ, О. Ғафуров, Н. Офаридаев, Ф. Абдулло, Ш.

Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, М. Шодиев, А. Насриддиншоев, Д.Ф. Майнусов, С.Х. Қурбонмамадов, Э. Давлатов, Ш. Гулмаҳмадшоев, Ҷ. Темуров, Ф. Давлатова, ки тайи даҳсолаи охир анҷом дода шудааст, шоистаи зикр аст.

Мақсад аз ин гуфтаҳо тадқиқ ва баррасии номи пайғамбарони сомӣ мебошад, ки дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз онҳо ёд шудааст.

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз 25 пайғамбари мурсал, ки зикри номи онҳо дар китобҳои осмонӣ меравад, номҳои Одам, Яҳё, Яъқуб, Юсуф, Илёс, Сулаймон, Мӯсо, Аюб, Исо ва Муҳаммад истифода карда шудааст.

Тадқиқи асмои пайғамбарон заҳмати ниҳоят ҷиддиро талаб намуда, шояд зимни таҳлили чанде аз онҳо аз ҳаводиси тавлиди аслӣ ва ё маънои он берун оем. Ба он ҳама мушкилӣ нигоҳ накарда, дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва рӯйдоду ҳаводиси ривоятшудаи таърихӣ ба таҳлили маъноиву мабдаи пайдоиш ва корбасти онҳо пардохтем.

Одам - исми машҳури асотирӣ ва динӣ, нахустинсон, абулбашар, ҳазрати Одам, ҷуфти Ҳавво; инсон, башар; кас, шахс; хизматгор, навкар; халоиқ, мардум, ки Худованд дар ибтидои офариниши дунё онро аз гил офаридааст. **Одамро** бо мафҳумҳои **Абулбашар, Падари башар** низ ифода мекунанд [3, с.22].

Дар сарчашмаҳо дар мавриди маънои калимаи **Одам** андешаҳои мухталиф иброз карда шудааст. Дар фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот» як маъноияш ин аст, гандумгун буд, аз ин сабаб аз **удмат** – гандумгун маъхуз аст, яъне аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки **Одам** шакли тағйирёфтаи «**удмат**» мебошад. Дарвоқеъ, **удмат** дар сарчашмаҳо ба маънои гандумгун омадааст [2, с.20]. Дар мавриди дигар баён мешавад, ки **Одам** аз **«адим»** пайдо гардидааст. Ин таҳлилҳо дар назар далелнок намоянд ҳам, лекин дар асл воқеият дигар аст. **Одам** лафзи аҷамист, на лафзи арабӣ, аммо **адиму удмат** мансуби забони арабианд. Маълум аст, ки зимни калимасозӣ аз калимаҳои арабӣ калимаи аҷамӣ сохтан ғайриимкон аст [2, с.22].

Вожаи **Одам** мавриди истифодаи фарох дошта, анқариб дар ҳамаи забонҳо дар шакли аҷамии худ мавриди корбурд қарор дошта, дар як қатор забонҳои дигар шакл ва таркиби овозиаш иваз шудааст: русӣ **Адам**; юнонӣ **Ἀδάμ,** англисӣ-немисӣ **Adam;** ибронӣ **אָדָם, [Адам];** туркӣ **Adam** ва ғ. [14].

Иброҳим – номи нахустпайғамбар, ки баъди табаддулоти дунёӣ (табаддулоти замони Нӯҳ) ба сар бурдааст. Калимаи **Иброҳим** мавриди истифодаи ниҳоят васеъ қарор дошта, дар сарчашмаҳо ва забонҳои гуногун дар шаклҳои мухталиф: дар русӣ Авраам; ибронӣ אַבְרָהָם (Avrâhâm); юн. қадим Ἀβραάμ; лотинӣ Abraham; арабӣ Ibrāhīm//Иброҳим дар истеъмол мебошад [15].

Дар китоби муқаддаси Қуръон номи **Иброҳим** зикр ёфта, инчунин сураи 14 –уми он бо номи Иброҳим унвон гирифтааст [Ниг: 4, с.591].

Айюб – номи пурбардошттарин (собир, босабр, ботаҳаммул, пуртоқат) пайғамбар аст, ки тибқи таълимоти сарчашмаҳои динӣ Худованд ӯро ба бемории дуру дарозе имтиҳон намудааст. «… Ёд кун Айюбро чун дуо кард ба ҷаноби Парвардигори худ, ки расидааст ба ман ранҷу заҳмате...» [4, с.767].

Айюб лафзи арабист ва бо ин ном (араб. أيّوب Ayyūb) дар Қуръон чор маротиб баён шудааст: «… Ато кардем ба Айюб аҳли хонаводаашро ва монанди ҳамроҳашон, ин раҳмату фазле буд аз назди мо ва панду ибрате соҳибони хирадро» [4, с.1061]. Дар дигар забонҳо дар қолаби зерин мавриди истифода аст: забони русӣ **Иов**, иуд. **Ийов,** ибронӣ אִיּוֹב ва ба христиани **Иов** [16].

Паёмбари собир ва бандаи ботаҳаммул дар Қуръон **Айюб** унвон гирифтааст ва ба ин далел Худованд ӯро **Айюб** ном ниҳод ва тибқи ин таълимот маънои он сабр, таҳаммул, тоқат мебошад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки маънои номи **Айюб** босабр, ботаҳаммул мебошад.

Яъқуб – паёмбари мурсал, набераи Иброҳим аз фарзанди хурдии ӯ Исҳоқ. Шакли арабии номи ибронии Яъқуб Якоб аст, ки онро русҳо Яков талаффуз мекунанд.

Мувофиқи таълимоти китоби муқаддаси яҳудиён - Таврот ривояти валодати паёмбар Яъқуб баён шудааст. Аз рӯйи ривояти асари зикршуда дар оилаи паёмбар Исҳоқ дугоникҳо таваллуд меёбанд. Дар давоми қисса омадааст, ки яке аз дугоникҳо ҳангоми валодат бо дасташ аз пошнаи пойи бародараш дошта истода будааст. Аз ҳамин сабаб ӯро Яъқуб ном ниҳоданд, зеро дар ибронӣ яъқуб ба маънои «пошнаи по» маънидод шудааст.

Баъзе аз номшиносон дар таълифоташон иброз намудаанд, ки **Яъқубро** мебояд, **Йаъқуб** нависем, зеро ба калимаи арабии «ақиб» - «қафо» муқоиса намудан мумкин аст. Дар ин сурат маънои Яъқуб «аз қафо оянда», «пасоянда»-ро мефаҳмонад.

Гуфтан мумкин аст, ки дар ин маврид ба ривояти баёншуда наздикӣ намуда, далелнок мешавад. Дар ҳақиқат, Яъқуб дар муқоиса ба калимаи «ақиб» хеле наздикӣ дошта, таркиби овозиашон низ ба ҳам хеле шабоҳат доранд. Инчунин, аз қафо омадани ӯ ҳангоми таваллуд низ ба ҳаводис наздикӣ мекунад.

Мӯсо – калимаи арабӣ буда, маънояш устура (поку, теғ барои мӯйи сар тарошидан) мебошад. Номи пайғамбари маъруф аст. Калимаи Мӯсо мураккаб буда, аз ҷузъи **му** ва **со**, ки ба забони сурёнӣ аввал ба маънии тобут ва сонӣ об аст. Зеро, эшонро Фиръавн аз рӯди Нил дар тобут ёфта буд, з-ин сабаб ин исмро ба ӯ муносиб донистанд [2, с.147].

Дар дигар ривоят омадааст, ки **Мӯсоро** баъди валодат ба қуттие андохта, ба дарё сар додаанд. Баъди аз туғёни дарё берун овардан ӯро **Моше**, яъне «аз об баровардашуда» ном ниҳоданд. Аз ҷониби дигар, ин таъбир дорои нуқсонҳои ҷиддӣ мебошад, зеро мафҳуми **Моше** дар сарчашмаҳои ибронӣ шарҳ дода шудааст. Ҳол он ки паёмбари навзодро мувофиқи ҳамон ривоят яҳудиён не, балки мисриён халос кардаанд. Аз нақли қисса маълум аст, ки мисриён яҳудӣ будани кӯдакро намедонистанд ва аз ҳамин сабаб ба ӯ исми ибронӣ ҳам дода наметавонистанд.

Муҳаққиқони номшинос ва исломшиносон иброз намудаанд, ки агар ҳамин ривоят асоси воқеӣ дошта бошад, пас номи Мӯсо бояд дар заминаи забони мисрии қадим шарҳ дода шавад. Шояд номи Мӯсо [Моше] аз калимаи мисрии **мессу**, яъне «кӯдак» гирифта шуда бошад, иброз медоранд онҳо.

Бояд гуфт, ки Мӯсо дар шакли Мошияҳ миёни яҳудиёни маҳаллӣ мавриди истеъмол қарор дорад. Ин шакли калима (Мошияҳ) моро ба таҳлилҳои дигар водор мекунад. Чунки ҷузъи «яҳ» номи худои яҳудиён Яҳве буд ва ин метавонад аз он пайдо гардида бошад.

Инчунин, аз ҷониби муҳаққиқон дигар ақидаҳо бобати **Моше** ибрози назар шудаанд. Баён шудааст, ки Моше шакли мухтасари Тутмоше (Тутмос) – номи дӯстдоштаи фиръавнҳост, ки метавонад аз он пайдо шуда бошад [Ниг. 8, с.43].

Мӯсо дар дигар забонҳо вобаста ба қоидаҳои талаффузи онҳо мавриди истеъмол қарор дорад: рус. Моисей; ибр. מֹשֶׁה (Моше), араб. موسى (Мусса), юн. қадим. Μωυσής, лот. Moyses, яҳ. Мош [16].

Исо [**Isā**] низ ҳамчун антропоним дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” истифодаи васеъ дошта, дар қабати номҳои серистеъмоли он шомил аст. Дар “Фарҳанги номҳои форсӣ-тоҷикӣ” Исо исми мардона, номи асосгузори дини насронӣ (христианӣ), писари Марям; киноя аз шуои офтоб; офтоб; табибе, ки дар сари роҳ менишинад; меҳрубонӣ (лутфу марҳамат)-и Худо (аз яҳудии қадима); шутурбон, чӯпон маънӣ шудааст [7, с.124]. Инчунин, **Исо** [**Isā**] дар бештари сарчашмаҳо ва осори аҳли қалам дар шакли **Иси** [**Isi**] низ мавриди корбурд қарор дорад. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар “Девони кабир” гуфтааст:

Ман Исии он моҳам, к-аз чарх гузар кардам,
Ман Мӯсии сармастам, к-аллаҳ, дар ин жандаст [13, с.22].

Инчунин ифодаи **Масеҳ [Maseh]** низ ба **Исо [Isā]** равона шудааст, яъне, зери мафҳуми **Масеҳ** - паёмбар **Исо [Isā]** фаҳмида шуда, дар сарчашмаҳо ба таври мухталиф маънидод гардидааст. М. Ғиёсуддин дар фарҳангаш “Ғиёс-ул-луғот” **Масеҳро** ба маънои дӯст ва бисёр паймоишкунандаи замин; (ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Исо пайдо шудааст, зеро ки дӯсти Ҳақ буданд ва аз боиси таҷарруд аксар ба сайру гашт мебуданд); ва ба маънии дурӯғгӯ; ва ба маънии он, ки як чашму як абрӯ надошта бошад; ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Даҷҷол низ аст;... [10, с.260]. Аммо ҷойи дигар лақаби Даҷҷолро **Миссиҳ** [**Missih**] гуфтаанд, ки дар вазни **сиккин** (ба маънии корд), **Масеҳ** бошад, бар вазни **саҳеҳ** омадааст [Ниг: 3, с.260].

Я.Ш. Самарқандӣ дар “Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ” **Масеҳро** ҳамчун исми мардона ба маънои соҳиби тахту тоҷ (подшоҳ); касе, ки ба пешониаш равғани муқаддаси чиллик кашида шудааст; ҳидояткардаи Худо; дӯст ва сайругашткунанда; лақаби Исо, зеро он ҳазрат дӯсти Ҳақ буданд, боиси таҷарруд аксар ба сайру гашт мебаромаданд, овардааст [7, с.156]. Аз таҳлилҳо ва шарҳи донишмандони номшинос ва луғатшиносону қомусдонон бармеояд, ки **Масеҳ** аз калимаи **Масҳ [Mash]** (даст молидан, масҳ кашидан ба гардан ҳангоми таҳорат) сохта шудааст, ки он мансуби забони арабӣ мебошад. Ин гуфтаҳоро андешоти номшиноси тоҷик Я.Ш. Самарқандӣ возеҳ месозад: “**Масеҳ**... касе, ки ба пешониаш равғани муқаддас чиллик кашида шудааст” [7, с.156].

Дар сарчашмаҳо **Масеҳ** дар шаклҳои Масеҳдам (он ки нафасаш монанди Исои Масеҳ ҷонбахш аст ва чун Исо “гӯё” бо дами нафаси худ мурдаро зинда мекунад; маҷозан он кӣ суханаш батаъсир аст), Масеҳо (андуда; аз тарафи Худои таоло ҳидояткардашуда) вомехӯрад, ки ҳарду шакл лақаби Исоро ифода мекунанд [7, с.156].

Дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” муаллиф аз ин номҳо истифода намуда, ишора ба худи пайғамбарон намудааст. Маслан, ҷое ишора намудааст: “Баъд аз арзи убудият маъзур медорад, ки агарчи **Одами Сафӣ** ба ёфтани гандум аз ҷаннати аъло ва ъасо Одаму раббаҳу фағаво гирифтор шуд, бар банда аз ноёфтани гандум арсаи биҳиштойини дунё зиндони дӯзах гашта” [17, с.61]. Ҷойи дигар ишора ба Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо ва Сулаймон чунин менигорад: “Ва дуруди номаъдуд бар расуле, ки аз барои ҳаммомдории саробӯстони ҷалолаш Нӯҳ баҳри обкашӣ ва Иброҳим барои гулхантобӣ камар баста ва

Мӯсову Исо ҳаллоқӣ ва фӯтадорӣ ихтиёр намуда ва Сулаймон бар сари тахт нишаста»” [17, с.173].

Ҳамин тариқ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” номи пайғамбаронро хеле фаровон истифода намудааст. Ӯ дар пасманзари номи эшон ба адолатпешагӣ, дӯсторӣ раият будан, дар касбу кори хеш устуворӣ ҷустан, дунболи адлу инсоф гаштан ва тарғиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ишора намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ.Алимӣ. - Душанбе: Андалеб-Р, 2015. - 443 с.
2. Ғиёсуддин Муҳаммад. Мулҳақот ба “Ғиёс-ул-луғот” (Мулхакот к «Гиёс-ул-лугот»). Ҷ.1. / Муҳаммад Ғиёсуддин. - Душанбе: Адиб, 1987. – 210 с.
3. Ғиёсуддин Муҳаммад. Мулҳақот ба “Ғиёс-ул-луғот” (Мулхакот к «Гиёс-ул-лугот»). Ҷ.2. / Муҳаммад Ғиёсуддин. - Душанбе: Адиб, 1988. – 362 с.
4. Қуръони карим (тарҷумаи ва тавзеҳот ба забони тоҷикӣ). - Покистон: CEVOБ, 1458.
5. Маҳмадуллоҳ С., Қасас-ул-анбиё / С.Маҳмадуллоҳ, А.М. Абдусаттор, С.И. Аҳрор, А.Ҷалол. - Душанбе: Ориёно, 1991. - 370 с.
6. Рӯдакӣ. Девони ашъор. - Душанбе: Адиб, 207. – 402 с.
7. Самарқандӣ Я.Ш. Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ [Словарь персидско-таджикских слов-имена] / Я.Ш. Самарқандӣ. - Душанбе: Эр-Граф, 2010. - 392 с.
8. Стеблин-Каменский, М.И. Ваше имя? Рассказы об именах разных народов / И.М. Стеблин-Каменский. - М.: Армада-Пресс, 2001. – 254 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: СЭ, 1969. - Ҷ.1. - 950 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: СЭ, 1969. - Ҷ.2. - 950 с.
11. Шоев Р. Ономастикаи «Самак айёр» / Р.Шоев. - Душанбе, 1997. - 176 с.
12. Ҳофизи Шерозӣ. Ғазалиёт / Шерозӣ, Ҳофиз. – Душанбе: Адиб, 2009. – 280 с.
13. Ҷалолуддин Румӣ. Девони кабир / Румӣ Ҷалолуддин. – Душанбе: Дониш. - 558 с.
14. www.webtran.ru?af=4970370&c=.pi7.pk39191619&yclid=74173954124
15. https://www.slovarslov.ru/category/students/
16. http://www.knigiislam.ru/category/seasons/
17. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. “Бадоеъ-ул-вақоеъ” / Восифӣ, Зайниддин Маҳмуд. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. - 734 с.

КОРБАСТ ВА ТАҲЛИЛИ ЗАБОНИИ НОМИ БАЪЗЕ ПАЙҒАМБАРОН ДАР «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Дар мақола масъалаи истеъмол ва таҳлили забонии номи пайғамбарон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни таҳқиқоти дар ин самт анҷомёфта, мақоми номҳои Одам, Нӯҳ, Яҳё, Яъқуб, Юсуф, Илёс, Сулаймон, Мӯсо, Аюб, Исо ва Муҳаммадро дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ муайян ва мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар мақола муаллиф ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ, монанди Н. Абдуллоев, Р.Х. Додихудоев, О. Маҳмадҷонов, Ҷ. Алимӣ, О. Ғафуров, Н. Офаридаев, Ф. Абдулло, Ш. Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, М. Шодиев, А. Насриддиншоев, Д.Ф. Майнусов, С.Х. Қурбонмамадов, Давлатов Э., Гулмаҳмадшоев Ш., Темуров Ҷ., Давлатова Ф., ки вобаста ба масъалаи таҳлили номи ашхос ва корбурди онҳо дар заминаи маводи асарҳои ҷудогона таҳқиқот анҷом додаанд, такя намуда, мавқеи номҳои пайғамбаронро аз нигоҳи забоншиносӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ муайяну муқаррар намудааст. Инчунин, дар мақола дар баробари муайян намудани мавқеъ ва корбасти номи пайғамбарон дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ истифода ва корбасти он дар забонҳои гуногун низ нишон дада шудааст. Муаллиф дар аснои таҳқиқ аз луғату сарчашмаҳои зиёди илмӣ, ҳамчунин сарчашмаҳои электронӣ низ истифода намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки натиҷаи хуб ба даст орад.

Калидвожаҳо: таҳқиқоти забоншиносӣ, пайғамбар, корбасти мавод, маводи онимӣ, таҳлили забоншиносӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ.

ЛИНГВИСТИЧЕСКОЕ УПОТРЕБЛЕНИЕ И АНАЛИЗ ИМЕН НЕКОТОРЫХ ПРОРОКОВ В «БАДОЕЪ-УЛ-ВАКОЕЪ» ЗАЙНИДДИНА МАХМУДА ВОСИФИ

В статье рассматривается проблема употребления и лингвистического анализа имен пророков. Автор в контексте изучения различных сторон исследований в данном направлении определяет и повергает изучению имена Адам (Одам), Ной (Нӯҳ), Иоанн (Яҳё), Иаков (Яъқуб), Иосиф (Юсуф), Илья (Илёс), Соломон (Сулаймон), Моисей (Мӯсо), Иов (Аюб), (Иисус) Исо и Мухаммед (Муҳаммад) в «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Махмуда Восифи. В статье автор опирается на исследования отечественных исследователей Н. Абдуллоева, Р.Х. Додихудоева, О. Махмадджонова, Дж. Алими, О. Гафурова, Н. Офаридаева, Ф. Абдулло, Ш. Хайдарова, Ш. Исмоилова, А. Абдунабиева, М. Шодиева, А. Насриддиншоева, Д.Ф. Майнусова, С.Х. Курбонмамадова, Давлатова Э., Гулмахмадшоева Ш., Темурова Дж., Давлатовой Ф., которые провели исследования по проблеме анализа имен людей и их употребления на базе отдельных произведений, определяет и устанавливает места имен пророков, с точки зрения лингвистики в «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Махмуда Восифи. Также в статье наряду с определением места и употребления имен пророков в «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Махмуда Восифи показывается их использование и употребление в других языках. Автор в ходе исследования использует много словарей и научных источников, а также электронные ресурсы, стремится достичь хороших результатов.

Ключевые слова: лингвистическое исследование, пророк, употребление материала, онимический материал, лингвистический анализ, Зайниддин Махмуд Восифи.

LINGUISTIC CONSUMPTION AND ANALYSIS OF THE NAMES OF SOME PROPHETS IN "BADOE'-UL-VAKOE'" ZAYNIDDIN MAHMUDI WOSFI

The article discusses the problem of use and linguistic analysis of the names of the prophets. In the context of studying various aspects of research in this direction, the author defines and throws the names of Adam (Odam), Noah (Нӯҳ), John (Яҳё), Jacob (Yakub), Joseph (Yusuf), Ilya (Iles), Sylaimon (Sulaimon), Moses (Мӯso), Job (Ayub), (Jesus) Iso and Muhammad in "Badoe-ul-vakoe'" by Zayniddin Mahmoud Vosifi. In the article, the author relies on the research of domestic researchers N. Abdulloev, R.Kh. Dodikhudoev, O. Makhmaddzhonov, J. Alimi, O. Gafurov, N. Ofaridaev, F. Abdullo, Sh. Khaidarov, Sh. Ismoilov, A. Abdunabiev, M. Shodiev, A. Nasriddinshoev, D.F. Mainusov, S.Kh. Kurbonmamadov, Davlatov E., Gulmakhmadshoev Sh., Temurov J., Davlatov F. who conducted research on the problem of analyzing people's names and their use on the basis of individual works, identifies and establishes the names of the prophets from the point of view of linguistics in "Badoe'-ul-vakoe'" Zayniddin Mahmud Vosifi. Also in the article, along with the determination of the place and use of the names of the prophets in "Badoe'-ul-vakoe'" by Zayniddin Mahmud Vosifi, their use and use in other languages are shown. During the study, the author uses many dictionaries and scientific sources, as well as electronic resources, striving to achieve good results.

Key words: linguistic research, prophet, use of material, onymic material, linguistic analysis, Zayniddin Mahmud Vosifi

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Носирова Оламбӣ*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвончӯйи кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими он. Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. Тел.: **(+992) 985-15-11-77**

Сведения об авторе: ***Носирова Оламби*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, соискатель кафедры таджикского языка и методики его преподавания. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С. Сафаров 16. Тел.: **(+992) 985-15-11-77**

Information about the author: ***Nosirova Olambi*** - Kulob State University named after A.Rudaki, applicant for the Department of Tajik Language and its teaching methods. **Address**: 734065, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov Str., 16. Тел.: **(+992) 985-15-11-77**

УДК: 491.436.1

ИФОДАЁБИИ КОНСЕПТОСФЕРАИ "МАРД ЧУН ИНСОН" ДАР "ДЕВОНИ ЛУҒАТИ-Т-ТУРК"-И МАҲМУД ҚОШҒАРӢ

Байназаров З.М.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд

Дар лингвистикаи ҷаҳонӣ масоили мухталифи забони ниёгон, омӯзишу муносибати мураккаби тафаккур ва фарҳанг аз нуқтаи назари консепсияи олами рангини лисонӣ, таҳқиқ намудани забонҳои бозмондаи таърихӣ ва лисонӣ, дар матнҳои классикӣ муайян намудани хоссаҳои лингвомаданӣ ва лингвокогнитивии воҳидҳои забонӣ ҳангоми таҳқиқ барои тайъин кардани механизмҳои падидоварии мотивҳои муайян кумак мекунад. Ин ҷиҳат барои таҳқиқу баррасии вижагиҳои консептҳои миллӣ-менталии дар замири матнҳои қадима маҳфузбуда, манзараҳои гуногуни олами лисонии даврaҳои таърихии забон ва дар меҳвари сегонаи лексема-калима-консепт рӯй додани дигаргуншавии маъноӣ муҳим аст.

Солҳои истиқлолият дар забоншиносии ӯзбекӣ, аз як тараф, барои баррасӣ намудани забони ёдгориҳои лингвоқомусӣ аз қабили "Девони луғати-т-турк", имконияти фарох падид омада бошад, аз тарафи дигар, дар таҳқиқу омӯзиши вижагиҳои хосси маводи миллӣ-менталии забони ӯзбекӣ ба сифати мероси маънавӣ-лисонӣ натиҷаҳои дилхоҳ дода истодааст. Дар ҳолати тавъам истифода бурдани ин ду ҷанба таркиби консептҳои дар мақолаҳои «Девони луғати-т-турк» ҷойгирифта дар контексти забонҳои туркии асри XI муайян карда мешавад ва ба тарзи қиёсӣ консептҳои миллии забони муосири ӯзбекӣ низ таҳқиқ карда мешавад, муҳимтар он аст, ки дар ҳамин замина тавассути ин консептҳо имконияти ташхис кардани манзараи олами лисонӣ падид оварда мешавад. Чунки кушода додани хусусияти лисонӣ, лингвокогнитивӣ, лингвомадании консептҳои "Девони луғати-т-турк» барои нишон додан ва таҳқиқ намудани тағйирёбии сохторӣ, лексикӣ, семантикии воҳидҳои забонӣ тайи ҳазор соли таърихи ташаккули он, масъалаи тағйироти консептосфераи миллӣ-менталии таърихи забон, инчунин барои амиқтар таҳқиқ намудани онҳо имкон медиҳад. Зеро "дар чорраҳаи маданият ва тамаддуни қадим дар асрҳои миёна ҳазорҳо олиму уламо, шоирону мутафаккирон, авлиёҳо эҷод кардаанд. Мероси онҳо, ки дар соҳаи фанҳои дақиқ ва илми фиқҳ боқӣ мондааст, давлати бебаҳои тамоми инсоният ба маҳсуб меёбад" [1]. Ин мероси бебаҳо, махсусан, ба мисли «Девони луғати-т-турк» хазинаи бебаҳои забонамон ба ҳисоб рафта, дар илми забоншиносӣ зарурати омӯзиши онро ба вуҷуд меорад.

Мусаллам аст, ки «Девони луғати-т-турк» ҳамчун манбаи луғати нодири асри XI бо фарогирии ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, маданӣ-маърифатӣ ва хоҷагии халқи ин давр, дониста мешавад. Дар китоби «Девони луғати-т-турк» консептҳои фарогири маънои инсон, аз қабили: мард, шавҳар, зан, кӯдак, хона, оила, хешу табор, ҳолатҳои ба худ хосси хислати инсонӣ, вазъи иҷтимоиву равонӣ, психофизиологӣ ва воҳидҳои забоние, ки онҳоро ифода менамояд, дар компонентҳо консептосфераи худро ташкил менамоянд. Аз ин рӯ, консептосфераи "инсон" ба сифати ягонагии дониш дар ҳамаи забон ва фарҳангҳо ҳодисаи универсалӣ дониста мешавад, ки дар айни замон идрок намудани он, ба вуқӯъ омадани вижагиҳои муайяни лисонӣ ва аҳаммияти таснифи мавҷудият дар ҳар як забони миллӣ бо нишондоди ба худ хос фарқ мекунад [8, с.11]. Оид ба консептосфераи "инсон" дар «Девони луғати-т-турк» низ чунин мулоҳиза баён намудан мумкин аст, яъне ба қавли Ю.Н. Караулов: "ҳангоми тасаввур намудани манзараҳои олам имконияти дар усули эксплисит эзоҳ намудани онҳо ғайриимкон бошад, аммо бо воситаи луғат аз сохтори ифодаёбии онҳо истифода намудан мумкин аст" [9, с.261]. Ҷоиз аст, ки дар ҳамин маврид баъзе мулоҳизаҳоямонро доир ба талқини мафҳуми мазкур иброз дошта бошем. Консептосфера ҷамъи консептҳои вобаста ба қабул намудан ва дарк кардани соҳиби забон (индивид, сотсиум ё ин ки ҷамоаи забон) буда, вай ба сифати системаи махсус вуҷуд дорад [8, с.11]. Д.С. Лихачёв дар асари "Консептосфераи забони русӣ" истилоҳи консептосфераро ба илм ворид намуда, доир ба мазмуни истилоҳи мазкур чунин таъриф додааст: "Дар бойгонии луғати шахси алоҳида интихобшуда ва умуман ҷамъи салоҳияти лисонӣ, ки дар забон намудор мегардад, консептосфера номидан мумкин аст" [9, с.261].

Консептҳои мард чун шахс дар "Девон" аз маъноҳои оид ба мавзӯъҳои гуногун ташкилёфтаи майдони консептуалӣ, ҳамон воҳидҳои забонии дар сатҳи лексикӣ ва фразеологӣ воқеъёфта шакл мегирад. Инро дар ҷадвали зерин дида баромаданамон мумкин аст:

Консептосфераи «*инсон, мард,* ***шахс***»			
Гурӯҳи мавзӯӣ	Тавсифи гурӯҳи мавзӯӣ	Рӯйихати консептҳо дар "Devonu lug'ati-t-turk"*	
		консепт, манбаъ	эзоҳ
Мафҳумҳои машиӣ	Uy (хона)-ҷойи зист, хоҷагӣ, анҷомҳо, хӯрокворӣ, ид, меҳмондорӣ дамгирӣ,	*ew barq* (ev barq) (DLT, 141) *qonat* (qo'nat) (DLT, 144) *a:š* (a:sh) (DLT, 53) *ašlïq* (ashliq) (DLT, 58) *ebmäk* (ebmak) (DLT, 53) *qonuqluq* (qo'nuqluq)) *qonuqluqev* (DLT,199)	Хона ва ҳавлӣ, хонаву ҷой Гурӯҳи касоне, ки бо ҳамдигар дар наздикӣ зиндагӣ менамоянд. Нон, яғмо, калимаҳои тухсӣ, қипчоқӣ ва баъзеашон ӯғузӣ мебошанд. Ошхона Нон, яғмо, калимаи тухсӣ, қипчоқӣ ва баъзе ӯғузӣ мебошанд хонаи зиёфат, меҳмонхона.
Робитаҳои хешутаборӣ	Никоҳ, фарзанд, хешутабор, авлод.	*aba* (aba) (DLT, 48) *ana* (ana) (DLT,50) *ebä* (eba) (DLT, 47) *baldïz* (baldiz) (DLT, 182) *beg* (bek) (DLT, 376) *eriŋän*(eringan) (DLT, 59) ešlär (eshlar)(DLT,60) *boš* (bo'sh) (DLT, 365)	Ota (падар), (дар забони тупутҳо). Ona (модар) Ona (o'g'uzcha). хоҳари зан шавҳари зан Бӯйдоқ, eriŋän er – каси муҷаррад. Зан; asli ešilär (хонумон) мебошад. Ҷудошуда, аз шавҳар баромада,
Тавсифи психологӣ, психофизиологӣ,ҷисмонии инсон	Тан, саломатӣ, қобилият, юмор, самимият.	*alp* (alp) (DLT, 376) *aqï* (aqi) (DLT, 49) *bağïrsaq*(bag'irsaq) *bağïrsaq kiši* (DLT, 198)	ҷасур, далер, қаҳрамон. сахӣ, дасткушод, хушмуомила, каси форам бовариноқ, шахси

*DLT-"Devonu lug'ati-t-turk" asari,misollar shu manbadan olingan (7).

		ïnänč (inanch) *ïnänč beg* (DLT, 67) *türkyigit* 143 *alpağut* (alpag‘ut) (DLT, 72)	боваринок ҷавони миёнсол гуштингири мағлубнашаванда, ҷасур, баҳодур, паҳлавон
Эҳсосот	шоду хурсандӣ, муҳаббат, ғаму андӯҳ, тарс, ғазаб, нафрат.	*uwut* (uvut) (DLT, 34), *amraq* (amraq)*amraqköŋül* (DLT, 53), *isiglik* (isiglik)(DLT, 75), *yarp* (yarp) (DLT, 325), *qaturğan*(qatirg‘an) bu er-ol öküš qaturğan(DLT,203) *saqïnč*(sag‘inch) (DLT,450) *külünč/külinč* (kulunch/kulinch) (DLT, 450)	Шарм доштан, ҳаё. Бо ишқи соф қалби гармшуда. Ишқу муҳаббат. Чеҳраи шахси дӯстдошта кушод мегардад Ин шахсе, ки бисёр механдад, шахси хурсанд. Ғаму андӯҳ Ханда.
Мафҳумҳои моддӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, маданӣ	Нозу неъматҳои моддӣ, меҳнат, дониш, дӯстӣ, мардӣ, этика, эстетика, забони модарӣ, эътиқод, инсонпарварӣ.	*činčü* (chinchu) (DLT,167) *kömčü* (ko‘mchu) (DLT,167) *bilgä* (bilga) (DLT,171) *sekü* (seku) (DLT,403) *barlïğ* (barlig‘) (DLT,473)	Марворид, дур (дар ӯғузиву қипчоқӣ). Хазина. Чизҳои ҷамъкардашуда ва молу давлат. Оқил, боақл. Дӯкон, устохона. Шахси давлатманд.
категорияҳои замон ва макон	Ҷавонӣ, таваллуд ёфтан, марг, гузашта, оянда;	*a:q* (a:q)*a:q saqal er*(DLT, 45), *qïrğïl* (qirg‘il) *qïrğïler*(DLT, 191), *yašlïğ* (yashlig‘) (DLT, 338), *qušluq*(qushluq) (DLT,188)	Мӯйсафед, шахси ришаш сафедгашта (ӯғузча). Ҷавони миёнсол. Ҷавон, солор, пир Вақти пас аз рӯз баромада (ӯғузча).

Барои амалӣ гардонидани таҳлили компонентии тавсифи луғавии ифодакунандаи структураи консептосфераи воҳидҳои забонии **эр** (мард) ва **киши** (шахс, кас) ба компоненти мазкури консептосфера (фаҳмиш, прототип, сенария, фрейм) бояд эътибор дод [3, с.21-26], зеро инъикос намудани воқеъият вазифаи асосии забон набояд бошад, ин гуна вазифаро дар мавриди аввал маҷмӯи тафаккуре ба мисли фрейм иҷро хоҳад кард. Аммо сохтори менталии дар тафаккур бавуҷудомадаи фавқуззикр дар структураи забон дорои ифодаи хосси худ аст. Бо баробари ҳамин, шаклгирии фаҳмиш ва консепт ва ранги воқеӣ гирифтани онҳо дар ҳолати ҳамоҳанг амалӣ мегардад ва ин ҷараён дар шакли ба худ қабул кардани “либос”-и моддиёти лисонӣ ба поён мерасад. Дар ҳолате ки дар тафаккури инсон сохтори менталӣ аз ҳуқуқи гирифтани унвони лисонӣ маҳрум аст, ягон воҳиди забоние қудрати ифодакунии ягон фаҳмиш ва ё консептро надорад ва он воҳид худ вуҷуд надорад. Сохтори номгузории лисонӣ ва сохтори структураи менталӣ аз хусусияти изоморфикии пурра (айнан такрор намудани ҳамдигар, якрангӣ) бегонаанд [2, с.35-36]. Аз ҷиҳати дигар, элементҳои грамматикии таркиби сохтори нутқ барои ифодаи мазмунҳои консептуали (фикр, ғоя, фаҳмиш ва ҳоказоҳо)-е, ки тавассути воҳидҳои луғавӣ ифода мешаванд, хоссаҳои такявии консептуалӣ хоҳанд буд.

Умуман, матнҳои хаттӣ, луғатҳо, асарҳои қомусӣ дар асл сохтори консептуалӣ буда, манбаъҳоеанд, ки консептосфераи забони миллиро ба худ муҷассам намудаанд. Дар ҳамин радиф, ин унсурҳо воҳидҳои забонии сохтори семиотикиро дар фони алоқамандии консептуалии онҳо акс менамоянд [10]. Аз ин лиҳоз, дар асари “Девони луғати-т-турк”-и Маҳмуди Қошғарӣ барои таҳлили консептҳо фикрҳои ҷолиб ва барои баррасӣ намудани усулҳои тафтишӣ мулоҳизаҳои ҷолиби диққат оварда шудаанд, ки ин ҳама барои ҳалли муаммоҳои ёдгории қадимаи забонҳои миллӣ кумак мерасонад.

Дар ҳолати баён намудани мазмуни консепти кас (киши) ва мард (эр)-е, ки дар луғати “Девони луғати-т-турк” зимни истилоҳи “инсон” фаҳмида мешавад ва бо баробари ин, маънои консептуалии истилоҳоти мазкур дар забони ҳамон давр ба майдон меояд:

1. ***Ačïğlïğer*** (achig‘lig‘er)–айшнок, касе, ки ба айш дода шудааст. (DLT, 73). Дар манбаъ ин вожа ба тарзи консепти шахси одамро ифодакунанда намоён мешавад.

Калимаи ачїğ (aysh-ishrat)-и забони туркии қадима ва бандаки сифатсози -лїğ дар якҷоягӣ ба маънои “маишатдор, шахси ба айш додашуда” оварда шудааст.

2. ***Ağduq*** (ag‘duq) ağduq kiši – шахси ношинос (DLT, 53). Консепти ягон шахси маълуме, ки аз ҷониби шахси дувум ва сеюм шинохта ва фаҳмида нашудааст. Таркиби “ağduq”-и архаистӣ дар ҳоли ҳозир дар шакли сифат мавриди истифода буда, дар ҳамин шакл омадани консепти маънои “ношинос, нофаҳмо”-ро ба миён меоварад.

3. ***Ağïrlïğ*** (ag‘irlig‘) ağïrlïğ мард – сазовори ҳурмат будан дар байни одамон, шахси лоиқи дӯстдорӣ (DLT, 73). Мақоми иҷтимоии инсон ва муносибати дигаронро нисбати он мефаҳмонад. Калимаи “ağïr (hurmat) бо бандаки сифатсози -лїğ дар якҷоягӣ омада, ба вазъияти муайянкунандаи сифат консепти “сазовори ҳурмат ва шахси лоиқи дӯстдорӣ”-ро ҳосил мекунад. Ба сифати консепти “ҳурмат” истифода гардидани калимаи “ağïr” дар замони ҳозира аз истифода баромадааст. Аммо дар нутқи шифоҳӣ калимаи русии “имеет вес”-и маънои болоиро дар услуби вулгарӣ ифода намуданаш мумкин аст: *“дар маҳалла вазни фалонча ҳаст”.*

4. ***Ala*** **(ala)** – ало; сафед; одаме, ки дар танааш сафедӣ дорад. Ба сифати консепти ифодакунанда хусусияти шахсӣ ва ҷисмонии инсон намудор мегардад (DLT,49). Ин калима дар гузашта ва дар замони ҳозира ҳам нисбати ҳайвонот корбаст мегардад (аспи ало, гови ало); Аммо дар асри Х ин консепт нисбати инсон кор бурда шудааст. Дар асл набудани нишона низ нишона аст.

5. ***Ala*** **(alo)** – пес, инсони вуҷудаш ало, сирataш нопок (DLT, 46). (Ба эзоҳи болоӣ мутааллиқ аст). Ранги манфии консепти ало ба маънои “инсон” тааллуқ дорад.

6. ***lïnlïğ*** **(alinlig‘),** марди alïnlïğ – пешонааш васеъ, шахси батолеъ, бахосият (DLT, 73). Ба сифати консепти ифодакунандаи хусусияти шахсӣ ва ҷисмонии инсон намоён мешавад. Alïn – дар забони туркии қадима ва ба гурӯҳи забони ҳозираи ӯғузии туркӣ мансуб буда, маънои “пешона”-ро ифода мекунад ва дар асоси он семантикаи калимаи туркии *al, ald* (“передная част”) шакл гирифтааст. Муайянкунандаи дар шакли “alïn+lïğ” сохташуда ҳодисаи метафорикӣ набуда, ба маънои кӯчида наомадааст, балки мазмуни консептро ба сифати метафораи “одами дорои пешонаи васеъ” ва “одами хушбахту баландиқбол”-ро ифода мекунад.

7. ***Alp*** **(*alp*)**–alp, баҳодур, қаҳрамон, ҷасур. Дар мақоли халқӣ чунин омадааст: *Alp yağïda, alčaq čoğïda*. Маънояш: “Баҳодур дар муборизаи душман, созиш кардан дар кор санҷида мешавад” (DLT, 31). Дар луғати онлайни “Луғати ҷории туркӣ”-и Дил Қурум маънои “ҷавони қаҳрамон”-ро ифода менамояд. Сифат будани ин калима ва ҳамчунин дар замони имрӯза дар қолаби исми хос номи шахсро ифода намудани он дида мешавад [4]. Дар компоненти аввали қаҳрамон эпоси халқҳои ӯзбек ва қазоқ-Алпомиш ҳам консепти мазкур ба назар мерасад.

8. ***Alpağut (alpag‘ut)*** – ҷангчии мағлубнопазир, ҷасур, паҳлавон (DLT, 72). Консепте, ки хусусияти шахсӣ ва ҷисмонии шахсро ифода мекунад. Қошғарӣ дар хусуси сохти морфологии ин калима чизе нагуфта бошад ҳам, исми сохта будани он маълум аст, яъне аз решаи “*alp”* сохта шудааст.

9. ***Aluq*** **(aluq)** – ҷоҳилӣ. Aluqer – шахси ҷоҳил (ӯғузӣ) (DLT, 40). Сифате, ки аз феъли “al” сохта шудааст. Муайянкунандае, ки дар қолаби “муайянкунанда+муайяншаванда” ба сифати консепти хусусияти шахсӣ ва ҷисмонии инсон (шахси ҷоҳил) намоён мешавад. Дар забони ҳозираи туркӣ бо ин калима вожаи “alingan” (kindor) аз ҷиҳати семантикӣ мазмунан ҳамоҳанг аст.

10. ***<u>Anğa</u>*** **(ang‘a)**, марди anğa – нисбати шахси беқадр, партов ва оид ба ҳар гуна беқадрӣ “anğa” истифода мешавад (DLT, 64). Консепте, ки хусусияти шахсӣ ва ҷисмонии одам ва ҳамчунин мақоми ӯро ифода менамояд. Дар замони ҳозира семантикаи консепти мазкурро бо калимаи “andi” ифода намудан мувофиқи мақсад аст ва ин нишонаи он аст, ки дар забони қадимаи туркӣ ҷузъи “an” тамоми шаклҳои “беқадрӣ ва партов”-ро ифода мекардааст.

11. ***Aqï (ақи)*** – *сахӣ, дасткушод* (DLT, 49). Консепти ифодакунандаи мақом ва хусусияти шахсии инсон. Баъдтар ин калима ҳамчун калимаҳои иқтибосӣ бо вожаи “шахсӣ” иваз шудааст.

12. ***Arqa*** **(арқа)** – каси дар вақти мушкилӣ ёридиҳанда; қувваи дар қафобуда; каси ба воситаи фиреб ва чора ёридиҳанда (DLT, 64). Имрӯз ҳам калимаи қафо (орқа) маҳз ба ҳамин маъно мавриди истифода қарор дорад. Дар давраи қадим низ ба маънои кӯчида истифода шудани онро нишон медиҳад. Консепти қафо (орқа) бе шарҳу эзоҳ ҳам ҳамин маъноро ифода менамояд.

13. ***Arquq*** **(arquq),** arquq kiši – одами гапнодаро, худсар, инҷиқ (DLT, 64). Консепти ифодакунии хусусияти шахсии инсон. Дар ин консепт ҳам таъсири маънои калимаи қафо

(орқа) ва сохта шудани он ба воситаи бандаки -уқ мушоҳида карда мешавад. Дар ҳолати муайяншаванда омадани консепти Arquq (сифат) маънои “одами гапнодаро, худсар, инҷиқ”-ро ба миён меорад. Дар маънои консептуалӣ ифодаёбии ибораи “орқалиқ одам” дар забони адабии ҳозираи ӯзбек ва мустилиҳотулурфии мардум низ нишонаҳои ҳамин маъно ба назар мерасад**.**

14. **Aruq (aruq)** aruq er (замин) – лоғар, каси хасташуда ва монанди ҳаминҳо (DLT, 39). Консепти ифодакунии хусусияти шахсӣ ва ҷисмонии инсон. Тавре дар луғати онлайни “Луғати ҷории туркӣ”-и Турк Дил Қурум нишон дода шудааст, ин калима дар забони қадимаи турк *arı* (сифат: тоза, соф, аз ғелу ғаш холӣ) бо роҳи иловаи пасванди – *(u)q* тавассути реша сохта мешавад [4] ва маънои “oriq (лоғар)”-ро падид овардааст. Аз ҳамин мавқеъ маънои ”charchagan (хасташуда)” шояд сипас бо воситаи кӯчидани маъно ба вуҷуд омада бошад.

***15. Asurğan* (asurg‘an)** – аксакунанда, акса кардан//сулфа кардан (DLT, 76). Вобаста ба ҳолати ҷисмонӣ муайянкунандаи ҳолат+муайяншаванда дар қолаби беибора. Маънои ин калимаи архаистӣ ҳозир бо консепти “одами аксакунанда” ифода меёбад.

***16. Asurtğuq* (asurtg‘uq)** asurtğuq **er**-боақл, шахси зирак (DLT, 475). Консепти ибораи дар шакли муайянкунанда+муайяншаванда ифодаёфта аз мулоқот баромада бошад ҳам, ҳозир бо консептҳои “боақл, зирак” баён карда мешавад ва сифати ақлии инсонро ифода менамояд.

17. ***Atïm* (atim)** atïmer – тир, дар парронданн одами усто, мерган (DLT, 43). Ин консепт дар қолаби ибораи муайянкунанда+муайяншаванда хусусияти ҷисмонии инсонро ифода менамояд. Компоненти *at* (ot) реша ва бо ёрии ванди *-im,* ки аз феъл исм месозад, шакл гирифтааст, таъсири семаи компоненти решаи *at* (ot) нигоҳ дошта шудааст. Калимаи архаистӣ буда, ҳоло бо консепти “мерган” ифода меёбад.

18. ***Axsaq*** **(axsaq)** – ланг, чӯлоқ (DLT, 60). Дар қолаби муайянкунанда+муайяншавандаи беибора маънои “одами ҷисмонан нуқсондор”-ро ифода менамояд, ин консепт ҳозир ҳам фаъол истифода мешавад.

***19. Axsuŋer* (axsunger)** – каси дар мастӣ ошӯбу шӯрангез, ҷангара. Ин калима ба тариқи “axsum” низ истифода мешавад (DLT, 59). Консепти ҳолати рӯҳии инсонро ифодакунанда. Дар айни вақт куҳна шудааст ва ҷойи ӯро “масти ҷанҷолкаш”, ки дар қолаби ибораи муайянкунанда+муайяншаванда ифода меёбад, ишғол намудааст.

***20. Aybaŋ* (aybang)** –кал, aybaŋ er – шахси кал (chigilcha) (DLT, 59). Дар қолаби ибораи муайянкунанда+муайяншаванда ифода ёфтааст ва шакли ҳозираи консепти мазкур, ки хусусияти ҷисмонии инсонро ифода мекунад “кал” мебошад. (Дар баъзе забонҳои туркии ҳамсоя (қирғизӣ ва қазоқӣ) калимаи туркии *toz* ҳам истифода мешавад).

***21. Aδïğ* (adig‘)** – каси аз мастӣ ба ҳушёрӣ омада; esrüg aδïğ – маст ва ҳушёр (DLT, 39). Консепти ифодаёбии хусусияти ҷисмонӣ ва рӯҳии инсон. Тавре дар луғати онлайни “Луғати ҷории туркӣ”-и Турк Дил Қурум нишон дода шудааст, ки ин калима дар забони ҳозираи турк дар шакли *ayık* ба маънои мазкур истифода бурда мешавад: *Şimdi konuşacağımız konuyu ayık kafayla konuşmak daha doğru* olur[4] – *Мавзӯе, ки ҳозир гуфтугӯ карда истодаем, бо сари ҳушёр гуфтугӯ кунем дуруст мешавад*. Ин консепт дар забони ӯзбекӣ бо калимаи ҳушёр ифода меёбад.

Чуноне ки аз шарҳу эзоҳоти боло маълум мегардад, консептосфераи “инсон” дар “Девон” яке аз бузургтарин системаи консептҳои маданӣ барои кушодани роҳ ба таҳқиқу баррасии манзараҳои олами лисонӣ муҳим аст. Дар асар мафҳуми “инсон” ба воситаи лексемаи мард, кас дар ҳар як ҳолат бо маънои сигнификативӣ-лексикӣ ва семаҳои конотатив зимни таъсир ва ҳамроҳшавии сифатшавӣ (муайянкунанда) ба маъноҳои гуногун намудор мегардад.

Дар тамаддуни бостонии туркӣ мард мавқеи устувори нисбӣ дорад, аммо дар баробари ҳамин, зан низ дар корҳои ҷомеа ва давлатӣ мақоми ба худ хос дошт. Дар назм ва осори классикӣ консепти “зан” (зан, духтар ва ӯрағут) дар забон ва тафаккур ҳамчун рамзи зебоӣ талқин карда шудааст.

Ҳамин тариқ, дар мақолаҳои луғавии “Девони луғати-т турк” консептосфера ва **ОЛМ-**ҳое, ки тавассути он ифода ёфтаанд, системаи мушаххасу яклухтанд. Тамоми консептҳо, аз ҷумла консепти “инсон”, ки дар мақолаи мо мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифт, қисмати таркибии муҳимму ҷудонашавандаи ҳамин система (сохтор) аст, зеро ин сохтор аз ҳамин унсурҳо таркиб меёбанд ва бидуни ин ҷузъҳо мавҷуд буда ҳам наметавонанд. Аммо қисматҳои таркибӣ маҷмӯи объектҳои тасоддуфӣ ҳам нестанд. Онҳо арихсемаҳоеанд, ки андаруни ҳамин система қарор доранд, зимни консепти асосӣ ифода шудаанд ва ё ба воситаи семаҳо бо сохтору системаи яклухт интегратсия гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мурочиатномаи Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Олий Мажлис // “Халқ сӯзи”, 2018 йил, 23 декабрь.
2. Сафаров Ш. Когнитив тилшунослик / Ш.Сафаров. – Жиззах: Сангзор, 2006. - 92 б.
3. Маматов А.Э. Тилга когнитив ёндашувнинг моҳияти нимада? / А.Э. Маматов // Ӯзбек тилшунослигининг долзарб муаммолари (проф. А. Нурмонов таваллудининг 70 йиллигига бағишланган илмий-амалий анжуман материаллари). - Андижон, 2012.
4. T.C.Atatürk Kültür, Dil ve Tarih Yüksek Kurumu. Güncel Türkçe Sözlük >http:// tdk .gov. tr/index.php?option=com_gts&arama=gts&guid=TDK.GTS.5cb5e5e86f2322.73719378 (January, 2018).
5. Turan, Osman. Türk Cihan hakimiyeti mefküresi,-141 б. https:// www. academia. edu/32838098/t%c3%9crk_c%c4%b0han_hak%c4%b0m%c4%b0yet%c4%b0_mefkures%c4%b0_tar%c4%b0h%c4%b0-osman_turan (04.05.2019).
6. Маҳмудов Н. Тил тилсими тадқиқи / Н. Маҳмудов. – Тошкент: Мумтоз сӯз, 2017. - 178 б.
7. Маҳмуд Кошғарий. Туркий сӯзлар девони (Девони луғати-т-турк) / Кошғарий, Маҳмуд; нашрга тайёрловчи: Қосимжон Содиқов. - Т.: Ғ.Ғулом НМИУ, 2017. - 488 б.
8. Кдырбаева Г.К. «Man» - «адам» концептосфераси бирликларининг лингвомаданий ва лингвокогнитив хусусиятлари (инглиз ва қорақалпоқ тиллари мисолида): филология фанлари бӯйича фалсафа доктори (PhD) дисс.... автореф / Г.К. Кдырбаева. – Тошкент, 2017.
9. Караулов Ю.Н. Русский язык и языковая личность / Ю.Н. Караулов. – Москва: Наука, 1987.
10. Климович О.В. Концептосфера языковой картины мира в современной лингвистике / О.В. Климович // Электронный научный журнал. Международный студенческий научный вестник. ISSN 2409-529X>https://www.eduherald.ru/ru/article/view?id=12757(December, 2018)

ИФОДАЁБИИ КОНСЕПТОСФЕРАИ “МАРД ЧУН ИНСОН” ДАР “ДЕВОНИ ЛУҒАТИ-Т-ТУРК”-И МАҲМУД ҚОШҒАРӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи омӯзиши забонии яке аз луғатҳои ба забони туркии қадима мураттабёфтаи “Девони луғати-т-турк”-и Маҳмуд Қошғарӣ бахшида шудааст. Солҳои истиқлолият дар забоншиносии ӯзбек, аз як тараф, барои баррасӣ намудани забони обидаҳои лингвоқомусӣ аз қабили “Девони луғати-т-турк”, имконияти фарох падид омада бошад, аз тарафи дигар, таҳқиқу омӯзиши хусусиятҳои хосси маводи миллӣ-менталии забони ӯзбекӣ ба сифати мероси маънавӣ-лисонӣ натиҷаҳои дилхоҳ дода истодааст. Дар ҳолати тавъам истифода бурдани ин ду ҷанба таркиби консептҳои дар мақолаҳои «Девони луғати-т-турк» ҷойгирифта дар контексти забонҳои туркии асри XI муайян карда мешавад ва ба тарзи қиёсӣ консептҳои миллии забони муосири ӯзбек низ таҳқиқ карда мешавад, муҳимтар он аст, ки дар ҳамин замина тавассути ин консептҳо имконияти ташхис намудани манзараи олами лисонӣ падид меояд. Чунки кушода додани хусусияти лисонӣ, лингвокогнитивӣ, лингвомадании консептҳои “Девони луғати-т-турк» барои нишон додан ва таҳқиқ намудани тағйирёбии сохторӣ, лексикӣ, семантикии воҳидҳои забонӣ тайи ҳазор соли таърихи ташаккули он, масъалаи тағйироти консептосфераи миллӣ-менталии таърихи забон, инчунин барои амиқтар таҳқиқ намудани онҳо имкон медиҳад. Дар чорраҳаи маданият ва тамаддуни қадим дар асрҳои миёна ҳазорҳо олиму уламо, шоирону мутафаккирон, авлиёҳо эҷод кардаанд. Мероси онҳо, ки дар соҳаи фанҳои дақиқ ва илми фиқҳ боқӣ мондааст, давлати бебаҳои тамоми инсоният ба маҳсуб меёбад. Ин мероси бебаҳо, махсусан, ба мисли «Девони луғати-т-турк» хазинаи бебаҳои забонамон ба ҳисоб рафта, дар илми забоншиносӣ зарурати омӯзиши онро ба вуҷуд меорад.

Калидвожаҳо: забон, фикр, фарҳанг, лингвистика, забонӣ, консепсия, мафҳум, консептосфера, нафар, шавҳар, мард, оила, хона, фарзандҳо, шавҳар, иҷтимоӣ, иқтисодӣ.

КОНЦЕПТОСФЕРА «ЧЕЛОВЕКА» (МУЖЧИНА, ОСОБА) В «СЛОВАРЕ ТЮРКСКИХ ДИАЛЕКТОВ» («ДИВАН ЛУГАТ АТ-ТУРК») МАХМУДА КАШГАРИ

Статья посвящена изучению языка древнетюркского памятника «Словарь тюркских диалектов» («Диван лугат ат-турк») Махмуда Кашгарского в лингвокультурологическом и лингвокогнитивном планах. Особое внимание уделено понятию «человек» (мужчина, особа), его когнитивным и лингвокультурологическим особенностям, а также отражению национально-ментальных особенностей в историческом тексте, характерные черты понятий, которые лежат в мотивированных словах. Утверждается, что понятие «человек» как единица познания является универсальным явлением для всех языков и культур, но в то же время его восприятие, его особая лингвистическая характеристика и категоризация существуют в каждом национальном языке в особой форме и соответствующих концептах. В статье также анализируется понятие человека как на лексическом и фразеологическом уровнях различных тематических групп в таких компонентах, как *мужчина, муж, женщина, ребенок, дом, семья, родство, человеческий характер,* их социально-психологические, психофизиологические единицы, формирование их концептуальной среды. Исторические изменения в этих древних концептах и их составляющих были изучены на примере тюркски (узбекском и турецком) языках и проиллюстрированы примерами, приведенными в «Диван лугат ат-турк».

Ключевые слова: язык, мышление, культура, лингвокогнитивная и лингвокультурная лингвистика, языковая картина мира, концепция, понятие, концептосфера, человек, муж, мужчина, семья, дом, дитя.

THE CONCEPTS “MAN” A (MAN, PERSON) IN THE “DICTIONARY OF TURKIC DIALECTS” (“SOFA MEADOW AT-TURK”) BY MAHMUD KASHGARI

The article is devoted to the study of the language of the ancient Turkic monument - “Dictionary of Turkic dialects” (“Divanu lugat at-Turk”) of Mahmud of Kashgary in linguistic-cultural and linguistic-cognitive plans. Particular attention is paid to the concept of “man” (man, person), his cognitive and linguocultural characteristics, as well as the reflection of national-mental features in the historical text, the characteristic features of the concepts that lie in motivated words. It is argued that the concept of “man” as a unit of knowledge is a universal phenomenon for all languages and cultures, but at the same time, its perception, its special linguistic characteristics and categorization exist in each national language in a special form and corresponding concepts. The article also analyzes the concept of man at the lexical and phraseological levels of various thematic groups in such components as man, husband, woman, child, home, family, kinship, human character, their socio-psychological, psycho-physiological units, the formation of their conceptual environment. The

historical changes in these ancient concepts and their components were studied using the example of the Turkic (Uzbek and Turkish) languages and illustrated with examples given in the “Dictionary of Turkic Dialectes”.

Key words: language, contemplation, culture, lingua-cognitive and lingua-cultural linguistics, Language picture of the World, concept, concept sphere, man, male, family, home, child.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Байназаров Зокир Маҳмудович*** – Донишгоҳи давлатии Самарқанд, муҳаққиқи кафедраи забоншиносии ӯзбекӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Самарқанд, кучабоғи Университетский, 15. E-mail: **zmbaynazarov@gmail.com.** Тел.: **(+998) 979-11-93-81**

Сведения об авторе: ***Байназаров Зокир Махмудович*** – Самаркандский государственный университет, исследователь кафедры узбекского языкознания. **Адрес:** Республика Узбекистан, Самарканд, Университетский бульвар, 15. E-mail: **zmbaynazarov@gmail.com.** Тел.: **(+998) 979-11-93-81**

Information about the author: Baynazarov Zokir Mahmudovich - Samarkand State University, researcher of the Department of Uzbek Linguistics. **Address:** Republic of Uzbekistan, Samarkand, University Boulevard, 15. E-mail: **zmbaynazarov@gmail.com.** Tel .: **(+998) 979-11-93-81**

УДК: 491.550

ТАҲҚИҚИ ЛИНГВИСТИИ АНТРОПОНИМИЯИ ТОҶИКИИ «ТАЪРИХИ БУХОРО»-И АБӮБАКР МУҲАММАД ИБНИ ҶАЪФАРИ НАРШАХӢ

Қурбонзода Р.И.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Антропонимика дар замони муосир ҳамчун як ҷузъи ономастика, ки дар навбати худ як қисми забоншиносӣ маҳсуб меёбад, дар қатори дигар илмҳои лингвистӣ мавқеи хосса дорад. Дар аксари адабиёти илмӣ нуқтаи назар оид ба муайян кардани маънои истилоҳи «антропоним», «антропонимия» ва «антропонимика» қариб як хеланд. В.А. Никонов антропонимияро маҷмӯи номҳои хосси одамон маънидод намудааст. Антропонимия ба омӯзиши ному насаб, тахаллус, лақаб, шаклҳои кӯтоҳшуда ва сохтаи онҳо машғул мебошад [2, с.34].

Дар забоншиносии дунё, аз ҷумла забоншиносии собиқ шӯравӣ бобати масоили гуногуни исмҳои хос ё антропонимия тадқиқоти зиёде ба анҷом расидаанд, ки ин ҷо танҳо зикри чанд маҷмӯаи библиографии онҳоро қобили таваҷҷуҳ донистем.

Баррасӣ ва омӯзиши исмҳои хос дар забоншиносии ironӣ солҳои 30-юми асри гузашта аз нашри мақолаи номшиноси рус В.И. Абаев бо унвони «Дар бораи номҳои хосси достони Нартҳо» ташаккул ёфт. Рушди дафъаинаи он аз солҳои 60-уми асри гузашта маншаъ гирифта, атрофи исмҳои хос, аз ҷумла номвожаҳои ашхос, силсилаи тадқиқотҳо ба анҷом расонида шудаанд, ки ҳар яке дар баррасӣ ва тадқиқи ин зуҳуроти забонӣ саҳм гирифтаанд.

Ба омӯзиш ва баррасии номҳои ашхос ё антропонимияи забони тоҷикӣ нақш ва хидмати олимони маъруфи номшинос О. Ғафуров, Ш. Ҳайдарӣ (Ҳайдаров), Ф. Абдулло, Д.Д. Мирзоева, А. Акрамов, М. Диловаров, С. Абдуллоева, М. Аюбова, Р.Х. Додихудоев, Ш. Рустамов, О. Қосимов, Д. Саймиддинов, Ҳасани Ёрзод, Н. Шарофов, Я. Калонтаров, Б. Бобохонов, Т. Ваҳҳобов, А. Ҳасанов, Д. Майнусов, С. Қурбонмамадов, Э. Давлатов, Ҷ. Темуров ва дигарон шоистаи зикр мебошанд. Миёни олимони номбурда дар омӯзиш, баррасӣ ва ба нашр омода намудани номҳои тоҷикӣ, тамоюл ва раванди рушд, такомул ва тағйири сифатию миқдории низоми номҳо ва номгузории суннатии мардуми мо, сарчашмаҳои асосии интихоби номҳо, таҳлили маъноию сохтории онҳо, рушди ҷомеаи тоҷикон ва такмилу таҷдиди раванди интихоби онҳо ва амсолашон хидмати номшиноси маъруфи тоҷик О. Ғафуров беназир аст.

О. Ғафуров нахустин бор дар мавзӯи «Номҳои ашхос дар забони тоҷикӣ» тадқиқоти доманадор анҷом дода, онро соли 1964 ба сифати рисолаи номзадӣ дифоъ намуданд. Баъдтар силсилаи асарҳои илмӣ, тадқиқотӣ ва оммавии мавсуф бо номҳои «Қиссаҳо дар бораи номҳо» (1968), «Антропонимҳои тоҷикӣ» (1970), «Шер ва Наргис: оид ба номҳои шарқӣ» (1971), «Номҳо ва таърихи онҳо» (1980), «Ном ва таърих: оид ба номҳои арабҳо, форсҳо, тоҷикон ва туркҳо: луғат» (1987), «Шарҳи ному лақабҳо» (1981) ва силсилаи мақолаҳо дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон» бо унвони «Таъбири номҳо» (1977-1978), «Занони Тоҷикистон» (1977-1978), «Ҷавонони Тоҷикистон» (1989) ва ғайраҳо баёнгари ба тариқи амиқ омӯхтани номҳои ашхос аз ҷониби О.Ғафуров маҳсуб меёбанд.

Номшиноси тоҷик Ш. Ҳайдаров (Ҳайдарӣ) дар омӯзиши номҳои ашхос саҳми беназир доранд. Асару мақолаҳои ӯро бо назардошти мансубияти маводи таҳлилӣ ба се гурӯҳ тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст: а) асару мақолаҳое, ки ба номвожаю

лақабҳои ноҳияи Ашт ва атрофи он (яъне водии Фарғона) бахшида шудаанд. Аз қабили «Антропонимияи тоҷикони шимолу ғарби водии Фарғона (дар мисоли ноҳияи Ашт) (рисолаи номзадӣ, 1991), «Луғати чандомади антропонимҳои тоҷикони ноҳияи Ашт (Душанбе: Дониш, 1986. - 228 с.), «Пажӯҳиши лақабҳои мардуми ноҳияи Ашт» (Перм: Форвард, 2001.-116 с.) ва ғайраҳо; б) асару мақолаҳои оид ба номвожаҳои ноҳияҳои дигари ҶТ, аз қабили «Сайре ба сарвати номҳои тоҷикони шаҳри Душанбе» (Ш.Ҳайдарӣ. Мақолаҳои номшиносӣ. - Перм: Форвард, 2001. - с.110-136), «Луғати басомади номҳои тоҷикони Хатлон» (Душанбе: Ирфон, 2007. - 473 с.) ва ғайраҳо; в) асарҳое, ки ба номвожаҳои ҳамзабонони мо (Ӯзбекистон, Афғонистон) бахшида шудаанд. Масалан, «Лақабнома. Таснифи лақабҳои фардии мутадовил дар Афғонистон (Шибирғон, 1986.-160с.), «Антропонимика. Топонимика. Этносотсиолингвистика. Сборник статей» (Пермь: От и До, 2011.-208с.), «Антропонимия узбеков - жителей Северного Таджикистана» [1987] ва ғайраҳо. Умуман, Ш.Ҳайдаров аз зумраи забоншиносонест, ки хастанопазирона дар атрофи масоили номшиносӣ тадқиқот мебарад ва аз поягузорони илми ономастикаи тоҷик маҳсуб меёбад. Асару мақолаҳои мавсуф хоссатан аҳаммияту арзиши амалӣ дошта, дар онҳо ҷанбаи таҳлили сохторӣ дар заминаи ҷанбаи синхронӣ роҳандозӣ шудаанд ва беш аз ҳама, тамоюлҳои номгузорӣ ҳадафи тадқиқотҳои муаллиф қарор гирифта ва ба ҷанбаи диахронӣ таваҷҷуҳ камтар зоҳир гардидааст.

Дар тадқиқ ва баррасии номвожаҳои ашхоси манотиқи Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои Шаҳртузу Қубодиён забоншинос М.Аюбова саҳм дошта, дар атрофи ин мавзӯъ рисолаи номзадии хешро бо унвони «Антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритусу Қубодиён» (рисолаи номзадӣ) дифоъ намудааст. Муҳаққиқ тавонистааст тамоюлоти рушди ҷомеа ва таҷассуми он дар савияи номгузорӣ, сохтори номвожаҳо ва усулҳои сохтмони онҳо, таърихи иддае аз номҳои ашхосро ба риштаи таҳлил кашад. Дар робита ба тадқиқотҳои номшиносон О.Ғафуров, Ш.Ҳайдаров ва М.Аюбова зикр бояд намуд, ки дар илми забоншиносии тоҷик бахши антропонимика ба соҳаи нави илми номшиносӣ мубаддал гаштааст.

Таҳқиқоти мавриди назар фарогири омӯзиш ва таҳлили баъзе анропонимияи аслан тоҷикии «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ мебошад.

“Таърихи Бухоро”, яке аз муҳимтарин ва қадимитарин таворихи маҳаллии барҷоймондаи Бухоро буда, асли онро Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар ибни Закариёи Наршахӣ соли 332 ҳичрии қамарӣ ба номи амир Нӯҳ бинни Насри Сомонӣ (ҳукумат: 331-343 ҳ.қ.) ба арабӣ навиштааст.

Ин китобро Абӯнаср Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Насри Қубовӣ (мансуб ба Қубо, аз шаҳрҳои Фарғона) ба далели ин ки «бештар мардум ба хондани китоби арабӣ рағбат нанамоянд», ба дархости дӯстонаш ба форсӣ тарҷума кард ва матолиберо, ки бефоида ташхис дода, ҳазф кард ва ба ҷойи он матолибе аз кутуби дигар, монанди «Хазоин-ул-улум»-и Абулҳасан Абдурраҳмон ибни Муҳаммади Нишопурӣ, бар тарҷумаи хеш афзуд. Қубовӣ ҳаводиси нотамоми рӯзгори Нӯҳ бинни Наср ва умарои баъд аз ӯро идома дод. Бори дигар дар соли 574 қамарӣ, Муҳаммад ибни Зуфар ибни Умар ин тарҷумаро кӯтоҳ кард ва ба номи Бурҳонуддин Абдулазиз ибни Умари Бухорӣ - раиси ҳанафияи Бухоро ва аз бузургони Оли Бурҳон, мувашшаҳ сохт. Пас аз Муҳаммад ибни Зуфар шахси ношиносе бори дигар дар ин китоб даст бурд ва ҳаводисе чун истилои султон Муҳаммади Хоразмшоҳ дар соли 604 қамарӣ бар Бухоро ва ғалабаи лашкари муғул ва тасхири Бухоро ба дасти Чингизхон дар соли 616 қамариро бар китоб афзудааст. Аз ин таҳрири ахир аст, ки нусхаҳои мутаддиде дар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешавад.

Ин гуфтаҳо ба он хотир оварда шуданд, ки асли китоб бо забони арабӣ навишта шудааст ва бештари номҳои он марбут ба забони арабист. Лекин дар ин миён аз номҳои аслии тоҷикӣ низ истифода намудааст.

Номҳои аслан тоҷикӣ. Ба ин гурӯҳ одатан номҳои аслии забони тоҷикӣ, ки дар заминаи забони мазкур пайдо шудаанд, дохил мешаванд. Баромади бештари номҳои аслӣ ба қадимтарин сарчашмаҳои забони тоҷикӣ – ба яке аз забонҳои қадимаи мансуби гурӯҳи забонҳои эронӣ рафта мерасад.

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, халқи тоҷик яке аз қавмҳои ориёӣ буда, дар асоси халқиятҳои шарқиэронии Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, бохтариҳову суғдиён ва ба дараҷаи камтар дигар ҷузъҳои таркибии нажодӣ ба вуҷуд омадаанд [4, с.59].

Нахустин сарчашмаҳои хаттии санавӣ, ки дар бораи Осиёи Миёна маълумот медиҳад, дар асрҳои VII-VI пеш аз милод дар ин сарзамин сукунат доштани қавму тоифаҳои эронинажод - суғдиён, бохтариҳо, маргиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайраро хотирнишон намудаанд [4, с.38].

Тадқиқи қиёсии забон, ойин, урфу одат, дину мазҳаби қадимии эрониён ҳамгунӣ ва ягонагии онҳоро собит менамояд. Омӯзиш ва муқоисаи забонҳо метавонад ба таври равшан далолат кунад, ки забонҳои эронӣ дар ибтидо ҳам аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ва ҳам аз ҷиҳати захираи асосии луғавӣ то чӣ андоза умумият доштаанд. Забонҳо ҳамеша дар

як ҳолат намондаанд. Тағйироте, ки дар забонҳои эронӣ муддати зиёда аз ҳазор соли инкишофи онҳо, хусусан дар қисмати фонетика, лексика ва грамматика рух додааст, бо бисёр омилу рӯйдодҳои таърихию фарҳангӣ шарҳ дода мешавад. Аз ин лиҳоз, забонҳои қавмҳои эронӣ дар асоси ҳамин гуна тағйирот ба се марҳилаи такомул – қадим, миёна ва нав таҷзия шудаанд.

Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» аз калимаҳои тоҷикии маъмул Доро, Дороб, Манучеҳр, Мардон, Рустам, Салм, Сиёвуш, Судоба, Эраҷ, Фарангис ва амсоли инҳо истифода намудааст. Анропонимияи мазкур дар даврaҳои ташаккули забоншиносӣ марҳилаҳои зеринро аз сар гузаронидаанд.

Доро <ф.қ. Darayava^{h}uš//Daraya [129, 358], ф.м. Daryava//Dariyuš//Dārāy//Dārā, ф.н.Dorob//Doro, «дорои некӣ», «сарватманд», номи 3 подшоҳи сулолаи Ҳахоманишиён, ки аввали солҳои 522-466 пеш аз милод салтанат рондаанд [4, с.95].

Дороб (ниг.: Доро), дар «Шоҳнома» ва «Таърихи Табарӣ» ба маънии «обмакон» низ омадааст, писари Ҳумой ва шоҳ Баҳман [3, с.383; 10, Ҷ.6, с.304].

Манучеҳр <ав.Manuščiϑra, ф.м. ва ф.н. Manuchehr (аз **Manuš** -номи нажод дар наздикии кӯҳи Дамованд ва ав. **čiϑra**> ф.қ. **čiϑra**, ф.м., ф.н. chehra «рӯй», «симо», маҷ. «нажод») «симо (нажод)-и Монуш» [3, с.189], номи набераи Эраҷ аз тухми Фаридун дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

Мардон <ав.mašya> marϑiya // marϑān, ф.қ marϑiya // marϑān // Martān [5, с.36; 8, с.143], ф.м. ва ф.н. Mardān // Mardon (аз **marϑ** “мард”, “ ба мурдан омода” ва пасвандҳои мансубии **-iya//-ān**), айн. «ба мурдан омода», маҷ. «далер», «шуҷоъ» [10, с.17; 9, с.21], компоненти дуюм дар номи Gayā Marϑān (Каюмарс), номи сарлашкари Форс дар аҳди Ҳахоманишиён – Мартанӣ [4, с.112].

Рустам <ав. Raoϑastaxma, ф.м. ва ф.н. Rustam (аз **raoϑ** «болидан», «рустан», ва **taxma** «қавӣ», «паҳлавон») [5, с.36; 94] айн. «қавиҷуссаи баланд», образи барҷастаи афсонавӣ ва паҳлавониву қаҳрамонӣ дар мифологияи қадим ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

Салм <ав. Sairima, ф.м. ва ф.н. Salm [5, с.167]. Бино бар ривояти «Шоҳнома» писари меҳтари Фаридун буда, барои сари вақт саломат аз коми бало ҷастанаш ва ҷони хешро беҳуда ба хатар нагузоштанаш ин номро гирифтааст [10, с.145]. Аз ин ҷо бармеояд, ки Салм ба маънои «саломат», «тансиҳат», «эмин» аст. Имрӯз он дар шакли асл - Салм ва муарраб - Салам, Салим (а), Солим, Саломат, Мусаллам (а) дар лексика ва антропонимия мустаъмал мебошад.

Сиёвуш <ав. Syāvaršan [8, с.94; 5, с.36), (аз **syāva** «сиёҳ» ва **aršan** «нар», «мард») ф.м. ва ф.н. Syāvaxš - Syāvuš - Siyovuš. Зумрае аз олимон Сиёвушро «дорандаи аспи сиёҳ», «сиёҳчашм» маънидод кардаанд [5, с.33; 7, с.53; 3, с.145]. Вале таҳлили этимологии шакли авестоии ном моро бештар ба он водор месозад, ки Сиёвушро ба маънии “марди сиёҳчеҳра”, “сиёваш”, “сиёҳҷурда (сабзина)” бипазирем. Дар мифологияи қадим ба сифати эзид, дар қисмати «Яшт»-и «Авасто» ҳафтумин шоҳи каёнӣ, подшоҳи одил, ҳомии одамони резишгоҳи миёна ва поёноби дарёи Ому омадааст, ки бо хиёнате аз тарафи Франрасиян (Афросиёб) кушта мешавад [1, с.142]. Дар “Шоҳнома” низ бо ҳамин симо тақассум гардидааст.

Судоба <ав.Sutavanhu, ф.м. ва ф.н. Sudoba (аз **suta** “суд”, “фоида” ва пасвандҳои мансубии **-av + -anhu**) “судовар», «дорои суд» [5, с.36], номи зани Кайковус дар «Шоҳнома».

Эраҷ <ав. Airyān∂m vaējangh, ф.қ.Aryān∂m vaējo [8, с.44], ф.м. Erān vēj [8, с.44; 3, с.47], Eraj, ф.н. Eraj // Ēraj (аз **airyān∂m** «ориён» ва **vaējangh** «паҳно», «ноф», «байза», «марказ») «маркази ориён» маънӣ медиҳад. Эраҷ ба забони ориёӣ ба маънии «кишвари ориён» (Эрон) низ ба кор меравад [6, с.26; 4, с.174]. Дар «Шоҳнома» писари кеҳтари Фаридун мебошад, ки аз рӯйи тақсимот шоҳи кишвари Эрон интихоб шудааст.

Фарангис. Баромади номи Фарангисро Ф. Юстӣ аз шакли забони паҳлавии Vispanfriya ба маънии «азизи ҳама», «ба ҳама азиз» нишон додааст [5, с.371], номи духтари Афросиёб, зани Сиёвуш дар «Шоҳнома». Дар номгузории навоҳӣ дар шаклҳои Фарангис ва Фарангиз ба маънии «ангезандаи нур», «ҳуснбахш», «нурбахш» омадааст.

Хулоса, қабати тоҷикии антропонимияи «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ гарчанде теъдодашон кам ҳам бошад, дар забони меъёр ҳамчун калимаҳои серистеъмол дар ҷомеаи мо мавриди истеъмол қарор доранд. Номҳои одамон, ки дар асар фаровон истифода шудаанд, барои муҳаққиқон ва омӯзиши таърихи халқҳои гуногун маълумотҳои саҳеҳ ва ҳаматарафа метавонанд пешниҳод намоянд. Инчунин, тавассути тадқиқи антропонимияи асар мо паҳлуҳои гуногуни ногуфтаниҳои таърихи миллат ва норӯшаниҳои забонамонро бармало месозем.

А Д А Б И Ё Т

1. Авеста. Избранные гимны. – Душанбе: Адиб, 1990. - 176 с.
2. Антропонимика. - М.: Наука, 1970. - 360 с.
3. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ (силсилаи осори илмӣ дар 2 ҷилд) / Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ - Х.I-II. – Теҳрон, 1380/2001. - 1632 с.
4. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби I. / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. - 704 с.
5. Кузьмина А.Н. Современная персидская антропонимия. Личные имена / А.Н. Кузьмина // ДК. - М., 1985. - 61:86 -10/88 -4.
6. Ҷӯраев Р. Этимологияи 100 калима Р.Ҷӯраев. – Душанбе: Маориф, 1985. – 28 с.
7. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тохик. Қ.I (1) / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1987. - 488 с.
8. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. - М.: Наука, 1988. - 392 с.
9. Очерки по истории изучения иранских языков. - М.: Изд. АН СССР, 1962. – 148 с.
10. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд) / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1980. – Ҷ.I. - 480 с.; - 1987. - Ҷ. II. - 320 с.; - 1988. - Ҷ. III. - 528 с.; - 1989. - Ҷ. IV. - 496 с.; - 1989. – Ҷ.V. - 496 с.; - 1989. – Ҷ.VI. - 552 с; - 1989. – Ҷ.VII. - 565 с.; - 1990. – Ҷ.VIII. - 616 с.; - 1991. – Ҷ.IX. - 495 с.

М А Ъ Х А З

1. Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. «Таърихи Бухоро» / Наршахӣ, Абӯбакр ибни Муҳаммад. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 736 с.

ТАҲҚИҚИ ЛИНГВИСТИИ АНТРОПОНИМИЯИ ТОҶИКИИ «ТАЪРИХИ БУХОРО»-И АБӮБАКР МУҲАММАД ИБНИ ҶАЪФАРИ НАРШАХӢ

Мақолаи мавриди назар ба тадқиқи лингвистии антропонимияи «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ бахшида шудааст. Дар мақола муҳаққиқ антропонимияи аслан тоҷикии «Таърихи Бухоро»-ро аз нигоҳи забонӣ дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои муътамади илмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Тибқи пешниҳоди муаллиф таҳқиқи забоншиносии антропонимияи тоҷикии асар аз ҷиҳати этимологӣ барои таҳаввули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат менамояд. Мақола асосан дар заминаи омӯзиши олимони номшиноси кишвар О. Ғафуров, Ш. Ҳайдарӣ (Ҳайдаров), Ф. Абдулло, Д.Д. Мирзоева, А. Акрамов, М. Диловаров, С. Абдуллоева, М. Аюбова, Р.Х. Додихудоев, Ш. Рустамов, О. Қосимов, Д. Саймиддинов, Ҳасани Ёрзод, Н. Шарофов, Я. Калонтаров, Б. Бобохонов, Т. Ваҳҳобов, А. Ҳасанов, Д. Майнусов, С. Қурбонмамадов, Э.Давлатов, Ҷ. Темуров таълиф гардида, хизматҳои онҳо ҷиҳати рушди номшиносии кишвар низ дарҷ карда шудааст. Ҳамчунин муаллифи мақола зикр менамояд, ки таҳлилу таҳқиқ ва таснифоти антропонимияи тоҷикии “Таърихи Бухоро” барои муайян намудани баъзе номвожаҳо аз ҷиҳати этимологӣ таъсири мусбат хоҳад расонид. Ин таълифот барои ковишҳои илмӣ анҷом додан ба муаррихон, ҷуғрофидонҳо, адабиётшиносон ва забоншиносон маводи дасти аввал маҳсуб меёбад. Зимни таҳлил ва баррасии маводи антропонимияи “Таърихи Бухоро”, ки маҷмӯан 10 номгӯйро ташкил менамоянд, аз усулҳои тадқиқоти сохторӣ, синхронӣ, диахронӣ, тасвирӣ-таҳлилӣ бо истифода аз имконоти усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва дар мавридҳои зарурӣ аз методи квантитативӣ (миқдорӣ) ба манзури муайян намудани омори антропонимия ва тавассути он муайян кардани мавқеи онҳо истифода гардидааст.

Калидвожаҳо: тадқиқи лингвистӣ, “Таърихи Бухоро”, антропонимия, антропонимияи тоҷикӣ, рушду ташаккул, сарчашмаи муътамад, этимология, ковишҳои илмӣ, номвожа, муҳаққиқон.

ЛИНГВИСТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ АНТРОПОНИМОВ В «ИСТОРИИ БУХАРЫ» АБУБАКРА МУХАММАДА ИБН ДЖАФАРА НАРШАХИ

Данная статья посвящена лингвистическому исследованию антропонимов «Истории Бухары» Абубакра Мухаммада ибн Джафара Наршахи. В ней исследователь с лингвистической точки зрения подвергает рассмотрению собственно таджикские антропонимы «Истории Бухары» на основе достоверных научных источников. Согласно рассуждением автора, лингвистическое исследование таджикских антропонимов произведения в отношении этимологии способствует развитию словарного состава таджикского языка. Статья в основном написана на базе изучения трудов отечественных ученых-ономастов О. Гафурова, Ш. Хайдари (Хайдаров), Ф. Абдулло, Д.Д. Мирзоевой, А. Акрамова, М. Диловарова, С. Абдуллоевой, М. Аюбовой, Р.Х. Додихудоева, Ш. Рустамова, О. Касымова, Д. Саймиддинова, Хасана Ёрзода, Н. Шарофова, Я. Калонтарова, Б. Бобохонова, Т. Ваххобова А. Хасанова, Д. Майнусова, С. Курбонмамадова, Э.Давлатова, Дж. Темурова, в ней отмечен их труд относительно развития отечественной ономастики. Автор статьи также упоминает, что исследование, изучение и классификация таджикских антропонимов “Таърихи Бухоро” окажет положительное влияние на определение этимологии отдельных имен. Данная статья считается ценным материалом в отношении научных поисков для историков, географов, литературоведов и языковедов. В ходе анализа и рассмотрения материала антропонимии «Истории Бухары», который составляет 10 наименований, автором использованы следующие научные методы: структурный, синхронный диахронный, описательно-аналитический, по возможности, сравнительно-исторический. В необходимых случаях для определения статистики антропонимов и их места использован квантитативный (количественный) метод.

Ключевые слова: лингвистический анализ, “История Бухары”, антропонимия, таджикская антропонимия, развитие и формирование, достоверный источник, этимология, научные поиски, имя, исследователи.

LINGUISTIC RESEARCH OF TAJIK ANTHROPONYMS IN “HISTORY OF BUKHARA” ABUBAKRA MUHAMMAD IBN JAFAR NARSAHI

This article is devoted to a linguistic study of the anthroponyms “History of Bukhara” by Abubakra Muhammad ibn Jafar Narshahi. In it, a researcher from a linguistic point of view examines the actual Tajik anthroponyms “History of Bukhara” based on reliable scientific sources. According to the author’s discourse, a linguistic study of Tajik anthroponyms of a work regarding etymology contributes to the development of the vocabulary of the Tajik language. The article is mainly written on the basis of a study of the works of domestic onomast scientists O. Gafurov, Sh. Khaydari (Khaidarov), F. Abdullo, D.D. Mirzoeva, A. Akramova, M. Dilovarova, S. Abdulloeva, M. Ayubova, R.Kh. Dodikhudoeva, S. Rustamova, O. Kasymova, D. Saimiddinov, Khasan Yorzod, N. Sharofov, Y. Kalontarov, B. Bobokhonov, T. Vakhkhobov A. Khasanov, D. Mainusov, S. Gurbonmamadov, E. Davlatov, J. Temurova, it noted their work regarding the development of domestic onomastics. The author of the article also mentions that the study, study and classification of Tajik

anthroponyms “Tarihi Bukhoro” will have a positive impact on determining the etymology of individual names. This article is considered valuable material regarding scientific research for historians, geographers, literary scholars, and linguists. During the analysis and consideration of the material of anthroponymy “History of Bukhara”, which is 10 items, the author used the following scientific methods: structural, synchronous diachronous, descriptive-analytical, possibly comparative historical. In necessary cases, a quantitative (quantitative) method is used to determine the statistics of anthroponyms and their place.

Key words: linguistic analysis, “History of Bukhara”, anthroponymy, Tajik anthroponymy, development and formation, reliable source, etymology, scientific research, name, researchers.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонзода Рӯдобаи Исмоил*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16

Сведения об авторе: ***Курбонзаде Рудоба Исмоил*** - *Кулябский государственный университет им. А.Рудаки,* докторант Ph.D кафедры таджикского языка и методики его преподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16

Information about the authors: ***Kurbonzada Rydoba Ismoil*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, Ph.D candidate of the Tajik language department with the methodology of its teaching. **Address:** 735360, Republik of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str.,16

УДК: 81.2 Англ

СЕРМАЪНОИИ КАЛИМАҲО ВА АМАЛИШАВИИ ОНҲО ДАР МАТН

Набиҷонова З.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Яке аз мафҳумҳои марказии лексикӣ-семантикӣ ин полисемия ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун ҳодисаи забонӣ калимаҳои сермаъноро ба вуҷуд меорад.

Интихоби қисми лозимаи маҷмӯи маъноҳо дар калимаи сермаъно ҳангоми нутқ вобаста ба контекст (лот. Contextus - “алоқа, ҳамбастагӣ”), матни он рӯй медиҳад. Агар таърифи бешумори контекст, матнро, ки аз тарафи муаллифони гуногун дода шудаанд, якҷоя намоем, формулаи кӯтоҳе ҳосил мешавад, ки дар навбати худ И.Г. Туровский пешниҳод намудааст: “Контекст - порчаи матн тарҳи воҳиди муайяншаванда аст” [8, с.17]. Албатта, порчаи матн дорои воҳиди муайянкунанда аст ва атрофи онро дар бар мегирад, ки барои муайян намудани маъно ҳатмӣ ва кифоя аст ва бо маънои умумии матн мухофилат надорад. Лекин ҳатто чунин таърифи саҳеҳи контекст ҳам ҳамаи он шартҳоеро, ки дар он маҷмӯи маъноҳои калимаҳои сермаъно муайян карда мешавад, дар бар намегирад.

Маънидодҳое, ки оиди матн дар баъзе маълумотномаҳо дида мешаванд, на он қадар аниқ мебошанд. Ба фикри мо назарияи аз тарафи Н.Н. Амосова додашуда, оиди матн, бештар дуруст мебошад. Он ба нуқтаҳои зерин оварда мерасонад: калимаи сермаъно, ки дар нутқ амалӣ мегардад, ядро мебошад, ки гирди он воҳидҳо-индикаторҳо, яъне нишондиҳандаҳои атрофи ба интихоби зарури маъно ёридиҳанда, ҷой дорад.

Аз рӯйи нуқтаи назари Н.Н. Амосова “Контекст - ин ҷӯршавии ядро ва индикаторҳо мебошад, ки ба якдигар таъсир мерасонанд”. Аз рӯйи хусусияти индикаторҳо контекстҳоро ба якчанд навъҳо тақсим кардан мумкин аст. Гурӯҳи аввал гурӯҳи контексти лингвистӣ: навъҳои лексикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ.

Гурӯҳи дуюми навъи контекст — шартҳои беруназзабоние мебошанд, ки дар он нутқ ҷорӣ мешавад. Агар дар контексти лингвистӣ индикаторҳо дар худи матн ҷойгир буда, ҳатман бо воҳидҳои забонӣ ифода шаванд, дар контексти беруназзабонӣ маъно аз ҳисоби он чизе, ки берун аз матн меистад, амалӣ мегардад. Барои тасвири шартҳои амали нутқӣ, ки ифодаи материалӣ надорад, Н.Н. Амосова истилоҳи “вазъияти, ҳолати нутқӣ” -ро истифода мекунад ва якчанд намудҳои онро, чун “вазъияти ҳаётӣ”, “вазъияти тасвирӣ” ва “вазъияти сужетӣ, тематикӣ”, пешниҳод намудааст. Албатта, таъсири тамоми порчаи нутқӣ ва шартҳои истифодабарии интихоби қисми зарурии маҷмӯи маъноҳои калимаи сермаъно калон аст. Маҳз барои ҳамин, дар адабиёт шумораи калони типологияҳо ва таснифотро ёфтан мумкин аст, ки вобаста ба мақсадҳои муайян дар тадқиқот пайдо шудаанд. Контекстро ба намудҳои микроконтекст ва макроконтекст ҷудо мекунанд [1, с.197].

Дар вақти тарҷумаи матн тарҷумон бояд чунин стратегияҳоро дар мадди назар гирад. Масалан, агар маънои аввала, маънои асосии калима бо матн мувофиқат накунад, дигар маъноҳои калимаҳо дар луғат тавсия карда мешаванд, ки тарҷумон бояд онҳоро аз назар гузаронад ва калимаи заруриро интихоб намояд. Ҳамчунин, барои дарёфт намудани

маъноҳои калимаи сермаъно ба микроконтекст ва макроконтекст аҳаммият дода шавад. Зеро, тарҷумаи матн ин як механизми муҳим, як ҷараёни душвори эҷодиёт маҳсуб меёбад, ки тарҷумон бояд ба шунаванда мантро бо ҳамон мазмуни томаш, ки нависанда навиштааст, фаҳмонида тавонад [14, с.45].

Микроконтекст - ин иҳотаи минималии воҳидҳо, ҷамъи ифодакунандаҳои рамзӣ дар намуди ассотсиатсияҳо, коннотатсияҳо ва ғайраҳо мебошад.

Макроконтекст - ин иҳотаи воҳидҳое аст, ки барои муайян намудани функсияҳои он, умуман дар матн, имконият медиҳад. Инчунин, оиди контекстҳои эксплиситӣ ва имплиситӣ гуфтан ҷоиз аст, ки аз рӯйи принсипҳои функсионалӣ навъҳои гуногуни контекстро ҷудо мекунанд.

О.С. Ахманова контекстро ба навъҳои зерин ҷудо мекунад:

- театралӣ;
- топонимӣ;
-метафорӣ [14, с.67].

Пеш аз ҳама, мо навъҳои контекстро дар асоси индикаторҳои забонӣ, материалӣ дида мебароем. Вобаста ба хусусиятҳои контекст онҳоро ба навъҳои луғавӣ, грамматикӣ (аз рӯйи пешниҳоди Амосова - синтаксисӣ) ва омехта (лексикӣ-грамматикӣ) ҷудо мекунанд.

Дар навъи луғавӣ маънои луғавии калима-индикаторҳо муҳим аст, ки зери таъсири онҳо мазмуни бо маънои ядроӣ алоқаманд буда, пайдо мешавад. Масалан, калимаи “**sound”** (дар вазифаи сифат) метавонад дар яке аз чор маъноҳо амалӣ гардад:

1) healthy, not injured, hurt or decayed;
2) based on reason, prudent;
3) capable, careful;
4) thorough, complete [15, с.287].

Дар нутқ ҳар яке аз ин маъноҳо дар иҳотаи индикаторҳои гуногун омада метавонанд:

1) sound mind in a sound body; sound fruit;
2) sound argument (policy); sound advice;
3) a sound tennis player;
4) sound sleep; sound thrashing.

Маънои луғавии индикаторҳои “mind, body, fruit” (smth that can be injured, hurt or decayed) ба маънои ядрои якум ишора мекунад. Маънои **“reason”** дар дохили маънои лексикии индикаторҳои “argument, policy, advice” буда, ба интихоби маънои дуюм ишора мекунад. Ҳамин тарз, индикаторҳои **“player**” ва “**sleep”** ё **“thrashing”** амал мекунанд [1, с146].

Баъзан калимаи **"шер"** дар забони тоҷикӣ ба маънои далер ва нотарс ба кор меравад ва ин маъноҳо танҳо дар матн амалӣ мешаванд. Чунончи, падар фарзандашро дӯстдорӣ карда, "далери падар, шери падар" мегӯяд. Дар ин ҷо калимаи шер на ба маънии аслии худ, балки ба маънои маҷозиаш истифода шудааст, далер ва шер ҳарду ба як маънӣ омадааст [4, с.148].

Матни грамматикӣ ҳамон вақт пайдо мешавад, ки дар нақши индикатор ягон функсияи грамматикӣ иштирок намояд. Масалан, маънои калимаи **“ill”** аз он вазифае, ки он дар гуфтор иҷро мекунад, вобаста мебошад. Агар он дар вазифаи предикативӣ (fall ill; be taken ill) омада бошад, маънои ядро ҳамчун **“in bad health”** фаҳмида мешавад. Дар вазифаи атрибутивӣ (ill luck; ill will) маънои ядро “bad, hostile” мебошад.

Мисоли монандро дар феъли **“make”** дидан мумкин аст. Интихоби маънои феъли **“make”** дар вазифаи қисми таркибии хабар (make smth move) маънои **“compel, cause”**-ро амалӣ мегардонад (They made me tell the story). Лекин он дар вазифаи хабари оддӣ бо пуркунанда омада маънои “construct or produce smth”-ро ифода мекунад. (She made coffee for all of us. Bricks can be made of clay) [12, с.136].

Бештар дар интихоби дурусти маҷмӯи маъноҳои калимаи сермаъно навъи омехтаи матн, контекст истифода мешавад, ҷое, ки ҳам маънои луғавӣ ва ҳам сохти грамматикии индикатор муҳим аст. Масалан, дар ибораи **“He ran a horse**” и **“He ran the risk**”, ки сохти грамматикии якхела доранд, барои амалӣ гардидани маънои “make move” ва “expose oneself to a possibility of danger” маънои лексикии индикаторҳо таъсир мерасонад. Аммо ҳамзамон бо ин матни грамматикӣ низ амал мекунад. Мавҷуд будани пуркунанда дар назди хабар дар муқоиса бо, масалан, **“The horse ran”.**

Дар мисоли дигар “It stopped to start again soon” барои пурра фаҳмидани гуфтор сохти грамматикӣ кифоягӣ намекунад. Дар ин мисол маънои лексикӣ индикатори **“it”** ҳам зарур аст. Агар он ҷонишини калима бо маънои лексикии умумӣ “living being” бошад, маънои “come to rest, halt”-и ядро амалӣ мегардад (The dog stopped to start again. The tourists stopped for a night to start again in the morning.); дар ҳолати “it” — “inanimate

object” буданаш маънои ядро ҳамчун “discontinue” фаҳмида мешавад (The rain stopped) [10, с.227].

Дар забони англисӣ як калима метавонад, зиёда аз 70 маънӣ дошта бошад. Дар луғати Oxford English Dictionary 76 маънои калимаи **"run**" ва 46 маънои калимаи "**light**" оварда шудааст. Баъзе ҷумлаҳоро ба калимаи "run" дида мебароем:

My friend runs his business. - Дӯсти ман кори тиҷоратии худро идора менамояд. (run (феъл)- идора кардан, сардори намудан).

We are running out of water - Оби мо тамом шуда истодааст. (run out of (феъл) - ба охир расидан, тамом шудан).

The Dnieper River runs into the Black Sea. - Дарёи Днепр ба баҳри Сиёҳ мерезад. (run into (феъл) - рехтан (ба дарё)).

There were three candidates who run for the mayor of our city. - Се шахс номзадии худро ба вазифаи раиси шаҳрамон ба овоз гузошта буданд. (run for (феъл) - ба овоз гузоштан).

Дар ин мисолҳо на ҳамаи маъноҳои калимаи **"run"** оварда шудааст, лекин мо то қадри имкон баъзе аз маъноҳои онро бо мисолҳо исбот намудем [15, с.134].

Шоистаи қайд аст, ки дар асарҳои забоншиносони тоҷик дар бораи сермаъноӣ, тафовути он аз омонимҳо, сермаъноӣ ва амалишавии он дар матн хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, хулосаҳои онҳо дар мавриди "сермаъноии калимаҳо ба васеъ шудани доираи маъно, бештар аз ҳама ба исмҳо ва феълҳо тааллуқ дорад", "сермаъноӣ ҳодисаи мутарриқӣ аст, лекин берун аз матн муқаррар кардани он имконнопазир аст".

Боз ҳам хубтару равшантар оид ба муайянкунии калимаҳои сермаъно дар матн ақидаи Н.Н. Амосова дар бораи сермаъноӣ дар матн рост меояд: "Калимаҳои сермаъно, ки дар нутқ амалӣ мешаванд, ҳамчун ядрое ҳисобида мешаванд, ки дар гирди он воҳидҳо - индикаторҳо ҷойгиранд ва барои интихоби дурусти калимаҳо ёрӣ мерасонанд". Дар ин ҷо забоншинос калимаи аслиро чун ядро, маъноҳои маҷозии онро ҳамчун индикаторҳо ҳисобидааст. Аз теорияи Н.Н. Амосова бармеояд, ки матн ин якҷояшавии ядро бо индикаторҳое мебошад, ки ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Вобаста ба индикаторҳо матнро ба якчанд гурӯҳҳо тақсим мекунанд, ки бештар ин намудҳои луғавӣ ё предметӣ ва грамматикӣ мебошанд [1, с.190].

Бояд зикр кард, ки дар адабиёти илмиву таълимӣ низ се навъи контекст ҷудо карда мешавад: 1) лексикӣ, 2) лексико - грамматикӣ, 3) грамматикӣ. Дар ибораҳои "дарро бастан" ва "даҳонро бастан" контекстҳои лексикӣ ба назар мерасад. Дар гуфтори дувум бошад, контексти лексико - грамматикӣ аст. Мисоли контексти соф лексикӣ ***"- рӯйи зебо дорад***" буда, вале дар гуфтори "***қарорҳои нав рӯйи кор омаданд***" контексти лексико - грамматикӣ ба назар мерасад [9, с.34].

Дар намудҳои луғавӣ ё предметии калимаҳо аз ҳама заруртар ин маъноҳои луғавии калима - индикаторҳо буда, аз таъсири он алоқамандии қисмҳои маънодори калимаҳо ба вуҷуд меояд ва ин яке аз хусусияти муҳимтарини сермаъноӣ дар матн ба ҳисоб рафта, як калима метавонад, ки якчанд ашёҳоро номбар намояд. Маъноҳои луғавии калимаҳо метавонанд аз як бештар бошанд. Масалан, калимаи **"fire" - оташ** метавонад якчанд маъноҳои луғавӣ дошта бошад. Танҳо баъзе аз онҳоро номбар менамоем: 1) оташ, 2) сӯхтор, 3) оташ задан, 4) сӯзишворӣ [4, с.83].

Калимаи **"sound**" ҳамчун сифат метавонад бо яке аз ин 4 маъноҳо истифода шавад: 1) healthy, not injured, hurt ё decayed. 2) based on reason , prudent 3) capable, careful 4) through, complete. Дар нутқ бошад бо яке аз ин маъноҳо истифода бурда мешавад. 1) sound mind, in a sound body, sound fruit 2) sound argument (policy), sound advise 3) a sound tennis player 4) sound sleep,) sound thrashing [2, с.365].

Баъзе калимаҳои китобӣ дар забони зинда маънии нав пайдо мекунанд, ки он маъно низ ба туфайли адибон ба забони адабӣ дохил мешавад. Аз ин ҳолат саргузашти калимаи "**бардошт"** низ шаҳодат медиҳад. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" шаш маънои калимаи бардоштан зикр шудааст:

1. боло кардан, баланд кардан;
2. барпо кардан, сохтан, бино кардан, (иморат бардошт);
3. аз ҷой ҷунбонидан, ба по хезондан (лашкар бардошт);
4. гирифтан (ӯро бардошт);
5. нест кардан, куштан, аз байн бурдан (ӯро аз миён бардошт);
6. задан, офат расонидан (сармо бинии элчиро бардошт) [6, с.134].

Дар ин маънову вазифа калимаи **"бардошт"** дар забони халқ маълум буда, ба адабиёти бадеӣ, ҳатто ба услуби тантанаиноки он роҳ ёфтааст:

Тоҷик ҳама умр ба ҳар бозии қисмат,
Бардошт биомӯхта зи кӯҳи ватанаш буд.

Чунон, ки мебинем, "**бардошт"** ба маънои сабр, тоқат, таҳаммул, шикебоӣ омада, яке аз хислатҳои дар тӯли таърих парвардаи халқи тоҷикро ифода мекунад. Дар ин мавқеъ, ки пурсабру пуртоқатии халқ ба сабру тоқати кӯҳи Ватан нисбат дода, образи барҷастае офарида шудааст, ҳеҷ кадоме аз муродифоташ ҷойи онро гирифта, тобишҳои маъно ва ҳақиқати тасвирро ин тарз ифода карда наметавонанд [5, с.219].

Дил бардоштан - тарки меҳру муҳаббат кардан; дил бастан - муҳаббат ба чизе ва касе мондан:

Нашояд бастан андар чизе кас дил,
Ки дил бардоштан корест мушкил.

Феъли "**бардоштан**" дар яке аз қасидаҳои А. Савдо ба чунин тобишҳои маъноӣ истифода гардидааст: 1) боло кардан, ҳуч кардан:

Ҷуз мани ғамгин, ки дар маънои айшам ҳар замон,
Мезанад дасти қазо санги гарон бардошта [6, с.56].

Дар баъзе маврид ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ калимаҳои номустақил ба ашёю ҳодисаҳо ва ҷиҳатҳои хосси онҳо алоқаманд набуда, танҳо дорои маънои грамматикӣ мебошанд ва онҳо дар матн зоҳир мегарданд, вале як гурӯҳи онҳо метавонанд тобишҳои маъноиро ифода намоянд, алалхусус исмҳо ва феълҳо, аз рӯйи матнҳои грамматикӣ муайян карда мешаванд. Масалан, дар забони англисӣ феъли **to make-**ро мегирем, ки он "кардан" (иҷроиши ягон амал) тарҷума мешавад, вале ин калима боз бо якчанд маъноҳои дигар истифода бурда мешавад. Ҷумлаи "Ҳаёт пур аз дилхунукист" низ бо истифодаи феъли "**make"** навишта мешавад: Life is made up of disappointments [13, с.44].

Аз сермаъноии калимаҳо истифода бурда, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ калимаи **"cap"**-ро дар байтҳои зерин ба маънои калла ва сар ниҳодан, итоат, тобеият истифода бурдааст:

Рақиб низ бо роҳи ту сар ба хок ниҳод,
Ба теғи худ, ки зи роҳи карам сараш бардор.

Ба маънои мақсад, ният:

Номае чун зи сари лутф фиристод ба ман...

Ба маънои шуғл, машғулӣ:

Наргиси фаттони шӯхаш бар сари сайл афканӣ...

Ба маънои роҳбар:

Гуфтам: - Эй сархела хубон оҳу оҳ аз дасти ту...

Албатта, чунин сермаъно гардидани калимаи **"cap"** ба истифодаи он дар матн ва дар ҳамбастигии он бо калимаҳои дигар зич алоқаманд аст. Дар осори шоирон ва нависандагон ба мисли калимаи **"cap"** исмҳои сермаъно хеле зиёданд [4, с.35].

Л.Блумфилд забоншиноси англис дар яке аз асарҳои худ нақши усули грамматикии матнро бо мисолҳои мушаххас баён менамояд. Масалан, агар исмҳои **dog** (саг) ё **monkey** (маймун) дар матн бо хусусиятҳои феълӣ оянд, чунин тобишҳои маъноӣ мегиранд: to dog someone`s footsteps - аз пайи ягон шахс поида рафтан (аз дунболи ягон шахс рафтан), don`t monkey with that - бо ӯ бозӣ макун (бо ӯ маймунвор рафтор макун) .

Матн ин маҳфуми васеъ буда, ҳамчунин матнҳои ситуативӣ низ мавҷуданд ва ин ҳолатест, ки дар он ҳодисаҳои гуфтор ба амал меояд. Масалан, калимаи **"ring"** ҳамчун "ангуштпона" ва "занги телефон" тарҷума мешавад. Албатта, агар гӯянда ин калимаро ба забон гираду дар ҳамин вақт занги телефон баланд шавад, ба дигарон маълум мешавад, ки гап дар бораи чӣ рафта истодааст ва ин ҳодисаи гуфтор бо лаҳзаи нутқ алоқаманд аст. Ё ин ки ягон шахс ба мо мегӯяд: Ана рӯбоҳ омад!, мо бо умеде менигарем, то ки рӯбоҳи ҳақиқиро бинем, лекин пай мебарем, ки дар асл калимаи рӯбоҳ бо маънои маҷозиаш кор фармуда шудааст. Танҳо матнҳои ситуативӣ моро водор месозанд, ки чунин намуди маъноҳои маҷозиро дарк намоем [10, с.148].

Дар яке аз асарҳои нависанда Ҷ.Икромӣ чунин омадааст. "Дар дасти мо фақат Аҳмадҷони машкоб мемонад, ки вай гурги борондида барин менамояд" [11, с.186].

Ҳамин тариқ, калимаҳои сермаъно ва истифодаи онҳо бо ин ё он маъно дар матнҳои гуногун ҳамчун як хусусияти хос ва индивидуалии онҳо маҳсуб ёфта, ҳамчун навъи методҳои универсалӣ дар таҳлил ва овардани калимаҳо дар луғатҳо васеъ истифода бурда мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н. Амосова - Л.: Издательство ЛГУ, 1983. – 190 с.
2. Арбекова Т.И. Лексикологияи забони англисӣ (практический курс) / Т.И. Арбекова. - М.: Высшая школа, 1977. – 80 с.
3. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. - М.: Просвещение, 1959. – 352 с.
4. Рустамов Ш. Оид ба калимасозӣ ва ҳусни сухан / Ш. Рустамов // Садои Шарқ, 1971. - №6. - С.114-124.

5. Сабзаев С.М. "Забон ва услуби шоирони маорифпарвар" / С.М. Сабзаев. - Душанбе: Маориф, 1991. – С.6-10.
6. Савдо А. Ғазали "Нашунидам сухане". Мунтахабот / А.Савдо. - Сталинобод: - Нашрдавтоҷ, 1958. - С.54-55.
7. Смирницкий А.И. Лексикология современного английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Изд-во МГУ, 1998. – 121 с.
8. Туровский В.В. О соотношении значений многозначного слова / В.В. Туровский // Семиотика и информатика. - М.: Просвещение, 1994. – 148 с.
9. Усмонов К.У. Маҳфум ва маъно (мақолаи илмӣ, дар китоби "Номаи донишгоҳ") / К.У. Усмонов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. - 40 с.
10. Bloomfield L. Language / L. Bloomfield. - New-York, Holt, Rinehart and Winston, 1965. – 234 p.
11. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ / Ҷ. Икромӣ. - Душанбе: Адиб, 2014. – 560 р.
12. Mark Twain. The Adventures of Tom Sowyer / Twain, Mark - Москва: Айрис Пресс, 2012. - 298 p.
13. John Saul. Darkness. New York / Saul, John. - London.: Bantam books, 1993. – 276 p.
14. Oxford English Dictionary. - Москва.: Издательств Дом ИНФРА - М, 2004. – 134 p.
15. Skeat W.W. An Etymological Dictionary of the English Language, London: Wordsworth Editions Limited / W.W. Skeat. URL: http://www.allbest.ru

СЕРМАЪНОИИ КАЛИМАҲО ВА АМАЛИШАВИИ ОНҲО ДАР МАТН

Мақолаи мазкур ба тадқиқи сермаъноии калима дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки пайдоиши маънои нав дар калима ҳама вақт масъалаи мураккабу диққатҷалбкунанда мемонад. Дар ҳақиқат, таърихи маънои калима дар аксар ҳолатҳо дигаргуниҳои аниқ ва возеҳро дар шароити ҳаёти ҷамъият инъикос менамояд ва дар тадқиқоти мазкур амалишавии сермаъногии калимаҳо дар матн дида баромада шудааст. Азбаски барои амалишавии сермаъногии калимаҳо дар матн контекст нақши муҳимро мебозад, ба он низ аз рӯйи нуқтаи назари забоншиносон таъриф дода шудааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба сермаъноии калимаҳо дода шудааст, ки он аз рӯйи контекст муайян гардида, бо он дар ду забон мисолҳои фаровон оварда шудааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз мисолҳои овардашуда ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳамаи он маъноҳои аниқшуда чӣ гуна ифода меёбанд ва амалӣ гаштани онҳо аз чӣ вобаста аст. Инчунин, дар мақола вобаста ба нуқтаи назари забоншиносон дар бораи контекст ва намудҳову хусусиятҳои он маълумот дода шудааст. Хулоса мешавад, ки калимаҳои сермаъно ва истифодаи онҳо бо ин ё он маъно дар матнҳои гуногун ҳамчун як хусусияти хос ва индивидуалии калимаҳои сермаъно маҳсуб ёфта, ҳамчун навъи методҳои универсалӣ дар таҳлил ва овардани калимаҳо дар луғатҳо васеъ истифода бурда мешаванд.

Калидвожаҳо: сермаъноӣ, контекст, матн, калима, маъно, методҳои универсалӣ, луғат.

МНОГОЗНАЧНОСТЬ СЛОВ И ИХ РЕАЛИЗАЦИЯ В ТЕКСТЕ

Данная статья посвящается исследованию многозначных слов в английском и таджикском языках. Автор подчёркивает, что появление новых значений у слов всегда привлекает внимание. На самом деле, значение слова в большинстве случаев меняется и отражает изменяющиеся условия общественной жизни, и в этом исследовании была изучена семантическая реализация слов в тексте. Поскольку контекст играет важную роль в значимости слов в тексте, ему также даётся определение с точки зрения лингвистов. Обращается внимание на многозначность слов, значение которых определяется в контексте и приводится ряд примеров в английском и таджикском языках. Также в статье приведены точки зрения лингвистов об особенностях и видах контекста. Стоит отметить, что из приведенных примеров видно, как выражаются все эти смыслы и от чего зависит их реализация. В заключении автор указывает на то, что многозначные слова и их использование в том или ином значении в разных контекстах считается индивидуальной особенностью и широко используется как универсальные методы анализа и отражения слов в словарях.

Ключевые слова: многозначность, текст, контекст, слово, значение, универсальные методы, словарь.

POLYSEMANTIC WORDS AND THEIR MEANING IN THE TEXT

This article dwells with the study of polysemantic words in English and Tajik languages. The author emphasizes that the emergence of new meanings of words considered to attract attention. In fact, the source of the meaning of the word clearly changes in most cases and reflects in the conditions of society and the semantic realization of words was studied in the text in this article. Since context plays an important role in the meaning of words in a text, it is also defined in terms of linguists. Important attention is paid to the polysemantic words in the text which are defined in the context and a number of examples are given in English and Tajik languages. The points of view of linguistics on the features and types of context are also given in the article. It should be pointed out that it is easy to determine from the examples given in the article how all these meanings are expressed and what their implementation depends on. In conclusion, the author indicates that polysemantic words and their use in one or another meaning in different contexts are considered to be an individual feature and are widely used as different methods of analysis and reflection of words in dictionaries.

Key words: polysemy, text, context, word, meaning, different methods, dictionary

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Набиҷонова Зебохон Абдугафуровна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, аспиранти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков 1. Тел.: **(+992) 92-818-07-79**

Сведения об авторе: ***Набиджанова Зебохон Абдугафуровна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, аспирант кафедры фонетики и лексикологии английского языка факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр.Мавлонбекова, 1. Тел.: **(+992) 92-818-07-79**

Information about the author: ***Nabijonova Zebokhon Abdugafurovna*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, post-graduate of the department of English phonetics and lexicology of the faculty of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Str. Mavlonbekova, 1. Tel.: **(+992) 92-818-07-79**

УДК: 491.550:491.71

КАЛИМАҲОИ ТОҶИКӢ ДАР ТАРКИБИ УНСУРҲОИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ РУСИИ ҚАДИМ

Холшехова С.А.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Аз ёдгориҳои забони русии қадим бармеояд, ки дар забони русии ин давра (садаҳои XI-XVII) ба калимаҳои аслии тоҷикӣ ё онҳое, ки ба воситаи забони тоҷикӣ ба забони русӣ дохил шудаанд, пасвандҳои калимасози русӣ бештар ҳамроҳ шуда, воҳидҳои нави луғавӣ сохтаанд.

Дар забони русии ин давра на танҳо ба шакли содаашон иқтибос гардидани воҳидҳои луғавии тоҷикӣ мушоҳида мешаванд, балки ҳамчун ҷузъи асосии унсурҳои сохтаи луғавӣ ба кор рафтани онҳо низ дар аксар маврид ба назар мерасад.

Дар забони русии қадим (садаҳои XI-XVII) ба вожаҳои тоҷикӣ ҳамроҳ шудани пасвандҳои сифатсоз ва ташаккули унсурҳои луғавии аломату хусусиятро ифодакунанда низ ба мушоҳида мерасад. Яке аз чунин пасвандҳо, ки дар калимасозӣ хеле фаъол аст, *-н-* маҳсуб мешавад. Масалан, дар ҷумлаи зерин, ки аз навиштаҷоти мансуб ба соли 1667-ум интихоб карда шудааст, калимаи *миткалинный* дучор меояд: Взято Синбирский слободы у казака у Силки Иванова знамя *мьтъкалинное* с краснымъ кумачемъ, хвасты красные, на немъ нащитъ крестъ.

Дар матни соли 1670-ум пасванди мазкур ба шакли дигари ин калима ҳамроҳ шуда, боиси ба вуҷуд омадани вожаи сохтаи *миткалильный* шудааст: Выдано изъ казны два ковра золотныхъ, да два ковра козылбашские съ махрами на осля, да чокалъмиткалильной.

Ба ин тариқ, дар ёдгориҳои забони русии қадим (садаҳои XI-XVII) инъикосгардии ҳамроҳшавии пасванди *–н-*ро ба калимаҳои зиёди дигар низ дучор меоем. Чунончи, дар навиштаҷоти асрҳои XI-XVII истифодаи воҳидҳои луғавии *домерный*, *дорогильный*, *достоканный*, *караванный*, *кафтанный*, *аманатный*, *базарный*, *брачинный*, *стаканный*, *сатинный*, *кабальный*, *мухоярный* ва ғайраҳоро дучор меоем: Семен Федоров, оглодаев явил осталого же товару…3000 струн домерных**,** 10 полукафтанов крашеннинных. А снесъ, государь, тотъ малой у меня… кофтанъ дорогильной зтеганой. Семнадцать кубков золочоных и незолочоных резных…с травами и достокановым дьлом. Пострижебо того… и вмьсто брачинных черными (одеждами) его облечею. За стихарь дияконской полотняной…за уларь сатинной, за поручи мухоярные, всего 40 ал (тын). Купил… ряску мухоярную. А которые юртовские татаровя или нагайские люди приведутъ въ юрты аманатную животики лошади, коровы и овцы и козы…. Да в мсце ж марте со всякой базарной продажи десятой пошлины собрано рубль.

Баъзеи чунин унсурҳои луғавӣ дар матнҳои русии қадим (садаҳои XI-XVII) дар ифодаи ду маъно ба кор рафтаанд. Чунончи, калимаи *караванный* дар ин ҷумлаҳо, ки аз матнҳои солҳои 1615 ва 1696-ум интихоб гардидааст, дар ифодаи маъноҳои зерин ба кор рафтааст: а) мансуб ба корвон (ба маънои нахуст): По нашему указу он купчика и караванной голова Дербыш отпустил с нашим посланником с Михаилом с Тихановым в вожех людей своих на Юргенчь; б) мансуб ба корвон (ба маънои дуюм): Естли начальникъ караванной похочеть плывучи, назватъ къ себь всьх капитановъ….

Дар матнҳои солҳои 1671-1672-юм калимаи *арачный* истифода гардидааст: Да въ той же винокурне подставошныхъ и арашныхъ шаекъ и ведеръ водяныхъ и десяти, цена имъ 10 алтынъ. У винокурни…семь стоякъ дубовыхъ арачных и приголовочныхъ .

Баробари шакли *дорогильный* дар матнҳои солҳои 1578 ва 1611-ум гунаи *дорогинный* низ ба кор рафтааст: Пелена у Пречистые дорогинна полосата. Кафтанъ холодной дорогиненъ.

Атласный / отласный низ аз ҷумлаи ҳамин гуна унсурҳои луғавии дуварианта ба шумор омада, дар матнҳои солҳои 1514 ва 1668-ум мавриди истифода қарор гирифтааст: А на дьвьль…ходилнаго платья: кортелъ бьлой облягченъ полтора рубли, льтникъ отласецъ полоса(тъ). Кафтан атласный, другой суконной кармазиновой холодные.

Дар матни соли 1503-юм калимаи *намазный* истифода шудааст: Взял есми у Ивана ж у Михаилова коверъ намазнои.

Баъзан ҳамроҳшавии пасванди мазкурро ба калимаҳои мураккаби тоҷикӣ дучор меоем, ки дар забони русии қадим (садаҳои XI-XVII) ҳамчун вожаи сода пазируфта шудаанд. Унсурҳои луғавии *изарбафный, изарбатный*, *балахонный*, *объяринный, объеринный*, *домряной* ва ғайраҳо аз ҳамин ҷумлаанд.

Муҳаққиқон муайян кардаанд, ки асли вожаи *изарбаф* ё *изарбат – зарбоф*, *балахон – болочома*, *объяр – обдор* будааст: Ризы изарбафные красные травчатые. Телогрья изарбафная, четыре треуха собол(ь) их. Да приданого платья: … шуба изарбатная теплая…. Явилъ Иван Семенов снъ Некрасовъ 20 нашивок балахонных.

Куфтерной низ аз ҷумлаи ҳамин гуна унсурҳои луғавӣ аст, ки дар матнҳои солҳои 1632 ва 1658-ум мавриди истифода қарор гирифтааст: Кафтан становой, куфтерной лазоревъ. Ряса куфтерная, зеленая камка.

Дар ифодаи маънои «мансуб ба савдои аспҳои саҳроӣ» дар матнҳои солҳои 1649, 1674 ва 1677-ум шаклҳои мухталифи айни як калима: *ордобазарный*, *ардабазарный*, *ардобазарный* истифода шудаанд: Кочевати бъ имъ тайшамъ съ улусы своими, въ льтнее и в зимнее время, на Нагайской сторонь, у рьки Волги, у Астрахани въ ближныхъ мьстьхъ; и къ государю бъ посылатъ людей своимъ ордобазарными лошадьми. А къ Москвь въ ардабазарныхъ станицахъ для продажи посылать нам тайшамъ…многия лошади прежнею дорогою на Танбовъ, на Касимовъ, на Володимиръ. По тьмъ гранямъ и дрогищамъ къ большой старинной ардобазарной дороги.

Баъзеи ин гуна воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои русии қадим (садаҳои XI-XVII) ба якчанд маъно ба кор рафтаанд. Калимаи *скипидарный* ба ҳамин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ дохил мешавад, ки дар матнҳои русии садаҳои XI-XVII, аз ҷумла навиштаҷоти солҳои 1627, 1634, 1669-ум ба маъноҳои зерин ба кор рафтааст: а) равғани скипидар, равғани аз ҳел ё дигар навъи дарахтони муаттар омодашаванда: Суконъ осълинских 26 половинок, шелку ряского пуд, 50 киндяков…кукшин масла скипидарного в пуд, 2 бочки ягод винных; б) мансуб ба скипидар: Явиль Степанъ Федоровъ снъ Корольковъ…р.саляницъ маленьких скипидарныхъ; в) аз скипидар тайёргардида, бо скипидар: Сентября в 26 день Сидор да Михайло Березовское…товару явили…кукшин масла скипидарного в пуд.

Калимаи *объяринный* дар матнҳои солҳои 1525, 1672 ва 1670-ум дар ифодаи се маъно ба кор рафтааст: а) аз матои обёр тайёргардида, дӯхташуда: Кафтанъ турской, объярinный красной съ турскою нашивкою, подбить тафтою волнистою; б) ба матои обёр шабоҳатдошта (аз рӯйи шакл, тарзи омодагардӣ): Яз, государь, посол челом бью от себя…3 мели широких, трои митколи объяринные; в) бо нақш ё сурати марғуладор (дар бораи сатҳи матои обёрро бахотироранда): Двь иконы…написаны были объяринныя травчатые образцы по обоимъ сторономъ, стали рубль.

Калимаи *гуляфный* низ метавонад далели ин гуфтаҳо бошад. Вожаи *гуляф* дар забони тоҷикӣ аслан мураккаб буда, аз ҷузъҳои *гул* ва *об* иборат аст. Аз ин калима бо ёрии пасванди *-н(ый)* унсури луғавии *гуляфный* бунёд гардидааст, ки он дар навиштаҷоти русии мансуб ба асри XVII ба ду маъно истифода гардидааст: а) барги гули софкорикардашуда, шиповник: Про государевъ мылной составъ, падобно масла гвоздичного 3 золотника, масла онисового 6 золотникъ, водки гуляфные свьжие полтора фунта; б) ранги гулобӣ: Сукно, свьтло маховой цвьт, гуляфной, 5 арш….

Калимаи *сафьянный* низ дар матнҳои мансуб ба солҳои 1588, 1591, 1671, 1676, 1687-ум дар ифодаи ду маъно мавриди истифода қарор гирифтааст: а) мансуб ба сахтиён: Куплено…сафьянного ряду у торгавого человька у Фатки Петрова 2 юфти сафьяновъ алыхъ; б) аз сахтиён омодагардида: Сапоги софьянные… поношены.

Баъзан ин пасванд ба калимаҳои иқтибосие ҳамроҳ гардидааст, ки онҳо ба воситаи забони тоҷикӣ ва баъдан туркӣ ба таркиби луғавии забони русии қадим (садаҳои XI-XVII) дохил шудаанд. Далели ин гуфтаҳо иқтибоси унсури луғавии *кончерый* буда метавонад. Ҷузъи асосии ин калима шакли тағйирёфтаи *ханҷар* ҳисобида шудааст. Ин воҳиди луғавӣ дар матни соли 1687-ум ба назар мерасад: Четыре кончера сталные новаго дьла… ножны кончерные…покрыты бархатомъ червчетымъ.

Калимаи *сандальный* дар ифодаи се маъно ба кор рафтааст: а) мансуб ба сандал. Ин маъно дар матни мансуб ба солҳои 1610 ва 1628-ум ба назар расид: Два фунта мьлко истолченного дерева; б) аз мағзи дарахти сандал тайёргардида. Чунин маъно дар навиштаҷоти солҳои 1489 ва 1677-ум ба мушоҳида расид: Пищаль винтовальная ствол воронской…ломса сандальная; в) бо сандал ороишёфта. Ин маъно дар матнҳои мансуб ба солҳои 1694 ва 1695-ум дучор омад: Явил Суздальского уезду…крестьянин Федор Иванов на санях…108 портиша крашенин сандальных.

Калимаи *кабальный* низ, ки дар бораи этимологияи он дар боби аввал мулоҳизаронӣ шуд, дар матнҳои солҳои 1600 ва 1660-ум дар ифодаи ду маъно ба кор рафтааст: а) мансуб ба қибола, уҳдадории қарз: Да его жъ Ивана указалъ в(еликий) государь кабальные и безкабальные его долги оплатить изъ своей государевы казны; б) дар натиҷаи напардохтани заём хидматгор шудан (дар бораи инсон): Тое свого кабалную робу…отпустилъ на волю.

Калимаи *лаличный* низ дар навиштаҷоти соли 1631-ум ба назар мерасад: Искорки лаличные и изумрудные.

Пасванди -ск-(-еск-) дар забони русӣ аз исмҳои беҷон ва калимаҳои ифодакунандаи номи шахс сифатҳои нав месозад. Он вобаста ба мавқеаш метавонад дар шаклҳои *-еск* (пас аз ҳамсадоҳои шавшувдор ва *ц*) ва *-ск-* истифода гардад. Бо асосҳои калимасоз ин пасванд ҳангоми бо исмҳои бо *–ец, -ак (-як), -ач* хатмшаванда ҳамроҳ шуданаш зичтар пайваст мегардад. Дар сурати вуҷуд доштани имконияти сохташавии сифатҳо бо роҳи ба пасванди *–н-* ҳамроҳшавии асосҳои калимасоз ин пасванд калимаи нав сохта наметавонад.

Доираи калимасозии пасванди номбурда васеъ буда, сабаби он ҳамин аст, ки *–н-* ҳам ба калимаҳои аслии русӣ, ҳам иқтибосӣ имкони васеи ҳамроҳ гардидан дорад.

Дар матнҳои асрҳои XI-XVII русӣ аз унсурҳои луғавии тоҷикӣ бо ёрии пасванди *-ск-* ва монанди инҳо низ бунёд гардидани калимаҳои сохта мушоҳида мегардад. Воҳидҳои луғавии *аманатский*, *базарский* аз ҷумлаи ҳамин гуна калимаҳо ҳастанд: И по городу подьлалъ многие деревянные пушки и аманатскую избу поставили новую. А Ши Ахметъ у Сеыть Махмута изъ его удьла отнялъ дву человъкъ лутшихъ базарскихъ.

Дар матнҳои солҳои 1676 ва 1700-ум калимаи *салтанский* дучор меояд, ки он маънои «мансуб ба султон»-ро дорост: Куплено въ…государеву казну…у приьзжихъ гречанъ…31 портище зуфей, и въ том числь 9 портищъ салтанских.

Ба ин тариқ, таҳлилу муқоиса нишон медиҳад, ки дар матнҳои даврони мазкур дар забони русӣ мисли баъзе забонҳои ҳиндуаврупоии дигар бо роҳи ҳамроҳшавии пасвандҳо ба вожаи сода ташаккули унсурҳои луғавии сохта ё дар натиҷаи баҳамоии калимаҳои сода бунёдгардии вожаҳои мураккаб яке аз усулҳои сермаҳсули калимасозӣ ҳисоб мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В четырех томах / М. Фасмер. – М.: Прогресс, 1986. – Т. 1 (А-Д), – 573 с.; 1986. – Т. 2 (Е-муж), – 671 с.; 1987. – Т. 3 (муза-сят), – 830 с.; 1987. – Т. 4 (Т-ящур), – 860 с.
2. Этимологический словарь русского языка / под рук. и ред. Н.М. Шанского. – М.: Издательство Московского университета, 1982. – Том 2. – Вып. 8. – 470 с.
3. 1393 .فرهنگ ریشهشناختیٔ زبان فارسی جلد اوّل چهارم تهران.حسندوست م
4. 1373-1372. موءسسهء انتشارات و چاپ دانشگاه تهران. جلدهای اوّل چهاردهم. لغتنامه. دهخدا ع
5. تهران 1375.موئسسهٔ انتشارات امیٔ کبیٔ .جلدهای اوّل چهارم .فرهنگ فارسی .معیٔن م
6. Хайдари Ш. Из истории изучения антропонимики ираноязычных народов / Ш. Хайдари. – Пермь, 2009. – 192 с.
7. Шанский Н.М. Современный русский литературный язык / Н.М. Шанский [и др.]. – Л.: Просвещение, 1988. – 670 с.
8. Эдельман Дж.И. Иранские и славянские языки. Исторические отношения / Дж.И. Эдельман. – М.: Восточная литература, 2002. – 229 с.
9. Ильяхов А.Г. Этимологический словарь. Античные корни в русском языке / А.Г. Ильяхов. – М.: АСТ. Астрель, 2010. – 669 с.
10. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсуддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1987. – Т. 1. – 480 с.; 1988. – Т. 2. – 416 с.

КАЛИМАҲОИ ТОҶИКӢ ДАР ТАРКИБИ УНСУРҲОИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ РУСИИ ҚАДИМ

Мақолаи зерин ба сабабҳои истифодабарии калимаҳои тоҷикӣ дар таркиби унсурҳои луғавии забони русии қадим (садаҳои XI-XVII) бахшида шудааст. Инчунин, дар мақола ба якчанд маъно ба кор рафтани воҳидҳои луғавӣ ва ҳамроҳшавии пасвандҳо ба калимаҳои мураккаби тоҷикӣ, ки дар забони русии даврони мазкур ҳамчун вожаи сода пазируфта шудаанд, нишон дода шудааст. Дар мақола низ мисолҳо аз навиштаҷоти асрҳои XI-XVII оварда шудааст, ки далели ин гуфтаҳо шуда метавонанд. Дар мақола низ пасванд ба калимаҳои иқтибосие нишон дода шудаанд, ки онҳо ба воситаи забони тоҷикӣ ва баъдан туркӣ ба таркиби луғавии забони русии қадим (садаҳои XI-XVII) дохил шудаанд. Аз таҳлилу муқоиса дар мақола чунин бармеояд, ки дар матнҳои даврони мазкур дар забони русӣ мисли баъзе забонҳои ҳиндуаврупоии дигар бо роҳи ҳамроҳшавии пасвандҳо ба вожаи сода ташаккули унсурҳои луғавии сохта ё дар натиҷаи баҳамоии калимаҳои сода бунёдгардии вожаҳои мураккаб яке аз усулҳои сермаҳсули калимасозӣ ҳисоб мешавад.

Калидвожаҳо: унсур, пасванд, калимасозӣ, иқтибос, ёдгориҳо, вожа, таркиб.

ТАДЖИКСКИЕ СЛОВА В ЛЕКСИЧЕСКОМ СОСТАВЕ ДРЕВНЕРУССКОГО ЯЗЫКА

Данная статья посвящается причинам употребления таджикских слов в лексическом составе древнерусского языка (XI-XVII вв.). Также в статье демонстрируются применение лексических элементов и присоединение суффиксов к сложным таджикским словам, признающимся в древнерусском языке как простые слова. В статье приведены примеры из письменностей XI-XVII вв., являющиеся доказательством данных высказываний. Кроме того, в статье показаны заимствованные слова, перешедшие в лексический состав древнерусского языка (XI-XVII вв.) посредством таджикского, затем тюркского языков. Из анализа и сравнения в статье становиться очевидным, что в текстах данного периода в русском языке, как и в некоторых индоевропейских языках присоединение суффиксов к простому слову с целью образования производных словарных элементов или в результате соединения простых слов считается одним из продуктивных методов словообразования.

Ключевые слова: элемент, суффикс, словообразование, заимствование, памятники, слово, состав.

TAJIK WORDS IN THE LEXICAL COMPOSITION OF THE ANCIENT RUSSIAN LANGUAGE

The given article is devoted to the causes of Tajik words usage in the lexical structure of the Old Russian language (XI-XVII centuries). As well the usage of lexical elements and addition of suffixes to compound Tajik words, which are recognized as simple words in the Old Russian Language, have been demonstrated in the article. The examples from scripts of XI-XVII centuries which are the evidence of these statements have been brought into the article. Besides, the borrowed words transferred into the lexical structure of the Old Russian language (XI-XVII centuries) through the Tajik language, later through Turkic languages, have been clearly shown. From the analysis and comparison in the article, it becomes obvious that in the texts of this period in Russian, as well as in some Indo-European languages, the addition of suffixes to a simple word in order to form derived dictionary elements or as a result of the combination of simple words is considered one of the productive methods of word formation.

Key words: element, suffix, word-formation, borrowing, monuments, word, composition.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холшехова Сарвар Аҳмадҷоновна*** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. И.Сомонӣ, 169. Тел.: **(+992) 92-706-19-68**

Сведения об авторе: ***Холшехова Сарвар Ахмаджановна*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г.Худжанде, старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, ул. И.Сомони, 169. Тел.: **(+992) 92-706-19-68**

Information about the author: ***Kolshekhova Sarvar Akh*****madzhanovna -** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Senior Lecturer at the Department of Tajik and Russian Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. I. Somoni, 169. Tel .: **(+992) 92-706-19-68**

УДК: 801.31

НАЗАРЕ РОҶЕЪ БА ЭТИМОЛОГИЯИ ВОЖАҲОИ «ЧАРБ» ВА «РАВҒАН»

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар кулли забонҳо, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ як қатор калимаҳое дар гардишанд, ки ҷуз дар истифодаи умум қарор доштан, мафҳуми соҳаҳои махсуси илм низ гаштаанд. Таҳқиқи этимологияи он мафҳумҳо на танҳо мутахассисони илми забон, инчунин муҳаққиқони соҳаро водор мекунад, то нисбати пайдош ва паҳлуҳои маъноии он мафҳумҳо маълумот дошта бошанд ва корҳои пажӯҳишӣ анҷом диҳанд. Амсоли инҳо, мафҳумҳои илми кимиё - вожаҳои равған, чарб, намак ва ғ. мебошанд. Таҳқиқи этимологияи вожаҳои тоҷикии “равған” ва “чарб”, ки дар даврaҳои гуногуни таърихӣ, дар забону гӯйишҳо бо шаклҳои мухталиф дучор мегарданд, барои донистани пайдоиш, маънии аслӣ-ибтидоӣ, муайян намудани нахустшакли онҳо имкон медиҳад.

Маълум аст, ки чарб яке аз моддаи паҳншудаи табиат буда, қисми таркиби ғизои баъзе аз ҳайвонот ва инсонро ташкил медиҳад. Он дар баъзе узвҳои ҳайвонот, хусусан дар дунба, зери пӯст ва атрофи рӯдаҳо қобили захира шудан дорад. Чарби зери пӯст организмро аз зарбу ҳарорати хунук ҳифз мекунад. Чарби рустаниҳоро, ки моддаи моеъ мебошад, равған мегӯянд. Онро асосан аз тухму донаҳои рустаниҳои равғанофар истеҳсол мекунанд. Чарбу равғанҳо табиати ягона дошта, дар об ҳалнашавандаанд ва ҳангоми бо об омезиш кардан ва ё дар об ҷӯшонидан ба рӯйи об мебароянд. Инсон ба чарб ва равған, албатта, дар як давраи хеле барвақти таърихи инкишофи худ шинос шуда, номгузорӣ намудааст. Ҳоло вожаи “чарб”- ро дар забони тоҷикӣ барои ифодаи ҳама гуна чарб, ҳам ҳайвонотию ва ҳам рустанигӣ, ки аз лиҳози сохт ва таркиби кимиёвӣ гуногунанд, истифода мебаранд ва он дар шакли ҷамъ -“чарбҳо” дар илми кимиё номи гурӯҳии моддаҳои махсус низ гаштааст.

Роҷеъ ба вожаи тоҷикии “равған” ва этимологияи он дар адабиёт андешаҳои мухталиф баён ёфтааст. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” овардаанд, ки равған моддаи чарб, ки аз шир, дунба ё чарбуи чорпоён, аз донаҳои наботӣ ё аз маҳсулоти нафтӣ гирифта мешавад [15, с.138]. Бархе аз муҳаққиқон нисбати этимологияи вожаи мавриди таҳқиқ дар он назаранд, ки он аз гунаи “raugna”-и забони эронии бостон, ки дар авастоӣ шакли “raōjna”-ро дорад, манша гирифта, дар порсии миёна таҳти таъсири забонҳои шимолӣ-ғарбии эронӣ гунаи “rōjn”- ро пазируфтааст ва ба порсии дарӣ бошад, ба шакли “rōjnan” ворид гардидааст. Инчунин, аз рӯйи мавҷудияти овози “ғ” дар байни калима, ки он на ба ҳама забонҳо хос аст, иқтибоси вожаи “равған” аз забонҳои шимолӣ-ғарбии эронӣ ба портӣ ва тоҷикӣ эҳтимол дорад [17, с.53]. Иддае шаклҳои вожаи “равғанро” дар забонҳои гуногун, аз ҷумла дар ҳиндуаврупоӣ бо гунаи “reughmen”, ориёӣ “raugna”, авастоӣ “raoγna”, парфиянӣ “rāγan”, суғдӣ “rwγn”, хутану сакоӣ “rrūṇä” нишон дода,

вожаҳои дар таркибашон овои “ғ” доштаи забони тоҷикӣ-форсиро, вожаҳои меросии забони парфиянӣ ва ё суғдӣ донистаанд [5, с.152,153].

Пажӯҳишгарони забонҳои қадим, асос ба гунаҳои дар забонҳои тохарии А “şälyp”, тохарии В “şalype”, ҳиндуи қадим “sarpis” ва олмонии қадим “salba”, луғати умумӣ барои ифодаи равған ва ҳам чарб дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ шакли “selp[h]”-ро қабул намудаанд [3, с.703]. Умуман, фарҳангнигорон дар луғатҳои этимологӣ гунаҳои вожаи “равған” ва “чарб”-ро дар забону гӯйишҳои гуногун овардаанд, вале бо таҳлили сохтор бардошти маънӣ накардаанд. Гуногунсохторӣ, муқоисаву муқобалаи воҳиди луғавии сунъисохти шакли ҳиндуаврупоӣ -“selp[h]” бо вожаи тоҷикии “равған” аз этимологияи ягона надоштани онҳо дарак медиҳад. Таҳлили сохтори вожаи мавриди таҳлил ва баъзе гунаҳои шабеҳсохти он, дар равобит ба хосияти худи равған нишон медиҳад, ки он хосси гурӯҳи забонҳои форсӣ буда, аслан аз гунаи “рӯған”, ки он дар базъе гӯйишҳои забони тоҷикӣ, хусусан дар гӯйишҳои шимолии тоҷикӣ то ҳол дар гардиш аст, шакл гирифтааст. Бояд ёдовар шуд, ки муҳаққиқ, забоншиноси машҳур В.С. Расторгуева дар гӯйишҳои шимолии Тоҷикистон маҳфуз мондани шакли куҳани вожаҳои зиёдеро арз дошта буд [10]. Шакли “равған”-ро пазируфтан, шояд натиҷаи тарзи ягонаи навишти овои “у” ва “в” ва сабт наёфтани садоноки “а” дар навишти пешинаи забони форсии тоҷикӣ бошад, ки ба ин минвол калимаҳои зиёде дар баъзе забону гӯйишҳои гурӯҳи забонҳои эронӣ, шакли худро дигар кардаанд, чун рӯшан - равшан, суол-савол, шӯла-шавла, аул-авул, туба-тавба, ин тур-ин тавр ва ғ. Вале муҳаққиқон бадалгардии овози “у” ба “в”- ро, ки ин аслан хосси забони тоҷикӣ ва дарии Афғонистон мебошад, “вови маҷҳул”, яъне “в”-и номаълум, арз кардаанд ва бархе онро аз ҳисоби ба садоноки “ū” табдил ёфтани садоноки мураккаби “aū” ва натиҷаи дароз талаффуз кардани баъзе аз таркиботи овозии калимаҳои дорои ин гуна дифтонг медонанд [7, с.183]. Дар асл вожаи “рӯған” аз назари этимологӣ воҳиди луғавии мураккаб буда, аз ҷузъҳои “рӯ” ба маънои “рӯй, сатҳи боло” ва “ған” ба маънои “ғун”, “ҷамъ шудан” бунёд ёфтааст (Бояд хотиррасон намуд, ки ҳангоми маънибардорӣ аз номи маводҳо, ҳар муҳаққиқро мебояд хусусияти хосси онро зери назар дошта бошад, зеро номи аксари маводҳо ба ягон хусусияти хосси он тавъам аст). Маълум аст, ки яке аз хосияти хосси чарбу равған, ҳангоми дар об ҷӯш додан, аз таркиботи маводҳо ҷудо гашта, рӯйи об ғун шудан мебошад. Дар равобит ба ин хосият истеҳсоли равған низ роҳандозӣ гашта буд. Чун, маводҳои равғанофари рустанигиро кӯфта, ос намуда бо оби гарм меомехтанд, равған ба рӯй мебаромад, баъд онро ҷамъ карда мегирифтанд, яъне гузаштагон хусусияти ба рӯйи об ғун шудани онро зери назар дошта, ба он “рӯған, рӯғун” ном додаанд. Оид ба овои “ӯ”-и таркиби вожаи “рӯған” ва дигар калимаҳо бояд хотиррасон намуд, ки он дар забони тоҷикӣ натиҷаи ташаккули таърихии овои “ā, ō, ōу”-и форсии миёна ва онҳо зодаи “ao, au”-и забони форсии бостон мебошанд. Роҷеъ ба ташаккули овои “ā”- форсии қадим ва миёна ба “o”, дар форсии миёна шакли “ō” гирифтани дифтонги “au”- и форсии бостон ва минбаъд дар баъзе воҳидҳои луғавӣ ба гурӯҳи овозҳои “av, aw” бадал гаштани онҳо, баъзе муҳаққиқон ибрози назар кардаанд [9, с.18; 18, с.218-236]. Дар забони форсии миёна вожаи “рӯй”, ки дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ дар шакли “рӯ” дучор мегардад, шакли“rōy”-ро дошта, бархе онро шаклгирифта аз “raoδa”-и авастоӣ ва “rauda”-и форсии бостон, ки маънои “намуди зоҳирӣ”-ро доштааст, медонанд [7, с.183]. Ба ин оварда илова бояд намуд, ки дар калимаҳои зикршудаи забонҳои қадим, танҳо ҷузъи “rao” ва “rau” ишора ба “рӯй” доранд.

Инсон, албатта, қабл аз равғани рустанӣ ба чарби ҳайвонот шинос шудааст, зеро дар давраи тарзи ҳаёти ибтидоии ҷамоавии худ, ки танҳо аз маводҳои тайёри табиӣ истифода мекард, дар вақти шикори ҳайвонот бешак ба чарби дар дунба ва дигар қисмати тани ҳайвонот буда дучор омада буд. Дар ин асос вожаҳои ифодагари “чарб” дар забонҳои қадим шояд муқаддамтар аз вожаҳои ифодагари “равған” бошад. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи чарб (چرب) бо якчанд маънӣ тавзеҳ ёфтааст: 1. Равған, пиҳ, бахусус равғани дарунӣ. 2. Равғанин; муқобили хушк ва равғаннадида; серравған. 3. Равғанолуд, ифлос, чиркин. 4. Маҷозан, мулоим, нарм ва латиф. Вожаи “чарбак (چربك)” нони тунуке, ки дар равған бирён мекунанд ва ба арвоҳи гузаштагон садақа мекунанд ва онро маъмулан бо ҳалво мехӯранд; чалпак [15, с.535]. (Ин ҷо бояд таъкид кард, ки вожаи “чалпак” аз бадалшавии овои “р” ба “л” аз вожаи “чарбак” шакл гирифтааст). Бобати вожаи “чарбӣ (چربي)” оварда шуда, ки пиҳ ва равғани даруни гӯсфанд, буз гов ва ғ., ки ғайри дунба мебошад [15, с.536]. Дар “Бурҳони қотеъ” вожаи “чарбӣ”-ро чунин тавзеҳ додаанд: “Чарбӣ –киноя аз мулоямат ва нармӣ бошад; ва пиҳи гӯсфанд ва буз ва амсоли онро низ гӯянд” [2, с.342].

Шабоҳати сохтории вожаи “чарб”- и забони тоҷикӣ бо бархе аз гунаҳои дар забонҳои қадим буда, нишон медиҳад, ки он аз рӯйи бунёди худ бо шаклҳои тохарии “şälyp, şalype”, ҳиндуи қадим “sarpis”, олмонии қадим “Salba”, англисии қадим “sealf”,

“salve” ва гунаи сунъисохти ҳиндуаврупоии “selp, selp[h]” [11, с.232], ҳамзот аст. Ин вожаи мавриди таҳқиқ дар забони яғнобӣ шакли “чарпа” [6, с.233], позанд “čarw”, шуғнӣ “čärve”, паҳлавӣ, балучӣ ва армиянӣ “čarp”, суғдӣ “čarp (črp)”, форсӣ “čarb”, осетинӣ “carv”, сакоӣ “tcārba”, англисии муосир “salve” ва олмонӣ “Salbe” дорад, ки ҳамагон низ аз як сарчашмаанд. Нисбати гунаи дар забони ҳиндуи қадим буда, зикр кардаанд, ки бо вожаи “sarpi” ҳамагуна равғане, ки аз ҳайвонот дастрас мешавад, ҳам аз таркиби шир, ҳам чарбу ва ҳам чарбуи гудохташударо мегуфтанд [1, с.290]. Дар “Луғати этимологии забонҳои эронӣ” вожаҳои ифодагари чарбро дар кулли забонҳои қадим ва муосири хонаводаи ҳиндуаврупоӣ оварда, шакли “čarb”, ки дар форсии миёна гунаҳои “čarp”, “čarpih”-ро доштааст, аз ориёии “sarp(a)” ва ҳиндуи қадимаи “sarpiṣ”, ва онҳоро шаклгирифта аз ҳиндуаврупоии “selp” тахмин кардаанд [11, с.232]. Бояд тазаккур дод, ки шаклҳои гуногун пазируфтани вожаи “чарб” дар забону гӯйишҳои мухталиф аз фонетикаи фарққунанда доштани онҳо сар задааст. Муҳаққиқони Ғарб аз чи бошад, ки вожаи “чарб” ва гунаҳои дар забонҳои эронӣ бударо сарфи назар карда, шакли ҳиндуаврупоиро “selp[h]”, муайян намудаанд, ҳол он ки танҳо аз шаклҳои дар гурӯҳи забонҳои эронӣ буда, маънибардорӣ намудан мумкин аст. Дар калимаи “чарб” решавожа ҷузъи “чар” мебошад, ки он асоси як қатор калимаҳои забони тоҷикӣ, чун “чарогоҳ”, “чарм”, “чаранда” ва ғ.- ро ташкил медиҳад. Ин решавожа мероси қадима буда, дар таркиби баъзе аз калимаҳои сангнавиштаҳои Бесутун, ки бо хатти мехӣ сабт ёфтааст, вомехӯрад. Калимаи “abičariš”-и матни сангнавиштаро муҳаққиқон ба маънои “чарогоҳ” тавзеҳ дода, ҷузъи “чар”-и онро дар иртибот ба феъли “чаридан” зикр кардаанд [12, с.157]. Дар луғати авастоӣ низ вожаи “čar” ба маънои “чаридан” оварда шудааст. (Ин ҷо ба мавриди аст, ки топонимеро бо решавожаи “чар” ёдовар шавем. Дар қисмати шимолии боломарзии деҳаи Понғози ноҳияи Ашт, дар масофаи 10-12 км дуртар аз маркази деҳа теппакӯҳеро, ки мавзеи сералаф, чарогоҳӣ мебошад ва он ҷойро аксар вақт чӯпонҳо чарогоҳи тобистона қарор медиҳанд, Абғаи чарбӣ ва баъзан чарабӣ мегӯянд, ки ин ҷойвожа аз рӯйи сохтор ва маънӣ ба вожаи бостонии “abičariš” мувофиқат мекунад ва дар равобит ба ин вожа ҳаминро бояд боз илова намуд, ки дар забони ҳиндуи қадим воҳиди луғавии “avi”, ки гунаи “abi” мебошад, бо маънии «гӯсфанд» низ дар истифода будааст). Яъне, дар ҷамъи калимаҳои дар боло оварда шуда, бахши “чар” решавожа буда, ифодагари амали гурӯҳи ҳайвонот - чаридан мебошад, ки ба ин гурӯҳ, чорвоҳо, яъне чарандаҳо: гов, буз, гӯсфанд, асп, оҳу, уштур ва ғ. мансубанд. Дар фарҳанг вожаи “чаранда”- ро ба маънои “чорпои алафхор”, ки чаро мекунад, овардаанд [15, с.535].

Бояд ёдовар шуд, ки дар бархе аз луғатномаҳои этимологӣ вожаи “čar” бо маънои ҳаракат кардан, дар ҳаракат будан, чаридан, зистан (зистани чорво) ва амсоли инҳо тавзеҳ ёфта, онро мондагор аз ориёии “čar”, “čal”, ки дар ҳиндуи қадим гунаи “carati”-ро доштааст, овардаанд. Иддае арз кардаанд, ки решавожаи “čar”-и форсии бостон бо маънии “чаридани чорво”-ро дар калимаи ифодагари сифат “čaraka” – чарогоҳӣ, дар маъхазҳои эламӣ низ вохӯрдаанд [11, с.227]. Дар луғатномаи забони ҳиндуи қадим феъли ҳаракат кардан, гашту гузор карданро “car”, ҳайвоноти алафхорро бо гунаи “cara” оварда, талаффузи онҳоро «чар, чара» нишон додаанд [13, с.427]. Аз ин рӯ, асос ба ин овардаҳо ва вожаи “abičariš”-и сангнавиштаҳои форсии бостон, ки яке аз қадимтарин мероси хаттӣ ба шумор меравад, на решавожаи “sar”, балки “čar”-ро нахустшакл қабул намуд ва шакли дигари ҳиндуи қадима “sarpis”-ро иқтибос аз форсии бостон донист. Зеро аз гуногунмаъноии вожаи “сар”-и дар сохтори “sarpi”-и ҳиндуи қадим дучоршаванда, бевосита маънобардорӣ намудан, метавонад ба иштибоҳ оварад.

Калимаи “чарб”, ки таҳти он аслан равғани ҳайвонотӣ дар назар аст, аз калимаи “чарпиҳ” бо чунин минвол: чарб<чарп<чарпи<чарпиҳ шакл гирифтааст, ки дар он ҷузъи “пиҳ” ифодагари равғану чарб мебошад. Дар “Ғиёс-ул-луғот” вожаи “пиҳ” чунин тавзеҳ ёфтааст: “Пиҳ чизи сифед, ки бар гӯшт монанди равған мунҷамид мебошад; онро ба урф чарбӣ гӯянд” [4, с.173]. Дар “Фарҳанги тасфирии забони тоҷикӣ” нисбати вожаи “пиҳ”овардаанд, ки “пиҳ, пеҳ” (پیه پِه) равғани рӯйи гӯшт, чарбу мебошад [15, с.103].

Вожаи форсӣ-тоҷикии“дунба” низ чун вожаи “чарб”, аз “думпиҳ” натиҷаи тахфиф ва шаклбадалкунӣ мебошад, ки маънои чарби дар дум, яъне дар қисмати оқиб бударо дорад. Вожаи “думба”, ки дар чунин шакл, дар аксар гӯйишҳои забони тоҷикӣ ҳифз мондааст, аз бадалгардии овои “м” ба “н”, ҳоло дар забони адабии тоҷикӣ, шакли “дунба”-ро гирифтааст. Бояд таъкид намуд, ки ҳамсадоҳои сонорӣ “н”, “м”, “л” ва “р” ҳангоми иқтибос ба забону гӯйишҳои дигар ва ҳатто дар дохили як забон ба ҳам бадал гашта метавонанд [14]. Дар адабиёт вожаи “dum(b)a” ба маънои “дум” аз ориёӣ ва ҳиндуи қадим “dumba, dumb(a)” оварда, “dumbaka”-ро ба маънои “дунбаи гӯсфанд” тавзеҳ додаанд ва

эҳтимол доранд, ки аз гунаи ҳиндуарупоии “dumb” ва ё “dumbh” бо маънои “дум” пайдо шудааст [11, с.479].

Калимаи “чароҳгоҳ”, ки ҷой, макони чаридани чорворо мегӯянд, низ мураккаб буда, аз вожаҳои “čara (чара)”- чорво, “čā (ҷо)” ба маънои “ҷой” ва бо ивазшавии овои “ҷ” бо “г” сохтори худро гирифтааст. Дар вожаи “чарм” низ ба сифати решаи асосӣ, бахши “чар” вазифанок аст. Муҳаққиқи шинохта В.И. Абаев дар “Луғати таърихӣ - этимологии забони осетинӣ”, вожаҳои ифодакунандаи чармро дар забонҳои гуногун: ҳиндуи қадим ва форсии қадими “čarman”, форсии миёна ва муосир “čarm”, суғдии “čarm (črm)”, хоразмии “carm”, сакоии “cārman”, авастоии čarəman ва осетини “cærmin”, ки дар ин забон ҷиҳози аз чарм сохта шударо мегӯянд, муродифи форсии “čarmin” оварда, вожаи осетинии “carm”-ро, ки чарм ва ҳам пӯстро гӯянд, шаклгирифта аз гунаи форсии “čarman” бо тахфифи бахши “-an” медонад [1, с.290]. Бале, дар таърих аз шикасти бахши “ан” калимаҳои зиёде шакли худро дигар кардаанд, вале тахфифи овои “а”-и охир боз ҳам маъмултар аст ва бо ҳамин тарз бояд вожаи “чарм” аз гунаи “чарма” шакл гирифта бошад, ки дар он бахши “чар” ба маънои “чорво, чаранда” ва бахши “ма” ифодакунандаи мавод, чиз мебошад. Яъне, вожаи “чарм” баёнгари он аст, ки ин мавод аз чорво ва ё чарандаҳо дастрас карда шудааст. Овои “ч” –и вожаҳои “чарб” ва “чарм”-и забони иронии қадим дар забонҳои форсӣ, тоҷикӣ, суғдӣ, татӣ, балуҷӣ, курдӣ, толишӣ нигоҳ дошта шуда, дар забонҳои ҳиндуи қадим, сакоӣ, осетинӣ, афғонӣ ва рушонӣ вобаста ба фонетикаи забони онҳо шакли “с”-ро пазируфтааст [8, с.85]. Мебояд боз таъкид кард, ки вожаи забони ҳиндуи қадим “sarpi” натиҷаи шаклбадалкунии вожаи форсии қадими “čarpi” мебошад, ки дар доираи қонунҳои фонетикии ҳамбадалгардии овоҳои “с”, “ш” ва “ч” рӯйи кор омадааст. Дар алоқа ба ин овардаҳо бояд гуфт, ки решавожаи “чара” дар русии қадим ва бархе забонҳои славянӣ шакли “сала, сало”-ро пазируфтааст ва чарбро дар забонҳои муосири украинӣ, русӣ ва булғорӣ “сало” мегӯянд [16, с.550]. Ин шаклдигаркунӣ низ натиҷаи ивазгардии овоҳои “ч” ба “с”, ва “р” ба “л” мебошад. Чун вожаи “чара” дар шакли ҷамъ, ифодагари “чорвоён” мебошад, вожаи “сала, сало”- и забонҳои славяниро бо маънои зикркарда донистан бемантиқ аст, онҳо шояд дар ибтидо, ҳангоми иқтибос, аввал шакли “салла”-ро дошта, баъд аз суқути яке аз овоҳои “л”-и мушаддад, шакли “сала”-ро гирифтааст, ки дар он бахши “сал” шаклбадалкардаи “чар” бо маънои “чорво” ва бахши “ла” ба маънои “мавод, чиз” буда, аффикси муайянкунанда аст. Чи хеле дар боло арз кардем, ҳангоми иқтибос, аз ҳамивазшавии ҳамсадоҳои сонорӣ, аффикси зикрёфта гунаи дигари “на” ва “ма” буда метавонад. Аз ин ҷо, маънои луғавии вожаи “сала”-и забонҳои славянӣ, ки аз гунаи “салла”-и маҳфуз намонда шакл гирифтааст, “маводи чорвоӣ”, аз чорво дастрасшуда аст. (Дар ин радиф бояд тазаккур дод, ки вожаи тоҷикии арабиасли “салла”, ки ҳамшакли вожаи овардашуда аст ва дасторро мегӯянд, аз вожаи “сар”- калла, бо ивази “р” ба “л” шакли “сал”-ро пазируфта, дар он низ бахши “ла” аффикси муайянкунанда ва маънои луғавии вожа “маводи сар”, яъне дастори ба сар гиранда мебошад). Сохти вожаи чарб ва гунаҳои он нишон медиҳанд, ки дар ибтидо онҳо танҳо барои ифодаи равғанҳои аз ҳайвонот дастрасшаванда истифода мегардидаанд ва на ба равғанҳои аз растаниҳо истеҳсолшаванда. Аз ин рӯ, барои забони ҳиндуаврупоӣ интихоби шакли “selp[h]”, ки онро барои ифодаи ҳам равған ва ҳам чарб истифода мекунанд, қобили қабул нест. Дар вожаи “selp[h]” мавҷудияти ҷузъи “-p[h]”, албатта, равобит бо вожаи “пиҳ”-и форсӣ дорад ва аз ин ҷо, бояд шакли ҳиндуаврупоӣ на “selp[h]”, балки “čarpih” мебуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Том 1. А-К / В. И. Абаев. – М.-Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. – 655 с.
2. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. - Душанбе, 1993. - 416 с.
3. Гамкрелидзе Т.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы (реконст. и историко-типологический анализ праязыка и протокультуры) / Т.В. Гамкрелидзе, Вяч.Вс. Иванов; с предисловием Р.О. Якобсона. Кн. 2. – Тбилиси, изд. Тбилисского Университета, 1984. – 1328 с.
4. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. / Муҳаммад Ғиёсуддин. – Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
5. Қосимов Б.С. Нигоҳе ба таърихи лексикаи забони порсии дарӣ (дар асоси маводи “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ) / Б.С. Қосимов. – Душанбе, 1995. – 200 с.
6. Мирзозода, Сайфиддин. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ / Сайфиддин Мирзозода. - Душанбе, 2008. – 279 с.
7. Назарзода, С. Пояҳои густариши забони миллӣ / С.Назарзода. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 272 с.
8. Основы иранского языкознания: древние языки / редкол.: В.И. Абаев, М.Н. Боголюбов. - М.: Наука, 1979. – 387 с.
9. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров / В.С. Расторгуева. – М.: Наука, 1964. - 188 с.
10. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып.2, 3. / В.С. Расторгуева. - М.: Изд. АН СССР, 1952. – 1956 с.
11. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков. Т. 2. / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. - М.: Вост. лит., 2003. - 502 с.

12. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д.Саймиддиннов. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 190 с.
13. Симфонический санскритско-русский толковый словарь Махабхараты. – М., 2007. – 472 с.
14. Тухтасунов О. Основные принципы формоизменения слов / О. Тухтасунов // International scientific journal «Science and world». - Russia, Volgograd, 2016. - № 7. - Vol.2. - P.88-91.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе: Адиб, 2008. – 945 с.
16. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В 4т. Т.3. (Муза-Сят) / М.Фасмер; пер. с нем. и доп. О.Н. Трубачева. - М.: Прогресс, 1987. - 2-е изд. – 832 с.
17. Ҳасанов А. Лаҳҷашиносии таърихӣ / А.Ҳасанов. – Хуҷанд: Мероҷ, 2014. – 176 с.
18. Ҳасанзода А. Асолати забон ва маҳорати баён (маҷмӯаи мақолоти мунтахаб) / А.Ҳасанзода. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 516 с.

НАЗАРЕ РОҶЕЪ БА ЭТИМОЛОГИЯИ ВОЖАҲОИ «ЧАРБ» ВА «РАВҒАН»

Дар мақола вожаҳои тоҷикӣ-форсии «чарб» ва «равған» мавриди таҳлил қарор гирифта, аз онҳо маънибардорӣ карда шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки вожаи равған, ки асосан дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои афғонӣ мавриди истифода қарор дорад, аз вожаи «рӯған» бо навишти якхелаи овози «у» ва «в» ва сабт наёфтани садоноки «а» дар забони форсӣ, зуҳур кардааст. Вожаи «рӯған»-ро вобаста ба хосияти равған, ки ҳангоми дар оби ҷӯш нигоҳ доштани маводҳои равғандор, он аз таркиб ҷудо шуда, болои об ғун мегардад, бунёдёфта аз бахшҳои «рӯ» ба маънои сатҳи болоӣ ва «ған»-ро бо маънои «ғун шудан» тавзеҳ додааст. Барои маънибардорӣ аз вожаи «чарб», гунаҳои муосири дар бархе аз забонҳои гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ ва дар забонҳои қадим бударо оварда, дар асоси муқоиса ва истифода аз қонунҳои фонетикии тағйири вожаҳо бо далелҳо нишон додааст, ки нахустшакл вожаи «чарпиҳ» мебошад. Ин вожа аз бахшҳои «чар» бо маънои чаранда, ҳайвонҳои алафхӯр: гӯсфанд, буз, гов, уштур, асп ва ғ. буда, бахши дигар «пиҳ»-равған аст, яъне маънои луғавии вожаи мавриди таҳлил, «равғани аз чорво дастрасшаванда» мебошад. Муаллиф шакли сунъисохти ҳиндуаврупоиро, ки муҳаққиқон нахустшакл, дар асоси гунаҳои дар забонҳои аҳли ғарб буда “selp[h]” қабул намудаанд, нодуруст арз мекунад. Онҳоро шаклгирифта аз гунаи форсии қадимии “чарпиҳ” бо ивази овози “ч” ба “с” ва “р” ба “л” медонад ва нишон медиҳад, ки маънибардорӣ аз гунаи ҳиндуаврупоӣ ба иштибоҳ меоварад. Инчунин, барои собити гуфтаҳои худ вожаҳои гуногуни дорои решавожаи “чар”- “чарм”-ро, ки аз пӯсти чорво тайёр мекунанд, “чарогоҳ”- мавзеи чаридани чорво ва ғ.- ро оварда аз онҳо низ маънибардорӣ намудааст.

Калидвожаҳо: этимология, ҳамбадалгардии овозҳо, чарб, равған, чарм, чаранда, чарогоҳ.

ОБ ЭТИМОЛОГИИ ТАДЖИКСКИХ СЛОВ “ РАВҒАН” И “ЧАРБ”

В статье на основе анализа состава и сопоставления с другими словами, имеющими тождественную структуру и значение, этимологизированы таджикские слова “равган” (масло) и “чарб” (сало). Автор показывает, что слово “равган”, которое характерно для таджикского литературного и афганского языков, формировалось от диалектной формы “руган”, вследствие имеющих одинаковое выражение согласного “в” и гласного “у” и невыражения буквы “а” в персидском письме. Слово “руган” появилось в связи с одним из характерных свойств масла, что при нагревании в воде продуктов, содержащих это вещество, оно поднимается и накапливается на поверхности. Слово по присхождению сложное, оно образовано от слова “рӯ (ru)” со значением “поверхность” и “ған” – “накапливать, собрать”. Для этимологизации слова “чарб” автор, приводя ряд слов из древних и современных языков индоевропейской семьи, имеющих одинаковую или сходную структуру, показывает, что исходной формой для европейских языков является “чарпињ”, а не искуственно выбранная индоевропейская форма “selp[h]”. Слово “чарпињ (čarpih)” сложное, в нем часть “чар (čar)” имеет значение “скот” и “пињ (pih)” – “масло”, то есть словесное значение слово “чарпињ”, от которого вследствие исторической редукции букв “ҳ (h)” и чередования “п” на “б”, сформировалось слово “чарб”, обозначающее “масло, получаемое от скота”. Формы, находящиеся в ряду европейских языках и искусственное индоевропейское “selp[h]”, являются результатом часто выстречающегося чередования ч/с и р/л при заимствовании. Также в статье этимологизированы другие таджикские слова с корнем “чар” - “чарм” (кожа), “чарогоњ” (пастбище), “чаранда” (травоядные жвотные) и др.

Ключевые слова: этимология, чередования букв, чарб (сало), равған (масло), чарм (кожа), чаранда (скот), чароњгоњ (пастбище).

ABOUT THE ETYMOLOGY OF WORDS “CHARB” (FAT, GREASE) AND “RAVGHAN” (OIL)

The paper analyzes and unveils the meaning of the Tajik-Persian words “charb” and “ravghan”. The author shows that the words ravghan, which is primarily used in Tajik language and Afghan dialects, takes its origin from the word “rooghan” as a result of identical writing of sounds of “oo” (و) and “v” (و) and omission of vowel sound of “a” in Persian language. The word “rooghan” is interpreted based on the properties of oil when kept in hot water it separates and gathers on the surface of water. Accordingly, the word “rooghan” consists of two parts, “roo” meaning surface (on, up) and “ghan” meaning gather. To interpret the meaning of the word “fat” (grease), the author cites it’s variants from some modern and old Indo-European languages and compares them following phonetic laws about word change to prove by facts that the original form is the word “charpeeh”. The word is formed of two components, “char” meaning beast or grass-eating animal like sheep, goat, cow, camel, horse etc, and “peeh” meaning grease or fat, that is its lexical meaning is grease obtained from grass-eating animals. The author defies its artificial Indo-European form “selp[h]” which is accepted as an original form by scholars based on western languages variants. He proves that they are all formed from the old Persian variant “charpeeh” as a result of change of “ch” into “s” and “r” into “l” and argues that any interpretation based on Indo-European variant “selp[h]” will be misleading. As well, to support his argument he analyzes different words with the root-word “char” like “charm” (leather) meaning an item made of beast or animals’ skin, “charogoh” (pasture) meaning a pasturing area etc.

Key words: etymology, interchange of sounds, charb (grease, fat), ravghan (oil), charm (leather), charanda (beast or animal), charogoh (pasture).

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тухтасунов Обиддин*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, дотсенти кафедраи химияи органикии амалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Сведения об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khujand State University named after B. Gafurov, associate Professor of organic and applied chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-764-33-32**

УДК: 891.55

ТАШРЕҲ ВА КОРБАСТИ БАЪЗЕ АНТРОПОНИМИЯИ АРАБӢ ДАР РОМАНИ “ВОСЕЪ”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Тағоев С.Х.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Баррасӣ ва омӯзиши маводи антропонимӣ дар осори саромадони адабиёти тоҷик умри ҳамагӣ чандсоларо молик аст. Ҳамагӣ тайи даҳсолаи охир ин раванд ба марҳилаи муайян ворид карда шуд. Тадқиқоти мавриди назар низ ба марҳилаи нисбатан ҷавон – омӯзиши антропонимияи арабии романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода, ки асосан дар забоншиносӣ ин қабил вожаҳоро иқтибос ном мебаранд, бахшида шудааст.

Марҳилаи воридшавии калимаҳои бегона ба таркиби луғавии ин ё он забон, ки ба таври дигар иқтибосшавӣ ё худ калимаи вомӣ ном бурда мешаванд, таърихи тӯлонӣ дорад. Дар таркиби луғавии асар низ баробари калимаҳои худӣ, инчунин калимаҳои бегона (иқтибосот) мавқеи муайянро ишғол мекунанд. Муҳаққиқон сабабҳои иқтибос шудани калимаву таркибҳои бегонаро дар забонамон бо ақидаҳои мухталиф шарҳу эзоҳ медиҳанд. Масъалаи иқтибосот дар забоншиносӣ хеле батафсил баррасӣ гардидааст. Даҳҳо тадқиқро ном бурдан мумкин аст, ки ба паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъ дахолат намудаанд. Забоншинос М.Н. Қосимова сабабҳои иқтибосшавии калима ва таркибу ибораҳоро чунин шарҳ додааст: «Ҳар як забон бе иқтибос аз забонҳои дигари дуру наздик арзи вуҷуд дошта наметавонад. Сабабҳои аз забонҳои дигар иқтибосшавии калима ва таркиби ибораҳо гуногун мешаванд: ҳамсарҳад будан бо мамлакатҳои дигар «рафтуомад, додугирифт, муносибатҳои хешутаборӣ, тиҷорат, муносибатҳои дипломатӣ, пешрафти илму техника, тарҷумаи асарҳои халқҳои дигар ва амсоли ин» [4, с.79-80].

Иқтибоси калима аз забони бегона, агарчи аз рӯйи эҳтиёҷ сурат мегирад, он аҷзи забон нест. «Забоне, ки аз забонҳои дигар калимаҳоро қабул мекунад (вом мегирад), забони қафоманда нест, балки дар давраи муайяни таърихӣ чизе ба худ заруриро қабул мекунад, зеро эҳтиёҷоти забонӣ ниҳоят гуногун буда метавонад» [6, с.30]. Забоншинос М.Н. Қосимова калимаҳои иқтибосиро дар забони форсии миёна мавриди тадқиқ қарор дода, ба хулосае меояд: «Қисми зиёди иқтибосоти ғайриэронӣ дар забони форсии миёна хусусияти китобӣ доранд. Ин иқтибосот аввалан, дар матнҳои хусусияти расмӣ, динӣ, илмию фалсафӣ дошта ва ғайра мавриди истифода қарор гирифта, баъдан тадриҷан ба нутқи шифоҳӣ ворид шудаанд» [11, с.46]. Ба ақидаи забоншинос Ҳ. Маҷидов сабабҳои таърихии иқтибосшавии калимаҳо дар забонамон хеле гуногунанд. Яке аз сабабҳои иқтибосшавии калимаҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз ҷониби юнониён, арабҳо ва қабилаҳои мухталифи турку муғул истило шудани ин кишвар дар забонамон ҳам бетаъсир намондааст ва сабаби дигар ҳамзистии бисёрасраи халқҳои гуногун низ боиси гузаштани калимаҳо аз як забон ба забони дигар мегардад [Ниг.: 5, с.94].

Ҷойи дигар муҳаққиқ Зайниддин Мухторов дар масъалаи мутобиқшавии иқтибосот ба таври муфассал ва дақиқ менигарад, ки калимаи бегона пораест, ки шакли муайян надорад, муайяншавии дурудароз ва ҳаматарафаро аз сар мегузаронад ва чун қоида аз рӯйи хусусиятҳои фонетикӣ, навишт, лексикӣ – маъноӣ, грамматикӣ, услубӣ мутобиқ шуда, дар зинаҳои гуногуни системаи забонӣ аз рӯйи меъёри муайян мавриди истиъмол қарор мегирад [Ниг.:6, с.32-33]. Ба ҷуз сабабҳои зикршуда додугирифти гуногуни иқтисодӣ, фарҳангӣ ва тиҷорат боиси иқтибос шудани калимаҳо мегардад. Забоншинос профессор Ҳ. Маҷидов ба мавриди қайд мекунад: «Ҳар як иқтибоси луғавии забони мушаххас дар сатҳи додугирифти бевоситаи намояндаи он бо намояндаи забони бегона анҷом мепазирад. Он одатан чунин калимаест, ки ин ё он мафҳуми ҳаётан муҳимро ифода карда, бе ягон мушкилӣ ҷойи холиро дар забони дигар пур мекунад [2, с.95].

Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ пайдо шудани калимаҳои зиёди арабӣ сабабҳои зиёди таърихӣ дорад. «Ҷараёни ба забони тоҷикӣ бошиддат ворид гаштани иқтибосҳои забони арабӣ пас аз Хуросону Мовароуннаҳрро забт кардани арабҳо, яъне асрҳои VII-VIII, оғоз ёфт. То асри IX ҳамаи корҳои давлатию маъмурӣ, илму адаб бо забони арабӣ

буд. Аз асри IX сар карда забони давлатӣ забони дарӣ (тоҷикӣ) шуда буд. Лекин бо вуҷуди ин дар асрҳои IX-X ва минбаъд низ асарҳои илмӣ бештар бо забони арабӣ иншо мегардиданд» [9, с.80].

Забоншинос Саид Ҳалимов ворид гардидани вожаҳои арабиро ба забони тоҷикӣ чунин шарҳ додааст: «1. Бо роҳи тағйироти фонетикӣ: задаи калимаҳои арабӣ тағйир ёфтааст; 2. Ҷинсияти калимаҳои арабӣ дар тоҷикӣ аҳаммияташонро гум кардаанд ва танвони калимаҳои арабӣ дар тоҷикӣ аз охири калимаҳо меафтад, анбор, қомид; 3. Шаклҳои грамматикии гуногуни калимаҳои арабӣ дар тоҷикӣ аҳаммият ва маънояшонро аз даст медиҳанд ва бештар ному сифат гумон карда мешаванд: сабр, ҳаҷр…; 4. Бисёр калимаҳои арабӣ то ин давра ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил гардида, аз онҳо бо ёрии аффиксҳо калимаҳои дигаре сохта шудаанд: а) ғамгин, ошиқӣ…; б) бо тарзи мураккаб: бадаҳд, хушнағма…; 5. Як гурӯҳи калони калимаҳои иқтибосии арабӣ истилоҳҳои илмӣ мебошанд…; 6. як гурӯҳи калимаҳои иқтибосии арабӣ калима, ибора ва мафҳумҳои динӣ мебошанд: муъмин, ҳур…» [10, с.19].

Забоншиноси тоҷик Ҳомид Маҷидов дар мавриди ворид гардидани калимаҳои арабӣ чунин ақида дорад: “... ба ҷумлаи сабабҳои ба таври фаровон дохил шудани калимаҳои арабӣ на фақат аз ҷониби арабҳо истило шудани сарзамини мо дар ибтидои асри VII, дини мубини ислом, ки мардуми мо онро охирон қабул кардааст, ҳамчунин кӯшишу хоҳиши аҳли илму санъат, ки дар ифодаи маънавиёти худ ба вожаҳои мухталифи ин забон муроҷиат кардаанд, номбар карда мешавад” [5, с.101].

Бояд гуфт, ки дар ибтидо миқдори калимаҳои арабӣ дар забон нисбатан камтар истифода мегардид. Масалан, дар «Шоҳнома»-и Абдулқосим Фирдавсӣ ҳамагӣ 0,2% калимаҳои арабӣ ба назар мерасад. Дар асарҳои минбаъд ин миқдор афзундан мегирад. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар асрҳои XIII-XVI теъдодашон ба 70-80% расид. Имрӯз низ дар забони меъёр ҳудудан 40-50% калимаҳои истеъмолиро вожаҳои арабӣ ташкил медиҳанд.

Дар романи «Восеъ» низ бештари маводи антропонимии он мансуби забони арабиянд. Вобаста ба ин, дар заминаи маводи мавҷудаи асар ба ташреҳ ва корбасти баъзе анропонимияи арабии романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода саҳм гирифтем.

Омӯзиши асмои хос – маводи мавриди баҳси ономастика – яке аз бахшҳои забоншиносӣ, ки дар омӯзиши таърихи забон мақоми хоссаеро молик аст. Яке аз бахшҳои асосии исмҳои хосси забоншиносии тоҷикиро исмҳои хосси арабӣ ташкил медиҳанд, ки омӯзиши онҳо дар таърихи забони тоҷикӣ аҳаммияти забоншиносӣ дорад.

Асосан пайдоиши асмои хосси арабӣ, ё худ калимаҳои арабиро дар забони тоҷикӣ аз лиҳози таърихӣ ба зуҳури Ислом ба сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ташбеҳ медиҳанд. Ҳамчунин парастиш ва интишори дини мубини Ислом ва забони арабӣ тавассути Қуръон. Агар, воқеан, ба ҷанбаи забонӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии исмҳои хосси иқтибосшудаи арабӣ дар забони тоҷикӣ назар андозем, мебинем, ки қисмати зиёди номҳои хосси забони тоҷикӣ аз ҷиҳати баромад арабӣ мебошанд, ки дар тӯли зиёда аз ҳазор сол дар хуну пӯсти забони тоҷикӣ чунон ҷой гирифтаанд, ки танҳо мутахассисон онҳоро муайян карда метавонанд, ки ин мансуби забони арабист ва ё кадом забони дигар.

Қабати антропонимияи асар нисбати дигар маводи онимӣ дар мақоми аввал меистад. Дар ин қабат номҳои машҳури арабӣ, ки дар таркиби худ лексемаи Абд (ба маънии «ғулом») ва ё Аб (ба маънои падар), ҳамчунин шакли тахфифшудаи калимаи Аллоҳ - илло, улло, лоҳ доранд, мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Дар он қабат номҳои машҳури арабӣ Абӯлқосим, Абдулаҳад, Абдурасул, Абдумалик, Абдулвосеъ, Абдулқаюм, Абдулҳақ, Абдурраҳмон, Абдуллоҳ, Иноятуллоҳ, Раҳматуллоҳ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Яке аз номҳои машҳури арабӣ, ки дар таркиби худ шакли тахфифшудаи калимаи Аллоҳ - илло, улло, лоҳ доранд Абдуллоҳ, Раҳматуллоҳ, Инноятуллоҳ мустаъмал гардидаанд. Сотим Улуғзода аз ин номҳо истифода намуда, ҷое ишора дорад: “Иноятулло ном шахсе ӯро ба хизматгории даргоҳи худ қабул кард” [12, с.107]. Ҷойи дигар қайд намудааст: “Ин қозӣ, ба ном Абдурасул, ба порахӯрӣ, фосиқӣ ва қаллобӣ ном бароварда буд” [12, с.63].

Вожаи Аллоҳро ташкилшуда аз ду бахш: «ал» (алиф ва лом)+ «Илоҳ» (Худо ё Маъбуд) медонанд. Хешовандҳои вожаи «Аллоҳ» дар забонҳои сомӣ, монанди ибрӣ ва оромӣ мавҷуд аст. Баъзе фарҳангҳо вожаҳои муодили «Аллоҳ»-ро дар забони оромӣ китоби муқаддас (אֱלָהָא- Ĕlāhā) ва забони суриёнии онро (ܐܲܠܳܗܳܐ ʾAlâhâ ܐܳܠܳܗ Ālōho) донистаанд. Бо ҳам часпондани «ал» ва «лоҳ» ва ташкили «Аллоҳ» (Худо) мушобеҳ бо ҳамчаспондани «ал» ва «илоҳӣ», «илот» аст.

Пас «Аллоҳ» [Allāh], агарчи гирифта аз «илоҳ» аст, чун дар шакли «илоҳ» истифода шавад, мавҷуде, ки худаш махлуқи дигаре аст ва ё дорои нуқс аст, шоистаи парастиш

нахоҳад буд, пас ҳамин, ки гуфта мешавад «ал-илоҳ», яъне он зоте, ки ба гунае аст, ки ӯро бояд парастиш кард ва зоте аст, ки ҷамеъи сифоти камолия ва мубарро (покшуда) аз ҳар гуна салбу нуқз.

Дар мавриди артикли «ал» каме таваққуф мекунем. Чунки хатое, ки ин ҷо дар ғалат навиштани вожаи «Аллоҳ» [Allāh] сар задааст, маҳз аз огоҳии хуб надоштан аз ҳамин артикл аст. Инро бояд донист, ки ҳуруфи забони арабӣ ба ду қисм тақсим мешаванд; ҳуруфи шамсӣ ва қамарӣ, яъне 14 ҳуруфи шамсӣ ва 14 ҳуруфи қамарӣ. Артикли «ал» қабл аз ҳуруфи шамсӣ навишта мешавад, аммо хонда намешавад, вале қабл аз ҳуруфи қамарӣ пурра хонда мешавад. Дар вожаи (ал-илоҳ) «аллоҳ», артикли «ал» қабл аз ҳуруфи қамарӣ, яъне ҳарфи «алиф» омадааст, бинобар ин, дар шакли пурраи «ал» хонда мешавад, на «ол». Дар мисоли «Китоб-ул-шифо», ки шакли дурусташ «Китоб-уш-шифо» аст, артикли «ал» қабл аз ҳуруфи шамсӣ (ҳарфи «шин» аз ҷумлаи ҳуруфи шамсист), бинобар ин, талаффуз намешавад.

Дар романи восеъ дар таркиби номҳои арабӣ ин вожа мавриди истеъмоли васеъ қарор дорад. Монанди анропоними **Абдуллоҳ** [Abdullāh]. Ин вожа мансуби забони арабӣ буда, аз исми Аллоҳ ва пешванди «абд» ташкил ёфтааст. Чуноне ки зикраш рафт, ин вожа бо изофаи ҷузъи Абд (ба маънии «ғулом») ва ё Аб (ба маънои падар) бошад. Мисол: Абд-ул-лоҳ [Abd-ul-lāh], Аб-ул-Лаҳаб [Abd-ul-lahab]. Ҷузъи «Абд», одатан, дар аввали яке аз сифатҳои Худо меояд ва исме, ки дар заминаи сифат сохта шудааст.

Шарҳи антропоними **Абдуллоҳ** [Abdullāh] дар «Фарҳанги ном» чунин шарҳ дода шудааст: «Абдуллоҳ а. абд–банда, ғулом, Аллоҳ–Яздон, Худо, Додор, Офаридгор» («Вожаҳои сара»); Паёмбари гиромӣ Муҳаммад, сала-л-лоҳу алайҳи ва салам, дар аҳодис таъкид кардааст, ки беҳтарин номҳои писандидаи Аллоҳ Абдуллоҳ, Абдурраҳмон ва Ҳорис мебошанд; маънии Абдуллоҳ бандаи Аллоҳ мебошад [6, с.13].

Абдулқосим [Abulqāsim] ин антропоним мансуби забони арабӣ буда, аз ҷиҳати сохт мураккаб ба ҳисоб меравад. Ин вожа бо изофаи лексемаи Абд (ба маънии «ғулом») ва ё Аб (ба маънои падар) бошад. Мисол: Абд-ул-лоҳ [Abd-ul-lāh], Аб-ул-Лаҳаб [Ab-ul-lahab]. Ҷузъи «Абд», одатан, дар аввали яке аз сифатҳои Худо меояд ва исме, ки дар заминаи сифат сохта шудааст, (Қосим [Qāsim]) мебошад. Вожаи «Қосим» мансуби забони арабӣ буда, ба вазни «фоъил» созмон ёфтааст, ки ба маънои «тақсимкунанда» меояд. Дар луғати «Фарҳанги ном»-и Фарзонаи Саидумрон антропоними Абдулқосим бо шарҳ аз Фарҳанги забони тоҷикӣ чунин аст: «Абдулқосим а. абд–банда, ғулом, Қосим яке аз номҳои Худо, ки бахшандаи рисқ ҳисоб мешавад» [6, с.13].

Бояд тазаккур дод, ки қисме аз номвожаҳои арабии «Таърихи Систон» бо ҷузъи арабии «абд»-и (عبد), ки дар луғатномаҳо ба маънои банда, ғулом омадааст истифода шудааст ва қисме аз онҳо ба нафарони диндору рӯҳонӣ мутааллиқанд. Истифодаи унсури «абд»-и (عبد) забони арабӣ ба назари донишмандон танҳо ба номҳои Худованд илова карда мешаванд. Чунончи: Абдурраҳим [Abdurahim], Абулқосим [Abulqāsim], Абдулманон [Abdulmanān], Абдулхайр [Abdulkhayr], Абдусамад [Abdusamad], Абдумалик [Abdumalik] ва ғайра. Ин вижагии номвожаҳо бо калимаи «абд», ки аз ибораи арабии «ъабада яъбуду ъибодатан» гирифта шуда, ба маънои худоро ба ягонагӣ сутудан ва парастидан аст, ё ин ки ба маънои ғулом, банда истифода шавад ба мақсад мувофиқ аст. Илова намудани калимаи «абд» дар ибтидои номҳои Худованд, танҳо як маъноро – парастандаи Худо ё бандаи Худоро медиҳад. Вале ҳар як антропониме, ки ба ҷуз номҳои Худованд корбаст мешаванд, чунончи: Абдурасул [Abdurasul], (бандаи паёмбар), Абдумуҳаммад [Abdumuhammad], (бандаи Муҳаммад), Абдунабӣ [Abdunabi], (бандаи паёмбар), Абдулҳусайн [Abdulhusayn], (бандаи Ҳусайн) ва ғайра нодуруст ва қобили қабул нест.

Агар аз гуфтаҳои боло натиҷагирӣ намоем, чунин бардошт ҳосил мегардад, ки нақши иқтибосоти исмҳои хосси забони арабӣ дар забони тоҷикӣ хеле сермаҳсул ва чашмрас буда, онҳо дар бой гардонидани фонди луғавии забони тоҷикӣ ва махсусан, дар бахши ономастикаи он фаъолона ширкат варзида, аз назари илми забоншиносии иҷтимоӣ ба калимаҳои хосси забони тоҷикӣ табдил ёфтаанд. Ҳамчунин, бо ҳузури иқтибосот дар забони тоҷикӣ, ки ба қонуниятҳои дохилии забони тоҷикӣ мутобиқ гардидаанду ба қавле тоҷикӣ шуданд, таркиби луғавии забони тоҷикӣ ғанӣ мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Камолиддинов Б. Забон ва услуби ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 186 с.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 243 с.
3. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот Ҷ.1. / Ғиёсуддин, Муҳаммад. - Душанбе: Адиб, 1987. – 398 с.
4. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот Ҷ.2. / Ғиёсуддин, Муҳаммад. - Душанбе: Адиб, 1988. - 390 с.
5. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ Ҷ.1. / Муин, Муҳаммад. - Теҳрон, 1996. - 1472 с.
6. Маҳуммад Муин. Фарҳанги форсӣ Ҷ.2. / Муин, Муҳаммад. - Теҳрон, 1996. - 2274 с.
7. Нуров Амон. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / Амон Нуров. - Душанбе: Маориф, 1990. - 368 с.
8. Сулаймонов Саидраҳмон Луғати арабӣ – тоҷикӣ / Саидраҳмон Сулаймонов. - Душанбе, Эр-граф, 2010. – 765 с.

9. Хоҷаев Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Диловар. – ДДМТ, 1998. - 152 с.
10. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри Х) / С.Ҳалимов. - Душанбе, 1979. – 101 с.
11. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х). Қ.1 / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. – 490 с.
12. Улуғзода, Сотим. Восеъ (роман) / Сотим Улуғзода. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2018. – 319 с.

ТАШРЕҲ ВА КОРБАСТИ БАЪЗЕ АНТРОПОНИМИЯИ АРАБӢ ДАР РОМАНИ “ВОСЕЪ”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Дар мақола антропонимияи арабии романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода мавриди таҳлил ва корбасти забонӣ қарор дода шудааст. Муаллиф антропонимияи арабии асарро, ки асосан дар забоншиносӣ зери мафҳуми иқтибос ё худ калимаҳои вомгирифта фаҳмида мешаванд, шарҳу тавзеҳ додааст. Дар мақола зикр гардидааст, ки тадқиқоти мавриди назар ба марҳилаи нисбатан ҷавон – омӯзиши антропонимияи арабии романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода бахшида шудааст ва барои забоншиносии тоҷик арзиши баланди илмиро молик мебошад. Ҳамчунин тавассути ин тадқиқот омӯзиши осори дигар намояндаҳои адабиёти тоҷик қадаре осонтар хоҳад гардид. Дар мақола қабати арабии баъзе антропонимияи асар, ки маҷмӯан нисбати дигар маводи онимӣ бештаранд, баррасӣ гардидаанд. Дар ин қабат номҳои машҳури арабӣ, ки дар таркиби худ лексемаи Абд (ба маънии «ғулом») ва ё Аб (ба маънои падар), ҳамчунин шакли ихтисораи номи Аллоҳ - илло, улло, лоҳ (Абӯлқосим, Абдулаҳад, Абдурасул, Абдумалик, Абдулвосеъ, Абдулқаюм, Абдулҳақ, Абдурраҳмон, Абдуллоҳ, Иноятуллоҳ, Раҳматулло) доранд, таҳлил гардидаанд. Тадқиқоти мазкур дар забоншиносии тоҷик, махсусан дар заминаи осори намояндаи адабиёти тоҷик – Сотим Улуғзода арзиши баланди илмиро соҳиб буда, барои тадқиқотҳои минбаъда заминаи воқеӣ гузошта метавонад.

Калидвожаҳо: Сотим Улуғзода, антропонимияи арабӣ, маводи антропонимӣ, иқтибосоти арабӣ, романи “Восеъ”, қабати онимӣ, ташреҳ, корбаст, тадқиқи забоншиносӣ.

ОБЪЯСНЕНИЕ И УПОТРЕБЕНИЕ НЕКОТОРЫХ АРАБСКИХ АНТРОПОНИМОВ В РОМАНЕ “ВОСЕЪ” СОТИМА УЛУГЗАДЕ

В статье подвергнута анализу и лингвистическому употреблению арабская антропонимия романа “Восеъ” Сотима Улугзаде. Автор широко комментирут арабскую антропонимию произведения, которая в лингвистике в основном понимается под понятием “заимствование” или “заимствованная лексика”. В статье упоминается, что интересующие нас исследования относятся к новому этап изучения арабской антропонимии романа “Восеъ” Сотима Улугзаде и имеют большую научную ценность для таджикского языкознания.Также посредством этого исследовния в какой-то степени будет облегчено изучение наследия других представителей таджикской литературы. В статье рассмотрен пласт некоторой арабской антропонимии произведения, который встречается чаще относительно другого онимического материала. В этом пласте анализированы известные арабские имена,имеющие в своем составе лексему Абд (в значении «раб») или Аб (в значении отец), также сокращенная форма имени Аллоњ (Аллах) - илло, улло, лоњ (Абўлќосим, Абдулањад, Абдурасул, Абдумалик, Абдулвосеъ, Абдулќаюм, Абдулњаќ, Абдурањмон, Абдуллоњ, Иноятуллоњ, Рањматулло). Данное исследование в таджикском языкознании, в частности, на базе наследия представителя таджикской литературы Сотима Улугзаде имеет большую научную ценность, может служить реальной базой для дальнейших исследований.

Ключевые слова: Сотим Улугзаде, арабская антропонимия, антропонимический материал, арабское заимствование, заимствованный, роман “Восеъ”, онимический пласт, объяснение, употребление, лингвистическое исследование.

EXPLANATION AND CONSUMPTION OF SOME ARAB ANTHROPONYMS IN THE VOSE NOVEL SOMETIMES IN THE SERVICE

The article analyzes and linguistically uses the Arabic anthroponymy of the novel “Vose” by Sotim Ulugzade. The author widely comments on the Arabic anthroponymy of a work, which in linguistics is mainly understood as borrowing or borrowed dexics. The article mentions that the studies we are interested in belong to a new stage in the study of Arabic anthroponymy of the novel «Vose» by Sotim Ulugzade and are of great scientific value for Tajik linguistics. Also, through this study, the study of the heritage of other representatives of Tajik literature will be facilitated to some extent. The article considers the layer of some Arabic anthroponymy of the work, which is more common with respect to other onymic material. In this layer, the well-known Arabic names are analyzed, containing the lexeme Abd (meaning «slave») or Ab (meaning father), also an abbreviated form of the name Alloh (Allah) - illo, ullo, loh (Abulkosim, Abdulagad, Abdurasul, Abdumalik, Abdulvose, Abdulkayum, Abdulhak, Abdurahmon, Abdulloh, Inoyatulloh, Rahmatullo). This study in Tajik linguistics, in particular, on the basis of the heritage of the representative of Tajik literature Sotima Ulugzadeh has great scientific value, can serve as a real basis for further research.

Key words: Sotim Ulugzade, Arabic anthroponymy, anthroponymic material, Arabic borrowing, borrowed, the novel “Vose”, onymic stratum, explanation, usage, linguistic research.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тағоев Саймомин Холмуминович*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, унвончӯйи кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 918-14-29-67**

Сведения об авторе: ***Тағоев Саймомин Холмуминович*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, соискатель кафедры таджикского языка и методики его преподавания. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 918-14-29-67**

Information about the author: ***Tagoev Saimomin Kholmuminovich*** - Kulob State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of Tajik Language and its teaching methods. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov Str., 16. Tel.: **(+992) 918-14-29-67**

УДК: 491.436.1

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКИИ ОРОНИМҲОИ ТУРКИЮ МУҒУЛӢ

Шарипова Ш.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оронимҳо гурӯҳи калимаҳое мебошанд, ки пайдоиши онҳо дар муқоиса бо дигар гурӯҳи калимаҳои захираи луғавии забон табиат ва хусусиятҳои ба худ хос дошта, омӯзиш ва таҳқиқи онҳо ба кушоиши паҳлуҳои гуногуни ҳанӯз кушоданашудаи ҳаёти мардум ва масъалаҳои забон метавонад мусоидат намояд. Дар илми забоншиносӣ бахши илме, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи ин гурӯҳи калимаҳо машғул аст, оронимика ном дошта, маҷмӯи номҳои **кӯҳу теппа, дашту саҳро, ағба, дара** ва амсоли инҳоро меомӯзад.

Омӯзиш ва аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ мавриди баррасӣ қарор додани оронимҳои туркию муғулӣ ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам дар шароити имрӯза метавонад ба илми забоншиносии тоҷик манфиатҳои зиёд дошта бошад. Таҳқиқи оронимҳои туркию муғулӣ дар асарҳои алоҳидаи адибон низ метавонад барои мушаххас намудани маъно ва хусусиятҳои хосси оронимҳо кумак расонад.

Калимаҳои туркию муғулӣ қисмати муайяни захираи луғавии забони тоҷикиро ташкил намуда, чун дар дигар соҳаҳои фаъолияти одамон дар бахши номгузорӣ, махсусан, дар номгузории кӯҳу дашт ва дараҳо фаъол ба назар мерасанд. Чуноне ки маълум аст, мардуми тоҷик ҳанӯз ҳазорсолаҳо боз бо мардуми туркзабон дар ҳамсоягӣ қарор дошта, муштаракоти зиёди фарҳангӣ ва муносибатҳои муайяни хешу таборӣ доранд. Аз ҷониби дигар, ақаллиятҳои туркзабон дар сарзамини Осиёи Миёна аксаран ба чорводорӣ машғул буда, ба онҳо ҳаёти кӯчманчигӣ ва вобаста ба шароити иқлим дигар кардани ҷойи зисти худ хос мебошад. Онҳо ҳангоми кӯч бастан аз як макон ба макони дигар ва ба сифати ҷойи зисту фаъолият интихоб кардан он мавзеъро ҳатман ба забони худ ном гузошта, бо мурури замон ин маконҳо бо ҳамин ном машҳур мешаванд. Дар забони тоҷикӣ ин гурӯҳ калимаҳои ифодагари номи кӯҳу дараҳо ва дашту теппаҳо зиёд ба мушоҳида расида, дар номгузории соҳаи зикршуда мавқеи устувор доранд.

Дар номи кӯҳҳо ва дигар мавзеъҳои ба он алоқаманд баробари калимаи аслан тоҷикии кӯҳ калимаҳои тоғ (бо гунаҳои тов, той, тоу), теппа истифода мешаванд. Мисол, **Тераклитоғ, Чилонтоғ, Қизилтеппа, Ҷартеппа, Гултеппа, Тамошотеппа, Саритеппа, Қаратеппа, Қаратош, Қарасой, Қараянтоқ** (дашт), **Тахтақарача (ағба)**, **Қизилдашт, Қизилсой, Сариғтош.**

Барои намуна ҳоло якчанд оронимҳоро (кӯҳвожаҳо)-ро меорем, ки мутааллиқи ин забонанд:

Оқтеппа, Оқбайтал (ағба), **Оқбел** (кӯҳ), **Оқсой, Охтош**.

Оқ (ох) – дар забони муосири ӯзбекӣ оқ чунин маъниҳо дорад: I. «сафед, мӯйи сафед»; 2. «бегуноҳ, бедоғ»; 3. «гули чашм (холи сафеде, ки ба чашм меафтад)»; 4. «сафеда, сафедии тухм» [18, с.312].

Ҳамин гуна манзилгоҳҳо дар райони Шаҳритузи РСС Тоҷикистон (Қубодиёни қадимӣ) – Теппаи Шоҳ, **Оқтеппаи II** ва ғайра ҳафриёт шуда истодаанд [8, с.160]. Дар соҳили обанбори Қурама ва мусовӣ бо қаторкӯҳи Қурама **кӯҳҳои** начандон баланди **Оқбел** қомат афрохтаанд [7, с.11]. Дар Шимоли Тоҷикистон оҳан фақат дар **кӯҳҳои** Қаромазор (Чақадамбулоқ, **Оққулак,** Туранглӣ) мавҷуд аст [7, с.31].

Қаратеппа, Қаратош, Қарасой, Қаротегин, Қараянтоқ (дашт), **Қара Тобон** (ағба), **Тахтақарача** (ағба).

Ҷузъи **қара** дар таркиби номҳои ҷуғрофӣ зиёд истифода шуда, рангро мефаҳмонад. Бисёре аз муҳаққиқони туркшинос ба ин лексема диққат дода, маънии онро ба таври мушаххас ва гоҳо мухолифи ҳамдигар шарҳ додаанд. Масалан, Т.И. Ахмедов дар ин маврид чунин ибрози андеша дорад: «Дар таркиби фитотопонимҳо мустаҳкам, қавӣ, сахт, дар таркиби оронимҳо ғафс, қавӣ, зич, калон, танг, паҳн ва паҳнои майдон, дар баъзе аз топонимҳо ба маънии чуқур, тираранг (баъзан ба маънии сояафкан), ҳамчунин дар таркиби баъзе ороойконимҳо зич, нагузаранда, дар таркиби номҳои сатҳи замин (кӯҳ, харсанг, теппа, қаторкӯҳ, баландӣ) ва ғайраро ифода мекунад» [5, с.23-24]. Дар «Узбекско-русский словар» дар шакли **қора** омадааст ва бо чунин маъниҳо шарҳ дода шудааст: 1. «сиёҳ»; 2. «тира, хира»; 3. «нохуш»; 4. «ҷинооткорона, бадхашм»; 5. «торикӣ, сиёҳӣ, зулмот»; 6. «доғи сиёҳ, тарҳ, суроб, шакл, сурат, соя»; 7. «гуфт, нишона, ҳадаф»; 8. «мотам, либоси маросими мотамӣ»; 9. «исми хос (номи шахс)» [18, с.622-623]. Дар «Древнотюркский словар» бошад он чунин маънидод шудааст: 1. «сиёҳ (дар мавриди ранг)»; 2. «хира, тираранг, беранг, тира»; 3. «маҷ. бад, зишт; андуҳгин, нохуш; вазнин, пурмашаққат»; 4.

«маҷ. нохуб, хорузор»: 5. «маҷ. маъмулӣ, оддӣ; дурушт, дағал, навъи бад»; 6. «ифлосӣ»; 7. «ранги сиёҳ (маводи навишт)» [9, с.422-423]. Ин топоформант дар забони тоҷикӣ низ зиёд ба кор рафтааст.

Ашӯр ном аз фуқароёни **дараи Қаротегин** ба дарбори олӣ омада арз кард, ки Ниёшоҳ заминҳои маро аз дастам ба зӯрӣ гирифт [2, с.65]. Муъминободро **дараи Қарахон** ба ду тақсим мекунад [12, с.158]. Аз барфистон гузашта ба **ағбаи Қара Тобон** баромадем [25, с.37).

Қаротегин [qarategin] **Karotegin** – шакли дигари **Қаротеген** ё **Паротекен** аз параи кӯҳ; кӯҳҳои устувори бузург [22, с.87].

Вожаи **кара** дар забони ҳиндӣ шакли **giris,** дар славянӣ шакли **gora**, дар осетини шакли **хара**, дар язғуломӣ шакли **кар** (kar) ва дар суғдӣ шакли é**ar** пайдо намуда, ба як мафҳуми барои ҳамаи он умумӣ - кӯҳ, ҷабал соҳиб гардид.

Масалан, дар забони албанӣ шакли **gur**, дар арманӣ гунаи **kar** ва маъниис «санг», дар забони имрӯзаи ҳиндӣ қаринаи **gar** ва мафҳуми «қалъа, диж»-ро ноил шуд. Баъдтар ҳудуди интишори он то дуриҳо тӯл кашида, берун аз доираи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ҳам машҳур гашт ва ба забонҳои туркӣ ва кафқозиву чиноӣ роҳ ёфт. Дар забони озарӣ бо шакли **отгар** ва мафҳуми «кӯҳи пуробу алаф (чарогоҳ)», дар гурҷӣ бо шакли **гора** ва маънии «кӯҳи кӯчак», дар забони тибетӣ бо шакли **гархи** ва маънии «кушк, диж» мавқеъ пайдо кард [26, с.84].

Ба ақидаи Кисляков А.Н. «Ҳаводор ва офаридгори шакли Қаротегин ақвоми туркзабон, пеш аз ҳама, қиргизҳо мебошанд, ки аз ибтидои асри XV1 то имрӯз дар ин зовия якҷоя бо тоҷикон ба сар мебаранд» [13, с.35]. Воқеан, оид ба даврaҳои вурудоти ақвоми қиргиз ба Қаротегин ва сукунати онҳо ин ҷо нигошта зиёд аст. К.А. Абрамов қайд мекунад, ки: «Қаламрави Қаротегин як маротиб аз тарафи қиргизҳои Олой, ки сар-сари кӯҳҳо то Кӯқанд кӯчманчигӣ мекарданд, забт гардид. Вале ин дер давом накард ва онҳо аз ҷониби тоҷикон ба зудӣ то саргаҳи водӣ ронда шуданд» [1, с.106-118].

Дар китоби «Таджики Каратегин и Дарваза» омада, ки «Қисми боло ва миёнаи Қаротегин 200-300 сол қабл саросар қирғизнишин буд, аммо бо афзудани нуфусу нуфузи тоҷикон доираи амалиёти онҳо танг гардида, ногузир ба саргаҳи водӣ (Ҷергатол) кӯч бастанд» [17, с.35].

Оид ба муносибати забонии вожаи Қаротегин ақидаҳое пайдо шуданд, ки дар асоси онҳо мебояд этимологияи Қаротегинро аз ниҳоди унсурҳои туркӣ ҷустуҷӯ намуд. Масалан, охири асри XIX миёни мардуми водӣ ривояте паҳн шуда, ки гӯё вожаи Қаротегин дар асоси номи ду тан аз қавми қирғиз –Қаро (мард) ва Тегин(зан), ки як вақт дар ин сарзамин арӯсӣ ва оиладорӣ кардаву ба парвои чорво машғул буданд, рӯида бошад [4, с.126]. Баъди сад сол дар анҷоми асри XX дигар ривоят пареш хӯрда, ки он ҷо қ**аро** сиёҳ-у **тегин унвони ҳарбӣ** (ҳар ду туркӣ) маънӣ шудааст [11, с.18].

Баъд аз тамом шудани ин воқеа ва имзо ёфтани сулҳи **Қизилтеппа** ҳам амир ба қувва ҷамъ намудани худ давом мекард ва барои оянда ҳозириҳо медид [3, с.133].

Қизилтеппа – дар туркии қадим ду калимаи **қизил** вуҷуд доштааст: I. «қизил-сурх»; II. «қизил номи водӣ, номи деҳа» [9, с.450] ҷузъи дувум теппа маънои «баландӣ, кӯҳ»-ро дорад.

Ин деҳа дар як фарсахии (8 километри) ғарбӣ - шимолии қалъаи Ғиждувон дар доираи хоки тумани (райони) Шофирком, аз ҷумлаи деҳоти Деҳнави Абдуллоҷон, дар доманаи реги равоне, ки ба **Қизилдашт** мепайвандад, воқеъ шудааст [3, с.9].

Қизил – I. «қизил-сурх»; II. «қизил номи водӣ, номи деҳа, ҷузъи дувум дашт ба маънии замини ҳамвори паҳновар (асосан нообод) биёбон, саҳро, чӯл» [20, с.435].

Келитош, Бектош, Охтош, Сариғтош, Тоштеппа, Кӯктош, **Одамтош, Мингтош, Тошобод, Тошбулоқ, Тошкамар, Чолтош, Чилтош, Тошайлоқ, Тошқӯрғон** – калимаи **тош** дар забони туркии қадим ба маъниҳои 1. «санг»; II. «намуди зоҳирӣ, симо, намуди беруна», 2. «либоси болопӯш [9, с.539] ва дар забони муосири ӯзбекӣ ба маъноҳои II. «ченаки дарозӣ (баробар ба 8 чакрим)» [18, с.446] ва дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои «доғи сурхест, ки бар рӯйи одам пайдо мешавад»; 2. «гуфт., шакли кӯтоҳшудаи **тоаш**; то ба ӯ, то ӯро (ба охири исмҳо ҳамроҳ шуда ҳамроҳиро мефаҳмонад)»; 3. «унвони амирони турк» [21, с.369] истифода мегардад. **Ӯғуртош** (номи мавзеъ) аз вожаҳои **ӯғур** – «санги шикофкардашуда» ва тош – «санг, яъне санги байнаш шикофкардашуда» мебошад. **Тошқӯтан** (номи чарогоҳ) аз **тош** – «санг» аст, **қӯтан** – «пастие, ки дар он мол хобонида мешавад». Ин топоним маънии «тӯдаи санг, сангзор»-ро дорад. **Келитош** – аз **кели** – (туркӣ) «ӯғур(ак) ҳован» – зарфи сангине, ки дар он ҳар чизро кӯбанд (Ӯғурдаста, ҳовандаста аз ҳамин аст). **Тош** (туркӣ) – «санг», яъне дар забони маҳаллӣ **Келитош** маънои «санги ӯғур(ак)» ё «ҳовасанг» ва «санги шикоф» будааст, ки дар

водии Зарафшон санги ғармич гӯянд [16, с.14]. **Тошқӯрғон** (номи гузар) аз ду вожаи туркии **тош** – «санг» ва **қӯрғон** – «тӯда, теппа» буда, маънии «сангтӯда» -ро ифода намудааст:

Корези **Тешиктош**, ки дар болотари деҳа ҷойгир аст, мансуби асри X-XI буда, аз даврањои нахустини обёрӣ ва зироаткорию боғдорӣ шаҳодат медиҳад [24, с.14].

Тешуктош (номи мавзеъ) аз ду унсури: **тешук** – сӯрох, **тош** – санг иборат аст. Ин топоним маънии «сӯрохсанг»-ро дорад, ки дар байни мардуми дараи Қаратоғ гунаи тоҷикии онро дар шакли **Фарҳоди кӯҳкан** ном мебаранд.

Вай, баъд аз он ки монанди **Сариғтош**, Ғулча, маҳалҳои нисбатан калони аҳолинишин, одамони бисёр, зисту зиндагонии гуногуни мардумро дид ва рӯзе дар кадоме аз ин маҳалҳо аробаҳои дучархаву чорчархаро дида монд, ки одамон чизҳои бисёреро бор карда мерафтанд, бо шунидаҳояш бовар кардан гирифт [15, с.55]. Ҳар як ҳавлӣ чанд кулбаи тангу хурде дошту бошишгоҳи як оила буд (масалан чунин аст Чаёнтеппа, **Тоштеппа** ва ғ.) [8, с.240].

Тоштеппа – аз **тош** «санг» ва **теппа** «баландӣ, кӯҳ».

Қавунтеппа, Қӯштеппа, Еттитеппа, Ӯзбеконтеппа, Саритеппа, Тамошотеппа, Ҷартеппа, Қаровултеппа (номи чарогоҳ) аз ду вожаи туркӣ ташкил ёфтаанд, ки ҷузъи дуюми онҳо ҳатман **теппа** аст. Оид ба густариш ва баромади калимаи теппа маводи зиёди илмӣ мавҷуд аст.

Калимаи – теппа дар туркии қадим ба қайд гирифта шудааст. Он дар забони муосири ӯзбекӣ ба чунин маъниҳо истифода мегардад: 1. «тал, пушта, дунгӣ, баландӣ»; 2. «қулла, теға, нуг»; 3. «тӯб, тӯда, хома» [18, с.424].

Аввалин қишлоқи дар сари роҳ будагӣ **Кӯктеппа** ном дорад, сонӣ Оби Хира меояд, баъд Носрид, Намозгоҳ [25, с.38]. Баъдтар бо роҳи сохтмони стансияи насосӣ дар **теппаҳои Еттитеппаи** ноҳияи Ашт бунёди заминҳои воҳаи Ашти Калон сар шуд, ки алҳол майдони умумии заминаш 20,7 ҳазор гектарро ташкил медиҳад [7, с.22].

Қуруқсой, Зеравутсой, Косонсой, Ҷорубсой, Хелисой – сой – «дара, дарёча, пастхамӣ». Калимаи **сой** дар забони туркии қадима ба маъниҳои 1. «сангзори аз вулқон пайдошуда», 2. «ҳамвории биёбон»; 3. «зиреҳ, ҷавшан», 3. «исми хос (номи шахс)» [9, с.48] ва забони муосири ӯзбекӣ ба маъниҳои 1. «дарёчаи кӯҳӣ, ҷӯй»; 2. «дарае, ки аз он об ҷорӣ мешавад» [18, с.376] омадааст.

Дар ин ноҳия аз посёлкаи **Қуруқсой** сар карда, то худи Ашт ва Понғоз бисёр гурӯҳҳое ёфт шудаанд, ки сангпӯш мебошанд ва мардуми тӯбҷои он гурӯҳҳоро қурама ё муғхона меноманд [8, с.292]. Тасвирҳои хеле диққатангези **Заравутсой** (воқеъ дар Ӯзбекистон) кайҳост, ки шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд [8, с.24]. Харобаҳои Косон дар канори **Косонсой** воқеъ буд, ки аз ду қисм – аз шаҳр ва аз қалъа иборат аст [8, с.291].

Қаратоғ, Фонтоғ, Боботоғ, Олимтой, Контой, Тоғмай, Ҳавотоғ, Саритоғ, Чилонтоғ, Муғултоғ, Тераклитоғ – калимаи **тоғ** дар туркии қадим ба ду маънӣ: 1. «кӯҳ»; 2. «гала, рама, пода» [9, с.526] ва дар забони муосири ӯзбекӣ ба маънии «кӯҳ» [18, с.447] ба қайд гирифта шудааст:

Чаҳор рӯз дар райони Ҳисор ва деҳоти **дараи Қаратоғ** гузашт [14, с.63].

Қаратоғ [qaratay] Karatogh – аз кара кӯҳ+так устувор, кӯҳи устувори побарҷо [22, с.87].

Доир ба калимаи Қаротоқ Р. Ҷӯрабоев чунин маълумот додааст: «Маънои аслии Қаротоғ “Қарияи тоқ” аст. Мафҳуми “қария” қишлоқ ё деҳа мебошад. Мафҳуми “тоқ” ин танҳо аст. Яъне қишлоқи танҳо» [24, с.19].

Вале дар байни мардуми дараи Қаратоғ равияи зиёде нисбати ин ном ҷой доранд, ки муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев инро низ дар асараш “Диёри шоир” қайд намудааст.

«Ба ақидаи гурӯҳи якум: **Қаратоғ** – калимаи туркӣ, маъноаш “Кӯҳи сиёҳ” аз қара “сиёҳ” ва тоғ “кӯҳ” аст. Гурӯҳи дуюм ақида доранд, ки аслан **Қаратуғ аз** қара «сиёҳ», ва туғ – «асо» аст. Ин ном гӯё дар асри XIV дар давраи ҳукмронии амир Темур пайдо шуда бошад. Яъне, ҳангоми рӯ ба ғарибӣ овардани мардуми Самарқанд онҳо асои охирини худро аз кӯҳи сиёҳ гузашта, гузошта бошанд» [24, с.19].

Оиди калимаи Қаратоғ Зулфониён Раҷаб Раҷабзода чунин хулосаронӣ намудааст: «кара» ва «тоғ» калимаи туркиасос набуда, балкӣ аз забони авастоӣ сарчашма гирифтааст. Зеро дар забони тоҷикӣ вожаву ибораҳои «қирра», «қир», «сари қир» серистеъмол аст, ки он аслан маънои теғаи кӯҳро ифода карда, дар забонҳои славянӣ шакли «gora» дар осетӣ шакли «хара»-ро дорад. Мо бе иштибоҳ метавонем гӯем, ки номи Қаратоғи имрӯза ҳамон Кара+так-и бостонисту шояд «Кӯҳи поин» ва ё ҷо вожаи «тоғ»-ро ҳамчун муодили «доғ» низ метавон таҳқиқ намуд, ки он номи дарахтест маъруф ва дар қаторкӯҳҳои кишвари мо фаровон асту он дар Қаратоғ низ бисёр мерӯяд. Калимаи «қара» ё «қаро» ё «қар»-ро мо дар мевае низ мебинем, ки решаи он тоҷикисту дар радифи шафтолу, зардолу, олуболу

сохташуда қаролу//харолу, шояд беиштибоҳ маънии олуи кӯҳи ва олуи калонро дорад» [10, с.86].

Фикру андешаҳои муҳаққиқон оиди калимаи Қаратоғ гуногун аст ва ҳар яке далеле оварда ақидаи худро дуруст мешуморад.

Сайёҳи пуртаҷриба А.П. Федченко дар яке аз қайдҳои сафари хеш чунин нигоштааст: «Номҳои кӯҳҳо, бахшҳои рӯдҳо вақти сафар доимо бароям гирехи нокушоданиеро мемонданд. На танҳо сокинони рустои дар муқобили кӯҳ ҷойгирифта ба кӯҳ номи дигар медиҳанд, балки рустоиёни ҳамшафати кӯҳ низ онро бо дигар ном ёд мекунанд. Як кӯҳ чанд ном дорад... Ва ҳайрон мешавӣ, ки ба кадоме аз инҳо бовар кунӣ?» [23, с.157).

Чуноне ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, Қаратоғ то асри XVIII Сиём ном дошт ва дар асрҳои XVIII-XIX-и милодӣ бо зиёд шудани нуфузи туркзабонон бисёр номҳои ҷуғрофӣ ва топонимии тоҷикӣ айнан ба туркӣ тарҷума шуданд. Масалан, **Сурхоб** ба **Қизилсу**, **Сиём** ба **Қаратоғ** ва ғайра.

Аввал лаб-лаби дарёи Замбари Шимолӣ, баъд лаб-лаби дарёи **Саритоғ** шумо ба кӯҳи зумуррадини **Фон** – Искандаркӯл мефароед [25, с.58].

Баъзе масъалаҳои муҳим роҷеъ ба номвожаи **Фон** дар китоби Ҳ. Абдуров ва Х.Холиқов (2004) зикр ёфтааст, ки дорои аҳаммияти илмӣ мебошанд. Муаллифон ба он ақидаанд, ки иқтибосе, ки М.Е. Массон (1934) ба ақидаи Ф. Богословский (1841) такя намуда, Кӯҳи Фонро Фон-тоғи кӯҳи мисин, ё Н.В. Паганнусӣ (1968) онро Контағ (аз вожаи туркзабонҳо ӯ К-ро ба Қ иваз намуда ба ҷойи кон сарвати зеризаминиии тоҷикӣ **Қон** «хун» ва **тағ «**кӯҳ» ё «кӯҳи хунин» маънидод намудаанд) [с. 18-19], асоси илмӣ надоранд ва аз ҳақиқат дур будани назарияи онҳоро зери танқид гирифтаанд, ки ба ақидаи Вазиров К. дуруст аст [6, с.9].

Иқтибос (Абдуров, Холиқов, 2004) аз «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл-и Абдурраҳмон Мустаҷири Самарқандӣ (1870), ки дар Душанбе соли 1889 таълиф шудааст, меоварем (айнан)… баъзеҳо Кӯҳи Маликро Кӯҳи Кон мегӯянд. Ин муаллиф деҳаи имрӯзаи Такфонро Таҳфон ба қалам додаст… дар наздикии Искандаркӯл мавқеи маъдани истихроҷкардаи хитоиҳо аз асри VII-и милод то ҳол маълум аст ва онро сокинони маҳал Кончоч, яъне кони чинҳо (хитоиҳо) меноманд. Дар гузашта дар кӯҳсори Фон конҳои сурмаю симоб, оҳану мис,, Навшодиру зок, рангҳои маъданӣ истихроҷ ва истеҳсол мекарданд. Аз ин далелҳо мо ба хулосае омадем, ки Фонтаг ё Контаг шакли таҳрирёфтаи Таҳкон буда, Таҳ ё Таг маънои қаър, ё зер (поён)-ро дорад ва минбаъд Кон шакли «Фон»-ро гирифтааст. Шояд зери таъсири забони халқҳои туркнажод вожаи Таҳкон-Таҳфон тобиши турки Фонтоғ ё Контоғ-ро гирифта бошад. Инак вожаи Фон шакли тағйирёфтаи Кон, яъне маҳалли каъраш аз сарватҳои зеризаминӣ бой бударо дорад, ки ба ҳақиқати ҳол мувофиқат мекунад.

Аз тарафи дигар, истилоҳи «тоғ»-и туркӣ на танҳо дар водии Зарафшон, балки дар қаламрави Тоҷикистон бештари кӯҳҳо бо вожаи тоғ анҷом меёбанд: Мисол, **Саритоғ, Қаратоғ, Оқтоғ, Боботоғ, Муғултоғ, Тераклитоғ, Ҷелонтоғ** ва ғайра.

«Конҳои зеризаминӣ низ номҳои махсуси худро доранд, ки иборатанд аз: Канчоч, Ҷиҷикрӯд, Дуоба (Яфч), Чоре, Кони Нукра, Тагоби Кӯл, Кумарғ, Кондара, Кончоч, Тагоб ва ғ. Дар Кӯҳистони Зарафшон мавҷуд будани конҳои оҳану мис ба мушоҳида гирифта нашудааст. Аз ин рӯ, Фон-ро бо Кон ҳамреша маънидод кардан асоси илмӣ надорад» [6, с.11] қайд намудааст К.Вазиров.

Ин дара, чунонки аз номаш маълум аст, аз назарҳо ниҳон буда, танҳо аз ду тарафаш: тарафи Сари Ҷӯй ва **Боботоғӣ** ду тангно намоён мешавад… [2, с.3]. Даста ба кӯҳпоя расида буд, ки Иброҳим бечо набудани шубҳаҳои худро донист ва ба **кӯҳӣ Ҷилонтоғ** нигоҳ карда бандар канд ва дар он ҷо 12 рӯз пинҳон монда боз як аспи худро хӯрд [2, с.380]. Дар қисми шимолу ғарбии ноҳия, аз шимол ба ҷануб қаторкӯҳи Қурама, дар ҷанубу ғарб қаторкӯҳи начандон калони **Муғултоғ** ва дар байни онҳо води Сомғору Мирзоравот доман паҳн кардаанд [7, с.11].

Қушқийа, Қизилқийа. Калимаи **қияи** таркиби ин номҳо дар туркии қадим ба сифати ҳиссача - аффикси тобиши хурди ҷудонамоиро ифодакунанда [9, с.441] ба кор рафта ва дар забони муосири ӯзбекӣ ба маъниҳои 1) нишебӣ, нишеб, ёна, фуромадгоҳ, нишеби кӯҳ, нишебии теппа; 2) моил, нишебдор, пастхамӣ, каҷ, уреб, хамида рӯ ба пастӣ ниҳодан; 3) бо гӯша (қирра)-и чашм, каҷ- каҷ, чаппа- чаппа нигаристан [18, с.618] истифода мегардад.

Қурғқул, Қурғкамара, Чашмайи Қурғқул. Қуруқ – ба маънои замини «нокорам ва асбобе барои доштани асп аз байни галла» аст. Он дар гунаи калимаи **қуруғ** дар забони туркии қадим ба маънии 1. «хушк, хушкшуда», 2. «холӣ, макон ва маҳалли ғайримаскун»; 3. «беасос, дурӯғин»; 4. «беҳуда, бефоида»; 5. «ба маънии динии шахси мардуд, радди маърака»; 6. «хушксолӣ, хушкӣ»; 7. «ба маънии динии халоъ, нестӣ» [9, с.469] ва дар

забони муосири ӯзбекӣ дар шакли **қурик** ба маънии «замини бикр (нокорам)» [18, с.637] ва шакли **қурук** ба маъниҳои 1. «хушкӣ, бар (р)»; 2. «беобӣ» [18, с.632] ба назар мерасад.

Қазноқ (кӯҳ)**, Қавоқдара**, **Қипчоқ** (дашт). Аксари чунин калимаҳо бо овози **қ** шурӯъ шуда бо худи ҳамон овоз ба охир мерасанд:

Дар байни ағбаҳо силсилакӯҳҳои Фон, **Қазноқ,** Чимтарға, Зиндон, Пушнават, Дукдон хеле душворгузар мебошанд [25, с.21]. Метавон фарз кард, ки дар солҳои 50 ё 60-уми асри XIVтаҳти ин ном аҳолии туркумуғули **Дашти Қипчоқ** дар назар дошта мешуд [8, с.539]. Сари манораи **Ҷарқӯрғон** (воқеъ дар вилояти Сурхандарёи Ӯзбекистон) бо раҳҳои чин-чин зинат ёфтааст [8, с.429].

Ҷарқӯрғон (номи деҳа дар Қубодиён) аз ду вожа ҷар – «ҷойи чуқурии ба ҷӯйи калон монанд, ки аз кофтани об, фурӯравии замин ва ғайра ҳосил шудааст, чуқурии табии замин» ва **қӯрғон** – «тӯда, теппа» мебошад.

Тӯдаҳои мардуми мусибатзада, гурусна, беҳолу бемадор, сарсону абгор, баъзе маиб, баъзе маҷрӯҳи хуншор, дар **дараи Боймуш** ба деҳаи Нушур ғун шуданд [19, с.314].

Боймуш – комоним аз ҷузъҳои бой (туркӣ) ба маънии «бисёр, фаровон, яъне муши зиёд» [18, с.78] ва ҷузъи туркиаш «сичқон» дар забони ӯзбекӣ [18, с.373] иборат буда, маънии макон ва мавзеи замоне мушҳои зиёд доштаро ифода мекунад.

Калимаҳои туркӣ дар номгузории кӯҳу даштҳо ва дараю қуллаҳо нақши фаъол доранд. Онҳо ба фаъолияти чорводорӣ ва зисту зиндагии ақаллиятҳои туркзабони – кӯчманчӣ дар сарзамини Тоҷикистон алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тариқ, оронимҳои туркию муғулӣ ҳам дар шакли алоҳида, ва ҳам дар алоқамандӣ бо калимаҳои дигари аслии тоҷикӣ ва дигар забонҳои эронӣ дар номгузории **кӯҳу дашт, дараю теппа ва ағбаю водиҳо** нақши фаъол дошта, зиёд ба мушоҳида мерасанд. Пайдоиши аксари онҳо дар сарзаминҳои Осиёи Миёна собиқаи таърихӣ дошта, ба давраҳои қадим рафта мерасад. Омӯзиш ва таҳқиқи онҳо ба забон манфиатовар буда, дар ташаккули илми забоншиносии тоҷик метавонад нақши муҳим гузорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абрамов, К.А. Заметка о Каратегинская владения, составленна по распросом / К.А. Абрамов // Изв. Имперарского русского географического общество. Т.у1. - №3. – С. - Петербург 1870. – С.106-118.
2. Айнӣ, С. Дохунда / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 428 с.
3. Айнӣ, С. Ёддоштхо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С.Айнӣ. – Душанбе, 2009. – 680 с.
4. Арандаренко, Г.А. Каратегин (по распросным сведеням) / Г.А. Арандаренко // Военный сборник. Т. 85. - С. – Петербург, 1878. – 116-128.
5. Ахмедов, Т.М. О древнесемантических реалистах как, гара, кара и сары в тюркских топонимах /Т .М. Ахмедов // Ономастика Узбекистана. – Ташкент, 1987. – С.23-24.
6. Вазиров, К. Кӯҳистони Зарафшон / К.Вазиров, С.Муродов. – Душанбе, 2009. – 136 с.
7. Ганҷинаҳои табиати вилояти Суғд: мураттиб ва муҳаррир Усмонов К.А. – Хуҷанд, 2004. - 136 с.
8. Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 870 с.
9. Древнетюркской словарь (отв.ред. В.М. Наделяев и др.). – М.:Изд. АН СССР. Инст. языкознании. – 1969. – 676 с.
10. Зулфониён, Раҳим, Рачабзода. Мушкилот дар номгузории маҳалҳои аҳолинишини кишвар / Р.Р. Зулфониён // Суннати номгузорӣ ва номҳои чуғрофӣ (Маводи конференсияи чумҳуриявии илмӣ). – Душанбе, 2015. – С. 77-90.
11. Исмоилов, Ш. Нақши Авесто дар топонимҳои Тоҷикистон / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2011. – С. 12-20.
12. Карорматуллои, Қаландар. Ашкҳои ғашиён. / Қаландар, Карорматулло. – Душанбе: Афсона» 2007. – 477 с.
13. Кисляков, А.Н. Очерки по истории Каратегина / А.Н. Кисляков. – Сталинабад, 1954. – 278 с.
14. Муҳаммадиев Ф. Варта / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 368 с.
15. Р. Ҷалил. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1. / Ҷалил Р. – Душанбе: Адиб, 1988. – 304 с.
16. Салоҳиддини, С. Номи диёр – таърихи диёр / С.Салоҳиддин. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 91 с.
17. Таджики **К**аратегина и Дарваза. - Вып. 1. - Душанбе, 1966. – 377 с.
18. Узбекско-русский словарь. – 1959. – 376 с.
19. Улуғзода, С. Восеъ / С.Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 368 с.
20. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. – 708 с.
21. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2008. – 708 с.
22. Фарҳанги номҳои чуғрофӣ. – Душанбе, 2019. – 277 с.
23. Федченко, А.П. Путешествие в Туркестан / А.П. Федченко. – М., 1950. – С. 157.
24. Ҷӯрабоев Р. Диёри шоир / Р.Ҷӯрабоев. - Душанбе: Ирфон, 1992. - 225 с.
25. Ширкин, В. Ҷойҳои тамошобоби Тоҷикистон / В.Ширкин. – Душанбе, 1967. – 137 с.
26. Юзбашев, Р. Азарбайджанские географические термины /Р.Юзбашев. – Баку, 1966. – 200 с.

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКИИ ОРОНИМҲОИ ТУРКИЮ МУҒУЛӢ

Номвожаҳои чуғрофӣ (топонимҳо) яке аз бахшҳои муҳимми номшиносӣ буда, номи мавзеъҳо, маҳалҳо, кӯҳҳо, шаҳрҳо, водиҳо ва ғайраро меомӯзад. Дар мақола калимаҳои туркии ифодагарӣ номҳои кӯҳу даштҳо ва қуллаю дараҳо баррасӣ шудааст. Калимаҳои туркӣ дар номгузории кӯҳу даштҳо ва дараю қуллаҳо нақши фаъол доранд. Онҳо ба фаъолияти чорводорӣ, фаъолият ва зисту зиндагии ақаллиятҳои туркзабон – туркҳои кӯчманчӣ дар сарзамини Тоҷикистон алоқаманд мебошанд. Аз таҳлилу баррасӣ ва маъникушоии номвожаҳои чуғрофӣ, бахусус оронимҳо (номвожаҳои чуғрофии ба кӯҳ марбутбуда)-и дар

айни замон бо назардошти ҷанбаъҳои забонӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ ба сомон расонидашуда бармеояд, ки ҳар кадоми инҳо бо баъзе хусусиятҳои луғавии худ аз ҳам фарқ менамоянд. Дар ин фишурда хусусиятҳои вожашиносии оронимҳои туркиву муғулӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Калидвожа: оронимҳо, номвожа, номвожаҳои ҷуғрофӣ, номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ, калимаҳои туркию муғулӣ, кӯҳ, дашт, дара, сой, ағба.

О НЕКОТОРЫХ ЛЕКСИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЯХ ТЮРКО-МОНГОЛЬСКИХ ОРОНИМОВ

Топонимика как значительный раздел ономастики изучает собственное название отдельного географического места (населенного пункта, реки, горы и т. п.). В статье рассмотрены тюркские слова, выражающие название гор, долин и ущелий. Тюркские слова выполняют активную роль в именовании гор, долин и ущелий. Данный пласт лексики тесно связан со скотоводством и условиями быта национальных тюркоязычных меньшинств – тюрков-кочевников Таджикистана. При анализе и рассмотрении географических топонимов, особенно оронимов (географические топонимы, связвнные с горами) стало очивидно, что каждый из них имеет своё особенности. В данной статье расмотренны именно эти вышеуказанные особенности.

Ключевые слова: топонимы, оронимы, названия географических местностей, тюрко - монгольские слова, гора, долина, ущелье, река, перевал.

ABOUT SOME LEXICAL FEATURES TJURKO-MONGOLIAN ORONIMS IN THE TAJIK LANGUAGE

Geographical toponyms is one of the important section of toponymism and studies the names of areas places, mountains, cities, rivers and ets. In article, the Turkish words expressing the name of mountains, valleys and gorge are considered. The Turkish words carry out active role in named of mountains, valleys and ravine. The given a lexicon layer is closely connected with activity on cattle breeding of activity and condition of the life national of Turk minority - Turkish of nomads of Tajikistan. The analyses shows that the terminology of geography, especially oronyms of nowadays with the specific features of language, politics, cultural, historical and geographical, which they are different from each other. The thesis analyses the terminology Turk minority - Turkish oronyms.

Key word: toponimy, oronim, the name geographical districts, the Turkic the Mongolian words, mountain, a valley, ravine, the river, pass.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипова Шаҳло Шералиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷик. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 934-41-72-41**

Сведения об авторе: ***Шарипова Шахло Шералиевна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 934-41-72-41**

Information about the author: ***Sharipova Shahlo*** – Tajik National University, head of the assistent of modern tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 934-41-72-41**

УДК: 4Н (Англ)

МАСЪАЛАИ ТАСНИФИ ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Муҳсинова Ф.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҷонишинҳо маънои ниҳоят ҷамъбастшударо дошта, ашё, мавҷудот, мафҳуми муҷаррадро номбар накарда, онҳоро ишора мекунанд.

Ҷонишин ҳиссаи нутқи дорои дараҷаи баланди ҷамъбастӣ буда, дар контекст ва вазъият амал мекунад, вале аз мундариҷаи воқеии дар вазъияти аниқи таҷридшуда маҳрум аст. Он аз рӯйи синтаксис ба монанди исму сифат амал мекунад [2, с.27].

Ҷонишинҳо тасниф намегарданд, зеро онҳо дар таркиби худ гурӯҳи калимаҳоеро дар бар мегиранд, ки маънои лексикӣ, вазифаҳои синтаксисӣ ва категорияҳои грамматикии гуногунро доранд. Ҳамин тавр, агар ба асоси таснифот принсипи синтаксисиро гузорем, он гоҳ ҷонишинҳои субстантивӣ ва адъективиро ҷудо кардан мумкин аст [4, с.20] Бо вуҷуди он агар ҷонишинҳоро аз рӯйи ин гурӯҳҳо муайян намоем, он гоҳ маълум мегардад, ки бархе аз ҷонишинҳоро ҳам ба гурӯҳи субстантивӣ ва ҳам ба адъективӣ мансуб кардан мумкин аст **(this, that, each, other, some, any, all ва ғ.**). Аз ҳамин лиҳоз, таснифоти семантикии ҷонишинҳо дар адабиёти забоншиносӣ бартарӣ доранд. Бо якчанд тағйироти ҷузъӣ ҷонишинҳо ба чунин гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

Шахсӣ: I, you, he, she, it ва ғ.
Соҳибӣ: my, mine, his, her ва ғ.
Нафсӣ: myself, yourself, himself ва ғ.
Таъкидӣ: myself, yourself, himself ва ғ.
Саволӣ: who, what, which, whose.
Нисбӣ: who, which, that, whose.
Ишоратӣ: this, that, such, (the) same.

Мутақобила: each other, one another.
Номуайянӣ: some, any, somebody, anybody, something, anything, someone, anyone.
Хулосавӣ: all, each, every, both, either.
Инкорӣ: no, none, nobody, nothing, neither.
Шахсӣ-номуайянӣ ва шахсӣ-хулосавӣ: one
Ҷудоӣ: other, another [9, с.50].

Дар умум гурӯҳи ҷонишинҳо бо мавҷуд будани категорияи грамматикии падеж ва шумора тавсиф мегардад [1, с.57]. Ҳардуи ин категория на ба ҳамаи гурӯҳҳои ҷонишин хос аст. Категорияи грамматикии шумораро ҷонишинҳои ишоратии this, that ва ҷонишинҳои ҷудоии other соҳибанд. Категорияи шумора дар гурӯҳи нафсӣ ва таъкидӣ ифодаи пурраи худро ёфтааст, ки ба шакли танҳо мураттабан шаклҳои ҷамъ муқобил гузошта шудаанд, масалан: myself-ourselves, yourself-yourselves ва ғ.

Ҳамчунин дар ҷонишинҳо ба монанди исмҳо системаи тасрифи дупадежӣ мавҷуд аст, вале дар баробари он муқобилгузории падежи умумӣ падежи пайдоиш дар гурӯҳи ҷонишинҳои номуайян (somebody-somebody's), мутақобила (each other- each other's), шахсӣ-номуайянӣ (one-one's), ҷудоӣ (other-other's), ки дар исм, ҷонишинҳои шахсӣ, саволӣ, нисбӣ ҷой дорад, мо муқобилгузории падежи аслӣ ба пуркунанда (I-me, who-whom)- ро ки дар забони англисии муосир хос нест, ошкор мекунем.

Танҳо ду ҷонишин бо артикли муайяни (the) same и other ҳамроҳӣ мекунад. Истифодаи мунтазами артикл бо ҷонишини same бо маънои якхелагӣ ва монандии он алоқаманд аст. Корбурди артикл бо ҷонишини other ба монанди истифода бо исмҳо монанд аст.

Дар бархе аз гурӯҳҳои ҷонишинҳо муқобилгузории возеҳи шахс «ғайришахс" ба назар мерасад, масалан: he, she шахсро, it ашёро ифода мекунад. Дар ин ҷо ҷонишини саволии who бо ҷонишини **what;** нисбии **who-which;** номуайянӣ **someone, anyone -something anything;** инкории **nobody - nothing** муқобил гузошта шудааст. Ишоратӣ будан воситаи муқарраркунии референтро инъикос мекунад, ки маҳз ба ҷонишини ишоратӣ хос аст. Он дур ё наздик будани ашёҳо (макон ва замон)-ро нисбати гӯянда ифода мекунад.

Категорияи ишоратӣ будан - асоси мавҷудияти ин ҷонишинҳо ба ҳисоб меравад; маънои "наздикӣ\дурӣ"-ро аз даст дода, онҳо хусусияти ҷонишинҳои ишоратиро гум мекунанд.

Ҷонишинҳои ишоратӣ миқдори ками гурӯҳи калимаҳоро ифода мекунанд, ки нишондодро ба ашё ва аломатҳои он (this -that), ба шабеҳӣ ([the] same) ё ба сифати муайян (such) баён мекунад.

Чуноне ки маълум аст, ишора ба ашё ва аломатҳои он ба маънои умумии ҳамаи гурӯҳи ҷонишинҳо дар умум, ҷонишинҳои мазкур ишоратӣ маҳсуб ёфта, махсус барои ифодаи ин маъно муқаррар шудааст [3, с.151].

Маънои умумии нмшондод дар ҷонишинҳом this ва that; чун ишорати маконӣ ва замонӣ амалӣ мегардад. Навъи ҷуфтҳои this/that, these/those мухолифати лексикӣ, ки дар муқобилгузории дур/наздик дар хусуси макон ва замон асосёфтаи нисбати гӯяндаро меофаранд, вале мафҳуми «наздик», «дур» мутлақ набуда, барои истифода намудани он дар нутқ донистан зарур *аст,* ки дар муқоиса бо чӣ ин ё он ашё чун наздик ё дур тавсиф шудааст. Чунончи: I like these (pictures, which are near me) better than those (over there on the far side). Аксар вақт this нисбат ба ашё ва зуҳуроти ба гӯянда ҳам аз ҷиҳати замон ва ҳам макон наздик истифода мешавад (ишора ба замони ҳозира); that ашё ва зуҳуротеро, ки аз гӯянда дуртар аст, ифода мекунад: Well, how will you explain my absence to these people here? [7, с.123]; I wonder what he is doing now, this very minute! [7, с.39]; In that moment I forgave all my friends and relations for their wickedness [7, с.112].

Ҳангоми дар ҳолати нутқӣ мавҷуд будани намояндаи ягонаи ягон гурӯҳи ашё ё зуҳурот барои ҳаммонанд кардани он (муқаррар намудани таносуби референсиалӣ байни аломати забонӣ ва ашёи ба он мутаносиб) нишондод ба идроки ҳиссие, ки метавонад ду навъ амалӣ шавад кифоя аст: бевосита худи калима ва калимаи бо ҳаракату имои ишораткунанда. Масалан: I want this, this and this (гуфтугӯи фурӯшанда ва харидор).

Ҷонишинҳои ишоратии this ва that бо он фарқ мекунанд, ки онҳо категорияи шумора доранд, дар баробари он, на танҳо дар корбурди субстантивӣ, ҳатто ҳангоми корбурди он чун сифат, яъне атрибутивӣ - (this man ин мард – these men ин мардҳо, that man он мард – those men он мардҳо) истифода мегарданд. Ташаккулёбии шакли ҷамъ дар ҷонишинҳои this-these ва that-those бо ташкили ин шаклҳо аз исмҳо фарқ мекунанд. Хусусиятҳои бавуҷудоии шакли ҷамъи ба ин ҷонишинҳо хосбуда эҳтимол онҳоро аз исмҳо ҷудо мекунад ва сабаби ба субстантиватсия оварда нарасонидани шакли ҷамъи ҷонишинҳои мазкурро шарҳ медиҳад.

Гузашта аз ин, дар доираи сифат забони англисӣ категорияи шумора надорад ва мавҷудият дар ҷонишинҳои this ва that дар ҳолати корбурди атрибутивӣ ҳатто дар дохили системаи ҷонишинҳо ин калимаҳоро ба мавқеи махсус гузошта, аз ҷонишини other фарқ мекунонад, ки истифодаи он дар пайвастшавии others books мумкин аст, ки он ҷонишин-сифат буда, шакли ҷамъро надорад. Others wanted to go there, ки others ҷонишин-исм буда, бо доштани шакли ҷамъ тавсиф мегардад. Бар хилофи ойгегз хусусияти ташаккулёбии шакли ҷамъ дар this ва that, дар онҳо мавҷуд набудани субстантивиятро таъкид мекунад. Бинобар ин, ҷонишинҳо ба сифати ягона боқимондаи калимаи хусусияти адъективидоштаи шаклу шумораро фарқкунанда маҳфуз мондаанд.

Ҷонишини such ба аломати муайяни ашё ишора мекунад. Ба монанди this ва that такрори such ба мундариҷаи мафҳуми ягона метавонад тааллуқ дошта бошад: Have you seen a skilful boxer watch his antagonist with a quiet, incessant eye? Such an eye as this did the pony keep upon whatever man took the rope [8, с.76] ё ин ки ба мундариҷаи тамоми ҷумла: Clearly this wild country spoke a language other than mine-the world here was a term of endearment. Such was my conclusion [8, с.138]. Such ҳамаи гуфтаҳои қаблиро ҷамъбаст мекунад. Such ба монанди that метавонад қаблӣ, бо мундариҷаи ҷумлаи тафтишӣ ё муайяни муқаддимавӣ мувофиқ бошад. Масалан: The happiest our of the day for such passages as these was that of luncheon [5, с.85].

(The) same маънои айнияти як ашё ба ашёи дигари қаблан зикрёфтаро ифода мекунад: He did make one or two feeble efforts to take up the work again… but there was always the same coldness, the same want of sympathy on the part of the world to fight against [9, с.68]. Дар тавъамёбӣ бо ҷумлаҳои маҳдудкунанда (the) same метавонад тахминӣ бошад: The same law that had worked in her… was working in the family she had watched like a mother [6, с.116]. Дар мисоли навбатӣ (the) same ба шабоҳат будан ишора мекунад, вале анафорӣ ё қаблӣ маҳсуб намеёбад: They both get hold of the same bit of line, and pull at it in opposite directions [6, с.94].

Ҷонишини such ва (the) same тағйирнашавандаанд. (The) same бо артикли муайянӣ истифода шуда, маънои ишоратиро («ҳамон») тақвият медиҳад.

Ба баъзе ҷонишинҳо ҷойгиршавӣ ба таркиби синтаксисии муайян хос аст. Бинобар ин, this ва that дар комплекси муайянкунанда дар ҷойи аввал меистанд: this large table ин мизи калон, вале large this table калон ин мизи нодуруст аст.

Ҷонишинҳои ишоратии this/that калимаҳое мебошанд, ки мисли исм ва ҳам сифат амал мекунанд: What's this? Ин чист? ва What is that man? Он шахс кист? Аз рӯйи вазифаи синтаксисии худ бархе аз онҳо метавонанд дар мавқеи субстантивӣ муайянкунанда бошанд. Ҷонишинҳои мазкур метавонанд ҳангоми набудани номи муайян истифода гарданд. Дар ин ҳолат маънои воқеии онҳо аз контекст дар натиҷаи мутаносибии ҷонишин бо коррелятори худ дарк карда мешавад: at his own bedroom window, there were crowds of thoughts that mixed with these [9, с.51]. Philip Bossiney was known to be a young man without fortune, but Forsyte girls had become engaged to such before [6, с.45]. Коррелятори ҷонишинҳои such, the same, this ва that (танҳо дар шакли танҳо) метавонад тамоми ҷумла ё фикри баёншуда бошад: Clearly this wild country spoke a language other than mine… such was my conclusion [5, с.49]. He had special duties. – Oh, yes, we all guessed that [6, с.44]. Аз ҳамин лиҳоз, ҳангоми ифодаи ашёи ягона ҷонишинҳои this ва that аксар вақт бо калимаи one ҳамроҳ карда мешаванд: Their moments of intimacy, of understanding and happiness, were so rare now that she was loath to relinguish this one [8, с.172].

Шакли ҷамъи ҷонишини those ҳангоми набудани таносуб бо коррелятор метавонад истифода гардад. Дар ин ҳолат those ҳамеша бо муайянкунанда ҳамроҳ карда мешавад ва маънои шахсро мефаҳмонад: He entertained those he questioned with a drink or a cup of coffee [6, с.97]. Ҳамин тариқ, ба ҷонишини that дар шакли танҳо на дар ҳама ҳолат шакли ҷамъи those мувофиқ меояд. Ба ҷонишини this ин ҳолат кам тааллуқ дорад.

Ҷонишинҳои ишоратӣ дар ду вазифаи ёридиҳанда: муайянкунанда ва калима-ҷонишинҳо истифода мегарданд.

Дар вазифаи ёридиҳандаи муайянкунанда танҳо ҷонишинҳои this ва that ба кор бурда мешаванд, тавре ки ба ҷонишинҳо хос аст, вазифаи мазкури ёридиҳандаро бо мустақилмаъно ба ҳамдигар мувофиқ мекунад: this book, that book. Such муайянкунанда нест, зеро пеш аз исм дар шакли танҳо он бо артикли номуайянӣ тавъам мешавад: such a book.

Ба вазифаи ёридиҳандаи калима-ҷонишинҳо танҳо ду ҷонишини ишоратӣ: that одатан бо якҷояшавии номӣ-пешояндӣ ва (the) same баромад мекунанд. Дар ин корбурд ҷонишинҳои мазкур аз маънои лексикии аслии худ маҳруманд ва бо мундариҷаи бо исм ивазшуда пурра гардида, хусусияти анафории ишоратиро нигоҳ медоранд: As I raise my glistening eyes, I meet those of Mr. Musgrave fixed upon me… [8, с.125];

...unlimited individual privileges and the power that goes with the same... [9, с.35].

Баъзан ҳамчунин калимаҳоеро, ки ба зарфҳои ҷонишинӣ тааллуқ доранд ва вазифаҳои мухталифи ҳолро иҷро менамоянд thus, there, here, so, then ҷонишинҳои ишоратӣ низ меҳисобанд. Бо вуҷуди он, барои пазируфтани thus, there, here, then ба категорияи ҷонишин вазифаи синтаксисии ҳоли ҷонишинҳои зикрёфта халал мерасонанд. Калимаи **so** ба ҷуз вазифаи ҳол (ҳоли тарзи амал ва миқдору дараҷа) метавонад вазифаи пуркунанда ё аъзои предикативи (субъективӣ ва ҳам объективӣ)-ро иҷро намояд. Дар ин сурат тамоми воҳиди предикативӣ ё калимаи ба категорияи зарф (одатан сифат, сифати феълӣ) тааллуқ надоштаро бояд иваз кунад: She's never had a regular boy friend. She told me so herself [5, с.63]. But the police are bound to be suspicious of them and will continue to be so [8, с.128].

Бояд зикр намуд, ки ҷонишини that (танҳо дар шакли танҳо) ба вазифаи ҳол низ амал мекунад, ки қаблан танҳо бо **so** имконпазир буд: Is he that good [6, с.95]? You are not all serious about her [8, с.36]. Ҳолатҳои мазкур ба гунаи забони англисии амрикоӣ хос буда, аз хусуси муносибати наздик доштани **so** ва **that** шаҳодат медиҳад. Ҳамин тавр, аломатҳои дар **so** мавҷудбуда, ба монанди зарф ва ҷонишин, ба ягон аз ин ҳиссаҳои нутқ тааллуқ доштанашро имкон намедиҳад. So дар доираи хатти ин гурӯҳҳо қарор дорад.

Тавре ки маълум аст, зарф наметавонад мавқеи пуркунандаро ишғол кунад ва мавқеи аъзои предикативиро ниҳоят кам иҷро мекунад. Дар ин мавқеъ пас аз ҳамон феълҳо бо мақсади ҷойивазкунӣ ба ҷуз **so** метавонанд дигар ҷонишинҳои ишоратӣ this, that ё ҷонишини **it** истифода гарданд: I understand that you were interested in the dead girl? – Yes, they all have told you that [5, с.59]. You took the money. You will get no more from me. Don't think it [8, с.44]. His sister is tactful. But I couldn't call him that [5, с.231].

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов, Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка / Л.С. Бархударов. - М.: Высшая школа, 1975. - 156 с.
2. Гак, В.Г. Теоретическая грамматика французского языка / В.Г. Гак. - М.: Добросовет, 2000. - 832 с.
3. Гордон, Е.М. Грамматика современного английского языка / Е.М. Гордон, И.П. Крылова. - М.: Высшая школа, 2003. - 148 с.
4. Татаринова, Л.В. Специфика референций указательных местоимений / Л.В. Татаринова / Семантическая и прагматическая органызация высказывания (Тезисы межвузовской конференции молодых ученых); ред. Тарасова, С.Г. - Иркутск: ИГПИИЯ, 1996. - 283 с.
5. Boyd, W. Gifts / W. Boyd // Contemporary British stories. - Perspective publications Ltd, 1994. - 224 p.
6. Galsworthy, J. The Forsyte Saga / J. Galsworthy. - Moscow, 1974. - 439 p.
7. Hailey, A. The Final Diagnosis / A. Hailey. – London & Sydney, 1975 - 310 p.
8. Maugham, W.S. Selected Plays / W.S. Maugham. – London, 1996. - 448 p.
9. Sheldon, S. Nothing Lasts Forever / S. Sheldon. - Harper Colins Publishers, 1995. - 398 p.

МАСЪАЛАИ ТАСНИФИ ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақола ба таҳқиқи яке аз проблемаҳом муҳимми забоншиносии муосир - ҷонишинҳои ишоратӣ ва вазифаҳои онҳо дар забони англисӣ бахшида шудааст. Таъкид гардидааст, ки категорияи ишоратӣ будан - асоси мавҷудияти ин ҷонишинҳо ба ҳисоб меравад; маънои "наздикӣ/дурӣ"-ро аз даст дода, онҳо хусусияти ҷонишинҳои ишоратиро гум мекунанд. Собит мешавад, ки ҷонишинҳо тасниф намегарданд, зеро онҳо дар таркиби худ гурӯҳи калимаҳоеро дар бар мегиранд, ки маънои лексикӣ, вазифаҳои синтаксисӣ ва категорияҳои грамматикии гуногунро доранд. Ҳамин тавр, агар ба асоси таснифот принсипи синтаксисиро гузорем, он гоҳ ҷонишинҳои субстантивӣ ва адъективиро ҷудо кардан мумкин аст. Қайд карда мешавад, ки аз рӯйи вазифаи синтаксисии худ бархе аз ҷонишинҳои ишоратӣ метавонанд дар мавқеи субстантивӣ муайянкунанда бошанд. Мавриди зикр аст, ки ҷонишинҳои мазкур метавонанд ҳангоми набудани номи муайян истифода гарданд. Дар ин ҳолат маънои воқеии онҳо аз контекст дар натиҷаи мутаносибии ҷонишин бо коррелятори худ дарк карда мешавад. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҷонишинҳои ишоратӣ миқдори ками гурӯҳи калимаҳоро ифода мекунанд, ки ишораро ба ашё ва аломатҳои он, ба шабеҳӣ ё ба сифати муайян баён мекунанд.

Калидвожаҳо: ҷонишини ишоратӣ, категорияи грамматикӣ, категорияи шумора, мафҳуми дур/наздик, маҷмӯи атрибутивӣ, вазифаи ёридиҳанда, шакли танҳо, шакли ҷамъ.

ПРОБЛЕМА ОТГРАНИЧЕНИЯ УКАЗАТЕЛЬНЫХ МЕСТОИМЕИИЙ И ИХ ФУНКЦИИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматривается одна из важнейших проблем современного языкознания - проблема отграничения указательных местоимений и их функции в английском языке. Местоимения не случайно приобрели репутацию слов, которые не поддаются классификации, так как местоимения включают в себя очень разнородные по лексическому значению, по синтаксическим функциям и грамматмческим категориям группы слов. Так, если в основу классификации положить синтаксический принцип, то можно выделить местоимения субстантивные и адъективные. Подчеркивается, что по своим синтаксическим функциям некоторые из них могут быть опроделением в присубстантивной позиции. Эти же местоимения могут употребляться при отсутствии определяемого имени. В этом случае их предметное значение выясняется из контекста вследствие анафорической соотнесенности местоимения с его коррелятом. Отмечено, что категория указательности - основа существования этих местоимений; переставая выражать значение «близость/отдаленность», они утрачивают специфику

указательных местоимений. Автор приходит к заключению, что указательные местоимения представляют собой малочисленный разряд слов; выражающих указание на предметы и их признаки, на тождество, уподобление или на определенное качество.

Ключевые слова: указательное местоимение, грамматическая категория, категория числа, понятие близкий/далекий, атрибутивный комплекс, служебная функция, форма единственного числа, форма множественного числа.

THE PROBLEM OF DELIMITING DEMONSTRATIVE PRONOUNS AND THEIR FUNCTIONS IN ENGLISH LANGUAGE

In this article the author canvases one of the most important problem of modern linguistics - The problem of delimiting demonstrative pronouns and their functions in English language. Demonstrative pronouns not occasionally gained reputation of words which are not resist to classification, as for pronouns involve variegated by lexical meaning, by syntactical function and grammatical category group of words. So, if in foundation of classification put syntactical principle, then we can mark out substantive and advective pronouns. It is indicated that in its syntactical function some of them can be attribute in substantive position. These pronouns can be used during the absence of determinated name. In that case their object meaning have cleared from context in consequence of anaphoric correlation of pronoun with its correlate. The author points that demonstrative pronoun - is the foundation of existence of these pronouns; ceasing express the conception of near / far, they lose the peculiarity of demonstrative pronouns. The author of the article comes to conclusion that demonstrative pronouns represent small class of words expressing indication to items and their characters, identity, likening or to a quality-related dimensions.

Key words: demonstrative pronoun, grammatical category, the category of numerals, near / far conception, attributive complex, service function, singular form, plural form.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҳсинова Фарзона Абулқосимовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, аспиранти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова, 1. E-mail: farzonamukhsinova@gmail.com**.** Тел.: **(+992) 92-867-67-42**

Сведения об авторе: ***Мухсинова Фарзона Абулкасимовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, аспирантка кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: farzonamukhsinova@gmail.com**.** Тел.: **(+992) 92-867-67-42**

Information about the author: ***Muhsinova Farzona Abulkosimovna*** - Khyjand State University named after academician B.Gafurov, claimant for candidate degree of Tajik Language department. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: farzonamukhsinova@gmail.com**.** Tel.: **(+992) 92-867-67-42**

УДК: 491.550-3:651.417

МАВҚЕИ ЛЕКСИКАИ ҶУҒРОФӢ ДАР «МАНТИҚ-УТ-ТАЙР»-И АТТОРИ НИШОПУРӢ

Мухаммедхоҷаева Р.А.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ

Зери мафҳуми лексикаи ҷуғрофӣ он номвожаи ҷуғрофӣ фаҳмида мешаванд, ки номҳои ҷуғрофии мавзеъу маҳалҳо, шаҳру ноҳияҳо, вилояту минтақаҳо, кишварҳо, дашту биёбонҳо, кӯҳу даманҳо, рӯду баҳр, уқёнусҳо ва ғайраро ифода мекунанд, ки дар илми ономастика (номшиносӣ) онро топонимика меноманд. Вожаҳои ифодакунандаи номҳои ҷуғрофӣ, яъне лексикаи ҷуғрофӣ дар маснавии «Мантиқ-ут-тайр» мавқеи махсус доранд. Муаллифи асар зимни баёни воқеаҳо вобаста ба хатти амалиёт ва ҳодисаву воқеаҳо ҷо-ҷо аз номҳои ҷуғрофии мавзеъу маҳалҳо ва вилоёту кишварҳо ёд кардааст.

Дар маснавии ирфонию рамзии «Мантиқ-ут-тайр» номи ҳафт водӣ, яъне Водии талаб, Водии ишқ, Водии маърифат, Водии истиғно, Водии тавҳид, Водии ҳайрат ва Водии фақру фано ном бурда шудааст, ки ин маконҳо рамзӣ буда, олами ирфон, роҳи расидан ба ҳақиқат ва ваҳдати вуҷудро ташкил медиҳанд, ки маъмулан аз чаҳор марҳала: шариат, ҳақиқат, тариқат ва маърифат иборат мебошад. Дар маснавии Аттор ин чаҳор марҳалаи маънавӣ ҳафт водиро дар бар гирифтааст. Ва ба ҳамин мазмун дар роҳи расидан аз як водӣ ба водии дигар марҳилаи муайяни гузаштан аз шариату тариқат ва ҳақиқату маърифат баён шудааст, ки миёни ҳар яке аз забони Симурғ барои тасбити сухан ривояту ҳикояте оварда мешавад. Дар зимни он бошад, номҳои ҷуғрофӣ, яъне макони рӯй додани воқеаву ҳодисаҳо зикр гардидаанд, ки ҳар якеро дар ин бахш барои муайян кардани мавқеи лексикаи ҷуғрофӣ дар маснавӣ шарҳу тавзеҳ хоҳем дод.

Дар байни маъхазҳо ё сарчашмаҳои қадима инчунин асарҳои сирф ҷуғрофие мавҷуданд, ки онҳо низ доир ба ҷиҳатҳои ҷуғрофӣ, иқлимӣ, ҳудуди ин ё он мавзеъ маълумоти ҷолиб медиҳанд. Ба қатори асарҳои ҷуғрофӣ «Ҳудуд-ул-олам»-и Ибни Фарғун, «Форснома»-и Ибн ал-Балхӣ, «Аҷоиб-ул-булдон» ва «Ал-мамолик-вал-масолик»-и Ёқути Ҳамавӣ ва амсоли инҳоро мансуб медонанд [7, с.65].

Дар маснавии «Мантиқ-ут-тайр» номвожаҳои марбути лексикаи ҷуғрофӣ фаровон истеъмол шудаанд, ки дар ҳикоятҳо зимни зикри панду ҳикмат ба назар мерасанд.

Муҳаққиқи бузурги рус ва яке аз саромадони риштаи илми номшиносӣ (ономастика) В.А. Никонов чунин қайд кардааст: "...шаҳрҳо хароб гардиданд, давлатҳо барҳам хӯрданд, забонҳо аз ҳудуди халқҳо аз байн рафтанд, аммо номҳо боқӣ монданд [6].

Аттор дар маснавӣ баъд аз ҳамду санои Худованд ва Расул, зикри чаҳорёрону ситоиши онҳо, панду ҳикматҳои гузаштагон дар шакли рамз дар бораи ҷамъ омадани парандагон ва бо роҳбарии ҳудҳуд (шонасарак) ба ҷустуҷӯи Симурғ баромадани онҳо ҳикояти худро оғоз мекунад. Зимни паймудани роҳ парандагон ба душвориҳои зиёд вомехӯранд. Аттор ҳикоёту ривоёти пандомезро нақл мекунад, ки онҳо бештар аз забони ҳудҳуд ҳамчун андарз зикр шудаанд. Албатта, роҳи тариқатро, ки роҳи худошиносӣ буда, назарияи ирфониро ифода мекунад, Аттор ба тариқи рамзу тамсил дар ғояи асосии маснавии «Мантиқ-ут-тайр» инъикос мекунад.

Дар роҳи расидан ба мақсуд мурғон на танҳо ба селу борон ва ба дигар душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд, балки чанде аз онҳо, аз ҷумла булбул аз дидани гулистон, кабк бо дидани кӯҳсор ва сабзазор, мурғобӣ бо дидани ҳавзи кабуд ва фохта бо дидани дарахтзорҳо аз ҷустуҷӯйи Симурғ ва расидан ба мақсуд даст мекашанд. Тай намудани водиҳо аз ҷониби мурғон қисмати ҷуғрофии маснавиро ташкил кардааст, ки ҳар якеро айни замон ба таври ҷудогона аз назари таҳқиқ хоҳем гузаронд.

Дар илми забоншиносӣ номҳои ҷуғрофиро як риштаи махсуси илм, ки ба истилоҳи илмии аврупоӣ онро ономастика меноманд, меомӯзад. Илми ономастика боз дар навбати худ дорои даҳҳо ва ё қисматҳои махсуси илмиест, ки топономика, ифодакунандаи номҳои ҷуғрофӣ як бахши онро ташкил медиҳад. Аз рӯйи маълумоти муҳаққиқ Д. Ҳомидов: «Топонимикаи забонҳои эронӣ ва таҳқиқу омӯзиши он таърихи қадима дорад. Ҳанӯз аз даврaҳои қадим ва асрҳои миёна донишмандон дар маъхазҳои таърихию ҷуғрофӣ, сафарномаю тазкираҳо, фарҳангҳою рисолаҳои илмию адабӣ ва динӣ, асноду катибаҳои гуногун зимни тавсифу таҳқиқ ба паҳлуҳои мухталифу ҷудогонаи номвожаҳои ҷуғрофӣ [топонимика] дахл карда, ба ин васила бунёди ин соҳаро гузоштаанд. Дар сарчашмаҳои хаттии қадима, аз ҷумла «Авесто», осори хатти мехии аҳди Ҳахоманишии форсии бостон, мисли осори хаттии аҳди Сосонии форсии миёна ба мисли «Катибаи Бесутун [Дороюш]», «Нақши Рустам», «Катибаҳои Персеполис», «Бундаҳишн», «Шаҳристонҳои Эрон», «Фарҳанги паҳлавик», «Фраҳанг-и оим-евак» (Фарҳанги оем-евак), «Корномаки Артахшери Попакон» (Корномаи Ардашери Бобакон), «Драхти Ассурик-уд-вуз» (Дарахти Асурик ва буз), «Чатарнома» (Шатранҷнома), «Денкард» (Динкард), ҳуҷҷатҳои суғдии «Асноди қалъаи Кӯҳи Муғ» ва монанди инҳо шаклу гунаҳои мухталифи номвожаҳои ҷуғрофӣ сабт ёфтаанд, ки барои омӯзишу баррасӣ ва таҳқиқи муқоисавии номвожаҳои ҷуғрофии забонҳои эронӣ аз нигоҳи решашиносӣ сарчашмаҳои муътамад маҳсуб меёбанд. Ҳамчунин роҷеъ ба топонимияи юнонӣ, чинӣ ва арманӣ маълумоту далелҳои ҷолибу диққатҷалбкунанда медиҳанд. Донишмандону ҷуғрофидонон ва сайёҳони асримиёнагии тоҷику форс ва араб дар роҳи шинохти номвожаҳои ҷуғрофии минтақаву мавзеъҳои гуногуни Хуросону Моваруннаҳр ва фароҳам овардани номвожаҳои ҷуғрофии ин мавзеъҳо таълифи луғати топонимӣ, асарҳои ҷудогонаи ҷуғрофии гуногунмавзӯъ нақшу саҳми бузурге гузоштаанд" [7, с.8].

Воқеан, агар дуруст мулоҳиза ронем, ҳеҷ асаре нест, ки дар он номҳои ҷуғрофӣ, яъне топонимҳо (лексикаи марбути номҳои ҷуғрофӣ) қайд нагардида бошанд. Аттор дар сарсухани «Мантиқ-ут-тайр» ба тариқи умум, аз ҷумла дар оғоз аз офариниш ва ҳастии олам, дину мазҳаб ва пайғамбарон сухан ронда, дар байти зерин номи пайғамбар Айюб ва ситамкашиҳои ӯро ёдовар мешавад ва дар мисраи дуюми он номи шаҳрҳои қадимаи **Эронзамин**-**Гургон** ва **Кирмон** зикр шудааст:

Боз Айюби ситамкашро нигар,
Монда дар **Гургону Кирмон** пеши дар [14, с.26].

Гургон ё дар арабӣ **Ҷурҷон** бино ба маълумоти сарчашмаҳо, шаҳр ва вилояти таърихии Эрон буда, дар соҳили дарёи Гургон ва канори ҷанубӣ-шарқии Баҳри Хазар ҷойгир шудааст [16, с.107]. Вожаи **Гургон** дар забони паҳлавӣ ба гунаи Vurkān дучор шуда дар юнонӣ ба шакли Hyrkania ба назар мерасад [3, Ҷ.34. с.89]. Номи ин минтақа аз «гург» буда, мардум онро «гургон» (ҷамъи гург) меноманд [2, с.243]. Пойтахти хонаводаи Хоразмшоҳиён пас аз Кот, аз бузургтарин шаҳрҳои Хоразм. Дар маохизи асримиёнагӣ Гургонҷ ба гунаи «Курконҷ» ва шакли муарраби «Ҷурҷонич» низ дучор меояд [11, Ҷ.6].

Вожаи **Кирмон**-навоҳие, ки самти шарқии он ҳудуди Синд, ҷанубаш дарёи Аъзам, ҷониби ғарбии он ноҳияҳои Порс ва шимолаш биёбони Систон ба шумор мерафт [1, с.231].

Дар байти дигар бошад Аттор номи кӯҳи муқаддаси «Тур»-ро зимни баёни воқеа зикр кардааст, ки Мӯсо пайғамбар (а.с) дар замони худ болои он кӯҳ бо Худованд роз мегуфт. (байни марзи Изроил ва Фаластин):

Ҳамчу Мӯсо дидаӣ оташ зи дур,
Лоҷарам мусичаӣ дар кӯҳӣ **Тур**.
Ҳам зи Фиръавни баҳимӣ дур шав,
Ҳам ба миқот ову мурғи **Тур** шав [14, с.48].

Дар маснавии мазкур Миср ҳам зикр шудааст, ки яке аз қадимтарин давлатҳои олам мебошад. Аслан, Миср давлатест, ки дар Шарқи Наздик, қисми шимолӣ-шарқии минтақаи Африқо ва нимҷазираи Синои Осиёро ишғол кардааст [16, с.422]. Дар байти зерин шоир зимни баёни воқеа дар бораи Юсуф пайғамбар (а. с) ёдовар мешавад, ки дар Миср соҳиби иззату обрӯ ва подшоҳӣ гардида буд ва ҳикоятеро дар бораи муфлисе, ки ба шоҳе ошиқ шуда буд, оғоз мекунад:

Ҳамчу Юсуф бигзар аз зиндону чоҳ,
То шавӣ дар **Мисри** иззат подшоҳ [14, с.50].

Буд андар **Миср** шоҳе номдор,
Муфлисе бар шоҳ ошиқ гашт зор [14, с.117].

Дар миёни давлатҳои қадимтарин дар маснавӣ номи **Чин** (Хитой) ҳам зикр гардидааст ва давлатест, ки дар Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ ҷойгир шудааст [16, с.630]. Худи маънои калимаи **Чин**-«марказ», «кишвари марказӣ» аст. Калимаи «Чин» маъхуз аз калимаи санскрити «Cina» буда, ба забони форсӣ «Чин» тарҷума шудааст ва яқинан аз номи сулолаи Син (221-206 то мелод) бармеояд. «Сине» («Sinae») Чини Ҷанубӣ, ки юнониён ва итолиёиҳо баробар истифода мекарданд. Баъд пешванди «**Cin**»-ро Чин ба таври умум мавриди истеъмол қарор доданд. Юнониёни қадим Чинро «Давлати абрешим» (чиноӣ «**Si**» ва ба англисӣ «**silk**») ном бурданд [17].

Аттор ибтидои кори Симурғро дар байти зерин дар Чин ишора кардааст:

Ибтидои кори Симурғ, ай аҷаб,
Ҷилвагар бигзашт бар **Чин** ними шаб.
Дар миёни **Чин** фитод аз вай паре,
Лоҷарам пуршӯр шуд ҳар кишваре [14, с.54].

Дар байти дигар бошад, шоир аз қадимтарин мамлакати дунё кишвари Ҳинд бо тасвири бадеӣ ёдовар шудааст, ки:

Чун сабо аз зулфи ӯ мушкил шудӣ,
Рум аз ӯ озарми **Ҳинду Чин** шудӣ [14, с.79].

Дар байти зерин **Рум** номи қадими империяи Рим ва шакли кӯтоҳшудаи арабӣ аст, ки Аттор ба қалам додааст. Дар мисраи савум зери мафҳуми *Бар дари Ҳақ* Аттор ишора ба **Макка** кардааст аст, ки:

Ҷумла сӯйи **Рум** рафтанд аз **Араб**,
Муътакиф гаштанд пинҳон рӯзу шаб,
Бар дари Ҳақ ҳар якеро сад ҳазор,
Гаҳ шафоъат, гоҳ зорӣ буд кор [14, с.93].

Дар мавриди дигар Аттор бо зикри номи **Рум** чунин ишора мекунад:

Мешуданд аз Каъба то Аксойи **Рум**,
Тавф мекарданд сар то пойи **Рум** [14, с.79].

Шаҳри қадимаи **Бағдод** ҳам дар маснавӣ зикр шудааст, ки ҳанӯз дар соли 762 аз нав бунёд гардида, ба маркази сиёсӣ ва фарҳангии ислом табдил меёбад ва дар инкишофи фарҳанги Араб нақши муҳимме бозидааст, пойтахти давлати имрӯзаи Ироқ, ки Аттор онро дар чанд ҳикояи маснавии рамзии хеш зикр мекунад, аз ҷумла дар абёти зер [16, с.8].

Бағдод шаҳри таърихӣ, маркази сиёсӣ, динӣ ва фарҳангии ҷаҳони ислом, пойтахти хилофати Аббосиён, ки Сомониён низ ба ном маншури аморати худро аз он мегирифтанд; пойтахти шоҳаншоҳии Ироқ аз соли 1921 ва аз 14.07.1958 то имрӯз пойтахти Ҷумҳурии Ироқ [1, с.51].

Вожаи **Бағдод** калимаи мураккаб буда, аслан вожаи забони форсии бостон аст, ки муҳаққиқ Д. Саймиддинов ин вожаро чунин шарҳ додааст: «Вожаи Бағдод чуноне зикр шуд аз ду ҷузъ шакл гирифтааст, ҷузъи якум вожаи **бағ** буда, дар форсии бостон ӣaqa – «Худо», ав. Ӣaqa//ӣaγa «бахш, бахт, бахти нек», ҳ.б. ӣhaqa «бахшандаи бахти нек»; дар таркиби номҳои форсии бостон: Ӣaqāӣiqna- Ӣaqaӣuŝa- Ӣaqāyadi-: (суғ. Ӣaγa); ф.м. ӣaq/ ӣaγ 1. «Худо»; 2. –ŝahryār, Xvadāy; дар ҳолатҳо; ӣaqa/ Nom, муфради мардона, ӣaqāha Nom. Ҷамъ. Ӣaqānām Gen. Ҷамъ. Ӣaqaiӣiŝ Inst. Ҷамъ [9, с.166].

Вожаи дуюми Бағдод-«Дод» [Data] мебошад, ки ин ҷузъ низ мансуби калимаи форсии бостон аст. Дар матнҳои хатти мехӣ ба сурати зайл истифода шудаашт: dāta

«қонун», ав. Dāta-. ф.м. dāt/dād—ф.н. dā «офаридан; додан», ав. dā-dāta Nom. ҷамъи миёна, яъне «қавонин».

Муҳаққиқи дигари топонимшинос вожаи Бағдодро чунин шарҳ додааст: «дар маҷмӯъ вожа ё топоними «**Бағдод**» маънои «бахшандаи адлу дод, Худои бахшандаи бахти нек, Худованди адлу дод, ҷойгоҳи Худои бахшандаи бахт ва адлу дод»-ро дорад. Маънидоди мардумии ин вожа, ки садсолаҳо боз аз даҳон ба даҳон ва аз авроқе ба авроқе омадааст «боғи дод, боғ, чаманистони адлу дод», «фаришта ё муаккали адлу дод» (шарҳи пурфайз ва ҷойгоҳи адлу дод) аст. Калимаи «Бағдод» (дар асл Йаqā+dāta) шакли талаффузи арабии он аст. Дар забони арабӣ, ки ҳарфи «г» (гоф) вуҷуд надорад Йаqādāta// Йаqdāta-ро «бағдод» навишта ва талаффуз мекардагӣ шуданд [13, с.25].

Сӯфие мерафт дар **Бағдод** зуд,
Дар миёни роҳ овозе шунуд [14, с.112].

Ҷузъи аввали ин вожа дар суғдӣ ба гунаи baqa ба кор рафта, маъно «Худо» ва «ҷонишини меҳр»-ро доштааст ва дар ҳиндӣ ба сурати **Bhaqa** истифода мешавад [4, с.291].

Гум шуд аз **Бағдод** Шиблӣ чанд гоҳ,
Кас ба сӯйи ӯ куҷо мебурд роҳ [14, с.116].

Дар мисраи аввал Аттор номи орифи шаҳир ва шарикдарсу ҳаммаслаки Мансури Ҳаллоҷ номи Шайх Абӯбакри Шиблии Истаравшаниро дар радифи номи Бағдод зикр мекунад, ки пешвойи орифони Бағдод буд, пири маънавии Аттор аст.

Ё ин ки дар байти зер номи Басраро ишора мекунад:

Рафт шайхи **Басра** пеши Робиа,
Гуфт: - Ай дар ишқ соҳибвоқеа,
Нуктае, к-аз ҳеч кас нашнидаӣ,
Бар касе не хондаву не дидаӣ [14, с.127].

Азбаски аз замонҳои қадим ба Мовароуннаҳр қабилаҳои туркнажод аз паси дарёи Сир, дақиқтар аз Олтою Сибири Шарқӣ ва Чин (гаҳвораи тамаддунҳои туркнажодон) меомаданд, мардуми бумии Мовароуннаҳр, яъне гузаштагони тоҷикон он сарзаминҳои дар паси дарёи Сир воқеъбударо «Туркистон» меномиданд. Мувофиқи маълумоти «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ Ибн-ул-Асир дар тавсифи ҳодисаҳои соли 536//1141 – 42 мавзеи **Туркистонро** чунин шарҳ додааст: «Туркистон иборат аст аз Кошғар, Балосоғун, Хутан, Тироз ва заминҳои ҳамсояи онҳо то ба сарҳадоти Мовароуннаҳр». Туркистон инчунин номи шаҳрест, ки дар миёнаҳои ҳавзаи дарёи Сир дар асрҳои XII-XIV Яса ном дошт ва сӯфию орифи номӣ Аҳмади Ясавӣ аз он ҷост. Ясаро ба шарафи Аҳмади Ясавӣ, ки туркҳоро ба ислом даъват мекард, «Ҳазрати Туркистон» «Туркистонбобой» ва баъд «Туркистон» меномидагӣ шуданд [7]. Аз рӯйи маълумоти дигар «мафҳуми Туркистон истилоҳи муайяну муқаррар набуд ва дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ноҳияҳои Осиёи Миёна, Қазоқистон ва баъзе маҳалҳоро ҳамин тавр ном мебурданд. Дар ибтидои пайдоиши истилоҳи Туркистон фақат ҳамон маҳалҳоро Туркистон меномиданд, ки дар он ҷойҳо асосан қабилаҳои туркзабон умр ба сар мебурданд. Бо мурури замон мафҳуми Туркистон дигар шудан гирифт [7]. Аттор дар байти зерин пири Туркистон гуфта, сӯфию орифи номӣ шайх Аҳмади Ясавиро дар назар дорад:

Дод аз худи пири **Туркистон** хабар,
Гуфт: - Ман ду чиз дорам дӯсттар 14, с.155].

Вожаи «Туркистон» бори нахуст дар номаи дар соли 639 ба забони суғдӣ таълифгардида дучор меояд. Дар номаи мазкур, ки аз бисту панҷ сатр иборат аст, роҷеъ ба ғуломӣ фурӯхтани духтарони самарқандӣ сухан меравад [10, с.129].

Дар маснавӣ дар қисмати «Ҳикояти дидани девона ғуломони амирро дар Хуросон» Аттор Хуросонро зимни баёни воқеа ҳамчун як давлат ишора мекунад:

Дар **Хуросон** буд давлат бар мазид,
З-он ки пайдо шуд Хуросонро амид
Сад ғуломаш буд турки моҳрӯй,
Сарвқомат, симсоъид, мушкмӯй [14, с.168].

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо Хуросон вилояти таърихиест, ки қисме дар Туркманистон ва дар қисмати Эрони Шарқӣ ҷойгир мебошад. Номи «Хуросон» аз замони Сосониҳо маълум аст. Маънои луғавии он «тулӯи офтоб», «шарқ» мебошад.

Ғазнӣ шаҳрест дар Афғонистон, дар самти ҷанубӣ-ғарбӣ, ки дар сари роҳи Қандаҳор ҷойгир шудааст. Дар шарқии он, яъне дар фосилаи 145 км-ии ҷанубӣ-ғарби Кобул мавқеият дорад. Ғазнин дар маъхазҳои чуғрофиву таърихӣ ба гунаҳои «Ғазақ» [12, с.189]. “Ғазна”, «Ғазнӣ», «Ғазнав», «Ганҷа», «Ҷазна» низ зикр шудааст [3, Ҷ.34]. Асли вожаи Ғазнин калимаи суғдии **gaznak** маънои «ганҷ, хазина» будааст. Ғазнинро чуғрофинигорони асрҳои миёна мисли муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» боз бо номҳои «Зобулистон» ва «Кобулистон» ном кардааст [1, с.153]. Дар маснавӣ «Ҳикояти шикастани

Султон Маҳмуд лашкари Ҳиндувонро» шаҳри Ғазнӣ ном бурда шудааст, ки ба яке аз лашкаркашиҳои Султон Маҳмуд ба сарзамини Ҳиндустон ишора шудааст:

Гуфт: - Чун Маҳмуд- шоҳи хусравон,
Рафт аз **Ғазнӣ** ба ҳарби ҳиндувон,
Ҳиндувонро лашкари анбуҳ дид,
Дил аз он анбуҳ пурандуҳ дид.
Назр кард он рӯз шоҳи додгар,
Гуфт: - Агар ёбам бар ин лашкар зафар,
Ҳар ғанимат, к-афкандам ин ҷойгоҳ,
Ҷумларо бидҳам ба дарвешон роҳ [14, с.191].

Дар мисоли дигар ёде аз Аҷам ва Араб меравад, ки дар маснавӣ ҳикояте оварда шудааст, дар бораи марди арабе ва ба Аҷам афтодани ӯ:

Дар **Аҷам** афтод марде аз **Араб**,
Монд аз расми **Аҷам** андар аҷаб [14, с.208].

Ҳамин тариқ, вожаҳои ифодакунандаи лексикаи ҷуғрофӣ дар асар зиёд буда, аз рӯйи имкон ва ҳаҷми муайяни мавзӯъ теъдоде чанд дар ин мақола шарҳу тавзеҳ дода шуданд ва «Мантиқ-ут-тайр» асарест, ки таҳқиқу баррасии калимаҳои ифодагари мавзеъҳои ҷуғрофии он имкон медиҳад барои муайянсозии мақоми вожасозии ҷуғрофии даврааи муайяни забони тоҷикӣ мусоидат менамояд.

Дар таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ дар асари мазкур маълум гардид, ки ин асар натанҳо асари ирфонӣ мебошад, балки асарест, ки ифодагари ғановати таркиби луғавию калимасозӣ ва истилоҳсозии забони тоҷикӣ буда, барои ташаккули номвожаҳои ҷуғрофӣ ва корбурди онҳо дар забони муосири тоҷикӣ маводи фаровон медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуҷамол Ҳасанзода. Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён (маҷмӯи мақолаҳо) / Ҳасанзода Абдуҷамол. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 560 с.
2. Абдуллоев. С. Фарҳанги Сомониён / С. Абдуллоев. - М.: Шуъбаи чаҳоруми нашриёти ҳарбӣ, 2001. - С.243.
3. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо. / Алиакбари Деҳхудо. – Теҳрон, 2170ҳ. - Ҷ.34. - 4889 с.
4. Доирату-л-маориф. - Ҷ.12. - С.291.
5. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ / З. Мухторов. – Душанбе, 2003. - 152 с.
6. Никонов В.А. Введение в топонимику / В.А. Никонов. – Москва, 1965. – 179 с.
7. Ҳомидов Дилмурод. Таҳқиқи забоншиносии гидронимҳои мавзеъҳои таърихии тоҷикнишин: Рисолаи докторӣ / Дилмурод Ҳомидов. – Душанбе, 2018. - 470 с.
8. Ҳомидов Д. Сарнавишти вожаҳо / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2008. – 144 с.
9. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2007. - 190 с.
10. Султанов Т.И. Чингизхан и чингизиды. Судьба и власт / Т.И. Султанов. - М.: АСТ, 2006. - С.129.
11. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ / Муҳаммад Муин. - Теҳрон: Амири Кабир, 1375ҳ. - Ҷ.6.
12. Минорский дар «Ҳудуд-ул-олам». - Кобул, 1342ҳ.
13. Тураев Б.Б. Тавзеҳи чанд топоними “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ / Б.Б. Тураев // Суханшиносӣ – 2016. - № 4. - С.160.
14. Фаридуддини Аттор. Мантиқ-ут-тайр. Асрорнома (Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ) / Аттор Фаридуддин. – Душанбе: Нашриёти «Адиб», 2014. – 480 с.
15. М.Ҳазратқулов. Тасаввуф / Ҳазратқулов М. - Душанбе: Нашриёти «Маориф», 1988. - 125 с.
16. Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1980. - Ҷ.2. - С.107.
17. http://kitayskiy-akcent.ru/kitaj/kultura.

ЛЕКСИКАИ ҶУҒРОФӢ ДАР “МАНТИҚ-УТ-ТАЙР”-И АТТОР

Дар мақола лексикаи ҷуғрофӣ, ки риштаи махсуси илм маҳсуб меёбад, дар заминаи маснавии “Мантиқ-ут-тайр”-и Аттор баррасӣ шудааст. Аз рӯйи маълумоти муаллифи мақола вожаҳои ифодакунандаи лексикаи ҷуғрофӣ дар асар зиёд буда, чанде аз онҳо танҳо дар хаҷми як мақола оварда шудаанд. Номҳои ҷуғрофӣ дар илми забоншиносӣ бо истилоҳи илмии аврупоӣ ономастика ном бурда шуда, он дар навбати худ як бахши қисмҳои махсуси омӯзандаи номҳои ҷуғрофӣ –топонимикаро ташкил медиҳад. Муаллифи мақола, аз ин лиҳоз, вожаҳои ифодакунандаи лексикаи ҷуғрофиро дар омӯзиши маснавии Аттор, ки чаҳор марҳалаи ҳафт водӣ фаро гирифтааст ва асоси онро марҳилаҳои муайяни гузариш аз аҳкоми шариат ва расидан ба ҳақиқатро ташкил додаанд, дида баромадааст. Дар мақола ҳамчунин мафҳуми лексикаи ҷуғрофӣ, ки дар маснавӣ бо номҳои ҷуғрофии мавзеъу маҳалҳо, шаҳру ноҳияҳо, вилояту минтақаҳо, кишварҳо, дашту биёбонҳо, кӯҳу доманҳо, рӯду баҳр, уқёнусҳо ва ғайра ифода шудаанд, ки зимни баёни воқеаҳо вобаста ба хатти амалиёт ва ҳодисаву воҷеаҳо ҷо-ҷо аз номҳои ҷуғрофии мавзеъу маҳалҳо ва вилоёту кишварҳо ёд шудааст.

Калидвожаҳо: лексика, онамастика, мафҳум, томонимика, маснавӣ, ном, вожа.

ГЕОГРАФИЧЕСКАЯ ЛЕКСИКА В “МАНТИК-УТ-ТАЙР” (“ЯЗЫКЕ ПТИЦ”) АТТАРА

В статье рассматривается географическая лексика, являющаяся особенной сферой науки, на основе “Мантик-ут-тайр” (“Языке птиц”) Аттара. По сведениям автора статьи, количество слов, выражающих географическую лексику в маснави очень большое, в статье приведены только в рамках данного исследования. В языкознании географические имена в соответствии с европейской научной терминологией называются ономастикой, и в свою очередь, составляют одну из особенных частей изучаемых географических названий –

топонимику. С данной точки зрения автор статьи слова, выражающие географическую лексику, рассматривает при изучении маснави Атарра - четыре этапа семи долин, основу которых составляют определенные этапы перехода шариатского предписания до достижения истины. Также в статье говорится о понятии географической лексики, которая в маснави выражена с географическими названиями местностей, городов, районов, областей и регионов, стран, долин и пустынь, гор и краев, рек и океанов и д.т. в ходе изложения событий, независимо от линии действия, события и трагедии местами упоминаются географические названия местностей, областей и государств.
Ключевые слова: лексика, ономастика, понятие, топонимика, маснави, названия, слово.

GEOGRAPHICAL VOCABULARY IN "MANTIK-UT-TAYR" ("LANGUAGE OF BIRDS") ATTAR

The article considers geographical vocabulary, which is a special field of science, based on Attara's “Mantik-ut-tyr” (“Bird Language”). According to the author of the article, the number of words expressing geographical vocabulary in masnaviochen a lot, the article is given only in the frame of the article. In linguistics, geographical names in accordance with European scientific terminology called onomastics, in turn, constitute one of the special parts of the studied geographical names - toponymy. From this point of view, the author of the article considers the words expressing geographical vocabulary when studying MasnaviAtarr four stages of the seven valleys, the basis of which is certain stages of the transition of the Shariah prescription to the truth. The article also speaks of the concept of geographical vocabulary which is expressed in masnavi with the geographical names of places, cities, regions, regions and regions, countries, valleys and deserts, mountains and territories, river and ocean, etc. in the course of the presentation of events, depending on the line of action, event and tragedy, the geographical names of places, regions and states are mentioned in places.
Key words: vocabulary, onomastics, concept, toponymy, masnavi, names, word.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мухаммедхоҷаева Рахшанда Аҳмадҷоновна*** – Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ, ходими илмӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. Тел.: **(+992) 985-21-00-06**

Сведения об авторе: ***Мухаммедходжаева Рахшанда Ахмадджоновна*** –Институт языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ, научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. Тел.: **(+992) 985-21-00-06**

Information about the author: ***Mukhammedkhodzhaeva Rakhshanda Akhmaddzhonovna*** **-** Institute of Language and Literature named after A. Rudaki NANT, researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 21. Tel .: **(+992) 985-21-00-06**

УДК: 07:492.7.09-3

ХУСУСИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ГРАММАТИКИИ ИСМҲОИ ФОЪИЛИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР АСАРҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

Мухтори Меҳроҷ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иқтибосшавии калимаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ ҷанбаи таърихӣ дошта, аз даврaҳои пеш аз ислом сарчашма мегирад. Пас аз зуҳури ислом ва истилои арабҳо раванди иқтибосшавӣ шакли дигар гирифт. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои граматикии калимаҳои арабӣ аҳаммияти беандоза доранд, зеро онҳо аз ҷиҳати сермаъноӣ нисбат ба вожаҳои тоҷикӣ фарқ мекунанд. Бояд зикр намуд, ки хусусияти грамматикии исмҳои иқтибосии арабӣ дар асарҳои устод С. Айнӣ, бахусус дар асари публитсистии «Акнун навбати қалам аст» хеле гуногун аст. Бештари калимаҳои арабие, ки дар асар истифода шудаанд, ба тобишҳои маъноӣ рӯ ба рӯ гардидаанд. Бинобар ин, омӯзиши хусусиятҳои луғавӣ ва маънои онҳо муҳим аст.

Исмҳои фоили забони арабӣ яке аз серистеъмолтарин воҳидҳои таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд. Исмҳои фоил дорои хусусияти феълӣ ва сифатӣ мебошанд. Онҳо дар забони арабӣ иҷрокунандаи амали феълро мефаҳмонанд ва дар забони тоҷикӣ бошад, сифати феълиро ифода мекунанд. Шакли феълие, ки ҳам хусусияти феълӣ ва ҳам хусусияти сифатӣ дошта, амал ё ҳолати ашёро ҳамчун аломат мефаҳмонад, сифати феълӣ ном дорад: рӯзҳои ***гузашта***, меҳмонони ***омада***, дарҳои ***кушода***, либоси ***дарида***. Сифати феълии забони тоҷикӣ дорои замони ҳозира ва замони гузашта мебошад. Шакли сифати феълии замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феълҳои гузаранда ва феълҳои монда бо ҳамроҳ кардани пасванди **-анда** сохта мешавад: а) аз феълҳои сода ва сохта: раванда, шунаванда, хонанда, бароянда ва монанди инҳо. б) аз феълҳои таркибӣ: нутққунанда, зинатдиҳанда, ҳалкунанда ва монанди инҳо.

Сифати феълии замони гузашта аз асоси замони гузаштаи феълҳо сохта мешавад. Ин сифати феълӣ ду шакл дорад. Шакли якуми сифати феълии замони гузашта бо ҳамроҳ кардани пасванди **-а** сохта мешавад: ***омада, навишта, баромада, тобеъ шуда, хонда баромада*** ва монанди инҳо. Шакли дуюми сифати феълии замони гузашта бошад, аз шакли якуми он бо ҳамроҳ кардани пасванди –**гӣ** сохта мешавад: **омадагӣ, навиштагӣ, тобеъ шудагӣ, хонда баромадагӣ** ва монанди инҳо [7].

Исмҳои фоили забони арабӣ дар фонди луғавии забони тоҷикӣ мавқеи назаррас доранд. Ин навъи исмҳо дар асари «Акнун навбати қалам аст»-и С. Айнӣ хеле зиёд ба чашм мерасанд. Дар асар ҳама навъи исмҳои фоил (ба истиснои навъи IX, ки дар забони арабӣ камистеъмол аст) истифода гардидаанд. Як қисми ин калимаҳо маънои асосии худро нигоҳ дошта, қисми дигарашон то як андоза ба маъноҳои гуногун истифода гардидаанд.

Дар забони арабӣ исмҳои фоил аз ҳама навъи феълҳо сохта мешавад [2, с.13]. Ин қабил калимаҳо дар забони тоҷикӣ хеле серистеъмол гардида, як қисмати онҳо дар услуби гуфтугӯӣ ба кор бурда мешаванд, ки касе ҳам калимаҳои иқтибосшудаи арабӣ будани онҳоро пай намебарад.

Исмҳои фоили феълҳои муҷарради сеҳарфа яке аз серистеъмолтарин ва оммафаҳмтарин иқтибосҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд. Бояд зикр намуд, ки исмҳои фоили навъи якуми феълҳои забони арабӣ аз дигар навъи исмҳо дида, серистеъмолтар гардидаанд. Ин навъи исмҳоро аз дигар исмҳои фоили феълҳои забони арабӣ бо чунин роҳҳо фарқ кардан мумкин аст:

1. Ҳарфи дуюми исмҳои фоили навъи якуми феълҳои солим ҳамеша ҳарфи «о» мебошад. Мисол: ҳоким خَادم -ҳукумрон, котиб كَاتب-нависанда, золим ظَالم -зулмкунанда, ситамгар, козиб كَاذب -дуруғгӯ, ходим خَادم-хизматгор ва монанди инҳо.

2. Исмҳои фоиле, ки дар забони арабӣ бо ҳарфи ع «ъайн» оғоз мешаванд, дар забони тоҷикӣ ҳарфи «ع-ъайн»-и онҳо ба ҳарфи «о» табдил меёбад. Мисол: عابد (ъобид) *обид* - ибодаткунанда,عادل **(**ъодил) одил - *боадл, боинсоф,* عارف (ъориф) ориф - донанда, عالم (ъолим) олим - бохабар, доно.

3. Агар исмҳои фоиле, ки дар забони арабӣ бо ҳарфи ع «ъайн» ё ҳарфи ح «ҳе-и ҳуттӣ» ба анҷом расида бошанд, ҳиҷои дуюми исми фоили он дар забони тоҷикӣ ба садоноки «е» табдил меёбад. Мисол: سامع (сомиъ) – *сомеъ*, صالح(солиҳ) – *солеҳ* ва ғайра.

Дар забони «Акнун навбати қалам аст» се гурӯҳи исмҳои фоили навъи якум ба назар мерасад, ки аз рӯйи доираи истеъмол аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ба гурӯҳи якум он исмҳои фоили арабие дохил мешаванд, ки хеле барвақт ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил гардида, дар забони зинда ва китобӣ фаровон истифода мешаванд. Метавон гуфт, ки ин калимаҳо то ҳадде дар байни мардум серистеъмол гардидаанд, ки касе баромади арабӣ будани онҳоро пай намебарад. Ба ин гурӯҳ калимаҳои зерин дохил мешаванд: *комил*–كامل [3, с.26] шахси баркамол, соҳибҳунар, пурра; *кофир* 1– كافر [3, с.14] носипос, мункири неъмат, 2. шахси бедин, беимон, худоношинос; **сокин** 1- ساكن [3, с.39] беҳаракат, наҷунбанда, ором, сокит. 2. бошанда, иқоматкунанда дар ҷое; сокини Бухоро; сокини хонақоҳ; сокин шудан (дар ҷое) ҷой гирифтан, муқимӣ шудан. 3. кит. аломати сокин (ْ_), ки болои ҳарфҳои ҳамсадои арабӣ гузошта шуда, ҳиҷоро мебандад [6, с.258]; **толиб** – [3, с.49] طالب талабкунанда, ҷӯянда, донишҷӯ; **хотир** 1– [3, с.140] خاطر ёд, ҳуш, андеша, ҳофиза. 2. он чи дар дил гузарад; **лоиқ** – [3,с.76] لائق муносиб, сазовор, шоиста.

Чун дар ҷанги охирии панҷсола аз ҳама зиёдтар хуни ранҷбарони Русия рехт, аз ҳама зиёдтар қути лоямути деҳқонони Русия аз даст рафт, умуми ранҷанбар ва деҳқон ва аскари Русия, аламӣ бардоштанд,…шӯрои аскару деҳқон ва ранҷбарро ба ихтиёри ***комил****а ба сари кор оварданд [3, с.26]. Табибони худро: «ин* ***кофир****, ин ҷадид, ин даҳрӣ, ин зиндӣ…» гуфтем [3, с.14]. Оё мо соҳиб шудан ба ҳуқуқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро* ***толиб*** *ҳастем ё нестем [3, с.49]? Дар ин ҳафта ҳар кас ба тиби* ***хотир*** *ба ихтиёри худ барои атроф нон ва ҳадя медиҳад.*

Бояд ёдовар шуд, ки дар асар баъзе исмҳои фоилро мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба чанд маъно омадаанд. Ин гуна калимаҳо бештари вақт аз маънои умумиистеъмоли худ дур шуда, бо яке аз маъноҳои камистеъмолашон корбаст гардидаанд. Чунончи, калимаи *сокин* ساكن, ки дар асар ба мушоҳида расид, дар луғат ба маъноҳои зерин шарҳ ёфтааст: *«1. иқоматкунанда, бошанда, 2. беҳаракат, ором»* [4, с.558]. Аммо дар асар ба маънои *ором* омадааст:

Шумо гумон накунед, ки инқилоб оҳиста-оҳиста ***сокин*** *шуда дунё ором мешавад [3, с.39].*

Имрӯз ин калима дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм, ки мафҳуми шахсро мефаҳмонад, истифода мешавад.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки дар баробари исмҳои фоиле, ки дар боло зикр шуданд, боз исмҳои фоили дигар дар асар ба назар расиданд, ки дар забони ҳозираи тоҷикӣ серистеъмол ҳастанд, вале баъзеяшон аз маънои аслии худ дур рафта ба тобишҳои маънои рӯ ба рӯ шудаанд. Масалан, вожаи **омил**, [4, с.239] عامل, ки маънои *коркунанда, коргар, хизматгор, навкар, ҳоким, сардор* [4, с.842]-ро дорад, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва

матбуоти даврӣ ба маънои *сабаб, боис* ба кор бурда мешавад. Ин калима дар асар ба маънои якумаш истеъмол шудааст:

Аммо ҳамин ки ин фақир ба ***омил****и закоти дигаре вохӯрд, ин омил закотати омили авваларо ба эътибор намегирад «ӯ омили закот боша, ман ҳам омили закот ҳастам. Зуд бош закотатро бидеҳ» [3, с.239].*

Маврид ба зикр аст, ки ин калима низ дар осори гузаштагонамон ба маънои аслии худ истифода гардидааст:

Ниҳад **омил**и сифла бар халқ ранҷ,
Ки «тадбири мулкасту тавфири ганҷ» (Саъдӣ Шерозӣ).

Омили он шаҳр меомад савор,
Ҳамрикоби ӯ ғулому чӯбдор (Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ).

Ҳамчунин, калимаи **косиб** [3, с.67]-كاسب аз он қабил калимаҳое мебошад, ки дар асар ба маънои аслии худ корбаст нашудааст. Имрӯз ин вожа дар забони мо ба маънои: *он ки бо меҳнати* (*ҳунари) ба таври инфиродӣ чизе истеҳсол мекунад, ҳунарманд, пешавар* [5, с. 628] ба кор бурда мешавад. Вале он дар забони арабӣ ба чунин маъноҳо серистеъмол аст: 1) *бадастоваранда, ҳосилкунанда; 2) суд [нафъ)-баранда, бурдкунанда; 3) ҷ.* كَسَبَة*чарчинфурӯш, майдафурӯш (Ироқ) [4, с.1064].*

Ба ҳама фуқарои ***косиб****а ва миллатҳои маҳкума озодӣ доданд, ба мо – туркистониён низ ҷумҳурият ва мухторияти ҷудогона бахшиданд, «сайфу қалам»-ро ҳукми нигини сулаймонро дорад, ба мо пешкаш карданд [3, с.67]…*

Аз ин маълум мешавад, ки вобаста ба талаботи давру замон ва таҳаввулоти маънои калимаҳо, инчунин пайдо гардидани калимаҳои нав дар таркиби луғавии забон, баъзе калимаҳо аз маъноҳои аслии худ дур меафтанд ё аз доираи истеъмол берун мешаванд.

Гурӯҳи дуюми исмҳои фоил он калимаҳое ҳастанд, ки хусусияти адабӣ-китобӣ дошта, дар забони зиндаи гуфтугӯйӣ дараҷаи корбасташон нисбатан кам аст. Мисол: ***фосид*** *[3, с.15] –* فاسد *1) вайрон, ношоям, бекора; 2) пӯсида, тосида; 3) ҳуқ. аз эътибор соқитшуда, беэътибор [4, с.926];* ***нофеъ*** *[3, с.16] –* نافع*фоиданок, манфиатнок, судманд [5, с.940];* ***холиқ*** *[3, с.19] –* خالق*1. халқкунанда, офаринанда, эҷодкунанда. 2. яке аз сифатҳои Худованд, Яздон [фт.з.т, 445];* ***коҳил*** *[3, с.18]-*كاهل*танбал, сусткор [фт.з.т, 630];* ***доҳӣ*** *[3, с.24] –* داهي *1. фавқулода, зирак, доно; донишманд, нобиға, 2. пешво [фт.з.т, 468];* ***сокит*** *[3, с.30] –* ساكت*1) хомӯш, лабфурӯбаста; 2) камгап, забонбурида; 3) ором, қарор [4, с.556];* ***нотиқ*** *[3,с.36] –* ناطق *гӯянда, сухангӯй, гапзанандаи моҳир, нутққунанда, маърӯзагар [5, с.939];* ***ноил*** *[3, с.49] –* نائل *он ки ба муроду мақсади худ расидааст, баҳраманд [5, с.928];* ***ғоиб*** *(3, с.72] –* غائب *1) он чӣ ё он кӣ аз назар пинҳон аст; муқоб.* ***ҳозир****; чизе ё одаме, ки дар куҷо буданаш маълум нест [5, с.383];* ***қосид*** *[3, с.83] –* قاصد *1. кит. қасдкунанда; он ки қасди ҷони касе кунад. 2. касе, ки мактуб ё хабареро аз касе ба ҷое мебарад, номабар, номарасон; пайғомбар, пайк, чопар, муждарасон [5, с.691);* ***молик*** *[3, с.94] –* مالك*1) доро, хованд, соҳиб; 2) фармонраво, ҳукмрон, подшоҳ, ҳоким [5, с.811];* ***соқит*** *[3, с.137] –* ساقط*1. афтода, 2. бекоршуда, ба ҳисоб гирифтанашаванда [6, с.256];* ***холис*** *[3, с.146] –* خالص *1. соф, сара, пок, бегаш; 2. бегараз, самимона. 3. танҳо, фақат [6, с.488];* ***ҳомӣ*** *[3, с.184] –* حامي*ҳимоятгар, пуштибон, тарафгир, мададгор [5, с.511];* ***фориғ*** *[3, с.236] –* فارغ *1. халосшуда, наҷотёфта, озод, осуда, ором; 2. бепарво, бехабар. 3. осуда, хуш, осудахотир, хотирҷамъ [6, с.421].*

Як қисмати исмҳои фоили дар боло зикршуда, ки имрӯз ҳамчун исм дар забони тоҷикӣ корбаст мешаванд, ба маънои асосии худ дар асар ба кор бурда шудаанд. Қисмати дигари онҳо ба он маъноҳое истеъмол шудаанд, ки он қадар дар забони тоҷикӣ истифода бурда намешаванд. Масалан, имрӯз дар забони тоҷикӣ аз калимаи ***қосид*** ибораи маъмули *қосиди сулҳ (сулҳхоҳ)* сохта шудааст ва он дар забони матбуоти даврӣ ва телевизион хеле зиёд истеъмол мешавад. Дар асар бошад, он ба маънои *касе, ки мактуб ё хабареро аз касе ба ҷое мебарад, номабар, номарасон [5, с. 691]* ба кор бурда шудааст.

Дар охир кушта шудани ***қосид****и сиёсӣ, ки аз сӯйи сафорати фавқулъоддаи ҷумҳурияти Хоразм ба Маскав нома мебурда ва ҳамчунин куштори ҷонхароши тайёрачии рус, ки асбоби сӯхташ тамом шуда ба хоки Бухоро поин шуда ва аз барои харидани хӯрок ба деҳоти Бухоро рафта будааст [3, с.83]…*

Маврид ба зикр аст, ки ин вожаро низ адиби шинохтаи асрҳои миёна Абдурраҳмони Ҷомӣ ба маънои *номабар, номарасон* дар осори адабии худ истифода кардааст.

Гуфт: - Валлоҳ, ки дар изҳори фақру фоқа, ки дӣ кардам, дурӯғ нагуфтам. Валекин нахостам, ки ***қосид****и вайро боз гардонам, магар чунон ки амиралмуъминин маро боз гардонида [1, с.53].*

Исми фоили дигари ин гурӯҳ, ки дар асар ба тобишҳои маъноӣ дучор шудааст, калимаи ***холис*** мебошад. Имрӯз он ба маъноҳои *соф, пок* дар услуби адабӣ-китобӣ ба кор

бурда мешавад ва метавон гуфт, ки то як андоза камистеъмол гардидааст. Дар забони тоҷикӣ он танҳо дар ибораи *тиллои холис* ба чашм мерасад. Ин вожаро устод С. Айнӣ ба маънои *танҳо, фақат* истифода намудааст.

Ҳангоме ки ҷаҳонгирони дунё на танҳо Фарокия ва Истанбулро, балки тамоми Онатӯлиро, ки дар он ҷо ***холис*** *қавми турк бошандааст, низ дар зери асорати худ гирифтанӣ шуданд,… [3, с.146]…*

Боқимонда исмҳои фоили ин гурӯҳ ба маъноҳои асосии худ дар асар мавриди корбаст қарор гирифтаанд.

Бояд ёдовар шавем, ки маънои калимаи ***сокит*** *[3, с.30]-ро* на дар Фарҳанги забони тоҷикӣ (соли нашраш 1969) ва на дар Фарҳанги тафсилии забони тоҷикӣ (соли нашраш 2008) пайдо карда натавонистем. Барои дарёфти маънои он мо ба Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ (соли нашраш 2010) мурочиат намудем.

Ба гурӯҳи сеюми исмҳои фоил он калимаҳои арабие дохил мешаванд, ки дар осори назму насрии ниёгонамон фаровон истифода шудаанд, аммо дар забони гуфтугӯйӣ ва китобии имрӯза мушоҳида намешаванд. Ин гурӯҳи калимаҳо имрӯз дар забони тоҷикӣ мушоҳида намешаванд ва барои аксари аҳли ҷомеа ҳам нофаҳмо мебошанд. Шояд онҳо аз лиҳози таркиби овоз ва талаффуз ба забони мо мувофиқ наомада, аз истеъмол баромадаанд. Дар асари устод С. Айнӣ ин гурӯҳи исмҳои фоил хеле кам ба назар мерасанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / Ҷомӣ, Абдурраҳмон; таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 139 с.
2. Қаландаров С.Д. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш / С.Д. Қаландаров. - Душанбе: Олами китоб, 2010. – 168 с.
3. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 9 / Айнӣ, С. - Душанбе: Ирфон, 1969. – 416 с.
4. Сулаймонӣ, С. Фарҳанги арабӣ - тоҷикӣ / С.Сулаймонӣ. - Душанбе: Эр - граф, 2010. – 1564 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (ҷилди 1). - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (ҷилди 2). - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.
7. [Захираиэлектронӣ].https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A1%D0%B8%D1%84%D0%B0%D1%82%D0%B8_%D1%84%D0%B5%D1%8A%D0%BB%D3%A3 [санаи истифода 25.06.2019].

ХУСУСИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ГРАММАТИКИИ ИСМҲОИ ФОЪИЛИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР АСАРҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

Дар ин мақола доир ба мавқеи исмҳои фоили забони арабӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ сухан меравад. Муҳаққиқ дар заминаи маводҳои дар дастдошта мавқеи исмҳои фоили забони арабиро таҳлил намуда, нақш ва мавқеи онҳоро дар осори публитсистии устод С. Айнӣ нишон додааст. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки мавқеи исмҳои фоили забони арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ, бахусус дар калимасозӣ хеле муҳим мебошад. Дар мақола таваҷҷуҳи махсус ба мавқеи исмҳои фоили феълҳои муҷарради сеҳарфаи забони арабӣ дар осори публитсистии устод С. Айнӣ ва тобишҳои маъноии онҳо дода шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки исмҳои фоил дар осори устод С. Айнӣ мавқеи назаррас доранд. Як қисми ин қабил исмҳо аз ибтидои ворид гардиданашон ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ то ба имрӯз бе тағйироти фонетикӣ омада расидаанд. Қисми дигар бошад, бо тағйир ёфтани як ё ду ҳарфи калима ба ҳарфҳои дигар боқӣ мондаанд. Муҳаққиқ ёдовар мешавад, ки устод С. Айнӣ дар ибтидои фаъолияти эҷодии худ аз исмҳои фоили забони арабӣ фаровон истифода намудааст ва бо гузашти айём ба ҷойи ин калимаҳо муодили тоҷикии онҳоро корбаст намудааст. Аз маводи мақола маълум мешавад, ки бо гузашти замон ва рушду густариш ёфтани забони тоҷикӣ мавқеи корбасти калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ то як андоза кам гардидааст. Бояд зикр намуд, ки дар таркиби луғавии тамоми забонҳои дунё калимаҳои бегона ба назар мерасанд, ки ин як роҳи бой гардидани таркиби луғавии забонҳо ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ ишора менамояд, ки дар осори публитсистии устод С. Айнӣ исмҳои фоили забони арабӣ хеле зиёд дида мешаванд, ки ин ҳолат дар мақолаҳое, ки устод С. Айнӣ дар солҳои 30-юм ва 40-ум навиштааст, он қадар ба назар намерасад.

Калидвожаҳо: публитсистика, исми фоил, иқтибосоти арабӣ, душворфаҳм, умумиистеъмол, тағйироти фонетикӣ, забони арабӣ, забони тоҷикӣ.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ И ФУНКЦИИ ДЕЙСТВИТЕЛЬНЫХ ПРИЧАСТИЙ АРАБСКОГО ЯЗЫКА В ПУБЛИЦИСТИКЕ С. АЙНИ

В статье рассматривается место действительных причастий арабского языка в публицистике С. Айни. Автор, руководствуясь собранным фактическим материалом, проанализировал вышеуказанную группу слов и продемонстрировал их роль и место в публицистических произведениях писателя. Автор особо подчеркивает позицию действительных причастий в словарном составе таджикского языка и их роль в словообразовании. В статье подвергаются анализу только трехбуквенные абстрактные глаголы и выявляются их смысловые оттенки. Исследование показало, что часть подобных глаголов в начальной стадии своего вхождения в словарный состав таджикского языка не изменились в фонетическом плане, другая – претерпела незначительные изменения. С. Айни в начале своего творчества употребил огромное количество действительных причастий арабского языка, которых в дальнейшем заменил их таджикскими аналогами. По материалам исследования оказалось, что наравне с развитием таджикского языка употребление арабских слов уменьшилось. Автор подчеркивает, что арабская лексика занимала особое место в публицистических произведениях С. Айни, но в его статьях, написанных в 30-40-ых годах, эти арабизмы встречаются редко.

Ключевые слова: публицистика, действительные причастия, арабские заимствования, лексический состав, трудновоспринимаемые слова, общеупотребительная лексика, фонетические изменения.

GRAMMATICAL PROPERTIES AND FUNCTIONS OF ARABIC PARTICIPLE I IN SADRIDDIN AYNI'S COMPOSITIONS

This article discusses the position of Arabic Participle I in Sadriddin Ayni's compositions. The author analyses the condition of Arabic Participle I on the basis of available materials. It is emphasized that Participle I or the Arabic subject plays a key role in lexical system of Tajik language, particularly in word formation. A special attention is paid to the position of Participle I of trilateral Arabic verbs and their meanings in compositions of Sadriddin Ayni. Studies show that Participle I plays a great role in Sadriddin Ayni's compositions. A considerable amount of such nouns remained phonetically unchanged since the beginning of being accepted to lexical system of Tajik language. The other part has changed in one or two letters. The author mentions S.Ayni used to use Participle I very recently at the first years of his career as a writer, but in his late years he tend to use the Tajik analogue of the same words. The article analyzes the decrease in usage of Arabic words and phrases in Tajik language in the period of its development. It should be mentioned that the loanwords are common in lexical system of any language and it's one of the ways to expand lexicon of the language. The author notes that the use of wide range of Participle I come into view in S.Ayni's literary compositions, the consequence that is not seen in lately years of career.

Key words: Publisistics, Participle I, Arabic loanwords, difficult words, commonly used words, phonetic change, Arabic language, Tajik language…

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мухтори Меҳроҷ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **muhtor.91@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-91-50-71**

Сведения об авторе: ***Мухтори Мехродж*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры иностранных языков факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **muhtor.91@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-91-50-71**

Information about the author: ***Mukhtori Mehroj*** - Tajik National University, assistant of foreign languages of faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **muhtor.91@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-91-50-71**

УДК: 811.21/.22-54

МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ТАСНИФОТИ ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЯКТАРКИБА ВА ДУТАРКИБА (дар мисоли насри муосири тоҷик)

Кенҷазода Манучеҳра
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳиди асосӣ ва ташкилкунандаи сухан ҷумла мебошад, ки он фикри томеро дар бораи ҳаёти воқеӣ ифода мекунад, бо ягонагии ботинӣ (мазмунан) ва зоҳириаш (сохт ва вазифа) тарзи баён ва хусусиятҳои гуногуни усули суханронии касро равшан менамояд [8, с. 301].

Ҷумла ҳамчун воҳиди наҳв сатҳи гуногуни ташаккул дорад: сохтори грамматикиро асоси предикативии ҷумла ташкил медиҳад; сохтори семантикиро ҷузъҳое, ки маънои субъект ва предикати онро, амал, ҳолати бесубъектиро ифода мекунанд, мефаҳмонанд; сохтори коммуникативиро – ҷузъҳое, ки тема ва ремаро дар бар мегиранд, ифода мекунанд. Бинобар ин ҷумла дар асоси ба ҳисоб гирифтани аломатҳои гуногун: мазмун, вазифа, сохтор сохта мешавад.

Ба андешаи забоншинос Б. Камолиддинов, дар таснифоти ҷумлаҳои сода чунин аломатҳо бояд ба эътибор гирифта шавад: "Маънои грамматикии ҷумла – муносибати предикативӣ (воқеъшавии амал, ҳолат ва аломати ҷумла ба василаи маъноҳои (категорияҳои) грамматикии модалият, замон, шахс) ва шаклу воситаҳои ифодаи он асоси таснифоти сохтории ҷумлаҳои содаро ташкил медиҳад" [5, с. 12].

Дар таснифоти сохтории ҷумлаҳои сода мубтадо ва хабар, ки ду пояи асосии ҷумлаҳои содаанд, нақши бузург доранд. Аз рӯйи мавҷуд будани ҳар ду сараъзо ё яке аз онҳо ҷумлаҳои содаро ба дутаркиба ва яктаркиба ҷудо мекунанд. Аз ин маълум мегардад, ки дар маркази ҷудо намудани ҷумлаҳо ба яктаркиба ва дутаркиба аломати сохторӣ – семантикӣ меистад, ки мувофиқи он ҷумлаи дутаркиба гуфта ҷумлае фаҳмида мешавад, ки дар асоси муносибати предикативӣ ду сараъзо дорад: мубтадо ва хабар. Масалан, дар ҷумлаи зерин: *Мирзоакрамбой барои ин пешкаш паҷҷ таноб боғи худро фурӯхт* (СУ.В. с.16)

Мубтадо –**Мирзоакрамбой**, хабар-**фурӯхт**. Ё дар ҷумлаи *Қитъаҳои калони замини корам аҳён-аҳён вомехӯранд* (СУ.В. С. 17) Мубтадо бо исм-**қитъаҳо** ифода ёфта, хабар – шакли тасрифии феълӣ **вомехӯранд** сурат гирифтааст. Дар ҷумлаи номии: **Ҳавлӣ ором ва хилват** дар мавқеи ашёи нутқ мубтадои бо исм ифодаёфта **ҳавлӣ** ва хабари бо сифатҳои ифодаёфтаи **ором ва хилват** мебошад. Байни калимашакл бо мафҳуми предмети нутқ-

мубтадо ва предмети нутқ- хабар алоқаи прекативӣ сурат мегирад, ки бе ин алоқа ҷумла вуҷуд дошта наметавонад. Зери мафҳуми ҷумлаҳои яктаркиба ҷумлаҳое фаҳмида мешаванд, ки асоси предикативиашон бо як сараъзо сурат мегирад ва он ё мубтадо ё хабар аст. Масалан, дар ҷумлаи: *Аспамро дар пушти дарвозаат баста* ***даромадам*** хабар бо феъли тасрифии ***даромадам*** ифода ёфта, ба шахси якуми танҳо далолат мекунад. Дар ҷумлаи содаи яктаркибаи зерин хабар бо феъли тасрифии ***андохт*** ифода ёфта, ба шахси сеюми танҳо ишора мекунад: *Чанд пул ҷарима* ***андохт****?*

Бояд гуфт, ки иштироки танҳо як сараъзо дар ҷумлаҳои яктаркиба боиси нопуррагии маълумот намегардад. Ҷумлаҳои яктаркиба чун дигар намудҳои ҷумлаҳои дутаркиба маълумоти пурраро дар бар мегиранд. Дар ҷумла барои ифодаи фикр як сараъзо ҳам кофист. Чунончи: *Афсӯс, ки* ***калони*** *рӯбаҳо* ***шудӣ*** *(СА.Ё. с.16); Ба ман ҳалвои равғанӣ* ***гирифта диҳед****! (СА.Ё. с.30); Ба ҷойи ошпазӣ ҳам* ***ночаандозӣ мекунӣ*** *(СА.Ё. с.32); Қишлоқҳоро* ***ҷазирбод намекунад****?..(СУ. В. С.39); Писарашро ҳам ба ин кор* ***гирифт****. Куртаи дуруштнахи карбосии худро кашида партофта бо тани бараҳна* ***кор мекард*** *(СУ. В. С. 40);*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҷумлаҳои яктаркиба ба эътибори таркиб ва вазифаи грамматикии сараъзоҳояш ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

а) ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бемубтадо;

б) ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бехабар;

Ба гурӯҳи якуми ҷумлаҳои яктаркиба чунин навъи ҷумлаҳо дохил мешаванд:

Муайяншахс: *Ана баъд ба даруни боғатон кӯшку айвонҳо* ***андозед*** *(СУ. В.с.44) ; Ба ҳаққи Ҳудо ва ҳурмати нону намаки дар ҳамин боғ хӯрдагиат, аввал маро* ***бикуш*** *ва баъд дарахтонамро* ***бибур****! (СУ. В.с.46) ; Ба амир* ***арз мекунам****! (СУ. В.с.47) ; Ва гоҳе дар ҷувозхонаи сокиту ороми худ хилват* ***ихтиёр мекард****. Нигоҳубини асп, тараддуди обу ҳезуми хона ҳам ба уҳдаи зану духтараш* ***монда буд****. (СУ. В.с.50) ;*

Номуайяншахс*: Сипас боз барф* ***мекашиданд*** *ва боз* ***шибба мекарданд.*** *Як-ду ҳафта ҳамин тарз* ***кор карданд (СУ. В.с.41) ; Мардакро зада-зада ба дарахт баста монданд(СУ. В.с.45) ;***

Умумишахс: *Оҳанро дар гармиаш* ***мекӯбанд***;

Бешахс: *Ҷувозро гардондан* ***лозим аст****(СУ. В.с.50) ; Пули ҷаримаи сабилмондаро чӣ тавр, аз куҷо* ***бояд пайдо кард****? Бақияи қӯшпулӣ, танобпулӣ, мирона, ноҳақона ва гайраро чӣ гуна* ***бояд адо кард?*** *(СУ. В.с.35) ;*

Ба гурӯҳи дуюми ҷумлаҳои яктаркиба чунин навъи ҷумлаҳо дохил мешаванд:

Унвонӣ: Бухоро. Соли 1917. Аввалҳои зимистон**.** *Дараи Ниҳон****!*** *Дар ин асно кӯҳе ба назараш омад, ки дараи онро "Дараи Ниҳон" мегуфтанд (СА. Д. С. 104)*

Дар асоси ин таснифот аломатҳои сохторӣ, ифодаи сарфии сараъзоҳо, маънои семантикӣ, семантикаи грамматикии ҷумлаҳо, чунин нишондоди мантиқӣ-семантикӣ ба мисли муайянӣ ва номуайянӣ чун категорияҳои тафаккур, ки дар воситаҳои забонӣ ифода меёбанд, ба эътибор гирифта мешавад.

Категорияҳои **муайянӣ** ва **номуайянӣ** дар ҷумлаҳои феълӣ ифода меёбад ва дар дараҷаҳои гуногуни мафҳумияти амал ва соҳиби он, инчунин муқаррароти коммуникативии ҷумла сурат мегирад.

Ҷумлаҳои яктаркиба аз ҷумлаҳои содаи дутаркиба бо чунин хусусиятҳои худ фарқ мекунанд:

1. Бо хусусиятҳои маъноию грамматикӣ;
2. Бо мӯъҷазбаёнии фикр;
3. Таркиби грамматикии худ;

Инчунин хусусияти барҷастаи ҷумлаҳои яктаркиба он аст, ки дар онҳо яке аз сараъзоҳо иштирок мекунад ва ҳоҷат ба зикри сараъзои дуюм нест.

Аломатҳои мафҳумӣ дар асоси таснифоти ҷумла аз рӯйи хусусияти модалияти обективӣ ва таносуби ду ҷузъиёти тафаккур ба ҳисоб гирифта мешавад. Мазмунҳои гуногуни модалияти объективӣ дар ҷумлаҳои ифодакунандаи модалияти воқеӣ ва дар ҷумлаҳои ифодакунандаи ирреалияти модалӣ (модалии ғайривоқеӣ) ифода меёбад. Тобишҳои гуногуни маънои модалияти субъективӣ дар ҷумлаҳое, ки мафҳуми тахмин, шубҳа, боварӣ, имконпазирӣ, имконнопазирӣ ифода мекунанд, зуҳур меёбад.

Аз рӯйи таносуби ҷузъҳои тафаккур (ашёи тафаккур ва аломатҳои он) ҷумлаҳо ба тасдиқӣ (он чи оид ба ашёи тафаккур дар назар аст, тасдиқ меёбад) ва инкорӣ (он чи оид ба ашёи тафаккур дар назар аст, инкор карда мешавад) ҷудо мешаванд.

Аломатҳои функсионалии ҷумла дар мақсаднокии коммуникативӣ

ва оҳанги он зоҳир мегардад.

Аз рӯйи ифодаи мақсад ҷумлаҳо ба ҳикоягӣ (хабарӣ), саволӣ ва амрӣ ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи алоҳида ҷумлаҳое ҳам, ки аз рӯйи ифодаи мақсад орзуву хоҳишро мефаҳмонанд, ҷудо карда мешаванд, ҳарчанд аз рӯйи анъана онҳо ба гурӯҳи ҷумлаҳои амрӣ бояд дохил

шаванд. Ҳангоми ифодаи обуранги ҳиссӣ ҳар як навъи ин ҷумлаҳо метавонанд ҷумлаи хитобӣ шаванд. Хусусияти ҷумла дар асоси ба ҳисоб гирифтани аломатҳои ба сохтори ҷумла вобаста асос меёбад. Чунончи ҷумлаҳо вобаста ба миқдори воҳидҳои предикативӣ (якто ё якчандто) сода ва мураккаб мешаванд.

Мубтадо ва хабар, ки бунёди асосии ҷумлаҳои содаанд, дар таснифоти сохтории ҷумлаи сода ҳам нақши бориз доранд. Аз рӯйи мавҷуд будани ҳар ду сараъзо ва ё яке аз онҳо ҷумлаҳои содаро ба дутаркиба ва яктаркиба ҷудо мекунанд. Бунёди маънои грамматикии ҷумлаи дутаркибаро муносибати воқеияти амалу ҳолат ва аломати хабари ҷумла ва ифодаи муносибатҳои маъноии модалият, замон ва шахс ташкил медиҳад.

Аз рӯйи иштироки аъзоҳои пайрав ҷумлаҳои сода **хуллас** ва **тафсилӣ** мешаванд. Чи дар ҷумлаҳои яктаркиба ва чи дар дутаркиба, агар ҳамаи аъзоҳои лозима барои сохтори мазкур мавҷуд бошанд, ҷумлаҳои пурра ба ҳисоб мераванд: Чунончи: Дар мисоли зерин ҷумлаи- *Аноргул ва Гулъизор тӯшаи роҳ тайёр карданд – кулчаҳои ҷавин бастанд,* талқон кӯфтанд- пурра мебошад. Зеро дар он тамоми аъзоҳо дар мавқеи худ қойгиранд. Чунин ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ серистеъмоланд: *Ман ҳам тешазаниро ба кори падару бобо нигоҳ карда омӯхтам (СА. Ё. С. 78)*

Агар як ё якчанд аъзои ҷумла вуҷуд надошта бошад, нопурраанд. Мазмуни ҷумлаҳои нопурра тавассути лаҳзаи нутқ ё матн муайян карда мешавад:

– Номат чист?
– Аноргул (СУ.В. с.66);
– Аспони киро мепойӣ?
– Аспони худамро не, албатта.
– Аз они хӯҷаинро?
– Наёфтӣ, ошно.
– Чаро? (СУ.В. с.100)

Дар ташаккули ҷумла нақши бориз бар зиммаи оҳанг аст, зеро ҳам вазифаи грамматикӣ ва ҳам услубиро иҷро мекунад. Бо ёрии оҳанг ба итмом расидани ҷумла муайян карда мешавад ва тақсимшавӣ ба пораҳои маънодори наҳвӣ сурат мегирад, обуранги ҳиссии нутқ, майлу хоҳиши иродавӣ, инчунин тобишҳои гуногуни маънои модалӣ ифода меёбад. Ҷумлаҳо аз рӯйи намуна ва қолабҳои дар забон мавҷудбуда, яъне схемаи сохторӣ, ки имконоти васеи луғавии нутқро дороанд, сохта мешаванд. Ин схема сохтори камтарини ҷумлаҳоро, чи як ҷузъа ва чи дуҷузъа (яктаркиба ва дутаркиба), сабт мекунад. Ба сохтори минималӣ (камтарин) ҳамон ҷузъҳои ҷумла нисбат дода мешаванд, ки мақоми ҷумларо дошта бошанд. Чунончи дар ҷумлаи*: **Падарам** дар Соктаре баъд аз фориғ шуданаш аз кори деҳқонӣ ҳамеша ба бофандагӣ **машғул шуд.*** Ин мисол аз рӯйи схемаи дуҷузъа – “исм + феъл” сохта шудааст. Ба таркиби сохтори минималӣ маҳз ҳамин мавқеъ дохил аст: ***Падарам машғул шуд.*** Дигар аъзоҳои ҷумла ин схемаро васеъ мекунанд, ки ба категорияҳои замонӣ ва модалии феъл асос ёфтааст. Мисол: *Ҷавон Восеъро аз кӯча гардонда овард. Ҷавон Восеъро аз кӯча гардонда меорад. Ҷавон Восеъро аз кӯча гардонда хоҳад овард. Ҷавон Восеъро шояд аз кӯча гардонда орад. Ҷавон Восеъро аз кӯча гардонда оварда буд. Ҷавон Восеъро аз кӯча нахоҳад гардонда овард. Ҷавон метавонист Восеъро аз кӯча гардонда орад.*

Ин ҷумлаҳо реалӣ ва ирреалӣ, тасдиқӣ ва инкорианд. Ба дилхоҳ ҷумла мафҳуми умумии модалияти воқеӣ (объективӣ), мафҳуми гуногуни замонии муайян ё номуайян хос аст. Мисоли аввал чунин аломатҳои грамматикиро аз қабили - факти иҷрошаванда дар замони муайян: замони ҳозира, гузашта ва ояндаро дорост. Чунин мисолҳо ҷумлаҳои модалии реалӣ ва шакли наҳвиашон мафҳуми ифодакунандаи замони муайянро (шаклҳои замони ҳозира, гузашта, ояндаи тарзи фоилии феъл) ташкил медиҳанд. Чунончи: *Ҷӯйи Мазрангон бо лойоби селҳои баҳорӣ пур аз сурхоб шуда* ***мешорид*** *(СА.Ё.с. 94); Фароштурукҳо лойҳои шиттаро ба шакли пунбадона лӯнда карда оварда дар шифтҳои хонаҳо дар паҳлуи болорҳо бо камоли маҳорат ба тарзи нимкиштӣ барои худ лона* ***месохтанд*** *(СА.Ё.с. 94); Модар нӯги каловаи чигилшудаи аҳволи падарамро* ***ёфта буд*** *(СА.Ё.с. 94); Дар ҳар ҷо-ҳар ҷойи пеши чодирҳо самоворҳои калон* ***дар ҷӯш буданд*** *(СА. Ё. С. 97); Бақияи музdро галабон дар Бухоро* ***хоҳад гирифт*** *(СУ.В. с. 107); Аз ҳамон мазорҳо якеро зиёрат мекунам Хӯҷаин, албатта, товони таппончаашро* ***талаб хоҳад кард****. (СУ.В. с. 107);*

Дар мисолҳои зерин маълумоти имконпазир, матлуб ё зарурӣ, вале реалӣ вуҷуд надошта ифода ёфтааст. Ин ҷумлаҳо маънои замонии номаълумро доранд ва ҷумлаҳои модалии ирреалианд. Хабари ин ҷумлаҳо бо феълҳои сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ ва амрӣ ифода шудаанд. Чунончи: Мехостам таъкид кунам: ин мактуби охирини ман аст. Тирамоҳ, баргҳо мерезанд, аммо баҳор меояд. Бигзор баҳорони зиёде оянд. – Ту ҳам забон

баровардӣ?! Гум шав, падарлаънат! (СУ. В. С.132); Инъоматон бояд мувофиқи бурутатон бошад (СА.Ё. 166).

Дар ҷумлаи – **Бояд бемории Аҳмад-Махдум сохта бошад**, аслан, феъли модалии шояд истифода шавад, аммо гӯянда ҳарчанд тахмин мекунад, вале боварии қатъӣ ба гумонаш дорад, бинобар ин феъли модалии бояд истифода шудааст:

Агар гурехта натавонед, таслим шавед!» –Агар падаратро бинӣ, мешиносӣ?; (СА. Т. с.82); Агар ӯро оварда ба шумо рӯбарӯй кунам, ҳақиқати ҳол равшан мешавад. (СА. Т. с.82);

Ба тасдиқӣ ва инкорӣ ҷудо кардани ҷумлаҳо бо мазмуни муносибатҳои воқеии дар онҳо ифодашуда вобаста аст. Хусусияти тасдиқӣ ё инкории ҷумла инъикоси муносибатҳои байни ҳодисаҳои воқеият аст. Чунончи дар ҷумлаи: Темурмалик баъд аз тамом намудани сохтмони қалъа он ҷойро бо озуқа ва аслиҳа пур кард. –вобастагии байни тасаввурот оид ба амал чун предмет ва дар бораи он (сохтмон) мавҷуд аст: яъне – амал – пур кард.

Забоншинос Б. Ниёзмуҳаммадов ҷумлаҳои содаи инкорӣ ва тасдиқиро ҷумлаҳои содаи яккалимагӣ номидааст [9, с. 98].

Ҳамин тариқ, ҳамон ҷумлаҳое тасдиқӣ ба ҳисоб мераванд, ки агар дар онҳо алоқа байни предметҳо ва аломати онҳо дар воқеият мавҷуд бошад ва ҳамон ҷумлаҳое инкорӣ маҳсуб меёбанд, агар дар онҳо ин робита вуҷуд надошта бошад.

Муқобилгузорӣ аз рӯйи принсипи тасдиқӣ – инкорӣ хоси маъност. Он инъикоси мутақобилаи принсипи модалияти реалӣ ва ирреалӣ набуда, балки мафҳуми модалияти объективии дар ҷумла ифодаёфта мебошад. Масалан, дар ҷумлаҳои: *Деворзанӣ камобеш ду ҳафта тӯл кашид (СУ.В. С.153); Муллобача чой мекашид. Ниёз дастархонро мегундошт (СУ. В. С. 134)* факти реалӣ тасдиқ карда мешавад, яъне ҳам ҷумлаи тасдиқӣ ва ҳам инкорӣ маънои модалияти воқеӣ дорад.

Дар ҷумлаҳои: *Аз масҷидҳо овози муаззинҳо баланд гардид// Аз масҷидҳо овози муаззинҳо баланд нашуд.* – воқеияти факти амал тасдиқ карда мешавад, яъне ҳам ҷумлаи тасдиқӣ ва ҳам инкорӣ модалияти воқеӣ дорад.

Ҷумлаҳои: *Ӯ ҷавоб дод// Ӯ ҷавоб надод* низ модалияти якхела доранд, вале модалияти ирреалӣ, зеро далелҳое, ки дар бораи онҳо сухан меравад, воқеӣ (иҷрошаванда) нестанд.

Дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” хусусиятҳои инкорӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно, мақсаду муносибат ва интонация аз ҷумлаҳои тасдиқӣ тафовут надоранд ва мисли онҳо ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ мешаванд. Албатта, дар ин ҷо ҳам доираи истифедаи ҷумлаҳои ҳикоягӣ васеъ аст, чунки инкор ба маънои аслиаш асосан хоси ҳамин гурӯҳи ҷумлаҳои сода мебошад. Дар ҷумлаҳои саволӣ, амрӣ ва хитобӣ тарзҳои махсуси инкор низ ба назар мерасанд. Шаклҳои инкор дар ҷумлаҳои амрӣ ва хитобӣ барои ифодаи бездоштани амали субъект, илтимосу хоҳиш, нияту орзу ва ҳиссу ҳаяҷон истифода мешаванд:

Ваъда дода наметавонам (Толис). Вай ба ин аҳамият надод (Толис). Асло рӯзи нек набинӣ! (Улуғзода). Ба хонааш надаро (Раҳим Ҷалил). Гапа дароз накун, бефаҳм (Улуғзода). [1986, 219]”

Категорияи инкор ба мазмуни ҷумла алоқаманд буда, он аз ҷиҳати сохтор муҳим аст. Оид ба роли муҳими сохтории инкор муқобилгузории баъзе навъҳои ҷумла шаҳодат медиҳанд: Бедонабоз ҳайрон шуд // Бедонабоз ҳайрон нашуд. Вазифаҳо супорида шудаанд (дар ҳолати дуюмду варианти ҷумлаҳо дида мешаванд: ҷумлаҳо бо тағйири сохтор ва бетағйири сохтор): Шаб.Соати се. Шаб нест. Соат се нашудааст.

Дар дигар ҳолатҳо категорияи инкор ба сохтори ҷумла таъсир намерасонад: Меҳмон рост омада ба ҷувозхона даромад; Барф дар хандақ ҳар сол анбор карда мешуд (СУ. В. С.42)// Барф дар хандақ ҳар сол анбор карда намешуд; Ошӯби деҳқонон пахш карда шуд(СУ. В. С.43)//. Ошӯби деҳқонон пахш карда нашуд. Инкори грамматикӣ, одатан, бо ҳиссачаи на- (не-) сурат мегирад ва мавҷуд набудани он маънои тасдикро дорад.

Муаллифони “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (1986) инкорро дар ҷумлаҳои сода ба умумӣ ва ҷузъӣ ҷудо намудаанд. Инкори умумӣ ба тамоми ҷумла мансуб буда, хабари ин гуна ҷумлаҳо бештар дар шакли инкор воқеъ мегардад: *Аммо писараш ноқобил ва сарсаригард шуда, на дар замин ва на дар дуредгарӣ* ***кор накардааст*** *(СА.Ё. с. 51); – Чаро ту ӯро* ***нигоҳ надоштӣ****, мардаки дилозор (СУ.В. с. 53); Хайр, ту* ***хафа нашав****, ака (СУ.В. с. 53); Духтарак ҳам ба ин ҷавони хушзабони мехрубони хушмуомила муҳаббати покдилона монда, аз вай ҷудо шудан ва як нафас бе ӯ монданро* ***намехостааст*** *(СА.Ё. с. 53); Ятим ин таклифи духтарро* ***қабул накардааст****(СА.Ё. с. 53); Вале андозчини қаротегинӣ доди онҳоро* ***намешунид****. Аммо маро назад ва ҷанг ҳам накард(СА.Ё.с. 180).*

Инкори ҷузъӣ ба яке аз аъзоҳо ва ё ба яке аз аъзоҳои чидаи ҷумла тааллуқ дорад: *Инҳо* ***на*** *парвои зану фарзанд доранд,* ***на*** *гами хӯроку пӯшок. (СА.Ё. с. 149); Хайрият, ки* ***на*** *ба ман ва* ***на*** *ба ӯ зарар нарасид(СА.Ё. с. 149); Ҳа дарпарда дошт ва на тагораи обрезӣ ; Ман на галтидам ва на аз ақл бегона шудам...(СА.Ё.с.287); Аммо на дасташ ва на пояш ба ягон*

ҷойи Махдум намерасид...(СА.Ё.с.295); Албатта, ман дар он вақт на харитаро медонистам, на кураро ва на ба чӣ чиз хизмат кардани ин асбобҳоро(СА.Ё.с.331).

Масъалаи хусусиятҳои ҷумлаҳои тасдиқӣ ваинкори мавзӯи баҳси ҷудогонаес, ки дар доираи ин мақола муафассал баён кардани он ғайриимкон аст, бинобар масъалаи мазкурро дар мақолаи дигар муфассалтар шарҳ хоҳем дод.

АДАБИЁТ

1. Грамматика русского языка.- М., Изд-во АН СССР, 1954, т. II, ч. 1.
2. Виноградов В.В. Русский язык // В.В. Виноградов.-М., 1947.
3. Виноградов, В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов // Вопросы грамматического строя.- М., 1955.
4. Золотова, Г.А. Очерк функционального синтаксиса русского языка // Г.А. Золотова.-М.: Наука, 1973.-352с.
5. Камолиддинов, Б. Нањви забони тољикї // Б. Камолиддинов.-Душанбе: Собириён, 2010.-280с.
6. Қосимова, М.Н. Структура ва семантикаи ҷумлаҳои соддаи насри асри XI // М.Н. Қосимова. – Душанбе, 1986. – 87с.
7. Лекант, П.А. Синтаксис простого предложения в современном русском языке // П.А. Лекант.-М.: Высщая школа, 1986.175с.
8. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони тоҷикӣ // Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. 294 с.
9. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забоншиносии тоҷик. Асарҳои мунтахаб // Б. Ниёзмуҳаммадов. -Душанбе: Дониш 1970. -384 с.
10. Норматов, М. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик // М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2001.-184с.
11. Основы построения описательной грамматики современного русского литературного языка.- М., 1966.
12. Руднев, А.Г. Синтаксис простого предложения // А.Г. Руднев.-М., 1960.-160с.-с.12. **Ихтисораҳо**

СА. Ё. – С. Айнӣ. Ёддоштҳо.- Душанбе,
СА. Т. – С. Айнӣ. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. – Душанбе,
СА. МС – С. Айнӣ. Марги судхӯр. – Душанбе, 2012.-123 с.
СУ. В. - С. Улуғзода. – Восеъ. – Душанбе,

МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ТАСНИФОТИ ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЯКТАРКИБА ВА ДУТАРКИБА (дар мисоли насри муосири тоҷик)

Ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ маҷмӯаи адабӣ аст, зеро дар баёни маънавӣ устувор аст, яъне ӯ аз як тараф, ба адои маънии «воҳид» ба тариқи мухталиф таваҷҷуҳ дошта ва аз тарафи дигар, иброзе, ки байни калимаҳо таносубу робитаи маънӣ эҷод мекунад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ даруни қолаби ғазалро аз мусиқӣ дӯхтааст. Ӯ илова ба риштаҳое, ки калимаҳоро аз назари мусиқӣ бо ҳам пайванд додааст, бо риштаҳои масъули дигар калимаҳоро аз назари маъноӣ ва тасвир бо ҳам дӯхтааст, яъне ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ масири чанд ришта ва дар натиҷа бофтаи ӯ анҷоми адабии фавқулода ёфтааст:

Биё, ки сабза дамида ба раҳ чаҳор ангушт,
Чаман зи ғунча бурун карда сад ҳазор ангушт.
Чу тори зулфи туам дил зи тоб меларзад,
Баҳор даме, ки занад торӣ бар дутор ангушт.
Чу шона панҷа ҳар он ки кашад ба зулфи каҷаш,
Дамад зи фарқи ҳазор ангушти ӯ қатор ангушт [7, с.313].

Натиҷаи ҳадафи ниҳоии инсон дар роҳи ишқ расидан ба маъшуқ аст. Ин вуҷуд дар талабу иштиёқи маконе падид меояд, ки он ҷо айни маъшуқу ошиқ зоҳир аст. «Олам дар суратҳо зоҳир меёбад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба суратҳои табиӣ хос нест. Ин суратҳо мисли шунидани садое аз ошиқ ба маъшуқ аст, ки дар хаёли инсон он чи ки ба василаи чашму гӯш дида мешавад, фақат ишқварзӣ аст. Амалу асари ишқ суратҳоро таъзиму такрор менамояд ва ин шукӯҳу азамат, ки дар он суратҳо аст, маъмулан заъфу лоғарро дар бадани инсон падид меоварад [6, с.14]. Ба ҳамин ҷиҳат, гӯё ғизое ба ҷониби он шукӯҳу азамат рӯй меоварад, зеро шуълаи шавқ ӯро месӯзонад ва дар ин сухтан суратҳои маҳбубу маъшуқ дар хаёлу рӯҳи инсон рушду афзоиш меёбад. Илова ба ин, неруи тасвири ишқ дар олами хаёли Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар либоси зебою васфи нопазиру ҷамоли дилнишин ҷилва мекунад:

Навид, эй дил, ки баҳри пурсишат он шаҳсавор омад,
Ба пояш ҷонфишонӣ кун, ки ҳангоми нисор омад.
Аз он рухсори оташнок мебояд ҳазар кардан,
Барои бастани дилҳо камандаш тобдор омад.
Рухаш гул, зулф сунбул, ғунча лаб, наргис ду бодомаш,
Аз он рӯ оташи ҳасрат ба ҷони сад баҳор омад [7, с.257].

Ишқ ошиқро дар пешгоҳи Худои маҳбубаш ташвиқу ташбеҳ менамояд. Бо ин баён ошиқ – шӯҷою фаъол аст ва ин ҳол доим ва то замоне, ки он сурат мавҷуд аст дар хаёлаш вуҷуд дорад:

Чи мумкин бо умеди зиндагӣ дар пеши ӯ будан,
Ки туркони сияҳмасташ ба қатлам найзадор омад [7, с.808].

Инсон ҳеҷ гоҳ барои феъли маҳбуб далели иллат намеоварад ва матлабе ҳам надорад, зеро феъли маҳбуб аз сифоти ақл аст. Ишқ бо ақл тадбир мешавад ва сурат дар зеҳну хаёли ошиқ аз маъшуқ ҳосил мегардад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мегӯяд:

Эй ақлҳо, зи ҳайрати дарки камоли ту,
Бишкаста бол дар раҳи фикру хаёли ту.
Бас танг ҷост вусъати майдони коинот,
Дар пешгоҳи соҳати қудси ҷамоли ту [7, с.311].

Ҳадафи ниҳоии ишқ ташбеҳи маҳбуб аст. Ишқ ҳамон ишқи ҷомеъу комил дар ошиқ аст, ки ошиқ маъшуқашро барои худи маъшуқ дӯст медорад. Ишқ агар бо ақл гардад ва ба василаи ақл маҳбуб маҳбубтар ишқ меварзад. Матлаби ошиқ ҳамон ишқ аст, он чиро, ки маҳбуб дӯст медорад. Дар матлаби ошиқ ишқ ҳосил мегардад ва нафаси ошиқ аз сурати маъшуқ тасвир мешавад:

Эй номи ту ҳаловати ҷону забони мо,
Ширин бувад зи лаззати шаккар даҳони мо.
Аз обёри файзи худ сероб гар қунӣ,
Пажмурдагӣ самар диҳад дар бӯстони мо
Аз навбаҳори марҳамат абри наволро,
Фармо, ки хазон барад аз гулистони мо [7, с.343].

Мақсаду нуқтаҳои ниҳоии ишқ дар суратҳои олам дар иттиҳод аст, яъне зоти маъшуқ айни зоти ошиқ ва зоти ошиқ айни зоти маъшуқ аст. Ин ҳамон аст, ки сурати табиӣ дар ҳар ҳол, ҷисман ё ҷудо зуҳур меёбад, зеро маҳбубу маъшуқ дар хаёли инсон аст. Бинобар ин, айёме, ки ошиқу маъшуқ даст ба гардани якдигар мекунанд, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чунин таманно дорад:

Агар бар гарданат дастам расо мешуд, чиҳо мешуд?
Гиребонат бари оғӯш во мешуд, чиҳо мешуд?
Ҳама шаб суҳбати ағёр дидӣ, як даме бо мо,

Агар будӣ, дили мо ҳам ризо мешуд, чиҳо мешуд?
Ба як дидан матои сабр кардӣ ҷумла тороҷам,
Ниқобат гар зи рух якбора во мешуд, чиҳо мешуд? [7, с.347].

Байни ошиқу маъшуқ ногузир риштаву робитае аст, ки ошиқ ба ин робита танҳо ба маъшуқ худро меомӯзад. Бо ҳамин сабаб, ошиқ таҳти маъшуқ аст ва дар ҳақиқат, бандаи ӯ аст. Ошиқ маъшуқро дар назари зеҳни худ бузургтар аз худ мебинад ва хушбахтию саодати худро дар бандагии маъшуқ ва таслим дар баробари ӯ медонад:

Ба ранги по дар роҳгузараш он қадар хуфтам,
Ки шуд аз интизориҳо сафедӣ устухонамро.
Зи юмни саҷдааст гулчиние дорад ҷабини ман,
Ки бинад сад баҳорон хиҷлати реги хазонамро [7, с.374].

Биму ҳароси ишқ дар қалби инсон дар баробари маҳбуб хаёлангез ва қобили тасаввур аст, зеро маҳбуб пайваста меандешад. Оташи шавқҳо бо фарози ӯст ва дар хаёлу андешае, ки дар қалбаш падид аст, асар мегузорад. Бо ин сабаб, гӯё узвҳои бадани инсон аз оташи шавқи маҳбуб меҳаросанд, вале шафақ аз ҷониби маҳбуб аст, ки намехоҳад инсон чун муҳиб мадоро бошад. Он гоҳ ишқомезӣ аз ҷониби маҳбуб чун шавқ ба шавқи муҳиб меафзояд:

Оташи шавқ, ки дар синаи ман пинҳон аст,
Чун самандар нафас андар лаби ман сӯзон аст.
Гӯшаи танги ватан ҳисни ҳасини хатар аст,
Шарар аз санг ҷаҳад, мурдани ӯ осон аст [7, с.261].

Шавқ ба лиҳози ишқ сифати лозим ва тобеъ аст, зеро ишқ шуълаест, ки шавқ меофарад. Бо ин баён, шавқи ошиқ бо дидору васли маъшуқ оромишу сукун меёбад ва иштиёқи рӯ ба рӯ шудани ошиқу маъшуқро нишот мебахшад:

Агар оташи шавқат ҷигари хаста кабоб кард,
Кошонаи чашмам чу қадаҳ дар таҳи об кард.
Аз муждаи дидори ту мижгони сафедам,
Равшантар аз ойинаи ҳур зери саҳоб аст.
То моҳи ту карда ба замин нурфишонӣ,
Дар пардаи гардун рухи ҳур бастани қоб аст.
Арзи дили худ, Ҳоҷӣ, чи тақдир тавонам,
К-ин масъала баҳсест, ки холӣ зи ҷавоб аст [7, с.341].

Шавқ ҷунбишу ҳаракати маъшуқ аст. Маҳбуб, ки аз асмову шакли маъшуқ аст, бо дидори маҳбуб сукун ва оромиш меёбад, мутаҳаййир мегардад. Шавқи ошиқ бо маъшуқ оромишу сукун мегузорад, зеро ошиқ бо маҳбубаш шодиву фараҳро дарёфт мекунад. Ишқ дар мактаби ҳастӣ, дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар ихтисоси рамз аст:

Кавкабро бувад то дида равшан, даври роҳат нест,
Зи захми чашми афъӣ заҳри меҳнат ногузир афтад.
Нахонда тифли мо пасту баланди мактаби ҳастӣ,
Агар ин рамз бишкофам, Фалотунам ҳақир афтад.
Фиреби дида шуд, Ҳоҷӣ, ҷамолаш дар баҳори хат,
Чу ояд дар саводи шаб маҳи тобон, мунир афтад [7, с.301].

Ишқ завқи маънавие аст, ки ба василаи завқи қобил идрок мешавад ва ҳақиқати маҷҳулӣ нест, маҳз дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ тасвироти дилнишину арзишманд дорад. Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мантиқӣ аст ва бо ҳувият суруда мешавад. Ишқ дар вуҷуди маҳбуб гароиш пайдо мекунад. Ишқ ба мафҳуми амиқи худ ҳама чизро дар роҳи матлубу маъшуқ ва мақсади асл фидо кардан ва аз барои ӯ аз ҳеҷ нисору исор, ҳатто аз ҷон парво накардан аст:

Ба роҳи ҷилвааш хобидаӣ, ҳушёр шав, эй дил,
Машав ғофил, ки ногаҳ мерасад фармонбари теғаш.
Сияҳрӯзе, ки дорад дар назар чашми сияҳашро,
Чу мардум сар ниҳад бояд ба зери пайкари теғаш.
Шаҳиди мубталое ишқи ӯро чун намебошад,
Ки бо ранге наёмезад сафои ҷавҳари теғаш.
Ба сулҳу оштӣ, Ҳоҷӣ, зи бими ӯ халосӣ нест,
Ки хунрезӣ ҳалол омад ба ҳукми маҳзари теғаш [7, с.312].

Ишқ зебоӣ ва муқаддас, каломест рӯҳбахш ва дилпазир, лафзест, ки ҳамаи арзишҳои инсон дар паҳнои самимӣ ва пурмеҳри ӯ нуҳуфта аст. Ишқ равиш ва камоли нексиришт аст, ки метавонад тамоми рисолатҳо ва масъулиятҳои воқеии инсонро дар домони бебастагии худ таҳмил намояд. Ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҷавҳари аслии ишқ аст. Лафзҳои фидоогоҳ ва зебоии ғазали ӯ роҳест ба вафодорӣ дар роҳи ишқ, ки ҳаргиз пушаймонию афсурдагӣ надорад, балки хотири он дар сина пинҳонгоҳ аст:

Зи гармиҳои ҳусни беҳиҷоби моҳтоби ман,
Дар оғӯши Масеҳо офтоб аз тоб дорад таб.
Кӣ дорад майли ин кошона, гар завқи тамошояш,
Мунаввар чун гули шамъ аст зулмат з-устухони шаб.
Ба савдое бурун аз олами суду зиён рафтам,
Ки сад Маҷнун набошад ҳамчу ман девонаи машраб [7, с.391].

Аз ин ҷо сиришти ишқ саршор аз муҳаббату эҳсоси латифи инсон аст. Ҷое барои кинаву адоват вуҷуд надорад, зеро ҳама ӯро дӯст медорад. Барои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ савдои ишқ ганҷинаест, ки инсонро аз айбҷӯию ақибмондагӣ ва хислатҳои ғайриинсонӣ дур мекунад. Ишқ шоистагист, ки ҷабру ҷафо ва хориву зорӣ надорад:

Намегӯям туро, бар ман нигаҳ бисёр шойистӣ,
Вале ҷабру ҷафои ту на ин миқдор шойистӣ.
Набошад гарчи ошиқро халос аз хориву зорӣ,
Чу дорад нисбати ишқат, на хору зор шойистӣ [7, с.382].

Водии ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ иқлимест, ки ҳар инсон дар он раҳсипор мешавад, аз костагиҳою беҳудагиҳо раҳоӣ ёфта бо болҳо ба сӯйи малакути Худованд парвоз менамояд ва хештанро дар ӯ меёбад. Ишқ бо шарофати шӯри инсонӣ ба аҳаммияту эҳтиром сазовор аст. Ҳузури ишқ барои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ягона ойинаест, ки сурату замири инсон дар он партавфишонӣ мекунад:

Маҳо, ба хирмани ҳусни ту хӯшачин маҳтоб,
Ки нур медамад аз чарх то замин маҳтоб.
Ба даври ҳусни ту товон, ки лоф зананд,
Чу шуд зи софии рӯйи ту шармгин маҳтоб.
Агар ба шаб бадар оӣ, зи тоби меҳри рухат,
Чу офтоб шавад қурси оташин маҳтоб.
Гумон мабар, ки абас, Ҳоҷӣ, чун асар шудаӣ,
Ба пеш ойина гиру дар ӯ бубин моҳтоб [7, с.344].

Вуҷуди ҷавҳари тобандаю арзандаи ишқ дили инсонро молики эҳсосу мақом ва манзалат месозад. Ишқ дарёест, ки ҳамаи бехудиҳою беҳудагиҳоро поён мебахшад. Оғӯши ишқ мактабест, ки озодагию ростӣ ва инсондӯстиро шиор медиҳад. Ишқ мавҷест, ки шӯри ботини инсонро ҳар лаҳза ба орзуи ҷон супурдану ғарқ шуданрдар уқёнуси пурталотуму мағрури чашмони маъшуқ ҳидоят мекунад:

Он маҳ, ки ҷафо кард, куҷо кард? Ба мо кард,
Мақтули вафо кард киро кард? Маро кард.
Як бӯса, к-аз он гавҳари лаб мултамасам буд,
Ин қазя қазо кард, адо кард бақо кард.
Аз дуди дилам хома ба ҳангоми таҳрир,
Авроқ сиёҳ кард, садо кард, наво кард.
Ҳоҷӣ ба дили хаста шабон то ба дами субҳ,
Сад гуна дуо кард, киро кард? Туро кард [7, с.366].

Сухан дар мавриди ишқ гуфтан барои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ душвор аст, аммо эҳсоси худро аз ишқ ба ҳар гуна дарк гуфтааст. Аммо сухане, ки дар ҳақи ишқ мегӯяд, гуфтанаш ҷалоли ин ишқ аст:

Кист аз дидани ту дида мунаввар нашавад,
В-он гоҳ аз тоби рухат сина пурозар нашавад? [7, с.313].

Инсон бемору пир мешавад ва мемирад, аммо ҳар лаҳза ба эҳсоси ишқ ниёзманд аст. Инсон дар ҳар лаҳзаи фурӯтаниву эътироф ба ишқ ниёзманд аст. Ишқ бурҳони ҳар инсон аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ барои далел ва исботи ишқ шабу рӯз дар хаёл аст. Дар ҳақиқат, ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бурҳонсозӣ аст, яъне ишқ худаш далолат дорад, ки ишқ аст, ки парда аз инсон бармедорад ва ӯро ошкор месозад. Ишқ инсонро ҳамчу ойина аз ҳар гуна бурҳони бениёз ҳимоя мекунад. Ишқ аст, ки дар тӯфони ошуфтагиҳо пинҳонгоҳи инсон аст, он гоҳ, ки ӯ дар ҳоли ғарқ шудан дар уқёнус аст. Ин ҳангом инсон худро ба оғӯши ишқ меандозад ва дар оғӯши ӯ мешавад, то ин ки дилаш оромиш ёбад:

Боз ёди он парирӯ хотирам ранҷур кард,
Бар сари дил буд захме, таҳ ба таҳ носур кард.
Ҳар қадар кардам талоши васл, аммо рӯзгор,
Лӯъбате ангехт аз роҳаш, ғуборам дур кард [7, с.332].

Дар андозаи фитрати поку эҳсоси амиқ ба ишқ инсон бурҳон аст. Ишқ ҳақиқат аст, зеро мавҷуди воқеӣ аст ва ҳар он чи ки инсон мебинад, ҷуз таҷаллии ӯ аст, ки дар пинҳонгоҳи ғайб ҳамвора мастур аст. Дар ҷое, ки инсон аст, ишқ ҳузури мутлақу мастури

худро ба гунаи «ломакон», он ҷо ки вораи ҷою вақт аст, менамояд ва аз жарфҳои ҳастии худ шаҳодат медиҳад.

Ҳузури ишқ аз паси ҳиҷобҳо ва ғаму ғафлати замонӣ аст, ки азамати худро нишон медиҳад. Ишқ аст, ки доимо вуҷуд дорад ва ҳамаи гузаргоҳҳо ба сӯйи ӯст, зеро ғунчаву гул ҳам ба вуҷуди ӯ қоил аст. Ҳама ҷо ишқ аст ва ҳама олам коистони ӯ аст. Бо ин ҳама ишқ розӣ аст, ҳарчӣ, ки роз аст [7, с.114]. Ишқ дар қолаби ҳарфу маънову сурату шаклу замону макон намеғунҷад. Ишқ аз ҳамаи инҳо болотару волотар аст:

Мавсими навбаҳор шуд, он маҳи гулъизор ку?
Ғунчаву гул қатор шуд, булбули дилфигор ку?
Боди сабоҳ мевазад аз тарафи диёр, лек,
Ғолияи мурод не, муждаи он нигор ку?
Лолаи роғ ҳар саҳар доғи дилест дар назар,
Ғунчаву гул ҳамин асар дораду эътибор ку? [7, с.313].

Ишқ дар партави сапеда, дар нақши гулгун, дар ғунчаҳое, ки боз мешаванд, дар бонгу ғулғулаи мурғон дида мешавад. Ишқ ҳамеша дар жарфҳои дили инсон гувоҳӣ медиҳад. Ишқ дар падидаҳо зоҳир аст, аммо зоҳираш айни ӯ нест. Зоҳиркунандаи дигаре аст; «зоҳир»-и чеҳраи кушода аст, вале худ дар онҳо дар парда аст. Ишқ бо сифату асмои бепоёни худ таҷаллӣ мекунад. Манзари олам ва вуҷуди қолабҳо, чаҳорчӯбҳо, аҳкому асмо ва сифоти илоҳӣ дар пеши ишқ мутаҷаллӣ аст:

Маҳтоби рухат пардакушо шуд, чи бачо шуд,
Чун кавкаби толеъ бари мо шуд, чи бачо шуд.
Дар пардаи кӯрӣ нигаҳи мардумакам буд,
Ҳангоми тамошои ту во шуд, чи бачо шуд.
Бошад ҳама кас толиби дидори ту, лекин,
Алтофи ту бо аҳли дуо шуд, чи бачо шуд [7, с.344].

Ишқ бо дидану шунидан чашми сер надорад, балки дидори ақлониву биниши дарунӣ аст, яъне эҳсоси бо шавқу дӯстӣ аст, ки васфи ӯ басе душвору дақиқ ва шуғли Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аст:

То дида ба қадду рухи зебо-ш бубастам,
Аз дидани сарву гули раъно-ш бубастам.
Нури назарам рафт зи шавқи назари ӯ,
Шуғлест, ки аз манзари дунё-ш бубастам [7, с.366].

Ҷалолу зуҳури ишқ вуҷуду шабоҳати сода нест, балки муҳтавою маънӣ аст. Оре, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ маънову муҳтавои ишқро дармеёбад; ишқ китоби ҳастӣ аст, ки қироати саҳифаҳои он беандоза дилкаш аст. Ишқ саҳифаҳое аст, ки дар Қуръону ҳадис зикри ӯ омадааст, яъне саҳифаест, ки рамзҳои ӯ равшангари ӯ ҳаст:

Нуҳ тоқи нилгун андар муҳити кофу нун,
Камтар ҳубоби вожгун оварда пайдо карданат.
Дар чорсӯи ламязал тамҳиди арзи сад милал,
Ҳарфе зи асрори азал оварда рамзи гуфтанат.
Ҳарчанд дорам ҷустуҷӯ, ойина дорад рӯ ба рӯ,
Ҳоҷӣ чӣ дорад орзу, дар ёфтанҳо ҷустанат [7, с.319].

Корномаи ишқро мушоҳида кардан рамузи китоби ҳастиро дарёфт кардан аст. Ҳама ин равшангарӣ бо диди ақлонӣ ва аз роҳи фаҳм аст. Инсоне, ки мисли Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба ишқ наздиктару баҳрамандтар аст ва аз диди қалбӣ барҳӯрдор аст, зери парда ӯро тараннум менамояд. Ишқ ҳамеша дар парда ва бо рамз аст, зеро диди айнии ӯ ба инсон муяссар нест. Агар зиндагии инсон маъно дорад, маҳз аз баракати ишқ аст ва агар ҳастияш бо ҳикмат аст, аз ӯ аст, ки вуҷуд дорад. Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ эътиқод аст, ки шоир ӯро бо эътимоду имон ва бо қалбу зеҳн мепарастад:

Рамзи дарёро тавон фаҳмид аз тарсоҳилӣ,
К-ин ҷароҳат аз фузунӣ мечакад носурро.
Ҳифзи асбоб олами асбобро бошад зарур,
Беасоӣ сарнагун дар чоҳ орад кӯрро.
Пардаҳои сози мо, Ҳоҷӣ, зи ҳам хоҳад гусехт,
Мехарошад сахт беҷо ноҳун ин танбурро [7, с.322].

Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба маънои ҳама чизро дар роҳи матлубу маъшуқ ва мақсуди асл фидо кардан ва аз барои ӯ аз ҳеҷ нисору асар парво накардан аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар мадҳу санои ишқ, ки вожаи зиндагии ӯ аст, зебову муқаддас ва каломест, ки рӯҳбахшу дилпазир ва лутфест, ки ҳамаи арзишҳои ҳастиро дар паҳнои самимӣ ва пурмеҳри ӯ нуҳуфта аст:

Чи маънибаландӣ, чи нозукадоӣ,
Ки лутфат чу маънист назри расоӣ.

Дар ин гулистон ғайри ибрат набошад,
Хиҷолат зи наргис чаро н-озмоӣ? [7, с.309].

Ишқ мактабест, ки тамоми рисолату масъулиятҳои инсонро дар домони поку озод омӯхтааст. Вафодориву худгузарӣ дар роҳи ишқ, барои Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ҳаргиз пушаймониву афсурдагӣ надорад, балки хотироти ишқ дар ӯ паноҳгоҳ аст, ки ҳангоми ноумедӣ ба он паноҳ меоварад. Аз ин ҷост, ки сиришти ишқ дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ саршор аз муҳаббату эҳсоси латиф аст, ҷое барои кина, адовату нафрат надорад:

Гар кунам аз ҳоли дил бар номае унвони арз,
Хун чакад аз хомаам, рангин кунад домони арз.
Ҷои гул дар саҳни сунбулистон бишкуфад,
Гар сабо орад аз он зулфи сияҳ паймони арз [7, с.321].

Савдои ишқ ганҷинаест, ки инсонро аз айбҷӯиву ақибмондагӣ, ки хислати ғайри инсонӣ аст ба дурнигарӣ ҳидоят менамояд. Ишқ бистарест, ки хушунат, зиштӣ ва ҳиллаю риё дар он намеғунҷад. Водии ишқ иқлимест, ки ҳар инсон дар он раҳсипор аст, аз коситҳову беҳудагиҳо раҳоӣ ёфта ба сӯйи малакути Худованд роҳ меҷӯяд. Ишқ марзро намешиносад, танҳо маъшуқро медонад ва хештанро дар он дармеёбад. Барои Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ишқ ҷавҳар аст, ки ба шарофату эҳсони он қоил аст. Ҳузури ишқ барои Ҳофиз Ҳусайн ягона шамъест, ки шеваи адабиписанд дорад:

Сомони гудозам натавон кард, ки чун шамъ,
Дар оташи дил доғаму аз мағз шарарбез.
Бар таъби ту гар шеваи одоб писанд аст,
Ҳарчанд фурӯтар бувадат, беш бипарҳез [7, с.329].

Ишқ вуҷуди ҷавҳари тобандаву арзанда аст, ки дилро эҳсосу мақому манзалат медиҳад. Ишқ дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ дарёест, ки ҳамаи дардҳоро дармон мебахшад ва ҷомест, ки ҳамаи бехудиҳоро поён мебахшад. Оғӯши ишқ мактабест, ки озодагӣ, ростӣ ва инсондӯстӣ шиори ӯст. Ишқ мавҷест, ки ҳар лаҳза шӯру бетобии ӯ Ҳофиз Ҳусайни Кангуртиро дар ҷустуҷӯи партави меҳри ӯ дар интизор мегузорад:

Чашмасори дидаи мо ҳам тамошо карданист,
Як даме бар интизори мо қадам фармо, биё.
Ин аҷаб бар кулбаи ғаммансабон гар нагзарӣ,
Партави меҳр аст яксон бар ҳама ашё, биё.
Ҳофиз мегӯяд туро дар домани шабҳои тор,
Шоми ӯ равшан кунӣ, эй моҳи ҳурсимо, биё [7, с.274].

Сухан дар мавриди ишқ гуфтани Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ душвор аст, аммо маҷолу ташвиқи бисёр дорад. Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ чун ҳар ошиқ, эҳсоси худро аз ишқ ба гунае дарк намудааст, ки метавонад, баён кунад. Чуноне, ки кардааст:

Эй ки бар хотири мо ҳеҷ мадоро накунӣ,
Умр бигзашту назар бар тарафи мо накунӣ.
Ошиқон дар ғами ту ҳоли табоҳе доранд,
Ту чаро пурсиши ин қавм тақозо накунӣ [7, с.279].

А Д А Б И Ё Т

1. Ибни Арабӣ. Ишқ ва ирфон (тарҷумаи Муҳаммад Родманиш). – Теҳрон, 1385 ҳ.ш. – 209 с.
2. Қодиров К. Ирфон ва шеър / К. Қодиров. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 33 с.
3. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ирфони Ҳофиз / Мутаҳҳарӣ, Муртазо. Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1996. – 79 с.
4. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Куллиёти улуми исломӣ. Калом-ирфон-ҳақиқати амалӣ / Мутаҳҳарӣ, Муртазо. – Теҳрон, 1381 ҳ.ш. – 146 с.
5. Сайид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ / Саҷҷодӣ, Сайид Ҷаъфар. – Теҳрон, 1370 ҳ.ш. – 1001 с.
6. Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт / Кангуртӣ, Ҳофиз Ҳусайн. (Виростор ва созмондиҳандаи матн Чиллазодаи Теҳрайӣ ва Амирхӯҷаи Абдураҳим). – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704 с.
7. Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархони Ҷавҳарӣ. Ғазалистон. – Душанбе: Адиб, 2018. – 480 с.

ИШҚИ ИЛОҲӢ ДАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Дар мақола паҳлуҳои мухталифи ишқи илоҳӣ дар партави ирфон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ишқро ҷамоли Худо медонад ва ҳар он чизе, ки дар олам зоҳири зебоист партавгузори он Худо аст ва пайвандаш бо Худо ҳамчунин пайванди нури офтоб бо офтоб аст. Ишқи илоҳӣ дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ яке аз усули иттиҳод ва фано аст. Ин ишқ ба манзалаи мабдаи ҳаёт аст. Ишқ ба манзалати шавқ ва толиби ҷовидонагӣ дар мушкилоти гуногун аз тариқи тавлиду офариниш ба фано расидани бақо аст. Тазаккур дода мешавад, ки дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ба манзалаи майли зоти фард ба ҷовидонагӣ аст. Ишқ дар назари Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ фарогирӣ, ҷазб, рушд ва тавлиди ҳама таҷаллиёт аст.

Калидвожаҳо: Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ, ишқ, ғазал, ошиқ, инсон, маҳбуб, тараннум, ойина.

БОЖЕСТВЕННАЯ ЛЮБОВЬ В ГЕЗЕЛИ ХОДЖИ ХУСЕЙНА КАНГУРТИ

В статье анализируются различные ирфанические трактовки божественной любви в газели Ходжи Хусейна Кангурти. Ходжи Хусейн Кангурти любовь рассматривает в контексте богопознания и красоты. Божественная любовь в газели Ходжи Хусейна Кангурти является формой объединения и аннигиляции с Богом. Божественная любовь в газели Ходжи Хусейна Кангурти выражает связи и обязанности человека по отношению к себе, к Богу и действительности, она предстает наукой действия и находит своё выражение с помощью аллегорий. Отмечается, что божественная любовь в газели поэта предстаёт образцом и примером идеальной жизни и уточнена по содержанию, в которой человек находит своё пристанище под сенью милости Бога. Ходжи Хусейн Кангурти считает что божественная любов идет от человека к богочеловеку, к сближению с Богом и, в конце концов, аннигиляции в нём.

Ключевые слова: Ходжи Хусейн Кангурти, любовь, газель, возлюбленный, человек, воспевание, красота, зеркало.

DIVINE LOVE IN THE GESEL OF KHOJA HUSSEIN KANGURTI

The article analyzes various irfanical interpretations of divine love in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti. Khoji Hussein Kangurti considers love in the context of knowledge of God and beauty. Divine love in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti is a form of union and annihilation with God. Divine love in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti expresses the connection and duties of a person in relation to himself, to God and reality, it appears as a science of action and finds expression through allegories. It is noted that the divine love in the poet's gazelle appears as a model and example of an ideal life and is refined by the content to which a person finds his refuge under the shadow of God's mercy. Hoji Hussein Kangurti approaches divine love from a person to a God-man, to rapprochement with God and, at the end of the Kants, annihilation in him.

Key words: Khoji Hussein Kangurti, love, gazelle, lover, man, chanting, beauty, mirror.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори кафедраи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735041, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Сведения об авторе: ***Кодиров Каримжон*** – Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, доктор филологических наук, и.о. профессора кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735041, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул.Айни, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Information about the author: ***Kodirov Karimjon*** – Bokhtar State University named after N. Khusrav, Doctor of Philology, acting Professor of Tajik Literature. **Address:** 735041, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Ayni Str., 67. Tel.: **(+992) 985-47-66-69**

УДК: 891.550

ҚАДИМТАРИН ПОРАҲОИ ДАСТХАТИ “ШОҲНОМА”

Юлдошев А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сарлавҳае, ки ба ин мақола гузоштем, то ҳадде ҳангомадор аст. Вале агар вуҷуд доштани анъанаи худойномангориро аз Фирдавсӣ ба замони то Донишвару (солҳои тахминии таълиф аз 632 то 651) аз он ҳам пештар бибарем, чандон ҳангома ҳам надорад [1, с.35-36].

Худойнома ва таърихи подшоҳони эрониро бо ҳама нишебу фарозу деву парию аҷинааш менавиштанд. Ҳеҷ не аз охирҳои замони салтанати сулолаи Ҳахоманишӣ. Чун таърих. Дар ин бобат қавмҳои эронӣ ва хосса эронии шимолу шарқӣ аз дигар қавмҳои фарҳангдидаи замони қадим ба монанди шумериҳо, фиръавниҳо, хитоиҳо, ҳиндуҳо, ошӯриҳо ва бобулиҳо андаке шояд дер монда бошанд, аммо аз юнониҳо чандон дер ҳам намондаанд.

Бино ба маълумоти пажӯҳишҳое, ки қимати илмии худро нигоҳ доштаанд, қадимтарин дастнависи расидаи “Шоҳнома” (соли 1217 китобат шудааст) ҳамоно дастнависи китобхонаи миллии Флоренсия (Италия) мебошад. Ин дастхатро тасодуфан эроншиноси итолиёвӣ Ангело Пиемонтезе соли 1978 кашф кардааст. То он дам ин дастнависи “Шоҳнома” дар феҳрастҳои китобхонаи миллии Флоренсия бо номи тарҷумаи Қуръони карим сабт шуда будааст [2]. Ба назари Ҷ.Ропер ин дастхат дастхати қадимтарин, вале нопурраи “Шоҳнома” мебошад [3, Ҷ.1, с.512]. Ба ҳамин тартиб, дастнависи “Шоҳнома”- и Лондон, ки соли 1277 китобат шудааст, ҷойи худро ба дастнависи Флоренсия вогузор намуд ва ба ҷойи дувум гузашт. Ҷойи сеюм шояд ба дастхати Китобхонаи давлатии оммавии ба номи Салтыков-Щедрини Ленинград тааллуқ дошта бошад, ки соли 1333 навишта шудааст.

Шумори дастнависҳои “Шоҳнома” дар китобхонаҳои ҷаҳон аз чандсад дастнавис мегузарад. Масалан, бино ба маълумоти Ҷ. Ропер дар “Дастхатҳои исломӣ дар ҷаҳон” бо истинод ба муаллифони таҳқиқоти “Шоҳнома” дар музаҳо” дар ганҷинаҳои Штатҳои

Муттаҳидаи Америка, ки макони маъмулии дастхатҳои исломӣ намебошанд, 117 дастхати ҳамосаи миллӣ нигоҳ дошта мешавад [3, Ҷ.IV, с.565]. Бино ба маълумоти хабаргузории Мероси ориё аз 16 майи соли 2017 дар китобхонаҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон 181 дастнависи “Шоҳнома” нигоҳ дошта мешаванд, ки дар ин шумор микрофилмҳо ва нусхаҳои мусаввар (фотокопия) низ ба ҳисоб гирифта шудаанд (www.chtn.ir).

Аммо сухани мо дар ин мақола дар бораи “Шоҳнома”-и ҳаким Фирдавсӣ нест. Сухан дар бораи тарҷумаҳои арабии худойномаҳо, ки то ҷое асосан раҳнамое барои навиштани “Шоҳнома”-и Абумансурӣ ва сипас ҳамосаи миллӣ шудаанд, низ намеравад.

Агар аз “Шоҳнома”-и Абумансурӣ, ки ба наср буд, танҳо муқаддимаи вай то мо монда бошад, ба қавли Ҳамзаи Исфаҳонӣ [4, с.16-17] ва пажӯҳиши навини Н. Зоҳидов аз тарҷумаҳои арабии ҳашт “Худойнома” [5, с.207-210] сатре боқӣ намондааст. Он, ки аллома Табарӣ ва пайравони ӯ, Саолибӣ дар “Ғурар” ва дигарон дар бобати баёни сужаҳои “Шоҳнома” кардаанд, наметавон тарҷума гуфт, зеро ҳеҷ сатре аз ҳеҷ асли паҳлавии ягон “Худойнома” низ нарасидааст. Он чӣ дар сарчашмаҳои арабӣ-мусулмонӣ расидааст, ғолибан бозгӯ аст ва ё баёни озоди мазмуни ин ё он сужаи худойномаҳо.

Вале замини худо танг несту бахши эроншиносии шарқшиносии ҷаҳонӣ ҳам паҳноҳо дорад. Соли 1900 ҳангоми кофтуковҳои бостоншиносии экспедитсияи фаронсавӣ таҳти роҳбарии яке аз шарқшиносони шинохтаи фаронсавӣ Пол Пело (Paul Pellot) дар мағораи (ғори) маъруф ба Мағораи ҳазор Буддо дар мавзеи Дунхуан (Tuen Huang), дарвозаи ғарбии Шоҳроҳи бузурги абрешим воқеъ дар музофоти имрӯзаи Гансуи Хитой китобхонае ёфт мешавад, ки тақрибан нуҳсад сол аз назарҳо пинҳон монда будааст. Дар ин китобхона дар таркиби матни машҳури суғдии буддоии “Вессантара ҷатака” як рӯйи варақ матне ба мушоҳида мерасад, ки бино ба назари муҳаққиқон, аз ҷумла хонум Бадруззамони Қариб, ҳеҷ пайванде ба матни буддоӣ надошта будааст [6, с.5]. Ин матнро дар қатори матнҳои дигар Пол Пело ба китобхонаи миллии Париж тақдим мекунад.

Бино ба таъкиди аллома Бобоҷон Ғафуров дар “Тоҷикон” ба фазли вуҷуд доштани матнҳои ҳамсони ҳамин ҷатака (ривоятҳо дар бораи таваллудҳои пешини Буддо дар ин дунё) ба забонҳои палӣ, тибетӣ ва хитоӣ ба шарқшиноси фаронсавӣ зодаи Ҳалаби Сурия Эмил Бенвенист муяссар шуда буд, ки ин ҷатакаро муваффақона тарҷума кунад. Аз ин ҷатака 1513 сатр то мо расидааст [7, с.282-283].

Соли 1907 шарқшиноси англис Аурел Стейн дар ҳамон мағора як рӯйи дигари варақе бозёфт мекунад, ки муҳаққиқон онро ба далелҳои басо муътамад давоми матни рӯйи варақи Пело медонанд. Аурел Стейн он рӯйи варақро ба китобхонаи Музеи Британия (ҳоло Китобхонаи миллии Британия) месупорад. Ба шаҳодати Эҳсони Ёршотир, яке аз эроншиносони нуктасанҷ Валтер Ҳеннинг (1908-1967) на дертар аз соли 1946 собит карда буд, ки матни Стейн давоми бешубҳаи матни Пело мебошад [8, с.409]. Ва шояд, месазад ёдовар ҳам шуд, ки А.Стейн дар ҳамон мағораи Дунҳуан номаҳои қадимаи суғдиро, ки солҳои 312-313 навишта шудаанд, низ пайдо карда буд [9, с.173-176].

Тақрибан аз ибтидои солҳои 40-уми асри гузашта ин ду рӯйи варақи матни суғдӣ, ки, такрор мекунем, ба “Вессантара ҷатака” пайванде надоранд, ба муомилоти васеи илмӣ ворид шудаанд. Дар шарқшиносии советӣ шояд бозгӯи мазмуни густурдатари ин матнро аллома Бобоҷон Ғафуров соли 1972 дар “Тоҷикон” пешниҳод карда бошанд [7, с.283].

Ёдовар мешавем, ки матни рӯйи варақи дувумро (Музеи Британия) эроншиноси австриягӣ Г. Рейхельт (1877-1939) соли 1931 ба олмонӣ ва матни рӯйи варақи якумро (Китобхонаи миллии Париж) Бенвенист соли 1940 ба фаронсавӣ гардонида буд. Соли 1953 яке аз донишмандони фозили адабиёт ва фарҳанги форсу тоҷик Эҳсони Ёршотир матни он ду рӯйи варақро ба форсӣ тарҷума кард. Тарҷумаи Эҳсони Ёршотир, ки чоряк аср пештар аз тарҷумаи Бадруззамони Қариб шудааст, чандон хонданбоб нест. Чанде лакуна (фароғҳо) ҳам дорад. Вале чун ин иқдоми нахустини тарҷумаи матни суғдӣ дар бораи Рустам ба забони форсӣ мебошад, мо аввал ҳарфгардони онро пешниҳод мекунем:

Рӯйи варақи якум

Бад-ин гуна Рустам то дарвозаи шаҳр аз пайи эшон тохт. Бисёре аз поймоли (?) ӯ мурданд. (Ва) ҳазорон (тан) ...гардиданд. Чун ба шаҳр даромаданд, дарвозаҳоро бубастанд. Рустам бо сарфарозии бисёр бозгашт ва ба сабзазоре неку шуд. Ва зин аз аспи хеш баргирифт. Ва (вайро) ба чаро раҳо кард. (Ва) худ ҷомаи ҷанг биканд (?) ва хӯрданӣ бихӯрд. Ва сер шуду бисот (?) бигустарид. Ва биёромиду хоб рафт.

Девон фароҳам... рафтанд ва бо ҳам чунин гуфтанд, ки бузург зиштӣ ва бузург шармсорӣ бар мо, ки як тана саворе моро чунин дар шаҳр маҳбус доштааст. Чӣ бояд кард? Ё ҳама бимирем ва ба поён оем ва ё аз шоҳон кин хоҳем. Девон бо фароҳам сохтани хеш оғоз ниҳоданд. Ва созу барги гарон (фароҳам сохтанд). Бо заработи (?) сахту гарон. Дарвозаҳоро кушуданд. Бисёре аз девон... ва бисёре савор бар гардуна, бисёре савор ба пил, бисёре савор бар... бисёре савор бар хук, бисёре савор бар рӯбоҳ, бисёре савор бар

саг, бисёре савор бар мор, бисёре савор бар сӯсмор, бисёре пиёда ва бисёре паррон чун каргас мерафтанд. Ва низ бисёре божгуна сар бар замин ва поҳо ба боло. То замоне дароз (роҳ мепаймуданд). Борону барфу тагарк бармеангехтанд. Ва ғавғо карданд. Ва оташ ва шуъла ва дуд ба по сохтанд. Ва ба ҷустуҷӯи Рустами диловар рафтанд.

Он гоҳ Рахш гарм дид (?) биёмад ва Рустамро бедор кард. Рустам хобро бигзошт. Ва чолок ҷомаи пӯсти паланг бипӯшид ва камондон бибасту ба Рахш бар омад ва ба сӯйи девон рӯй намуд. Чун Рустам аз дур сипоҳи девон бидид, Рахшро чунин гуфт... кам тарс...

Рӯйи варақи дуюм

Агар девон ба сӯйи марғзор... Рахш пазируфт. Он гоҳ Рустам ба суръат бозгашт. Чун девон бидиданд, боргони худро тез пеш ронданд. Он гоҳ сипоҳи пиёда бо ҳам чунин гуфтанд: ”Акнун ҷуръати солор шикаста шуд, дигар ба набарди мо бар нахоҳад хост. Ӯро фурӯ магузоред, низ ӯро набалъед. Балки ҳамчунон зинда бигиред, то ӯро уқубати бисёр сахт ва шикананда диҳем”. Девон якдигарро дил доданд, ҳамагӣ ғирев баркашиданд ва ба таъқиби Рустам рӯй оварданд. Он гоҳ Рустам бозгашт ва ба сӯйи девон рӯйовар шуд. Чун шери дижам, (ки) ба сӯйи нахчир (рӯй орад). Чун диловар... рама монанди шоҳин рӯй... [8, с.410].

Дар баробари ин, мо бо гузоштани арҷ ба риояи ҳуқуқи муаллиф тарҷумаи соли 1979-и Бадруззамони Қарибро ҳам пешкаши хонандагон мекунем. Тарҷумаи Бадруззамони Қариб яқинан бо такя ба тарҷумаи соли 1976-и англисии Сеймс Вилямс анҷом ёфтааст, ки дар он ҳама тасҳеҳҳои то онвақтаи матни асли суғдӣ ба эътибор гирифта шуда буд. Ин нуктаро худи хонум гуфтаанд ва афзудаанд, ки Сейсм Вилямс аз маслиҳати В. Ҳеннинг ва эроншиноси дигар Иля Гершевич (1914-2001), ки зодаи Россия мебошад, баҳра ҳам гирифта буд [6, с.5].

Ва инак ҳарфгардони ҳамин тарҷума:

Рӯйи варақи якум, Китобхонаи миллии Париж:

Девон ҳамон дам ба шаҳр гурехтанд. Рустам ҳамчунон ба дунболи онҳо то дарвозаи шаҳр рафт. Бисёре аз поймол шудан мурданд. Як ҳазор (тан) бо заҳмат тавонистанд ба шаҳр дароянд. Дарвозаҳоро бастанд. Рустам бо некномии бузург баргашт. Ба чарогоҳи неку рафт, истод, зин баргирифт, аспро дар сабза раҳо кард. Ҷома даровард, ғизое хӯрд, сер шуд. Бистаре густурд, дароз кашид, ба хоб рафт.

Девон дар анҷуман ба шӯр истоданд ва ба якдигар чунин гуфтанд: “Бузург зиштӣ буд ва бузург шармсорӣ аз сӯйи мо, ки аз як тана савор чунин ба шаҳр паноҳ барем. Чаро наҷангем? Ё ҳамагӣ бимирем ва нобуд шавем ва ё кини худоён хоҳем. Девон онон, ки аз ҷанг ҷон ба дар бурда буданд, бо созу барги гарони силоҳи нируманд муҷаҳҳаз шуданд. Бо шитоби фаровон дарвозаи шаҳрро кушоданд. Бисёр камонгир, бисёр гардунасавор, бисёр пилсавор, бисёрӣ савор бар... бисёрӣ савор бар хук, бисёрӣ савор бар рӯбоҳ, бисёрӣ савор бар саг, бисёрӣ савор бар мор ва сӯсмор, бисёрӣ пиёда, бисёрӣ дар ҳоли парвоз монанди каргас ва хаффош мерафтанд ва бисёрӣ вожгун сар ба поин ва поҳо ба боло. Ғарше баркашиданд (ва) замоне дароз борон, барф, тагарг (ва) тундари бузург барангехтанд. Даҳонро боз кушуданд (у) оташ, шуъла, дуд раҳо сохтанд ва ба ҷустуҷӯи Рустами диловар раҳсипор шуданд. Он гоҳ омад Рахши тезҳуш ва Рустамро бедор кард. Рустам аз хоб бархост, дарҳол ҷомаи пӯсти паланг пӯшид. Тиркашдон барбаст. Бар Рахш савор шуд. Ба сӯйӣ девон шитофт. Чун Рустам аз дур сипоҳи девонро дид, ба Рахш чунин гуфт: “Биё эй сарвар, кам-кам бигурезем, коре кунем, ки девонро ба сӯйӣ ҷангал...

Рӯйи варақи дувум, Музеи Британия

бикашонем. Рахш писандид. Ҳамон дам Рустам ба ақаб баргашт. Вақте девҳо чунин диданд, фавран ҳам сипоҳи савора ва ҳам пиёда ба пеш тохтанд. Ва ба якдигар гуфтанд:”Акнун иродаи сардор шикаста (ва) дигар бо мо ба пайкор нахоҳад пардохт. Ҳаргиз раҳояш накунед, ӯро набалъед, балки ҳамчунон зинда бигиред, то ӯро танбеҳи дарднок ва шиканҷаи сахт нишон диҳем”. Девон якдигарро сахт барангехтанд. Ҳамагӣ фарёд баркашиданд ва аз пайи Рустам равон шуданд. Дар он ҳангом Рустам бозгашт ва бар девон ҳамла бурд чун шери дижам бар нахчир ва ё кафтор бар галаи рама ва ё шоҳин бар харгӯш ва ё хорчасп бар аждаҳо... [6, с.3-4].

Матнҳое, ки ҳарфгардони тарҷумааш оварда шуд матнҳое мебошанд, ки пештар аз асри I мелодӣ навишта шудаанд. Матн мантиқан оғози ривоятӣ надорад, зеро маълум нест, ки Рустам дар кадом ҷанг девонро рӯ ба гурез овард. Матн зоҳиран аз муваффақияти Рустам дар набарде бо девон нақл мекунад. Матн анҷом ҳам надорад. Афтидааст.

Мо шояд тавонем бо эҳтимоли қавӣ бигӯем, ки ин матни суғдӣ яке ва ҳатто ягона матне мебошад, ки дар китобатҳои бахши асотирии худойномаҳое ҷой дошта буда бошад. Матн ба таъкиди Эҳсони Ёршотир ва муҳаққиқони дигар матнест, ки дар шарқи минтақаи густариши забонҳои эронии миёна нигошта шудааст ва аз ҳамин минтақа маншаъ мегирад. Далелҳое, ки метавонем пешниҳод кунем, ҳоло аз инҳо иборат мебошанд:

1. Дар китобати “Авасто”, ки мусалламан дар минтақаи ғарбии густариши забонҳои эронӣ сурат гирифтааст ва сарчашмаҳо ба забони паҳлавӣ, бино ба таъкиди муҳаққиқон номи Рустам инъикос наёфтааст. Аммо дар “Таърихи Арманистон”- и Мовсес Хоренатси сарчашмаи асри V, ба бовари Бадруззамони Қариб номи Рустам омадааст [6, с.6]. Аз ин рӯ метавон таъкид кард, ки яке аз номи симоҳои асоси бахши қаҳрамонии “Шоҳнома”-и безавол бори нахуст дар дастнависи суғдӣ вомехӯрад, ки умри на камтар аз ду ҳазорсола дорад.

2. Девон дар эътиқоди асотирии эрониёни қадим мавқеи доштанд ва шояд аз ҳамин нигоҳ яке аз насқҳои расидаи “Авасто” “Вандидод” (қонун ба муқобили девон) ном гирифтааст [10, с.469-617].

2.1. Ба эътиқоди асотирие, ки дар “Шоҳнома” низ инъикос ёфтааст ва Фирдавсӣ бевосита ба рукни асосии омӯзиш – саводи навиштан – овардааст, ҳунари навиштан дар замони подшоҳи афсонавӣ Таҳмурас падари Ҷамшед аз девон ба инсон гузаштааст. Ва шояд аз ин тасаввур бошад, ки ҷойи ё ниҳоди аҳли навиштанро “девон” ҳам гуфтаанд. Девон, ки Таҳмурас асирашон гирифта, буд ба шарти озодӣ аз банд:

“Набиштан ба хусрав биёмӯхтанд,
Дилашро ба дониш барафрӯхтанд”.

Дар идомаи ҳамин байт ҳаким Фирдавсӣ ба як бор ба таомул даромадани наздики сӣ хатро аз қабили румиву тозиву порсию суғдию чинию паҳлавӣ қайд мекунад ва меафзояд, ки ин хатҳоро ҳам девон ба Таҳмурас омӯхта буданд. Дар ин росто мебояд дар мадди назар дошт, ки Фирдавсӣ асари, ба истилоҳ, бадеӣ менавишт ва ё ҳамин гуна асарро то ҷое ба риштаи назм мекашид. Бинобар ин ӯ вазифадор набуд, ки дар замонҳои “пеш аз Нуҳи набӣ” нависад, ки хатти суғдӣ, ё тозӣ буд, ё набуд. Ба назари мо байтҳои:

“Набишта яке на, ки наздики сӣ,
Чи румӣ, чи тозиву чи порсӣ,
Чи суғдӣ, чи чиниву чи паҳлавӣ,
Нигоридани он куҷо бишнавӣ” [11, Ҷ.1, с.49].

аз он далолат мекунанд, ки Фирдавсӣ ба хатҳои машҳури замони худ ё замони сарчашмаҳои худ ишора карда, мехоҳад гӯяд, ки пешомади ин хатҳо низ, бино ба ривояти афсонавии манбаи ӯ, дар замони Таҳмурас пайдо шуда буданд.

3. Дар “Таърихи Табарӣ” номи Рустам, ки таҳиягари нашри интиқодии ин сарчашма аллома Муҳаммад Абулфазли Иброҳим дар феҳристи китоби “رستم الشديد Рустами гурд”-аш мегӯяд, ҳамагӣ чаҳор бор ёд шудааст [12].

4. Дастнависи расидаи суғдӣ бо чанд далел пайванди мантиқии бевосита ба манбаъҳои “Шоҳнома” ва худи ҳамосаи миллӣ дорад:

4.1. Сужаи ҷанги Рустам бо девон яке аз сужаҳои то ҳадде густурда дар “Шоҳнома” мебошад. Чунончи аз “Ҳафтхон”-и (корнамоии) Рустам ду набард бевосита бо девон сурат мегирад. Рустам дар хони шашум бо Аржангдев ва дар хони ҳафтум бо деви Сафед ҷанг мекунад. Ҷанги Рустам бо Аквондев як достони на чандон бузурге дар “Шоҳнома” аст, ки дар 179 байт гуфта шудааст. Дар ҳамин достон ишора ба палангина чунин омадааст:

“Баросуду бикшод банд аз миён,
Бари чашма бинҳод бабри баён” [11, Ҷ.2, с.77, 81; Ҷ.4, с.278].

4.2. Дар пораматни суғдӣ чунон ки дар ҳар ду тарҷума ҳам ба мушоҳида мерасад, Рустам пас аз набард либосу аслиҳаи ҷангии худро бадар мекунад, то хушк шавад ва худи ӯ ором гирад. Дар “Шоҳнома” дар хони панҷуми Рустам чунин манзара низ ҷилвагар шудааст:

“Бурун кард бабри баён аз бараш,
Ба хай андарун ғарқа буд миғфараш.
Бигустурд ҳарду абар офтоб,
Ба хобу ба оромиш омад шитоб” [11, Ҷ.2, с.69-70].

4.3. Дар хони шашум, вақте Рустам ба ҷанги Аржангдев меравад, боз ҳамон кӯлоҳу палангинаи худро мепӯшад:

“Яке миғфари хусравӣ бар сараш,
Хай олуда бабри баён бар сараш” [11, Ҷ.4, с.129].

5. Бино ба мушоҳидаи шоҳномашиноси муосир Ҷалол Холиқии Мутлақ бар пояи нашри интиқодии Маскав, “ҷомаи пӯсти паланг”, ки бо номи “бабри байон” ҳам маъруф аст, дар “Шоҳнома” ҳашт бор дучор меояд. Ба назари Мутлақ ин палангина “ба оташ тобовар, обногузар, сиёҳранг ва яқинан пашмдор” буд. Эҳтимол, Холиқии Мутлақ ин сифати палангинаро аз байтҳои зерини “Шоҳнома” гирифтааст, ки дар тафсилоти Достони Комуси Кашонӣ омадааст:

“Яке ҷома дорад зи чарми паланг,
Бипӯшад ба бар, андар ояд ба ҷанг.

Ҳаме ном бабри баён хонадаш,
Зи хафтону ҷавшан фузун донадаш.
Насӯзад дар оташ, на аз об тар
Шавад, чун бипӯшад, барояд-ш пар” [11, Ҷ.2, с.77].

Месазад таъкид кард, ки ин достон назари устод Худоӣ Шарифзодаро ҷалб карда буд ва шодравон таҳлили онро дар бисту чанд саҳифа дар китоби “Достонҳои бузурги “Шоҳнома”и Фирдавсӣ” баёни пешаварона кардаанд [13, с.168-191]. Он, ки Рустам дар матни суғдӣ “ҷомаи пӯсти паланг” пӯшида буду дар “Шоҳнома” низ чунин абзори ҷангӣ мепӯшиданд, бешубҳа аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мо ба пешомади матнҳои ҳамосаи миллӣ сару коре дорем.

Дар бахши “Подшоҳии Каюмарс” абзори “палангина” се бор омадааст. Худи Каюмарс палангина мепӯшад:

“Сари тахту бахташ баромад зи кӯҳ,
Палангина пӯшид худ бо гурӯҳ”

ва он, ки дев низ чунин абзор дошт:

“Яко-як биёмад хуҷаста сурӯш,
Ба сони парие палангинапӯш”.
Сиёмак писари Каюмарс ҳам, вақте ки ба ҷанги дев меравад:
“Бипӯшид танро ба чарми паланг,
Ки ҷавшан набуд он гаҳ оини ҷанг” [11, Ҷ.1, с.36, 37, 38].

6. Пас аз Фирдавсӣ дар “Луғати фурс”-и Асадии Тӯсӣ шарҳи “бабри баён” ба гунаи зерин омадааст: “Пӯшидание аз салаби ҷанг Каён доштандӣ ва гуфтандӣ Ҷаброил овардааст, аз биҳишт”. Сипас Асадӣ аз Фирдавсӣ шоҳиди зеринро зикр кардааст:

“Таҳамтан бипӯшид бабри баён,
Нишаст аз бари аждаҳои жиён” [14, с.387].

Тақрибан ҳама маънӣ ва истифодаҳои ибораи “бабри баён”-ро дар ҳазор соли пас аз вафоти Фирдавсӣ аллома Алиакбари Деххудо (1879-1956) дар “Луғатнома” бе баёни назари худ, холисона овардааст.

7. Абзори палангина, ки бори аввал дар пораматни суғдӣ омадааст, дар адабиёт ва хосса адабиёти ҳамосавӣ яқинан мақоме доштааст. Беҳуда нест, ки шоири (ва арбоби давлатии) тавонои гурҷӣ Шота Руставели номи достони муътабри худро “Паҳлавони палангинапӯш” гузоштааст. Бо ҳама фарзияҳо, ки дар атрофи ин достон гуфтаанд, эътирофи худи Руставели дар чаҳорсатраҳои достон, ки қиссаро аз форсиён гирифтааст, далели қотеъ боқӣ мемонад [15, с.22].

8. Бо ин ҳама чун “Шоҳнома”, агар қавли Саййидоро ба таъбири дигар ифода кунем “мавҷҳо дорад, баҳри беканор аст ин”, дар яке аз “мавҷҳо” ривоятеро ғунҷонидааст, ки “бабри баён” палангина намебошад. Муҳаққиқи эронӣ Ризо Ғафурӣ дар мақолаи “Набарди Рустам бо Патёра, ривояти дигар аз “бабри баён” [14, с.387] матнеро аз яке аз дастнависҳои “Шоҳнома” ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки дар он абзори маъруфи Рустам аз чарми паланг дониста намешавад. Он матн ба назари Саҷҷоди Ойдинлу аз 414 байт иборат буда, илҳоқӣ мебошад ва дар яке аз дастнависҳои “Шоҳнома”, ки дар Музеи Британия (ҳоло Китобхонаи миллии Британия) нигоҳ дошта мешавад, омадааст. Мувофиқи матн Рустам дар замони подшоҳии Манучеҳр бо (патёра) деви аждаҳогунае, ки “Бабри баён” ном дорад, “набард мекунад ва аз пӯсти он пираҳани разм месозад:

“Пас аз офарин кардани анҷуман,
Бифармуд пас Рустами пилтан.
Ки дар кандани пӯсташ тохтанд,
Аз он пӯст пироҳане сохтанд.

Дастхате, ки матн дар он омадааст, солҳои 1246\1249-и ҳичрии қамарӣ (1831-1834) китобат шудааст. Дар назари аввал, шоҳиде, ки Асадии Тӯсӣ дар бобати бабри баён овадааст, метавонад ба палангина набудани абзори ҷангии подшоҳон ва Рустам то ҷое далолат кунад *(Нишаст аз бари аждаҳои жиён)*. Бо ин ҳама Ойдинлу бо чор далел аз Фирдавсӣ ва далел аз пораматни суғдӣ инкор мекунад, ки “бабри баён” аз пӯсти дев ё аждаҳо дӯхта шуда бошад” [17, с.5]. Рустам на як бор бо аждаҳо ҷангидааст. Дар “Шоҳнома” хони севуми Рустам аз ҷанги ӯ бо аждаҳо ҳикоят мекунад. Мантиқан бино ба устураи “Шоҳнома” Рустам дар охирҳои подшоҳии Манучеҳр (ки саду бист сол буд), таваллуд шудааст. Подшоҳии Манучеҳр дар “Шоҳнома” чопи Душанбе дар 2031 байт омадааст. Манучеҳр писари Фаридун буд ва дар мифологияи эронӣ Фаридун то ҷое ҳазрати Нӯҳро (а) дар исроилиёт мемонад. Ӯ низ олами боқӣ аз Заҳҳокро ба се бахш карда буд: ба Салм Тур ва Эрач. Чун ҳазрати Нӯҳ (а) олами боқӣ аз тӯфонро ба Сому Ҳому Ёфас... Таваллуд ва айёми кӯдакии Рустам дар “Шоҳнома”, чопи Душанбе, дар 342 байт омадааст. Бино ба фарозу нишеби интернет дар мифологияи ҷаҳонӣ шояд Рустам

нахустин кӯдак бошад, ки бо роҳи ҷарроҳии қайсарӣ ба дунё омадааст ҳам худаш ҳам Рӯдоба зинда мондаанд. Ҷарроҳии қайсариро муъбаде кардааст. Тафсилоти зинда доштани Рӯдоба, ки Фирдавсӣ овардааст, худ як қиссаест гуфтанӣ, аммо дар ҷойи дигар... Рустам ҳангоми охирҳои подшоҳии Фаридун, ки мантиқан наврас буд, яке “пили сапед”-ро куштааст. Ин фил фили ҷангӣ буд ва дар ҷангҳо аҳаммияте дошт. Дигар қалъаи кӯҳи Сипандро фатҳ мекунад [11, Ҷ.1, с.364-374]. Дар бахши Фаридуни “Шоҳнома” сухане аз набарди Рустам бо деви аждаҳогунае нарафтааст.

9. Он, ки Рахш зикр шудааст вай ёру ёвари Рустам дар матни суғдӣ тасвир шудааст, бовари моро ба пораи ҳамосавӣ будани ин ёдгории суғдӣ қавитар мегардонад. Интихоби Рахш дар “Шоҳнома” қиссае дорад. Хулоса чунин аст, ки аз аспҳои Зобулистон ва Кобулистон ҳеҷ аспе наметавонад аз зӯри дасти Рустам ба замин ба шикам назанад:*”Зи неруи ӯ пушт кардӣ ба ҳам, Ниҳодӣ ба рӯи замин бар шикам”*. Магар модиёни сафеду хокистарранг (хинг), ки синаи шер дошту лингҳои кӯтоҳ ва чанд сифати шоистаи дигар [11, Ҷ.1, с.449]. Дар ривояти Саолибӣ то панҷоҳ ҳазор аспҳоро илова ба Зобулистону Кобул “аз Қашмиру Эроншаҳр” ҳам оварда буданд ва Рустам асперо аз аспҳои Кашмир, ки Рахш буд, лоиқ донист [18, с.142]. Ба ривояти Фирдавсӣ [11, Ҷ.6, с.443] ва Саолибӣ [18, с.381-382] Рахш метавонист Рустамро аз марг наҷот диҳад, вале зарби тозиёнаи Рустам маҷбураш кард то, бо Рустам ба чоҳи шоҳи Кобул сарозер равад…

Бино ба таҳқиқоте, ки, аз ҷумла дар шарқшиносии шӯравӣ, шумор надорад, суғдиён мардуми эронизабон аз асри VI пеш аз мелод то асри X мелодӣ нақши иқтисодӣ ва фарҳангии чашмрасе дар дарозои Шоҳроҳи бузурги абрешим доштанд. Забони суғдӣ дар ин Шоҳроҳ нақши, ба таъбири Пело, забони муошарати бозаргононро - Lingua franca- ро дошт [19, с.448]. Дар Хитои пешин дар он шонздаҳ аср суғдиҳо на танҳо чун бозаргонони тавоно эътироф шудаанд, балки аз худ мероси хаттии шоиста низ боқӣ гузоштаанд [20]. Ин мерос ғолибан мероси оинӣ мебошад, ки, албатта, истисноҳо дорад. Баробари матнҳои оинии буддоӣ, монавӣ, зардуштӣ ва масеҳӣ ёдгориҳое ҳам мондаанд, ки хусусияти динӣ надоранд. Ва яке аз чунин ёдгориҳо ба таваҷҷуҳи хонандагон пешкаш шуд...

А Д А Б И Ё Т

1. Noldeke Theodor. Ҳамосаи миллии Эрон / Theodor, Noldeke; тарҷумаи форсии Бузурги Алавӣ. Чопи сеюм. - Теҳрон, 1949. - С.35-36.
2. Куҳантарин “Шоҳнома”-и Фирдавсии ҷаҳон дар китобхонаи Флоренсияи Италия www.manuscript.ir.
3. Roper Geoffrey. Дастнависҳои исломӣ дар ҷаҳон / Geoffrey, Roper; тарҷумаи арабии Абдуссаттор ал-Ҳалавчӣ. - Лондон, 1997. - Ҷ.I. - С.512; - Ҷ.IV. - С.565.
4. Исфаҳонӣ, Ҳамза. Таърих синӣ мулуки-л-арзи ва-л-анбиё / Ҳамзаи Исфаҳонӣ. - Нусхаи интернетии соли 2011 аз нашри интиқодии Лейден. - С.16-17.
5. Зоҳидов Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX / Н.Зоҳидов. - Душанбе, 2014. - С.207-210.
6. Б. Қариб. Рустам дар ривоёти суғдӣ / Қариб, Б. www.amordad.net - С.3-4, 5, 6
7. Ғафуров. Б.Г. Таджики / Б.Г. Гафуров. – Москва: Наука, 1972. - С.282-283,
8. Ёршотир Эҳсон. Рустам дар забони суғдӣ / Эҳсони Ёршотир // маҷаллаи “Меҳр”. - Соли 8. - Соли1331 (1953). - № 7. - С.409, 410
9. Розенберг Ф.А. Согдийские “старые письма” / Ф.А. Розенберг // Известия АН СССР. – 1932. – С.445-469; Лившиц В.А. Согдийские “Старые письма” / В.А. Лившиц. www.orientalstudies.ru. - С.173-176.
10. Авасто. - Душанбе, 2014. – С.469-617.
11. Фирдавсӣ. “Шоҳнома”. - Душанбе, 1964. - Ҷ.1. – С.36, 37, 38, 49(байтҳои 44-46), 364-374, 449; - Ҷ.2. - С. 69-70, 77, 81; - Ҷ.4. - С.129, 278; - Ҷ.6. - С.443.
12. Табарӣ Муҳаммад ибни Ҷарир. “Таъриху-р-русули ва-л-мулук” / Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. - Қоҳира, 1979. - Ҷ.X. феҳрист.
13. Шарифзода, Худоӣ. Достонҳои бузурги “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ / Худоӣ Шарифзода. - Душанбе, 2018. - С.168-191.
14. Тӯсӣ, Асадӣ. Луғати фурс / Асадии Тӯсӣ. - Теҳрон, 1941. - С.387.
15. Руставели, Шота. Витязь в тигровой шкуре / Шота Руставели. - Петербург, 2002. - С.22.
16. Ғафурӣ, Ризо. “Набарди Рустам бо Патёра, ривояти дигар аз “бабри баён” / Ризо Ғафурӣ. - Матншиносии адаби форсӣ, давраи шаш, шумораи се, тирамоҳи 2015. - С.75-88. www.rpll.ui.ac.ir
17. Ойдинлу Саҷҷод. www.ensani.ir “Рӯйкарди дигар ба “бабри баён” дар “Шоҳнома”/ Ойдинлу Саҷҷод // Номаи порсӣ, соли 4. - № 4. - С.5.
18. Саолибӣ, Абу Мансур. Ғурару ахбори мулуки-л-фурси ва сияриҳим / Абу Мансур Саолибӣ. - Матни интиқодии Ҳ.Зотенберг, нусхаи интернетӣ. - С.142, 381-382.
19. Розенберг Ф.А. Согдийские “старые письма” / Ф.А. Розенберг. - С.448.
20. Étienne de la Vaissière. Sogdians in China. www.silkroadfoundation.org

ҚАДИМТАРИН ПОРАҲОИ ДАСТХАТИ “ШОҲНОМА”

Яке аз сарчашмаҳои хитоӣ ишорае кардааст, ки суғдиён “чанде аз солномаҳои таърихӣ доранд”. Ва гӯё ба дурустии ҳамин қавл дар мағораи Ҳазор буддои мавзеи Дунхуан, ки дар шимоли қисмати марказии Хитои имрӯза дар музофоти Гансу воқеъ мебошад, ду пораматни суғдӣ ёфт шудааст, ки ба чанд далел ба ҳамосаи милии халқҳои эронӣ пайванде дорад. Пораи аввалро, ки аз як варақ иборат мебошад, соли 1900 шарқшиноси фаронсавӣ Пол Пело кашф кардааст. Ин пора ҳоло дар Китобхонаи миллии Париж нигоҳ дошта мешавад. Пораи дуюм, ки бешубҳа давоми пораи якум мебошад ва инчунин, аз як варақ иборат аст, соли 1907 ба фазли кофтукови шарқшиноси англис Аурел Стейн пайдо шудааст. Ин пора ҳоло дар музеи

Британия нигоҳ дошта мешавад. Шояд месазад ишора кард, ки Стейн дар ҳамон Мағораи Дунхуан ҳамон сол чанд номаи суғдиро низ пайдо намуда буд, ки солҳои 312-313 навишта шудаанд. Ҳарду параматн ба забонҳои аврупоӣ ва инчунин ба забони форсӣ тарҷума шудаанд. Бори аввал ба форсӣ ин ду параматнро соли 1953 донишманди фозил Эҳсони Ёршотир ва бори дигар соли 1976 мутахассиси забони суғдӣ Хонум Бадруззамони Қариб тарҷума намудаанд. Бо далелҳои зерин метавон гуфт, ки нахуст дар матн сухан дар бораи кадоме аз ҷангҳои Рустами гурд бо девон меравад. Аз "Шоҳнома" маълум аст, ки Рустам на як бор бо девон ҷанг кардааст. Дигар дар ҷанг Рустам ҷомаи палангина "бабри баён" мепӯшад. Ин абзор дар "Шоҳнома" борҳо зикр шудааст. Номи аспи Рустам Рахш низ таъкид шудааст. Ин ҳама аз он метавонад гувоҳӣ диҳад, ки мо шояд ба ягона дастхати яке аз шоҳнома ва ё худойномаҳо сару кор дорем, ки ба яке аз забонҳои миёнаи эронӣ – суғдӣ навишта шудааст. Ва маълум ҳам ҳаст, ки то замони мо ҳеҷ гуна матни шоҳнома на ба забони паҳлавӣ ва на тарҷумае ба забони арабӣ нарасидааст.

Калидвожаҳо: Дунхуан, Хитой, "Шоҳнома", Рустам, Рахш, дев, ҷанг, Пело, Стейн, номаҳои суғдӣ, Париж, Британия.

ДРЕВНЕЙШИЕ ФРАГМЕНТЫ РУКОПИСИ " ШАХНАМЕ"

В предлагаемой статье предпринята попытка анализа древнейшего фрагмента рукописи неизвестного науке шахнаме или худайнаме, сохранившийся внутри рукописи буддийского трактата "Вессантара джатака" на согдийском языке в пещере Тысячи будд в Дуньхуане, в провинции Ганьсу на севере цетральной части современного Китая. Рукописи "Вессантара джатака" и нашим фрагментам не менее двух тысяч лет. Первый фрагмент был обнаружен французской экспидицией в 1900 году Полем Пельо, а второй в 1907 году английским востоковедом Аурелом Стейном. Там же Стейном были обнаружены известные науке Старые согдийские письма, сочиненные в 312-313 годах. Установлено, что первый фрагмент, ныне хранящийся в Национальной библиотеке Парижа, представляет из себя начала сюжета о завершении сражения богатыря Рустама с дэвами. Он состоит из одного листа. Второй фрагмент, хранящийся в Британском музее, также состоит из одного листа и, в сущности, является продолжением первого листа. В статье приведены переводы этих двух фрагментов на фарси, выполненные Ихсаном Яршатиром и Бадруззаманом Карибом в 1953 и 1976 годах, соответственно. В статье небезуспешно доказывается, что фрагменты имеют непосредственное отношение к национальному эпосу иранских народов в согдийском его изложении. При этом было принято во внимание и то указание китайского источника, что у согдийцев имелись "некоторые исторические летописи". Что касается доводов, вытекающих из самих фрагментов, то они сводятся к следущему. Рустам - главный богатырь "Шахнаме", его конь называется Рахш. Рустам в "Шахнаме" несколько раз сражается с дэвами. Он носил боевой защитный костюм, сшитый из тигровой шкуры – бабри баён.

Ключевые слова: Дуньхуан, фрагменты, "Шахнаме", Рустам, Рахш, тигровая шкура, сражение с дэвами, согдийцы, согдийский язык, Китай.

THE OLDEST FRAGMENTS OF THE MANUSCRIPT "SHAHNAME"

The proposed article attempts to analyze the oldest fragment of a manuscript unknown to science, shahnam or hudainam, preserved inside the manuscript of the Buddhist treatise "Vessantara jataka" in Sogdian in the cave of the Thousand Buddhas in Dunhuang in Gansu province in the north of central central China. The manuscripts of Vessantar Jataka and our fragments are at least two thousand years old. The first fragment was discovered by the French expedition in 1900 by Paul Peliot, and the second in 1907 by the English orientalist Aurel Stein. There, Stein discovered the old Sogdian letters known to science, composed in 312-313. The first fragment, now stored in the National Library of Paris, is the beginning of the plot about the end of the battle of the hero Rustam with the Devas. It consists of one sheet. The second fragment, stored in the British Museum, also consists of one sheet and is essentially a continuation of the first sheet. The article presents translations of these two fragments into Farsi made by Ihsan Yarshatir and Badruzzaman Karib in 1953 and 1976, respectively. In the article it is unsuccessfully proved that the fragments are directly related to the national epic of the Iranian peoples in its Sogdian presentation. At the same time, the indication of the Chinese sources that the Sogdians had "some historical records" was taken into account. As for the arguments arising from the fragments themselves, they boil down to the following. Rustam is the main hero of "Shahnameh", his horse is called Rahsh. Rustam in the "Shahnam" several times fights with the devas. He wore a military protective suit, made of tiger skin - Babri Bayen.

Key words: Dunhuang, fragments, "Shahnameh", Rustam, Rakhsh, tiger shukra, battle with the devas, Sogdians, Sogdian language, China.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Юлдошев Абдулло Қурбонмаматович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **romish2004@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 939-91-49-49**

Сведения об авторе: ***Юлдошев Абдулло Курбонмаматович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории таджикской литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail**: romish2004@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 939-91-49-49**

Information about the authors: ***Uldoshev Abdulla Kurbonmamatovich*** – Tajik National University, candidate of philology, associate professor department of the history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **romish2004@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 939-91-49-49**

УДК:891.550:93

«МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ»-И БАДОУНӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АДАБӢ-ТАЪРИХӢ

Пӯлотов Н.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Сарзамини бостонии Ҳиндустон таърихи ҳазорсоларо доро буда, ба олами адаб як зумра шоирону адибон ва донишмандони беҳамто, амсоли Масъуди Саъди Салмон, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Файзии Даканӣ, Фонии Кашмирӣ, Ғании Кашмирӣ, Бедили Деҳлавӣ, Зебуннисо ва дигаронро додааст, ки бо таълифу тадвини осори хеш дар адабиёти форсизабони Ҳинд мақоми барҷаста доранд.

Яке аз ин гуна донишманди номӣ Абдулқодир ибни Мулукшоҳ ибни Ҳомиди Бадоунӣ ба шумор рафта, вай шоир, муаррих ва мутарҷими беназири дарбори Акбаршоҳ (1556-1605) буда**,** дар радифи шайх Абулфайз ибни Мубораки Ногурӣ, Абулфазли Алломӣ, Ғазолӣ, Коҳӣ, Нақибхони Қазвинӣ, Ҳаким Ҳумоми Гелонӣ, Осафхони Қазвинӣ, Мулло Татаи Ҳиндӣ ва дигарон яке аз бузургтарин ашхоси аҳди хеш маҳсуб меёфтааст. Дар ин мақола оид ба аҳволу осори тарҷумавӣ ва арзиши адабии ҷилди аввали «Мунтахаб-ут-таворих» рӯҷӯъ хоҳем кард.

Бадоунӣ аз шахсиятҳои соҳибэҳтирому бонуфузи дарбори Акбаршоҳ ва маъруфи илмии қарни худ буда, шарҳи ҳоли ӯ дар асари «Мунтахаб-ут-таворих» ба тафсил омадааст. Вай 21 августи соли 1540 дар Навдеҳ таваллуд ёфта, айёми ҷавонӣ ва таҳсилоташро дар зодгоҳаш гирифта, муддате дар Санбҳал иқомат карда, аз суҳбати Шайх Ҳотами Санбаҳлӣ баҳравар гардидааст. Ҳамчунин, дар назди устодони бузурги замони худ, чун Сайид Муҳаммади Маккӣ, Шайх Саъдуллоҳи Наҳвӣ, Қозӣ Абулмаолӣ, Шайх Ҳотами Санбаҳлӣ, Шайх Мубораки Ногурӣ (падари Абулфазли Алломӣ ва Файзии Файёзӣ - Н.П.) ва дигарон сабақ омӯхтааст. Вай дар илмҳои гуногуни роиҷи замонаш дониши зиёд дошта, дар сарфу наҳви форсиву арабӣ, забони санскриту ҳиндӣ, арӯз, илоҳиёт, тафсир, фиқҳ, таърих ба мартабаи устодӣ расида буд. Муаллифи «Хизонаи омира» дар ин маврид қайд менамояд, ки «Шайх Абдулқодири Бадоунӣ ҷомеи фунуни фазоил буд ва дар таърихнависӣ салиқаи шигарф дошт» [10, с.323].

Ӯ ба бисёр шаҳрҳову мамлакатҳо сафар намуда, дар шаҳрҳои Агра ва Басовар зиндагӣ карда, зимни иқомат дар Агра тавассути Ҳаким Айнулмулки Шероз бо императори Ҳинд Ҷалолиддин Муҳаммад Акбаршоҳ (1556-1605) шинос шуда, дар яке аз сафарҳояш дар хидмати дарбори ин шоҳи фарҳангдӯст қарор мегирад [3, с.5].

Ҳангоми хизмат дар даргоҳи Акбаршоҳ фаъолияти Бадоунӣ чун таърихнигор ва мутарҷим аз забонҳои арабӣ ва санскрит ривоҷ ёфта, аз тарафи Акбаршоҳ ба дастгириҳои хеле зиёд дучор шуда, ҳатто ба унвонҳои баландӣ дарборӣ мушарраф гардидааст, ки дар ин бора Забеҳулло Сафо чунин зикр мекунад «... дар соли 987/1579 дубора ба симати муншӣ ба дарбор боз гашта ва дар зимни мансаби ҳазорӣ ба ӯ додаанд ва маъмури китобҳои забони санскрит ва таълифи китобҳои дигар шуда» [7, с.360].

Бадоунӣ баробари эҷоди шеър дар назм «Қодирӣ» тахаллус мекардааст, ки оид ба ин масъала Ҳусайнқулихони Азимободӣ дар тазкираи «Наштари ишқ» маълумоти судманд дода, чанд абётро барои намуна аз эҷодиёти ӯ овардааст [12, с.1252].

Дар радифи ин, Абдулқодири Бадоунӣ аз донишмандони пуркори замони хеш маҳсуб ёфта, таълифоти зиёде аз худ боқӣ гузоштааст. Ин муаррихи беназир 5–уми ноябри соли 1596 дар Агра аз олам чашм пӯшидааст.

Ҷалолиддин Муҳаммад Акбаршоҳ ба осори бостонии ҳиндӣ дилбастагии зиёд дошт ва бо дастури ӯ ҳама китобҳои динию адабии Ҳиндустон ба форсӣ тарҷума карда мешаванд. Дар Агра бо амру эҳтимоми Акбар барои тарҷума ва тадвини осори динию фалсафӣ ва адабию фарҳангии мардуми ҳинд як муассисае бо номи «Доруттарҷима» таъсис дода мешавад, ки дар он донандагони забонҳои санскрит, ҳиндӣ, арабӣ, форсӣ ҷалб карда мешаванд ва дар миёни эшон Абдулқодири Бадоунӣ низ қарор дошт.

Бо роҳбарӣ ва иштироки Абдулқодири Бадоунӣ аз забони санскрит якчанд китобҳои қадими ҳиндӣ, аз қабили «Маҳабҳарата», «Рамаяна», «Баҳр-ул-асмор», «Таърихи Кашмир», «Синкҳосинтабасӣ» («Номаи хирадафзо»), «Катҳасаритасагара» ба забони форсӣ тарҷума карда мешаванд.

Бадоунӣ аз забони арабӣ аҳодиси набавиро бо номи «Китоб-ул-аҳодис» соли 978/1570 ба забони шевои форсӣ тарҷума карда, нусхае ба Акбаршоҳ эҳдо намудааст [7, с.359; 13, с.320].

Аз ҷумлаи тарҷумаҳое, ки ӯ аз забони арабӣ ба забони форсӣ ба қалам додааст, ин «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ мебошад, ки тарҷумаи онро соли 999/1591 ба поён расонидааст.

Бадоунӣ дар ҳаммуаллифӣ бо дигар нависандагону уламо чанд китоби ҳиндиро ба форсӣ тарҷума намудааст, ки яке аз он китоби маъруфи ҳиндувон **«Маҳабҳарата»** маҳсуб меёбад [3, с.320]. Ин асар бо дастури Ҷалолуддин Акбар тарҷума шуда, соли 1582 бо номи «Размнома» анҷом пазируфтааст [7, с.359; 13, с.320].

Аз рӯйи маълумоти Бадоунӣ мутарҷими асосии ин китоби маъруфи ҳамосавии «Маҳабҳарата» чаҳор нафар: Нақибхон, Мулло Шерӣ, Султонҳоҷӣ Таҳонисарӣ ва Бадоунӣ будаанд, ки дар ин маврид чунин гуфтааст: «… доноёни Ҳиндро ҷамъ карда, ҳукм фармуданд (яъне Акбаршоҳ), ки китоби «Маҳабҳарата»-ро таъбир мекарда бошанд…» [3, с.320].

Ғайр аз тарҷумаи «Маҳабҳарата» Бадоунӣ соли 1584 ба тарҷумаи «Рамаяна» маъмур гашта, онро соли 1589 ба анҷом расонидааст.

Ҳамчунин, аз рӯйи маълумоти тазкираи «Наштари ишқ»-и Азимободӣ тарҷумаи китоби дигари ҳиндӣ бо номи «Даваса Путҳӣ» аз ҷониби Бадоунӣ анҷом гирифтааст [12, с.1251].

Дигар асарҳои ҳиндӣ, ба монанди «Синкҳосан Батисӣ», ки марбут ба таърих аст («Номаи хирадафзо» – Н.П.), «Роҷа Тарангинӣ» («Таърихи Кашмир») аз ҷониби Мавлоно Абдулқодири Бадоунӣ сурат гирифтааст. Тарҷумаи «Таърихи Кашмир»-ро Бадоунӣ соли 1589 ба итмом расонид, аммо аз рӯйи маълумотҳо он аз ҷониби Акбаршоҳ мақбул нагардидааст [3, с.374].

Тарҷумаи «Роҷа Тарангинӣ»-аз ҷумлаи қадимтарин таърихи шоҳон ва сарварони Кашмир ба шумор меравад. Ҷалолиддин Акбаршоҳ зимни яке аз сафарҳои худ ба сарзамини биҳиштосои Кашмир бо китоби «Роҷа Тарангинӣ» ошно гашта, таваҷҷуҳи хешро бештар ба китоби мазкур равона намуда, супориш медиҳад, ки он ба забони форсӣ тарҷума карда шавад. Бадоунӣ дар соли 1591 онро мувофиқи супориши шоҳ тарҷума менамояд.

«Баҳр-ул-асмор», ки бори нахуст бо дастури Зайнулобиддин шоҳи Хонӣ (ҳукм. 820-872/1418-1467) аз забони санскрит ба форсӣ тарҷума шуда буд. Ин тарҷума ноқис буда, Бадоунӣ бо дастури Акбаршоҳ соли 1003/1595 онро дар муддати панҷ моҳ аз нав тарҷума кардааст.

«Номаи хирадафзо», яъне «Синкҳосан Батисӣ»-ро, ки ба забони санскрит таълиф шудааст, Бадоунӣ байни солҳои 1574-1581 ба забони форсӣ бо фармони Ҷалолуддин Акбар тарҷума намуд. Номҳои қадимтари ин асар ба санскрит «Симҳосанд Вотримшотӣ» ва «Викрам Чортирам» мебошанд. Мавзӯи асосии асар иборат аз шарҳи корҳои Викрама ё Викрамадито мебошад, ки Акбар ба шунидани он мароқи зиёд дошт.

Аз рӯйи маълумоти маъхазҳои адабӣ Бадоунӣ асари «Атҳарваведа»-ро ба забони форсӣ тарҷума намудааст.

Бадоунӣ донандаи хуби забони арабӣ буда, ба ғайр аз асарҳои ҳиндӣ, инчунин дар тарҷумаи асари Ёқути Ҳумавӣ «Ҷомеъ-ут-таворих», қисматҳои интихобие аз асари «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ саҳми бузург гузоштааст.

Абдулқодири Бадоунӣ, ҳамчунин як асари дигаре дар ҳадис фароҳам сохта буд, ки мусаммо ба «Наҷот-ур-рашид» аст. «Наҷот-ур-рашид», китобест дар мавзӯи ахлоқ, таърих ва тасаввуф, ки аз ҷониби Бадоунӣ соли 1591 таълиф шудааст ва нусахи хаттии асари мазкур дар китобхонаи Бангола маҳфуз буда, он бори аввал соли 1972 дар Лоҳур нашр гардидааст.

Ғайр аз ин, Бадоунӣ дар радифи дигар донишмандони аҳди хеш дастҷамъона бо супориши Акбар дар таълиф ва тарҷумаи «Таърихи алфӣ», ки оид ба таърихи ислом аз замони Муҳаммад (с) аст, ширкат доштааст. Воқеоту рухдодҳои ин асари азим таърихи пурмуҳтавои вақоеъ ва ҳаводиси олами ислом то реҳлати Паёмбари Акрам то соли фармоиши он, яъне то соли 993//1585 ва таърихи Арабистон, Эрон, Ҳиндустон, Осиёи Сағир, Африқои Шимолӣ ва кишварҳои дигари исломро дар бар мегирад.

Аз маълумотҳои Бадоунӣ бармеояд, ки дар навиштани «Таърихи алфӣ» нависандагони зиёде на камтар аз 30 нафар маъмур будаанд.

«Таърихи алфӣ» асосан аз 3 ҷилд: ҷилди аввал дарбаргирандаи воқеот аз соли реҳлати пайғамбар то инқирози сулолаи Уммавиён (132 қ.// 749), ҷилди дувум аз даврони ҳукумати Аббосиён то оғози ҳукумати Ғозонхон (694қ.//1294) ва ҷилди сеюм аз тоҷгузории Ғозонхон то ҷулуси императори Ҳиндустон Ҷалолиддин Акбаршоҳ иборат аст.

Аз таълифоти муҳимтарини Абдулқодири Бадоунӣ **«Мунтахаб-ут-таворих»** аст, ки мусанниф онро дар байни солҳои 999-1004/1590-1595-96 таълиф намудааст. Ин асар бо номи **«Таърихи Бадоунӣ»** низ дар байни аҳли улум ва таҳқиқ маъруфият дошта, таърихи

Ҳиндустонро аз оғози салтанати Ғазнавиён, то замони зиндагии муаллиф (солҳои 90 асри XVI) дар бар мегирад.

«Мунтахаб-ут-таворих» аз ҷумлаи асарҳои мондагори инъикоскунандаи фарҳангу маданияти Ҳинд буда, ба гуфтаи Тавфиқ Субҳонӣ «… *нахустин таърихи форсии Ҳинд аст*» [Бад. Ҷ.1, 7].

Ин асар аз муқаддима, 10 табақаю хотима иборат буда, дарбаргирандаи матолибе пиромуни сулолаҳои Ғазнавиён, Ғуриён, Ғуломон, Хилҷиён, Туғлуқиён, Лудиён, Суриён, Темуриён аз Бобур то Ҳумоюн ва Ҷалолиддин Акбар аст. Асари мазкур иборат аз се ҷилд аст. Бадоунӣ, ки ба истилоҳоти Акбаршоҳ сахт мухолиф буд, «Мунтахаб-ут-таворих»-ро бо мақсади ёдгорие барои наслҳои оянда гузоштан, навиштааст.

Охирин чопи сангии ин асар ба солҳои 1868 рост меояд, ки дар Калкутта ба тасҳеҳи Каптон Виллиям Носулис ва Муншӣ Аҳмад Алӣ Соҳиб ва эҳтимоми Каптон Соҳиб Мавсуф ба вуҷуд омадааст.

Соли 1959 асари мазкур бо муқаддимаи Тавфиқ Субҳонӣ дар Теҳрон ба табъ расидааст.

Ҷилди аввали «Мунтахаб-ут-таворих» фарогири муқаддима, ки бо ҳамди Худованду наъти Паёмбар (с) ва хулафои рошидин оғоз ёфта, дар он воқеаву ҳаводиси марбут ба адвори гуногуни ислом, футӯҳоти мусалмонон дар Ҳиндустон (аз Носируддин Сабуктегин то Ҳумоюн) ва рухдодҳои ин сарзамини афсонавӣ то ҷулуси Ҷалолиддин Акбаршоҳ бо сабаби таълифи асар ва даҳ табақа;

Табақаи аввал: Таърихи Ҳинд аз Сабуктегин то Хусрав мулук (367-582); табақаи дувум: Таърихи Ғӯриён аз Ғиёсиддин Муҳаммад то қатли Муизуддин Муҳаммади Ғӯрӣ (552-602); табақаи савум: Таърихи мамолик (ғуломон) аз Қутбуддини Уйбек то азли Шамсуддин Кайковус (602-689); табақаи чаҳорум: Таърихи Халаҷиён аз Ҷалолуддини Халаҷӣ то қатли Мубораки Халаҷӣ (689-720); табақаи панҷум: Таърихи Туғлуқиён аз Султон Ғиёсуддини Туғлуқ то султон Маҳмуди Туғлуқ (720-817); табақаи шашум: Таърихи Содот аз Сайид Хизрхон то Сайид Алоуддин (817-855); табақаи ҳафтум: Таърихи Лудиён аз Баҳлули Лудӣ то қатли Иброҳими Лудӣ (855-932); табақаи ҳаштум: Таърихи Темуриён давраи аввал аз Бобур то ихроҷи Ҳумоюн аз Деҳлӣ (932-947); табақаи нуҳум: Таърихи Суриён аз тасаллути Шерхони Сурӣ бар Деҳлӣ то суқути Суриён (947-962); табақаи даҳум: Таърихи Темуриён аз бозгашти Ҳумоюн то чиҳилумин соли салтанати Акбар (962-1004) зикр ёфтаанд.

Сарчашмаи асосии ин бахш чуноне ки худи Бадоунӣ дар асараш зикр кардааст, осори таърихие аз қабили «Табақоти Акбарӣ»-и Низомуддин Аҳмад, «Таърихи Муборакшоҳӣ»-и Яҳё бинни Аҳмад бинни Абдуллоҳ Сарҳиндӣ, «Низом-ут-таворих» ва «Луб-ут-таворих» мебошанд [2, с.6-7].

Ҷилди дуюми «Мунтахаб-ут-таворих» ба баёни аҳволи чиҳилсолаи Акбаршоҳ ибтидо ёфта, бо номи «Зикри ҷулуси Ҷалолуддин Муҳаммад Акбарподшоҳ бар сарири ҳарири салтанат» оғоз ёфта, ба воқеаҳои он давр бахшида шудааст. Аз лиҳози таърихӣ ин ҷилди асар муҳимтарин бахш ба шумор меравад, зеро дар он воқеаву ҳаводиси сиёсию иҷтимоии замони салтанати Акбар, аз ҷумла тариқи ҳукумати Акбар, ҳайсияти риҷоли дарбор, чигунагии ороъ ва андешаи динию мазҳабии шоҳу шоҳзодагон ва мансабдорони воломақом, эҷоди дини навини Акбар ва чигунагии он, муносибати дарбориён бо адёни Акбарӣ ва ғайра бисёр муъҷазу дақиқ ва баъзан муфассалтар баён карда шудаанд [3].

Ҷилди савуми «Мунтахаб-ут-таворих» як навъ тазкираи ҷудогонаю мустақил буда, муҳимтарин бахш маҳсуб ёфта, дар он маълумоти бисёр ва муфид дар хусуси шарҳи ҳоли шайхон, донишмандон ва илму адаби аҳди Акбаршоҳ оварда шудааст, ки ин қисмат таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунад [4].

Як хусусияти ҷолиби ин бахши асари гаронарзиш иборат аз он аст, ки дар он ҷуз аз шоирону суханварони тамомии риҷоли салтанатӣ, ҳокимону соҳибмансабони сӯбаҳои гуногуни Темуриёни Ҳинд, ки ба форсӣ шеър гуфтаанд ва ё истеъдоди шоирӣ доштаанд, қайд гардида, оид ба ҳар яке маълумоти хуб оварда шудааст.

Мусанниф дар қисматҳои асари хеш маълумоти пурқиматро пиромуни аҳволу рӯзгор ва ашъори шуаро, удабои зерин овардааст: Айюб, Нодири Самарқандӣ, Фироқӣ, Вафоӣ, Фориғӣ, Хоҷа Ҳусайни Марвӣ, Амин Аҳмади Розӣ, Турдии Рӯда, Байрамхон, Пир Муҳаммади Шарвонӣ, Каломи Чағатоӣ, Мазҳари Кашмирӣ, Солеҳи Ҳиравӣ, Вуқӯи Нишопурӣ, Олими Кобулӣ, Аниси Ироқӣ, Ашрафхон, Бақоӣ, Даври Ҳиравӣ, Бекаси Шуштарӣ, Мушфиқӣ, Содиқи Самарқандӣ, Қосим Арслони Машҳадӣ, Ваҳшӣ, Вуқӯи Ҳиравӣ, Ғазоли Машҳадӣ, Ҷаъфари Қазвинӣ, Зуҳурии Туршезӣ, Нуриддин Тархон, Давоӣ, Коҳӣ, Малики Қумӣ, Майлӣ, Назири Нишопурӣ, Ниёзии Астарободӣ, Сарфи Совачӣ, Сабӯҳӣ, Саноии Машҳадӣ, Урфии Шерозӣ, Файзӣ, Фикрӣ, Шикебои Исфаҳонӣ ва ғайра. Бахусус, муаллиф ҳангоми зикри шуарои аҳди Акбар сараввал доир ба

маликушшуарои аҳди Акбаршоҳ - Ғазолии Машҳадӣ, сипас оид ба Қосими Коҳӣ, Хоҷа Ҳусейни Марвӣ ва Қосим Арслон тавоққуф намуда, баъд дигар шуарои форсизабонро мувофиқи тартиби алифбо паиҳам зикр карда, ҳунари шоирӣ ва шеваи баёни эшонро мавриди истифода қарор додааст.

Табақаи аввал унвони «Ғазнавиён»-ро доро буда, ба Султон Носириддини Сабуктегин (997-998) то Хусрав Малик (1160-86), ки дар муддати 215 сол дар ин сарзамини афсонавӣ ҳукмронӣ карда, дини исломро ҷорӣ кардаанд, бахшида шудааст. Нигорандаи асар дар ин табақа зикри шуарое, аз қабили Манучеҳрӣ, Масъуди Саъдӣ Салмон, Абулфараҷи Рунӣ, Ҳаким Саноӣ намуда, аз эҷодиёти онҳо барои намуна чанд ашъор овардааст [2, с.5-45].

Табақаи дувуми асар унвони «Ғӯрия»-ро доро буда, Ғӯриён сулолаи султонҳои вилояти кӯҳии Ғӯр, ки солҳои 1148-1206 ҳукмронӣ ва давлати Ғӯриёнро ташкил кардаанд, бахшида шудааст. Асосгузори сулолаи Ғӯриён Сайфиддин ибни Иззуддини Ҳусайн (аз хонадони Сурӣ) буд [2, с.46].

Давлати Ғӯриён дар аҳди Ғиёсуддин Муҳаммад (ҳукмр. 1203-1206) қариб тамоми хоки ҳозираи Афғонистон, Синд, Панҷоб, Банорас ва дигар вилояту шаҳрҳои Ҳиндустонро зери тасарруфи хеш дароварда, шаҳрҳои Фирӯзкӯҳ ва Ғазнаро пойтахти худ эълон менамояд. Ин сулола дар натоиҷи муборизаи бо Хоразмшоҳиён суст гардида, дар соли 1206 барҳам хӯрдааст.

Мусанниф дар радифи зикри салотин дар ҷилди аввали кутуби таърихӣ, ҳамзамон дар мавриди Фахриддини Розӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Бадри Чочӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ, Қозӣ Заҳири Деҳлавӣ ва қасоиди ӯ, зикри ҷамоли Канбуи Деҳлавӣ, сабаби азимати Бобурподшоҳ ба Ҳинд, ба зикри Шайх Зайнхони Хофӣ, Мавлоно Бақоӣ, Мавлоно Шаҳобиддини Муаммоӣ, ихтирои хатти бобурӣ, Насриддин Муҳаммад Ҳумоюнподшоҳи Ғозӣ, валодати Ҷалолиддин Акбаршоҳ, мулоқоти Ҳумоюнподшоҳ бо Шоҳ Таҳмосп, зикри Мавлоно Ҷануби Бадахшӣ, Шайх Зайниддин Вафоӣ, Мавлоно Нодири Самарқандӣ, Шайх Абдулваҳоби Шерози Фориғӣ, Хоҷа Аюби Моваруннаҳрӣ мухтасар сухан ронда, аз ҳаёту эҷодиёти онҳо маълумот овардааст [2, с.46-480].

Нигорандаи асар зимни зикри Султон Муҳаммад бинни Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки «Ҷалолуддавла» лақаб дошт, суханронӣ намуда, дар осори адабӣ ба «Маҳмуди Зобулӣ» ишора рафтани ӯ ҳарф зада, абёти Ҳаким Фирдавсиро дар ин маврид оварда, оид ба кордониву хиради вузарои маҳмудӣ - Маймандӣ сухан рондааст [2, с.10].

Пиромуни Султон Баҳромшоҳ бинни Масъуд бинни Иброҳим мулаққаб ба «Яминуддавла» (1117-1153) ҳарф зада, дар бораи маддоҳи дарбори ӯ Ҳаким Саноӣ ва китоби «Калила ва Димна» маълумот оварда, оид ба «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Шайх Саноӣ суханронӣ кардааст, ки он арзиши адабӣ ва таърихиро дорост [2, с.43]. Ҳамзамон, нигорандаи асар шеъри мадҳиявии шоири номвари нимаи дувуми асри XI ва авоили асри XII Масъуди Саъди Салмон, ки бо Ғазнавиён пайванд дошт ва талхиву ширинии зиёдро аз салотини онон чашидааст, барои намуна овардааст [2, с.43].

Яке аз симоҳои намоёни асар ин Заҳируддин Муҳаммад Бобурподшоҳи Ғозӣ маҳсуб ёфта, баъд аз он ки бар тахти салтанат ҷулус мефармояд, оламро ба доду даҳш зебу фарри дигар дода, ҷаҳонро гулистон месозад, ки роҷеъ ба ин масъала муаллифи асар дар ибтидои фасле ҳарф задааст.

Мусанниф зимни фатҳу футӯҳот ва корнамоии Бобур сухан ронда, роҷеъ ба марги ӯ низ бо овардани абётҳо ақидаронӣ кардааст.

Салтанати ӯ чӣ дар вилояти Моваруннаҳр ва Бадахшону Кобул ва Қошғар ва чӣ дар Ҳиндустон 37 сол давом кардааст ва дар синни 12-солагӣ ба дараҷаи салтанат расида будааст ва Хоҷа Калонбег дар марсияи ӯ ин байт гуфтааст:

Бе ту замонаю фалак бемадор ҳайф,
Бошад замонаю ту набошӣ ҳазор ҳайф [2, с.342].

Фузалои замони Бобур Мирзо - Шайх Зайни Хонӣ «Воқеоти Бобурӣ»-ро, ки он подшоҳ навишта буд, ба иборати балеғ тарҷума карда, дар ин маврид шеъре гуфтааст, ки муаллиф онро барои намуна меовард [2, с.346].

Як хусусияти ҷолиби муҷаллади «Мунтахаб-ут-таворих» дар он аст, ки дар он ҷуз аз шоирону суханварони тамомии риҷоли салтанатӣ, ҳокимону соҳибмансабони савбаҳои гуногуни Темуриёни Ҳинд, ки ба форсӣ шеър гуфтаанд ва истеъдоди шоирӣ доштаанд, зикр карда шуда, роҷеъ ба жанри муаммо, ки нуфузи худро дар аҳди Темуриёни Ҳинд пайдо карда, дар осори муаррихон ва адибони Шибҳи қора басо назаррас буд ва тавассути он як қатор масоили норавшани адабиёт ва ҷараёни зиндагӣ, футӯҳот, рухдодҳои сиёсии он адворро пайдо кардан мумкин аст, ҳарф зада шудааст.

Мавлоно Қосими Кохӣ муаллифи муаммои «**Ҳумоюн подшоҳ аз бом уфтод»** [2, с.466] доир ба фавти ҷаннатошёнӣ-Ҳумоюнподшоҳ, падари Акбар мебошад.

Нисбати мисраи *«Эй, оҳ подшоҳи ман аз бом афтод»*, ки дар таърих низ машҳур аст, нигорандаи асар маълумот додаст [2, с.466].

Муаммои дигари Қосими Коҳӣ **«Подшоҳ Комрон ба Каъба бимурд»** буда, ба фавти Мирзо Комрон бахшида шуда, ба набардҳои байни фарзандони Заҳируддин Бобур Мирзо вобастааст [2, с.452].

Мусаннифи асар нисбати шоире аз Бадахшон **Мавлоно Ҷануби Бадахшии Муаммоӣ** низ маълумот дода, вобаста ба ифодаи матолиб аз эҷодиёти ӯ намуна овардааст [2, с.469-470]. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо вай аз навоҳии Ишкошими Қундуз буда, дар Самарқанд таҳсил карда, сипас ба Ҳирот сафар намудааст. Тӯли 30 сол дар хидмати Мир Алишери Навоӣ қарор дошта, якчанд рисолаҳо доир ба муаммо эҷод кардааст.

Бадоунӣ зикр менамояд, ки дар Бадахшон Мавлоно Ҷануби Бадахшӣ аст, ки қасидаи маснавии 38 байт ба номи подшоҳ ғуфронпаноҳ (яъне Ҳумоюнподшоҳ) суруда ва ин матлаъ ва байт аз он аст:

Шаҳаншоҳо, рухи ту лолаю насрин лаби ту ҷон,
Ҳамебинам лаби ту ғунчарангин шуда хандон,
Намегӯям хати ту сабзаю райҳон худи ту гул,
Шавад зоҳир қади ту фитнаи даврон, дами ҷавлон [2, с.469].

Бадоунӣ зикр менамояд, ки агар ҳашви ду байти собиқро ба сурхӣ нависанд, ин матлаъ мешавад, ки ба се баҳр тавон онро хонд:

Рухи ту лолаю насрин, хати ту сабзаю райҳон,
Лаби ту ғунчаи рангин қади ту фитнаи даврон [2, с.469].

Ё, агар ба акс хонанд ҳам, матлаъ ба се баҳр мешавад ва тағйири қофия ва радиф бо ин тариқ аст:

Хати ту сабзаю райҳон, рухи ту лолаю насрин,
Қади ту фитнаи даврон, лаби ту ғунчаи рангин [2, с.470].

Пиромуни **Шайх Зайниддин Хофӣ,** ки бо тахаллуси **Вафоӣ** машҳур буд, яке аз хешовандони Абулвоҷиди Хофӣ маҳсуб ёфта, дар Ҳиндустон садри мустақили Бобурподшоҳ ба шумор мерафт, Бадоунӣ сухани нек ироа намуда, қайд кардааст, ки «соҳиби камолоти маънавӣ… аст ва дар муаммо, бадеҳа шеъру соир ҷузъиёти назму ансо беқаринаи замони худ буд» [2, с.471]. Аз эҷодиёти ӯ нигорандаи асар 1 қитъа 2 байт барои намуна овардааст [2, с.470-472].

Дигар аз шуарои он аҳд **Мавлоно Нодири Самарқандӣ**, ки аз наводири рӯзгор ва фозил буд, маҳсуб меёфт. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо шоир дар Самарқанд тавлид шуда, дар атрофи он шуҳратёр гаштааст. Бадоунӣ хеле кӯтоҳ, вале ҳамчун ашхоси донишманд ӯро ёдрас карда, қайд намудааст, ки шоир ба зебосанаме бо номи Низом ошиқ буда, дар васфи ӯ шеър эҷод карда будааст [2, с.472].

Як ғазалу рубоӣ, ду қитъа ва қасидае, ки он шомили 19 байт буда, ба номи ғуфронпаноҳ Ҳумонподшоҳ гуфта шуда буд, барои ифодаи матлаб аз тарафи Бадоунӣ оварда шудааст, ки он аз шоири боистеъдод будани ӯ шаҳодат медиҳад [2, с.473- 475].

Дар «Мунтахаб-ут-таворих» нисбати шуарои номдори он аҳд **Шайх Абулвоҷиди Фориғӣ**, ки бағоят дарвешмашраб буда, ба ширинзабонӣ машҳур гаштааст, низ маълумот оварда шудааст. Шайх писари Воҷиддин Хофӣ буда, ба Ҳинд бо мурури замон ҳичрат намуда, аз наздикони Бобурподшоҳ ва Ҳумоюн қарор мегирад. Аз рӯйи маълумоти маъхазҳои адабӣ вай шоири боистеъдод буда, шахси донишманд маҳсуб ёфта, шеърҳои пурмазмун эҷод мекардааст. Мусаннифи асар 6 байт ва 1 ғазал барои намуна аз ашъори ӯ овардааст [2, с.475-477].

Вафоти Форигӣ дар соли 940/1533-34 буда, дар хонақоҳ пеши Шайх Зайн дар Агра мадфун гаштааст ва аз ғояти иттифоқ ва ҳамҷиҳатӣ ҳар ду дар як сол аз олам чашм пӯшидаанд. Нақл мекунанд, ки замоне, ки ҳар ду бузургвор мутаваҷҷеҳи Ҳиндустон шуда, дар бисоти худ ғайр аз куҳнапӯсте, дигар чизе бо худ надоштанд.

Ҳамзамон, муаллифи асар дар бораи макони тавлиди баъзе шуаро ва зиндагии онҳо маълумоти судманд овардааст, ки ин гуна иттилоотро мо дар дигар осори таърихии он давр низ мушоҳида карда метавонем. Масалан, нисбати **Ҷоҳии Ятмон** [2, с.477-480] муаллифи асар маълумот оварда, ишора кардааст, ки аслан ӯ аз музофоти Бухоро буда, бо мурури замон ба Кобул сафар карда, зимни таваҷҷуҳи Ҳумоюн ба ҷониби Ҳинд мулозимат намуда, ба дараҷаи эътибори ғуфронпаноҳ расидааст, ки худ оид ба ин масъала дар қасидае ишорат намудааст. Ҷоҳӣ боре дар маҷлиси баҳс ширкат варзида, қасидаеро, ки нав эҷод карда буд, дар ҳузури Ҳумоюн қироат мекунад, ки мақтаъи он чунин буд:

В- он кас, ки ба хаёли шуаро биситезад,
Ҳар ки бо мо биситезад, ба бало биситезад [2, с.478].

Ҳумоюнподшоҳ, ки худ истеъдоди хуби шоирӣ дошта, ба форсӣ шеър мегуфт, ба мисраи охир дахолат карда, ба гуфтаи Абулфазли Алломӣ «халлоқи маонӣ ва меъёри нуктадонӣ» [1, с.221] буд, фавран ба Ҷоҳии Ятмон мегӯяд:

Ҳар ки бо мо биситезад, бо Худо биситезад [2, с.478].

Дар «Мунтахаб-ут-таворих» як абёту 2 ғазал, 1 қасида ва 2 рубоӣ аз ашъори ӯ оварда шудааст [2, с.480].

Бадоунӣ роҷеъ ба соли вафоти Ҷоҳӣ низ суханронӣ карда, қайд менамояд, ки марги ӯ дар соли 954/1546-47 бо сабаби захре, ки ғуломи Ҷоҳӣ дар косааш андохта буд, вобаста аст.

Ҳайдари Тунёнӣ низ аз шуарои овозадори аҳди Ҳумоюн буда, ҳамасри ин шоҳи одил маҳсуб меёфт [2, с.480-482]. Бадоунӣ авсофи ӯро оварда, зикр менамояд, ки «марде аҳл ва дар водии нағма бебадал буд. Салиқа ба шеър ва мусиқӣ муносиб дошт, аксар авқоти худро дар Ҳинд ба сар будааст» [2, с.481]. Муаллифи асар чанд рубоӣ ва 2 байт аз ашъори ӯ барои намуна овардааст [2, с.482].

Дигар шоир ин шоҳ **Тоҳирхонди Даканӣ** аст, ки бародари хурдии шоҳ Ҷаъфар ва уламои салафи Ироқ маҳсуб меёфт [2, с.482-487]. Дар китоби «Комил-ут-таворих»-и ибни Асирии Ҷазрӣ ва «Лаб-ут-таворих»-и Қозӣ Яҳёи Қазвинӣ ӯ худро аз хешони Шоҳ Таҳмосп зикр кардааст.

Қасида ба миқдори 30 байт дар васфи Ҳумоюн эҷод карда, ки матлаи онро Бадоунӣ барои намуна овардааст:

Дар ғами ободи ҷаҳон айш аз дил ношод рафт,
Хӯ ба ғам кардем чандоне, ки айш аз ёд рафт [2, с.483].

Дигар шуарои номдори он аҳд **Хоҷа Аюб ибни Хоҷа Абулбарака** аст, ки аз бузургзодагони Мовароуннаҳр маҳсуб меёфт [2, с.487- 491]. Вай фарзанди қозии самарқандӣ Хоҷа Абулбарака буда, дар эҷоди ашъор гоҳе «Аюб», гоҳе «Фироқӣ» тахаллус мекард ва ин ғазал намуна аз ӯст:

Эй шохи гул, ки ҳамчу маҳе қад кашидаӣ,
Бар гирди лаб хате зи зумрад кашидаӣ.
Қадат баромада чу алиф мадзала,
В-аз абрӯвони фар аз алиф мад кашидаӣ
Бар ҳарфи дигарон зада қураъи қабул,
Бар ҳарфи ошиқон қалам рад кашидаӣ.
Ташвиш мекашӣ, макаш эй нақшбанди чин,
Набуд чу чашму зулфаш агар сад кашидаӣ.
Аз давлати висоли Фироқӣ тамаъ мабар,
Ҷавру ҷафои ёр чу беҳад кашидаӣ [2, с.489].

Тарҷумони «Маҷолис-ун-нафоис» Ҳаким Шоҳ Муҳаммад Қазвинӣ ин ғазали Абулбаракаро саҳван дар фасле оид ба писари ӯ Аюб овардааст [8, с.536].

Аюб шоири хеле боистеъдод буда, аз ӯ шеърҳои зиёде ба тариқи пароканда дар сарчашмаҳои адабӣ боқӣ мондааст.

Мусаннифи асар дар баробари пиромуни ҳаёту зиндагии шоир маълумот овардан, роҷеъ ба хислати фардии Хоҷа Аюб низ таваққуф намуда, дар бораи хӯи зишти ӯ ёдрас шуда, абётеро аз эҷодиёти ӯ дар ин маврид оварда, қайд кардааст:

Хӯи бад дар табиате, ки нишаст,
Наравад ҷуз бо вақти марг аз даст [2, с.490].

Бадоунӣ дар шеъргӯӣ маҳорату табъи равон доштани Аюбро зикр карда, аз ашъори ӯ барои намуна 10 абёт, 1 қитъа, 1 ғазал ва як байт аз қасоиди ӯ овардааст [2, с.487- 490].

Дар ниҳоят метавон, ба хулосае расид, ки хидмати Бадоунӣ дар пешрафти ҳаёти адабӣ, илмии Ҳиндустони авохири асри XVI хеле назаррас буда, вай аз мумтозтарин донишмандон ва мутарҷимони барҷастаи дарбори Акбаршоҳ маҳсуб ёфта, дар ҷойгоҳи таърихнигории форсу тоҷик мақоми шоистае дорад.

Осори таърихии ӯ қимати баланди адабӣ ва таърихӣ дошта, дар шинохти аҳвол ва ашъори шуарои шинохташуда ва ё аз назарафтодаи доираи адабии Темуриёни Ҳинд мавқеи махсус дорад. Кутуби таърихии Бадоунӣ дар равшан кардани лаҳзаҳои таърихии қарни XI-XVI Ҳиндустон, бозгӯи зиндагиномаи муаллиф, шинохти равобити эҷодии ӯ бо муосиронаш, ҳамнишиниаш бо шоҳу арбобони мазҳаб ва уламои замон дорои арзиши фавқулодаи илмӣ буда, таҳқиқи он барои кашфи уфуқҳои тозаи шеъру адаби форсӣ дар шибҳи қораи Ҳинд мусоидат хоҳад кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Алломӣ, А. Ойини Акбарӣ. Ҷилди аввал. Тарҷумаи Мавлавӣ Муҳаммад Фидоалии Соҳиб Толиб / А.Алломӣ. – Ҳайдаробод, 1357. - 576 с.

2. Бадоунӣ, Абдулқодир Мулукшоҳ Мунтахаб-ут-таворих / Абдулқодир Мулукшоҳ Бадоунӣ; ба тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмад Алии Соҳиб ва эҳтимоми Кабируддин Аҳмад. Ҷ.1. - Калкутта, 1868. – 492 с.
3. Бадоунӣ, Абдулқодир Мулукшоҳ. Мунтахаб-ут-таворих / Абдулқодир Мулукшоҳ Бадоунӣ; ба тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмад Алии Соҳиб; бо муқаддима ва изофоти Тавфиқ Субҳонӣ. Ҷ.2. – Теҳрон, 1380. – 407 с.
4. Бадоунӣ, Абдулқодир Мулукшоҳ. Мунтахаб-ут-таворих / Абдулқодир Мулукшоҳ Бадоунӣ; ба тасҳеҳи Мавлавӣ Аҳмад Алии Соҳиб ва бо муқаддимаву изофоти Тавфиқ Субҳонӣ. Ҷ.3. – Теҳрон, 1380. – 344 с.
5. Донишномаи адаби форсӣ. Адаби форсӣ дар Шибҳи қора (Ҳинд, Покистон, Бангладеш). Ҷ.4. Бахши I. - Теҳрон, 1380. - 921 с.
6. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Ҷ.41. / Аиакбари Деҳхудо. – Теҳрон, 1335. – 654 с.
7. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон. Ҷ.1. / Саид Нафисӣ. - Теҳрон, 1344. - 664 с.
8. Норик, Б.В. Биобиблиорафический словарь среднеазиатской поэзии (XVI – первая треть XVII в.) / Б.В. Норик. – М., 2011. - 972 с.
9. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. Ҷ.5. / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – 636 с.
10. Саидҷаъфаров О. Вазъи сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII / О. Саидҷаъфаров. - Душанбе, 2014. - 479 с.
11. Субҳонӣ, Тавфиқ. Нигоҳе ба таърихи адаби форсӣ дар Ҳинд / Тавфиқ Субҳонӣ. - Теҳрон, 1377. – 724 с.
12. Ҳусейнқулихон, Азимободӣ. Наштари ишқ / Азимободӣ Ҳусейнқулихон; ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфидо. Ҷ.IV. - Душанбе: Дониш, 1986. - С.1173-1496.
13. Ҳордӣ. Бадоунӣ. Донишномаи ҷаҳони ислом. Ҷ.2. – Теҳрон: Бунёди доиратул-маорифи исломӣ, 1375. – С. 461-463.

«МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ»-И БАДОУНӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АДАБӢ-ТАЪРИХӢ

Мақола ба баррасии аҳволу осори Абдулқодири Бадоунӣ ва «Мунтахаб-ут-таворих»-и ӯ ихтисос ёфтааст. Тазаккур рафтааст, ки Бадоунӣ (1540-1596) аз донишмандони пуркори авохири асри XVI Ҳиндустон мебошад, ки бо асари гаронмояи худ ва тарҷумаҳои осори қадими ҳиндӣ дар ривоҷу равнақи илму адабиёти форсизабони Ҳиндустон саҳми арзанда гузошта, барои насли оянда асарҳои зиёдеро муаррифӣ ва тарҷума намудааст. Ҳамчунин дар мақола, доир ба асари таърихии Бадоунӣ «Мунтахаб-ут-таворих» изҳори назар шуда, муаллиф хотирнишин менамояд, ки ин асари пурбор асосан аз 3 муҷаллад иборат буда, дарбаргирандаи матлабе пиромуни сулолаҳои Ғазнавиён, Ғуриён, Ғуломон, Хилҷиён, Туғлуқиён, Лудиён, Суриён, Темуриён аз Бобур то Ҷалолиддин Акбар аст ва бо мақсади ёдгорие гузоштан барои наслҳои оянда, навишта шудааст. Муаллифи мақола нахуст аз аҳаммияти таърихӣ ва адабии осори мавҷуди Бадоунӣ ёд намуда, сипас, дар хусуси табақаҳои асар ва ҳунари шоирии суханварон маълумот оварда, ба ин натоиҷ мерасад, ки асар сарчашмаи муҳимми адабиётшиносӣ маҳсуб ёфта, дар бобати шуаро ва удабои адвори Темуриёни Ҳинд иттилооти судманд медиҳад.

Калидвожаҳо: муаррихи ҳиндустонӣ, мутарҷим, китобҳои қадими ҳиндӣ, сарчашмаи адабӣ, тахаллуси шоирона, ҳокимони мусулмони Ҳиндустон, асари таърихӣ.

«ИЗВЛЕЧЕНИЕ ИЗ ИСТОРИЙ» БАДАУНИ КАК ИСТОРИКА - ЛИТЕРАТУРНОГО ПАМЯТНИКА

Статья посвящена изучению жизни и творческого наследия Абдал-Кадиру Бадауни, в частности его произведения «**Извлечение из историй**». Отмечается, что Бадауни (1540-1596) является одним из историков позднего периода правления Акбара, который своими ценностными сочинениями и переводческими работами из древнеиндийской литературы, внес большой вклад в популяризацию индийской литературы и представлению ее будущим читателям. В статье в ходе анализа исторического сочинения Бадауни- «Извлечение из историй», автор отмечает, что произведение историка состоит из 3 томов и содержит ценные сведения о династии Газневидов, Гуридов, Гулямов, Хильджи, Тоглукидов, Лоди, Сури, Тимуридов, от Бабура до Джалалиддина Акбара и с этой точки зрения представляет большую ценность для будущих поколений. Автор, рассматривая историко-литературное значение произведений Бадауни, предоставляет информацию о разделах произведения и поэтическом мастерстве литератора и на этой основе приходит к выводу, что произведение летописца является важным историко-литературным источником, предоставляющим важную информацию о персоязычных поэтах и писателяхей династии Темуридов древней Индии.

Ключевые слова: индийский историк, переводчик, древнеиндийские книги, литературный источник, поэтический псевдоним, мусульманские правителии Индии, историческое сочинение.

“MUNTAKHAB AT-TAWARIKH” BADAONI AS A HISTORY - LITERARY MONUMENT

The article is devoted to the study of the life and creative heritage of Abdul Kadir Badaoni, in particular his work “Muntakhab at-tawarikh”. It is noted that Badaoni (1540-1596) is one of the historians of the late period of Akbar's reign, who, with his valuable writings and translation works from ancient Indian literature, made a great contribution to the popularization of Indian literature and its presentation to future readers. In the article, in analyzing Badouni’s historical work “Muntakhab at-tawarikh, the author notes that the historian’s work consists of 3 volumes and contains valuable information about the Ghaznavids, Gurids, Gulyams, Khilji, Toglukids, Lodi, Suri, Timurids, from Babur to Jalaliddin Akbar from this point of view is of great value for future generations. The author, considering the historical and literary value of the works of Badowni, provides information on the sections of the work and the poetic mastery of the writer and on this basis concludes that the work of the chronicler is an important historical and literary source that provides important information about Persian-speaking poets and writers of the Temurids of ancient India.

Key words: Indian historian, translator, ancient Indian books, literary source, poetic pseudonym, Muslim rulers of India, historical work.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Пӯлотов Назирҷон Набиҷонович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

Сведения об авторе: ***Пулатов Назирджон Набиджонович*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

Information about the author: ***Pulatov Nazirdjoh Nabidjonovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of philological Sciences, associate Professor of the Department of Tajik Classic Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **pulotovnn 1973@ mail. ru**

УДК: 891.550

ҚОФИЯ ВА АНВОИ ОН ДАР ОСОРИ ҒИНОИИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Мерганзода М.Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Қофия дар баробари вазн аз аносири муҳим ва меҳварии шеър ба шумор меравад ва барои хушоҳангу хотирмон шудани он хизмат мекунад. Қофия ду хусусияти асосиро доро аст, яке хусусияти жанрсозӣ ва дигаре (дар баробари вазни шеър) ба танзиму низом даровардани оҳангу савт ва мусиқӣ мебошад. Роҷеъ ба қофия адабиётшиносони классикӣ ва муосир - Шамси Қайси Розӣ, Насируддини Тӯсӣ, Ҳусайн Воизи Қошифӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ваҳиди Табрезӣ, Ҳабиб Яғмоӣ, Ш. Кадканӣ, Б. Сирус, С. Шамисо, Р. Мусулмониён, Б. Гончаров, Б. Томашевский, В. Жирмунский, Л. Тимофеев, Х. Шарифов, У. Тоиров, М. Нозимов, Д. Муҳиддинова, А. Шоев ва дигарон дар рисолаҳои илмиашон андешаҳои арзишманд баён кардаанд

Ба қавли Шамси Қайси Розӣ "...сухани бекофияро шеър нашморанд, агарчи мавзун афтад" [16, с.162].

Дар ин мавриди муҳаққиқи рус Б. Гончаров чунин нигоштааст: "Қофия ва сабти садо хеле пуртаъсиранд. Қофия тобишҳои танинву оҳангнокиро тақвият бахшида, барои дарёфти вожаҳои муҳимми маънодор мусоидат менамояд, ки ин вожаҳо дар мавқеи хуби акустикӣ ҷой мегиранд (эҳсоси болоравии садо дар қофия, мавқеи калима дар охири сатр, пеш аз танфиси шеърӣ)" [8, с.62].

Дар "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик" қофия "...якчанд ҳарф ё ҳиҷои мисраъ ё байтро гӯянд, ки пеш аз радиф омада, зарбу вазн ва оҳангнокии шеърро таъмин мекунад" [19, с.431], шарҳ ёфтааст.

Адабиётшиноси тоҷик Б. Сирус доир ба қофия таҳқиқоти арзишманд анҷом дода, дар "**Қофия дар назми тоҷик**" 31 навъи қофияе, ки Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар "**Ал-муъҷам**..." нишон дода буд, 25 навъи онро асоси системаи қофиясозии классикони форсу тоҷик номидааст [12, с.47-49].

У. Тоиров роҷеъ ба қофия андешаронӣ намуда, махсусан, доир ба қофияи қасида менависад: "...риояи қофия дар қасидаҳои садбайтию дусадбайтӣ кори басе душвор буд, зеро агар шоир қофияеро, ки дар байтҳои аввал оварда буд, наметавонист дар абёти минбаъдаи қасида ба кор барад. Такрори қофия дар шеър аз нуқсҳои он ҳисоб мешуд. Чунин амал шоирро маҷбур месохт, ки барои қофия шуда, калимаҳои душворфаҳми арабӣ ва баъзан шевагиро ба кор барад. ...барои ҳамин шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик роҳи муайянеро ёфтанд, ки онро дар илми бадеъ таҷдиди матлаъ (нав кардани матлаъ) меноманд. Баъзе шоирон дар қасидаҳои тӯлонии хеш баъди 30-50 байт матлаъи нав меоварданд. Мақсад аз матлаъи нав, аз як тараф, оҳангнокии шеърро зиёд кардан бошад, аз тарафи дигар, ба шоир имконият медод, ки қофияҳои пеш аз матлаъи дуюм овардаро боз такрор намояд. Мо чунин ҳолатро дар қасидаҳои Хоқонӣ бештар мушоҳида мекунем" [14, с.300-301]. Бояд тазаккур дод, ки Адиб Собири Тирмизӣ дар қасидаҳояш матлаъи нав наовардааст, ҳатто дар қасидаҳои садбайта ва аз он зиёдро бо як матлаъ эҷод намудааст.

Аз ин лиҳоз, мо дар мақола аввалан масъалаи қофияи қасоиди Адиб Собири Тирмизиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳем. Адиб Собири Тирмизӣ аз шоиронест, ки на танҳо дар илми арӯз огоҳӣ ва маҳорати тамом дошт, балки аз донандаи илми қофия буданаш низ ишора намуда, ба он дигаргунӣ ворид кардааст. Шоир дар як қасидаи ба Абулқосим Алӣ бахшидааш ба ин маънӣ афзудааст:

Некуӣ бар туст ошиқ, дигарон бар нек**ӯӣ**,
Некуӣ бадхӯ кунад, маъзураме аз бад**хӯӣ...**
Гар равӣ бо роҳи инсоф, аз ҳама арбоби назм,
Кас чунин назме наёрояд бад-ин **вазну равӣ** [1, с.241-243].

Вазни ин қасидаи шоир **рамали мусаммани маҳзуф** буда, яке аз баҳрҳои серистеъмол дар қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ ба шумор меравад. Байтҳои ин қасида аз нигоҳи қофиябандӣ гуногун буда, он дар ду навъи қофия эҷод шудааст. Яъне дар байти матлаъи қасида ва абёти дигар калимаҳои қофияшаванда “**некуӣ**”, “**бадхӯӣ**”, “**оҳуӣ**”, “**лӯълӯӣ**”, “**абрӯӣ**”, “**гесӯӣ**”, “**шифодорӯӣ**”, “**ҳамзонуӣ**”, “**паҳлуӣ**” ва ғайра буда, ҳудуди қавофӣ аз “**ӯӣ**” иборат аст. Дар он “**ӯ**” **ридфи муфрад**, “**ӣ**” **равӣ** буда, навъи **қофияи муқайяд бо ридфи муфрад** ва **равӣ** мебошад, ки қисме аз абёти қасида дар ҳамин навъи қофия эҷод шудааст.

Дар абёти дигари қасида калимаҳои қофияшаванда **“равӣ”, “навӣ”, “монавӣ”, “хусравӣ”, “қавӣ”, “паҳлавӣ”, “маънавӣ”, “мунзавӣ”, “Мусавӣ”, “мултавӣ”, “муртавӣ”, “мунтавӣ”** ва ғайра буда, дар онҳо ҳудуди қавофӣ аз **“авӣ”** иборатанд, ки “**а**” **тавҷеҳ**, “**в**” **равӣ** ва “**ӣ**” **васл** мебошад ва ин навъи қофияи **мутлақ** бо **тавҷеҳ**, **равӣ** ва **васл** номида мешавад. Аммо Адиб Собири Тирмизӣ дар ин қисмати қасида ҳарфи **равӣ** “**в**”-ро интихоб намуда, ҳатто истилоҳи илми қофия **“равӣ”**-ро низ қофия кардааст. Ин қисмати қасида дар **навъи қофияи мутлақ бо тавҷеҳ, равӣ ва васл** суруда шудааст. Пас, маълум мешавад, ки шоир қасидаи фавқуззикрро дар **ду навъи қофия** эҷод намудааст.

Бояд ишора кард, ки адабиётшиносони муосир роҷеъ ба қофияи ғазал дар асоси осори ин ва он шоир таҳқиқоти зиёд анҷом додаанд. Бинобар ин, мо нахуст масъалаи қофияи қасидаро дар асоси осори (қасида) Адиб Собири Тирмизӣ мавриди пажӯҳиш қарор додаем. Чунончи:

1. Қофияи муқайяд бо равӣ:

Навбаҳори бадеъи беҳамто,
Ҳиммате базл кард ба саҳро [1, с.17].

Дар калимаҳои қофияшавандаи **“беҳамто”** ва **“саҳро”** қофия аз **“о”** иборат аст, ки он **равӣ** мебошад ва аз матлаъ то мақтаъи қасида ҳарфи **о** қофия шудааст.

2. Қофияи муқайяд бо тавҷеҳ ва равӣ:

Эй хиҷил аз рӯю зулфат рӯзу шаб,
Мондаам аз рӯю зулфат дар аҷаб [1, с.38].

Дар ин байт калимаҳои қофияшаванда **“шаб”** ва “**аҷаб**” мебошанд, ки дар он: **а** – **тавҷеҳ**, **б - равӣ** мебошад.

3. Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад ва равӣ:

Чанд борам дар фироқи дилбарон аз дида об?
Чанд бошам зарду гирён ҳамчу шамъ аз сӯзу тоб? [1, с.32].

Калимаҳои қофияшавандаи ин қасида **“об”** ва **“тоб”** буда, қофияи он аз қисмати “**об”** иборат мебошад, ки дар он: **о - ридфи муфрад** ва **б – равӣ** мебошад.

4. Қофияи муқайяд бо таъсис, дахил, тавҷеҳ ва равӣ:

Чу бар ҷони ман шуд ҳавои ту ғолиб,
Ҷамоли туро ҷони ман гашт толиб [1, с.46].

Калимаҳои қофияшавандаи байти фавқуззикр **“ғолиб**” ва “**толиб**” буда, қофияи он аз қисмати **“олиб**” иборат мебошад, ки дар он: **о – таъсис**, **л - дахил, и - тавҷеҳ** ва **б - равӣ** мебошанд.

5. Қофияи муқайяд бо ҳазв, қайд ва равӣ:

Агарчи ишқи бутон сарбасар бало бошад,
Дилам ба ишқ ҳамасола мубтало бошад [1, с.80].

Дар ин байт калимаҳои қофияшаванда **“бало**” ва “**мубтало”** мебошанд, ки дар он қофия аз қисмати **“ало”** иборат аст ва дар он: **а - ҳазв, л - қайд** ва **о - равӣ** мебошад.

6. Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад, ридфи зоид ва равӣ:

Чӣ лӯъбат, ки ӯ сарбурида хуб ояд?
Зи сар буридани ӯ қадри ӯ бияфзояд? [1, с.76].

Калимаҳои қофияшавандаи байти фавқ **“ояд”** ва “**бияфзояд”** буда, қофияи он аз қисмати **“ояд**” оғоз мешавад ва дар он**: о - ридфи муфрад, я - ридфи зоид** ва **д - равӣ** мебошад.

Адиб Собири Тирмизӣ аз 6 навъи қофияи **муқайяд** корбурд намуда, бештари қасоидашро дар ҳамин навъи қофия эҷод намудааст. Дар баробари ин, шоир дар навъи қофияи **мутлақ** низ қасидаҳо сурудааст, ки мо якчанд байтро намуна меорем:

1. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ ва васл:

Аморат гирифт ифтихоре дигар,
Фиристода давлат нисоре дигар [1, с.116].

Калимаҳои қофияшавандаи байти фавқ **“ифтихоре**” ва **“нисоре**” буда, қофияи он аз қисмати **“оре”** иборат аст ва дар он: **о - ридфи муфрад, р - равӣ** ва **е - васл** мебошад.

2. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, мачро ва васл:

Ситам кардаст бар ҷонам сари зулфи ситамгораш,
Набинад ҷуз ҷафо шуғлаш, надонам ҷуз ситам кораш [1, с.143].

Дар калимаҳои қофияшавандаи **“ситамкораш”** ва **“кораш”** қофия аз қисмати **“ораш”** таркиб ёфтааст, ки дар он: о **- ридфи муфрад, р - равӣ, а - маҷро** ва **ш - васл** мебошад.

3. Қофияи мутлақ бо таъсис, равӣ, маҷро ва васл:

Агарчи доди сухан дар замона ман додам,
Ситоравор замона ҳамедиҳад додам [1, с.190].

Дар байти фавқуззикр калимаи қофияшавандаи ҳар ду мисраъ “**додам”** мебошад, ки қофияи он аз қисмати “**одам**” иборат аст ва дар он: **о - таъсис, д - равӣ, а - маҷро** ва **м - васл** мебошанд.

4. Қофияи мутлақ бо тавҷеҳ, равӣ, маҷро ва васл:

Боз бар авҷи сухан тозаму мавҷе бизанам,
З-он ки чун абр гаронбори вақайни аданам [1, с.190].

Дар калимаҳои қофияшавандаи “**бизанам**” ва “**аданам**” қофия аз қисмати **“анам**” иборат аст, ки дар он: **а - тавҷеҳ, н - равӣ, а - маҷро** ва **м - васл** мебошад.

5. Қофияи мутлақ бо тавҷеҳ, равӣ, васл ва хуруҷ:

Эй ду чашмам аҷал ба ту нигарон,
Чанд хандӣ ба гиряи дигарон [1, с.212].

Дар байти мазкур калимаҳои қофияшаванда **“нигарон”** ва **“дигарон”** буда, қофияи он аз қисмати **“арон”** иборат аст, ки дар он: **а -тавҷеҳ, р - равӣ, о - васл**, **н - хуруҷ** мебошад.

6. Қофияи мутлақ бо тавҷеҳ, равӣ ва васл:

Эй зулфи ёри ман зиреҳ ё зиреҳгаре,
Ё пеши тири ғамзаи дилбар зиреҳдаре [1, с.228].

Калимаҳои қофияшавандаи байти фавқ “**зиреҳгаре”** ва “**зиреҳдаре”** буда, қофияи он аз қисмати **“аре**” иборат аст, ки дар он: **а - тавҷеҳ, р -равӣ, е - васл** мебошад.

7. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, ридфи зоид, равӣ ва васл:

Гарна бад-он рӯй чу дебостӣ,
Ошиқиву ишқ на зебостӣ [1, с.236].

Вожаҳои қофияшавандаи байти мазкурро калимаҳои **“дебостӣ”** ва **“зебостӣ”** ташкил дода, решаи қофияи он аз қисмати “**остӣ**” иборат аст, ки дар он: **о - ридфи муфрад, с - ридфи зоид, т - равӣ** ва **ӣ - васл** мебошад.

8. Қофияи мутлақ бо тавҷеҳ, равӣ, ҳазв, васл, хуруҷ ва мазид:

Гар садяк аз ҷамоли ту дар Муштаристӣ,
Ӯро зи як ҷамоли ту сад муштаристӣ [1, с.160].

Вожаҳои қофияшавандаи байти фавқуззикр “**Муштаристӣ”** ва **“муштаристӣ**” буда, қофияи он аз қисмати “**аристӣ”** иборат аст, ки дар он: **а - тавҷеҳ, р - равӣ, и - ҳазв, с - васл, т - хуруҷ, ӣ - мазид** мебошад.

9. Қофияи мутлақ бо ҳазв, равӣ, маҷро, васл ва хуруҷ:

Омад он фасл, ки дар вай ҳама ҷуз мул нах(в)аранд,
В-омад он рӯз, ки мурғон ҳама ҷуз гул начаранд [1, с.97].

Калимаҳои қофияшавандаи байти боло **“нах(в)аранд”** ва **“начаранд”** буда, қофияи он аз қисмати **“аранд**” иборат аст, ки дар он: **а - ҳазв, р - равӣ, а - маҷро, н - васл ва д - хуруҷ** мебошад.

Адиб Собири Тирмизӣ дар қасоидаш аз 15 навъи қофия истифода намуда, на ин ки бо ин анъана қаноат кардааст, балки дар илми қофия навоварие низ ба вуҷуд овардааст, ки мо ин андешаро қаблан исбот намуда, тасдиқ кардем. Ин ҷо лозим донистем, ки барои дақиқ ва муайян намудани миқдори анвои қофияҳои фавқуззикр ҷадвали зеринро пешниҳод намоем.

Ҷадвали 1.

№	Анвои қофия	Миқдори қасидаҳо
1.	Қофияи муқайяд бо равӣ	9
2.	Қофияи муқайяд бо тавҷеҳ ва равӣ	25
3.	Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад ва равӣ	67
4.	Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад, ридфи зоид ва равӣ	1
5.	Қофияи муқайяд бо таъсис, дахил, тавҷеҳ ва равӣ	3
6.	Қофияи муқайяд бо ҳазв, қайд ва равӣ	4
7.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ ва васл	4
8.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, маҷро ва васл	3

9.	Қофияи мутлақ бо таъсис, равӣ, мақро ва васл	1
10.	Қофияи мутлақ бо тавқеҳ, равӣ, мақро ва васл	1
11.	Қофияи мутлақ бо тавқеҳ, равӣ, васл ва хуруҷ	1
12.	Қофияи мутлақ бо тавқеҳ, равӣ ва васл	4
13.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, ридфи зоид, равӣ ва васл	1
14.	Қофияи мутлақ бо тавқеҳ, равӣ, ҳазв, васл, хуруҷ ва мазид	1
15.	Қофияи мутлақ бо ҳазв, равӣ, мақро, васл ва хуруҷ	1
	Дар мақмӯъ:	**126**

Қофия дар ғазалиёти Адиб Собири Тирмизӣ масъалае мебошад, ки то имрӯз касе аз муҳаққиқон мавриди пажӯҳиш қарор надодааст. Ғазал низ мисли қасида шакли қофиябандии **аа, ба, ва, га-**ро доро буда, Адиб Собири Тирмизӣ аз навъҳои гуногуни қофия дар эҷоди ғазалиёташ истифода намудааст, ки ин ҷо мо фақат анвои қофия ва теъдоди онҳоро дар ҷадвали зайл пешниҳод намудем.

Ҷадвали 2.

№	Анвои қофия	Миқдори ғазалиёт
1.	Қофияи муқайяд бо равӣ	6
2.	Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад ва равӣ	19
3.	Қофияи муқайяд бо тавқеҳ ва равӣ	12
4.	Қофияи муқайяд бо ҳазв, қайд ва равӣ	5
5.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, мақро ва васл	5
6.	Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад, ридфи зоид ва равӣ	3
7.	Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад, ридфи зоид равӣ ва мақро	3
8.	Қофияи мутлақ бо тавқеҳ, равӣ ва васл	3
9.	Қофияи мутлақ бо тавқеҳ, равӣ, васл ва хуруҷ	1
10.	Қофияи мутлақ бо тавқеҳ, равӣ, мақро ва васл	1
11.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ ва васл	6
12.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, ридфи зоид, равӣ, мақро ва васл	1
	Дар мақмӯъ:	**65**

Омӯзиши қофияи ғазалиёти Адиб Собири Тирмизӣ нишон дод, ки шоир бештар дар ғазалиёташ аз анвои **қофияи пурбаҳо: қофияи муқайяд бо равӣ (6), қофияи муқайяд бо ридфи муфрад ва равӣ (17), қофияи муқайяд бо тавқеҳ ва равӣ (12), қофияи муқайяд бо ҳазв, қайд ва равӣ (5), қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, мақро ва васл (5), қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ ва васл (6)** ва ғайра фаровон корбурд намудааст.

Таркиббанд аз жанрҳои дигари осори лирикии Адиб Собири Тирмизӣ ба шумор рафта, дар байни жанрҳои дигари осори шоир ҷойгоҳи махсусро касб кардааст. Мавзӯи таркиббандҳои Адиб Собири Тирмизӣ ишқу муҳаббат, фаслҳои сол ва умуман мадҳи ашхоси таърихӣ мебошад. Таркиббанд шеърест, ки аз як қатор бандҳои алоҳида (хона) иборат буда, тамоми бандҳои он аз нигоҳи вазн ба ҳамдигар мутобиқат мекунанд ва қофиябандиаш дар навъи ғазал меояд, аммо аз нигоҳи қофия бандҳо аз ҳамдигар тафовут доранд. Таркиббандҳои шоир 7 то буда, хурдтаринаш аз 7 банд ва бузургтаринаш аз 18 банд иборат мебошанд.

Аз ҳафт таркиббанди мазкур сето дар шакли қофиябандии анъанавии таркиббанд (байти васила, ки дар дохили қофия (ҳамқофия)) ва 4 таркиббанди дигар дар шакли қофиябандии дигар (байти васила қофиябандии тағйирёбанда дорад) эҷод шудаанд. Аз ин сабаб таркиббандҳои шоирро аз нигоҳи қофиябандӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудем. Барои намуна, мо ду таркиббандро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Таркиббанди 1

Обу рӯям бурдаиву оташ андар м**ан** зада,
Ман чу доғ аз доғи ишқи ту дар оташ т**ан** зада.
Оина бардору бингар то зи рӯю мӯйи хеш,
Оташе бо дуд бинӣ оташ андар м**ан** зада.
Хирмани сабрам ҳама барбод шуд к-аз зулфи ту,
Тӯдаҳои мушк дидам гирди маҳ хирм**ан** зада.
Орази рӯи ту доим таъна бар савсан занад,

Лолаи худрӯй дидӣ таъна бар савс**ан** зада.
Садҳазорон ҳурӣ андар ҳусну ҳур андар биҳишт,
Аз дареғат садҳазорон чок бар дом**ан** зада.
Моҳ бар гардун гардон посбони боми туст,
Ошиқи моҳи туам то моҳи хубон номи туст [1, с.296-297].

Банди 1. байти 1. –а:а; байти 2. –б:а; байти 3. –в:а; байти 4. –г:а; байти 5. – д:а; байти васила – е:е.

Қофияи байтҳои василаи ҳар банди таркиббандҳои гурӯҳи якум тағйир ёфтаанд, яъне гуногун буда, ҳамқофия мебошанд. Бояд таъкид кард, ки таркиббандҳои Амир Муиззӣ дар ҳамин шакл эҷод шудаанд ва тарзи қофиябандии онҳо айнан ҳамин гунаанд [5, с.665-672]. Байтҳои василаи гурӯҳи дуюми таркиббандҳо дар банди аввал дар ҳарду мисраъ такрор шуда ҳамқофия мебошанд. Аммо дар бандҳои дигари таркиббандҳои гурӯҳи дуюм ҳамон қофияи банди аввал танҳо дар мисраи дуюми байти васила такрор шудааст, яъне ҳамқофия нестанд. Масалан, яке аз бандҳои таркиббандҳои гурӯҳи дуюмро мушоҳида менамоем:

Таркиббанди 2

Гар дил асири дилбари беб**ок** нестӣ,
Аз номи сабр дафтари ман п**ок** нестӣ.
З-он оҷизам, ки нест маро доруи висол,
В-арна зи дарди ишқ маро б**ок** нестӣ.
Гар з-он даҳони танг ғаме нест бар дилам,
Айшам ба тангии дили ғамн**ок** нестӣ.
Гар ҳастӣ офтоби фалакро ҷамоли ӯ,
Фарёди ман зи ишқ бар афл**ок** нестӣ.
Гар ҳастаме чу пираҳани ӯ туро ҳариф,
Аз ҷаври ишқ пираҳанам ч**ок** нестӣ.
Чашмаш ба заҳрханда набурди ғамони ман,
Гар дар лабаш мунофеи тар**ёк** нестӣ.
Гар тоби ҷисму оташи дил нестӣ маро,
Доим чу бод бар сари ман х**ок** нестӣ.
То дар ниқоби ҳачр ниҳон гашт рӯи ӯ,
Бар рӯи ман зи хуни дили ман ҳиз*об* кард [1, с.293].

Банди 1. байти 1. –а:а; байти 2. –б:а; байти 3. –в:а; байти 4. –г:а; байти 5. –д:а; байти 6. –е:а; байти 7. –ё:а; Байти васила – ж:а.

Бояд зикр кард, ки дар девони Саноии Ғазнавӣ 4 таркиббанд мавҷуд аст, аз анҳо 3 – тоаш дар ҳамин шакли қофиябандӣ эҷод шудаанд [7, с.714-760]. Адиб Собири Тирмизӣ на танҳо дар эҷоди таркиббанд маҳорати баланд доштааст, балки дар ташаккул ва инкишофи ин жанри лирикӣ саҳми босазо гузоштааст.

Қитъа асосан дар шакли қофиябандии **аб, вб, гб** эҷод шуда, дар таърихи адабиёт хеле маъмул мебошад. Қитъа низ дар девони Адиб Собири Тирмизӣ ҷойгоҳи намоёнеро ишғол менамояд ва қофиябандии қитъаоти шоир диққати адабиётшиносонро ҷалб намудаанд. Р. Мусулмонқулов дар китобаш “Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ” аз осори шоир порчаи шеъриеро ба ҳайси қитъа оварда:

Биё, ки бо руху зулфи ту корҳо дорам,
Зи ҷоми ишқи ту дар сар хуморҳо дорам.
Биё, ки бо ду рухи ту, ки рӯзро монад,
Ҳикояту гилаи рӯзгорҳо дорам [9, с.49].

таъкид менамояд, ки қитъа дар шакли қофиябандии **аа ба ва** низ эҷод карда мешавад [9, с.49]. Аммо бояд зикр кард, ки порчаи шеъри мазкур на қитъа, балки ғазал мебошад ва он дар девони шоир дар қисмати ғазалҳо ҷойгир шудааст [1, с.321]. Аз тарафи дигар, ин шакли эҷоди қитъаҳо дар девони шоир мавҷуд аст, ки дар шакли қофиябандии **аа ба ва** эҷод карда шудаанд. Барои тасдиқи андешаи мазкур қитъаеро намуна меорем:

Фалак бадаҳду носозг**ор** аст,
Ҳама кори ҷаҳон нопойд**ор** аст.
Ҳавое дораду обе замона,
Ки бо табъи ҷаҳон носозг**ор** аст [1, с.333-334].

Ишора кардан бамаврид аст, ки адабиётшинос Х.Шарифов низ қитъаҳоро ду хел таъкид намудааст: “яке он ки шакли қофияи ғазалу қасидаро доранд” [18, с.364]. Адиб Собири Тирмизӣ яке аз аввалин шоиронест, ки дар ин шакл (аа ба ва) қитъа эҷод намудааст ва шоирони баъдӣ дар шакли мазкур низ қитъаҳо офаридаанд.

Дар байни осори Адиб Собири Тирмизӣ инчунин рубоӣ мақоми хос дорад ва рубоиёти шоир аз нигоҳи қофиябандӣ ҷолиби диққат мебошанд, зеро аз 88 рубоӣ 78-тояш дар шакли қофиябандии **аааа** эҷод шудаанд, ки 88,6%-ро ташкил медиҳад. Масалан:

Эй, ҳаққи рухат фариза дар гардани в**ард**,
Бошад дили ғунча бе даҳони ту ба д**ард**.
Ҳусни ту зи дилбарӣ ба ошиқ он к**ард**,
К-ӯ бо дили зор гашту бо чеҳраи з**ард** [1, с.343].

Ин қабил рубоиёти Адиб Собири Тирмизӣ дар шакли тарона буда, хеле хушоҳангу дилнавоз ва бештар оҳанги халқиро ба худ касб намудаанд. Ба ғайр аз ин, шоир 9 рубоияшро дар шакли қофиябандии **ааба** сурудааст, ки 10%-ро ташкил медиҳад. Чунончи:

Дил дар ғами он лаъли шакарб**ор** бирафт,
З-андешаи ман қуввати такр**ор** бирафт.
Илме, ки ба умри хеш ҳосил кардам,
Бар ёди лабаш ҷумла ба як б**ор** бирафт [1, с.340].

Умуман, шоир рубоиёташро дар шакли тарона эҷод намуда, ба рубоиёти хасӣ аҳёнан майл карда, дар ин жанрҳои адабӣ қувваозмоӣ кардааст.

Навоварии Адиб Собири Тирмизӣ, пеш аз ҳама, дар такомулу таҳаввули жанрҳои шеърӣ, яъне қофиябандии онҳо мебошад. Шоир дар қофияи жанрҳои шеърӣ, аз ҷумла, қасида, таркиббанд, қитъа дигаргунӣ ба вуҷуд оварда, онҳоро дар шакли қофиябандии дигар эҷод намудааст. Илова бар ин, Адиб Собири Тирмизӣ нисбат ба ин унсури зотии шеър диққати ҷиддӣ медодааст, ки ҳатто ҳангоми таҳқиқ дар осораш уюби қофияро дучор нашудем.

А Д А Б И Ё Т

1. Адиб Собири Тирмизӣ. Девон / Адиб Собири Тирмизӣ; муаллиф Аҳмад Абдуллоев. - Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳадӣ, 1380. - 393 с.
2. Адиб Собири Тирмизӣ. Девон / Адиб Собири Тирмизӣ; бо муқаддимаи Алии Қавим. - Теҳрон: Кулолаи ховар, 1371. - 322 с.
3. Адиб Собири Тирмизӣ. Девон / Адиб Собири Тирмизӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва танқеҳи Аҳмад Ризо Ялмаҳо. - Теҳрон: Интишороти Некхирад, 1385. - 514 с.
4. Адиб Собири Тирмизӣ. Девон / Адиб Собири Тирмизӣ; ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Алӣ Носеҳ. - Теҳрон: Илмӣ, 1343. - 617 с.
5. Амир Муиззӣ. Девон / Амир Муиззӣ; бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳайярӣ. - Теҳрон: Нашриёти Марзбон, 1362. - 791 с.
6. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. Ҷ.8. Рисолаи қофия / Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Адиб, 1990. - 133-150 с.
7. Саноии Ғазнавӣ. Девон / Саноии Ғазнавӣ; бо муқаддима ва ҳавошиву феҳрист, бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ. - Теҳрон: Саноӣ, 1362. - 1227 с.
8. Гончаров Б.П. Анализ поэтического произведения / Б.П. Гончаров. - Москва: Знание, 1987. - 62 с.
9. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р. Мусулмонқулов. - Душанбе: Маориф, 1987. - 88 с.
10. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт /Р. Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1990. - 240 с.
11. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор / Насируддини Тӯсӣ. - Душанбе: Ориёно, 1992. - 152 с.
12. Сирус Б. Қофия дар назми тоҷик / Б. Сирус. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1955. - 186 с.
13. Сирус Б. Назарияи нави қофиябанди дар назми тоҷик / Б. Сирус. - Душанбе: Ирфон, 1972. - 47 с.
14. Тоиров У. Каломи манзум /У. Тоиров, Б. Ибодов, Ш. Тоиров. - Душанбе: Шарқи озод, 2005. - 456 с.
15. Ҳабиб Яғмоӣ. Илми қофия / Ҳабиб Яғмоӣ. - Теҳрон: Чопи офсет рашидия, 1340. - 32 с.
16. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маойири ашъор –ил-аҷам. Шамси Қайси Розӣ; муаллифи сарсухан ва хозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991. - 464 с.
17. Шафеъии Кадканӣ. Мусиқии шеър / Шафеъии Кадканӣ. - Теҳрон: Огоҳ, 1373. - 680 с.
18. Шарифов Х. Назмшиносӣ /Х. Шарифов, У.Тоиров. - Душанбе: Ҳумо, Ҳоҷи Ҳасан, 2015. - 384 с.
19. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. Дар се ҷилд. Ҷ.3. - Душанбе: Сарредакс. илмии энсик. сав. тоҷ., 1998. - 514 с.

ҚОФИЯ ВА АНВОИ ОН ДАР ОСОРИ ҒИНОИИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Дар мақола яке аз унсурҳои муҳимми шеър - қофия ва анвои он дар асоси осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ: қасида, ғазал, таркиббанд, қитъа ва рубоӣ матраҳ гардида, навоварии шоир дар жанрҳои зикршуда таҳқиқу баррасӣ шудааст. Зимни ин, кулли осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ аз нигоҳи ин аносири муҳим ва меҳварии шеър-қофия мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, анвои қофияи 126 қасида ва 65 ғазали шоир муайян карда шудааст. Адиб Собири Тирмизӣ дар 126 қасидааш аз 15 навъи қофия истифода кардааст, ки аз ин теъдод 109 қасида дар **навъи қофияи муқайяд** ва 17 қасида дар **навъи қофияи мутлақ** эҷод шудаанд. Шоир дар ғазалиёташ (65 ғазал) аз 12 навъи қофия корбурд намудааст, ки 53 ғазал дар **навъи қофияи муқайяд** ва 12 ғазал дар **навъи қофияи мутлақ** суруда шудаанд. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқ навоварии Адиб Собири Тирмизиро, пеш аз ҳама, дар такомулу таҳаввули жанрҳои шеърӣ, яъне қофиябандии онҳо таъкид кардааст. Шоир дар қофияи жанрҳои шеърӣ, аз ҷумла, қасида, таркиббанд, қитъа дигаргунӣ ба вуҷуд оварда, онҳоро дар шакли қофиябандии дигар эҷод намудааст. Адиб Собири Тирмизӣ ба ин унсури зотии шеър-қофия диққати ҷиддӣ додааст, ки ҳатто дар осораш уюби қофия дучор намешавад.

Калидвожаҳо: Адиб Собири Тирмизӣ, шеър, қасида, ғазал, қитъа, таркиббанд, рубоӣ, қофия, навоварӣ, қофияи муқайяд, қофияи мутлақ, равӣ, рифди муфрад, ридфи зоид, қайд, ҳазв, васл, маҷро, тавҷеҳ, хуруҷ, мазид, таъсис.

РИФМА И ЕЕ ВИДЫ В ЛИРИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АДИБА СОБИРИ ТИРМИЗИ

В статье рассматривается один из главных элементов стихотворения - рифма и ее виды на основе лирических произведений Адиба Собири Тирмизи: ода, газель (лирическое стихотворение), таркиббанд (стихотворная форма с повторяющимся рефреном), китъа (род поэтического жанра) и рубаи (четверостишье). Автор исследует новаторство поэта в указанных жанрах. Изучив рифмы всех лирических произведений Адиба Собири Тирмизи, с точки зрения этой важной основы и стержня стихотворения, были определены формы рифм - 126 од и 65 газелей поэта. Адиб Собири Тирмизи в 126 одах использовал 15 видов рифм, из этого числа 109 од созданы в **форме рифмы мукайяд** и 17 од – в **форме совершенной рифмы**. Поэт в своем сборнике газелей (65 газелей) употребил 12 форм рифм, где 53 газели сочинены в **форме рифмы мукайяд** и 12 в **форме совершенной рифмы**. С учетом этого, исследователь подчеркивает новаторство Адиба Собири Тирмизи, прежде всего, в развитии и преобразовании стихотворных жанров, то есть их рифмовки. Поэт в рифмовке стихотворных жанров, в том числе, оды, таркиббанд, китъа внес изменения, и сочинил их в другой форме рифмовки. Адиб Собири Тирмизи обратил особое внимание на этот естественный элемент, потому в его произведении недостаток рифмы не наблюдается.

Ключевые слова: Адиб Собири Тирмизи, стихотворение, ода (касида), газель (лирическое стихотворение), китъа (род поэтического жанра), таркиббанд (стихотворная форма с повторяющимся рефреном), рубаи (четверостишье), рифма, новаторство, рифмы мукайяд, совершенная рифма, рави, ридфа муфрад, ридфа зоид, кайд, хазв, васл, маджро, тавджех, хурудж, таъсис.

RHYME AND ITS TYPES IN LYRICAL WORKS ADIB SOBIRI TIRMISI

The article discusses one of the main elements of the poem - rhyme and its types based on the lyric works of Adib Sobiri Tirmizi: ode, gazelle (lyric poem), tarkibband (poetic form with a repeating refrain), qita (genus of the poetic genre) and ruboi (quatrain). The author explores the poet's innovation in these genres. Having studied the rhymes of all the lyric works by Adib Sobiri Tirmizi from the point of view of this important basis and the core of the poem, the forms of rhymes were determined - 126 od and 65 gazelles of the poet. Adib Sobiri Tirmizi used 15 kinds of rhymes in 126 odes, out of this number 109 odes were created in the form of mukayyad rhymes and 17 odes in the form of a perfect rhyme. The poet in his collection of gazelles (65 gazelles) used 12 forms of rhyme, where 53 gazelles were composed in the form of mukayyad rhyme and 12 in the form of a perfect rhyme. With this in mind, the researcher emphasizes the innovation of Adib Sobiri Tirmizi primarily in the development and transformation of poetic genres, that is, their rhyme. The poet in the rhyme of poetic genres, including odes, tarkibband, qita brought changes, and composed them in a different form of rhyming. Adib Sobiri Tirmizi paid special attention to this natural element, that even in his work there is no lack of rhyme.

Key words: Adib Sobiri Tirmizi, poem, ode (kasida), gazelle (lyric poem), qita (genus of the poetic genre), tarkibband (poetic form with repeating refrain), ruboi (quatrain), rhyme, innovation, rhyme mukayyad, perfect rhyme, ravi, ridfa moufrad, ridfa zoid, kaid, khazv, vasl, majro, tawjah, khuruj, taisis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мерганзода Манучехр Бекназар*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи назария ва таърихи адабиёт. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 121. E-mail: **merganzoda91@mail.ru.** Тел.: **(+992) 981-00-41-70**

Сведения об авторе: ***Мерганзода Манучехр Бекназар*** - Таджикский госурдарственный педагогический университет им. С.Айни, докторант Ph.D кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 121. E-mail: **merganzoda91@mail.ru.** Тел.: **(+992) 981-00-41-70**

Information about the author: ***Merganzoda Manuchehr Beknazar*** - Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni, doctorate student Ph.D of Theory and History of Literature chair. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121.тE-mail: **merganzoda91@mail.ru**. Tel.: **(+992) 981-00-41-70**

УДК: 891.550

ВИЖАГИҲОИ ТАСВИРИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

Мирзоев И.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавзӯи Ватан яке аз мавзӯъҳои марказии ҳам адабиёти классикӣ ва ҳам адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин мавзӯъ дар адабиёти тоҷик доманадор буда, дар эҷодиёти ҳар адиб ба таври худ ҷилва мекунад.

Дар луғатҳо мафҳуми Ватанро чунин шарҳу тафсир додаанд: «Ҷойи бош ва ҷойи иқомат ва хуру меҳан ва нишеман ва ҷойе, ки шахс зода шуда ва нашъунамо карда ва парвариш ёфта ва мақому маскун ёфтааст» [4, с.3871].

Ба ин далел метавон зикр кард, ки вожаи Ватан мисли вожаи модар азизу муқаддас аст. Модар агар моро ба дунё меорад, Ватан моро дар оғӯшаш мегирад ва мо он ҷо ба камол мерасему ҳаёти худро орому осуда сипарӣ месозем.

Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Юсуф Акбаров дар ин бора барҳақ зикр мекунад: «Ватан ифтихор, шаъну шараф ва обрӯю эътибори мост. Ватан азизтарин ва ноёбтарин

неъмату мукнат (молу давлат), сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чиз наметавон иваз кард. Ватанро интихоб ё хариду фурӯш намекунанд ва чун волидайну бародару хоҳар ҳатман як бор ва барои ҷовидон дода мешавад. Ватан сарнавишту қисмати ҳар фард аст, ки аз ибтидо ба бошандагонаш ба мерос гузошта мешавад» [3, с.8].

Мавзӯи Ватан дар ҳама давру замон яке аз мавзӯъҳои асосии адабиёти классику муосири мо ба шумор меравад. То ҳанӯз қасидаи «Васфи Бухоро»–и устоди сухан Рӯдакӣ аз ёд нарафтаву ғазалҳои ҷонгудози Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва амсоли инҳо, ки ҳама саршор аз ҳуввияти ватанпарастиву ватандӯстианд, вирди забони мардум аст. Ё шоҳасари бузурги Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома», ки саропои он тараннуми ғояҳои ватандӯстию ватанпарастист ва мавзӯи марказии онро низ ватандӯстию ватанпарастӣ ташкил мекунад, ки дар таълиму тарбияи насли дирӯзу имрӯз саҳми босазо гузоштаву мегузорад.

Ин мавзӯъ дар адабиёти муосири тоҷик ҳам мавқеи аввалиндараҷа дорад. Аксари шуарои муосири тоҷик низ ин мавзӯъро ба риштаи тасвир кашида, ба таври худ онро васфу ситоиш намудаанд. Хусусан, дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳангоме ки Ватан дар вартаи хатарнок қарор дошт, ин мавзӯъ дар эҷодиёти адибон мавқеи густурда пайдо кард ва аксари адибон доир ба ин мавзӯъ аз асарҳои хурд то асарҳои калонҳаҷм ва шеъру достонҳои зиёде эҷод намуданд.

Як чиз мусаллам аст, ки дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ дар шеърҳои ба васфи Ватан бахшидаи шоирон як андоза умумигӯйӣ ба мушоҳида мерасад ва тасвири ҷузъии Ватан камтар аст. Аммо дар ашъори шоирони баъдина Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева ва боз чандтои дигар ин мавзӯъ бозтоби тоза ёфтааст. Махсусан, дар эҷодиёти устод Бозор Собир ин мавзӯъ мавқеи муносиб ва хусусиятҳои хосси худро дорад.

Аз эҷодиёти шоир баръало пайдост, ки таввақуҳи шоирро ин мавзӯъ ҳанӯз аз замони нав ба майдони адабиёт ворид шуданаш ба худ ҷалб сохтааст. Нахустин шеърҳои дар ин мавзӯъ эҷодкардаи шоир ҳам самимию дилкаш буда, саршор аз меҳру муҳаббати бепоёни ӯ нисбат бар Ватан аст. Вақте шоир мегӯяд:

Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Манам ба ту тани ба тан.
Касам агар, каси туям,
Хасам агар хаси туям [7, с.35].–

тавъамии Ватану ватандор ва чун гӯшту нохун ба якдигар вобаста будани инсону макони буду боши ӯ басо равшан таҷассум меёбад.

Дар ҳақиқат, мавзӯи Ватан дар эҷодиёти Бозор Собир аз вижагиҳои хоссе бархӯрдор буда ва ҳангоми мутолиаи ашъори ба меҳан бахшидаи устод як тафовути чашмрас ба мушоҳида мерасад. Дар ин хусус адабиётшинос Аҳмад Абдуллоев зикр мекунад: «Ватани Бозор Собир аз хасу хор, пайроҳаи пода, чашмаи хурди сари роҳ, нони дегдон, санги мазор, лонаи гунҷишкони шохи дарахтони Файзобод оғоз ёбад ҳам, бо пайроҳаҳои зиёде бар Ватани бузург пайвастааст.

Ҳиссиёти ватандӯстии шоир на ба таври умумӣ, балки ба таври мушаххас ҷорӣ мешавад. Васфи хоку хасу хору гиёҳи деҳаи азиз барои ӯ аҳаммияти куллӣ доранд; ба ин тарз вай як гӯшаи Ватанро тасвир менамояд ва ин гӯша ба Ватани паҳновар тавъам аст».

Дар ҳақиқат, шоир дар ашъори ба Ватан бахшидааш аз умумигӯйӣ то як андоза ҳазар мекунад. Ӯ мафҳуми Ватанро муъҷазу мушаххас тасвир менамояд. Барои шоир ҳар сангу хори Ватан, ҳар гулу гиёҳаш азиз аст. Ӯ аз Ватан сарват намехоҳад ва бо хасу хори Ватан баробар зиндагӣ кардан барояш бас аст. Ва гӯрҳои латтабандиаш «назаргоҳу қаламроҳи» ӯянд:

Гӯрҳои латтабандиаш назаргоҳи мананд,
Гӯрҳои латтабандии қаламроҳи мананд.
Ғайр аз ин як мушти калтути сари хоки падар,
Андар ин ин дунё наметарсам ман аз мушти дигар [7, с.27].

Барои шоир хаёлаш ҳам бӯйи деҳа дорад ва даруни синааш хор ҳам гул мекунад. Агар чашми ӯ аз нигаронии ҳодисаи нохуше мепарад, пари коҳ, яъне пари коҳи Ватанро рӯйи чашмаш мегузорад ва ҳодисаи ногувор дарҳол рафъ мегардад ва пари коҳ намегузорад ҳеҷ хатаре ба чисму ҷони ӯ асаре бигузорад. Ӯ Ватанро соф бе шарҳу баён, аз пайи молу шамолаш, аз пайи абрҳои сафеди осмонаш раҳравон фаҳмидаву ҳам бо қаламу ҳам бо қалам мепаймояд. Аз ашъори ватанхоҳии шоир бӯйи деҳа ва шамолҳои Файзобод меояд:

Ман Ватанро соф бе шарҳу баён фаҳмидаам,
Аз пайи молу шамолаш раҳравон фаҳмидаам.
Ман ба ӯ вобастаам ҳам бо қалам, ҳам бо қадам,

Подароҳашро агар гум мекунам, гум мешавам [7, с.27].

Дар шеъри «Тоҷикистон»-и шоир ҳам мавзӯи Ватан хеле муассир ба риштаи тасвир кашида шудааст. Истифодаи устодонаи санъатҳои бадеӣ, банду баст, образофарӣ ва ҳамбастагии калимаю вожаҳои эҳсосбарангез муҳтавои шеърро қавӣ намудааст. Шоир бо як ҳиссиёти беандоза зикр мекунад:

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту,
Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,
Пои худро раҳ ба раҳ то сарҳадат
Бар замин афшонда рафтам,
Аз паям то кам нагардад заррае хоки камат [7, с.22].

Дар ин ҷо эҳсосоти шоир бар Ватан бо сухан омезиш ёфта, ба гӯши хонанда дилнавозу самимӣ мерасад. Муҳаббату самимияти шоир нисбат ба Ватани камзамини хеш хеле қавӣ буда, дар ҳар байту мисраъ ва ҳатто калима ҳис мешавад. Мафҳумҳои бар сари ҳар санг, чун бар сари фарзанди хеш даст бурдан ва чун тифли ширхоре, ки ӯро аз банди пистон кандаанд, самимиву табиӣ ба риштаи тасвир кашида шудаанд, ки бешубҳа дар ботини хонанда як муҳаббати беандозаро нисбат бар ин хоки муқаддас бедор месозад.

Ба андешаи суханшиносон ҳар кас меҳри Ватанро вақте бо тамоми ҳастияш дарку эҳсос мекунад, ки боре берун аз хоки Ватан дар ғурбат афтода бошад. Устод Бозор Собир, ки солиёни зиёд дур аз Ватан буд, ин нуктаро басо амиқу равшан эҳсос кардааст. Ҳангоми дар ғурбат ва дур аз Ватан будани шоир меҳру садоқаташ ба Ватан на ин ки кам, балки боз ҳам афзунтар шуд. Дар ашъори ба Ватан бахшидаи шоир самимияту муҳаббати қаҳрамони лирикӣ самимию муассир ба қалам омадааст. Мушоҳида мешавад, ки ӯ ҳарчанд дур аз Ватан аст, тамоми ҳастияш бо Ватан пайванд аст. Ин нуктаро шоир моҳирона зикр мекунад:

Аз Ватан рафтам,
Валекин дур рафтан аз Ватан имкон надорад,
Мекашад хокаш;
Аз кашиданҳои хокаш набзи ман кандаст,
Зарбати қалбам мураттаб нест.
Аз Ватан рафтам, валекин мекашад хокаш,
Хоку хошокаш [9, с.8].

Аз ашъори дар ғурбат эҷоднамудаи шоир баръало пайдост, ки ӯ лаҳзае аз ёди Ватан фориғ нест ва дилаш ҳамеша ба ёди Ватан метападу лаҳзае ӯро ором намегузорад. Дурӣ аз Ватан барои шоир хеле дарднок аст. Бо вуҷуди тамоми таъминоти иҷтимоию иқтисодӣ шоир дар ғурбат худро хаставу нороҳат ҳис мекунад. Ин вазъи ноҳинҷори қаҳрамони лирикӣ дар ғурбат тавассути такрори калимаҳои шаҳр, зард, гард, дард муассиру хотирмон ифода ёфтааст:

Шаҳрест маро чаҳор фаслаш зард аст,
Шаҳрест, ки чаҳор фасли зардаш гард аст,
Шаҳре, ки чаҳор фасли гардаш дард даст,
Шаҳре, ки чаҳор фасли дардаш сард аст [9, с.140].

Қариб дар тамоми ашъори дар ғурбат эҷоднамудаи шоир оҳанги дарду ҳасрату андуҳ баланд садо дода ва хуб эҳсос мешавад, ки дурӣ аз Ватан барои шоир дардноку сангин аст. Ин ҳолати рӯҳӣ ва равонии шоир аз муроҷиати ӯ ба Душанбе, пойтахти Тоҷикистони азиз, ки як ҳиссаи беҳтарини умраш он ҷо гузаштааст, муассиру хотирмон ҳувайдо мегардад:

Борони ғурбати ман даҳ сол кам наборид,
Сабзид устухонам, шохи қалам насабзид,
Баъд аз ту, эй Душанбе, ман шеъри тар нагуфтам,
Дар шаҳри ғурбати ман ҷуз хори ғам насабзид [9, с.12].

Таркибҳои сабзидани устухон, насабзидани шохи қалам, шеъри тар, шаҳри ғурбат ва хори ғам ҷанбаи бадеии матнро тақвият дода, боиси ифодаи барҷастаи муҳтавои шеър гардидаанд.

Дар ашъори шоир хоҳ тасвири деҳаи Суфиён бошад хоҳ Файзободу Душанбе, ё тамоми хоки Тоҷикистон, ҳама ҷо меҳру муҳаббати шоир ба ин хоки Ватан самимона ба қалам омадааст. Дар ин бора адабиётшинос А. Абдуманнон барҳақ зикр мекунад: «Хидмати Бозор Собир дар роҳи мушаххас гардонидани симои Тоҷикистон, шинохтану шиносонидани гузаштаву имрӯзи халқу диёр, ҷузъиёти махсуси маишату тафаккури халқи тоҷик ва бештар аз ҳама дар пайвастани шахс бо зодгоҳ, таърихи халқаш ниҳоят чашмгир аст. Дар шеъри Бозор Собир тавсифи мушоҳидакоронаи Ватан нест, чизи асосиву

дувумдараҷае аз мавҷудоти Ватан вуҷуд надорад, тамоми аҳзову ашёи Ватан барояш азиз асту худ бо тамоми онҳо омехта» [2, с.51].

Дар эҷодиёти шоир симои як қатор фарзандони фарзонаву ҷасуру диловари Ватан, ки дар ҳама давру замон барои озодиву ободӣ ва истиқлолияти Ватан ҷаҳду талош намуда муборизаҳои беамон бурдаанд, оливу хотирмон офарида шудаанд. Дар ин гуна ашъори шоир ҳамеша рӯҳи истиқлолҷӯиву озодипарастии чунин фарзандони фарзонаву сарсупурдаи миллат бо як маҳорати хос ба риштаи тасвир кашида шуда, симои онҳо дар ашъори шоир як бозтоби тоза ёфтааст, ки аз мутолиаи чунин ашъори шоир дар замири ҳар хонандаи закитабъ ҳисси ватандӯстиву ватанпарварӣ таҳвият меёбад. Дар таҳвияти фикр шеърҳоеро аз қабили: «Муҷассамаи Айнӣ», «Қисмати шоир», «Ба устод Сотим Улуғзода», «Теғи Сино», «Фирдавсӣ», «Китоби «Тоҷикон», «Ғазои Восеъ» ва бисёр дигарҳоро метавон мисол оварад.

Бахусус дар шеъри «Муҷассамаи Айнӣ» шоир муборизаю корнамоиҳои бемислу монанди ин фарзанди ҷонфидои миллатро, ки баҳри бунёди давлати тоҷикон, ҳифзи забону фарҳанги миллат ва ҳувияту шинохти он ҷон ба каф гирифтаву ба рағми душманону бадхоҳони миллат муборизаҳои бемисл бурдааст, моҳирона инъикос намудааст. Дар мисраъҳои зер ӯ ин маъниро бо дарки баланди шоирона ба риштаи назм кашидааст:

Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарёфт ӯ,
Чун китоби куҳна аз вайронаҳо дарёфт ӯ.
Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,
Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст [7, с.14].

Тоҷиконро аз замин чун донаҳо ва чун китоби куҳна аз вайронаҳо дарёфтан, бозёфти шоирона аст, ки симои ин шахсияти бузурги таърихиро таҷассум сохтааст.

Ё шеъри «Китоби «Тоҷикон» ҳам мурури тоза ба гузаштаи пурифтихори халқи мост, ки онро шоир басо моҳирона дар қолаби маънӣ рехтааст. Таърихи пурфоҷиа, вале пурифтихори миллати тоҷик бо ҳама шебу фарозаш зикр гардидааст. Ӯ китоби «Тоҷикон»-ро рамзи ифтихормандии тоҷикон дониста, азизу гиромӣ доштани онро талқин менамояд:

Токдони хонаи мо ҷои дастархони мост.
Токдони чашми мо ҷои китоби «Тоҷикон» [7, с.199].

Дар ин ҷо истифодаи таркибҳои «токдони хона» ва «токдони чашм» устокорона истифода гардида, бори маънӣ мекашанд.

Гоҳе мавзӯи Ватан дар ашъори шоир маънои рамзӣ мегирад ва онро аз мавқеи ҷуғрофии худ фаротар ба риштаи тасвир мекашад. Шоир басо муносиб қудсияти Ватанро бо қудсияти забони модарӣ баробар кардааст. Ин маънӣ дар анҷоми шеъри «Забони модарӣ» ба мушоҳида мерасад:

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ [7, с.19].

Як паҳлуи муҳимми эҷодиёти шоирро васфи табиати биҳиштосои Тоҷикистон ташкил мекунад. Ин табиат бо ҳама гулу гиёҳаш, сангу хоку кӯҳсор ва ҳама аҳзояш барои шоир азиз аст. Аз ин нигоҳ тасвирофарӣ ва тасвирсозиҳои шоир нисбат ба Ватан доманаи фарох пайдо мекунад. Мафҳуми Ватан гоҳо дар ашъори ӯ бо табиаташ тавъам меафтад:

Тоҷикистон, Тоҷикистон ,
Мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту.
Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст [7, с.23].

Ҳар зарраи хоку ҳар резаи санг ва ҳар қатраи обу гулу гиёҳи Ватан барои шоир азиз асту ба онҳо арҷ мегузорад. Аз тасвири табиати Ватан ва дилбастагии шоир ба он ҳувайдост, ки тамоми тору пуд ва вуҷуди шоир бо Ватан пайванди ногусастанӣ дорад. Меҳри Ватан дар замираш чун чашмаи ҷӯшонест, ки аз қаъри замин пайваста ҷӯш зада мебарояд. Шоири шинохта Камол Насрулло барҳақ зикр мекунад: «Аслан ҳар шеъре, Бозор Собир дар мавзӯи Ватан ва ватандорӣ навиштааст, падидаи тоза дар шеъри навини мо гардидааст, зеро дар онҳо тозагии мазмун, баён ва тасвирҳои шоирона, ки ҳадафҳои баланди миллӣ доранд, пайгирӣ мешаванд. Беҳуда набуд, ки ин шеърҳо дар баробари интишор ёфтанашон вирди забонҳо гардиданд, зеро дар онҳо рӯҳияву ормони миллӣ бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ, созгор бо дилу эҳсоси мардум ба қалам омадаанд» [5, с.4].

Хулоса, мавзӯи Ватан аз мавзӯъҳои меҳварии эҷодиёти Бозор Собир аст, ки бо ҳама ҷузъиёташ дар ашъори ӯ таҷассум гардидааст. Барҳақ устод Аскар Ҳаким зикр мекунад «Ватан ҳар қадар мафҳуми дақиқ, мушаххас бошад, ҳамон қадар мафҳуми ҷомеъ аст. Ватан–забон, таърих, табиат, рӯду кӯҳистон, ёлаву талҳост, Ватан–гузашта, имрӯз ва фардост. Маҳз ҳамин тавр инъикос шудааст он дар шеърҳои Бозор Собир» [10, с.297].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев А. Дунёи шеър / А. Абдуллоев // Адабиёт ва санъат.–1988, 7 апрел. - №14.
2. Абдуманнон А. Пиндорҳо ва ингорҳо / А. Абдуманнон. – Душанбе: Адиб, 2006. – 216 с.
3. Акбаров Ю. Меҳри Ватан / Ю.Акбаров. – Душанбе: Маориф, 1989. – 188 с.
4. Алиакбари Нафисӣ. Фарҳанги Нафисӣ / Нафисӣ, Алиакбар. – Теҳрон, 1334. - Ҷ.5.
5. Насрулло К. Бозор Собир ва шеъри нави тоҷик / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2018, 22 ноябр. - №47.
6. Саидзода Ҷ. Бозор Собир –тасвиргари моҳир / Ҷ. Саидзода. – Душанбе: 2009. – 130 с.
7. Собир Б. Бо чамидан, бо чашидан… / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
8. Собир Б. Аз «Гули хор» то «Симхор» / Б. Собир. – Москва: Интрансдорнаука, 2003. – 256 с.
9. Собир Б. Шоиру шеъре агар ҳаст… / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 2006. –3 28с.
10. Ҳаким А. Маҷмӯаи осор. Ҷ. 3. / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 652 с.

ВИЖАГИҲОИ ТАСВИРИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба вижагиҳои тасвири Ватан дар эҷодиёти Бозор Собир маълумоти муфассал дода, паҳлуҳои муҳимми ин мавзӯъ то ҳадди имкон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ба ҳунару маҳорати шоир дар банду баст ва тозакорию навовариҳои ӯ дар ин самт, ҳамчунин хусусиятҳои фарқкунандаи шеърҳое, ки шоир ба мавзӯи Ватан бахшидааст, ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ҳангоми баррасии мавзӯи мазкур аз эҷодиёти шоир намунаҳо оварда, онҳо шарҳу тавзеҳ додааст, ки барои пурмуҳтаво шудани мақолаи мазкур кумак намудаанд. Ашъори ба мавзӯи Ватан бахшидаи шоир аз оғози фаъолияти эҷодиаш, то вопасин лаҳзаҳои умри шоир мувофиқи имконият таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Муаллиф инчунин аз осори баъзе муҳаққиқон доир ба мавзӯи мазкур иқтибосҳо оварда, фикрҳои худро асоснок намудааст. Аз мақолаи муаллиф баръало пай бурдан мумкин аст, ки мавзӯи Ватан яке аз мавзӯъҳои марказии эҷодиёти Бозор Собир ба шумор рафта, ин мавзӯъ дар тамоми даврaҳои эҷодиёти шоир аз мадди назараш дур намондааст. Инчунин муаллиф оид ба як қатор шеърҳое, ки шоир ба шахсиятҳои бузурги таърихӣ, ки барои ободиву озодии Ватан мубориза бурдаанд, бахшидааст, то андозае маълумот додааст.

Калидвожаҳо: Ватан, шоир, Бозор Собир, тасвир, ашъор, миллат, Тоҷикистон, адабиёт, мавзӯъ, ватандӯстӣ, мафҳум, эҷодиёт**,** муҳаққиқ, симо.

ОСОБЕННОСТИ ОТРАЖЕНИЯ ТЕМЫ РОДИНЫ В ТВОРЧЕСТВЕ БОЗОРА СОБИРА

В данной статье автор приводит подробные сведения относительно особенностей изображения темы Родины в творчестве Бозора Собира и в рамках своих возможностей рассматривает важнейшие стороны данной темы. Автор также обращает внимание на новаторское мастерство поэта и его нововведения в данном направлении и отмечает отличительные свойства стихов, которые поэт посвятил теме Родины, а также анализирует и рассматривает их. При рассмотрении данной темы автором приведены примеры из поэтического наследия поэта, к которым автор приводит свои комментарии. Стихи поэта, посвященные теме Родины, с начала его поэтической деятельности и до последних дней его жизни в соответствии с возможностями автора статьи подвергнуты рассмотрению. Автор также приводит примеры из наследия некоторых исследователей относительно данной темы и обосновывает свои мысли. Из содержания статьи станоитя очевидным, что тема Родины является одним из центральных тем творчества Бозора Собира и в течении всего периода его поэтической деятельности считалось одной из главных тем его творчества. Также автор вкратце приводит некоторык сведения относительно стихов поэта, посвященных великим историческим личностям.

Ключевые слова: Родина, поэт, Бозор Собир, изображение, поэт, нация, Таджикистан, литература, тема, патриотизм, понятие, творчество**,** исследователь, образ.

FEATURES OF THE REFLECTION OF THE THEME OF THE HOMELAND IN THE WORKS OF BOZOR SOBIR

In this article, the author provides detailed information on the features of the depiction of the theme of the Motherland in the work of Bozor Sobir and, within his capabilities, considers the most important aspects of this topic. The author also draws attention to the poet's innovative skills and his innovations in this direction and notes the distinctive properties of the poems that the poet devoted to the theme of the Motherland, as well as analyzes and examines them. When considering this topic, the author provides examples from the poet's poetic heritage, to which the author brings his comments. The poet's poems devoted to the theme of the Motherland, from the beginning of his poetic activity to the last days of his life, in accordance with the capabilities of the author of the article, are subjected to consideration. The author also gives examples from the heritage of some researchers regarding this topic and substantiates his thoughts. From the content of the article, it becomes obvious that the theme of the Motherland is one of the central themes of the work of Bozor Sobir and during the entire period of his poetic activity was considered one of the main themes of his work. Also, the author briefly gives some information about the poet's poems dedicated to great historical figures.

Key words: Motherland, poet, Bozor Sobir, image, poet, nation, Tajikistan, literature, theme, patriotism, concept, creativity, researcher, image.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоев Илҳомиддин Неъматович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 981-02-16-83**

Сведения об авторе: ***Мирзоев Илхомиддин Неъматович*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 981-02-16-83**

Information about the author: ***Mirzoev Ilkhomiddin Nematovich*** - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel .: **(+992) 981-02-16-83**

УДК: 891.550

ҚАДРУ МАНЗАЛАТИ ВАТАН АЗ НИГОҲИ МУҲАММАД ҒОИБ

Ҷалилов Ғ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мавзӯи Ватан ва ватанпарастӣ дар нимаи дуюми қарни бист дар эҷодиёти адибон мақоми тоза гирифта, ба воситаи он ба Ватан изҳори муҳаббат карда мешавад. Ин мактуби Темурмалик, аз қиссаи «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» бо як каф хоки Ватан чӣ қадар эҳсоси ватанхоҳӣ бедор менамояд: «Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва одамдӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории Ватани азизи ман аст!» Дар охири хат ин байт ҳам буд:

Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,
Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок! [1, с.64].

Абулқосим Лоҳутӣ дар хусуси ҳифзи марзу буми Ватан навишта буд:

Ман кунун баҳри ҳифзи мамлакат зар медиҳам,
Сар агар лозим шавад, баҳри Ватан сар медиҳам…
Хонадонамро Ватан монанди модар зодааст,
Хун ба роҳи хонадону ҳифзи модар медиҳам [2, с.182].

Ҳар як адиб аз гузаштаи пурғановати кишвар, фарҳангу маданияти қадима ва таърихи бойи миллати худ ифтихорманд гашта, дар васфи он бо муҳаббати бузург сухан меронад. Тараннуми Ватан дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб дар алоқамандӣ ва тавъам бо рушди маҳорати эҷодии шоир падид омадааст. Вай перомуни зебоии диёр ва муҳаббат ба он бо самимияту садоқати баланд шеърҳои зиёде гуфтааст. Ватан бо он ҳама бузургию шаҳомат, дарёву кӯҳсор, бешазору саҳроҳо ва марғзоронаш, шахсиятҳои бузургу фидокор ва сарбаландаш дар қалби шоир маъво гирифтааст.

Шеъру достонҳои Муҳаммад Ғоиб дар китобҳои ӯ «Ифтихор», «Нури дида», «Ғами ширин», «Фарёди ёдҳо» ва монанди инҳо аз ҷиҳати ғоянокӣ фарогири ҳодисаҳои муҳимми вақту замон ва бадеияти мазмуннокӣ дар зинаи болоравии эҷодиёти ӯ қарор гирифта, симои хосси шоиронаи Муҳаммадро дар қатори устодони сухан Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Гулназар пеши рӯ меорад.

Бештари ашъори Муҳаммад Ғоиб ба худогоҳӣ ва хештаншиносӣ бахшида шудааст. Ӯ дар воқеъ як муаллим ва як эҷодкори ашъори миллӣ ва меҳанист ва шикастҳои таърихию пирӯзиҳои онро ба тасвир мекашад, то тоҷику тоҷикон ба бузургию асолат ва шарофати гузаштаи худ бештар ошно шаванд. Чунки халқи тоҷик дар гузашта ва имрӯз ҳам ҳамчун халқи худшиносу худогоҳ эътироф шудааст. Аз ин рӯ, мо ҳамеша бояд ба фикри фардои дурахшони ин Ватану ин сарзамин бошем, то ояндагон ифтихор аз мову аз имрӯзи Ватан дошта бошанд:

То бубинӣ некҳоро нектар,
Роҳҳоро то кунӣ наздиктар,
Суҳбатат аз худшиносӣ сар шавад,
То шавад ҳар тоҷике тоҷиктар.
Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ (5, с.6).

Шеърҳои ватандӯстона дар эҷодиёти шоир хеле зиёданд, ки онҳоро адиб бисёр самимӣ ва бо камоли ифтихор сурудааст. Дар ҳар як шеъри ӯ ихлосмандие нисбат ба Тоҷиктистон ва халқи шарифи он дида мешавад. Ва шоир ифтихор аз гузаштагони худ мекунаду худро идомадиҳандаи фарҳанги волои онҳо медонад. Ин хислати шоир қариб дар ҳама шеърҳои ӯ дида мешавад ва тозагие ба ҳунари волои ӯ зам мекунад. Аз ҷумла дар шеъри «Ватан» фикру ақидаи Муҳаммад Ғоиб нисбат ба Ватан басо ҷолиб баён шудааст:

Бо ҳама шодии худ дар гами оянда манам,
Дар хаёли Ватану давлати поянда манам.
Уқда дорад агар ин ришта, кушоянда манам,
Дар дили кӯчаки ман меҳри бузурги ватан аст,
Васфи кишвар ба сад оҳанг сароянда манам [5, с.8].

Барои шоири бузург на танҳо Ватан, ёру диёр ва халқи бузургвораш азизанд, балки барои шоири воломақом замин, сайёраи мо аз ин ҳам арзиши бештар дорад, зеро дар замин ба дунё омада, камол ёфтааст. Ва Тоҷикистонро ҳамчун ҷон барои худ меҳисобаду ҳамеша аз ӯ фахр дорад. Ба ақидаи қаҳрамон чунин сарзамин дар ягон гӯшаи дунё нест ва Худованд танҳо барои ӯ ато кардааст, аз ин неъматҳо шукр мекунад:

Тоҷикистон, туӣ ҷон, бо ту фақат зинда манам,
Бе ту гирёнаму бо ту лаби пурханда манам.
Аз ту мефахраму меболаму фархунда манам,
Мулки ҷаннатсифатӣ, доди Худо баҳри манӣ,
Баҳри ту, доди Худо, шукр кунам, банда манам (5, с.8).

Дар баробари дигар мавзӯъҳои ашъори шоир, як мавзӯи асосӣ, ки дар шеъри ӯ бавосита ва ё бевосита ба он таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, мавзӯи Ватану миллат мебошад. Ин мавзӯъ аз ибтидои фаъолияти эҷодии шоир то ҳозир бо роҳу усулҳои гуногун ифода шудааст. Ин мавзӯъ, мавзӯи доимӣ ва ҷовидонӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Мавзӯи Ватан дар ашъори шоирони даврони шӯравии тоҷик ба назар мерасад. Қариб аксарияти шоирон аз як то чанд шеър доир ба садоқату муҳаббат ба меҳан эҷод кардаанд.

Ҷиҳати хуби шеърҳои дар васфи Модар-Ватан сурудаи шоир он аст, ки дар онҳо ҳақиқати зиндагӣ тасвир ёфтааст.

Муҳаббати беинтиҳои шоир нисбат ба зодгоҳу ватанаш дар шеърҳои «Дарди меҳр», «Ватан», «Тоҷикистон», «Васфи диёр», «Худшинос», «Ёди ватан», «Қиблаи умед», «Бигзор гадо бошам, дар хоки Ватан бошам» ва ғайра ба хубӣ баён шудаанд.

Муҳаммад Ғоиб чун абармарди сухан соҳиби табъу завқи баланди сухан соҳиби табъу завқи баланди мисли қуллаҳои сарбафалак кашидаи Тоҷикистони азиз мебошад. Ӯ ҳамчун ташнадил ба дарёи пурҷӯши илму адаб, фарҳанг, ба олами андешаҳои ширини қаламкашҳои пешин сар фурӯ бурда, барои худ гавҳари маънӣ ба даст овардааст. Лирикаи гарму нарм ва ватандӯстонаи шоир дар шакли суруду таронаҳои дилкушою дилнишин дар дилу ҳисси оммаи хонандагон ва шунавандагон ҷой гирифтааст. Ашъори шоир касро зиндадилу рӯҳбаланд мекунад, зебоии ҳаётро талқин менамояд, азму иродаи бунёдкоронаи аҳли ҷомеаро афзунтар ва мукаммалтар менамояд. Муҳаббати софу самимии одамӣ, тараннуми озодӣ ва меҳнати созанда, ифодаи ҳисси ифтихори ватандорӣ, дӯстию ваҳдат ва инсонпарварӣ мундариҷаи асосии шеъри Муҳаммад Ғоибро ташкил менамояд:

Сози хомӯшам, навобахшам туӣ,
Бе ту беморам, давобахшам туӣ.
Баста бе ту мешавад роҳи нафас,
Бе ту мемирам, ҳавобахшам туӣ.
Бо ту ҳастам зинда дар зери сипеҳр,
Ҷои меҳратро нагирад ҳеҷ меҳр.
Зодгоҳи мардуми доно туӣ,

Муҳаммад Ғоиб устоди моҳири тасвири лирикаи ҳаёт ва ғояҳои олии ватндӯстона мебошад. Аз ин рӯ, лирика ҳаёт аз доираи муқаррарии мафҳум берун рафта, лиризм яке аз хислатҳои барҷастаи устод Муҳаммад шудааст. Назми шоир тадриҷан аз оҳанги назми куҳна озод шуда, бо мундариҷаи бою баланди худ, бо тасвири амиқи ҳаёт, вусъати доираи муҳокима, бикрбаёнии мутафаккирона, санъати бойи бадеӣ ва зебоию услуби ба худ хосси ҷозибадор пурраву қатъӣ ба реализми воқеӣ даромад ва мақому симои шоирии шоири бузургро дар адабиёти муосири тоҷик муайян намуд.

Устод Муҳаммад Ғоиб дар ашъори худ таърихи муборизаҳои озодихоҳии халқ, таърихи меҳнату муборизаҳои бунёдкоронаи халқ, табаддулоти рӯзафзуни сиёсиву иқтисодӣ, маънавию фарҳангии нав ба одамонро ба риштаи назм кашидааст, ки ин аз худшиносии шоир дарак медиҳад:

То бубинӣ некҳоро нектар,
Роҳҳоро то кунӣ наздиктар,
Суҳбатат аз худшиносӣ сар шавад,
То шавад ҳар тоҷике тоҷиктар.
Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ (5, с.6).

Бояд донист, ки ғояи ватандӯстӣ, эҳтироми беандоза ба меҳан, ба модар дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб мақоми хосса дорад. Аз китоби ӯ «Ифтихор» маълум мегардад, ки шоир ба Ватан, ба халқи азизи худ, ба падидаҳои ҳаёти нав муҳаббати беандоза дорад. Масалан, дар шеъри «Васфи диёр» ин ҳиссиёти гарми шоир баръало мушоҳида мегардад:

Гӯшаи танги Ватан бошад зи паҳноҳо кушод,

Хонаи пасташ баланд аст аз ҳама қасри мурод.
Маскани осудагию зиндагӣ бошӣ, Ватан,
Нест аз он дилфаротар ҷо бароям умрбод (5, с.7).

Дар лирикаи Муҳаммад Ғоиб мазмунҳои ватандорию ватанхоҳӣ, меҳнатдӯстӣ, аҳду вафо, садоқат, меҳрубонӣ, иззату икроми ҳамдигар аз ибтидои фаъолияти эҷодии ӯ ба назар мерасад. Ифтихор аз Ватану муҳаббат ба хоку оби ин диёр ва тасвири манзараҳои дилкаши ин сарзамини биҳиштосо мавзӯи асосии ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиброро ташкил медиҳад:

Ватан мегӯям аз рӯзе, ки ман фахми сухан дорам,
Сухан мегӯям аз рӯзе, ки ман меҳри Ватан дорам.
Вафою эътиқоду ифтихорам – қаҳрамононам,
Ба ин ҷамъияти худ гуфтугӯю анҷуман дорам.
Ба дил раҳму ба ҷон сӯзу ба хун нангу ба чашмон меҳр,
Тамоми хулқи ибратбахши миллат дар бадан дорам.
Гирифтам аз ниёгон дарси номуси ватандорӣ,
Насими бӯи гулбоғи нав аз боғи куҳан дорам.

Аз байтҳои зерин аён аст, ки яке аз бузургтарин ва шарифтарин дастовардҳои адабиёти тоҷик иттиҳоду ваҳдат ва ростию дӯстии халққост ва ин мафҳуми тоза ғояи асосӣ, тору пуди шеъри устод Муҳаммадро ташкил дода, аз суннатҳои адабиёти хаттӣ ва шифоҳии халқи бофарҳангу соҳибтамаддуни мо маҳсуб меёбад. Чунончи:

Аз қисмати пурдаҳшати фардои диёрам,
Хоҳам, ки бигирям, дигар овоз надорам.
Нозам ба Ватан, бе Ватан азбаски Муҳаммад,
Як ҳалқа ҳам аз силсилаи ноз надорам (4, с.6).

Ҳурмат ва эҳтироми зиёд ба шеър ва шахсияти Муҳаммад Ғоиб дар он зоҳир шудааст, ки қудрати шоирӣ, дар меҳвари эҷодиёташ қарор додани масъалаҳои қисмати азалӣ, тақдири таърихии Ватану миллат, ба сарнавишт ва зиндагии инсон мебошад. Вай тавассути шеъраш баҳри худогоҳию худшиносии миллат ва бузургдошти мақоми инсон ҳамеша талош варзидааст.

Бо марҳамати офаридгор симои дилкаш ва ҷаззоби шоир бо ашъори тару тоза, рӯҳафзою ҷонбахш, поку беолоиш ва муъҷизаосои ӯ тавъам афтида, ки ин маҳбубияти Муҳаммад Ғоиброро беш аз пеш дар дилу дидаи ворисони халқи тоҷик афзун менамояд.

Устод Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки баробари замони худ қадам мегузорад, аз ҳавои қарни худ нафас мекашад. Дарду ҷароҳатҳои замонашро дар дили худ эҳсос мекунад, бештар аз дигарон дард мекашад, бо ашъори баландғояву баландпоя на танҳо шахсияти худро, балки миллати тоҷикро тавонист ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд:

Дар дили сози вуҷуди худ олам мепарварем,
Баҳри як оҳанг садҳо зеру бам мепарварем.
Хандаҳои лаҳзагӣ боди губоролуда аст,
То ба ҷо монем, гирён гашта нам мепарварем.
Гирад охир ҷои дашти кинаро саҳрои меҳр,
Бо умеди шодмонӣ тухми ғам мепарварем.
Мисли кӯдак мешавад ҳар пир пеш аз рафтанаш,
Тифли ёди рафтагонро дам ба дам мепарварем…
Шоирӣ бошад Муҳаммад ҷонкании умрбод,
Зиндагию марги худро мо ба ҳам мепарварем (7, с.29).

Бояд тазаккур дод, ки лиризм яке аз хусусиятҳои барҷастаи назми адиб мебошад. Назми шоир тадриҷан бо мундариҷаи бою баланди худ, вусъати доираи муҳокима ва амиқии фикр, бикрбаёнии мутафаккирона, суварнигории калом ва зебоию услуби ба худ хосси ҷозибадор пурраву қатъӣ дар зумраи адабиёти классикӣ ворид гашта истодааст.

Муҳимтарин ва зеботарин сифати ин ва дигар шеърҳои ба Ватан, ба Модар бахшидаи устод Муҳаммад Ғоиб сухани ҳақ дар васфи Ватан, тасвири қудрати маънавию ҷисмонӣ ва ҷамъиятии инсон дар зиндагӣ мебошад. Шоири бузург бо қалами муъҷизабаёни худ, бо як эҳсосоти баланду самимияти беандоза, бо қалби поку ҷӯшон Ватан – Модарро чун машъалаи нур пеши назару нигоҳи дил бо маҳорати баланду устодона ва муассир ҷилвагар сохтааст.

Агар ба ин масъалаҳо хусусиятҳои нави шакли бадеӣ, санъати дилпазири тасвир ва забони ҷозибанок аз ифодаҳои халқии ашъори шоирро илова кунем, боз ҳам равшантар баён мегардад, ки шеъри Муҳаммад Ғоиб, дарвоқеъ, ба мисли Ватани азизу маҳбубамон Тоҷикистон – даштҳои махмалину сабзпӯш, боғҳои шукуфон, дарахтони пурмеваи рангоранг, чашмаҳои ҷӯшону шаффоф, дарёҳои хурӯшон, обшорони баланд, қаторкӯҳҳои нукрафоми табаррук ва ҳамчун халқи шарифи он инсонҳои меҳанпарасту бунёдкор дорад,

ки дар маҷмӯъ, ин худ як муъҷизаи заминӣ мебошад. Ва яқин аст, ки устоди сеҳрқалам ин мисраъҳои аз дилу ҷон эҷодкардаашро ба ворисони ҳақиқии худ бахшида, хонандагони имрӯзу ояндаро аз мушкилоти зиндагӣ, аз мушкилнописандӣ, аз қавиродагӣ, худшиносӣ, аз садоқату вафодорӣ, ҳунаромӯзӣ, аз дӯстдорию мардонагӣ чун васият огоҳу гӯшрас мекунад:

Ҳарфи чашми ман сурх аст, хунҷигар фақат хонад,
Ин хати гаронхонро хатшинос медонад…
Аз вафо сухан гӯям, рӯзу шаб Ватан гӯям,
То зи ҷо ягон пуркин санги ӯ наҷунбонад.
То даме ки армон аст, дарду маҳви дармон аст,
Аз Муҳаммад ин сарват ҳеҷ кас набистонад (5, с.53).

Боиси ифтихори мост, ки суруду таронаҳо ва манзумаҳои шоир ҳамчун гули рӯйи сабад ва меваҳои гуворои пуршаҳд дӯстонро ширринком ва фараҳманд месозад. Муҳаббати софу самимии одамӣ, тараннуми озодӣ ва меҳнати бунёдкорона, ифодаи ҳисси ифтихори шаҳрвандӣ, дӯстӣ ва инсонпаварӣ, ки мундариҷаи асосии лирикаи ватандӯстонаи устодро ташкил менамоянд, аз забону услуби равони халқӣ ва санъати баланди бадеии шоир гувоҳӣ медиҳанд, ки мавқеи ин қабил шеърҳо дар эҷодиёти устод Муҳаммад бузург аст ва лирикаи шоир, дар ҳақиқат, мазмунан бой, дар нафосат дилнавоз ва мафтункунанда, дар таъсиру нуфуз баландпарвоз аст. Чунин лирикаи ҳаловатбахшу ватандӯстонаро аз таронаҳои «Ватан», «Ифтихор», «Тоҷикистон», «Ёди ватан» ва ғайраҳо дидану ҳис кардан мумкин аст.

Муҳаммад Ғоиб таърихи муборизаҳои озодихоҳонаи халқи тоҷик ва меҳнати бунёдкоронаи халқро бо маҳорати ба худ хос ба риштаи назм кашидааст. Дар лирикаи устод мавзӯю мазмунҳои ахлоқӣ ва ватандӯстона хеле зиёд буда, дар онҳо шоир ватанхоҳӣ, меҳнатдӯстӣ, аҳду вафо, иззату икроми ҳамдигар барин сифатҳои шоистаи инсониро ситоиш кардааст.

Устод Муҳаммад Ғоиб, ки соҳиби завқи солим, ҳофизаи баланд ва ҷӯяндаи илму дониш буд, вақти азизи худро пайваста сарфи омӯзиш мекунад. Мисли ташналабу сӯхтадиле, ки худро ба ҷӯши дарё мезанад, ба олами илму фарҳанг, фикру андеша, ба олами рангини эҳсосот ва орзуҳои ширини бузургон сар фурӯ бурда, аз зери ин баҳри беканори илму дониши пешиниён барои худ гавҳар берун меовард.

Ҳар як миллату халқияти сайёраи замин аз ибтидои ташаккулёбии худ баҳри пояндагию ояндаи ҳастиаш арзишҳои маънавии хешро офарида бо самимияти тамом ва эътибор ва парастиш намудани миллату давлат дар арсаи байналмилалӣ шинохта шудааст. Бале, диёре, ки мислаш дар олам ҳамтое надорад, ҳар мушти хокаш дурру зар, кӯҳсораш пур аз лаълу гуҳар, ҳар қатраи оби зулоли чашмасоронаш ҳамчун оби ҳаёт ва номи муборакашро ҳамеша вирди забон меорем, ки ин аст қарзи фарзандии мо дар назди Ватан:

Аз хоки Ватан ба ман расад гард, бас аст,
Аз боги гулаш маро гули зард бас аст.
Осуда ватандор набошад ҳаргиз,
Як умр даво ҷустан аз ин дард, бас аст (5, с.78).

Ҳамеша дар ашъори Муҳаммад Ғоиб сиёсати имрӯзаи давлату ҳукумат дида мешавад. Ӯ иброз медорад, ин ҳамаро такрор ба такрор вирди забон оварда метавон гуфт, ки сиёсати дурандешона ва ҳақиқатпазиронаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки аз гуфтаҳои боло худ шаҳодатест.

Хулоса, Ватан зебост бояд ҳар яки мо қадрашро донему азизу муътабараш ҳисобем ва ҳеҷ гоҳ нагузорем, ки чашми нохалафе дар он афтаду пайи суст кардани сиёсати дохилии он гардад. Дӯст доштани Ватан, риоя кардану тибқи қонунҳои он амал кардан яке аз вазифаҳои асосӣ ва аввалиндараҷаи ҳар яке аз сокинони он мебошад. Пас биёед ба қадри ин Ватану ин чаман бирасем, ҳамеша пайи хизмати он камари ҳиммат бандем ва кӯшиш кунем, ки дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам нуфузи Тоҷикистони тозаистиқлоли мо баланд гардад.

Вақте ки таъриху адабиёти гузаштаро варақгардон мекунем, мебинем, ки гузаштагони мо чӣ қадар ватандӯст буданд, ба қадри ватани худ мерасиданд ва намегузоштанд пойи нохалафе ба хоки сарзаминашон бирасад. Раванду ҷараёнҳое, ки солҳои охир дар кишвари мо мегузаранд, бештар аз пештар ба дараҷаи аввал чунин самту соҳаҳоро пеш мегузоранд: тарбияи маданият ва маърифати шаҳрвандию ватанпарварӣ, тарбияи ахлоқию маънавии наврасон ва ҷавонон, таълим ва тарбияи таърихию кишваршиносӣ ва ватандӯстӣ, тарбияи фарҳангию ватандӯстӣ, ки ҳамаи ин дар навбати худ барои ғанӣ гаштани моҳияту муҳтавои арзишҳои ватандӯстию ватанпарварӣ ба гурӯҳҳои мухталифи наврасону ҷавонон мусоидат мекунад:

Ватанро гӯшаи имону кӯйи бахти худ донанд,
Барои ҳифзи марзу бум худро посбон хонанд.
Сар афрозам, агар номи касеро қаҳрамон гӯянд,
Фидоии бузурги давру фарзанди замон гӯянд.
Ватан майдони нангу сарҳади номуси сарбозист.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик / С. Айнӣ // Садои Шарқ, 2014. - №10. - С. 38-64.
2. Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.3 / А.Лоҳутӣ. - Сталинобод. Нашрдавтоҷик., 1961.
3. Ғоиб, М. Нури дида / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2003.
4. Ғоиб, Муҳаммад. Ифтихор / Муҳаммад Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2011.
5. Ғоиб, Муҳаммад. Фарёди ёдҳо / Муҳаммад Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 1998.
6. Ғоиб, Муҳаммад. Ғами ширин / Муҳаммад Ғоиб. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006.
7. Турсунзода, М. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд / М.Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1971.
8. Юсуфӣ, Ҳ. Роҳи нотамом / Ҳ.Юсуфӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. - С.130.
9. Юсуф Акобиров. Қисмати инсон ва қисмати шеър / Акобиров Юсуф. – Душанбе: Дониш, 1980.

ҚАДРУ МАНЗАЛАТИ ВАТАН АЗ НИГОҲИ МУҲАММАД ҒОИБ

Мақолаи ба мавзӯи ватану ватандорӣ бахшида шуда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Аз ашъори шоир порчаҳои шеърие, ки васфи ватану қадру манзалати онро инъикос менамоянд, мисол оварда шудааст. Муаллиф кӯшидааст, то он шеърҳоеро аз эҷодиёти ин нобиғаи сухан интихоб намояд, ки ба дили халқу миллат шуълаи нурро ҳувайдо созад ва онҳоро дар роҳи ватандӯстию меҳанпарастӣ тарбия намояд. Аксари ҷавонон аз хештаншиносиву худогоҳӣ хабардор нестанд, аз пайи дигарон мераванд ва қадру қимати ватанро намедонанд. Бояд қайд намуд, ки мақола мавзӯи муҳимро дар бар гирифта, ба он нафароне, ки чӣ будани ватанро намедонанду хиёнат ба зодгоҳу диёри хеш мекунанд, панди хубест ва он ашхосро мебояд аз чунин нигоштаҳои бузургони илму адаб бархӯрдор гарданд ва қадру қимати Ватану кишвари азизи худро бидонанд. Дар мақолаи мазкур дарҷ гардидааст, ки Ватан зебост, бояд ҳар яки мо қадрашро донему азизу муътабараш ҳисобем ва ҳеч гоҳ нагузорем, ки чашми нохалафе ба он афтаду пайи суст кардани сиёсати дохилии он гардад. Бояд қайд намуд, ки ҳар як миллату халқияти сайёраи замин аз ибтидои ташаккулёбии худ баҳри пояндагию ояндаи ҳастиаш арзишҳои маънавии хешро офарида бо самимияти тамом ва эътибор ба парастиш намудани миллату давлат дар арсаи байналмилалӣ шинохти худро гузаштааст ва шинохта шудааст. Илова бар ин, муаллиф дар мақола қайд намудааст, ки дӯст доштани Ватан, риоя кардану тибқи қонунҳои он амал кардан яке аз вазифаҳои асосӣ ва аввалиндараҷаи ҳар яке аз сокинони он мебошад. Пас биёед ба қадри ин Ватану ин чаман бирасем, ҳамеша пайи хизмати он камари ҳиммат бандем ва кӯшиш кунем, ки Тоҷикистони тозаистиқлоли мо дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам нуфузаш баландтар гардад.

Калидвожаҳо: Ватан, диёр, Тоҷикистон, шоир, ашъор, лирикаи шоир, гаронбаҳо, устод Муҳаммад Ғоиб, қадру манзалати Ватан, ватандӯстию меҳанпарастӣ.

ЧЕСТЬ И ДОСТОИНСТВО РОДИНЫ В ПОЭЗИИ МУХАММАДА ГОИБА

Данная статья посвящена теме родины и имеет большую научную ценность. В ней приводятся стихотворные строчки, в которых воспевается честь и достоинство Родины. Автором предпринята попытка отобрать из творчества этого гения стихи, которые способны зажечь в сердцах народа и нации луч света и воспитать их в духе патриотизма и любви к Родине. Необходимо отметить, что статья, затрагивая важную тему, есть хорошее наставление тем, кто не дорожит Родиной и предаёт её. Поэтому автор напоминает этим людям о творениях корифеев науки и литературы, необходимости дорожить честью и достоинством своего родного края. Следует отметить, что каждая нация и народ планеты с самого начала своего формирования ради своего будущего создали свои духовные ценности и были признаны на международной арене с искренностью и уважением к нации и государству. Кроме того, в статье автор подчеркивает, что любовь к Родине, послушание и соблюдение ее законов - одна из главных и приоритетных задач каждого ее гражданина. Поэтому давайте ценить Родину и этот мир, всегда служить ей и стремиться поднять престиж нашего нового независимого Таджикистана на мировой арене.

Ключевые слова: родина, край, Таджикистан, поэт, стихи, лирика поэта, драгоценный, наставник, честь и достоинство Родины, патриотизм.

HONOR AND DIGNITY OF THE HOMELAND FROM MUHAMMAD GOIBA'S POETRY

This article is devoted to a subject of the homeland and has a great scientific value. Poetic lines in which the honor and advantage of the homeland is sung are given in it. The author made an attempt to select from creativity of this genius of a word verses which are capable to light a ray of light in the hearts of the people and the nation and to bring up them in the spirit of patriotism and love for the country. It should be noted that article, touching upon an important subject, is good manual by that that doesn't value the homeland and betrays it. There fore the author reminds these people of creations coryphaeus sciences and literatures, values honor and advantage of the native land. It should be noted that every nation and people of the planet from the very beginning of its formation for the sake of its permanence and future has created its own spiritual values and has been recognized in the international arena with sincerity and respect for the nation and state. In addition, the author emphasizes in the article that loves for the motherland, obedience and compliance with its laws is one of the main and priority tasks of each of its inhabitants. Therefore, let us appreciate this Motherland and this world, always strive for its service and strive to increase the prestige of our newly independent Tajikistan on the world stage.

Key words: homeland, region, Tajikistan, poet, verses, lyrics of the poet, precious, mentor, honor and advantage of the homeland, patriotism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷалилов Ғолиб*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, аспиранти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кулоб, кӯч. С.Сафаров 16. Тел.: **(+992) 918-73-35-80**

Сведения об авторе: ***Джалилов Голиб*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры таджикской литературы и журналистики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. Тел.: **(+992) 918-73-35-80**

Information about the author: ***Jalilov Golib*** - Kulob State University named after A. Rudaki, assistant of the chair of literature and journalistic. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov St.16. Tel.: **(+992) 918-73-35-80**

УДК: 891.55

РУШДИ ИЛМУ ФАН ДАР ТИРМИЗ
(асрҳои X–XI)

Айнитдинов И.Ш., Муслимзода Ҳ. А.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Номи Термиз дар манбаъҳои қадима ба таври “Таро-Маэта” вомехӯрад, бори аввал он ба чунин тарз дар китоби ,,Авасто“ оварда шудааст. “Таро-маэта”, “Тарамата” рафта-рафта ба “Тарамат” табдил шуда, аз он ба оҳистагӣ ба шакли “Тармад” ва ниҳоят, шакли ҳозираи Тармиз – Термиз –Тирмизро мегирад ва маънои “шаҳри назди дарё»-ро дорад.

Дар шаҳри Термиз алломаҳои бузурге мисли Ҳаким Тирмизӣ, Юсуф Ҳаёти Тирмизӣ, Зарри Тирмизӣ, Варроқи Тирмизӣ, Ҳомиди Тирмизӣ, Абулмузаффари Тирмизӣ, Сайид Бурҳониддин Тирмизӣ ва ғайраҳо ва шоирони боистеъдоде чун Мунҷики Тирмизӣ, Абӯбакр Умари Тирмизӣ, Қатрон Аҷалии Тирмизӣ, Собири Тирмизӣ, Хаттоти Тирмизӣ, Холи Тирмизӣ тарбия ёфта ба камол расидаанд.

Барои дар ҳаёти иҷтимоӣ ба камолот расидани онҳо илми ҳадис қутбҳои алоҳидаро намоён мекард, дар ин бобат алломаҳои Тирмизӣ нақши муҳимро мебозанд, чунончи, Солеҳ ибни Абдуллоҳи Тирмизӣ ва Ҷоруд ибни Маъоз ас-Суламии Тирмизӣ дар қатори нуҳ шайхи бузурге, ки ба муаллифони «Сиҳоҳи ситта» (маҷмӯи шаш ҳадиси муътабар) устодӣ намудаанд, мақом доранд. Бо ин ду алломаи замон Солеҳ ибни Муҳаммад Тирмизӣ низ, ки дар Тирмиз вазифаи қозигиро ба зимма дошт, дар қатори одамони машҳур буд. Солеҳ ибни Муҳаммад Тирмизӣ дар илми ҳадис ба Ҳакими Тирмизӣ устодӣ мекард. Ҳаким Тирмизӣ дар баробари ин, аз Солеҳ ибни Абдуллоҳи Тирмизӣ ҳам доир ба илми ҳадис таълим гирифтааст. Солеҳ ибни Абдуллоҳи Тирмизӣ устоди бузурге мебошад, ки ҳатто ба падари Ҳаким Тирмизӣ – Алӣ ибни Ҳасани Тирмизӣ, ҳамзамон ба муҳаддиси шинохта Абӯисо Имом Тирмизӣ низ аз ҳадис дарс додааст.

Дар манбаъҳо зикр шудааст, ки Солеҳ ибни Абдуллоҳи Тирмизӣ аз илми тафсир ба донишманди намоёни балхӣ Аҳмади Хизравайҳ, ки соли вафоташ 855 мебошад ва Аттори Нишопурӣ дар “Тазкират-ул-авлиё» боби махсусеро ба ӯ ҷудо карда, аз аҳволу карометҳояш қисса мекунад, ҳамчунин, ҳамсари ӯ Умма Алӣ (ё Фотимаи Хизравайҳ) аз тафсир дарс додааст. Аммо худи Солеҳ ибни Абдуллоҳ илми ҳадисро аз ҳамватани худ Қосим ибни Уббоди Тирмизӣ омӯхтааст. Ҳамин тавр, Абулҳасан Аҳмад ибни Ҳасан ибни Ҷунайди Тирмизӣ, ки нисбаи “ат-Тирмизӣ ал-Кабир» (Тирмизии бузург)-ро гирифта буд, Қосим Уббоди Тирмизӣ, Солеҳ ибни Абдуллоҳи Тирмизӣ, Мактуб ибни Аббоси Тирмизӣ, Солеҳ ибни Муҳаммади Тирмизӣ, Ҷоруд ибни Маъоз ас-Суламии Тирмизӣ, Алӣ ибни Ҳасани Тирмизӣ, Ҳакими Тирмизӣ, Абӯисо Имоми Тирмизӣ ва дигарон дар мактаби ҳадис пешқадам буданд.

Мактуб ибни Аббоси Тирмизӣ аз шахсиятҳои бузургест, ки дар илми ҳадис мавқеи муносиби худро доранд, минҷумла, Абӯисо Имоми Тирмизӣ аснодҳои фиқҳиро аз ӯ нақл мекунад. Аз Тирмизии кабир, яъне аз Абулҳасан Аҳмад ибни Ҳасан ибни Ҷунайди Тирмизӣ бошад, якбора Имом Бухорӣ (810-870), Абӯисо Имом Тирмизӣ (824-892), Ибни Моҷҷа (834-886) ва дигарон ҳадис ривоят мекунанд. Аммо аз Солеҳ ибни Муҳаммади Тирмизӣ ҳадис ривоят кардани Абулҳасан ибни Халлоли Мукрӣ хеле ҷолиби диққат менамояд.

Алломаҳои зикршуда дарси худро аз анъанаҳои мазҳаби ҳанафия дар фаъолияти қозиёни шаҳри Термиз Холид ибни Зиёд ат-Тирмизӣ ва Абдулазиз ибни Холид ат-Тирмизӣ фаро гирифта буданд. Набояд фаромӯш кард, ки ба ҳамин монанд ба онҳо таъсири мактаби каломи ал-ҷаҳмия, ки Абӯмуҳриз Ҷаҳм ибни Сафвон асос гузоштааст, эҳсос мешавад. Соли 748 вохӯрии Холид ибни Зиёд ат-Тирмизӣ бо донишманди фиқҳ Абӯҳанифа (699-767), аз соли 796 ба баъд дар Фарғона зистани Абдулазиз ибни Холид ат-Тирмизӣ, баъдтар дар шаҳри Марв саркозӣ шудани ӯ ҷолиби диққат аст. Солеҳ ибни Муҳаммад ат-Тирмизӣ, ки аз онҳо қариб сад сол баъд дар шаҳри Тирмиз қозӣ буд, айнан аз ихлосмандони мактаби ҷаҳмия ба ҳисоб меравад.

Таълимоти ҷаҳмия дар шаҳри Термиз ва умуман дар минтақа таъсири бузург дошт ва ҳаракати худро то асри XI давом дод ва тарафдорони ӯ зиёд буданд.

Ғояҳои инсонпарваронаи мусбати мазҳаби ҳанафия бо ҷаҳонбинии манфии мактаби ҷаҳмия мувофиқат намекард. Дар ташаккули неруи илмии алломаҳои Тирмизӣ дар қатори шаҳри Термиз шаҳри Балх, ки дар соҳили чапи дарёи Ҷайҳун қарор дошт, мақоми алоҳида касб мекард.

Аз таърих маълум аст, ки шаҳрҳои Балх ва Тирмиз аз қадим байни ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ доштанд.

Маълум мешавад, ки алломаҳои Тирмизӣ дар муҳити рушди ҳадисшиносӣ ва ҳадиснависӣ ва илмҳои дигари динӣ таваллуд шуда, ба воя расидаанд. Яке аз онҳо равияи пешгирифтаи Ҳаким ат-Тирмизӣ роҳи илм буд, ки ин равия номи ҳакимияро мегирад, ба ҷонишинҳо ва шогирдони ӯ унвони ҳаким дода мешавад. Дар гузашта унвони ҳаким (донишманд, донандаи розҳои пинҳонии дониш) ба ивази ба даст овардани комёбиҳо ба намояндагони тамоми соҳаҳо (олимон, шоирон ва ғ.) аз тарафи халқ дода шуда ва онҳо бо ҳамин ном шарафёб гардидаанд. Равияи ҳакимия, ки Ҳаким ат-Тирмизӣ асос гузошта буд, аввалин равияи тасаввуфӣ дар сарзамини Мовароуннаҳр буда, шиори он «Бо дониш дарёфт кардани Аллоҳ» ва «Бо илм шинохтани Аллоҳ» ба ҳисоб меравад. Ин аллома илмро нур гуфтааст, ин нур соҳиби илм, яъне бандаро ба висоли Аллоҳ мерасонад, равшансози роҳи ӯ ҳам нур мебошад, бинобар ин, барои ҳақро аз ноҳақ ҷудо кардан ба дили инсон нур ҷорӣ карда мешавад. Шогирди Ҳакими Тирмизӣ Варроқи Тирмизӣ низ ғояи фақат ба воситаи дониш донистан мумкин будани Аллоҳро тарафдорӣ мекунад. Дар асари “Масоил-ат-таъбир» (масъалаҳои таъбир)-и Ҳаким ат-Тирмизӣ доир ба илм андарзҳои аҷибе мавҷуданд. Масалан: “Инсони донишманд – одами ба Худо наздик», “Илм – дӯст дар танҳоӣ», “Илм дар лаҳзаҳои душворӣ наҷот аст», «Илм – зиннати даврai дӯстон», «Ба туфайли илм дар байни бегонагон хеш мешавӣ». Дар яке аз андарзҳои Варроқи Тирмизӣ илм ба таври зерин талқин карда шудааст: “Илм ба қалб таскин медиҳад ва камоли имон бо он аст».

Неруи асарҳои Ҳаким ат-Тирмизӣ дар он аст, ки масъалаҳои муносибат ба касб, меҳр ба касб ҳам аз назар дур намемонад, балки таъкид карда мешавад, ки касб омил ва зиннати инсон, хазинаи таъминкунандаи ризқу рӯзии ӯ мебошад. Масалан, дар рисолаи “Баён-ул-касб» (Баёни касб)-и ин аллома аз тарафи Худо ба инсонҳо ҳамчун неъмати олӣ ҳадя гардидани касб, ҳатто аз пайғомбаронамон дӯзанда будани Идрис алайҳиссаллом, шубон будани Мӯсо алайҳиссалом, оҳангар будани Довуд алайҳиссалом, дуредгар будани Нӯҳ алайҳиссалом, тоҷир будани Солеҳ алайҳиссалом таъкид гардидааст. Ҳамаи онҳо мероси якумрие мебошанд, ки аз Одам алайҳиссалом ба пайғамбарон ва инсоният мондааст. Одам алайҳиссалом баробари ба замин қадам ниҳодан ба корҳои кишту кор эътибор додааст. Момо Ҳаво бошад, пашм ва нах ресида, онҳоро мебофт ва аз онҳо либос медӯхт, ки ин одатҳои нек баъдтар ба бонувони сариштакор мерос мондааст.

Навиштаҷоти илмию динии Ҳаким ат-Тирмизӣ дар олами ислом эътирофи худро пайдо карда бошад, фаъолияти шогирди солеҳу вафодори ӯ Абӯбакр Варроқи Тирмизӣ боз ҳам ҷолибтар аст. Падару бобоёни Варроқ дар асл Тирмизӣ буда, худаш дар деҳаи Аёзи Балх ба дунё омадааст, дӯсти наздики сӯфии машҳури балхӣ Аҳмад Хизравайҳ буд. Дар миёни Ҳаким Тирмизӣ ва Варроқ риштаҳои дӯстӣ решаҳои мустаҳкам давондааст, Варроқ тағои пешвои илми ҳадис Имом Исои Тирмизӣ буд. Варроқи Тирмизӣ соҳиби дониши амиқ буда, дар илмҳои ҳадис, калом, фиқҳ ва ғайра ҳамто надошт, ба ғайр аз китоби Қуръони карим китобҳои осмонии “Таврот» ва “Инҷил»-ро бо меҳр мутолиа мекард. Ӯ муаллифи “Китоб-ал-Ихлос» (Китоб доир ба ихлос), “Китоб-ал-ҳуруф» (Китоб доир ба ҳарфҳо), “ Китоб ал-аҷаб»(Китоб доир ба тааҷҷуб), “ Китоб ҳақиқат ал ботин» (Китоби ҳақиқати ботин), “ Одоб ал-олим вал-мутаъаллимин» (Одоби устод ва шогирд), “Ал-мусоҳиф» (Китоб доир ба саҳифаҳо) мебошад. Китоби “Одоб ал-олим вал-мутаъаллимин» соли 1939 дар Қоҳира (Миср) ба чоп расида, дар он дар атрофи тариқати тасаввуф баҳс карда мешавад, қисмати дигар асарҳои ӯ номаълум аст. Аз Варроқ Тирмизӣ андарзҳои ҷолиб то ба мо омада расидааст: “Садоқатро эҳтиёт кун, зеро он байни туву Худост», “Сабрро эҳтиёт кун, он байни туву нафс аст», “Калиди ҳамаи баракатҳо сабр аст», “Ба дунболи суҳбати оқилон бош, ҳангоми суҳбати зоҳидон ба атроф зебо чарх зан ва ҳангоми суҳбат бо ҷоҳилон дар сабр зебо бош!», “Бахти қаландар дар ин дунё ва охират он аст, ки дар ин дунё султон аз ӯ хироҷ талаб кардан наметавонад, дар охират ҷаббори олам ӯро пурсиш намекунад», “Одамон аз лаззати об баҳраманд мешванд, лекин таъму ранги онро намедонанд». Алишер Навоӣ дар асари “Насоим ул-муҳаббат» чунин андарзи аҷиби ӯро меоварад: “Ва ҳам сухани ӯст, ки фасоди умаро бо зулм аст, фасоди уламо бо тамаъ аст ва фасоди фуқаро бо риёст»...

... Ҳаким ат-Тирмизӣ дар асари “Назоир-ул-Қуръон» калимаи “Ҳаким»-ро “донандаи ҷониби дохили илм» гуфта тавзеҳ медиҳад. Намояндагони тариқати ҳакимия ғояи ба воситаи илм шинохтани Аллоҳро пеш мебаранд, аз ҳамин ҷо ба номи ҳакимия сазовор мешаванд. Аҳли тасаввуф истилоҳи “Ҳаким»-ро дар маънои илму ҳикмат талқин кунанд ҳам, каломи “Ҳаким»-ро аз дараҷаи илм баландтар мешуморанд. Ба ақидаи аҳли тасавввуф “Ҳаким» касест, ки донишро амиқ омӯхтааст, чунки ба он тавассути машаққати зиёд ва риёзат (мушкилот) ноил мегарданд. Ҳаким ат-Тирмизӣ ба сабаби он ки табиати инсонро дар тасаввуф ҳаматарафа омӯхта, хуб ва амиқ дарк мекунад, ба лақаби “Ҳаким» мушарраф шудааст. Хоҷа Ҳаким ат-Тирмизӣ ба тариқати худ асос гузошта, таъкид мекунад, ки дар замири ин тариқат илм пойдевори мустаҳкам мебошад. Ин аллома дар роҳи ба тасаввуф додани мақоми илм хеле ҷонбозиҳо мекунад. Ин зоти бузург бо асарҳои худ илмро ташвиқу тарғиб карда, ба қудрати илм имон оварда, илмро ба сифати нур талқин намудааст. Зеро шиори ба васли Аллоҳ фақат бо илм муяссар шудан ғояи пешбарандаи тариқати ҳакимия буд. Дар ҳақиқат, Ҳаким ат-Тирмизӣ ғояи ба воситаи илм шинохтани Аллоҳро пеш бурда, барои дарки Аллоҳ зарурати бо қалб тасдиқ кардан ва бо забон иқрор шуданро зинҳор фаромӯш намекунад. Дар ин ҳол ҳаракат ба сӯйи Аллоҳ танҳо бо иқрор ба забон ва тасдиқ ба қалб амалӣ нагардида, балки дар зермазмуни он ҷой доштани маърифат ба тарзи қатъӣ талқин карда мешавад. Шогирди содиқи Ҳаким ат-Тирмизӣ Абӯбакр Муҳаммад бинни Умар Варроқ ат-Тирмизӣ даъвои тавассути дониш шинохтани Аллоҳро тарафдорӣ мекунад. Абӯбакр Муҳаммад бинни Умар Варроқ ат-Тирмизӣ ба ривоҷи баъдинаи тариқати ҳакимия ҳиссаи босазо гузоштааст. Варроқи Тирмизӣ муаллифи чандин асарҳои тасаввуфист, ки асарҳои “Китоб ал-ихлос», “Китоб ал-ҳуруф», “ Китоб ал-аҷал», “Китоб ал-ҳақикат ал- ботин», “Одоб ал-олим ва-л-мутаалим» аз ҷумлаи онҳост.

Варроқи Тирмизӣ соҳиби илми баланд буд, ӯ дар илмҳои ҳадис, калом, фиқҳ ва ғайраҳо нодираи замони худ буда, якчанд забонро медонистааст. Тазкиранависони қадим дар асарҳои худ вақте ки доир ба роҳи зиндагии Ҳаким ат-Тирмизӣ нақлу ривоятҳои ибратнокро илова мекарданд, доим ба Варроқи Тирмизӣ ҳавола мекарданд. Маълум мешавад, ки барои аз нобудӣ ҳифз гардидани нақлу ривоятҳо дар бораи Ҳаким ат-Тирмизӣ, то замони мо расидани онҳо хизмати Варроқи Тирмизӣ беқиёс аст. Ҳамин тариқ, риштаҳои устодиву шогирдии миёни Ҳаким ат-Тирмизӣ ва Варроқи Тирмизӣ ба дӯстии содиқона табдил гашта, решаҳои амиқ давондааст. Ин намунаи дӯстию рафоқат то охири умри онҳо давом ёфтааст. Дар ҳақиқат, Варроқи Термизӣ ҳамеша дар назди Ҳаким ат-Тирмизӣ қарор гирифта, аз ӯ дур намешуд ва фазилатҳои бисёр неки пири худро аз худ мекард. Варроқи Тирмизӣ ба бисёр шогирдон устодӣ ҳам кардааст, ки шогирдони ӯ ба Термиз барои омӯхтани илм омада, аслан фарзандони мамлакатҳои гуногун ба ҳисоб мерафтанд. Шогирдони ӯ Абулқосим Ҳаким Самарқандӣ аз Самарқанд, Бакри Суғдӣ, Ҳошими Суғдӣ аз Суғд, Солеҳ бинни Мактум аз Балх буданд. Аз инҳо Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ бо алломаи машҳур Имом Абӯмансури Мотурудӣ (870-944) дӯсти наздик ва ҳаммаслак буд. Маълум мешавад, ки дар шаҳри Термиз аз қадим илми тасаввуф, алалхусус илми ҳадис ба дараҷае ривоҷ ёфта буд.

Нақлҳо дар хусуси шахсиятҳои бузурге, ки дар шаҳри Термиз ба воя расидаанд, яъне Юсуф Ҳайёти Тирмизӣ ва Абӯзари Тирмизӣ хеле мароқовар аст. Ҳайёти Тирмизӣ аз алломаҳои тасаввуф аст, ки дар асри 1Х ба сар бурда, ҳамзамони Ҳакими Тирмизӣ, Варроқи Тирмизӣ, Исои Тирмизӣ ва Ҳомиди Тирмизӣ мебошад. Юсуф Ҳайёти Тирмизӣ аз шайхони табақаи дуюми тасаввуф буда, зинаи аввалини тасаввуф мухолиф ба ҳаракати дарвешиву қаландарӣ буд. Ба Ҳайёти Тирмизӣ ҳаракати аз шаҳр ба шаҳр давр задан, дарвешӣ, дар биёбонҳо дар ба дар гаштан бегона буд. Суханҳои зерини ӯ ин гуфтаҳоро собит мекунанд: “Тӯли сӣ сол аст, ки бо ин ният аз хона бадар намешавам, ки боз ба хона бармегардам». Муддао аз ин сухан он аст, ки барои расидан ба висоли Аллоҳ ба дашту саҳро баромада, тарки худӣ кардан шарт нест. Баръакс, ғояи амалҳои мазкури дар роҳи Аллоҳ холисона бударо дар шароити хона низ иҷро кардан дар барномаи Ҳайёти Тирмизӣ собит буд. Алломаи навбатии замон, симои барҷастаи ба худ хосси тасаввуф Абӯзари Термизист, ки ӯ ҳам ба мисли Ҳайёти Тирмизӣ ҳамзамони Ҳаким Тирмизӣ, Варроқи Тирмизӣ, Исои Тирмизӣ будааст. Ӯ ба сифати шахси дорои дониши амиқ ва каромати беҳамто машҳур гардида буд. Дар ин бобат ӯ, ки бисёр маротиба ба таҳсини мардуми атроф сазовор шуда буд, аз сӯфиёни соҳибистеъдод буда, ба ҳама кор қувваташ мерасид, дар аксари ҳолат мушкили дӯстонашро осон кардааст, аммо афсӯс, ки роҷеъ ба тарҷумаи ҳоли ӯ маълумоти кофӣ дар даст надорем.

Яке аз дигар шайхони машҳури Тирмиз Абулмузаффари Тирмизӣ буда, яке аз алломаҳои бузурги даври худ ба ҳисоб мерафт, дар тақво ба фазилатҳои ҷудогона соҳиб гардида, дар илми дин паҳлуҳои ба худ хосро намоён кардааст. Ӯ дар масҷидҳои марказии

Тирмиз ба ҳайси музаккир фаъолият намудааст ва суханҳои пурмазмуни ӯ доир ба муомалот (одоб), зуҳд (ҷиҳод бо нафс), тақво (канорагирӣ кардан аз нафс) зиёд аст. Ин зоти шариф бо донишмандони Балхӣ доимо дар робита будааст, ки Шариф Уқайлӣ, Пири Форсӣ, Абдулмалик Искоф, Абулқосим Ҳаннона, Ҳасани Табарӣ, Орифи Айёр, Муҳаммад (падари Абдуллоҳи Ансорӣ) аз он ҷумлаанд. Дар шаҳри Тирмиз дар қарнҳои 1Х-Х бисёр намояндагони илми илоҳиёт ба камол расидаанд, дар бораи фаъолияти баъзеи онҳо дар боло гуфта гузаштем. Аз таърих маълум аст, ки шаҳри Тирмиз дар илми ҳадис дар олами Ислом эътибори махсус дорад. Аз ҳама муҳиммаш ин аст, ки яке аз шаш муҳаддиси бузурги ҷаҳон дар шаҳри Тирмиз ба камол расидааст ва, ин дар навбати худ, саҳми Тирмизро дар пешрафти тамаддуни ислом муайян мекунад. Абӯисо Муҳаммад Имом Тирмизиро дар олами ислом хуб мешиносанд ва ӯ дар миёни муҳаддисон мавқеъ ва мартабаи баланд дорад. Хизматҳои бузурги ӯ дар бобати ҳадиснависӣ дар ҳар замон ва дар ҳама ҷо эътироф гардидааст. Имом Тирмизӣ дарсҳои аввалинро дар шаҳри Термиз фаро гирифта, бо мақсади амиқтар омӯхтани илм ба дигар шаҳрҳо роҳ пеш мегирад. Ӯ дар давоми 20 сол муттасил дар мамлакатҳои гуногун шуда, ҳадисҳоро омӯхт ва онҳоро ҷамъоварӣ кард. Абӯисо дар синни 20-солагӣ аз зодгоҳи худ баромада рафт ва дар синни 40-солагӣ ба шаҳри Тирмиз баргашта омад. Аллома дар давоми ин солҳо доир ба илми ҳадис, илми қироат, илми фиқҳ ва таърих маълумоти фаровон ба даст овард ва асари “Ҷомеъ-ас-саҳеҳ»-ро навишт. Ин асар ба номҳои гуногун зикр мешавад: “Ал-ҷомеъ» (Маҷмӯа), “Ал-ҷомеъ ал-кабир» (Маҷмӯаи кабир), “Саҳеҳ-ат-Тирмизӣ», “Сунан ат-Тирмизӣ», “Сунани Тирмизӣ», “Ас-сунан». Ба сабаби он ки Имом Тирмизӣ дар илми ҳадис асосгузори равияи “сунан» буд, ин китоб дар аксар адабиётҳо бо номи “Сунани Тирмизӣ» машҳур гаштааст. Китоби Тирмизӣ гоҳо бо номи “Ҷомеъ- ат-Тирмизӣ» (Ҷамъоварди Тирмизӣ) оварда шудааст ва ҳадисҳои он ба “саҳеҳ», “ҳасан», “заиф», “ғариб» гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Имом Тирмизӣ боз муаллифи як қатор асарҳои дигаре мебошад: “Аш-шамоил-ан-Набавия», “Китоб-ал-илал» (Китоб доир ба нуқсонҳо) “Китоб-ат-тарих» (Китоби таърих), “Китоб-аз-зуҳд» (Китоб доир ба тақво), “Асмо-ас-саҳоба», “Китоб-ал-асмо-вал-куна» (Номҳо ва лақаби ровиён), “Ал-илал-фил-ҳадис» (Нуқсонҳои ҳадисҳо), “Рисола вал-хилоф вал-ҷадал” (Ихтилофот ва воқеоти ҳадисҳо) ва ғайраҳо. Шаҳри Тирмиз яке аз он шаҳрҳоест, ки бо алломаҳои машҳури худ дар дунёи ислом ба мақоми арзанда ноил гаштааст. Донишмандони бузурге, ки дар шаҳри Тирмиз ба воя расида буданд, дар дини ислом ва аҳкоми мусалмонон ба ивази хидматҳои бузургашон обрӯву эътибор ёфтаанд. Дар асрҳои 1Х-Х1 дар шаҳри Тирмиз ҳунармандӣ, санъат, маданият, илму фан ва адабиёт ривоҷу равнақ пайдо кард, шаҳри мазкур бо адибони соҳибистеъдоди худ низ дар олам овоза шуда буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев А. Адабиёти тоҷик. Барои синфи 9 / А.Абдуллоев. – Д.: Маориф, 1990.
2. Аббоси Моҳёр. Марҷаъшиносии адабӣ ва равиши таҳқиқ / Моҳёр Аббос. – Теҳрон, 1375.
3. Артур Арберри. Адабиёти классики форсӣ Арберри Артур; тарҷумаи Асадуллоҳи Озар. - Теҳрон: 1371. – 536 с.
4. Афсаҳзод, А. Одамушшуаро Рӯдакӣ / А.Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 2008. – 370 с.
5. Аҳмедов Б.А. Давлатшоҳ Самарқандий / Б.А. Аҳмедов. – Тошканд: Фан, 1967. – 86 б.
6. Брагинский И.С. 12 миниатюр / И.С. Брагинский. – М.: Художественная литература, 1966. – 284 с.
7. Дармстетер Дж. Происхождение персидской поэзии / Дж.Дармстетер. – М., 1925. - 220 с.
8. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз / Ш.М. Мирзиёев. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017. – 488 б.
9. Мирзиёев Ш.М. Танқидий таҳлил, қатъий тартиб-интизом ва шахсий жавобгарлик – ҳар бир раҳбар фаолиятининг кундалик қоидаси бўлиши керак / Ш.М. Мирзиёев. - Тошкент: Ўзбекистон, 2017. – 104 б.
10. Мирзо Кенжабек. Буюк термизийлар / Кенжабек Мирзо. – Т.: “Ўзбекистон миллий энциклопедияси” Давлат илмий нашриёти, 2017. – 528 бет.
11. Тирмизӣ, Мунҷик. Девон. Ашъори пароканда / Мунҷики Тирмизӣ: ба кӯшиши Эҳсон Шаворибии Муқаддам. – Теҳрон: Маркази пажӯҳишии мероси мактуб, 1391. – 110 с.

РУШДИ ИЛМУ ФАН ДАР ТИРМИЗ
(асрҳои Х–ХІ)

Дар мақола ҳаёти илмию адабии асрҳои Х-ХІ-уми шаҳри Тирмиз мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар он аз ҳаёт, эҷодиёт ва нақши бузурги шахсиятҳои шинохтаи олами илму адабу ислом ба мисли (аз аҳли илм) Ҳаким Тирмизӣ, Юсуф Ҳаёти Тирмизӣ, Зарри Тирмизӣ, Варроқи Тирмизӣ, Ҳомиди Тирмизӣ, Абдулмузаффари Тирмизӣ, Сайид Бурҳониддин Тирмизӣ, (аз шоирон) Мунҷики Тирмизӣ, Абӯбакр Умари Тирмизӣ, Қатрон Аҷалии Тирмизӣ, Собири Тирмизӣ, Хаттоти Тирмизӣ, Холи Тирмизӣ сухан меравад. Воқеан ҳам, дар ин давра дар шаҳри Тирмиз ҳунармандӣ, санъат, маданият, илму фан ва адабиёт ривоҷу равнақ пайдо карда, маҳз дар ҳамин қурун шаҳри Тирмиз ба баракати ин фарзонамардони илму адаб шуҳрат пайдо кард. Инчунин дар мақола қайд карда мешавад, ки шаҳри Тирмиз яке аз он шаҳрҳоест, ки бо алломаҳои машҳури худ дар дунёи ислом ба мақоми арзанда ноил гаштааст. Донишмандони бузурге, ки дар шаҳри Тирмиз ба воя расида буданд, дар дини ислом ва аҳкоми мусалмонон ба ивази хидматҳои бузургашон обрӯву эътибор ёфтаанд. Дар асрҳои 1Х-Х1 дар шаҳри Тирмиз ҳунармандӣ, санъат, маданият, илму фан ва

адабиёт ривоҷу равнақ пайдо кард, шаҳри мазкур бо адибони соҳибистеъдоди худ низ дар олам овоза шуда буд.

Калидвожаҳо: Тирмиз, рушди илму фан, шахсиятҳои бузурги шаҳри Термиз, шахсиятҳои шинохтаи олами илму адабу ислом, Ҳайёти Тирмизӣ.

РАЗВИТИЕ НАУКИ В ТЕРМЕЗЕ
(X-XI вв.)

В данной статье рассматривается научная и литературная жизнь города Термеза в X-XI веках, творческая жизнь и великая роль известных деятелей мира науки, литературы и ислама, таких как (деятелей науки) Хаким Тирмизи, Юсуф Хаёти Тирмизи, Зарри Тирмизи, Варроки Тирмизи, Хамид Тирмизи, Абдулмузаффар Тирмизи, Сайид Бурханиддин Тирмизи, (поэтов) Мунджик Тирмизи, Абубакр Умар Тирмизи, Катран Аджали Тирмизи, Собир Тирмизи, Хаттоти Тирмизи, Холи Тирмизи. Действительно, в этот период в городе Термезе процветали ремёсла, искусство, культура, наука и литература, и именно в это время город Термез прославился благодаря этим великим людям, деятелям науки и литературы. Также в статье отмечается, что город Термез является одним из тех городов, который известен своими великими учеными, которые заняли почетное место в исламском мире. Великие ученые, писатели и проветители, живущие в городе Термез приобрели почет и уважение благодаря своим великим деяниям во благо процветания науки и культуры своего народа. В 1X-X1 веках в городе Термез развивались ремесленнничество, искусство, культура, наука и литература, также Термез прославился в мире своими талантливыми литераторами.

Ключевые слова: Термез, развитие наук, выдающиеся личности Термеза, признанные личности науки и литературы ислама, Хайёт Тирмизи.

DEVELOPMENT OF SCIENCE IN TERMEZ
(X-XI centuries)

This article presents the scientific and literary life of the city of Termez in the X-XI centuries, which deals with the creative life and great figures of science, literature and Islam, such as Hakim Tirmizi, Yusuf Hayoti Tirmizi, Zarri Tirmizi, Varroki Tirmizi , Hamid Tirmizi, Abdulmuzaffar Tirmizi, Sayyid Burkhaniddin Tirmizi, (from the poets) Munjik Tirmizi, Abubakr Umar Tirmizi, Katran Ajali Tirmizi, Sobir Tirmizi, Khattoti Tmizi. Indeed, in this period in the city of Termez became famous thanks to this great people of science and literature. The article also notes that the city of Termez is one of those cities that is known for its great scientists who have taken an honorable place in the Islamic world. Great scientists, writers and guides living in the city of Termez have gained honor and respect thanks to their great deeds for the prosperity of science and culture of their people. In the 1X-X1 centuries, handicraft, art, culture, science and literature developed in the city of Termez, and Termez also became famous in the world for its talented writers.

Key words: Termez, development of sciences, outstanding personalities of Termez, recognized personalities of science and literature of Islam, Hayot Tirmizi.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Айнитдинов Икроиддин*** – Донишгоҳи давлатии Самарқанд, магистр. **Суроға:** 140104, Республикаи Узбекистон, вилояти Самарқанд, кӯчабоғи Университетский, 15Телефон: E-mail: **boxtar2019@bk.ru. (+998) 93-636-11-26**
Муслимзода Ҳайдар Абубакр – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаДушанбе, хиёбони Рудаки, 17.

Сведения об авторах: ***Айнитдинов Икроиддин*** – Самаркандский государственный университет, магистр. **Адрес:** 140104, Республика Узбекистан, Самаркандская область, бульвар Университетский, 15. E-mail: **boxtar2019@bk.ru.** Телефон: **(+998) 93-636-11-26**
Муслимзода Хайдар Абубакр – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the authors: ***Aynitdinov Iqroriddin*** – Samarkand State University, Magistr. **Address:** 140104, Republic of Uzbekistan, Samarkand region, University Boulevard, 15.E-mail: **boxtar2019@bk.ru.**
Tel.: **(+998) 93-636-11-26**
Muslimzoda Haydar Abubakr - Tajik National University, candidate of philological sciences, senior lecturer. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17.

УДК: 891.550

ОИНИ ЗАНОШӮӢ ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА “ХАМСА”-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Ашурова Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Аз омӯзиши таърихи фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон ва умуман, эрониён пайдост, ки мардумони мо аз замони бостон ба масъалаҳои оиладорӣ ва тарбияи фарзанд аҳаммияти хосса дода, кӯшиш намудаанд, ки дар ҳама давру замонҳо барои солим нигаҳ доштани оилаҳо ва ташаккули низоми оиладорӣ дар ҷомеа саҳми худро гузоранд. Қидмати таърихӣ ва муҳиммияти ин масъала аз он ҷо маълум аст, ки дар миёни тоҷикони мо ҳамчун ориёиёни некандеш ҳанӯз аз замони фаротаърихӣ дар муносибатҳои хонаводагӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ пойдор будааст. Яке аз куҳантарин сарчашмаҳо дар бораи заношӯӣ (издивоҷ) бахши “Готҳо”-и китоби “Авасто” мебошад, ки матолиби муҳиммеро аз он ҷо метавон

мутолиа кард. Ҷолиб он аст, ки дар бисёре аз маворид падар барои духтарони худ шавҳар интихоб карда, ба духтараш пешниҳод мекардааст. Ҳамон гуна, ки Зардушти паёмбар барои духтари худ Пуручисто номзад интихоб карда, ӯро насиҳат мекунад. Ба ин маънӣ профессор Додихудо Саймиддинов аз китоби Зардушт чунин иқтибос овардааст: “Дар Ясна, ҳоти 33 (банди панҷум) Зардушт – паёмбари кеши ориёӣ ба писарону духтарони ҷавон бо андарз чунин хитоб мекунад: “Инак, эй духтарони шӯйкунанда ва эй ҷавононе, ки заношӯӣ мебандед, суханони маро хуб ба ёд биспоред. Аз рӯйи меҳру фарзонагӣ ҳар яке аз шумо бояд бар он бошад, ки дар меҳрварзӣ ва дӯстиву покӣ ва порсоӣ бар дигаре пешӣ ҷӯяд, чи ин беҳтарин шеваи комгорӣ дар зиндагӣ хоҳад буд” [11, с.22].

Бидуни шубҳа, монанд ба чунин суханҳо ва андешаҳои дигарро оид ба расму оинҳои тоҷиктаборон, ки ба ойини заношӯӣ ва бунёди хонавода иртибот доранд, дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ хеле фаровон дучор шудан мумкин аст. Аз ҷумла, дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ нукоти бисёре матраҳ гардида, саҳнаҳои ҷолибе ба риштаи тасвир кашида шудаанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни оини оиладории эронитаборон равшан инъикос гардидаанд.

Масъалаи зан ва оиладорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ яке аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор рафта, ҳаёти иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа дар андешаи мутафаккирон аз ин ду ҷудо тасаввур карда намешавад. Ҳар ду мутафаккир дар симои зан ва оила яке аз қувваҳои асосӣ-иҷтимоии ҷомеаро, ки ҳамеша ба ҳаракат ва инкишофи ҷамъият таъсиргузор мебошад, пайдо намудаанд. Ҳам Ҳаким Фирдавсӣ ва ҳам Низомии Ганҷавӣ доир ба ин масъала бештар ба андешаҳои халқҳои эронинажоди бостон такя намуда, мақоми модарро ҳамчун қувваи бонуфузи ҷамъият, қабл аз ҳама, дар андешаҳои бузургони гузашта ҷустуҷӯ кардаанд.

Дар хусуси ҷойгоҳи зан дар миёни эронитаборони бостон, аз рӯйи тасвири Ҳаким Фирдавсӣ, гуфтаҳои зерини Дабири Сиёқӣ хеле омӯзанда мебошанд: “Зан дар “Шоҳнома” монанди дигар мазоҳири инсонии он китоб волоиву камол дорад ва тасвири шахсияти ӯ таҳти ашъои амёл ва афроди достон нест, ҳол он ки дар достонҳои дигар, хосса дар манзумаҳои ошиқона, ки шоирони чирадасти эронӣ пардохтаанд, тасвири вай ғолибан ба табъи достон тарсим шудааст. Дар “Шоҳнома” чеҳраи занро ба шармгиниву ҳаё ва дили ӯро ба меҳру сафо ва андешаи ӯро ба жарфию дурнигарӣ ва кори ӯро ба ростӣ ва равиши ӯро ба матонату бурдборӣ мебинед ва, албатта, дар “Шоҳнома” асл дар зани ориёинажод ҳамин аст ва хилофи он мутасаввир ҳам нест” [13, с.27].

Бояд тазаккур дод, ки ҳар ду нобиғаи адабиёт на танҳо тараннумгари беҳтарин сифатҳои занон, бонувони хона, модарони мушфиқ мебошанд, инчунин, офаридгорони фарҳангу сухани дарӣ, худ бонувони зебову доное дар кошонаҳои хеш доштанд, ки ҳамеша ба сифати беҳтарин ҳамдӯшу ҳамандеш дар сароиши шоҳкорҳои беҳамтояшон илҳомбахши асосӣ будаанд. Аз ин ҷост, ки Ҳаким Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и бемарг ва Низомии Ганҷавӣ дар “Хамса”-и худ занро ба сифатҳои шоиставу олӣ ситоиш намудаанд, ки дар бисёре аз маворид ҳамсарони онҳо намоди (прототипи) қаҳрамонони асарҳояшон мебошанд. Чуноне ки ҳамсари меҳрубони Ҳаким Фирдавсӣ дар офариниши “Шоҳнома” ёру ёвари асосӣ ва манбаи илҳомаш будааст. Дар миёни андешапешагон чунин фарзия низ вуҷуд дорад, ки дар офариниши “Шоҳнома” ба ҳангоми баргардони матнҳои паҳлавӣ ҳамсари шоир ҳамчун донандаи забони паҳлавӣ ба ӯ ёрӣ мерасондааст. Ба ин маънӣ шоир ишораҳо ҳам дорад:

Бигӯям, пазирам зи Яздон сипос,
Аё меҳрубон ҷуфти некишинос.
Бихонд он бути меҳрубон достон,
Зи дафтар навишта гаҳи бостон [16, с.343].

Шоири инсондӯст Низомии Ганҷавӣ низ пас аз марги бармаҳали ҳамсараш – Офоқ ба ҳангоми ба назм даровардани достони “Хусрав ва Ширин” меҳри бепоёни худро ба ҷуфти ҷавонмаргаш дар он бозтоб намудааст. Тадқиқотчиёни Низомӣ тахмин мекунанд, ки дар образи зебои Ширин адиби хушсухан Офоқро тасаввур кардааст. Яъне, ба истилоҳи адабиётшиносии муосир прототипи образи Ширин завҷаи шоир – Офоқ мебошад. Дар баъзе байтҳо аз достони “Хусрав ва Ширин”, аз ҷумла дар фасли “Гуфтор андар панд ва гардиши фалаки бемадор”, ба ин маънӣ ишораҳоеро метавон дарёфт:

Бад-он афсона марг аст ашк рондан,
Гулоба талх бар Ширин фишондан.
Ба ҳукми он, ки ин камзиндагонӣ
Чу гул барбод шуд рӯзи ҷавонӣ,
Сабукрав чун бути қипчоқи ман буд,
Гумон уфтода худ к-Офоқи ман буд.
Ҳумоюнпайкаре нағзу хирадманд,

Фиристода ба ман дорои Дарбанд [4, с.432].

Низомӣ баъд аз бист соли вафоти Офоқ ӯро дар “Искандарнома” ба некӣ ва ҳасрат ёд кардааст [8, с.273].

Гуфтаҳои боло далел бар онанд, ки адибони бузурги адабиёти форс-тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ дар зиндагии шахсии худ низ нисбат ба занон меҳру садоқати бепоён доштаанд ва дар баробари ин, ҳамсарони мушфиқу ғамхорашон низ дар офаридани шоҳкорҳояшон ба онҳо ҳамкор будаанд. Ҳамин ҳолат танҳо махсуси ин ду суханвари тавоно набудааст, чунин манзара қабл аз онҳо низ собиқаи куҳан дошта, ба қидмати таърихии масъала ишора мекунад. Масалан, тавсифи зан дар зиндагӣ ва нақши муҳимми ӯ дар осори ривоӣ-ғиноии ҳама мардумони ҷаҳон ҳанӯз аз оғози ташаккули он мушоҳида мешавад ва ин ҳолат дар осори сухансароёни эронинажод ба таври фаровон дида мешавад. Бинобар ривоятҳои маълуми сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ, нахустманшаъ ва аввалин таҳрикдиҳанда ба эҷоди шеър дар байни халқҳои эронинажод маҳз зан будааст ва аввалин гӯяндаи шеъри форсӣ Баҳроми Гӯр будааст ва сабаб он буда, ки ӯро маҳбубае буда ва ӯро Дилороми Чангӣ мегуфтаанд [25, с.14].

Қиссаҳои куҳани мардумони ориёитабор низ роҷеъ ба бунёди нахустин оила чунин ривоят мекунанд. Ривоёти мазкур асоси пайдоиши нахустпадари ҷаҳониён Одам ва Момо Ҳавворо, ки баъзан ҳамчун Маши ва Машиёна низ ёдрас шудаанд, ба Каюмарс вобаста намуда, онро чунин пешкаш мекунанд: “... Ва ин буд, ки Аҳриман шурӯъ кард ва Каюмарсро аз сар машғули хӯрдан шуд, то он ки ба ҷойгоҳи тухмдон ва зуруфи манӣ дар пушти ӯ расид, ки ду қатраи манӣ аз пушти Каюмарс ба замин рехт ва ду рибос (гиёҳи чукримонанд) аз он рӯид. Ва Машию Машиёна, ки ба манзалаи Одаму Ҳавво ҳастанд, аз миёни он ду буттаи рибос мутаваллид шуданд. Ва баъзе Миҳӣ ва Миҳёна гӯянд, вале маҷуси Хоразм Мишо ва Мишонаро Мард ва Мардона мехонданд” [3, с.125].

Бо таваҷҷуҳ ба ривояти Каюмарс дар мавриди пайдоиш ва бунёди нахустин оила донишманд ва муаррихи асрҳои миёнаи тоҷик Муҳаммади Балъамӣ чунин овардааст: “Каюмарс сӣ сол танҳо бизист, пас бимурд ва он об, ки аз пушти ӯ биёмад, андар шикофи замин шуд ва чил сол дар зери замин буд. Ва пас аз чил сол ду тани дигар аз замин баромаданд. Пас ду дарахт намуд бар сони мардум, яке нар ва дигаре мода. Пас эшон ҳаракат карданд ва аз эшон фарзандон омаданд ва эшонро Машия ва Машоя хонданд. Ва аҳли ислом эшонро Одаму Ҳавво гӯянд. Ва ин ҳама халқ аз эшон омадаанд” [2, с.113].

Абулқосим Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” ва Низомии Ганҷавӣ дар “Хамса” дар баробари оид ба саргузашт, анъанаву суннат, тавоноиву қудратмандии мардон сухан ба миён овардан, меҳрубониву ҷасорат ва фидокории занонро дар бунёд намудани оила ва оиладорӣ васф намудаанд. Ин шоирони бузург ба зан, пеш аз ҳама, чун ба офарандаи инсон, ободкунандаи хонаву ҷой, мулку макон, мураббии фарзанд ва насли оянда менигаранд. Онҳо бо офаридани образи занону духтарон ба масъалаи сарнавишти инсони замон, масъалаи оила ва муносибатҳои он ба аҳли ҷамъият диққати зиёде дода, ин масъалаҳоро бо муносибатҳои гуногун мавриди муҳокима қарор додаанд. Ҳар ду суханвар ба масъалаи ҷойгоҳи зан дар бунёд ва нигаҳдории оила, аз рӯйи расму русуми аҷдодӣ хонадор шудан, тарбияти шавҳар ва фарзандони худ таваҷҷуҳ карда, гузашта аз ин, саҳми занонро дар барпо кардани оилаи солим, идораи ҷомеа ва давлату давлатдорӣ таъкид варзидаанд. Бунёди хонавода маҳз аз роҳи ақди издивоҷ бояд сурат бигирад.

Дар фасли “Достони Ширӯя бо Ширин, зани Хусрави Парвиз ва кушта шудани Ширӯя” дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ андешаҳои шоир дар мавриди бунёди хонавода, зани намунавии оила, вазифаҳои зан дар хонавода бо тавсифи намоди Ширин баён гаштааст. Шоири бохирад овардааст, ки зан дар хонадон бояд се сифати хуб дошта бошад: нахуст, шармгин будан, ки ҳусни ҳамсарии ӯст; дуюм, ӯ бояд писар бизояд; сеюм, баландқомату хӯшрӯ ва бо мӯйи пӯшида бошад:

Ба се чиз бошад занонро беҳӣ,
Ки бошанд зебои тахти меҳӣ:
Яке он, ки бо шарму бо хостаст,
Ки ҷуфташ бад-ӯ хона оростаст.
Дигар он, ки фаррух писар зояд ӯй,
Зи шӯйи хуҷаста бияфзояд ӯй.
Севум он, ки болову рӯяш бувад,
Ба пӯшидагӣ низ мӯяш бувад [21, с.303].

Ба андешаи шоир, шарти зани намунавӣ дар оила, дар баробари зояндаи фарзанд будан, ба шавҳар садоқати бепоён доштан мебошад. Ҳамин аст, ки дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Абулқосим Фирдавсӣ перомуни чигунагии зани шоиста дар оила, мавқею шахсияти ӯ, зебоиву назокату ҳунармандӣ ва дигар вижагиҳои хонадорӣ тасвирҳои аҷибе инъикос ёфтааст.

Қадамалии Сарромӣ бунёди оила ва издивоҷро аз ҷумлаи кирдорҳо ва мавзӯоти достонсози “Шоҳнома” меҳисобад [12, с.501]. Ба пиндори ӯ, ин асар агарчи фарогири “ҳодисаи базмӣ менамояд, аммо ҷуз дар чанд маврид чун издивоҷҳои хушфарҷом... ҳама ҷо бадфарҷом аст. Тақрибан метавон гуфт, нутфаи ғамномаҳои “Шоҳнома” дар издивоҷҳои қаҳрамонон баста мешавад” [12, с.501]. Ин донишманд фикри худро дар ин мавзӯъ идома дода, мегӯяд, ки “бештари издивоҷҳои “Шоҳнома” миёни эрониён ва бегонагон сурат мегирад ва ҳамин издивоҷҳост, ки саранҷом рӯйдодҳои дардноки ин ҳамосаро рақам мезанад” [12, с.501].

Дар ин маврид Зафар Мирзоён ба чунин натиҷа расидааст: “Мавзӯи ватан, ҳувияти эронӣ ва муборизаи беамони эронитаборон бо аниэрониён (ғайриэрониён) даст ба маҳди онҳо ёзида, андешаест фарогири 50 000 (ё 60 000) дугониҳои (дубайтиҳои) “Шоҳнома”. Агар мунодии аслу насаби порсӣ ҳатто аз ишқу издивоҷ ҳам сухан мегуфт, мавзӯи нигаҳдории асолати эрониро пеши дидор меовард. Бо ин ҳама арҷу арзише, ки ба ишқу вафодорӣ нишон медод, ошиқро бохабар мекард, ки ҳаргиз набояд ба хотири меҳри бепоёни ба дилдодааш дошта меҳанро фаромӯш кунад, арзишҳои ватанпарварӣ бояд аз тамоми арзишҳои дигар фаротару гиромитар бошанд. Ҳамин аст, ки ҳар гоҳ шаҳрёрону сипаҳсолорон аз қавми бегона ҷуфтҷӯӣ мекарданд, хирадмандон ҳушдорашон медоданд, накунад, ки аз паёмади ҷуфт шудан, масалан, бо “туркзода”, “хоқоннажод”, “румизода”, “арабнажод” ба ватан газанду офату осеб ба бор ояд” [5, с.93-94]. Воқеан, ҳакими фарзона намунаҳои зиёдеро аз ҷуфтҷӯиҳо бо бегонагон меоварад, ки паёмади шикастҳо дар давлатдорӣ гаштаанд.

Бояд гуфт, таассубҳои диниву миллӣ дар ҳама ҷо ҳукмфармо буд. Бавижа, дар он рӯзгоре, ки ба сарзамини Эрони Бузург, аз Халиҷи Форс то саҳрои Чин, саҳронишинони турку араб ва бузургихоҳони Рум пайваста таҳдид дошта, мехостанд, ин кишвари густардаву босарватро соҳибӣ кунанд. Пажӯҳандагони донои “Шоҳнома”, чун Манучеҳри Муртазавӣ бар онанд, ки қаҳрамонони ин асари безаволро на ба ду даста, балки ба се даста бояд тақсим кард: эронӣ, ғайриэронӣ [аниэронӣ] ва нимаэронӣ. Рустаму Зол ва Суҳробу Искандару Ардавон аз дастаи нимаэронӣ ва Заҳҳоку Афросиёбу Хоқони Чин ва девону туркону тозиён аз дастаи аниэронӣ ба шумор мераванд [9, с.54].

Мо дар ин ҷо дарёфти устод Манучеҳри Муртазавиро ба он хотир ёдовар шудем, ки издивоҷҳои бахши паҳлавонии “Шоҳнома” ғолибан дар сарзамини бегона сурат гирифта, паҳлавонон, бидуни истисно, чун ба кишвари бегона, гузашта аз ин, ба сарзамини душман меафтанд, аз духтарони шоҳон ё бузургони он сарзамин ҳамсар мегузинанд. Чунончи, Зол дар Кобулистон гирифтори ишқи Рудоба, духтари Меҳроб – шоҳи Кобул мешавад, Ковус духтари шоҳи Ҳомоварон – Судобаро ба ҳамсарӣ мехонад, Таҳмина, духтари шоҳи Самангон Рустамро ба шавҳарӣ бармегузинад ва Суҳроб, ки паҳлавони тӯронист, дар сарзамини Эрон фирефтаи Гурдофарид, дижбони эронӣ мешавад. Сиёвуш дар сарзамини Тӯрон духтари ашаддитарин душмани Эрон, шоҳи ин кишвар Афросиёб – Фарангис ва духтари паҳлавони ин сарзамин Пирони Виса – Ҷарираро ба ҳамсарӣ интихоб мекунад. Духтари қайсари Рум – Катоюн аз миёни паҳлавонону бузургони румӣ Гуштосби эрониро дар сарзамини Рум ба ҳамсарӣ бармегузинад. Бежан, паҳлавони эронӣ низ дар сарзамини Тӯрон гирифтори ишқи духтари Афросиёб – Манижа мегардад. Издивоҷи Ардавон бо ҳоқоннажод, Дороб бо Ноҳид – духтари шоҳи Рум Файлақус низ аз шумори заношӯии эрониён бо бегонагон маҳсуб меёбанд. Дар ин ошиқонаҳо, ҷуз аз мавриди Судобаву Ковус ва Гурдофариду Суҳроб, маҳз занон дар интихоби шавҳар пешқадам буда, кӯшиш мекунанд, то паҳлавонони эрониро ба худ гирифтор намоянд.

Бояд ба таъкид ба ин нукта ишора кард, ки бахши зиёди издивоҷҳои шоҳону паҳлавонони “Шоҳнома” бо занони ғайриэронӣ сурат гирифтааст ва гаҳе заношӯии ҷавонон бидуни ишқварзии пешакӣ ба миён омадааст. Чуноне ки Фаридун барои дарёфти се хоҳари аз як падару модар ба дунё омада, хирадмандеро гирди ҷаҳон мефиристад ва фиристода дар хонаи шоҳи Яман – Сарв се хоҳарон ба унвони Орзу, Моҳ ва Сиҳиро ёфта, ба шоҳ арз мекунад. Шоҳ писаронаш Эраҷ, Тур ва Салмро барои дидани дӯшизагон ба Яман мефиристад ва ҷавонон ҳамдигарро мепазиранд:

Зани Салмро кард ном Орзӯй,
Зани Турро Моҳи озодахӯй.
Зани Эраҷи некпайро Саҳӣ,
Куҷо буд Суҳайлаш ба хубӣ раҳӣ [14, с.148].

Қадамалии Сарромӣ дар асари худ бо унвони “Аз ранги гул то ранҷи хор” дар мавриди издивоҷҳои “Шоҳнома” овардааст, ки аксарияти онҳо маҳз бо ташаббуси мардон сурат мегирад: “...бинобар мундариҷоти “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ойини хостгорӣ қабл аз анҷоми маросими издивоҷ маъмулан аз сӯйи мардон баргузор мешудааст. Фаридун Ҷандалро ба хостгории духтарони Сарви Яман барои писарони хеш мефиристад ва

Фарибурз ба миёнҷигарии Рустам аз Фарангис хостгорӣ ба амал меоварад. Дар “Шоҳнома” зане, ки беш аз ҳама аз вай хостгорӣ кардаанд, Гурдия – хоҳари Баҳроми Чӯбин аст [12, с.507].

Ин нуқта дархури таваҷҷуҳ аст, ки паёмади издивоҷҳои бахши паҳлавониҳои “Шоҳнома” дар сарзамини бегона ва ғолибан бо ғайриэрониён асосан ба пирӯзиву сарафрозии эрониён оварда мерасонад ва барои рӯйи саҳна омадани паҳлавононе, ки ба Эрон пирӯзиҳои бисёр меоваранд, сабабгор мешаванд. Чуноне гуфта шуд, яке аз ин паёмадҳо издивоҷи Зол бо Рудоба аст, ки Рустами ҷаҳонпаҳлавонро ба дунё меоварад, ки Эронро ба пирӯзиҳо мерасонад. Натиҷаи издивоҷи Сиёвуши ҷавонмарг бо Фарангис аст, ки Кайхусравро ба дунё оварда, саранҷом Афросиёбро ба нобудӣ мерасонад. Гуштосби аз падар гурезон ба Катоюн шавҳар шуда, фармондеҳи сипоҳ мешавад ва саранҷом бар тахти шоҳӣ менишинад.

Аммо бояд ин нуктаро низ дар хотир дошт, ки ҳар гоҳ сипаҳбадону шоҳзодагон аз бегонагон ҷуфт пайдо мекарданд, ҳатман бо ниёи худ машварат мекарданд ва ниё раъйи подшоҳро мепурсид, ки фарзандаш бегоназодаро чун бонуи хона бипазирад ё на. Подшоҳ дар навбати худ ин мавзӯъро дар маҳфили ситорашиносону мубадон баррасӣ мекард. Чунончи, дар достони “Зол ва Рудоба” Соми Наримон нахуст комилан розӣ намешавад, ки писараш Рудобаи арабзодаро ҷуфт ихтиёр кунад ва чун Зол аз ӯ зориву таваллои бешумор мекунад, пеши тахти шоҳаншоҳ – Манучеҳр сари таъзим фуруд оварда, барои ин издивоҷи нобаробару ғайриоддӣ иҷозаи шаҳрёрро мехоҳад. Шоҳаншаҳ нахуст нобовариашро ба пайванди паҳлавони эронӣ бо арабзода баён мекунад:

Гар аз духти Меҳробу аз пури Сом
Барояд яке теғи тез аз ниём....
Кунад шаҳри Эрон пурошӯбу ранҷ,
Бад-ӯ боз гардад магар тоҷу ганҷ [14, с.309-310].

Дар иртибот ба ин мавзӯъ донишманди тоҷик Зафар Мирзоён дуруст ишора мекунад, ки: “бо ин ҳама ҷараёнҳои шигифтангез, ки аз чунин издивоҷҳо рух доданд, ...дар натиҷаи ҷуфтпазирии паҳлавонони сарзамини Эрон аз занони аниэронӣ, сарафрозтарин ва номдортарин паҳлавононе, чун Рустами Достон ва шоҳаншоҳи бонангу номусе, мисли Кайхусравро ба арсаи сарнавишти эрониён кард, ки боиси пирӯзиҳо ва нигаҳбонии марзҳои кишвар гардид [6, с.3].

Дар иртибот ба муносибати миёни Зол ва Рудоба дар симои Синдухт як ҷиҳати ҷолиби образи зан намудор мегардад, ки он дипломатия ва хирадмандии бонувон мебошад. Бино бар тасвири Фирдавсӣ, Сом аз шунидани суханони пурмоя ва писандидаи Синдухт ром шуд, ба раъйи ӯ сар фуруд овард ва пайванди заношӯии Рудоба ва Золро пазируфт. Рӯзи дигар Синдухт, ки пеши Сом меояд, бо самимияту хушнудӣ истиқбол мегардад ва Соми Наримон паёми хешро ба воситаи Синдухт ба шавҳари ӯ Меҳроб мерасонад:

Варо Соми ял гуфт: “Баргарду рав,
Бигӯ, он чи дидӣ, ба Меҳроби гав [14, с.341].

Сом дар баробари Синдухт ба фиристодаи ҳамчун баробар ба манзалати худ даст дода, издивоҷи писарашро бо Рудоба дуруст шуморида, мегӯяд:

Ба Синдухт бахшиду дасташ ба даст
Гирифту яке низ паймон бубаст.
Пазируфт мар духти ӯро ба Зол,
Ки Рудоба бо Зол бошад ҳамол [14, с.342].

Ҷолиб ин ҷост, ки Сом Синдухтро дар тамоми рӯзҳои дар Зобулистон будан ҳамчун ҳампояи худ дар сатҳи баланд меҳмондорӣ карда, ҳама одобу русуми пазироии шоҳонро риоя карда буд. Синдухт паҳлавонро ба кишвари худ ба меҳмонӣ даъват мекунад ва ҳангоми гусели ӯ ба миқдори ҳамон андоза, ки Сом ба Синдухт пешкаш оварда буд, ба ӯ хоставу ганҷ медиҳад. Саҳнаи пешниҳоди пешкаш ва гусели Синдухт аз ҷониби Сом чунин тасвир шудааст:

Сазовори ӯ хилъат оростанд,
Зи ганҷ он чи пурмоятар, хостанд.
Ҳам аз баҳри Меҳробу Синдухт боз,
Ҳам аз баҳри Рудобаи меҳрсоз.
Ба Кобул дигар Сомро ҳар чӣ буд,
Зи коху зи боғу зи кишту дуруд [14, с.341-342].

Ин саҳна намунаи ғалабаи хирадмандии зан бар бемулоҳизагии баъзе шоҳону лашкаркашон буд, ки дар бисёри мавридҳо роҳи ҳалли муаммову печидагиҳои муносиботи инсонҳоро пайдо карда натавониста, кишварҳоро ба ҷангу хунрезиҳо кашидаанд.

Ончуноне ба мушоҳида мерасад, Ҳакими Тӯс дар мавриди бозтоби издивоҷҳои шоҳону паҳлавонони эронӣ бо занони ғайриэронӣ ба паёмадҳои баду шигифтовар низ ишораҳо дорад. Чунончи, агар паёмади ҷуфтҷӯии Зол бо Рудобаи тозитабори набераи Заҳҳок Рустами наҷотбахши Эронро ба дунё овардан бошад, натиҷаи ба ҳамсарӣ гузидаи Таҳминаи тӯронӣ пайдо шудани Суҳроб аст, ки ба Эрон лашкар мекашад ва таҳдид мекунад, ки шоҳ Ковусро бо ҳама сарафрозшерони сарзамини падарӣ нобуд месозад:

Барангезам аз гоҳ Ковусро,
Зи Эрон бибуррам паи Тусро.
На Гургин бимонам, на Гударзу Гев,
На Густаҳми Нӯзар, на Баҳроми нев [15, с.223].

Издивоҷи Рустам бо Таҳмина, гарчи ба дунё паҳлавони ҳамсони Сомро ҳам овард, паёмадаш дардолуд ва ба Эрон шикастовар мебошад. Ба ҳамин монанд, паёмади ҷуфтҷӯии Дороб бо духтари қайсари Рум – Ноҳид таваллуди Искандарро ба бор меоварад, ки ба Эрон бо лашкари румиён омада, онро тасхир мекунад.

Бар хилофи ҳақиқати таърихӣ, Искандари “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ низ мисли Суҳроб нимаэронӣ мебошад. Назар ба бозтоби Ҳаким Фирдавсӣ, Искандар писари Дороб ва бародари нотании (аз модарчудои) Доро мебошад.

Ҳаким Фирдавсӣ дар ибтидои достони ба Искандар бахшидааш, бинобар он ки намехост, ба хаёли худ роҳ бидиҳад, ки маҳди ниёкон – Эронвиҷро бегонагон шикаст дода, бар тахти каён такя зананд, Искандарро аз нажоди каён, фарзанди Дороб (бародари Доро), аз зани румиаш ба номи Ноҳид бозтоб намудааст. Аз рӯйи тасвири Ҳакими Тӯс, пас аз тасхири Юнон, Дороб, (бародари Доро) духтари Қайсари Рум – Ноҳидро ба занӣ мегирад. Дар ин ҷо порчае аз лаҳзаи хостгорӣ кардани Дороб аз Ноҳид пешниҳод мегардад, аз хитоби Дороб ба Файлақус, ки фикри дар боло овардаи муаллифро тасбит мекунад:

Нигоре, ки Ноҳид хонӣ варо,
Бар авранги заррин нишонӣ варо,
Бари ман фиристиш бо божи Рум
Чу хоҳӣ, ки беранҷ монӣ ба бум [18, с.75].

Файлақус аз ин пешниҳод шод мешавад:

Бад-он шод шуд Файлақусу сипоҳ,
Ки домод бошад мар ӯро чу шоҳ [18, с.76].

Ҳамин тавр, бино бар тасвири Ҳакими Тӯс, пас аз тасхири Юнон Дороб духтари қайсари Румро ба занӣ мегирад, вале чун аз даҳони шоҳдухтари Рум бӯйи бад ба димоғ мерасид, шоҳаншоҳ ӯро ба хонаи падар пас мегардонад. [Ин қисса ба ҷуз аз “Шоҳнома”, дар “Осор-ул-боқия” низ ёдрас шудааст]. Пизишкҳо тадбири аз байн бурдани бӯйи нохуши даҳони Ноҳидро наметавонанд пайдо кунанд. Пизишке ба шоҳдухтар тавсия медиҳад, ки гиёҳеро бо номи “искандар” истеъмол намояд. Ноҳид аз нутфаи Дороб обистан буданашро аз шавҳару дигарон пинҳон медорад ва чун писар таваллуд мешавад, ба хотири гиёҳи рабояндаи бӯйи нохуш, Искандараш ном мениҳанд [5, с.85-86].

Дар “Бурҳони қотеъ” омадааст, ки он гиёҳ ба румӣ “искандарус” ном дошта, ба забони форсӣ “сир” гӯяндаш. Яъне, дар тасвири Ҳаким Фирдавсӣ, Искандари Мақдунӣ аз нажоди падарӣ ҳахоманишӣ ва аз модар юнонӣ будааст. Новобаста аз он ки шоир Искандарро аз дудаи ҳахоманишиён медонад, зимни баёни воқеот чеҳраи ӯро кареҳу зишт, золиму шаҳватпараст нишон дода, аз рафтору кирдораш изҳори нафрат кардааст.

Паёмади дигари издивоҷи шоҳзодагони эронӣ бо шоҳдухтари румӣ, ки ба дунё омадани Исфандиёр мебошад, низ бо ҷанг бо намоди устувории Эрон – Рустами Достон меанҷомад ва ин зиддият сабабгор мешавад, ки бо вуҷуди ғалабаи Рустам ба василаи ёрии Симурғ, боиси фаро расидани умри Рустам мегардад. Симурғ роҳи куштани Исфандёрро ба Рустам нишон медиҳад, вале хушдор медиҳад, ки фарҷоми ин муқовимат пас аз ғолиб шудан ба куштани Исфандиёри рӯинтан, заволи Рустамро низ меоварад:

Бад-ӯ гуфт Симурғ, к-“Аз роҳи меҳр
Бигӯям ҳаме бо ту рози сипеҳр,
Ки ҳар кас, ки хуни ял Исфандёр
Бирезад, варо бишкарад рӯзгор.
Ҳамон низ то зинда бошад зи ранҷ,
Раҳоӣ наёбад, намонад-ш ганҷ [17, с.440-441].

Ҳаким Фирдавсӣ ба ҳангоми аз ҷониби шоҳону паҳлавонони достонҳои “Шоҳнома” суханҳои носазо гуфтан ба сӯйи қаҳрамонони ғайриэронӣ ва ё нимаэронӣ вожаи “нажод”-ро фаровон ба кор бурда, ба эронии асил набуданашон ишора мекунад. Ба монанди “туркзод”, “туркнажод”, “руминажод”, “тозинажод”, “хоқоннажод”, “қайсарнажод” ва ғайра. Чунин таркибҳо бештар дар мавридҳое истифода шудаанд, ки персонажи мухолиф

ба амали нораво даст зада бошад ва ё ба муқобили гурдони аз падару модар эронӣ бархоста бошад:

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-“Эй туркзод,
Ба хун рехтан то набошӣ ту шод.
Ту хоқоннажодӣ, на аз Кайқубод,
Ки Кисро туро тоҷ бар сар ниҳод” [20, с.272].

Ва ё:

Бибоист донист, к-эрониён
Чу бинанд шоҳ аз нажоди каён,
Ба Эрон нахоҳанд бегонае,
На қайсарнажоде, на фарзонае [21, с.242].

Дар мавридҳои бо бадӣ ном гирифтани паҳлавонони нимаэронӣ, аз роҳи корбурди таркибҳои “туркнажод”, “хоқоннажод” ё “қайсарнажод” ва “руминажод”, пеш аз ҳама, ишора ба вайрон кардани суннатҳои эронӣ, фаромӯш кардани васиятҳои падар ва зулм раво дидан ба мардум сурат гирифтааст. Чунонки аз порчаи аввали дар боло иқтибосшуда маълум мешавад, Ҳурмузро Баҳроми Чӯбина ба он сабаб бо таркибҳои “туркзод” ва “хоқоннажод” бадгӯиҳо мекунад, ки ӯ фарзанди Нӯшинравон ҳам бошад, аз модар туркзода буда, пас аз марги падар ҳама вазирони бохирадӣ падарро мекушад ва васиятҳои падарро ҳеҷ мешуморад.

Ҳанӯз ба ҳангоми навиштани васиятнома Нӯшинравон ба мӯбади мӯбадон Эзадгушасб ва вазири бохирад Бузургмеҳр мегӯяд, ки аз шаш писар Ҳурмузро шоистаи тахти шоҳаншаҳӣ медонад. Вале ҳама яксара аз ҷой бархоста посух медиҳанд, ки:

Ки ин туркзода сазовор нест,
Кас ӯро ба шоҳӣ харидор нест.
Ки хоқоннажод асту бадгавҳар аст,
Ба болову дидор чун модар аст [20, с.269].

Чунин бевафоии Ҳурмузро дида, намояндаи худи занони эронӣ натиҷагирӣ мекунанд, ки паёмади ҷуфтҷӯии шоҳону паҳлавонони эронӣ бо аниэрониҳо шигифтовар буда, ғаму ранҷ оварда, ба зарари Эрон анҷом меёбанд, бинобар ин, бояд кӯшид, ки дар байни онҳо хешӣ ба миён наояд. Ҳамин аст, ки Гурдия ба назди хеш даъват кардани хоқонро рад намуда, ба лашкариёнаш мегӯяд, ки ҳар он ки бо тӯрониён омезиш ёфту ҳамраъйӣ кард, зиндагиро бо фарҷоми бад ба поён расонид. Бо суханони зерин аз саргузашти Сиёвуш ва Суҳроб ёдовар мешавад:

Валекин чу бо турку эрониён
Бикӯшад, ки хешӣ бувад дар миён.
Зи пайванду аз банди он рӯзгор
Ғаму ранҷ бинад ба фарҷоми кор.
Нигар, то Сиёвуш аз Афросиёб
Чи бархӯрд ҷуз тобиши офтоб.
Сари хеш дод аз нахустин ба бод,
Ҷавоне, ки чун ӯ зи модар назод.
Ҳамон низ пури сипаҳбад чӣ кард,
Аз Эрону Тӯрон бароварда гард [21, с.156].

Бинобар бим доштан аз паёмади ноҳанҷор дар ҷуфтҷӯии паҳлавонону шоҳон, новобаста аз талошҳои дилдодагон, ҳатто ризоияти падару модари онҳо, интихоби зан ё шавҳар зери назорати мӯбадон ва гаҳе шоҳаншоҳон қарор дошта, дар сурати шакку тардид ба фарҷоми заношӯӣ назари ситорашиносонро низ мехостанд. Масалан, Сом дархост мекунад, то ситорашиносон издивоҷи Золро бо Рудоба расидагӣ карда, маълум намоянд, ки ҳосили ин омехтагии об бо оташ чӣ гуна хоҳад буд? Ҳангоми пас аз як рӯз расидагӣ кардан ситорашиносон ба Сом мегӯянд, ки “дил шод дор, саранҷом фархунда аст ва ҳосили ин заношӯӣ пайдоиши паҳлавони бемонанде аст, ки номи Эронро шуҳраи офоқ хоҳад кард ва подшоҳии Эрон бар ӯ нерумандтар хоҳад шуд”, дили Сом ором шуда, ин хабарро ба шоҳаншоҳ Манучеҳр мерасонад:

Ба Соми Наримон ситорашумар
Чунин гуфт, к- “Эй гурди зарринкамар.
Туро мужда аз духти Меҳробу Зол,
Ки бошанд ҳар ду фаррухҳамол.
Аз ин ду ҳунарманд пиле жаён
Биёяд, бибандад ба мардӣ миён” [14, с.292-293].

Новобаста ба ин, Сом ба писари худ – Зол нома мефиристад, ки ба паймони ҳар ду розӣ аст, вале инро ба касе овоза накунад, то ки имрӯз ба Эрон рафта, аз шаҳрёр иҷоза бигирад:

Сипаҳбад сӯи шаҳри Эрон кашид,
Сипаҳро ба назди деҳистон кашид [14, с.294].

Фирдавсӣ дар мавзӯи ишқварзӣ ва ҷуфтҷӯии шоҳон дар боби “Подшоҳии Баҳроми Гӯр” зимни моҷароҳои зиёди подшоҳи Эрон Баҳроми Гӯр, ҳукмрони сулолаи Сосонӣ Баҳром, ё ки Варахрони V (солҳои 420-437), писари Яздигурди аввал низ сухан гуфтааст. Махсусан, дар достони “Баҳром ва Орзу” дар ин мавзӯъ мақсади муайяне пайгирӣ шудааст. Абулқосим Фирдавсӣ аксари достонҳои “Шоҳнома”-ро бо як муқаддимае баён карда, дар он назари худро ба мавзӯъ изҳор мекунад. Дар ин достон ҳамин гуна вазифаро сухани дастури Баҳром – Рӯзбеҳ ба ҷой овардааст. Рӯзбеҳ ба наздикони дарбор сухани нохуб аз рафтори Баҳром мегӯяд, ки ба хонаи гавҳарфурӯш рафта, бар сари духтари ӯ тоҷи зар мениҳад ва ба шабистони худ мебарад, аз хобу хур серӣ надорад, нуҳсаду сӣ тан аз духтарон дар айвони шоҳ аст. Ба ин восита тану рухи зебо, зӯриро табаҳ мекунад. Беҳтарин рафтор дар як моҳ як бор муносибат кардан аз баҳри фарзанд бо занон аст [1, с.104-105]. Дар ин маврид Холиқ Мирзозода чунин овардааст: “Фирдавсӣ ба ин муносибат зарарнок будани муносибати аз ҳад зиёди ҷинсиро таъкид кардааст: Ба ақидаи ӯ, ин муносибат барои насл аст, на айшу ишрату фаҳш, чунончи Баҳром дошт” [7, с.362].

Вижагии Баҳроми Гӯр аз шоҳони дигари дар номаи достон овардашуда дар он аст, ки ӯ дар мушкӯи худ нуҳсаду сӣ занонро нигоҳ медорад, ки чунин ҳолат дар ҷойи дигари “Шоҳнома” оварда нашудааст:

Шабистон мар ӯро фузун аз сад аст,
Шаҳаншоҳ аз ин гуна бошад, бад аст.
Кунун нӯҳсаду сӣ тан аз духтарон,
Ҳама бар сарон афсарони гарон.
Шумурдаст ходим дар айвони шоҳ,
К-аз эшон яке нест бедастгоҳ [19, с.146].

Баҳроми Гӯр шабона бо ҳар чаҳор духтари осиёббон: Мушкноз, Мушкинак, Нозёб, Савсанак заношӯӣ мекунад. Дар ҷойи дигар ӯ се духтари зебои хонандаву навозандаву раққосаи Барзини деҳқонро (Моҳофарид, Фаронак, Шанбалид) дар як шаб ба ақди издивоҷи хеш меоварад. Дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ дар бораи издивоҷи Баҳроми Гӯр бо Орзу – духтари гавҳарфурӯш Моҳёр ва Сапенуд – духтари Шангул, подшоҳи Ҳиндустон низ сухан рафтааст.

Низомии Ганҷавӣ низ дар достони “Ҳафт пайкар” ба намунаву далелҳои таърихӣ, инчунин, қиссаву ривоёти то замони шоир дар бораи Баҳроми Гӯр расида такя карда, достони “Ҳафт пайкар”-ро меофарад. Дар достони Низомӣ низ аз издивоҷи шоҳ Баҳром сухан меравад, аммо аз гуфторҳои “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ тафовут дорад. Баҳромшоҳ пас аз расидан ба мулки Хаварнақ ва дидани тасвири шоҳдухтарони ҳафт иқлим дар девори андаруни диж орзуи ҳамсар намудани ҳамаи шоҳдухтаронро дар дил мепарварад. Сужаи достон бо духтари подшоҳони ҳафт иқлимро ба занӣ гирифтани ӯ, барои онҳо ҳафт гунбад сохтан ва ҳар рӯз дар яке аз онҳо бо яке аз духтарони ҳафт кишвар нишастан ва аз онҳо афсона шунидан идома меёбад. Дар достони мазкур аз издивоҷи Баҳроми Гӯр бо канизаки чинӣ бо номи Фитна низ ишора шудааст.

Бояд дар назар дошт, ки дар Эрони бостон нажод аз рӯйи ҳувияти модар муайян карда мешудааст ва ба ин сабаб, ҳар гоҳ сухан аз нажоди шахсе дар миён меоваранд, аз модар ба кадом дудаву нажод пайваста буданашро асос медонистанд.

Фарҷоми издивоҷ бо зани аниэрониро метавон дар намунаи ҷуфтҷӯии Хусрави Парвиз низ дид. Ҳам достони “Хусрав ва Ширин”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳам мундариҷаи манзумаи “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ қисман аз сарчашмаҳои бозгӯкунандаи таърихи сулолаи Сосониён баргирифта шудааст. Сухансароёни бузург бисёр ҳодисаҳои дар достонҳои ҳамном бозтоб гардидаро бар пояи ривоятҳои таърихӣ нигоштаанд. Ҳамин аст, ки чи Ҳаким Фирдавсӣ ва чи Низомии Ганҷавӣ наметавонистанд аз ҳақиқати таърихӣ дар мавриди кушта шудани Хусрави Парвиз бо дасти писараш Ширӯя – фарзанди Марям, духтари Қайсари Рум сарфи назар намоянд.

Хусрав аз зани нахустини румии хеш писаре дошт, бо номи Ширӯя, ки бо супориши ӯ падарро кушта, худ бар тахт менишинад. Чун ӯ дар дил ишқи Ширинро мепарварид, мехоҳад, ки модарандарро ба занӣ бигирад, аммо Ширини вафодор ба шавҳари кушташудаи хеш, Ширӯяро ваъдаи дурӯғ дода, ба дахмаи шавҳар медарояд ва бо хӯрдани заҳри ҳалоҳил худкушӣ мекунад:

Бишуд, чеҳр бар чеҳри Хусрав ниҳод,
Гузашта суханҳо ҳама кард ёд.
Ҳамон гоҳ заҳри ҳалоҳил бих(в)ард,
Зи ширин равонаш баровард гард [21, с.308].

Дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ низ айнан ҳамин ҳолат дида мешавад. Пас аз куштани Ширӯя падари хешро ва хостану даъвати заношӯӣ кардан бо модарандар, Ширин даст ба ҷони худ ниҳода, дар дахма болои ҷасади беҷони шавҳараш синаи худро чок мекунад ва бо куштани худ ҷасорати инсонӣ ва эҳтирому муҳаббати бузургашро ба ҳамсараш исбот менамояд.

Дар рафтори ҷасуронаи Ширин ҳар ду сухансаро назари худро дар бораи хонадорӣ баён намудаанд. Ба ақидаи он бузургон, зани покдоману бохирад аз мушкилиҳо гузашта, то охир ба шавҳари худ содиқ мемонад. Барои ҳам Ҳаким Фирдавсӣ ва ҳам Низомии Ганҷавӣ пайванду ҳамбастагии зану шавҳар як шеваи хосси инсонӣ ва фаротар аз ишқварзӣ аст. Зан худро ба хотири меҳру вафо ба шавҳар (барои шавҳар ва барои писар, ҳар дуи ин ҳолатҳоро дар рӯзгори ҳамсарони шоҳзода Сиёвуш – Ҷарира ва Фарангис дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ низ мушоҳида мекунем) қурбон мекунад. Муносибати зану мард аз назари Ҳаким Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ танҳо барои бунёди хонавода зарур аст. Ишқи хонаводагӣ роҳи покию ҳалолист.

Ғояи ин достонҳо накуҳиши ишқи ҷавонӣ ва ҳавасронӣ дар муқобили некудошти оиладории поку босаодат аст. Ишқи нопоку олударо, ки Ширӯя ба зани падараш дорад, ҳам Фирдавсӣ ва ҳам Низомӣ қатъиян кареху ногувор ҳисобида, онро натиҷаи булҳавасӣ ва бехирадӣ мешуморанд. Дар “Шонома” падидаи “издивоҷ бо зани падари “номодарӣ” ҳаром ва нораво шумурда шудааст. Ҳаким Фирдавсӣ чунин издивоҷеро баён накардааст, вале дар ду маврид – яке аз тарафи номодарӣ ва дигар аз ҷониби нописарӣ изҳори алоқа анҷом гирифт, ки бо имтиноъ ва муқовимати тарафи муқобил рӯ ба рӯ гардид: нахуст, кӯшиши Судоба барои наздикӣ ба нописариаш Сиёвуш ва мавриди дигар, тақозои издивоҷи Ширӯя – писари Хусрави Парвиз аз Ширини номодарии хеш” [13, с.125].

Дар мавриди издивоҷ бо хешовандони наздик дар аҳди бостон Ҷалол Холиқии Мутлақ чунин андеша дорад, ки баҳсбарангез менамояд: “Издивоҷ бо хешовандони наздик (ки ҳанӯз издивоҷ миёни аъзои хонаводагии ҳастаӣ нест) дар Эрони бостон бисёр маъмул буд. Чандин навишта дар “Авасто” ва матнҳои паҳлавӣ мавҷуд аст, ки ин гуна издивоҷҳоро ба унвони беҳтарин ва шоистатарин навъи издивоҷ сутудаанд ва низ ишора шудааст, ки издивоҷ бо наздиктарин хешованд бахшуда шудани гуноҳонро тазмин мекунад ва шикастани он гуноҳи кабира ба шумор меравад” [22, с.151].

Бояд ба таъкид ишора кард, ки дар “Авасто” бо чунин навиштори вижа наметавон дучор омад ва Холиқии Мутлақ низ барои исботи андешааш аз матнҳои паҳлавӣ кадом иқтибоси равшане наовардааст. Фикри худро идома дода ин донишманд чунин мегӯяд: “Дар ин бора назароти мутазоде вуҷуд дорад, ки оё ин навъ издивоҷ дар Эрони бостон маъмул будааст... Бештари пажӯҳандагони аврупоӣ ин гуна меандешанд, ки издивоҷ бо маҳрам ба таври густарда амали порсогуна ва дархӯри ситоиш дар Эрони бостон будааст. Онҳо бовари худро бар асоси изҳороти Ҳеродот ва манобеи юнонӣ ва румии дигар, аз як сӯ, ва “Авасто” ва адабиёти паҳлавӣ, аз сӯйи дигар, қарор медиҳанд. Дар миёни тарафдорони ин ақида касоне ҳастанд, монанди Вист, Аспигил, Гейгер ва Бортоломей. Ҳеродот иддао мекунад, ки ин амали нодуруст танҳо бо Комбиз оғоз шуд, ки ба таври ғайриқонунӣ бо хоҳаронаш (Отусо ва Руксон) издивоҷ кард ва ин, ки ин амал пеш аз ӯ маъмул набуд. Дигар муаллифон, монанди Плутарх сухан аз расми куҳна ва муқаддас мегӯянд” [22, с.152].

Ба ҳар тақдир, наметавон инкор кард, ки пораҳое аз навиштаҳои мазҳабӣ ба ин гуна издивоҷ дар Эрони бостон гувоҳӣ медиҳанд. Аз он тариқ нутфаи нахустин завҷи инсонӣ – Мошойя ва Мошёна баста шуд. Идомаи издивоҷ бо маҳорим дар миёни фарзандони ин нахустин завҷи инсонӣ намунаи дигарест аз издивоҷ бо хоҳару бародар.

Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ низ аз издивоҷ бо маҳорим дар Эрони бостон ривоят мекунанд. Як намуна аз издивоҷ бо маҳорим дар “Шоҳнома”-и Ҳакими Тӯс издивоҷи Баҳроми Чӯбин ва хоҳараш Гурдия аст, гарчи тавзеҳи хоссе дар ин маврид вуҷуд надорад, Сиёвуш низ мумкин буд бо хоҳари худ издивоҷ кунад. Иллати напазируфтани ӯ иртиботе бо издивоҷ бо маҳорим надошт. “Шоҳнома” ҳеҷ намунае аз издивоҷ бо модар ба даст намедиҳад [22, с.155]. Издивоҷ миёни Баҳман ва Ҳумой, дар айни ҳол, намунаи комиле аз издивоҷ бо духтарро нишон медиҳад. Дар достон ин издивоҷ чунин баён шудааст:

Падар дар пазируфташ аз некувӣ,
Бад-он дин, ки хонӣ варо паҳлавӣ [18, с.43].

Албатта, мо ба иддаои дар боло оварда наметавонем пурра ҳамандеша бошем, зеро огоҳем, ки ба сатрҳои шоҳкори беҳамтои порситаборон ҳазорон байтҳо афзуда шудаанд ва ин афзудаҳоро, ки илҳоқӣ номида шудаанд, бо ҳадафи поён фаровардани мақому манзалати “Шоҳнома”, тираву хира бознамоёндани ахлоқи ҳамидаи эронитаборон, афзудани кирдорҳои бад ба ойини Зартушт ва чандин ҳадафҳои нопоки дигар бофтаанд. Бавижа, арабгароён ва тагинони ғазнавӣ ҳеҷ пазируфта наметавонистанд, ки ойини

Зартуштро “дини беҳӣ”, “дини аз осмон расида” бидонанд. Ва набояд аз дида дур дошт, ки бадбинони Ҳаким Фирдавсӣ ва ойини озодагон ҳамон иддаои казоии “бо модарону хоҳарон издивоҷ кардани зартуштиён”, “дар об оббозӣ накардан”, “мурдагони худро ба лошахорон додан” ва монанди он музахрафоти дигарро бо гунаҳои гуногун ба муҳтавои “Шоҳнома”-и безавол мепайвастанд. Дар бораи ин афзудаҳои аз мантиқ дур донишманди бузурги Эрон, равоншод доктор Фаридун Ҷунайдӣ дар посух бо пурсиши хабарнигори нашрияи “Эътимоди миллӣ” Хасин Ҷовид, зери унвони “Ниме аз “Шоҳнома” сурудаи Фирдавсӣ нест”, чунин гуфтааст:

“Рӯзноманигор: “Теъдоди дақиқи байтҳое, ки аз назари Шумо ба “Шоҳнома” афзуда шудаанд, чанд байт аст?”. Устод Фаридун Ҷунайдӣ: “Ман онҳоро дақиқ нашумурдаам. Мехоҳем, ба кумаки компутер ин корро анҷом диҳем, аммо метавонам бигӯям, теъдоди афзудаҳо аз сухани худи Фирдавсӣ бештар аст”. Рӯзноманигор: “Яъне, тақрибан ниме аз “Шоҳнома”. Устод Фаридун Ҷунайдӣ: “Ақаллан нисфи он. Фақат ҳам байт нест, достонҳое ҳам ба “Шоҳнома” афзудаанд” [23, с.10].

Дар фасли “Андарз ва савганд додани Меҳинбону Ширинро”- и достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ оварда шудааст, ки Меҳинбону – аммаи Ширин аз ишқи додарзодаи худ нисбат ба шоҳзода Хусрав огоҳ шуда, дар роҳи ишқи худ устувор будани Ширинро эҳсос менамояд ва пеш аз он ки дилдодагон бо ҳам вохӯранд, духтарро аз парваридани ишқи побанди ҳавою ҳавас дар дил нисбат ба Хусрав бо роҳи панд додан огоҳ мекунад ва дар муносибатҳои Хусраву Ширин на ба ишқбозӣ, балки ба занӣ розӣ шуданро маслиҳат медиҳад:

Ту худ донӣ, ки вақти сарфарозӣ
Заношӯӣ беҳ аст аз ишқбозӣ [4, с.221].

Ширин ба ин шарт розӣ шуда, чунин савганд ёд мекунад:

Чу Ширин гӯш кард ин панди чун нӯш,
Ниҳод он пандро чун ҳалқа дар гӯш.
Дилаш бо он сухан ҳамдостон буд,
Ки ӯро низ дар хотир ҳамон буд.
Ба ҳафт авранги равшан хӯрд савганд,
Ба равшанномаи гетихудованд,
Ки гар хун гирям аз ишқи ҷамолаш,
Нахоҳам шуд, магар ҷуфти ҳалолаш! [4, с.221].

Ин рафтор монеаро барҳам дода, риштаи ишқу ошиқонро мустаҳкам менамояд ва ӯро ҳамчун духтари боадаби гӯшкардаи панди бузургон, дар роҳи ишқ на аз рӯйи булҳавасӣ, балки ҳаёти оилавӣ назаркунанда қаламдод кардааст.

Вижагии хислати Ширин дар покдомании ӯст. Низомӣ Ширинро нахуст чун ошиқи таннозе тавсиф мекунад, ки ба хотири санҷиши рӯҳияи дилдода бо ишваву ноз ба Хусрав гуфтугӯ мекунад ва чун ба асрори Хусрав бештар пай бурд, шиддати комҷӯияшро афзун мекунад. Низомӣ, ки бозтоби ин фурсатро муҳим донистааст, бист байтро аз забони Ширин бо гуфтори комилан ахлоқӣ сурудааст, ки гоҳе дархӯри ранги ҳакимона низ мебошад:

Маҷӯй обе, ки обамро бирезад,
Махоҳ он ком, к-аз ман барнахезад,
К-аз ин мақсуд бемақсуд гардам,
Ту оташ гаштаӣ, ман уд гардам...
Ҷаҳон ниме зи баҳри шодкомист,
Дигар нима зи баҳри некномист.
Ҳамон беҳтар, ки аз худ шарм дорем,
Бад-ин шарм аз Худо озарм дорем.
Зан афкандан набошад мардроӣ,
Худафкан бош, агар мардӣ намоӣ [4, с.239-240].

Ширин Хусравро аз ҷону дил дӯст дорад ҳам, ба амалӣ гардидани хоҳишҳо ва ҳавасбозию комҷӯиҳои Хусрав, ки ба ӯ дар ибтидо ҳамчун маъшуқа менигарист, роҳ намедиҳад. Ширин мисли Рудоба, бо вуҷуди дил бохтанаш ба Хусрав, рафтори булҳавасонаро дар роҳи ишқ намеписандад, ба комгорию комбардорӣ саросема намешавад ва аз ин роҳ ҳайсият ва иффати худро нигаҳ медорад. Дар ҳақиқат, Ширин “рафтори булҳавасона надошт, ба комгирӣ ва комдиҳии шаҳвонӣ таъҷил ва худро фаромӯш намекард, вай ин гуна рафторро, ки аз ҷониби Хусрав булҳавасона зоҳир мешуд, пастии ахлоқ мешуморид ва аз рӯйи қасаме, ки ба аммааш ёд карда буд, танҳо баъд аз ақди заношӯӣ имконпазир медонист” [8, с.302].

Ширин ба итоби Хусрав, ки ба ӯ бо нияти комгирӣ менигарист, бо вуҷуди тақозои коми дил доштан, ҷавобҳои боақлонаву зиракона ва аз рӯйи одоб медиҳад:

Наям чандон шигарф андар саворӣ,
Ки орам пой дар шери шикорӣ.
Агар нозе кунам, мақсудам он аст,
Ки дар гармӣ шакар хӯрдан зиён аст...
Сараш гар саркаширо раҳнамун буд,
Тақозои дилаш, ё Раб, ки чун буд?!
Ба сад ҷон арзад он рағбат, ки ҷонон
Нахоҳам гӯяду хоҳад ба сад ҷон...
Гар аз бозори ишқ андоза гирам,
Ба ту ҳар дам нишоти тоза гирам [4, с.236-240].

Ширин ба Хусрав маслиҳат медиҳад, ки бо лаззатҳои аввали ишқварзӣ қаноат кунад:

Ман он шириндарахти обдорам,
Ки ҳам ҳалвову ҳам ҷуллоб дорам.
Нахуст аз ман қаноат кун ба ҷуллоб,
Ки ҳалво ҳам ту хоҳӣ хӯрд, маштоб...
Ба сабре метавон коме харидан,
Ба ороме дилороме харидан [4, с.240-242].

Дар саволу ҷавобе, ки Хусраву Ширин аз поёну болои қаср мекарданд, хислатҳои неки ботамкинӣ ва оқилии Ширин намудор шудааст, ки дар ишқ ҳам боматонат ва фидокор будани ӯ ҳувайдост:

Ниёз орад касе, к-ӯ ишқбоз аст,
Ки ишқ аз бениёзон бениёз аст.
Насозад ошиқӣ бо сарфарозӣ,
Ки бозӣ барнатобад ишқбозӣ [4, с.347].

Оқибат, пас аз хоҳишу инкори мутақобил, Ширин шарти висоли худро ба даст овардани мулки подшоҳии Хусрав медонад, ки ин ҷо метавон гуфт, ба навъе санҷиши мардонагӣ ба миён гузошта шудааст:

Ту мулки подшоҳиро ба даст ор,
Ки ман бошам, агар давлат бувад ёр [4, с.243].

Воҳӯрии Зол бо Рудоба ва Хусрав бо Ширин то дарачае ба ҳам монанданд. Танҳо муносибат дар достони аввал хеле ҷиддитар мебошад. Ҷиддияти том дар достони дувум танҳо аз ҷониби як дилдода – Ширин ба мушоҳида мерасад. Ба бар гирифтани ҷавон, аммо ба ишқварзии номаҳрамона машғул нашудан хосси ҳар ду достон мебошад.

Шоистаи зикр аст, ки қаҳрамонони “Шоҳнома”, ки аз модар ғайриэронӣ мебошанд, ҳангоми муаррифӣ ва ситоиши худ табори модариашонро пинҳон намедоранд, балки ифтихор низ мекунанд, ки реша дар шоҳону сипаҳсолорони кишварҳои дигар доранд. Ҳамон гуна ки дар мавриди ҷангҷӯии Исфандёр бо Рустам паҳлавонон рачазҳо хонда, ҳар ду бо ифтихор табори модарии хешро ёдовар мешаванд:

Рустам:

Ҳамон модарам духти Меҳроб буд,
К- аз ӯ кишвари Синд шодоб буд.
Ки Заҳҳок будаш ба панҷум падар,
Зи шоҳони гетӣ бароварда сар.
Нажоде аз ин номвартар кирост,
Хирадманд гардан напечад зи рост [17, с.381].

Исфандёр дар бораи насаби модари худ бо муҳобот дудаи вайро то ба Салм, писари Фаридун мебарад:

Ҳамон модарам духтари Қайсар аст,
Ки ӯ бар сари румиён афсар аст.
Ҳамон қайсар аз Салм дорад нажод,
Нажоде баоину бо фарру дод.
Ҳамон Салм пури Фаридуни гурд,
Ки аз хусравон гӯи мардӣ бибурд [17, с.384].

Дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ Эронзамин сарзамини воҳиди покон аст, Тӯрону туркону туркони Чину тозиён намоди унсурҳои ғайранд, ки ба Эрон ва ормонҳои миллии он таҳдид мекунанд. Беҳуда нест, ки дарунмояи ин шоҳкори бузург дар атрофи нигаҳбонии Эрон ва нигаҳдошти оину кеши озодагони деҳқоннажод дар муқобили дастдарозии тозиёну туркони рамагард ва румиёни бузургиталаб ниҳон мебошад. Аз ин ҷост, ки, ба таври умда, заношӯии эрониён бо дигарон хушоянд нест.

Ҳаким Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и безаволи худ натанҳо дар тасвири занони бохираду андешаманд, ёварону дабирони шоҳону сипаҳсолорон аз табақаи болоии ҷамъияти замони худ намунаҳо оварда, образҳои ҷолиб офаридааст, балки як идда

намодҳоеро бозтоб намудааст, ки онҳо аслан канизу надиманд, вале дар кушодани муаммоҳо ва ёвар будан бо шоҳону паҳлавонон, беҳамтоянд. Пеш аз он ки дар бораи ҳамёру маслиҳаттар будани канизакони хирадманд андешаронӣ кунем, нақши доягонро дар тарбияи шоҳону паҳлавонон ба таври гузаро ёдовар хоҳем шуд.

Пас аз таваллуд шудани шоҳзодагону ашрофзодагон, дар навбати аввал, барои шир додани тифл доя интихоб мекунанд, ки усулан аз занони бофарҳангу доно интихоб мешуданд. Дояҳо ҷуз аз шир додан мураббии кӯдакон буда, ғолибан то синни булуғ ба тарбия машғул мешуданд. Дар бисёре аз маворид дояҳо дар сафари шоҳзодагон ҳамсафар ва дар бисёре аз тасмимгириҳои шоҳзодагон машваратгару ёвар буданд. Дар “Шоҳнома” нақши доя хеле равшан буда, хабаррасони пайк ва миёнарав дар саҳнаҳои ошиқонаҳо аксар дояҳо ҳастанд. Ин ҷиҳати масъала баҳси алоҳидаро мехоҳад.

Баргардем ба нақши канизакон. Яке аз паҳлуҳои шуҷоат, диловарӣ ва хирадмандии зани канизак дар қиссаи Шопури Нарсӣ ба равшанӣ дида мешавад. Шоҳаншоҳ Шопур сарулибос тағйир дода, ба кишвари Рум меравад ва қайсари Рум аз надиме, ки эронӣ буд, дармеёбад, ки ин мард шоҳ аст, ки дар либоси бозаргонӣ наздаш омадааст. Шопурро май нӯшонда, дар хонаи торике дастонашро баста, гирифтор мекунанд ва ӯро ба пӯсти хар ҷой карда, калидро ба дасти зани Қайсар медиҳанд.

Дар ҳарамсарои Қайсар канизе буд аз нажоди эрониён, ки ин ҳамаро дида, ба ҳоли он марди гурд мегирист. Рӯзе он каниз ба Шопур наздик шуда, мегӯяд, ки “дилаш ба ин ҳолати ногувори ӯ месӯзад” ва натарсида бигӯяд, ки чӣ касе аст, ки тани нозуки ӯро ба чарми хар ҷой карда, ба ин ҳоли зор овардандаш. Шопур савганду паймон мехоҳад, ки рози хешро ошкор созад ва Шопур “ҳама роз ба ӯ мегӯяд”. Канизак рӯзи дигар, ҳангоме ки ҳама дарбориён дар ҷашн буданд, шабонгоҳ ду асбу тиру камон ва динори басанда оварда, Шопурро аз банд раҳо мекунад:

Ду асби гаронмоя з-охур бибурд,
Гузида силоҳи саворони гурд.
Чу омад ҳама сози рафтан ба ҷой,
Шаб омад, ду тан рост карданд рой.
Сӯи шаҳри Эрон ниҳоданд рӯй,
Ду хуррамниҳон шоду оромҷӯй [18, с.439].

Ин ёварии канизак ба он мерасонад, ки Шопур ба Эрон баргашта, лашкар гирд меоварад ва Румро тасхир карда, салиби Масеҳо, яке аз муқаддасоти румиёнро, ба ғанимат ба Эрон мебарад. Саранҷом он канизаки бохиради донодилро Дилафрӯзи Фаррухпай унвон карда, бонуи хонадон ва дилороми хеш мехонад:

Канизак, ки ӯро раҳонида буд,
Бад-он комгорӣ расонида буд,
Дилафрӯзи Фаррухпаяш ном кард,
Зи хубон мар ӯро дилором кард [18, с.462].

Дар достони “Баҳром ва Сапенуд”, дар лаҳзаҳои ёварии занони бегона барои гурехтани паҳлавони эронӣ аз доми подшоҳони бегона, ҳаммонандие бо достонҳои Шопур ва Молика, Ардашер ва Гулнор, Шопур ва Нӯшаи канизак ба чашм мехӯрад. Аммо вижагии достони “Баҳром ва Сапенуд” дар он аст, ки пайванди Баҳром бо Сапенуд боиси хешовандии шоҳони кишварҳои Эрон ва Ҳинд гашта, монеъ ба ҷанг миёни ин ду кишвар мегардад.

Сапенуд, духтари фармонравои Ҳинд – Шангул меҳри Баҳром дар дил дорад ва падараш, ки шоҳи Эрон будани Баҳромро намедонад ва намехоҳад, ки ӯ ба Эрон баргашта, нотавонии лашкари Ҳиндро ҳикоят кунад ва дар фарҷом боиси шикасти Ҳинд гардад, бо ҳар баҳона Баҳромро дар Қаннуҷ, пойтахти Ҳинд бозмедорад. Баҳром ҳама хостаҳои Шангул, аз ҷумла куштани карг ва аждаҳоро, ба ҷо меоварад, вале ҳамоно дар пайи нест кардани Баҳром мешавад. Духтари Шангул – Сапенуд чун занони дигари бохиради “Шоҳнома”, монанди Синдухт шоҳро аз роҳи бад, ки метавонад, ба кишварашон ошуфтагиҳо ба бор оварад, бармегардонад. Сапенуд ба падараш машварат медиҳад, ки ҳанӯз ягон шоҳ сафири шоҳи дигареро накуштааст ва паёмади чунин бехирадӣ шикасти Ҳинд хоҳад буд:

Бад-ӯ гуфт фарзона, к- “Эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин гуна ранҷа мадор.
Фиристодаи шаҳрёрон кушӣ,
Ба кажжӣ бувад роҳу бедонишӣ.
Кас андеша з-ин гуна ҳаргиз накард,
Ба гирди чунин рой ҳаргиз магард…
Ҳамон гаҳ биёяд зи Эрон сипоҳ,
Яке тоҷдоре чу Баҳромшоҳ,

Намонад зи мо кас бар ин буму руст,
Зи некӣ набояд туро даст шуст [19, с.251].

Баҳром бо Сапенуд аҳд баста, аз Ҳинд ба Эрон мегурезанд ва Шангул аз паси онҳо метозад, вале дар ин замон дилдодагон аз дарё гузашта буданд. Шангул аз хиёнати духтари парвардаи хеш таассуф хӯрда, ба Баҳром носазо мегӯяд, вале ҳангоме ки Баҳром худро мешиносонад ва шоҳи Ҳиндро падар хонда, райъ медиҳад, ки кишварашро аз бож озод мекунаду духтарашро "шамъи Ховар", Шангул ба назди Баҳром омада, узр мехоҳад ва чанде пас бо ҳафт подшоҳи кишвараш, бо туҳфаҳои гарон пеши тахти Баҳром омада, хатеро бо авроқи зарин ба шоҳаншаҳ месупорад:

Сапенудро ҷуфти Баҳромшоҳ
Супурдам бад-ин номвар пешгоҳ.
Шаҳаншоҳ то ҷовидон зинда бод,
Бузургон ҳама пеши ӯ банда бод [19, с.276].

Гузашта аз ин, Шангул ба дасти Баҳром маншуре медиҳад, ки назар ба он, кишвари Ҳинд бояд пас аз марги ӯ ба шоҳаншоҳии Эрони Бузург бипайвандад:

Сапенудро дод маншури Ҳинд
Навишта хати ҳиндувӣ бар паринд [19, с.276].

Паҳлуи дигари масъала бунёди оилаи солим мебошад, ки ин паёми муҳим ба таври барҷаста дар достони "Зол ва Рудоба" матраҳ шудааст. Фирдавсӣ барпо кардани оилаи солимро тавсиф мекунад ва дарунмояи яке аз паҳлуҳои достони мазкур низ аз роҳи таваллуди фарзанд идома бахшидан ба насли одамӣ, бахусус, инсони аслан покгавҳар мебошад. Мақсади ишқ пайванди инсонҳо ва давом додани наслҳои авлод мебошад. Аз ин ҷо яке аз ғояҳои дигари достони "Зол ва Рудоба" маълум мешавад, ки масъалаи аз рӯйи расму ойинҳои аҷдодӣ хонадор шудан ва барпо кардани оилаи солим мебошад. Ҳамин тавр, "ду ҷавон аз ҳоли якдигар огоҳӣ меёбанд, ба якдигар меҳр пайдо мекунанд ва монеаҳои нажодӣ, мазҳабӣ, хонаводагӣ ва ҳатто кишвардориро бартараф карда, як оилае барпо мекунанд, ки асоси дар оянда пойдор мондани хонавода ва мулку кишвар мегардад" [1, с.39]. Манзур тавлиди фарзанд, яъне Рустам мебошад.

Яке аз равишҳои услубии Фирдавсӣ аксар дар фароварди ин ё он достон ё бахше аз гуфтори хеш ва баъзан дар зимни баёни воқеоти достонӣ ибрози андеша намудан оид ба воқеияти ҳастӣ ва масъалаҳои марбут ба одаму одамгарӣ ё ҳаёту мамот мебошад. Дар ин мавридҳо назари шахсии шоир баён мешавад, ки он андешаҳо дар такмили ғояи асосии асар хидмат мекунанд. Чунин андешаҳоро афкори фалсафии Ҳакими Тӯс номидан ҳам дуруст менамояд. Аз ҷумла, чунин маврид дар достони "Зол ва Рудоба" ҳам ба мушоҳида мерасад. Масалан, аз забони ғуломи турки Золи Зар, вақте ки ӯ мақсади издивоҷи Рудобаро бо Зол мефаҳмад, андешаи зерин матраҳ шудааст:

Ба пайвастагӣ чун ҷаҳон рой кард,
Дили ҳар касе меҳрро ҷой кард.
Чу хоҳад гусистан, набояд-ш гуфт,
Бибуррад сабук ҷуфтро ӯ зи ҷуфт.
Гусистан-ш пайдову бастан ниҳон,
Ба ину ба он аст хӯи ҷаҳон.
Диловар чу парҳез ҷӯяд зи ҷуфт,
Бимонад ба осонӣ андар нуҳуфт.
Бидон то-ш духтар набошад зи бун,
Набояд шунидан-ш нанги сухун [14, с.269].

Дар ин порча андешаи аз ҳама асосӣ таъкиди зарурати издивоҷ ва аз ин васила идома пайдо кардани насли одамӣ мебошад. Ҳаким беҳуда таъкид накардааст, ки агар диловар аз ҷуфт, яъне издивоҷ дурӣ ҷӯяд, ба осонӣ номаш ниҳон мемонад, яъне нопадид мешавад. Адабиётшиноси тоҷик Шарифов Худоӣ онро русуми башарӣ номида, чунин овардааст: "Андешаи Фирдавсӣ дар бораи мақсади ҳамсар доштан ба вуҷуд овардани фарзанд аст, ки аз русуми башарӣ ва минҷумла, мардумони эронист" [24, с.194].

Издивоҷи чунин ҷуфтҳо, ки бо бузургӣ ҳамроҳ будааст, ҳамроҳ бо ойину русуми хоссе сурат мегирифта, ки издивоҷи Зол ва Рудоба намунаи равшани он буда, достони марбут ба ишқи онҳо теъдоди зиёде аз ин расму оинҳоро дар бар дорад. Аз ҷумла, иҷрои он расму оинҳо ё талаботи вижа ба писар санҷишҳои зиёдеро мехостааст. Дабири Сиёқӣ бо ишора ба он талабот шартҳоеро пеши рӯ овардааст, ки бахше аз онҳоро дар ин ҷо бозгӯ менамоем: "Писарро барои исботи шоистагӣ барои издивоҷ, таҳти озмунҳои ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ қарор медоданд:

1. Миёни ду тараф маъмулан зане паёмрасонӣ мекардааст.

2. Хостгорикунанда бо шароити хоссе интихоб мешудааст (Дар издивоҷи писарони Фаридун Ҷандалро, ки бо кифояти фукур, пижӯҳанда ва чарбзабон буда, барои ин кор дар назар гирифтанд).

3. Дар хостгорӣ расми рӯнамо (рӯбинак) гирифтани модари арӯс маъмул будааст.

4. Мӯбадон нақши оқидро ифо мекарданд (Яъне, ақди никоҳ мекарданд). Чуноне ки маросими ақди Зол ва Рудоба се ҳафта тӯл кашидааст.

5. Маросими муфассале ҳамроҳ бо маю рӯду ромишгарон барпо мешуда ва ин, ки гоҳе чунонки дар издивоҷи Ковус ва Судоба мебинем, ахзи тасмими ниҳоӣ бар уҳдаи духтар қарор мегирифтааст. Мулоқотҳои ошкору пинҳони ду тараф ва ҳатто "бӯсу канор" ва "майнӯшӣ" қабл аз ақду издивоҷ бо маҳорим аз русуми қабл аз ислом аст" [13, с.127].

Зарурати асосӣ аз баёни нукоти мазкур дар асоси ишқу муҳаббат, риояи расму русум ва аз роҳи қонунӣ ба дунё овардани фарзанд мебошад.

Ҳамин тавр, аз мабоҳиси боло, ки пиромуни оини заношӯӣ ва чуфтчӯиҳои паҳлавонону шоҳон сурат гирифт, метавон натиҷагирӣ кард, нақши занон дар риояи қонунияти дар асоси ишқу муҳаббат, риояи расму русум барпо кардани хонавода ва аз роҳи қонунӣ ба дунё овардани фарзанд болотар аз мардон қарор дорад. Ба ҷуз камтарин мавриде, ки дар "Шоҳнома"-и Ҳакими Тӯс дар мисоли Судоба дучор мешавем, бар хилофи мардон, аксари занони ин шоҳкор дорои сифатҳои олии инсонӣ, ҳастанд. Занон дар ин асар ду навъанд: эронӣ ва ғайриэронӣ. Бонувони ғайриэронӣ натанҳо ба дӯстдорони худ содиқу бовафо ҳасанд, балки "чун ба Эрон мепайванданд, якбора аз кишвари худ мебурранд, аз дилу ҷон эронӣ мешаванд ва ҷониби некиро, ки ҷониби Эрон аст, мегиранд" [10, с.120]. Дигар ин, ки агарчи шоир ба фузунии меҳри хун бовар дорад (Ки меҳре фузун нест, аз меҳри хун), аммо дар бештари лаҳзаҳо фарзандони аз зани эронӣ бо шавҳари ғайриэронӣ ба дунё омадаро чунон тасвир кардааст, ки нанги асолати эронии худро дар нисбат ба нажоди падарӣ тарҷеҳ додаанд. Махсусан, дар он мавридҳое, ки агар зани эрониро бегонагон ба зӯрӣ рабуда, ҳамсари худ карда бошанд. Ҳамон гуна ки дар мисоли духтари Тоири араб – Молика ва ошиқ шудани ӯ ба Шопури ҷавон қаблан ишора шуда буд. Се дигар ин, ки занони эрониёнро ба шавҳарӣ пазируфта аз падарони худ низ ранҷҳо бурда, бархе аз онҳо дучори фоҷеаҳо гаштаанд. Яке аз ранҷкашидатарин занон Фарангис мебошад, ки шавҳари зебову вафодору беҳамтояш ба дасти падараш кушта мешавад. Падар тасмим дорад, ки Фарангисро низ бикушад, вале чуноне дар боло ишора шуд, бо писараш – Кайхусрав гурехта, солҳоро бо дарбадарӣ мегузаронад. Ниҳоят, издивоҷ дар "Шоҳнома", ки паёмади он ба арсаи ҳифзу нигаҳбонии Эрони бузург баровардани ҷаҳонпаҳлавононе чун Рустам, Кайхусрав мебошад, боиси ба миён омадани фарозу нишебҳои бисёр мегардад. Ба гунае, ки агар Рудоба набуд, паҳлавоне чун Рустам ҳаросати тахту тоҷи каёниро бар уҳда надошт.

Дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ издивоҷҳоеро аз ҷониби шоҳон метавон мушоҳида кард, ки дар як замон бо чанд нафар зан, хусусан хоҳарон анҷом дода мешаванд. Ин гуна издивоҷҳо дар достонҳои хурди бахшида ба Баҳроми Гӯр бештар ба чашм мехӯранд. Аммо чунин муносибат дар асари ҳамгуни Низомӣ ба назар намерасад.

Чи Ҳаким Фирдавсӣ ва чи Низомии Ганҷавӣ дар офаридаҳои худ таъкид бар он доранд, ки дар чуфтчӯи чуфти муносиб инсонҳо бояд боандеша ва жарфбин бошанд, зеро паёмади издивоҷҳо ба дунё овардани фарзандоне мебошанд, ки ояндаи Меҳан дар дасти онҳост. Дар муносибат ба фарзанд ва таъкид ба тарбияи шоистаи он ҳар ду шоири ҳаким ҳамақида ҳастанд. Низомии Ганҷавӣ дар офаридани образи Ширин симои ҳамсари худ – Офоқро ҳам пеши назар доштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдолов, Н. Достонҳои ишқӣ дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ / Н. Абдолов. – Душанбе: Сино, 2007. – 180 с.
2. Балъамӣ, Муҳаммад. Таърихи Балъамӣ / Муҳаммад Балъамӣ: бо тасҳеҳи Муҳаммадтақии Баҳор. – Теҳрон, 1341. – Ҷилди 2. – 12160 с.
3. Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия / Абӯрайҳони Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
4. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Махзан-ул-асрор, Хусраву Ширин / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
5. Мирзоён, З. Худовандагори сухани порсӣ / З. Мирзоён. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2015. – 360 с.
6. Мирзоён, Зафар. Турки ту бирехт хуни тоҷик / Зафар Мирзоён // Самак. – №15-16. – апрели 2012.
7. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (1) / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1987. – 488 с.
8. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (2) / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.
9. Муртазавӣ, Манучеҳр. Фирдавсӣ ва "Шоҳнома" / Манучеҳр Муртазавӣ. – Теҳрон, 1372 (1993). – 245 с.
10. Нудушан, Муҳаммадалӣ Исломӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар "Шоҳнома" / Муҳаммадалӣ Исломии Нудушан. – Теҳрон: Обон, 1349. – 435 с.
11. Саймиддинов, Додихудо. Таърихи ақди издивоҷ ва ҳуқуқи зану шавҳар / Додихудо Саймиддинов // Адабиёт ва санъат. – № 20 (1471). – 14 майи соли 2009.
12. Сарромӣ, Қадамалӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор (шаклшиносии достонҳои "Шоҳнома") / Қадамалии Сарромӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1383. – 1087 с.

13. Сиёқӣ, Дабир. Фирдавсӣ, зан ва трожедӣ / Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон, 1365. – 245 с.
14. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷилди 2. – 480 с.
15. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷилди 2. – 480 с.
16. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷилди 4. – 480 с.
17. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷилди 6. – 480 с.
18. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 7. – 480 с.
19. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 8. – 480 с.
20. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 9. – 480 с.
21. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – Ҷилди 10. – 410 с.
22. Холиқии Мутлақ, Ҷалол. Занон дар “Шоҳнома” / Ҷалол Холиқи Мутлақ: тарҷумаи Аҳмади Беназир. – Теҳрон: Интишороти Марворид, 1394. – 201 с.
23. Ҷовид, Хасин. Ниме аз “Шоҳнома” сурудаи Фирдавсӣ нест / Хасин Ҷовид // Рӯзномаи “Эътимоди миллӣ”. – Теҳрон, дуюми моҳи Хурдоди 1388. – № 936.
24. Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ (маҷмӯаи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд. 2009. – 476 с.
25. Шофақирова, Р. Симои зан-модар дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ / Р. Шофақирова: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: 2004. – 160 с.

ОИНИ ЗАНОШӮӢ ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА “ХАМСА”-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Фарҳанги оиладорӣ, ки дар замони муосир ҷузъи муҳимми масъалаҳои гендериро ташкил медиҳад, дар миёни мардуми эронинажод аз қадим як бахши муҳимми таърих ва тамаддуни онҳоро дар бар мегирифт. Аввалин нишонаҳои омӯзаҳои ахлоқиро дар хусуси издивоҷ ҳанӯз дар бахши “Готҳо”-и китоби муқаддаси зардуштиён – “Авасто” метавон ба мушоҳида гирифт. Омилҳои зӯровариву мухолифати қавму қабилаҳо дар замони бостон аз ҷумлаи муҳимтарин омилҳои падид омадани оила ва устувор гардидани аҳди заношӯӣ, ривоҷи оинҳои ҷуфтҷӯӣ ва ғайри инҳо гардидааст. Оини заношӯӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомӣ бар мабнои ахлоқи роиҷ дар замони онҳо ва дар асоси татбиқи суннату оинҳои мардуми бостон устувор буда, занонро ҳамчун маншаи зебоию шарму ҳаё ва муҳофизгари тамоми муқаддасоти хонаводагӣ медонистанд. Рукнҳои оиладорӣ ва ҷуфтҷӯӣ низ ба падидаҳои пойдори аҳди қадим алоқамандӣ дорад. Гузашта аз ин, масъалаи оиладорӣ ба бахши азими сохти давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи солим иртибот дорад. Аз ин рӯ, масъалаи оини заношӯи ва нақши занон дар пойдории оила дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ яке аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор рафта, ҳаёти иҷтимоиву ахлоқӣ ва маънавии ҷомеаро бе вуҷуди ин масъала тасаввур кардан номумкин аст. Дар ин мақола бо баррасиии масъалаи оини заношӯӣ ва паҳлуҳои ҷудогонаи оиладорӣ дар “Шоҳнома”-и Ҳакими Тӯс ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ, қиёси андешаҳои ду мутафаккир дар бахши бунёд ниҳодани оила ва пайдо намудани ҷуфти муносиб барои ҳифзи чандин асолат, аз ҷумла, тарбияи фарзанд, ки нигоҳ доштани як вилояту як мамлакати бузург ба уҳдаи ӯ гузошта мешавад, таҳқиқ шудааст, ки бо муҳаббати поку беолоиш пайванд мебошад. Масъалаи зан ва оиладорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ яке аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор рафта, ҳаёти иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа дар андешаи мутафаккирон аз ин ду ҷудо тасаввур карда намешавад. Ҳар ду мутафаккир доир ба ин масъала бештар ба андешаҳои халққои эронинажоди бостон такя намуда, мақоми занонро ҳамчун қувваи бонуфузи ҷамъият, қабл аз ҳама, дар андешаҳои бузургони гузашта ҷустуҷӯ кардаанд.

Калидвжаҳо: Фирдавсӣ, “Шоҳнома”, Низомӣ, “Хамса”, образи зан, оини заношӯӣ, издивоҷ, ҷуфтҷӯӣ.

РИТУАЛ СЕМЕЙНОЙ ЖИЗНИ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ И «ХАМСА» НИЗАМИ ГЯНДЖАВИ

Культура семейной жизни, составляющая в наше время важную часть гендерных вопросов, издревле была частью истории и цивилизации иранских народов. Первые признаки нравоучений касательно создания семьи встречаются в "Гатах" Авесты, священной книге зороастрийцев. В древности факторы насилия и противостояния племён стали существенной причиной возникновения семьи и укрепления брачных союзов и развития ритуалов поиска семейной пары. Ритуал семейной жизни отражен в "Шахнаме" Фирдоуси и "Хамса" Низами, в соответствии с господствующей моралью времени жизни двух поэтов и на основе древних традиций народа, где женщина представлена как источник красоты, стыда, совести и хранителница всех святынь семьи. Элементы сохранения семьи и поиска семейной пары также тесно связаны с устойчивыми явлениями древней эпохи. По этой причине вопрос ритуала семейной жизни и роли женщины в сохранении семьи входит в число основных вопросов в "Шахнаме" Фирдоуси и "Хамса" Низами. Трудно представить социальную, нравственную и духовную жизнь общества без затрагивания этих вопросов. В предлагаемой статье, наряду с рассмотрением вопроса о ритуале семейной жизни и отдельных сторон сохранения семьи в "Шахнаме" Фирдоуси и "Хамса" Низами, осуществлено сопоставление размышлений двух мыслителей, касательно создания семьи и поиска достойной пары для соблюдения ряда принципов, включая воспитание наследника, на которого будет возложено управление одной областью и великой страной. Принцип связан с чистой и бескорыстной любовью. Вопрос женщины и сохранения семьи в "Шахнаме" Фирдоуси и "Хамса" Низами, является одним из основных вопросов. Размышления Фирдоуси и Низами о социальной, нравственной и духовной жизни тесно связаны с этими двумя вопросами. Оба мыслителя касательно этого вопроса опираются на воззрения древних иранских народов и определяют место женщины как влиятельную силу общества, прежде всего, на основе взглядов своих великих предков.

Ключевые слова: Фирдоуси, "Шахнаме", Низами, "Хамса", образ женщины, ритуал семейной жизни, создание семьи, поиск семейной пары.

RITUAL OF FAMILY LIFE IN "SHAKHNAM" FIRDOUSI AND "HAMSA" NIZAMI GANJAVI

The culture of family life, which is now an important part of gender issues, has been a part of the history and civilization of Iranian peoples since ancient times. The first signs of moral teachings regarding the creation of a family are found in the "Gathas" of the Avesta of the sacred book of the Zoroastrians. In ancient times, the factors of violence and confrontation between tribes became an essential reason for the emergence of a family and the strengthening of marriage unions and the development of rituals for finding a married couple. The ritual of family life is reflected in "Shahnama" by Ferdowsi and "Khamsa" by Nizami in accordance with the prevailing morality of the life of the two poets and on the basis of ancient traditions of the people, where a woman is presented as a source of beauty, shame, conscience and guardian of all the shrines of the family. The elements of family preservation and the search for a married couple are also closely related to the persistent phenomena of the ancient era. For this reason, the issue of the ritual of family life and the role of women in preserving the family are among the main issues in the "Shahnama" of Ferdowsi and "Khamsa" of Nizami. It is difficult to imagine the social, moral and spiritual life of society without touching upon these issues. In the proposed article, along with considering the issue of the ritual of family life and certain aspects of preserving the family in the "Shahnama" of Ferdowsi and "Khamsa" Nizami, a comparison of the reflections of two thinkers regarding the creation of a family and the search for a worthy couple to observe a number of principles, including the upbringing of an heir, is carried out on which will be entrusted with the administration of one region and a great country. The principle is associated with pure and selfless love. The issue of women and family preservation in "Shahnama" by Ferdowsi and "Khamsa" Nizami is one of the main issues. Reflections of Ferdowsi and Nizami on social, moral and spiritual life are closely related to these two issues. Both thinkers on this issue are based on the views of the ancient Iranian peoples and define the place of women as an influential force in society, primarily based on the views of their great ancestors.

Key words: Ferdowsi, "Shahname", Nizami, "Khamsa", image of a woman, ritual of family life, creating a family, searching for a married couple.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашурова Нодира Ҷумаевна*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи факултаи филология. **Суроға:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Ашурова Нодира Джумаевна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы и журналистики филологического факультета. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Information about the author: ***Ashurova Nodira Jumaevna*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Philological Faculty. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, Str.S. Safarov 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

УДК: 891.550

САРЧАШМАШИНОСИИ “ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ” -И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ

Анварова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Зуҳури анъанаи тадвини фарҳанги амсол дар адабиёти араб таърихи тӯлониеро фаро мегирад, чун худи масал дар миёни ин мардум аз дергоҳи таърих ҷойгоҳи махсусе доштааст. Ба эътирофи аҳли таҳқиқ яке аз шохаҳои бузурги адабиёти қадимаи араб шинохта шудааст. Бо ишорат ба ин мақоми масал дар адабиёти араб Муҳаммад Раҳим Илҳом пажӯҳишгари афғонӣ дар муқаддимаи фарҳанги “Амсол ва ҳикам”-и Иноятуллоҳи Шаъронӣ навишааст: “Адабшиносони араб адабиёти худро ба амсолу ҳикам ва хитобаву шеър тақсим мекарданд ва гӯё адабиёти забони худро аз ҳамин чаҳор бахш муташаккил медонистанд [11, с.2].

Албатта, ин андешаи донишманди мазкур сарчашма дар пажӯҳишҳои худи олимон ва пажӯҳандагони гузашта ва имрӯзаи араб пайванд мегирад, он гуна ки муҳаққиқ дар оғози каломаш ба адабшиносони араб ишорат мекунад. Ба навиштаи адабиётшиноси номии араб Ҳанно ал- Фахурӣ: “Ин қавм (арабҳо – А.М.) ба хитобаву зарбулмасал ва ривояту қиссаҳои таърихиву хаёлӣ сахт муштоқ буданд ва чунонаш ба хотир месупурданд, ки дар нақли он қувваи ҳофиза истифода мекард [12, с.165].

Бо такя бар ҳамин ҷанбаи муҳимми амсоли куҳани арабист, ки ҳамоно муҳаққиқи афғонистонӣ дар идомаи баррасиҳои хеш аз таснифоти масалҳои арабӣ чунин ёдовар мешаванд: “Арабҳо зарбулмасалҳоро ба ду гуна тақсим мекарданд: яке амсоли ҳикамӣ, ки баёнгари нукоти судманди ҳикматӣ мебуданд ва дар назди авом аз лиҳози мақбулият шуҳрат ва ривоҷ ёфта, дар иқтизоот ва мавоқеъи муносиб гуфта мешуданд. Ва дигар амсоли тамсилӣ, ки чун он калимаҳои қисор ва ҷумлаҳои кӯтоҳе мебуданд, ки ҳар кадом бар воқеаҳои таърихӣ ва ё ривояте хос афсонае бино ёфта мебуд [11, с.2].

Ин тавзеҳоти Муҳаммад Раҳими Илҳом ҳамоно иртиботи амсолро бо ривоёту афсонаҳо ва достонҳои асотирӣ ва таърихӣ бозгӯӣ мекунад, ки Ҳанно ал-Фахурӣ ба иштиёқи аъроб бад-ин падидаҳои арабӣ таъкид варзидааст.

Ҳамин гуна, амсол ва ҳикам дар адабиёти араб нахуст ба шеваи шифоҳӣ арзӣ ҳастӣ намуда, баъдан вуруди осори китобӣ гардид. Нуфуз ва афзалияти он дар миёни ин мардум боис омад, ки донишмандону нависандагон ба тадвини фарҳангҳои амсол аз қуруни аввали исломӣ иқдом намоянд. Бар асоси таҳқиқоти то кунун анҷомёфтаи дар заминаи фарҳангҳои амсол маълум мешавад, ки қадимтарин китоби фарҳанги амсоли то замони мо расида, “Амсол-ул-араб”-и Муфаззал аз-Забӣ маҳсуб меёбад, ки фарогири 160 масали арабӣ буда, ба он достону ашъор, асотир ва дигар падидаҳои фарҳанги арабӣ илҳоқ шудаанд. Асари дигаре, ки дар ин замина аз он ёд мешавад, “Китоб-ул-амсол”-и Муъриҷ ибни Амр ас-Сидусӣ маҳсуб меёбад, ки фарогири 220 амсоли арабӣ мебошад.

Дар қарни нуҳуми милодӣ марҳилаи тозаи фароҳамоварии амсоли арабӣ ва тадвини фарҳангномаҳои амсол рӯ ба рушд меовард. Дар сарчашмаҳо аз хидматҳои бештар аз 10 нафар таҳиягарон ва фароҳамоварони амсоли арабӣ ёдоварӣ шудааст. Аммо гаронарзиштарин асар дар заминаи амсоли арабӣ, ки дар ин аср таълиф ёфтааст, “Китоб-ул-амсол”-и Абуубайд Қосим ибни Салом ал-Ҳиравӣ дониста мешавад, ки дар истиқбол аз равиши Муфаззал аз–Забӣ ба қалам омадааст. Дар ин китоб бештар аз 400 зарбулмасали арабӣ аз рӯйи тартиби мавзӯъ дар 19 боб ва 259 фасл ҷой дода шудаанд.

Ҳамин тавр, дар асри даҳуми милодӣ низ ҷараёни тадвини фарҳангномаҳои амсол суръати тоза мегирад ва аз миёни ин таълифоти анҷомёфта пажӯҳишгарон ба китоби “Дуррат-ул-фохира”-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ баҳои сазовор додаанд. Аз муҳимтарин омили арҷи ин китоб, пеш аз ҳама, он будааст, ки он яке аз сарчашмаҳои аслии фарҳангномаи муътабари амсол, сарчашмаи таълифи “Латоиф-ул-амсол”-и Рашидуддини Ватвот “Маҷмаъ-ул-амсол”-и Абулфазли Майдонӣ будааст. Ҳатто Карл Броккелман бар ин нукта муътақид будааст, ки Абулфазли Майдонӣ маҷмӯи китоби Ҳамзаи Исфаҳониро нусхабардорӣ намуда, ки, албатта, ин андеша баъдан дар заминаи омӯзиши худи китоби Майдонӣ ва муқоисаи он бо фарҳанги мазкур аз сӯйи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки китоби Майдонӣ ва муқоисаи он бо фарҳанги мазкур аз сӯйи ховаршиноси рус Илнур Сарбулатов ва дигарон рад карда шуд.

Аммо нуктаи аслии қобили таваҷҷуҳ он аст, ки китоби Ҳамзаи Исфаҳонӣ ба унвони сарчашма дар ҷараёни таълифи фарҳанги Майдонӣ хидмат намудааст. Маҷмӯан, агар раванди ташаккули фарҳангнависии амсолро то замони Ватвот иҷмолан ба баррасӣ кашем, маълум мешавад, ки фоқеан то ин айём теъдоди зиёди луғатномаҳои амсол дар ин забон нигошта шудаанд, ки эҳтимол дорад, теъдоди онҳо аз 100 убур кунад. Вале ончунон, ки гуфта омад, ин фарҳангҳо асосан дар забони арабӣ ба қалам омада, сарчашмашиносии зуҳури амсол ва ҳикамро фаро мегиранд. Бо ин ҳама, ҳарчанд “Латоиф-ул-амсол” нахустин фарҳангномаи амсоле маҳсуб меёбад, ки тарҷумаи форсии амсол ва ҳикоётро фаро мегирад, вале дар ҷараёни таълифи он кутуби мазкур ба ҳукми сарчашма қарор гирифтаанд.

Сарчашмаи асосии кори Рашидуддини Ватвот бошад, ҳамоно «Маҷмаъ-ул-амсол”-и Абулфазли Майдонӣ мебошад, ки ин адиби форсизабон дар ҷараёни нигориши фарҳанги худ асосан бар ӯ такя намудааст. Ҳини таҳлил ва таҳқиқи “Латоиф-ул-амсол” муайян шуд, ки маҷмӯи 281 масале, ки дар китоби Ватвот омадаанд, 212 адади онҳо комилан мувофиқат мекунанд ва 21 адади онҳо бошад, танҳо мазмунан мутобиқат доранд ва ҳамин шабоҳати мазмунӣ ҳам худ баёнгари он аст, ки сарчашмаи зуҳури амсоли мазкур аз ин китоб берун омадааст. Ҳамагӣ 18 адад амсоли дигар мавҷуд аст, ки онҳо дар китоби Майдонӣ дида намешаванд ва ба таъбири дигар тоза мебошанд. Дар баробари ин, дар мавридҳои зарурӣ Ватвот агар масалеро аз китоби дигар истифода намуда бошад, худ дар китобаш бар он таъкид намуда, ки яке аз онҳо фарҳанги “Амсолу ҳиками” Замахшарӣ ба шумор меравад ва бо такя бар ин ишораи худи муаллифи “Латоиф-ул-амсол” метавонем дар баробари китоби Майдонӣ осори мазкурро низ ба унвони сарчашмаҳои таълифи фарҳанги амсоли Ватвот ба шумор оварем. Вале ҳарчанд Ватвот ба кутубе дигар ишороте фармуда, аммо ба назар мерасад, ки ҳолоти истифодаи вай аз асарҳои дигар камтар ҷой дорад ва асосан ба матолиби китоби Майдонӣ такя намудааст, ки бар ин ваҷҳ муқоисаи мо низ бо асар сурат мегирад.

Вобаста ба чунин умумият, метавонем ба таври воқеӣ “Маҷмаъ-ул -амсол”-и Майдониро сарчашмаи аслии китоби “Латоиф-ул-амсол”-и Ватвот ба шумор оварда, бар асоси ҳамин се шеваи қиёс матолиби онҳоро дар навбати аввал ба қалами муқоиса бикашем:

1) Амсоле, ки комилан мувофиқат доранд;
2) Амсоле, ки мазмунан мувофиқат доранд;
3) Амсоле, ки дар фарҳанги Майдонӣ дида намешаванд.

Тавре таъкид гардид, аслан фарҳанги таълифнамудаи Майдонӣ бештар аз 6000 масали арабиро фаро мегирад, ки аз онҳо танҳо бо ба эътибор гирифтани он амсоли мазмунан низ ба ҳам мутобиқатдошта 232 адад аз ин амсолро Ватвот истифода намудааст. Дар заминаи муқоиса маълум мешавад, ки дар шакли арабӣ ва тавзеҳи онон ҳамаи 212 адад масалҳо бо тазаккуроти Майдонӣ мувофиқат доранд. Ин андешаро метавон дар заминаи муқоисаи чанд масал ба субут расонид.

Масалан дар масали мазкур **إن من البيان لسحرا**, ки дар тарҷумаи он дар шакли зайл дар фарҳанги “Латоиф-ул-амсол” омадааст, дар боби аввали китоби Майдонӣ ҳамчун масали аввал мазкур аст, чун Майдонӣ низ тартиби алифбоии ҷобаҷогузории амсолро риоят намудааст ва метавон гуфт, ки аз ин шеваи кор низ Ватвот аз ӯ суд бардоштааст. Ин масал дар китоби Ватвот ҳамчун масали дувум ба кор рафтааст. Ҳарчанд ин ҷо фарқият дар ҷойгузинии амсол камтар ба назар мерасад, вале амсоле низ дар ин гурӯҳ дучор мешаванд, ки фарқият дар ҷобаҷогузорӣ зиёда ба мушоҳида меояд, ки сабаби аслии он ҳамоно зиёд будани шумораи умумии амсоли ҷойдошта дар китоби Майдонӣ маҳсуб меёбанд. Бо такя бар ин равиши ҷобаҷогузории амсол метавон изҳор дошт, ки масали мазкур:

إن البلاء مؤكل بالنطق, ки тарҷумаи он дар китоби “Латоиф-ул-амсол” ба таври зайл оварда шудааст, дар “Латоиф-ул-амсол” ҳамчун масали шумораи савум аз боби аввал омада, аммо дар “Маҷмаъ-ул-амсол” чун масали шумораи 35-ум аз ҳамин боби ин китоб ҷой гирифтааст. Албатта, фарқият танҳо дар шумораи ҷойгузинии амсол ба мушоҳида мерасад, чун боз ҳам сабаб ба зиёдии масалҳо дар китоби “Маҷмаъ-ул-амсол” пайванд мегирад. Мутобиқати бобҳо бошад, тавре гуфта омад, ҳамоно ба шеваи ягонаи тадвин доштани ҳар ду китоб марбут аст, ки он тартиби алифбоии таҳия ва танзими амсолро ба назар овардааст.

Бо зикри чанд намунаи дигар ба баёни ин ҳамоҳангии амсол дар ин ду асар иктифо хоҳад шуд. Масали мазкур:

الشعير يؤكل و يذم, ки тарҷумаи он ҷав мехаранд ва меникаҳанд мебошад, дар китоби “Латоиф-ул-амсол” дар боби 13 дар шумораи 125 қарор дорад, дар китоби Майдонӣ бошад дар ҳамин боб аммо таҳти шумораи 1959 ҷой гирифтааст ва ба назар мерасад, ки танҳо дар миёни ҳамин ду масал фарқияти байни шумораи амсол ба 1834 адад аст ва ин худ гувоҳи афзун будани миқдори умумии амсол дар фарҳанги Майдонӣ ба шумор меравад.

Масали дигар **الشر قليله كثير**, ки тарҷумаи он «Шарр андаки ӯ бисёр аст» маҳсуб меёбад, агарчи дар китоби Ватвот дар шумораи 128 қарор гирифтааст, дар китоби Майдонӣ бошад шумораи 1974 –ро ба вуҷуд овардааст ва ин ҷо низ фарқият хеле калон аст ва танҳо миёни ҳамин ду масал аз як китоб агар дар китоби Ватвот ҳамагӣ се шумора аст, ба назар мерасад, ки дар миёни ин ду масал дар асари Майдонӣ 25 масали дигар ҷой гирифтааст, ки онҳо дар “Латоиф-ул-амсол” дида намешаванд.

Дар ин маврид низ метавон мисолҳои фаровонеро тазаккур дод, аммо бо зикри ин чанд намуна таъкид мешавад, ки ҳамаи ин амсол, ки шумораи умумии онҳо ба 212 адад мерасад, айнан аз китоби Майдонӣ оварда шудаанд, танҳо авлавияти хидмати Ватвот дар он зуҳур мешавад, ки ин нахустин касе будааст, ки тарҷумаи форсии амсолро мазкур сохта, ҳамингуна ба фарҳангнависии амсол дар адаби форсӣ бар пояи тарҷумаи амсоли арабӣ асос гузоштааст.

Тавре гуфта омад, бахши дувуми амсолро масалҳое ба вуҷуд овардаанд, ки аз диди мазмун муштараканд, аммо айнӣ ҳам нестанд, аз ин рӯ, дар тарзи навишт ва тарҷумаи онон фарқиятҳо дида мешавад. Шумораи умумии ин гуна амсол низ дар асар зиёд нестанд ва маҷмӯан онҳо 21 адад мебошанд. Барои намуна ба чанд масал руҷӯъ мешавад.

Масали зерин **ما الذبابُ وما سِرْقَتُهُ**, ки дар “Латоиф-ул-амсол” омадааст, дар китоби Майдонӣ дар забони арабӣ ба тартиби зайл ба кор рафта:

ما الذبابُ وما مَرْقَتُهُ Зоҳиран фарқияти аслӣ дар калимаи охири ҳар ду масал аст, ки он дар “Латоиф-ул-амсол” шакли “Сарфатуҳу”- ро дорад ва аммо дар китоби Майдонӣ ба шакли “Марфатуҳу” омадааст. Ин амр боис бар он омада, ки дар тарҷумаи ҳар ду амсол фарқияте шаклӣ ба мушоҳида расад, аммо дар тарҷума мазмуни муштараки онҳо эҳсос мешавад. Ватвот ин масалро чунин тарҷума намудааст: “Чист магас ё чист дуздии ӯ”. Вобаста ба шакли тазаккури масал дар забони арабӣ дар китоби Майдонӣ тарҷумаи он чунин сурат мегирад: “Чист магас ва чӣ амали ношоистаи ӯ”.

Ба назар мерасад, ки, албатта, ин амсол муҳтавои хеле ба ҳам наздик доранд ва аммо танҳо фарқияти онҳо дар шакли навишти арабӣ ё истифодаи муродифоти дигар ба шумор меравад ва агарчи нахуст онро Майдонӣ истифода бурдааст, ба назар мерасад, ки то замони таълифи “Латоиф-ул-амсол” муодилҳои тозаи ин амсол пайдо шуда бошад, ки Ватвот аз онҳо истифода бурдааст. Масали мазкур дар китоби Ватвот дар боби 24 бо шумораи 238 ҷой гирифтааст, аммо дар китоби Майдонӣ дар ҳамин боб бо рақами 3901 маҳфуз аст, ки фарқият дар ин ҷо низ хеле фаровон ба мушоҳида мерасад.

Гоҳо ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки шакли навишти арабии амсол ягона аст, аммо фарқияти зоҳир дар тарзи баён дар зимни тарҷумаи амсол ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, тарзи навишти арабии ин масал “ **نَظَرَ المَريضِ إلى وُجُوهِ العُوَدِ** дар ҳар ду китоб ба як шакл омадааст, аммо вақте тарҷумаи онҳоро ба мушоҳида мегирем, ин фарқияти зоҳирӣ

ба ҷилва меояд. Тарҷумаи матни масал дар китоби Ватвот бад ин гуна омадааст: “Чун нигаристани бемор дар рӯйҳои касе, ки ба бемор пурсидани омада бошад” [14, с.160].

Аммо аз рӯйи шакли матни дар Майдонӣ омада ба назар мерасад, ки тарҷумаи тоҷикии он чунин садо медиҳад: “Нигарист бемор ба ваҷҳи аёдаткунандагоне, ки ба аҳволпурсӣ омада буданд”. Масали мазкур дар китоби Ватвот дар боби 25 бо шумораи 248 омадааст, аммо ба назар мерасад, ки дар ҳамин боби китоби Майдонӣ таҳти рақами 4224 дорад ва фарқият дар миёни шуморагони танҳо як боб аз амсол ба 300 адад наздик мешавад, ки ин амр ба нуфузи амсол дар китоби Майдонӣ таъкид меварзад. Маҷмӯан тавре гуфта омад, шумораи ин гуна амсол дар ин ду китоб ба 21 адад мерасад.

Барои муқоиса ба чанд намуна аз ин амсол ручӯъ мешавад, ки умумиятҳое дар онҳо ба назар расида, ҳамзамон шеваи кори нигорандагон ба ҳам шабоҳатҳои наздик дорад.

Масали мазкур, ки дар китоби «Латоиф-ул-амсол» дар боби дувум бо шумораи 11 ҷой гирифтааст, чунин тарҷума ва тавзеҳ шудааст:

- **بِعِلَةِ الوَرَشان تأكُلُ ثمَرةَ البُستان** – Ба иллат ва баҳонаи кабӯтар мехӯрӣ хурмо ва меваи бӯстон.

Аз баъзе аҳли илм чунин шунидам, ки марде бар дарахти хурмо санг андохт то кабӯтар дур кунад ва хурмо фурӯ меафтод ва ӯ аз он хурмо мехӯрд, ин масал дар ҳаққи ӯ бигуфтанд.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе чизе зоҳир мекунад ва муроди ӯ худ чизи дигар аст [14, с.49 масали 11].

Масали мазкур низ дар боби дувуми “Маҷмаъ-ул-амсол” омада ва шумораи он 441 аст. Масал аслан ба забони арабӣ омадааст, ки агар онро мазмунан тарҷума кунем, ҳамон матлаби тарҷуманамудаи Ватвот ҳосил мешавад.

- **بِعِلةِ الورَشَانِ تأكُل رُطَبِ المَشان ِ**

Тарҷума: Бо баҳонаи кабӯтар мехӯрӣ хурмо ва меваи тару тозаи бӯстон [7, с.134 масали 441].

Аммо зимни муқоиса маълум мешавад, ки ҳарчанд Майдонӣ дар забони арабӣ тавзеҳоте бар ин масал афзуда, Ватвот на он чиро, ки ӯ зикр намуда, айнан тарҷума карда ё зикр намудааст. Муаллифи «Латоиф-ул-амсол» тавре мушоҳида мешавад, асосан ба як ривояти марбут ба сарчашмаи зуҳури масал ручӯъ мекунад, ки он дар китоби Майдонӣ дида намешавад. Майдонӣ бошад асосан шарҳи луғати “Рутаб-ул-машон”-ро ба таври зайл меоварад:

رُطَبِ المَشان- ин навъе аз хурмо мебошад. Мегӯянд, ки он шаклан шабеҳи гурба аст.

Ин масалро нисбат ба он кас истифода мебаранд, ки чизе зоҳир мекунад аммо мурод аз он чизе дигар бошад» [7, с.134].

Аз тавзеҳоти Майдонӣ равшан намудан мумкин аст, ки Ватвот асосан зимни тарҷума мазмуни масалро ба эътибор мегирад ва баъдан мавриди истифодаи онро низ асосан бо такя бар нигоштаи Майдонӣ меоварад. Аммо зимни муқоисаи ҳамин як масал маълум мегардад, ки Ватвот дар ҷараёни нигориши хеш ба тозагиҳое даст задаст, аз ҷумла ӯ бештар ба таъйини сарчашмашиносии амсол меравад, ки дар Майдонӣ онҳо дида намешаванд. Гоҳе маворид бар асоси тақозои матлаб Ватвот вожаҳои хосси забони арабиро шарҳу тафсир намуда, ҳатто ҷанбаи балоғӣ доштани амсолро таъкид мекунад. Аз ҷумла, дар шаҳри масали зер аз боби 3, шумораи 27 дар «Латоиф-ул-амсол» омадааст:

- **تَرَكتهُ عَلى مشفَرِ الأسَدِ**- Бигзоштам ӯро бар монанди лаби шер.

Мишфар дар асли арабият лафхи уштур аст, аммо «мишфару-л-асад» ва «мишфару-л-ҳабашӣ» бар сабили истиорат бигӯянд.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро дар маърази ҳалок муҳмал ва зоеъ бедастгирӣ дар дасти золиме бигзошта бошӣ [14, с.57].

Зимни муқоиса бо «Маҷмаъ-ул-амсол» маълум мешавад, ки ин масал тарҷумаи айнии мавҷуд дар боби 3, шумораи 732 аст ва дар он омада:

تركْتُهُ عَلى مثل مِشْفَرِ الأس ِБигзошт ӯро мисле дар лаби шер.

Ин масал нисбат ба он кас гуфта мешавад, ки касеро дар маърази ҳалокӣ гузошта бошад [7, с.194].

Ин ҷо низ дақиқ мегардад, ки ҳарчанд Ватвот асли масалро аз Майдонӣ меоварад ва онро тарҷума менамояд, аммо ба ваҷҳи зарурат нукотеро тавзеҳ медиҳад, ки чунин равиши кор дар “Маҷмаъ-ул-амсол” дида намешавад.

Дар бархе мавридҳо Ватвот худ дақиқан ба намунаи мазкури масал дар китоби Майдонӣ ишорат намуда, ҳатто сарчашмаи истифодаи худро таъкид мекунад. Аз ҷумла, дар ҷараёни шарҳи масали 106 аз боби 11 ишорат мекунад, ки ин масал ба намунае дар китоби “Маҷмаъ-ул- амсол”-и Майдонӣ ба қалам омадааст ва аммо ман онро аз рӯйи китоби Имом Замахшарӣ зикр намудаам. Таъкиди Ватвот бад ин сурат аст:

- **زَلَّةُ العالِمِ زَلَّةُ الْعالَمِ** - Лағзидан ва хато кардани олим лағзидани олам ва дунёст.

Хоҷа Аҳмади Майдонӣ(р) ин масалро дар «Маҷмаъ-ул-амсол» дар боби ҳамза овардааст бар ин гуна : “**بِزِلَّتِهِ العَالِمُ إذا زَلَّ العَالِمُ زَل**, имом Фахри Хоразм Маҳмуд ибни Умар аз-Замахшарӣ дар мухтасаре, ки дар амсол сохтааст, дар боби (зо) овардааст, бар ин гуна, ки ман овардам” [7, с78].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки уламоро бар эҳтиёт кардан дар ҷавоби масоил ва зикри мавоиз таҳриз кунӣ, то ҷавоби носавоб ва насиҳати бо фазиҳат бар забони эшон наравад ва ҷоҳилон бад эшон дар он хато ва сафоҳат иқтидо накунанд. Байт:

إنّ الفَقيه إذا غَوى و أطاغَهُ قَوْمٌ غَوَوْا معه و ضاعَ و ضيّعا
مثل السّفينةِ إنْ هوتْ فى لُجَّةٍ تَغْرَقْ و يغْرَق كُلُّ ما فيها معا

Агар фақеҳ овора ва бероҳа шавад,
Қавм низ овораву сарсон хоҳад буд ва зоеъ хоҳад кард вақташро ҳамроҳи ӯ.
Мисли киштие, ки ғарқ мешавад дар қаъри баҳр.
Ва ғарқ мешаванд мусофиронаш ҳамроҳи он [14, с.97].

Аз ишорати Ватвот маълум мешавад, ки ин масал дар китоби Майдонӣ ҳатто дар боби дигар омадааст, аммо муаллифи «Латоиф-ул-амсол» бо истиқбол аз шеваи кори Замахшарӣ онро ба таври мазкур дар китоби ин нависанда овардааст. Баъдан барои тасбити назари худ ва таъйини мавҷудияти маъноии амсол дар ашъори арабӣ Ватвот намунаи шеъриеро меоварад, ки он дар китоби Майдонӣ низ омадааст. Танҳо дар шеър сухан аз лағзидани фақеҳ меравад, ки, албатта, манзур ҳамон олим аст ва ба мушоҳида меояд, ки асли маънои масали мазкур дар муҳтавои ин шеъри арабӣ ҷой гирифтааст.

Тазаккури масали мазкур дар китоби Майдонӣ ба андаке тағйироти лафзӣ сурат гирифтааст:

- **إذَا زَلَّ العَالِمُ زَلّ** - Лағзидан ва хато кардани олим лағзидани олам ва дунёст [7, с.78 масали 173].

Аммо дар ин ҷо Майдонӣ мавриди истифодаи масалро зикр намекунад, танҳо мустақиман ҳамон порчаи шеъриро меоварад, ки дар китоби Ватвот ҳам он дида мешавад.

Мавридҳое дар истифода ва тавзеҳи амсол дида мешаванд, ки дар ҳар ду китоб айни ҳамдигар омадааст ва кори анҷомдодаи Ватвот танҳо тарҷумаи форсии масал мебошад. Намунаҳои фаровонеро дар ин маврид метавон зикр намуд, ки танҳо бо овардани як намуна ва муқоисаи он дар ҳар ду китоб иктифо мекунем:

Латоиф-ул-амсол

الزَيْتُ فى العَجينِ لا تَضيع-- Равғани зайтун дар хамир зоеъ намешавад [14, с.97 масали 109].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки эҳсон ва мабаррат ба ҷойи хешони худ кунад ва молу неъмат бад-эшон диҳад.

Маҷмаъ-ул-амсол

الزَيْتُ فى العَجينِ لايضيع-- Равғани зайтун дар хамир зоеъ намешавад.
[7, с.410 масали 1743].

Гуфта мешавад ба шахсе, ки ба хешовандонаш некӣ кунад.

Танҳо аз тарҷумаи анҷомдодаи Ватвот ва муҳтавои масал, ки айнан мо дар тарҷумаи хеш овардаем, равшан мешавад, ки, албатта, чун нависандаи чирадаст муаллифи “Латоиф-ул-амсол” Рашидуддини Ватвот дар тавзеҳи бештар ва дақиқтари мавриди истифодаи амсол нисбат ба Майдонӣ иқдом намудааст.

Албатта, тавре таъкид гардид, амсоли мазмунан ба ҳам наздик дар ҳарду китоб ҳарчанд зиёд ҳастанд, аммо ба назар чунин меояд, ки Ватвот баробари тарҷума ба тавзеҳи бештар мекӯшад. Новобаста бар он, ки дар бештари маворид Ватвот асосан матни аслии масалро аз китоби Майдонӣ меоварад, аммо дар вақти тавзеҳ иқдом дар тафсири бештар, муайян кардани сарчашмаи зуҳури он масал, шарҳи бархе вожагони хосси арабӣ ё маъниҳои махсуси онҳо дар забони арабӣ намудааст, ки ин амр дар маънишиносӣ ва маънигузории вожагон аҳаммияти фарҳанги Ватвотро нишон медиҳад. Ба таъбири дигар Ватвот кӯшидааст, ки дар баробари фарҳанги амсол будани китобаш ҷанбаи тафсирии онро низ қавӣ бахшида, ҳамзамон бо таъкиди истифода ё корбурди саноеи бадеӣ дар таркиби амсоли арабӣ аҳаммияти поэтикии асари худро боло бубарад.

Бахши савуми амсоли дар “Латоиф-ул-амсол” омада масалҳое дониста мешаванд, ки онҳо танҳо дар ин асар мазкуранд ва дар китоби Майдонӣ дида намешаванд. Шумораи умумии ин амсол ҳамагӣ 18 адад мебошанд ва ҳатто нахустин масали омада дар китоби “Латоиф-ул-амсол” дар китоби “Маҷмаъ-ул-амсол” дида намешавад. Намунаи арабии ин масал чунин аст:

“**إنّ مِنَ الشعْر لحِكْماً** [14, с.41 масали 1,] тарҷумаи он ин аст, ки “Ба дурустӣ ки шеър ҳикмат аст”.

Баъдан Ватвот дар “Латоиф-ул-амсол” ба шарҳи ин масал афзудааст:

«Ин аз лафзи Пайғамбар аст (с) ва ибни Хитой (р) дар шарҳи ин лафз чунин гӯяд, ки дар шеър сухане бошад, ки нофиз ва панде бошад ноҷеъ, ки мардумро шунидан аз он

мавориди ҷаҳолат ва маросиди залолат манъ кунад ва боз дорад. Ва Ибни Дурайд (р) чунин гӯяд, ки ҳар калимае, ки мардумро ба афъоли маҳмуд хонад ё аз афъоли мазмум дур гардонад, он калимаро ҳикмат ё ҳукм гӯянд. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе шеъру хуб ороста ба алтофи ҳикмат ва аснофи мавъизат ривоят кунад [14, с.41].

Аз ҷумлаи масали дигар, ки дар китоби Майдонӣ наёмада ин аст: **بالبِرِّ يُسْتَعْبَدُ الحُرُّ** масалро Ватвот бад-ин гуна тарҷума намуда**:** “Ба некуи кардан банда шавад мардуми озод” [14, с.50 масали13]. Ин масал дар боби дувуми китоб омадааст ва дар идомаи тавзеҳи он Ватвот нигошта: “Ин масали Алӣ ибни Абу Толиб (р) аст ва дар “Сад калима” овардаанд ва монанди ин масал аст, ки гӯянд: «الإحسان عبيد الإحسان».

Ин масал он ҷо гӯянд, ки касе аз касе некуӣ дида бошад ва рӯй ба мидҳату сано ва хидмату дуои ӯ оварда бошад [14, с.50 масали13].

Тавре гуфта омад, маҷмӯан амсоли шомил ба ин гурӯҳ 18 ададро ба вуҷуд овардаанд, ки зикри онҳо дар замима мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Аз баррасии қиёсии “Латоиф-ул-амсол” ва “Маҷмаъ-ул-амсол-и Майдонии Нишопурӣ чанд нуктаи муҳим равшан мегардад, ки дар навбати аввал мақоми сарчашмаи аслии зуҳури ин китоби нав доштани асари Майдонӣ маҳсуб мешавад.

Албатта, ҳарчанд осоре дар ин замина қаблан нигошта шуда буд, аммо асари “Маҷмал-ул-амсол” аз ҷомеътарин кутуб дар заминаи амсол ва ҳикмати арабӣ ба шумор меояд, ки ҳудуди ҳашт ҳазор масалро фаро гирифтааст ва аз ин амсол 212 адади онро Рашидуддини Ватвот айнан истифода кардааст.

Дар баробари ин, агарчи 21 масали дигар мазмунан истифода шудааст метавон бар ин нукта расид, ки маҷмӯан 232 масалро аз китоби Майдонӣ гирифтааст ва ҳамагӣ 18 масалеро метавон дучор омад, ки дар китоби “Маҷмаъ-ул -амсол” мавҷуд нест. Аммо ин ҳама нақши “Латоиф-ул-амсол” дар зуҳури фарҳангҳои амсоли дузабона дар адабиёти форсу тоҷик хеле муҳим аст ва бо такя бар ин метавон сарогози зуҳури тарҷумаи амсоли арабӣ ва ба миён омадани фарҳангҳои тафсирии амсоли арабиро дар забони форсӣ ба ин китоби муътабар нисбат дод, зеро аксари фарҳангномаҳои баъд аз зуҳури ин фарҳанг ба миён омада, аз маводи он фаровон истифода намудаанд, ки барои муқоиса ба ду фарҳанг дар ҷараёни ин баррасиҳо руҷӯъ мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс // Избранные труды. - Т.I. – М.: Изд-во восточной литературы, 1960. - 556с.
2. Занд М.И. Искусство перевода в таджикской поэзии X в. Рудаки и его эпоха / М.И. Занд. - Сталинабад, 1958. – 167 с.
3. Раковский М. Пословицы и поговорки и мудрые мысли / М. Раковский. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 167с.
4. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.1. Бахши аввал / Сафо Забеҳуллоҳ. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор. – Душанбе, 2001. – 160 с.
5. Сарбулатов И. Арабский пословицы и поговорки, перевод с арабского / И.Сарбулатов. – Казань, 2007. – 132 с.
6. Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок / Б.Тилавов. - Душанбе: Дониш, 1967. – 225 с.

7. ابوالفضل الميداني، مجمع الامثال/ تصحيح و تقديم نعيم حسين زرزور، بيروت: دار الكتب العلمية، ج 1–2– 1408/1236ص.

8. **ابوعبيده قاسم ابن سلام، كتاب الامثال/ تصحيح عبدالمجيد قتاميش، دار المأمون لتراث: چاپ اوّل، ج. 1، 1980**

9. اصفهاني،حمزة بن الحسن. سوائر الامثال على افعل/ تحقيق فهم سعد. بيروت: الناشر:عالم الكتب،1988

10. آمولی محمد، نفائس الفنون/ تصحيح ابوالحسن شعرانی. تهران: انتشارات اسلاميه 1336، جلد 1.2.3.

11. احمد شاملو. كتاب كوچه. / شاملو احمد.انتشارات مازيار دفتر اول .4 جلد, تهران، 1387ص.

12. حنا الفاخوري. تاريخ ادبيات زبان عربي از عصر جاهلي تا قرن معاصر / ترجمه عبدالمحميد آيتي . تهران: توس، 1361/1942. –839ص.

13. رودلف زلهام .الامثال العربية القديمة مع اعتناء خاص بكتاب الامثال لابی عبيد \ ترجمة رمضان عبد التواب, دار امانة: 1971–273ص.

14. وطواط رشيد الدين، لطائف الامثال و طرائف الاقوال/ به كوشش حبيبه دانش‌آموز.تهران:مؤسسه انتشارات ميراث مكتوب1391/ 290 ص.

САРЧАШМАШИНОСИИ “ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ” -И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ

Мақолаи мазкур роҷеъ ба таҳлилу баррасии ҷойгоҳ ва генезиси асари Рашидуддини Ватвот ҳамчун мақоми сарчашмавӣ доштани он баҳс мекунад. Тавре зимни муқоисаву муқобала таъкид гардид, амсоли мазмунан ба ҳам наздик дар “Латоиф-ул-амсол”-и Ватвот ва “Маҷмаъ-ул-амсол”-и Майдонӣ ҳарчанд зиёд ҳастанд, аммо ба назар чунин меояд, ки Ватвот баробари тарҷума ба тавзеҳи бештар мекӯшад. Новобаста бар он, ки дар бештари маворид Ватвот асосан матни аслии масалро аз китоби Майдонӣ меоварад, аммо дар вақти тавзеҳ иқдом дар тафсири бештар, муайян кардани сарчашмаи зуҳури он масал, шарҳи бархе вожагони хосси арабӣ ё маъниҳои махсуси онҳо дар забони арабӣ намудааст, ки ин амр дар маънишиносӣ ва маънигузории вожагон аҳаммияти фарҳанги Ватвотро нишон медиҳад. Ба таъбири дигар, Ватвот кӯшидааст, ки дар баробари фарҳанги амсол будани китобаш ҷанбаи тафсирии онро низ қавӣ намуда, ҳамзамон бо таъкиди истифода ё корбурди саноеи бадеӣ дар таркиби амсоли арабӣ аҳаммияти поэтикии асари худро боло бубарад. Аз баррасии қиёсии “Латоиф-ул-амсол” ва “Маҷмаъ-ул-амсол”-и Абулфазли Майдонӣ чанд нуктаи муҳим равшан мегардад, ки дар навбати аввал сарчашмаи аслии зуҳури ин китоби нав асари Майдонӣ маҳсуб мешавад. Аммо бо ин ҳама нақши “Латоиф-ул-амсол” дар зуҳури фарҳангҳои амсоли

дузабона дар адабиёти форсу тоҷик хеле муҳим аст ва бо такя бар ин метавон сарочашмаи зуҳури тарҷумаи амсоли арабӣ ва ба миён омадани фарҳангҳои тафсирии амсоли арабиро дар забони форсӣ ба ин китоби муътабар нисбат дод, зеро аксари фарҳангномаҳои баъд аз зуҳури ин фарҳанг ба миён омада, аз маводи он фаровон истифода намудаанд.

Калидвожаҳо: Рашидуддини Ватвот, Абулфазли Майдонӣ, сарчашма, шарҳу тавзеҳ, “Маҷмаъ-ул-амсол”, фарҳанги амсолу ҳикам, “Латоиф-ул-амсол”.

ИСТОЧНИКИ «ЛАТАИФ АЛ-АМСАЛ» РАШИДУДДИНА ВАТВАТА

Статья посвящена анализу и выявлению места и роли «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата как источника паремиологических словарей. Как было отмечено в статье, число пословиц, очень близких по содержанию, в «Латаиф-ал-амсал» и «Маджма’-ул-амсал» велико. Однако наравне с переводом Ватват уделяет внимание их толкованию. В ходе толкования Ватват предпринимает усилия для установления источника появления пословицы, разъяснения арабских слов, особенно значений редкой, вышедшей из употребления арабской лексики. Другими словами, Ватват большое внимание уделяет толкованию слов, также подчеркивает использование художественных средств в составе арабских пословиц, что повышает поэтологическое значение книги. Благодаря разъяснению смысла редко употребляемых арабских слов, не встречающихся в других словарях, «Латаиф ал-амсал» Ватвата приобретает большое значение не только как паремиологический словарь, но и в какой–то мере как толковый двуязычный словарь. На основе сопоставительного анализа «Латаиф ал-амсал» Ватвата и «Маджма’ ал-амсал» Майдани Нишопури можно прийти к следующим выводам: содержание пословицы на языке оригинала показывает, что как талантливый литературовед автор «Латаиф ал-амсал»-а прилагает усилия к более точному толкованию содержания пословиц и указанию случаев их использования, нежели Майдани. «Маджма’ ал-амсал» Майдани считается основным источником «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата. Хотя до Майдани в арабоязычной литературе был составлен ряд паремиологических словарей, «Маджма’ ал-амсал» считается наиболее полным словарем, где собрано более шести тысяч пословиц и поговорок. Словарь «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата не только оказал значительное влияние на процесс возникновения двуязычных паремиологических словарей, но и в большинстве случаев послужил основным источником будущих трудов в данном направлении.

Ключевые слова: Рашидуддин Ватват, Абулфазл Майдани, источник, толкование и комментирование, «Маджма’ ал-амсал», паремиологические словари, «Латаиф ал-амсал».

SOURCES OF "LATAIF AL-AMSAL" BY RASHIDUDDIN VATVAT

The article is devoted to analyzing and identifying the place and role of "Lataif al-amsal" by Rashiduddin Vatvat as a source of paremiological dictionaries. As noted above in the article, the number of Proverbs that are very similar in content in "Lataif-al-amsal" and "Majma' - ul-amsal " is relatively large. However, along with the translation, Vatvat pays a lot of attention to their interpretation. In the course of interpretation, Vatvat makes efforts to determine the source of the proverb, explain Arabic words, especially the meaning of rare, obsolete Arabic vocabulary. In other words, Vatvat pays great attention to the interpretation of words, also emphasizes the use of artistic means in the composition of Arabic Proverbs, which increases the poetical value of the book. Thanks to the explanation of the meaning of rarely used Arabic words that are not found in other dictionaries, "Lataif al-amsal" Vatvata acquires great significance not only as a paremiological dictionary, but also to some extent as an explanatory bilingual dictionary.Based on a comparative analysis of " Lataif al-amsal "by Vatvat and "Majma' al-amsal " by Maidani Nishoburi, we can come to the following conclusions: the content of the proverb in the original language shows that as a talented literary critic, the author of "Lataif al-amsal" makes an effort to more accurately interpret the content of Proverbs and indicate the cases of their use than Maidani. "Majma' al-I amsal" Independence is considered a major source of "Lataif al-Amsal was" Rashiduddin Vatvat. Although a number of paremiological dictionaries were compiled in Arabic literature before Maidani, Majma' al-amsal is considered the most complete dictionary, with more than six thousand Proverbs and sayings. Rashiduddin Vatvat's “lataif al-amsal” not only had a significant impact on the development of bilingual paremiological dictionaries, but also in most cases served as the main source of future works in this direction.

Key words: Rashiduddin Vatvat, Abulfazl Maidani, source, interpretation and commentary, "Majma' al-amsal", paremiological dictionaries, "Lataif al-amsal".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова, 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru**. Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Сведения об авторе: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** – Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** – Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philological science, associated professor of the department Arabic philology. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

УДК: 891-550

ҒУЛОМ АББОС

Амиршоева М.П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти муосири урду дар тӯли замон нависандагони зиёдеро дар домани худ парваридааст, ки, мутаассифона, чизе аз онҳо то ба ҳол ба таври лозим шинохта нашудаанд. Осорашон мавриди таҳқиқу баррасии пурра қарор нагирифтааст. Яке аз чеҳраҳои машҳури адабиёти муосир, нависандаи боистеъдоду босалиқа Ғулом Аббос 17 ноябри соли 1909 дар шаҳри Амритсари вилояти Панҷоб чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Номи падараш Абдулазиз мебошад. Пешгузаштагони Ғулом Аббос аз Афғонистон буда, дар миёнаҳои асри XIX дар натиҷаи шикасти сиёсӣ аз дасти Мод Муҳаммад онҳо аввал ба Лудҳияна баъд ба Амритсар ва билохира ба Лоҳур кӯч бастаанд.Ӯ мактаби сингҳии дар шаҳри Лоҳур воқеъбударо хатм кардааст забонҳои форсӣ, панҷобӣ, урду ва англисиро омӯхтааст. Пас аз марги нобаҳангоми падар дар айни ҷавониаш бори гарони зиндагӣ ба дӯши ӯ афтодааст.

Ҷомеаи адабии он рӯз замоне бо номӣ ӯ ошно гардид, ки дар синфи ҳафтум мехонд ва бо нашри ҳикояи “بکری”- “Bakri” - “Буз” дар яке аз маҷаллаҳои адабӣ мавриди таваҷҷуҳи хонандагону аҳли таҳқиқ қарор гирифт.

Истиқболи гарми мухотабон ӯро ба ҷаҳони зебову пурпечи адабиёт дилгарм сохт ва гардише дар рӯзгораш ба вуҷуд овард. Пас адиби ҷавон ба навиштани драма ва ҳикояҳои бачагона низ даст зад ва ин дар маҷаллаи “Гул” ба кор омад ва муддати даҳ сол фаъолият намуд. Ҳамзамон таҳсили худро дар донишгоҳи Панҷоб дар зинаҳои AF ва AE давом дода онро хатм кард. Ин донишгоҳ на танҳо маркази бузурги таълимӣ, балки маркази сиёсӣ ва фарҳангӣ ҳам буд.

Баъдан Ғулом Аббос дар нашриёти машҳури Ҳиндустон - “Дар-ул-Иншаат Панҷоб” ба кор шурӯъ мекунад, ки он аз ҷониби Мавлави Мумтоз Алӣ таъсис дода шуда буд. Инчунин, дар маҷаллаи занонаи“ تہزیب نسواں” - “Tahzib-e-Naswaan” - “Маданияти зан” фаъолият намудааст. Маҷаллаи “Гул” ва “Маданияти зан” зери тарҳрезии драманависи машҳур Имтиёз Алӣ Тоҷ таъсис дода шуда буд. Ғулом Аббос ҳам барои кӯдакон асарҳо менавишту ҳам ҳикояҳои адибони хориҷиро бо забони урду тарҷума мекард. Аз ҷумла, дар он замон яке аз бехтарин асари тарҷумакардааш барои кӯдакон афсонаи “ الحمرا” - “Alhamra”- “Алҳамра”-и Вашингтон Ирвинг буд.

Соли 1938 Ғулом Аббос ба Деҳлӣ кӯч мебандад. Ӯ ба ҳайси муҳаррир дар шабакаи радиои Ҳиндустон ва дар яке аз маҷаллаҳои урду бо номи –“ آواز”- “ Avaaz” - “ Овоз” фаъолият мекунад. Бо назардошти он ки он замон Ҳиндустон ҷузви мустамликаи Англия буд, шабакаҳои радиоиро низ англисҳо ҳамчун минбари ташвиқоти идеологӣ ва сиёсии хеш ба кор мебурданд. Ғулом Аббос чун ҳикоянавис баъд аз нашри ҳикояи машҳури “Анандӣ” шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуда, барои ин ҳикояаш сазовори мукофотҳои гуногун гаштааст. Маҳз бо ҳамин унвон маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ “Анандӣ” соли 1947 пешкаши хонандагон гадид. Бар асоси ин асар дар студияи филмсозии “Mandi” филме рӯйи навор оварда шудааст, ки коргардони он Шиам Бенгал мебошад.

Нисбати эҷодиёти Ғулом Аббос олим, мунаққид, адабиётшинос ва нависандаи урдузабон Эҳтишом Ҳусайнин гуфтааст: “Ба мисли шамол ӯ ба зудӣ паҳн гардида буд, аммо ӯ дар ин шуҳрат маҳдуд нагашта, хомӯшона дар як сол ду ё се ҳикоя эҷод менамояд. Маҳз ҳамин аст, ки дар маҷаллаҳо ҳикояҳои ӯ ба хонандагон пешкаш мегардад” [1].

Давраи аввали зиндагии адиб дар Ҳиндустони мустамликавӣ гузаштааст ва пас аз ҷудо шудани он ба ду давлати бузург Ҳиндустон ва Покистон Ғулом Аббос шаҳри Карочии Покистонро барои иқоматаш интихоб мекунад. Дар ин миён адиб аввал соли 1939 дар шаҳри Алигарҳ ва дафъаи дуюм соли 1952 дубора оиладор шудааст. Номи завҷаи аввалаш Закира буд ва аз ӯ соҳиби 5 фарзанд – чор духтару як писар мешавад. Завҷаи дуюмаш зани англис Кристиан Власто буд. Пас аз издивоҷ кардан номи Кристианро иваз карда, Зайнаб ниҳодааст. Аз ӯ соҳиби се духтару як писар мешавад. Зайнаб соли 2009 дар шаҳри Карочии Покистон чашм аз олам пӯшидааст.

Ғулом Аббос дар яке аз шабакаҳои радиои Покистон бо номи “آہنگ "-“Aahang” -“ Оҳанг ” низ барнома омода мекард. Соли 1949 ӯ бо вазорати иттилоот ва радиошунавонӣ ҳамкорӣ карда, баъдтар бо радиои BBC дар шаҳри Лондон ба кор шурӯъ намудааст. Пас аз бозгаштанаш ба ватан соли 1952 дар муассисаи радиои Покистон фаъолият карда, то соли 1967, яъне то ба нафақа баромаданаш дар ҳамин ҷо кор кардааст.

Соли 1960 нахустин маҷмӯаи ҳикояҳои нависанда бо номи “ جاڑے کی چاندنی”- “Jaare ki Chaandni” - “Рӯшноии моҳтоби зимистон” мунташир мегардад. Бо нашри ин маҷмӯа

ҳукуматдорон адибро бо унвони адабии “ آدم جی” - “Aadamji”-“ Адамҷӣ” сарфароз гардониданд. Сеюмин маҷмӯаи ҳикояҳояш бо номи “ کن رس”-“Kin Rass” - “Кинрас” дар Лоҳури Покистон ба табъ расидааст. Ҳамчунин ҳикояи дигараш “دھنک”- “Dhanak” - “Донак” низ хамон сол нашр мешавад. Дар театри Аҷока соли 2011 яке аз асарҳои таърихии адиб бо номи “Hotel Mohenjodaro” - “Меҳмонхонаи Моҳенҷодаро” рӯйи саҳна гузошта мешавад. Соли 1976 нависанда ҳикояҳои пештар эҷодкардаашро, ки дар маҷмӯаи ҳикояҳояш “گوندنی والا تکیہ” - “Goodniwaala Takiya” - “ Болишти маҳин ” ҷо дода буд, таҳрир менамояд ва онҳоро ба таври алоҳида ба нашр мерасонад. Дар охири солҳои зиндагиаш Ғулом Аббос бисёр ҳикоячаҳои кӯтоҳ, қиссаҳои пурмазмун навиштааст. Мутаассифона, аксари он ҳикояҳо рӯйи чопро надидаанд ва имрӯз байни омма номаълум мондаанд.

Лаҳзаҳои хотирмони давраи фаъолияти адиб дар ҳикояе бо номи “ رنگنے والے“ - “Rengnewaale” - “Рангдон” дар маҷаллаи “ نیا دور” - “Naya Daur” - “Давраи Нав” нашр шудааст. Дар баробари он, силсилаи ҳикояҳои Ғулом Аббос соли 2013 аз тарафи шуъбаи донишгоҳи Оксфорд, ки дар Покистон воқеъ аст, ба чоп супорида шуд. Баъдан, як қисми осори адиб дар китоби “تارا چند” - “Chandtaara”- “Моҳу ситора” нашр гардид. Шеърҳои кӯдаконааш бошанд, дар маҷаллаи “پھول” - “Phool” – “Гул” чоп шуда, ба хонандагон пешкаш шудаанд.

Ҳукумати Покистон Ғулом Аббосро соли 1967 барои заҳматҳои зиёдаш дар соҳаи адабиёт бо медали “Ситораи Имтиёз” сарфароз гардонид. Солҳои охири зиндагиаш дар шаҳри Карочӣ сипарӣ шудааст.

Қуррат-ул-Айн Ҳайдар Ғулом Аббосро “холиқу подшоҳ”- и ҳикояҳои хурд номидааст. Ӯ зикр намудааст, ки нависандаи бузург маҳз шеваи хоссаи худро дошт. Ҳар як хонанда пас аз мутолиа кардани ҳикояҳои Ғулом Аббос ба хубӣ дарк карда метавонист, ки матн ба қалами Ғулом Аббос мансуб аст. Ин нависандаи пуркор соли 1982 дар шаҳри Карочӣ аз олам чашм пӯшидааст.

Адиби барҷастаи покистонӣ Ғулом Аббос дар ҳикояҳои пурмуҳтавову баландмазмунаш камбудиву норасоии давру замони хешро инъикос кардааст. Бозтоби саҳнаҳои зиндагӣ мисли дурӯягии одамон, пастиву баландиҳои зиндагӣ ва ҳаёти пурмашаққати мардуми оддӣ дар осори нависанда бисёр неруманд аст. Ҳамзамон паст задан ё суханони таҳдор дар осораш ба мушоҳида намерасанд. Бештар диққати ӯро хислатҳои гуногуни инсонӣ, афсурдаҳолӣ, рӯҳияи инсонӣ, азобу шиканҷаҳое, ки дар зиндагии пурпечутоб равшан аст, ҷалб кардаанд. Ҳикояҳояш хеле муъҷаз ва нишонрас буданд. Мақсади ӯ аз навиштани чунин ҳикояҳо дар он буд, ки вазъияти иҷтимоии мардум ва эволютсияи мафкураи персонажҳои асари хешро возеҳ ва равшан нишон диҳад.

Ноҷӯриҳо ва камбудиҳои замонаро, ки дар ҳаёти мардум медид қабул карда наметавонист ва ана ҳамин ноҷӯриҳоро дар ҳикояҳояш баёни адабӣ додаву ба мардум пешкаш намудааст. Ӯ кӯшиш намекард, ки инқилоби иҷтимоиро ба амал орад. Дониш ва психологияи инсониро мушоҳидакорона ва хеле эҳтиёткорона пешкаши хонандагон мегардонид. Забони ҳикояҳояш хеле соддаву равон, оммафаҳм ва нишонрас аст. Машҳуртарин ва беҳтарин китоби Ғулом Аббос ин “جاڑے کی چاندنی”- “Jaare ki Chaandni”- яъне “Рӯшноии моҳтоби зимистон” аст, ки дар он қиссаҳои беназираш ҷой дода шудаанд.

Ӯ ба сабку баёни анъанаи ҳикояҳои русӣ дилбастагии хосса дошт ва бениҳоят ба эҷодиёти нависандаҳои машҳури рус ба мисли – Антон Павлович Чехов, Лев Николаевич Толстой, Максим Горкий таваҷҷуҳ дошт. Эҷодиёташонро бо камоли майл мехонду ҳаловат мебурд. Ногуфта намонад, ки Ғулом Аббос ҳанӯз дар синни 14-солагиаш ҳикояи нависандаи рус Лев Николаевич Толстой "جلا وطن" – “Jilai Vatan” - “Аз ватан рондашуда”-ро ба забони урду тарҷума кардааст ва он дар маҷаллаи "ہزارداستان” –“Hazaar Daastaan” - “Ҳазор достон ” моҳи январи соли 1925 дар шаҳри Лоҳур чоп шуда манзури хонандагон гардид. Адиби машҳури фаронсавӣ, новелланавис –Ги де Мопассан бо осори шавқангези худ Ғулом Аббосро мафтун намуда, ӯро бо эҷодиёти пургановаташ, ки бештар новеллаҳои ҷолибу тарсхиркунанда дорад, ба ваҷд овардааст. Ӯ осори Мопассанро пайваста мутолиа мекарду рӯҳу илҳоми тоза мегирифт. Умуман, нависандаҳои бузург барои Ғулом Аббос роҳнамову илҳомбахши эҷодаш буданд. Ӯ, ки худ ҳикоянависиро бештар сармашқи кори худ қарор дода буд, аз ин рӯ, ҳикояҳо, новеллаҳо, қиссаҳои рангину ҷолиби адибони бузурги ҷаҳониро ҳамеша ҷустуҷӯ мекарду меомӯхт.

Аз ҷониби дигар, Ғулом Аббос меҳру муҳаббати зиёд ба шеъру шоирӣ низ дошт ва ҳар як шеъри эҷодкардаи шоиронро бо шавқу рағбати беандоза хондаву таҳлил мекард, аммо худ ҳеҷ вақт накушидааст то шеър бигӯяд. Ҳар боре ки ӯ қалам ба даст гирифта, шеъргунае эҷод кардан хостааст, он аз вазну қофия дур рафта ба ҳикоя наздик шудааст. Аз ин рӯ, Ғулом Аббос дар ҷойе чунин қайд намудааст, ки:

-“Ҳарчанд кӯшидам маънои баландро бо матну шеърияти баланд баён намуда қалбамро бо гуфтани шеър ифшо намоям, муяссарам нашуд. Ман ҳарчанд шеъри урдуро

дар дилам ҷой карда будам, мутаассифона, натавонистам онро ҷиддӣ қабул карда чун дигарон ба риштаи назм бикашам. Барои халқам фикр мекунам ҳикояҳои гуногунҷанбаю пурборе навиштаам ба дарди мардум ва ҷомеа наздик аст. Даъвои шоирӣ карданро ҳеҷ гоҳ надоштам” [1].

Ғулом Аббос ҳангоми навиштани ҳикояҳояш ҳамеша кӯшидааст, ки калимаҳо ва ибораҳои духӯраи нолозим, ҳаргуна аломатҳои китобатии нодаркорро ба кор нагирад. Аз ин рӯ, барои навиштани ҳар як қиссаю ҳикояҳояш ҳамеша ибораҳои муъҷаз, калимаҳои равону фаҳмо ва содда ва ба дили мардум наздикро истифода намудааст. Аксари мунаққидон перомуни эҷодиёташ чунин баҳогузорӣ кардаанд:

-“Ҳикояҳои Ғулом Аббос хеле равону содда ва ҷолиби диққатанд. Мутолиаи онҳо ҳар шахсро ба худ ҷалб мекунад ва хонанда бештар мехоҳад, ки боз масъалаҳои дигари ҳикояро дастрас намояду бихонад. Бузургии адиб ҳам дар ана ҳамин аст, ки бо эҷоди ҳикояву қиссаҳои дилчаспаш хонандаро мафтун намояд” [2].

Ғулом Аббос ҳукуматдориро якҷоя бо ин ё он дин қабул надошт, чунки ӯ эҳсос мекард, ки ин ҳама ба диктатураи сиёсӣ билохира ба торикии зеҳниву ақлӣ бурда мерасонад. Дар соли 1967 Ғулом Аббос асари таърихии хурдҳаҷмашро, ки “Hotel Mohenjodaro” - “Меҳмонхонаи Моҳенҷодаро” ном дошт, менависад. Ӯ натиҷаи кори ҳукумати диндоронро фош карда, исбот намудааст, ки чӣ тавр сиёсатмадорони мазҳабӣ Покистонро ба куллӣ дигаргун сохтаанд. Хулосаи қисса он аст, ки пас аз тақсимшавии Ҳиндустон заифию нотавонӣ, торикии ақли ҷомеаро сӯистифода карда, ба доғи тамаддун табдил додаанд. Шахсони бефарҳангу кӯрдил, муллоҳо одамонро чунон ба танг оварданд, ки ба мисли моҳиҳои дар ҳавзи бӯйи ғализноки ифлосбуда, зиндагӣ карда истода бошанд. Соли 1979 ба сари қудрат омадани муллоҳоро дар Эрон ҷаҳон мебинад, ки ин давлат бо пешрафту тараққиёташ ба чӣ гуна мамлакат табдил меёбад.

Муҳити иҷтимоӣ-сиёсии Покистон дар замони роҳбарии Зиё-ул-Ҳақ ва пас аз он ҳам хеле пешрафта буд ва маҳз дар ҳамон давра масоили динӣ дар кишвар хеле рушд намуда боло меравад. Ҳикояҳои Ғулом Аббос ба пешгӯиҳои вазъияти сиёсии кишвар, ки баъдан мардум шоҳиди онҳо шуданд, наздик буд. Шояд пурсише ба зеҳн биёяд, ки қиссаи таърихӣ, қиссаи бадеӣ буд ё ин, ки зодаи тахайюлоти муаллиф? Аз мутолиаи он қиссаҳо ҳар касе дар ниҳодаш таконе эҳсос мекунад ва ҳолату вазъиятро ба назар гирифта, чунин шуданаш мумкин аст, мегӯяд.

Дар воқеъ, аз ҳикояҳои Ғулом Аббос эҳсос карда мешавад, ки ӯ пай дар пай мардумро ҳушдор мекард, ки роҳи рости зиндагиро пеш гиранд. Адиби бузург дар мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тарзи зисти мардуми гуногун асарҳо офаридааст.

Дар тӯли фаъолияти эҷодиаш номбурда 40 ҳикоя эҷод намуда, ки ҳамагӣ 29-тоаш нашр шудаанд. Ба сифати намуна чанд ҳикояро метавон зикр намуд: “آنندی” - “Aanandi” – “Ананди”, “بھنور” - “Bhanwar” - “Гирдоб”, “بیویاس کی” - “Us ki Biwi”- “Зани ӯ”, “اوورکوٹ" - “Overkoat” - “Палто”, “سایہ” - “Saiyaa” - “Соя”, “کتبہ” - “Kutbaa” - “Китобат”,“سرخ گلاب” - “Surkh Gulaab” – “Садбарги сурх” ва ғайра.

Солҳо маҷмӯаҳои зиёде аз ҳикояҳои навиисанда ба табъ расида, ки машҳуртарини онҳо ибратанд аз: маҷмӯи ҳикояҳои “آنندی” -“Aanandi”–“ Анандӣ” аз 10 ҳикоя иборат буда, дар шаҳри Лоҳур, соли 1948 чоп шудааст, маҷмӯи ҳикояҳои “جاڑےکی چاندنی” - “Jaare ki Chaandni”- “ Рӯшноии моҳтоби зимистон” - аз 14 ҳикоя иборат мебошад, ки дар нашриёти “Sujad and Kamran Pablishes” дар шаҳри Карочӣ – моҳи июли соли 1960 аз чоп баромадааст. Маҷмӯаи ҳикояҳои “کن رس”- “Kin Rass” – аз 9 ҳикоя иборат буда, дар нашриёти “Al-misaal”– и шаҳри Лоҳур соли 1969 нашр гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки пас аз фавти адиб соли 1984 силсилаи тамоми корҳои эҷодиаш дар китоби “Zindagi Niqaab Chehra” ба табъ расонида мешавад. Дар бисёр маъхазҳо гуфта шудааст, ки теъдоди ҳикояҳои Ғулом Аббос ба 40-то мерасад. Аммо бояд гуфт, ки дар баробари он, адиб як зумра ҳикояҳои бачагона ҳам навиштааст: “ برف کی بیٹی” - “Barf ki Beti” – “Духтари Барфӣ” –(бачагона), Лоҳур, соли 1933; “ جزیرہ سخن وراں” - “Jazira-e-Sukhanwaaran” – “Ҷазираи суханварон” (ҳаҷвӣ), Деҳлӣ, соли 1941; “ دنیا کے شاہکار افسانے” - “Dunya ke Shaahkaar Afsaane” – “Шоҳкориҳои дунёи афсона” (се ҷилд), Ҳайдаробод-Дакан соли 1922-23; “جادو کا لفظ” “Jaadu ka Lafz” – “Лафзи Ҷоду” – (бачагона), Лоҳур, соли 1937; “دھنک” - “Dhank” - “Донак”, Карочӣ, соли 1969; “ چاند کی پیٹی” - “Chaand ki Piti” - “Сандуқи моҳтоб” (тарҷума), соли 1943; “ جس رزق سے آتی ہو پرواز میں کوتاہی” - “Jis Rizq se Ati Ho Parvaaz mei Kuttahi” – “Он ризқи зудомада, умраш кӯтоҳ аст”(тарҷума), Лоҳур, соли 1967; “ الحمرا کے افسانے” - “Alhamraa ke Afsaane” – “Афсонаҳои Алҳамра” - (қасри аз санги сурх сошташудаи мусулмонон дар Испания) - (тарҷума).

Дар тӯли фаъолияти худ Ғулом Аббос барои заҳматҳои беандозааш дар соҳаи адабиёт ва фарҳанги урду бо ҷоизаҳо ва унвонҳои бузурги давлатӣ ва байналхалқӣ қадрдонӣ карда шудааст.

Дар поён лозим ба таъкид аст, ки шинохти як нависанда ба таври комил замоне муяссар мегардад, ки эҷодиёташ ба таври пурра мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Abbas, Ghulam. The Women‟s Quarter and Other Short Stories from Pakistan / Ghulam Abbas. - Islamabad: Alhamra Printing, 2000. – 54 c.
2. Hasan Khalid. The Women‟s Quarter and Other Short Stories from Pakistan / Khalid Hasan. - Islamabad: Alhamra Printing, 2000.
3. Глебов, Н. Литература урду / Н.Глебов., А.Сухочев. - М., 1967. – 230 с.
4. Елизарова Р.А. Прогрессивные писатели Пакистана: (на материале литературы урду) / Р.А. Елизарова, А.С. Сухочёв. - Ташкент: Фан Узб.ССР, 1978. - 176 с.
5. Полинова, О.С. Реализм в современном индийском романе: (На прим.хинди, урду и бенгал. лит.) / О.С. Полинова. - Ташкент : Фан, 1984. – 108 с.
6. Раҷабов Ҳ. Ташакул ва инкишофи ҳикояи ҳиндӣ / Ҳ.Раҷабов. - Душанбе, 1999. – 223 с.
7. Холов, Ҷ. Адабиёти урду дар садаи бистум / Ҷ. Холов. – Душанбе., 2010. - 154 с.
8. خورشید احمد – اردو کی ممتاز خورتیں افسانہ نگاروں کا تنقیری مطالعہ۔ علیگڑھ۔ 1995۔-493 ص۔
9. سلیم اختار – اردو ادب مختصرترین اغاز سے 2000 تک ۔/اختار سلیم۔ –سنگ میل پبلی کیشنز :لاھور۔-718ص۔
10. گوپی چندر نارنگ۔ آزادی کے بعد اردو افسانہ۔/ گوپی چندر نارنگ، اوتضی کریم، اسلم جمشید پوری۔ – دہلی۔، 2003۔-837ص۔
11. محمد حسن۔ جدید افسانوی ادب، عصری ادب۔ / حسن محمد۔ دہلی۔، 1970۔ –250۔ ص۔
12. نیم قریشی۔ اردو ادب کی تاریخ/ قریشی نیم۔ – لکھنؤ۔، 1961۔-272ص۔
13. وقار عظیم۔ دکستان سے افسانے تک۔ / عظیم وقار۔ –علی گرھ، 2003۔ - 374ص۔
14. وقار عظیم۔ نیا افسانہ۔ / عظیم وقار۔ –علی گرھ، 1996۔ – 695.ص۔
15. وہاب اشرفی۔ جیلانی بانو کے تخلیق جہات // شب۔ دہلی۔ – 1998۔ – دسمجر۔ –56 ص۔

ҒУЛОМ АББОС

Адиби барҷастаи покистонӣ Ғулом Аббос (1909-1982) дар ҳикояҳои пурмуҳтавову баландмазмунаш камбудиву норасоии давру замони хешро инъикос кардааст. Ҳангоми мутолиаи ҳикояҳои нависанда масоили дурӯягии одамон, пастиву баландиҳои зиндагӣ ва ҳаёти пурмашаққати мардуми оддӣ хуб дарк карда мешавад, аммо ҳеҷ гоҳ ягон оҳанги таҳқиромез, ё суханони дағал дар осораш ба мушоҳида намерасанд. Бештар диққати ӯро хислатҳои гуногуни инсонӣ, афсурдаҳолӣ, рӯҳияи инсонӣ, азобу шиканҷаҳое, ки дар зиндагии пурпечутоб равшан аст, ҷалб кардаанд. Ҳикояҳояш хеле муъҷаз ва нишонрас буданд. Мақсади ӯ аз навиштани чунин ҳикояҳо дар он буд, ки вазъияти иҷтимоии мардум ва эволютсияи мафкураи персонажҳои асари хешро возеҳ ва равшан нишон диҳад. Дар тӯли фаъолияти худ Ғулом Аббос барои заҳматҳои беандозааш дар соҳаи адабиёт ва фарҳанги урду бо ҷоизаҳо ва унвонҳои бузурги давлатӣ ва байналхалқӣ қадрдонӣ карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки пас аз фавти адиб соли 1984 силсилаи тамоми корҳои эҷодиаш дар китоби “Zindagi niqaab chehra” “Чеҳраи ниқоби зиндагӣ” ба табъ расонида мешавад. Дар бисёр маъхазҳо гуфта шудааст, ки теъдоди ҳикояҳои Ғулом Аббос ба 40-то мерасад . Аммо бояд гуфт, ки дар баробари он, адиб як зумра ҳикояҳои бачагона ҳам навиштааст. Дар поён лозим ба таъкид аст, ки шинохти як нависанда ба таври комил замоне муяссар мегардад, ки эҷодиёташ ба таври пурра мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирад. Ба мо омӯзиши ҳамаҷонибаи осори ин нависандаи номӣ аз ҷониби муҳаққиқони ҷавони урдушинос муфид хоҳад буд.

Калидвожаҳо: Ғулом Аббос, адабиёт, ҳикоя, инъикос, мардуми одӣ, вазъи иҷтимоӣ, беадолатӣ, равонӣ, зиндагӣ.

ГУЛАМ АББАС

Один из выдающихся писателей Пакистана Гулам Аббос (1909-1982) в своих рассказах отражал недостатки своего времени. Читатель в произведениях Гулама Аббоса знакомится с проблемами жизни, двуличности общества и борьбы трудолюбивого народа за справедливость. Писатель в своих произведениях изображает народ. Основное его внимание обращено на различные образы, которым он дает свою характеристику. Своим творчеством Гулам Аббас обогатил литературу урду, был награжден правительственными медалями и почётными международными грамотами. Нужно отметить, что после смерти писателя, в 1984 году, все его творчество было собрано и опубликовано в книге “Zindagi niqaab chehra”. В многих источниках приводятся рассказы Гулам Аббаса их количество достигает сорока, но нельзя забывать, что кроме перечисленных рассказов, писатель написал много произведений для детей. Следует отметить, что для полного ознокомление с творчеством писателя, необходимо полностью изучить его творчество. Для будущих индологов нужно досконально изучать таких писателей, как Гулам Аббас.

Ключевые слова: Гулам Аббас, литература, рассказ, отражение, простой народ, социальное положение, несправедливость, жизнь.

GHULAM ABBAS

An outstanding author of Pakistan, Ghulam Abbas reflected an shortages of his period in his thoughtful and meaningful stories. While reading the story of the writer accurately perceived the problems of hypocrite of people, up and down of life and the harness life of ordinary people, put never meet (o seen) any offensive speech or rude words, in his creative works. Mostly his attention focused on different characters of human, grievers, human mood, suffering and anguish, that is obviously perplexed in life. His purpose of writing such stories was that to show accurately social states of people and evolution thought of personages of his work. It is necessary to mark that the death of the writer in 1984 all his creativity was collected and published in the book “Zindagi niqaab chehra”. In many truthfully it is given that the stories of Ghulam Abbas reach the soraks, but the non-alja forget and that is something the writer wrote many works for children. At

the end, it is necessary to study his creativity completely for the Polish Aussie and research of one writer. For future indology, it is necessary to thoroughly study such scriptures as Ghulam Abbas.

Key words: Ghulam Abbas, story reflect, ordinary, people, social states, life, suffering and anguish**.**

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Амиршоева Манзура*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинд. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **man74@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 904-50-55-50**

Сведения об авторе: ***Амиршоева Манзура*** - Таджикский национальный университет, старший преподователь кафедры индийской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **man74@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 904-50-55-50**

Information about the author: ***Amirshoeva Manzura*** – Tajik National University, Teacher of the Department of Indian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **man74@inbox.ru.** Te**l**.: **(+992) 904-50-55-50**

УДК: 891.550

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ “НАВОДИР-УЛ-АМСОЛ”- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Наводир-ул-амсол”- и Убайди Зоконӣ ягона асарест, ки ҳам аз нигоҳи забони таълиф, ҳам аз ҳайси сабки баёну услуби нигориш аз кулли осори насрии адиб фарқ менамояд. Асари мазкур дар соли 727 ҳ./1328 таълиф гардидааст. Убайд ин асари худро ба вазири маъруфи Султон Абӯсаиди Баҳодурхон – Хоҷа Алоуддин Муҳаммад бахшидааст [2, с.90]. Вай бо ин роҳ мехостааст байни шоирони мадҳияпардози вазири мазкур ва, баъдан, миёни адибону фозилони доираи адабии дарбори элхонон мавқеи худро ба ҳайси суханвар пайдо намояд. Эҳтимол меравад, мақсуди ниҳоии Убайд аз тақарруб ҷустан бо вазири мазкур, аслан, наздикӣ пайдо кардан бо худи шахси элхон - Султон Абӯсаиди Баҳодурхон ва, бо ин восита, бо дарбори элхонони Бағдод буд, чунонки ин нуктаро баъзе муҳаққиқони муосир ҳам зикр намудаанд [7, с.198]. “Наводир-ул-амсол”- и Низомиддин Убайди Зоконӣ аз кулли осори мансури адиб бо чунин хусусиёти худ фарқ менамояд: 1) он ягона асарест, ки пурра бо забони арабӣ навишта шудааст; 2) ҳамчунин, он ягона асарест, ки мавзӯъ ва мундариҷаи он танҳо иборат аз панду андарз мебошад ва бино бар ҳамин хусусияташ, аз ҳайси шеваи пардохт ва ё сабки баён, куллан ва ҷиддан аз дигар осори адиб фарқ менамояд; 3) дар “Наводир-ул-амсол” муаллифи он ба кинояву танз, нешханду тамасхур ва нигоҳи мунтақидона ба ашё, мафҳумҳо ва ашхос аҳаммияте надодааст ва, бар хилофи онҳо, суханони худро бепардаву муарро аз васоити мармузкунии гуфтор баён намудааст; 4) андарзномаҳо ва афкори пандуахлоқии “Наводир-ул-амсол” ҳамагӣ дар шакли амсол матраҳ гардидаанд.

Чунонки зикр гардид, “Наводир-ул-амсол” миёни ҷамеи осори насрии Убайд дар мадди аввал бо василаи забони худ фарқ менамояд, чун он тамоман бо арабӣ таълиф гардидааст. Агарчи ҷуз аз “Наводир-ул-амсол” дар “Рисолаи дилкушо” ҳам Убайд забони арабиро истифода кардааст, аммо бояд зикр намуд, ки забони арабӣ дар рисолаи охир танҳо дар қисмати аввали он, ки мавсум бар “Ҳикоётун арабиятун” (“Достонҳои тозӣ”) мебошад, ба кор гирифта шудааст; ҳол он ки бар хилофи “Рисолаи дилкушо” дар “Наводир-ул-амсол” Убайд пурра забони арабиро мустафод шудааст. Ҳам дебочаи “Наводир-ул-амсол” ва ҳам 180 масале, ки Убайд дар он истифода бурдааст, пурра бо забони арабӣ мебошанд ва дар ягон ҷойи асар иборат ё ҷумлае бо забони порсии дарӣ, яъне тоҷикӣ дида намешавад. “Наводир-ул-амсол” аввалин бор аз ҷониби муҳаққиқи эронӣ Алиасғари Ҳалабии Ардабилӣ ба форсӣ тарҷума гардидааст. Тарҷумаи муҳаққиқи мазкур басо равону фасеҳ буда, сазовори арҷгузорӣ аст. Ҷуз аз тарҷума Алиасғари Ҳалабӣ мутуни арабиро бар форсӣ тасҳеҳу тавзеҳ низ намудааст [1].

Дар дебочаи асар Убайд овардааст: “Алҳамдулиллоҳи-л-муназзаҳи мин-ал-андоди ва-л-амсоли, алмутафарридиби-л-қудрати ва-л-ҷалоли. Ва-с-салому ала сайиди-л-анбиёи ва ашрафиҳим Муҳаммади-л-Мустафо ва олиҳи ва аҳҳабайиҳи мо тавалати-л-аййяму ва-л-лаёли”. Тарҷума: “Сипос Худовандерост, ки аз зид(д) ва мисл поку муназзаҳ аст ва ба қудрату ҷалол ягона. Ва дуруд бар сарвари паямбарон ва шарифтарини эшон Муҳаммади Мустафо (с) ва дудмони ӯ ва дӯстонаш то замоне ки рӯзон ва шабон пушти сари ҳам меоянд” [6, с.82].

Муҳтаво ва мундариҷаи “Наводир-ул-амсол” пурра иборат аз панду андарзи бузургон буда, дар инкишофи тарбияти ахлоқӣ, маънавӣ ва рӯҳонии хонандагони худ

нақши назаррас дорад. Дар ин маврид худи Убайди Зоконӣ дар дебочаи асараш мегӯяд: “Фаарадту ан актуба мухтасаран фи ҳаза-л-боби. Фа-л-тақатту ва антахабту мин ал кутуби ва ақовили-с-салафи ҳаза-л-мувҷаза ва ҳува муштамилун ала моячри маҷра-л-амсоли мин ғурари ақволи-л-анбиёи ва-л- ҳукамои ва милаҳи-ш-шуарои ва-з-зурафои фи кулли бобин ва саннафтуҳу ва саммайтуҳу “Наводира-л-амсали”. Тарҷума: “Пас хостам, то дар ин боб мухтасаре бинависам. Аз ин рӯй, аз китобҳо ва гуфтаҳои пешиниён ин ваҷизаро баргузидам. Ва он муштамил аст бар он чӣ ҷории маҷрои амсол аст аз суханони баргузидаи паёмбарон ва ҳакимон ва суханони намакини шоирону зарифон дар ҳар бобе. Ва онро тасниф кардам ва “Наводир-ул-амсол” номидам” [6, с.282].

Панду андарзҳои “Наводир-ул-амсол” муштамил бар як мавзӯи воҳид ё як маҷмӯаи мавзӯоти мушаххас набуда, мавзӯъҳои гуногунро дар бар гирифтаанд. Завқбахшӣ ва муассириву шавқоварии асар ҳам дар ҳамин тавотури мавзӯоти ахлоқӣ дар он аст. Аз ҳамин нигоҳ, онҳоро ҷамъан метавон бад-ин тариқ баррасӣ намуд:

- некӣ кардан барои мардум;
- дурӣ ҷустан аз бадкорӣ;
- дар фикри тиҳидастону гуруснагон будан;
- доимо ба неъмат шукр кардан;
- риоят кардани хомӯшӣ миёни мардум;
- аз бисёргӯйӣ дурӣ ҷустан;
- аз корҳои зараррасон парҳез кардан;
- тоқат кардан ба сахтиҳову мушкилот;
- дурӣ ҷустан аз майхорагӣ;
- аз худситоӣ чашм пӯшидан;
- ҳалиму меҳрубон будан ва дурӣ ҷустан аз дуруштиву сахтгуфторӣ;
- парҳез кардан аз адовату душмании мардум;
- қадри меҳмонро ба ҷой овардан;
- хоксориву фурӯтаниро пеша кардан;
- қаноату додро пеша кардан;
- ғанимат доштани фурсатҳои ҳаёт;
- фаромӯш накардани ин ки фурсати ҳаёт зудгузар ва дербозгашт аст;
- ба кишоварзӣ машғул шудан;
- ба кору амал машғул кардани худ ва фарзандони худ;
- ба шахсони аҳмақу аблаҳ дониш наомӯхтан;
- кам хӯрдан ва бад-ин тариқ зиёд кардани муддати умр;
- дар як ҷой бисёр нанишастан ва шахси худро бемор накардан;
- аз рӯйи эътидол хоб кардан;
- ҷисми худро бемор накардан ва онро дар ҳабс қарор надодан;
- айби худро шинохтан ва эътироф кардан;
- хушнуд шудан аз касе, ки дар пайи ҷустани айбҳои туст;
- ғамгин шудан аз касе, ки ҳамвора туро меситояд;
- аз аъмоли зишти шаҳвонӣ дурӣ ҷустан;
- ҳама чизро аз Худой бихоҳ;
- ҳамеша тарс доштан аз Холиқ ва худро ниёзманди ӯ донистан;
- парҳез кардан аз хашм ба ҳангоми омадани мушкилот ва хатаре;
- ҳамеша шахси худро зебову тоза доштан;
- бо бадкорон ва мардуми бадахлоқ нанишастан ва парҳез кардан;
- нахондани касе, ки туро ба суфрааш намехонад;
- ҳамеша барои муҳайё кардани рӯзӣ кӯшидан;
- дастгир ва ифшо кардани дузд ва баргардонидани вай аз роҳи бад;
- бародаронро ҳеҷ гоҳ аз худ наранҷонидан;
- дар зиндагонӣ саховатро пеша кардан;
- рӯзгори худро бефоида сипарӣ накардан ва дар ҳаёт аз пайи амалҳои солеҳ шудан;
- доимо аз фитнаи дунё огоҳ будан;
- беҳуда барои ҳар чиз ғам нахӯрдан ва муддати ҳаёти худро кам накардан;
- бо дӯстони падар дӯстӣ кардан;
- аз ришва ҷиддан дурӣ ҷустан ва бад-он чашмони худро кӯр накардан;
- аз ислоҳи аҳмақ дурӣ ҷустан ё дар пайи кумак бар аблаҳ нашудан;
- барҳазар будан аз касе, ки доимо ноумеду маъюс аст;
- барҳазар будан аз касе, ки бар дӯстии ту боварӣ надорад;
- аз фурӯ гузоштани кори зишт дурӣ наҷустан;

- аз убур кардани мушкилот наҳаросидан;
- қадри хома, яъне қаламро ҳамеша пос доштан;
- ҳамеша дар фикри андӯхтани адаб будан;
- барои таоми хуб хӯрдан ва соҳиби ризқу рӯзӣ шудан пешаеро интихоб кардан ва фаро гирифтан;
- агар дӯсти аз худ ранҷондаро бо сухану меҳрубонӣ дил ба даст наёрӣ, бо симу зар дили ӯро мулоим гардон;
- аз суханони ёваву беасос дурӣ ҷустан ва бад-онҳо худро дар вартаи душмании дигарон қарор надодан;
- омадҳо ва комёбиҳои ҳаёти худро ғанимат шуморидан ва бад-онҳо хушнуд шудан;
- аз ишқварзӣ дурӣ ҷустан, чун оғози он васвос ва анҷоми он ифлос аст;
- то чиҳилсолагӣ илмҳоро аз худ кардан ва сармояи ояндаи худро омода кардан;
- дар хайру саховат ифрот накардан.

Дар “Наводир-ул-амсол” муаллиф зиёда аз 50 мавзӯъро дар силки масал кашида, ба василаи онҳо панду андарз матраҳ сохтааст. Ин панду андарзҳо бепардаву рамз ва бе истифода аз васоити мармузкунандаи сухан, яъне танзу киноя ва монанди инҳо ифода ёфтаанд. Афкору андешаҳои муаллиф дар баёни амсоли хеш, аксаран, озоду бепарда сурат пазируфта, бад-ин тариқ, дарёфти маъниву мазмунро барои ҳар хонанда басо осон мегардонад. Ин ҷиҳати асар ҳам аз хусусиятҳои назарраси он ба ҳисоб меравад. Гуфтаҳои болоро дар мисоли панду андарзҳои зерин метавон ба исбот расонид:

“Қола Луқмону: “Ад-даҳру аҳзақу-л-муаддибин”. Тарҷума: “Луқмон гуфт: “Рӯзгор ҳозиқтарин адабкунандагон аст” [6, с.286].

Ва ё: “Қола набию (с.): “аттакаббуру маа-л-мутакаббар садақатун”. Тарҷума: “Паёмбар (с.) гуфт: “Гарданкашӣ бо гарданкаш садақа аст” [6, с.288].

Ва: “Қола Буқроту: “ал-оқилу ятрук моюҳиббу ва ястағна амма якраҳу”. Тарҷума: “Буқрот гуфт: “Хирадманд он чиро, ки дӯст медорад, раҳо месозад ва аз он чӣ намеписандад, бениёз мегардад” [6, с.292].

Ҳамчунин: “Қола Абӯзарҷмеҳру: “Самарату-л-қаноати роҳатун ва самарат-ут-тавозуъ ҳурматун”. Тарҷума: Бузурҷмеҳр гуфт: “Меваи қаноат роҳат ва меваи фурӯтанӣ эҳтиром аст” [6, с.292].

Ва: “Қола Арасту: “Ло таассуф ала мафқудин ло юриддуҳу илайка-л-фавту ва ло тафраҳа ли мавҷудин ло ятруку илайка-л-мавту”. Тарҷума: “Арасту гӯяд: “Бар гумгаштае, ки фавт онро ба сӯйи ту бознамегардонад, андуҳ махӯр ва бар мавҷуде, ки мавт онро бар ту раҳо намесозад, шодмонӣ макун” [6, с.293].

Чунонки аз мисолҳои шоҳид дида мешавад, дар ягонтои онҳо асари рамзу киноя ва суханони мармузгунаи танздор мавҷуд нест, ҳамагӣ дар ҳамон маънои зоҳирияшон фаҳмида мешаванд ва дар худ дарунмаънӣ ё маънои ботиние надоранд. Агар аз абзори тазайюнии сухан, ки иборат аз анвои васоити тасвири бадеӣ буванд, дар андарзномаҳои фавқуззикр нишонае мавҷуд бошад, онҳо, ба ҳеҷ ваҷҳ, омили тирагиву мармузнокӣ ва адами дарку фаҳми маонии онҳо нагаштаанд. Абзори мазкур, баръакс, баёни муаллифи асарро муассиртар ва ҷанбаи бадеии онро вазнинтар гардонидаанду бас. Масалан, дар андарзи овардаи Луқмон, ки гуфта: “Рӯзгор ҳозиқтарин адабкунандагон аст”, санъати ташхис коргир шудааст ва муаллиф *рӯзгорро* ба *ҳайси инсони адабкунанда* гумоштааст. Дар андарзи оварда аз паёмбар (с.), ки гуфта: “Гарданкашӣ бо гарданкаш садақа аст”, ташбеҳи зимнӣ / пӯшида ба чашм мерасад, чун муомилаи мутакаббирона бо шахси мутакаббир ба *садақа* шабеҳ карда шудааст. Дар андарзи оварда аз Буқрот, ки гуфта: “Хирадманд он чиро, ки дӯст медорад, раҳо месозад ва аз он чӣ намеписандад, бениёз мегардад”, санъати тазод дар мисоли феълҳои *дӯст доштан* ва *написандидан* истифода шудааст. Дар пандномаи Бузурҷмеҳр: “Меваи қаноат роҳат ва меваи фурӯтанӣ эҳтиром аст”, санъати истиораи муканнияи тахйилия ба кор гирифта шудааст, ки муҳаққиқони муосир изофоти истиорӣ ё ибороти зеҳнияш низ гӯянд ва он иборат аст аз *меваи қаноат* ва *меваи фурӯтанӣ*. Дар ҳикмати Арасту: “Бар гумгаштае, ки фавт онро ба сӯйи ту бознамегардонад, андуҳ махӯр ва бар мавҷуде, ки мавт онро бар ту раҳо намесозад, шодмонӣ макун”, ду тазодди фикр: гумгашта-мавҷуд ва андуҳ хӯрдан-шодмонӣ кардан (дар шакли инкор) ва ду муродиф: фавт-мавт ва бозгардонидан-раҳо сохтан (дар гунаи инкор) мустафод шудаанд. Аммо, набояд фаромӯш сохт, ки агарчи абзори суханороии мазкур аз ҷиҳате бори бадеии матнҳои болоро гаронтар намудаанд, дар қиёс бо бори маъноӣ ва мазмунии онҳо сабуктаранд, зеро маънову мазмуни ҳар ҳикмати фавқ дар мақоми аввал қарор дорад ва дар ҳолати истифода набурдан аз санъатҳои мазкур низ мавқеи онҳо ҳамчунон барҷой хоҳад монд.

Бояд қайд намуд, ки панду андарзҳои Убайд дар асари мазкур аз ҳайси ҳаҷму андоза аксаран кӯтоҳу мухтасаранд. Мутарҷими асар Алиасғари Ҳалабӣ дар боби ҳамин

хусусияти осори Убайд ҳунари вайро бо Умари Хайём ва Ҳаким Низомӣ муқоиса карда, қайд менамояд: “Убайди Зоконӣ низ дар нависандагӣ ҳамин шеваро дошта ва камтар достоне аз ӯ аз як сафҳа бештар аст. Вале дар ҳамон як сафҳа ҷаҳоне аз танзу факоҳат ва зебоӣ ва зарофат нуҳуфтааст ва аз ҳамин ҷост, ки дар оғози ин китоб гуфтем: дар фанни худ назире надорад” [1, с.281]. Албатта, суханони муҳаққиқи мазкури эронӣ умуман бар ҳамаи осори насрии Убайд тааллуқ доранд, на танҳо бар “Наводир-ул-амсол”, вагарна, дар ин асар, аслан, нишоне аз танзу факоҳат ба назар намерасад. Вале дар мавриди кӯтоҳбаёниву мухтасаргӯйӣ ҳақ бар ҷониби Алиасғари Ҳалабӣ аст, чун аксари матнҳои осори насрии Убайди Зоконӣ, ба хосса “Наводир-ул-амсол”- и вай, дар ниҳояти иҷозу ихтисор навишта шудаанд.

Хусусияти чаҳоруми “Наводир-ул-амсол”- и Убайди Зоконӣ, чунонки қаблан зикр намудем, дар шакли амсол овардани панду андарзҳо ва суханони пурҳикмат мебошад. Убайд метавонист тамомии пандномаҳои асарашро аз номи худ ё ҳамин хел, бе овардани унвони шохисе ва ё аз номи шахси ғоиб биёварад. Аммо ӯ хуб медонист, ки овардани суханони андарзиву ҳикматнок аз номи соҳибони аслӣ ё моликони онҳо, ки намояндагони бузург ва маъруфи дин ва илму фарҳанг мебошанд, бори ахлоқӣ ва маънавии он ва, бар илова, таъсирбахшии онро афзуда мегардонад. Албатта, қисмате аз ҳикматҳоро Убайд аз номи худ низ оварда ва онҳо аз ҳайси бори маъноиву мантиқӣ ва маънавиву ахлоқӣ дорои вазн низ ҳастанд, ки тавониста дар тарбияи бадеӣ-эстетикӣ ва ахлоқии хонандагони худ саҳме барҷой гузоранд. Аммо, ҳақиқат ин аст, ки аксари кулли пандномаҳои “Наводир-ул-амсол” марбут бар гуфтаҳои ричоли мутанаффизи фарҳангиву ахлоқӣ мебошад, ки дар даврони ҳаёти хеш ва дар муддати асрҳои зиёд то ин замон мояи ифтихори башарият ва намунаву улгуи тарзи ҳаёти солими инсоният будаанд. Ин ашхоси “Наводир-ул-амсол” иборатанд аз паёмбарон ва намояндагони маъруфи динӣ, монанди: Нӯҳ (а.), Довуд (а.), Сулаймон (а.), Юсуф (а.), Мӯсо (а.), Исо (а.), Муҳаммад (с.), Алӣ (а.), Маъмуни халифа, Ҳорунаррашид, Шақиқи Балхӣ (р.), Ҷунайди Бағдодӣ (р.), Иброҳими Адҳам (р.); шоҳони бостон: Ардашер, Яздигурд, Анӯшервон, Доро, Искандар, Абулайно; ҳакимону донишмандон: Луқмон, Букрот, Сукрот, Арасту, Афлотун, Ҷолинус, Булинос, Диюҷонис, Бузургмеҳр, Файсоғурас, Озарбод, Ибни Сино, Асмоӣ. Убайд панду ҳикматҳои асари худро аз номи ҳамин шахсон овардааст ва онҳоро дар шакли амсол нишон додааст.

Тамоми амсоли овардаи Убайд аз ҳайси бори ахлоқиву маънавӣ дорои арзиши баланд буда, барои хонандагони худ таъсири қобили таваҷҷуҳ мерасонанд. Забони асли онро муҳаққиқони арабидон баҳои сазовор додаанд ва бар дониши муаллифи он офарин хондаанд. Забони тарҷумаи он ҳам шоистаи таҳсин аст, чун он аз ғалатҳои имлоиву услубӣ ба куллӣ озод аст ва асолати забони форсӣ-тоҷикӣ аз ҳайси корбурди вожагони ноби бостонии порсии дарӣ дар он то ҳадди зиёд риоя гардидааст. Бинобар ин, нашри “Наводир-ул-амсол” бо расмулхатти кириллиасоси тоҷикӣ ба манфиати хонандагони тоҷик хоҳад буд, зеро захираи маънавиёт ва ҳикмату ахлоқ бо забони тоҷикиро боз як асари арзишманд пурра мегардонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ардабилӣ, Алиасғари Ҳалабӣ. Муқаддима / Алиасғари Ҳалабии Ардабилӣ // Убайди Зоконӣ. Рисолаи дилкушо. Бо инзимоми рисолаҳои “Таърифот”, “Садпанд” ва “Наводир-ул-амсол”; тасҳеҳ ва тарҷума ва тавзеҳи Алиасғари Ҳалабӣ. - Теҳрон: Асотир, 1383 ҳ.ш. – С.280-281.
2. Бақоев М. Убайди Зоконӣ / М. Бақоев // Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. - Қисми дуюм; муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1983. - 229 с.
3. Ғаффоров, Шоҳрух. Убайди Зоконӣ ва “Наводир-ул-амсол”- и ӯ / Шоҳрух Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - № 1. - 2019. - С.171-178.
4. Зоконӣ, Убайд. Девон / Убайди Зоконӣ. Дастхат. Мутааллиқ ба асри XIV.- №555 / 13. - Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 707 ҳ. / 1405 милодӣ. - 310 с.
5. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев; зери назари Асғари Ҷонфидо ва Аълохон Афсаҳзод.- Душанбе: Дониш, 1991. - 212 с. (бо хатти форсӣ)
6. Зоконӣ, Убайд. Рисолаи дилкушо / Убайди Зоконӣ; бо инзимоми рисолаҳои “Таърифот”, “Садпанд” ва “Наводир-ул-амсол”; тасҳеҳ, тарҷума ва тавзеҳи Алиасғари Ҳалабӣ. - Теҳрон: Асотир, 1383 ҳ.ш. - 370 с.
7. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Мирзозода. Китоби 2 (асрҳои XIII-XV). - Душанбе: Маориф, 1977. - 394 с.
8. Раджабов М. Мировоззрение Убайда Зокони / М. Раджабов. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1958. - 113 с.

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ “НАВОДИР-УЛ-АМСОЛ”- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки миёни ҷамеи осори мансури Низомиддин Убайди Зоконӣ “Наводир-ул-амсол”- и адиб фарқи назаррас дорад. Ин фарқият, пеш аз ҳама, тавассути хусусиятҳои вижаву назарраси он ҷилвагар мегардад. Хусусияти якуми “Наводир-ул-амсол” иборат аз он аст, ки он ба пуррагӣ бо забони арабӣ таълиф гардидааст. Хусусияти дуюми фарқкунандаи асари мазкур ихтисос бо мавзӯъ ва мундариҷаи он дорад, ки комилан дар шакли панду ҳикмат ва андарзу мавъиза матраҳ гардидаанд. Хусусияти сеюми асар дар адами таваҷҷуҳи муаллифи он ба танзу киноя ва нақду тамасхур, ки дар дигар осори насрии Убайд мавриди таваҷҷуҳи вай қарор гирифтаанд, инъикос меёбад. Тибқи нишондоди муаллифи мақола, “Наводир-ул-амсол” дар эҷодиёти мансури Убайди Зоконӣ ягона асарест, ки дар он

ҳунари фитриву табиии муаллифи он, ки иборат аз истифодаи танзу киноя ва дарпардагӯйӣ аст, истифода нагардидааст. Хонанда бо шиносоӣ бо ин асари Убайди Зоконӣ фикр менамояд, ки он ба адиби мазкур тааллуқ надорад. Хусусияти чаҳоруми фарқкунандаи "Наводир-ул-амсол" дар он инъикос меёбад, ки афкори пандуахлоқиву ҳикамӣ дар он дар шакли амсол гирдоварӣ шудаанд. Амсоли "Наводир-ул-амсол" ба ашхоси гуногуни диниву сиёсӣ, илмиву фалсафӣ ва намояндагони табақоти гуногун ва, ҳамчунин, қисмате аз онҳо ба худи Убайди Зоконӣ тааллуқ доранд. Ашхосе, ки Убайд амсоли худро аксаран аз даҳони онон маърӯзи хонандагон мегардонад, иборатанд аз паёмбарон, халифаҳо, ҳакимону файласуфон, подшоҳону вазирон ва ричоли дигари мутанаффизи сиёсии давраҳои гуногун.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, наср, эҷодиёт, амсол, панду ахлоқ, ҳикмат, андарз, хусусият, паямбар, халифа, подшоҳ, вазир, ҳаким, файласуф.

ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ "НАВОДИР-УЛЬ-АМСАЛЬ" УБАЙДА ЗОКОНЇ

Автор статьи отмечает, что среди всех прозаических произведений Низомиддина Убайда Зокони "Наводир-уль-амсаль" отличается яркостью изложения. Эта отличительная черта, прежде всего, проявляется его особыми качествами, которых нельзя выявить в других произведениях писателя. Первая особенность "Наводир-уль-амсаль" состоит в том, что оно целиком написано на арабском языке. Вторая отличительная особенность вышеупомянутого произведения отражается в его содержательном аспекте, состоящем из разнотемных премудростей предшественников и назидательно-наставленческих умозаключений самого автора произведения. Третья особенность "Наводир-уль-амсаль" отражается в отсутствии внимания его автора к намекам и насмешкам и критическим точкам зрения, которым Убайд уделял большое внимание во всех других своих прозаических произведениях. По словам автора статьи, "Наводир-уль-амсаль" в прозаическом наследии Убайда Зокони является единственным произведением, в котором не использовано настоящее мастерство его автора, заключавшемся в насмешке, критике и символических высказываниях. При ознакомлении с вышеупомянутым произведением читатель думает, что оно не относится к Убайду Зокони. Четвертая отличительная особенность "Наводир-уль-амсаль" заключается в том, что наставленческие и назидательные мысли в нём составлены в форме амсалов, то есть притч и изречений. Амсали "Наводир-уль-амсаль" относятся к разным религиозным, политическим, научно-философским лицам и представителям других прослоек общества, а также самому Убайду Зокони. Лица, от имени которых Убайд представляет свои амсали читателям, из числа пророков и святых, халифов и подвижников пророка, учёных и философов, царей и визирей, а также влиятельных мужей разных эпох.

Ключевые слова: Убайд Зокони, проза, творчество, амсаль, премудрость, наставление, назидание, особенность, пророк, халиф, царь, визирь, учёный, философ.

MAIN FEATURES of "NAVODIR-UL-AMSAL" UBAIDA ZOKONÏ

The author of the article notes that among all the prose works of Nizomiddin Ubaid Zokoni, "Navodir-ul-amsal" is distinguished by its vivid presentation. This distinctive feature, first of all, is manifested by his special qualities, which cannot be detected in other works of the writer. The first feature of Navodir-ul-amsal is that it is written entirely in Arabic. The second distinctive feature of the above-mentioned work is reflected in its content aspect, consisting of the diverse wisdom of predecessors and edifying and instructive conclusions of the author of the work. The third feature of "Navodir-ul-amsal" is reflected in the lack of attention of its author to hints and ridicule and critical points of view, to which Ubayd paid great attention in all his other prose works. According to the author of the article, "Navodir-ul-amsal" in the prose heritage of Ubayd Zokoni is the only work that does not use the real skill of its author, which consisted of ridicule, criticism and symbolic statements. When reading the aforementioned work, the reader thinks that it does not belong to Ubayd Zokoni. The fourth distinctive feature of "Navodir-ul-amsal" is that instructive and edifying thoughts in it are composed in the form of amsals, that is, parables and sayings. Amsali "Navodir-ul-amsal" refers to various religious, political, scientific and philosophical persons and representatives of other strata of society, as well as Ubaid Zokoni himself. Persons on whose behalf Ubayd presents his amsals to readers, from among the prophets and saints, caliphs and ascetics of the prophet, scientists and philosophers, kings and viziers, as well as influential men of different eras.

Key words: Ubayd Zokoni, prose, creativity, amsal, wisdom, instruction, edification, peculiarity, prophet, caliph, king, vizier, scientist, philosopher.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаффоров Шоҳрух*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикского языка и литература. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shohrukh*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК: 891.55

ҚОФИЯ ВА РАДИФ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ «ДЕВОНИ ФОРСӢ»-И НАВОӢ-ФОНӢ

Додарова Т.Ш.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ғазал дар эҷодиёти Амир Низомиддин Алишери Навоӣ (1441-1501), ки осори форсӣ-тоҷикиашро ба тахаллуси Фонӣ эҷод намудааст, мавқеи вижа дошта, тақрибан аз нисф зиёди офаридаҳои манзуми ӯ иборат аз ғазал аст. Ин ба он маънист, ки Мир Алишер бо ду забон - ӯзбекӣ ва забони форсии тоҷикӣ эҷод менамуду дар паҳлуи «Хамса» ва дигар асарҳои ба забони модарӣ навиштааш ба баъдинагон чаҳор девони ғазал бо унвони «Ғаррот-ус-сиғор», «Наводир-уш-шубоб, «Бадеъ-ул-васат» ва «Фавоид-ул-касир» ба мерос гузоштааст, ки дар адабиёти туркизабонон, бавижа забони ӯзбекӣ, мавқеи сазовор доранд.

Навоишиноси тоҷик Аълохон Афсаҳзод ба ғазалҳои ӯзбекии шоир, ки дар «Чаҳор девон» беш аз 3130-то баршумурда шудааст, баҳои дурусти илмӣ дода, навишта буд: «Ғазалҳои ӯзбекии Навоӣ бо санъати баланд навишта шуда, дар онҳо таҷрибаи ғазалсароёни форс-тоҷик ва эҷодиёти лафзии халқҳои туркзабон истифода гардидааст» [1, с.97]. Ба ин девонҳои ғазал «Девони форсӣ»-и ӯ шомил мегардад, ки мувофиқи матни таҳиянамудаи адабиётшиносу матншиносии тоҷик Алии Муҳаммадии Хуросонӣ 561 ғазал дораду дар умум беш аз 4500 байтро ташкил менамояд. Ҳол он ки матни таҳиянамудаи Сайидаббос Растохези Сончоракӣ 552 ғазали шоирро фаро гирифта, 4351 байт аст [5, с.57-312]. Ин ишораҳо собит месозад, ки дар эҷодиёти Мир Алишери Навоӣ бо ҳар ду забон навъи бадеии ғазал ҷойи асосиро ташкил менамояд.

Пеш аз он ки доир ба қофия ва радифҳои дар ғазалиёти форсии тоҷикии Навоӣ – Фонӣ дар «Девони форсӣ»-и ӯ ибрози ақида намоем, бояд ҳадс зад, ки жанри ғазал дар асри XV, ки Алишери Навоӣ дар ин аср зодаву парвариш ёфтаву ба арсаи эҷод ворид гардида буд, дар ҳаёти маънавии ҷамъият дар тамоми кишварҳои форситабору форсигӯй мавқеи алоҳидаи худро нигоҳ доштааст. Дар ин аср ва баъдтар шоиронеро метавон ном бурд, ки дар баробари ба дигар намодҳои бадеӣ таваҷҷуҳ доштан, асосан ба гуфтани ғазал машғул буданд, монанди Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шоҳии Сабзаворӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, худи Амир Алишери Навоӣ ва дигарон. Мурод аз ин ишораи мухтасар он бошад, ки ғазали асри ХУ ҳамоно идомаи анъанаи ғазалсароии асрҳои пешина дар Хуросону Мовароуннаҳр буда, дар сохти композитсионӣ мавзӯю мундариҷа, тарзу тариқи симоофарӣ хеле кам ба тағйирот мувоҷеҳ гардидааст.

Мутолиа нишон медиҳад, ки хусусиятҳои шаклии ғазал дар ғазалиёти форсии тоҷикии Алишери Навоӣ-Фонӣ пурра риоя шудааст. Дар ин ғазалиёти шоир мақтаъ, ҳусни тахаллус, авзон ва қофияву дар зарурат радиф аз муҳиммотеанд, ки узви таркибии композитсионии ҳар ғазалро ташкил дода, дар ин замина ба муҳтавои ғазал ҳамаҷиҳата бетаъсир набудаанд. Аз ҷумла, матлаи ғазалҳои эҷодкор ба монанди «… матлаи ғазалҳои суханварони маъруфи ин жанри шеър на танҳо оғозу саршавии ҳар ғазал аст, балки бештар мазмуни асосӣ ва мавзӯю ғояи онро ифода намуда, равиши минбаъдаи саҳнаи тасвир ва услуби баёни онро дар вазну қавофӣ, чида гирифтану ба қолаби муайян рехтани таркибу ибораҳои зарурӣ тарҳрезӣ мекунад» [10, с.127].

Амир Алишери Навоӣ – Фонӣ дар гуфтани ғазал ба забони форсии тоҷикӣ аз тамоми талаботҳои сохтории он моҳирона истифода карда, лаҳну оҳанг ва мусиқияти ашъори худро афзудааст, ки барои ифодаи рӯҳия ва авзои симои ғиноӣ, барои ягонагии шаклу мазмун созгор омадаанд. Аз ҷумла, қофия ва радиф, ки аз унсурҳои сохтории ғазаланд, низ бори ин талаботҳоро бар дӯш бардошта тавонистаанд.

Аҳли таҳқиқ ва суханварон дар сохтори шеър қофия ва радифро хеле муҳим дониста, истифодаи ҳунармандона аз онҳоро мояи тавонмардӣ ва ифтихори эҷодкор шуморидаанд. Аз ҷумла, устоду дӯсти ҳамешагии Мир Алишер Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) дар осори манзумаш борҳо қофия ва радифро аз унсурҳои муҳимми шеър баршумурда, таъкид кардааст, ки агар вазн дар сохтори шеър «хилъати ноз» бошад, қофия нақшу нигори он буда, радиф «халхол»-и он аст [7, с.113]. Ба ин маънӣ, қофияву радиф ифодакунандаи диди забоншиносии эҷодкор буда, онҳо василаи хаёлангез ва бо муваҷҷеҳи ҳамнавоӣ, мавзунӣ ва таносуби савтӣ ифодагари ҷанбаи ҳунарӣ ва зебошиносӣ дар шеър дониста шудаанд.

Дар бораи қофия, ки аз унсурҳои муҳимми осори манзум – шеър аст, андешаҳои зиёд ва баъзан духӯра мавҷуд аст. Шамс Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам»-и худ таъкиди онро дорад, ки дар шеъри форсии тоҷикӣ 31 навъи қофия ҳаст [8, с.47]. Ҳамин назарияшиноси шеъри форсии тоҷикӣ ҷойи дигар чунин ибрози ақида намудааст: «… сухани беқофияро шеър нашморанд, агарчи мавзун афтад» ва таъкид месозад, ки: «… Бидон, ки қофия баъзе

аз калимаҳои охири байт бошад, ба шарти он ки он калимаҳо биайниҳо ва навъҳо дар охири абёти дигар мутакаррар (яъне, такрор) нашавад» [6, с.162-164].

Дар «Рисолаи қофия»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки бо ташаббусу ташвиқи Алишери Навоӣ навишта шудааст, ба ин масъала диққати ҷиддӣ равона гардида ва дар «Баҳористон» ба қофия ин таърифро раво донистааст: «Бидон, ки қофия дар унфи шуарои Аҷам иборат аст аз тамоми он чӣ такрори он дар охири ҷамеи абёт воқиб бошад ё мустаҳсан, ба шарти он ки мустақбал набошад дар талаффуз, балки ҷузви калима бошад ё ба манзалаи ҷузв. Баъзе тамоми калимаи охирро қофия гуфтаанд ва баъзе ҳарфи равиро [12, с.141-142]. Ҳусни қофия ин ҳусни мутаносиби ҳиҷоҳои охири байт бо байти дигар мебошад. Зиёда аз ин, қофия аз воситаҳои муҳимми маъниофарӣ, тамомиятдиҳанда ва барангезандаи таъсири рӯҳию эҳтироми шеър аст.

Мир Алишери Навоӣ дар «Девони форсӣ»-и худ қофиябандии классикии форсии тоҷикиро дар ғазал ҳатталимкон риоя намуда, дар ғазалҳояш навоварие нишон надодааст ва дар қофиясозии ғазал пайравии суннати гузаштагони адабиёти форсии тоҷикиро кардааст. Таъкид кардан ба маврид аст, ки Мир Алишер дар гуфтани «Девони форсӣ» бештар ба ашъори суханварони барҷастаи адабиёти форсии тоҷикӣ, монанди Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Совачӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Соҳиби Балхӣ, Исмати Бухороӣ, Мавлоно Коҳӣ, Мавлоно Котибӣ, Мир Суҳайлӣ, Мавлоно Шаҳобӣ, Мир Вафоӣ, Сайфии Турк, Шоҳии Сабзаворӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро ва зиёдтар аз дигарон ба Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ва дӯсти ҷонӣ ва устоди ғамхораш Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ такя намудаву ба ғазалҳояшон пайравӣ кардаву татаббӯъ бастааст. Ин ба он маъност, ки мусаннифи «Девони форсӣ», албатта, дар пайравӣ аз қофия ва радифи пайравиҳояш ба устодон вом гирифтааст ва, албатта, ин пайравиҳо ба қофиясозии ғазалҳои форсии тоҷикии Навоӣ таъсири амиқ доранд. Аз 561 ғазали Навоӣ-Фонӣ, ки дар даст аст, танҳо 160 то бе радиф буда, мутабоқӣ 401-тои онҳо бо радиф эҷод шудаанд.

Тавре, ки назарияшиносон ибрози ақида намудаанд, дар қофия ченаки асосӣ ҳарф-овоз аст, на ҳиҷо ва на калимаи дар охири мисраъ омада. Ҳадди ақалли ҳарфҳои қофияшавандаи ғазалҳои Навоӣ-Фонӣ садонокҳои **о, а, у, ӯ, е, ӣ** мебошанду баъзан аз як ҳарф – овоз: монанди **шаҳло, тамошо, алоло, савдо, Лайло, Зулайхо, шайдо, яғмо, ҳувайдо, ӯро;** гоҳо аз ду ҳарф - овоз; монанди **намуд, дуд, меғунуд, ҳасуд, зуд, буд, инситуд, чуҳуд, фузуд, намуд:** гоҳе бо се ҳарф – овоз, монанди **комронӣ, нотавонӣ, дилситонӣ, меҳрубонӣ, калонӣ, ҳамдостонӣ, дӯстгонӣ, нишонӣ, чавонӣ, равонӣ** ва ҳатто бо чаҳор ҳарф-овоз, монанди **кӯҳсорон, баҳорон, парҳезкорон, майгузорон, шабзиндадорон, ёрон, комгорон, хоксорон, рӯзгорон, ҷуръахорон** ва ғ. таркиб ёфтаанд.

Ба ин ғазали «Девони форсӣ», ки як ҳарф - қофия шуда омадааст, чанд байтро намуна меорем:

Эй ба гулистон ҳазор наргиси шаҳло,
Дар гулу гулзори оразат ба тамошо.
Лолаву гул аз таҷаллии ту ба хубӣ,
Қумрию булбул зи шавқи ту ба алоло…
Ошиқи бедил зи шавқи рӯи ту Маҷнун,
Карда баҳона вале муҳаббати Лайло…
Дар ду ҷаҳон ошиқи ту гашт чу Фонӣ,
Соз фано ҳам ба ишқи хештан ӯро [5, с.57-58].

Доир ба қофия дар шеър дар осори назарии пешин ва заҳамоти адабиётшиносии имрӯз, монанди «Ал-муъҷам»-и Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ, «Рисолаи қофия» ва «Баҳористон»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ»-и Р. Ҳодизода, М. Шукуров ва Т. Абдуҷабборов, китоби «Қофия дар назми тоҷик»-и Баҳром Сирус ва ғ. андешаҳои монанду якранг баён гардидаанд. Қофия дар китоби «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиноси»-и Холиқ Мирзозода ин тавр таъриф шудааст: «… як ё якчанд ҳиҷои ҳамоҳанг, ки дар охири мисраъҳо пеш аз радиф, ҳатто дар миёнаву аввали мисраъҳо такрор мешаванд, қофия мебошанд» [3, с.17-18]. Аз мулоҳизаи номбаршудагон оид ба қофия дар шеър метавон ба хулоса омад, ки қофия пеш аз радиф, баъзан дар охир, дар мобайни мисраъҳо ва байтҳои шеър омада, бо ҳамдигар дар байти **равӣ** ва овозҳои наздики вай мувофиқат менамоянд. Дар ин маврид ҳамоҳангӣ нишонаи асосии калимаҳои қофияшаванда мебошад. Ба қофия шуда омадани калимаҳои ин ғазали Навоӣ-Фонӣ таваҷҷуҳ кунед:

Шуд бало чашми ту, эй гулрухсор,
Нуктаи зери бало холи узор.
Ин ки дар ҷону дил оташ задаӣ,
Дил аз ин ҳаст ба ҷон миннатдор.

Бодаи лаъли лабат пеши назар,
Аз чи шуд чашми ту дар айни хумор.
Ҷилваи сарви равони ту ҳаёт
Диҳад, аммо кушадам дар рафтор.
Соқиё, соғари ишрат чу пур аст,
Нӯшу нӯшон, ба замин бармагузор.
Булбул ар шефтаи гулшан гашт,
Дид дар ҳар гулаш аммо сад хор.
Фониё, аз чамани даҳр бибур,
Шоми уммед, ки он н-орад бор [5, с.177-178]

Дар ғазали фавқ ин ҳамоҳангӣда р калимаҳои **гулрухсор, узор, миннатдор, хумор, рафтор, бармагузор, хор ва бор** дида мешавад, ки дар ин ҷо ҳарфи равӣ **«Р»** мебошаду бо ду ҳарф-овоз **«ор»** қофиябандӣ шудааст. Ҳамин тавр, ҳарфи равӣ қофиябандии ғазалро таъмин намудааст.

Алишери Навоӣ – Фонӣ дар ғазалиёташ гоҳе ду калимаи шаклан яку мазмунан гуногунро низ қофия намудааст:

Чу рафт хирқаву авроқи зуҳду илм ба бод,
Кунун манну қадаҳи бода, ҳар чӣ бодо бод! [5, с.169].

Дар ин матлаи ғазал калимаи **«бод»** ҳам дар мисраи аввал ва ҳам дар мисраи дувум ба сифати қофия омадааст. Ва чун ба ду маъност, яъне **«бод»**-и аввал маънои «ҷараёни ҳаво», «вазиши ҳаво», «шамол»-ро дораду **«бод»**-и дувум шакли кӯтоҳшудаи **«бошад»** аст. Дар мисраи дувум «ҳар чӣ бодо бод» ба маънии «ҳар чӣ шавад, шавад!, ҳар чӣ шуданӣ бошад, шудан гирад» омадааст. Ин дар қофиябандӣ ба ихтиёроти шахси шоир вобастагӣ дорад. Чунин тарзи қофиябандӣ дар ашъори шоирони зиёди адабиёти форсии тоҷикӣ ба чашм мерасад ва аз қофиябандии маъмулӣ баршумурда шудааст.

Агар ба тамоми 561 ғазали дар «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ аз мавқеи ҷойи қофия назар андозем, мебинем, ки шоир дар ғазалиёти худ тамоми суннатҳои анъанавии қофияро риоя намуда, бо забони равони форсии тоҷикӣ ғазалҳои хотирмону ҷолиб ва хушоҳангу дилнавоз сароидааст.

Бояд гуфт, ки қофияҳои дар ғазалҳояш истифоданамудаи Навоӣ-Фонӣ танҳо барои хонапуркунии вазни байт ва оҳангнокии шеър истифода нагардида, дар баробари ин ҳама тавонистаанд, ки бори маънӣ низ бикашанд. Дар ғазали зер дар баробари вазифаи умумии худро иҷро намудан калимаҳои **майхона, паймона, бутхона, мастона, девона, афсона, парвона** ва **вайрона** бори маънии алоқаманд ба муҳтавои ғазалро кашидаанд. Ғазалеро иқтибос менамоем:

Паймонаи май ҷӯён рафтам суи майхона,
Берун наравам з-он ҷо пур ношуда паймона .
Шайхони муноҷотӣ, риндони хароботӣ,
Ҷӯянд туро, ҷоно, дар Каъбаву бутхона.
Дар майкада сармастам, аз нанги худӣ растам,
Нӯшам қадаҳи бода бо наъраи мастона.
Шуд ҷоми маям қотил, ҷуз ин чӣ кунам ҳосил,
Чун ёр қадаҳ дорад бо ошиқи девона?
Воиз ба сари минбар гӯяд ҳама аз Кавсар,
Ман масту барад хобам з-ин булаҷаб афсона.
Ту ҳам гули бустонӣ, ҳам шамъи шабистонӣ,
Ҳар рӯз манат булбул, ҳам шаб шуда парвона.
Фонӣ, суханам бишнав, ҷӯёи харобӣ шав,
Дар ганҷ нашуд маъруф кас нодида вайрона! [5, с.289].

Дар ин мисол се ҳарф-овоз, яъне **«она»** қофия шуда омада, равонию гӯшнавозии шеърро хеле хуб таъмин карда тавонистааст.

Баробари қофия дар шеър, бахусус навъи бадеии ғазал, **радиф** ҳам мавқеи вижа дорад. Он дар алоқамандии абёт, маъниофарӣ, хушоҳангӣ, гӯшнавозтар намудани мусиқият дар осори манзум ва ғайра ҷойгоҳи худро дорад. Ғановати қофияро дар шеър радиф метавонад афзун намояд.

Бештари шеършиносони адабиёти форсии тоҷикӣ радифро «… аз вижагиҳои шеъри порсӣ дониста, вусъат ва густариши шигифтовар»-и онро ба имконияти хосси забони форсии тоҷикӣ, вобаста ба ҷойи калима дар ҷумла, донистаанд. Дар шеъри арабӣ радиф истифода нашудааст [2, с.224]. Рашидуддини Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и худ бар ин назар аст, ки «… арабро радиф нест, магар муҳаддисон, ки бархе ба такаллуф бигӯянд» [4, с.79]. Шамс Қайси Розӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки болотар назарашон оид ба қофия, иброз гардид, низ радифро « … Хоссаи шуарои Аҷам» [12, с.142] баршуморидаанд. Радиф

дар шеъри форсии тоҷикӣ қофияро мукаммал месозад, дар сохтори шеър таносуби комилро ба вуҷуд меоварад. Истифодаи огоҳонаи он дар ғазал майдони фарохтарро барои ҳунарнамоии шоир муҳайё менамояд. Ба як маънӣ, шоирон ба кор бурдани радифро мояи ифтихор донистаанд. Хоқонии Шервонӣ нақши радифро дар устуворию таносуби сохтории шеър таъкид намуда, мегӯяд, ки: «… радиф шеъри маро омадӣ ба кор» [2, с.121].

Тавре дар боло ишора намудем, дар «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ 401 ғазал бо радиф навишта шудаанд, ки ин аз чаҳор тақрибан се ҳиссаи онро ташкил медиҳад.

Чанд мисол:

Май ойинагун софу қадаҳ ойинафом аст,
Ҷуз акси рухи ёр дар ӯ дон, ки ҳаром аст [5, с.94].

Насими субҳ намуд аз тағори саҳбо мавҷ,
Чу боди шурта, ки орад зи рӯи дарё мавҷ [5, с.127].

Нест гул дар гулшани даврон, ки хоре набвадаш,
Бода дар базмаш, ки осеби хуморе набвадаш [5, с.198].

Дар мисолҳои оварда дар байти аввал **«аст»,** дар байти дувум **«мавҷ»** ва дар байти севум **«набвадаш»** дар ғазалҳо вазифаи радифро иҷро намудаанд. Дар ин замина метавон қоидаи радифро чунин арзёбӣ намуд, ки калима ва гурӯҳи калимаҳое, ки баъд аз қофия меоянд, радиф номида мешаванд.

Забони сохтори радиф дар назмҳои «Девони форсӣ»-и Навоӣ-Фонӣ рангоранг буда, аз исм, феъл, сифат ва дигар ҳиссаҳои нутқ ба ҳам омадаанд. Бояд гуфт, ки дар ин ғазалҳои адиби зуллисонайн феъл ва намудҳои гуногуни он имтиёз дошта, иборатанд аз **нест, гирифт, баст, рехт, куҷост, надошт, бисӯхт, рафт, андохт, донист, сохт, кашид, бимонд, овард, шуд, кард, мекашад, оварад, кунад, донад, ман расид, афтод, набуд, бизояд, ту буд, кушуд** ва ғ. Масалан:

Дил чу парвона зи шамъи рухи ҷонона **бисӯхт,**
Ваҳ, чӣ парвона, ки аз шуълаи ӯ хона **бисӯхт.**
Мӯю холи ту бар он шуълаи ораз чӣ аҷаб
Нашавад сабз, чу ҳар гаҳ ба замин дона **бисӯхт**… [5, с.111].

Бӯи шароби ишқи ту беҳушӣ **оварад**,
Рангаш зи ранги ақл фаромӯшӣ **оварад.**
Бошад такаллуми ту забонбанди аҳли ишқ,
К-аш истимоъ мояи хомӯшӣ **оварад…** [5, с.132].

Навоӣ-Фонӣ дар ғазалиёти форсии тоҷикиаш аз радифҳои исмӣ, масдарӣ, сифатӣ ва ҷонишинӣ низ кор гирифтааст.

Мисол:

Дило, шаб баҳри он маҳрӯй то **рӯз,**
На шабро гӯй шаб, не рӯзро **рӯз.**
Шабам рӯзи қиёмат шуд, валекин
Азоби сад қиёмат ҳаст то **рӯз…** [5, с.188].

Кашадам боз сӯи ҷоми майи гулгун **дил,**
Ин зи гулранг қабое шудаам маҳзун**дил**.
Аз лаби лаъли лабат шуд зи дилам чандон хун,
Ки ба ҷустан натавон ёфт даруни хун **дил…** [5, с.220].

Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Баҳром Сирус доир ба радиф андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, навиштааст: «Вазифаи асосии радиф он аст, ки бори ғоявӣ мекашад, яъне гӯянда матлаби марказии худро дар радиф мегузорад. Вазифаи дигари радиф дар ягонагию яклухтии шеър мебошад, зеро радиф ҳамроҳи қофия тамоми мисраъ ва байту бандҳоро ба ҳам узван мепайвандад» [8, с.55]. Намуна:

Зи чашми равшанам н-ояд хаёли он санам берун,
Ки акс аз ойина ҳаргиз наёрад зад қадам берун [5, с.266].

Дар ғазалиёти «Девони форсӣ»-и Фонӣ-Навоӣ ҷое як калима ва ҷое чандин калимаву ибора чун радифи як ғазал такрор мешаванд, монанди **о, ӯ, ту, мо, ро, туӣ, омада, оташ, наёмада, дорад, ояд, сағал, дил, марав, ҳар шаб, ман аст, хуш аст, шуд боис, нахоҳад шуд, аст имрӯз, ӯ ҳаргиз, бар дил, ба чашм, аст ин** ва ғ:

Ба ишқат мани хастаро сӯхтӣ,
Хасеро ба барқи бало сӯхтӣ… [5, с.297].

Ғами суҳбат зи маю ҷом чӣ хоҳад будан?!

Чун на пайдост, ки то шом чӣ хоҳад будан?!
Гӯ, бидонанд ҳама кас, қадаҳ оғоз кунем,
Кас надонист, ки анҷом чӣ хоҳад будан?! [5, с.268].

Навоӣ-Фонӣ дар ғазалҳои форсӣ-тоҷикии худ бо таркибҳои қофияшаванда ҳамроҳ дар шакли пасванди **ро** – саҳборо, яғморо, раъноро, таманноро, тамошоро, Масеҳоро, тақворо, моро, дунёро, ҷаҳонро, обро, нобро, хобро, аҳбобро, ноёбро, шобро, меҳробро…, дар шакли пасванди **аш-** гарданаш, доманаш, пероҳанаш, сӯзанаш, тавсанаш, равзанаш, мардафканаш, фанаш, рухсораш, гулзораш, кораш, бедораш, намудораш, тораш, паргораш, талабгораш, мапиндораш, озораш…, **ам** – гулпероҳанам, занам, хештанам, манам, танам, симинбаданам, анҷуманам, чаманам…, тасванди ҷамъи **он** – хирқапӯшон, бинӯшон, майфурӯшон, хамӯшон, сабзпӯшон, навбаҳорон, кӯҳсорон, комгорон, ёрон, ҳушёрон, майгусорон, рӯзгорон, дӯстдорон ва .ғ-ро барои радиф истифода намудааст. Мисолҳо:

Сӯзиям, то барфурӯзӣ рӯйи оташнокро,
Соз оташгираи он шуъла ин хошокро [5, с.69].

Кошки имрӯз монад хуни ман дар гарданаш,
То тавонам дасти худ фардо задан бар доманаш [5, с.158].

Соқӣ ҳаёт бахшад чун боди навбаҳорон,
Чун абр рахти ҳастӣ каш сӯи кӯҳсорон [5, с.261].

Мисолҳои боло нишон медиҳанд, ки Навоӣ-Фонӣ дар ғазалҳои форсии тоҷикии худ аз радифҳои гуногун кор гирифта, забони ашъорашро рангину намакин намуда будааст. Баъзан шоир мазмуни байт ё тамоми ғазалро ба воситаи савол, тааҷҷуб, таъкид, инкор ва ғ. пурқувваттар менамояд, ки ин имкониятҳоро ба ӯ радиф омода сохтааст:

Чӣ лаб ба ишва газӣ, даст агар ниҳам бар дил,
Бигӯ, чӣ чора кунам ҷони ношикеборо?!
Ҳадиси васли туро бар забон агар н-орам,
Зи сар чӣ гуна бурун орам ин таманноро?! [5, с.76].

Зери нуҳ тоқи фалак ғайри качӣ кор куҷост?
Ростӣ дар хами ин гунбади даввор куҷост?
Дилам аз хонақаҳу зуҳди риёӣ бигирифт,
Роҳи майхона куҷо, соқии айёр куҷост? [5, с.105].

Мисолҳои оварда нишон медиҳанд, ки навъҳои радиф дар ғазалиёти Навоӣ-Фонӣ фаровон буда, онҳо бо соддагӣ ва бепироягӣ ба шеъри шоир ҳусн бахшида ва бо унсурҳои дигари байтҳои ғазал омехта шуда, таносуби сохтории ғазалро қавитар гардонидаанд. Дар ин маврид такрори калимаҳои радифшуда, ҳамовоӣ ва таносуби онҳо гӯшнавози соҳиби завқ гардидаанд. Навоӣ-Фонӣ дар ғазалҳои «Девони форсӣ» радифро огоҳона ва бамаврид истифода карда тавонистааст.

Зиёда аз ин, дар «Девони форсӣ»-и Алишери Навоӣ-Фонӣ бо ду навъи ғазал, яке ибтикороти худи шоир ва дигаре татаббӯъу пайравиҳои ӯ ба шоирони тавонои мозӣ ва ҳамзамононаш аз адабиёти форсии тоҷикӣ дучор меоем. Ин адиби зуллисонайнро во дошта, ки дар ғазалҳои озоди худаш эҷодкарда қавофию радифро худаш мувофиқи завқаш интихоб намояд. Вале дар ғазалҳое, ки дар ҷавобия, пайравию татаббӯъи суханварони форсигӯй аст, побанди он қофияву радиф бошад. Барои ин метавон даҳҳо мисол овард. Масалан, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро… [11, с.3].

Ғазали ҷавобияи Навоӣ-Фонӣ:

Гар турки хитоӣ нӯш созад ҷоми саҳборо,
Нахуст орад сӯи мо турктози қатлу яғморо… [9, с.27].

Мисоли дигар. Хоҷа Ҳофиз мегӯяд:

Саҳни бӯстон завқбахшу суҳбати ёрон хуш аст,
Вақти гул хуш бод, к-аз вай вақти майхорон хуш аст [11, с.43].

Навоӣ-Фонӣ ин ғазали Ҳофизро ин тавр татаббӯъ карда, дар он қофияву радифи Хоҷаро нигоҳ доштааст:

Гӯшаи майхона амну масти ёрон хуш аст,
Чун суроҳӣ гиряҳои талхи майхорон хуш аст… [9, с.61].

Мисолҳои овардаи боло ниёз ба шарҳ надоранд ва ба таъбири халқ «он чӣ аён аст, ҳоҷат ба баён нест». Ҳамин тавр, Навоӣ-Фонӣ дар «Девони форсӣ»-и худ аз ғазалҳои Анварӣ, Хоқонӣ, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Совачӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ,

Ҳасани Деҳлавӣ, Соиби Балхӣ, Шоҳӣ, Суҳайлӣ, Ҳусайн Бойқаро ва баъд аз ҳама зиёд аз Хоҷа Ҳофиз ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ пайравию истиқбол намуда, табиист, ки қофияву радифи онҳо истифоданамударо вом гирифтааст. Дар ин бора ба таври муфассал дар пажӯҳишҳои оянда сухан хоҳем ронд.

Хулоса, дар эҷодиёти Амир Алишери Навоӣ бахусус «Девони форсӣ»-и ӯ ғазал мавқеи вижа дошта, дар ғазалиёти форсии тоҷикии шоир қофия ва радиф, вобаста ба мавзӯю муҳтавои онҳо, ҳадафмандона истифода гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод, Аълохон. Пайванди қарнҳо. Маҷмӯаи мақолаҳо / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 1989. – 240 с.
2. Кадканӣ, Шафеъӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Шафеъии Кадканӣ. - Теҳрон, 1370. – 732 с.
3. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
4. Мунтахаби «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» / Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.
5. Навоӣ, Амир Алишер. Девони форсӣ / Амир Алишери Навоӣ; бо тасҳеҳи Сайидаббос Растохези Сончоракӣ. – Кобул: Интишороти «Амирӣ», 1395. – 418 с.
6. Розӣ, Шамс Қайс. Ал-муъҷам / Шамс Қайси Розӣ; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
7. Сатторзода А. Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Сатторзода. – Душанбе: Дониш, 2014. – 163 с.
8. Сирус, Баҳром. Қофия дар назми тоҷик / Баҳром Сирус. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1955. – 183 с.
9. Фонӣ, Амир Алишер. Девони форсӣ / Амир Алишери Фонӣ; мураттиб ва муаллифи сарсухан Алии Муҳаммадӣ. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 320 с.
10. Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ. Ғазал дар эҷодиёти Аттори Нишопурӣ / Алии Муҳаммадии Хуросонӣ // Меҳру Муштарӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. - С.123-132.
11. Ҳофиз. Девон / Тасҳеҳи Баҳоуддини Ҳуррамшоҳӣ. – Теҳрон: Нилуфар, 1373. – 670 с.
12. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ; таҳиягари чоп, муаллифи сарсухан ва шореҳи луғоту тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе. Адиб, 1987. – 160 с.

ҚОФИЯ ВА РАДИФ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ «ДЕВОНИ ФОРСӢ»-И НАВОӢ-ФОНӢ

Яке аз паҳлуҳои назарраси эҷодиёти Амир Алишери Навоиро ашъору осори ба забони форсии тоҷикӣ эҷоднамудаи ӯ ташкил медиҳад, ки ин дар илми адабиётшиносии ватанӣ ва шарқшиносии ҷаҳон аз мавзӯъҳои вижа дониста шудааст. Бояд гуфт, ки вобаста ба мавзӯи матраҳшуда «Девони форсӣ»-и адиб, ки бо тахаллуси Фонӣ эҷод гардидааст, беҳтарин шоҳид мебошад. Тадқиқи ҳамаҷонибаи осори форсии тоҷикии Навоӣ-Фонӣ доманадор буда, ҳамаи онро дар як мақола наметавон фаро гирифт. Аз ин рӯ, муаллиф дар ин мақола асосан ба ҳунари шоирии муаллиф дар истифодаи қофия ва радиф дар ғазалиёти «Девони форсӣ»-и ӯ истода гузаштааст. Муаллифи мақола таъкид менамояд, ки вобаста ба сохту муҳтавои ғазалиёти дар «Девони форсӣ» буда, суханвари зуллисонайн аз қофия ва радиф ҳадафмандона ва огоҳона кор гирифтааст. Шоир дар ғазалҳое, ки ба устодони сухани форсии тоҷикӣ пайравию татаббӯъ ва истиқбол кардааст, бешак ҳамон қофияву радифи пешиниёнро нигоҳ дошта, ҳунару нақши суханварии худро дар ғазалҳои тозаэҷодаш, ки бидуни пайравию татаббӯанд, нишон дода тавонистааст.

Калидвожаҳо: Амир Алишери Навоӣ, Фонӣ, «Девони форсӣ», ғазалиёт, қофия, радиф, назира, татаббӯъ, шоир, зуллисонайн.

РИФМА И РЕДИФ В ДИВАНЕ СТИХОВ «ПЕРСИДСКИЕ ДИВАНИ ФАНИ» НАВАИ

Одну из значительных сторон творчества Амира Алишера Наваи составляют сочинения созданные им на персидско-таджикском языке, который в литературоведческой отечественной и мировой востоковедческой наукеособенных тем. Нужно отметить, что относительно рассматриваемой темы «Персидские диваны» литератора, которые он сочинил под псевдонимом Фани, являются бесценным доказательством. Всесторонее исследование персидского наследия Нави-Фани требует обширного изучения и охватить все его стороны в одной статье считается невозможным. Поэтому, автор в данной статье в основном свое внимание обратил на поэтическое мастерство поэта в использовании рифмы и редифа в диване стихов «Персидские диваны». Автор статьи подчёркивает, что в зависимости от структуры и содержания дивана стихов двуязычный поэт очень искусно и целенаправленно использовал рифму и редиф. Поэт в газелях, которые сочинил в следовав мастерам персидско-таджикского слова, сохранил рифму и редиф своих предшественников и смог показать свое мастерство в красноречии в своих новосочиненных газелях..

Ключевые слова: Амир Алишеи Наваи, Фани, «Персидские диваны», газели, рифма, редиф, назира, подражаниеъ, поэт, двуязычный.

RHYME AND REDIFF IN THE SOFA OF POEMS "PERSIAN SOFA FANI" NAVAI

One of the significant aspects of Amir Alisher Navai's work is composed of the works created by him in the Persian-Tajik language, which is a special topic in the literary domestic and world oriental studies. It should be noted that regarding the topic under consideration, the "Persian Divans" of the writer, which he composed under the pseudonym Fani, are invaluable proof. A comprehensive study of the Persian heritage of Navi Fani requires extensive study and it is considered impossible to cover all its aspects in one article. Therefore, the author in this article mainly drew his attention to the poet's poetic skill in the use of rhyme and redif in the sofa of the poems "Persian sofas". The author of the article emphasizes that, depending on the structure and content of the sofa of poetry, the bilingual poet used rhyme and rediff very skillfully and purposefully. The poet in gazelles, which he composed following the masters of the Persian-Tajik word, retained the rhyme and redif of his predecessors and was able to show his skill in eloquence in his newly composed gazelles ..

Key words: Amir Alishei Nawai, Fani, "Persian Divans", gazelles, rhyme, redif, nazira, imitation, poet, bilingual.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додарова Тобон Шерхоновна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 93-907-05-73**

Сведения об авторе: ***Додарова Тобон Шерхоновна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 93-907-05-73**

Information about the author: ***Dodarova Tobon Sherkhonovna*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Tajik Language Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Nakhimov 64/14. Tel.: **(+992) 93-907-05-73**

УДК: 801.821 (575.7)

МУХАММАСОТИ НАҚИБХОН ТУҒРАЛ

Нурова К.А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Шоир, нависанда, хаттоти хушсалиқа ва донишманди охири асри XIX ва аввали асри XX-и тоҷик Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ (1865-1919) аз зумраи адибони шинохтаи аҳди худ буда, бо осори бегазанди худ фазои адабиёти вақтро дар як давраи муайяни таърихӣ равшану тобон ва хотирмон нигоҳ доштааст. Аз осори то замони мо расидаи Нақибхон Туғрал бармеояд, ки вай бештар ба жанрҳои ғиноии адабиётамон таваҷҷуҳ дошта, дар қолаби маснавиҳои хурд, қасида, ғазал, мусаммат ва анвои он, рубоӣ ва фард асарҳои хонданию мондании ба мерос гузоштааст. Ҳамчунон шоир дар охирҳои умраш ба навиштани маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун» шурӯъ намуда бошад ҳам, танҳо 219 байти онро гуфтаасту халос. Ва ё шояд аз ин маснавӣ ҳамин қадар байт мондаву боқӣ аз байн рафта бошад.

Аз осори шоир бармеояд, ки вай дар баробари сурудани ашъор дар жанрҳои хурди манзум ба мухаммас ва мухаммассароӣ, ки навъе аз мусаммат аст, завқи баланд доштааст. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки мухаммас калимаи арабӣ буда, маънояш панҷгона ё панҷтоӣ мебошад. Ба маънии дигар шеърест, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат аст. Мухаммас дар вазнҳои гуногуни арӯз гуфта шуда, тарзи қофиябандии он аааaа, ббббб, ввввв ва ғайра мебошад, ки ин дар таърихи адабиётамон маъмул буду ҳаст. Тавре аҳли таҳқиқ зимни омӯзишу пажӯҳиш ба хулоса омадаанд [1, с.357; 2, с.63; 3, с.10], маснавӣ дар адабиётамон асосан ду навъ дорад:

1. Шеъри ҳар бандаш панҷмисраӣ, ки аз тарафи як шоир гуфта шудааст; 2. Шеъре, ки дар ҳар бандаш се мисраи аввали ҳамвазну ҳамқофия аз шоири мухаммасгӯ ва ду мисраи охири ҳар банд аз ғазали шоири дигар мебошад, ки онро «мухаммасбандӣ ё мухаммаси ботазмин меноманд» [1, с.357]. Дар ин навъ мухаммас дар банди охир бештар вақт тахаллуси ҳар ду шоир меояд. Вақте ба мавзӯи мухаммас таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки дар онҳо тараннуми ишқ акс ёфтаасту бо забони муҳаббат суруда шудаанд. Вале дар ин маврид мавзӯъҳои ахлоқ, шикоят аз замона, динию ирфонӣ, андуҳи дӯстон, марсияю сӯгнома ва ғайра истисно нестанд.

Дигар паҳлуи ба мавзӯъ алоқаманд он аст, ки мухаммас дар баробари адабиёти беш аз ҳазорсолаи мо танҳо дар асрҳои XIV - XV арзи ҳастӣ намуда, то ба рӯзгорони мо омада расидааст ва кам ҳам бошад, шоирони муосири тоҷик гоҳ-гоҳ мухаммас низ мегӯянд. Пеш аз ба мақсади дар пеш гузошта гом бардоштан, зарур аст ишора намоем, ки теъдоди бандҳои мухаммаси маъмулӣ 3-7 банд буда, дар адабиётамон ба 30-35 банд низ дучор меоем. Ҳатто мухаммаси дар мадҳи хоҷаи олам Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) гуфтаи шоири ҳамасри Нақибхон Туғрал Абдулҳайи Муҷаҳарфӣ (1867-1931) 95 байт дорад [4, с.78-89]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки гуфтани мухаммас ба мавзӯъ ва мухаммассаро вобаста аст.

Баъд аз асри XV дар адабиёти мо шоирони зиёде ба сурудани мухаммас рӯ овардаанд, ки машҳуртарини онҳо Сайидои Насафӣ, Муҳташами Кошонӣ, Мухлиси Бадахшонӣ, Абдулҳайи Муҷаҳарфӣ, Мубораки Вахонӣ, Исмати Бухоройӣ, Гулханӣ, Сипандӣ, Саҳбо ва ғ. мебошанд, ки Нақибхон Туғрал аз зумраи онҳо маҳсуб меёбад. Мавсуф дар баробари ғазал ва дигар анвои шеъри лирикӣ дар гуфтани мухаммас маҳорати вижа доштааст.

Аз Нақибхон Туғрал ба мо имрӯз 11 адад мухаммас расидааст, ки онҳо дар маҷмӯаҳои гуногуни осори Туғрал бо ададҳои гуногун омадаанд. Масалан, дар «Девон»-и шоир, ки соли 1916 дар матбааи Когони Бухоро, дар замони дар қайди ҳаёт будани эҷодкор, интишор ёфта буд, 9 адад мухаммас ҷой дорад. Дар заминаи ин матн муҳаққиқи

шинохтаи тоҷик Носирҷон Маъсумӣ соли 1964 «Мунтахаби ашъор»-и Туғралро ба табъ расонид, ки дар он 5 адад мухаммаси шоир ҷой дода шудааст [5, с.243-252].

Соли 1986 Абдулҳамид Пӯлодов ва Асрор Раҳмонов бо номи «Гиёҳи меҳр» мунтахаби ашъори шоирро тавассути интишороти «Ирфон» чоп карданд, ки дар он 13 мухаммас ба номи Туғрал омадааст [6, с.260 - 276]. Дар матнҳои таҳиянамудаи Мирзо Шукурзода «Девони ашъори Туғрали Аҳрорӣ» [7, с.377-394] ва Асрори Раҳмонфар ва Мирзо Шукурзода «Куллиёти ашъор», ки соли 2014 ба табъ расид, 11 адад мухаммаси суханвар ҷой дода шудааст [8, с.400-414]. Зиёда аз ин, дар баъзе маҷмӯа ва тазкираи шоирон баъзе аз мухаммасоти шоир роҳ ёфтаанд, ки намунаи он китоби тазкирамонанди «Шоирони Моваруннаҳр» мебошад. Мураттиби китоб донишманди тоҷик Алии Муҳаммадии Хуросонӣ дар он як мухаммаси шоирро, ки бо мисраи «Оқибат обрӯйи ту тороҷи имон карду рафт» ҳусни оғоз мегирад, ҷой додааст [9, с.552-553].

Чаро мо аз Туғрали Аҳрорӣ то имрӯз 11 адад мухаммас расидааст гуфтем, ки абёти умумии онҳо 190 байт аст?!. Ин ба он хотир, ки дар чопҳои навтарини ашъори Нақибхон Туғрал, ки солҳои 2011 ва 2014 ба табъ расидаанду дар боло ишора намудем, 11 адад мухаммаси мавсуф шомил гардидаанд. Пас чаро дар чопи 1986, ки Абдулҳамид Пӯлодов ва Асрор Раҳмонов ба табъ расонидаанд, теъдоди мухаммасоти вай 13 адад аст? Дар чопи соли 2014 - и «Куллиёти ашъор»-и шоир мухаммаси бар ғазали Гулшании Бухоройӣ, иборат аз 6 банд ва мухаммаси бар ғазали Қорӣ, иборат аз 7 бандро дарнаёфтем. Чаро ин ду мухаммас, ки қаблан ба Нақибхон Туғрал нисбат дода шуда буд, дар нашри тоза партофта шуд? Дар ин бора мураттиби чопи 1986 Асрор Раҳмонов, ки соли 2014 ба «Куллиёти шоир» муқаддимаи муфассал навиштааст, ишорае надорад ва мо ҳам, ки тамоми мусаввадаҳои Туғралро айни ҳол зери даст надорем, дар ин бора чизе илова карда наметавонем. Пас мегӯем, ки чун нашри соли 2014 бо номи «Куллиёти шоир» сабти ном шудааст, барои мо боэътимодтар дониста шуд.

Нақибхон Туғрал чун пешиниён ва ҳамзамонони мухаммассарои худ ҳар ду навъи мухаммасро, ҳам мухаммасе, ки аз тарафи худи шоир гуфта шудааст, ҳам мухаммасбандӣ ё мухаммаси ботазмин эҷод намуда будааст. Мухаммасҳое, ки худи шоир гуфтааст, чаҳор адад буда, мухаммасҳои тазминии ӯ ҳафтоанд, бар ду ғазали Нозими Ҳиравӣ, як ғазали Қурбӣ, як ғазали Камоли Хуҷандӣ, як ғазали Бедил, як ғазали Шамсиддини Шоҳин ва як ғазали Гулшании Бухоройӣ.

Бояд гуфт, ки шоир дар гуфтани мухаммасе, ки худаш сурудааст, ҳаматарафа, ҳам аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ, ҳам вазну қавофии он ва ҳатто теъдоди бандҳо озод будааст. Аз чаҳор мухаммаси худи Нақибхон Туғрал гуфта, ҳар чаҳор, агар ба таври умумӣ гӯем, мавзӯи ишқу муҳаббатро бо омаду ноомадҳояш фаро гирифта, се мухаммас дар баробари доштани қофия ба худ радифро гирифтаанд ва як мухаммаси суханвар гуфта бидуни радиф, ҳар мисраъ бо қофия, омадааст. Радифи мухаммаси аввалӣ «ро», дувумӣ «карду рафт» ва савумӣ «ту» буда, қофияҳои мухаммаси худи шоир гуфта, ки бе радиф аст, «чилвагар», «пурсамар», «болу пар», «сар», «ҳайратасар», «дигар», «гузар» ва ғайра мебошанд. Ва ин қофиябандӣ, албатта, дар мисраи панҷуми ҳар банд риоя карда шудаанд. Ҳар чаҳор мухаммаси озоди шоир бо як вазни арӯз, баҳри рамал, рамали мусаммани маҳзуф навишта шудаанд, ки арконашон ин аст:

Фоилотун Фоилотун Фоилотун Фоилун
Фоилотун Фоилотун Фоилотун Фоилун
- v - - - v - - - v - - - v -
- v - - - v - - - v - - - v -

Мисол:

Сарнавишти ҷабҳа медонем нақши потро,
Қисмати тақдир мехонем мо ғамҳотро,
Боиси шӯру қиёмат қомати раънотро,
Равнақи бозори такрор хандаи лабҳотро,
Ноиби Исои Марям лаъли рӯҳафзотро… [8, с.400].

Ин мухаммас аз 5 банд иборат аст.

Мухаммаси дигари озоди Нақибхон Туғрал дар ҳамин вазн, яъне рамали мусаммани маҳфуз дар 6 банд:

Оқибат абрӯи ту тороҷи имон карду рафт,
Чашми махмурат зи мастӣ ғорати ҷон карду рафт.
Каъбаи дилро рухат бигдохт, вайрон карду рафт,
Шарбати лаълат халал дар шакаристон карду рафт,
Акси рухсори ту сад ойина вайрон карду рафт… [8, с.403].

Ва ду мухаммаси озоди дигари шоир бо ҳамин вазнанд, ки ҳоҷат ба овардани мисол надорад.

Тавре ишора рафт, дар маркази ин чаҳор мухаммаси худи шоир гуфта ишқ ҳокимият дорад ва асосан ошиқ вассофи ҳусну ҷамоли маъшуқа, дилбарону зебосанамон тасвир ёфтааст. Ба назари қаҳрамони лирикии шоир - ошиқ, ки ҳар чаҳор мухаммас аз забони ӯ гуфта шудаанд, қомати маъшуқа норван, абрӯяш моҳи нав, наргисаш сайёд, ду абрӯяш тороҷгари имон, чашмаш масту ғоратгар, лаълаш шакаристон, ҳуснаш ҷамоли Юсуф, дар пешаш сарву ёсуман хиҷолатманд, булбул аз шавқи гули рӯяш шайдою ғазалхон, зулфҳояш парешон, гул дар пешаш қабои худ чок зада ва монанди инҳо. Нақибхон Туғрал дар ин мухаммасҳояш дар баробари истифода аз санъатҳои зиёди бадеӣ бандҳои алоҳидаи мухаммасҳои ошиқонаашро бо санъати талмеҳ ороста, ҳисси ошиқро нисбати маъшуқа ҷолибу ҷозибаноктар нишон медиҳад:

Дарси эҳё аз Масеҳо лаъли ҷон бахшат барад,
Пардаи хуршедро анвори рухсорат дарад,
Гар Зулайхо ҳусни ту бинад, зи Юсуф бигзарад,
Кӯҳкан бо ёди лаълат ҷони ширин биспарад,
З-он ки бошад лаъли Ширини ту ширин аз шакар! [8, с.405].

Дар ин мисол чи тавре дида мешавад, исмҳои хосси Масеҳо, Зулайхо, Юсуф, Кӯҳкан (Фарҳод) ва Ширин талмеҳ шуда омада, аз як тараф, паҳлуҳои муҳтавои мухаммасро бою рангин карда бошанд, аз ҷониби дигар, ба ҷаззобияти мухаммас кора намудаанд, ки хонанда ба он гаштаю баргашта таваҷҷуҳ менамояд, ҳатто то аз бар намудан мехонад.

Тавре баршумурда шуд, Нақибхон Туғрал 7 мухаммаси мозӣ ва ҳамзамонашро тазмин бастааст. Дар ин маврид талабот он аст, ки аз нигоҳи муҳтаво мисраъҳои мухаммаскунанда ба мисраъҳои мухаммасшаванда часпон бошад. Дар ин маврид устод Садриддин Айнӣ мухаммасҳои Мулҳами Бухороиро ба ғазалҳои Сойиб хуш напазируфта, дар онҳо бегонагии услуб, пайванд наомадани ҷараёни рӯҳӣ ва муҳтавои шеърро таъкид кардааст [10, с.116]. Аз мулоҳизаҳои устод Айнӣ равшан мегардад, ки, - навиштааст адабиётшинос С.Имронов, - мухаммаснависӣ бар ғазали шоири дигар чандин осон набудааст. Ба ин кори душвор шоире даст зада муваффақ мешавад, ки на танҳо қонуну қоидаҳои шеъру шоириро комилан бидонад, балки ба қувваи шоирӣ ва маҳорати адабии худ итминони комил дошта бошад» [11, с.90].

Вақте мо ба мухаммасҳои тазминии Нақибхон Туғрал аз нигоҳи таҳқиқӣ рӯй меорем, мебинем, ки ҳунари суханвари асил имкон додаст, ки робитаи маънавии ғазали интихобӣ ва афзудаҳои худро аз ҳар ҷиҳат нигоҳ дорад. Вай ончунон устокорона дар заминаи ин ё он ғазал мухаммас мебандад, ки гуфтаи шоир аз байтҳои интихобӣ фарқ намекунанд. Дар ин мухаммасҳо Нақибхон Туғрал «Шеъри тахмис образ, вазну қофия ва дигар хусусиятҳои ғазали пештараро нигоҳ медорад» [12, с.141], ки инро дар ҳар яке аз он мухаммасҳо ба хубӣ дарк менамоем». Масалан, ба байти аввали мухаммаси Нақибхон Туғрал бар ғазали Шамсиддини Шоҳин таваҷҷуҳ намоед, ки гуфтаи мухаммасбанд бар асли ғазал чӣ қадар шинаму зебо афтодааст:

Ҷаъди турраш дидам, хотирам парешон шуд,
Ёди оразаш кардам, кулбаам гулистон шуд,
Дарси меҳнаташ хондам, мушкилотам осон шуд,
Маҳви ҷилвааш гаштам, то рухаш намоён шуд,
Рафтам он қадар аз худ, к-ойина ба сомон шуд [8, с.411].

Ин мухаммаси тазмин аз 7 банд иборат буда, тибқи ишораи мураттаби «Куллиёт»-и Шамсиддин Шоҳин Музаффари Муҳаммадӣ ғазали Шоҳин ба шарофати ҳамин мухаммаси тазминии Нақибхон Туғрал ба мо омада расида будааст [13, с.96].

Бояд гуфт, ки ҳамаи мухаммасҳои бо тазмини Нақибхон Туғрал низ асосан ишқӣ буда, дар онҳо симои ошиқу маъшуқа ва гоҳо дар паҳлуяшон рақиб тасвир ёфтааст. Сабаби ба рақиб ё ағёр рӯй овардани шоир дар офаридани асари бадеӣ бар он аст, ки воқеаро тезу тунд ва пурқувваттар намояду аҳволи рӯҳии ошиқу маъшуқаро равшантар созад:

Ғайрро бо рағми ман сарпарасти ҷомат мекунӣ,
Бар сарам ҳар лаҳза теғи бе наёмат мекунӣ,
Шӯру ғавғои қиёмат аз қиёмат мекунӣ,
Сулсулу дурроҷро акнун ғуломат мекунӣ,
Баски набвад ҳеҷ нахле чун қадат бозебу фар! [8, с.405].

Нақибхон Туғрал баъзан дар мухаммасбандӣ на ба ҳама абёти ғазали мухаммасшаванда тазмин бастааст, ки намунаи онро мо дар мухаммасҳои ин суханвар бар ғазали Камоли Ҳуҷандӣ мебинем. Ғазали Камоли Хуҷандӣ аз 7 байт иборат буда, мухаммаси Туғрал ба он ҳамагӣ 5 банд аст. Яъне, вай байтҳои зерини Камоли Хуҷандӣ:

Чун ҳалоки худ намехоҳам ба зорӣ дар дуо,
Ношунида орию дар зери лаб омин кунӣ.

Ва:

Эй дил, аввал остин аз ақлу даст аз ҷон фишон,
Гар зи хомӣ панҷа бо он соиди симин кунӣ [14, с.384]

-ро тазмин набастааст, ки дар мухаммасбандӣ ин равиши эҷодӣ роиҷ будааст. Зеро мухаммасбанд он вақт ба ин ё он байти ғазали шоире мухаммаси тазмин мегӯяд, ки он ҳастияшро такон диҳад, ҷонашро ба шӯр орад, ҷаззобияташ ҳастии суханвари дигарро ба худ кашад. Ба гумонам ба ду байти ғазали Камоли Хуҷандӣ тазмин набастани Нақибхон Туғрал аз ҳамин зовия бошад.

Мухаммаси Туғрал бар ғазали Бедил низ ба ҳамин минвол аст. Ғазали асл иборат аз 14 байт буда [15, с.121], ба 10 байти он мухаммас баста шудааст [8, с.407-408].

Дар фароварди сухан бояд гуфт, ки Нақибхон Туғрал дар офаридани мухаммас табъи баланди эҷодӣ дошта, ҳам дар мухаммасҳои аз тарафи худ гуфтааш ва ҳам дар мухаммасбандиҳояш маҳорати фавқулодаи суханварӣ нишон дода, ишқ, ишқи поки инсонӣ дар онҳо ба сифати хамирмоя хидмат кардааст. Муҳтавои мухаммасҳои шоир баёнгари андешаанд ва ҳамаҷониба омӯхтани онҳо ба таҳқиқи пурраи мухаммассароӣ дар адабиётамон бетаъсир нахоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳрорӣ З. Мухаммас. З.Аҳрорӣ // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Душанбе: Сарредакцияи илмии Энциклопедияи Советии тоҷик, 1989. - Ҷилди ду. - 560 с.
2. Бедил, Абдулқодир. Осор. Дар ҳашт ҷилд. Ғазалиёт. Ҷилди якум. / Абдулқодири Бедил; ҳозиркунандаи чоп Саҳобиддин Сиддиқов. - Душанбе: Адиб, 1990. – 704 с.
3. Девони ашъори Туғрали Аҳрорӣ / Тасҳеҳ ва таҳияи Мирзо Шукурзода. - Душанбе: Пайванд, 2011. - 452+8 с.
4. Имронов С. Ибни Ямини Фарюмадӣ / С. Имронов. - Душанбе: ДДТ ба номи В.И. Ленин, 1966. - 170 с.
5. Муҷаҳарфӣ, Абдулҳай. Муфизу-л-анвор ва девони ашъор / Абдулҳайи Муҷаҳарфӣ; бо кӯшишу таҳқиқи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Бӯрии Бачабеки Карим. - Москва: Интрасдорнаука, 2003. – 616 с.
6. Мактуби С. Айнӣ ба С.Мирзоев аз 31.01.1949 // Садои Шарқ, 1978. - № 4. - С.114-119.
7. Раҳмон, Шоҳзамон. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик / Шоҳзамони Раҳмон. - Душанбе: Пайванд, 2010. - 310 с.
8. Туғрал. Мунтахаби ашъор / Таҳияву таҳқиқи Н. Маъсумӣ. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 320 с.
9. Туғрал. Гиёҳи меҳр / Муаллифони дебоча ва мураттибони матну луғот Абдулҳамид Пӯлодов ва Асрор Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 1986. – 352 с.
10. Туғрали Аҳрорӣ. Навойи кибриё / Таҳия ва тавзеҳи Асрор Раҳмонфар ва Мирзо Шукурзода. - Душанбе: Адиб, 2014. - 440 с.
11. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Камоли Хуҷандӣ. Иборат аз ду ҷилд; ба чоп тайёркунандагон Ш. Ҳусейнзода, Н.Қаҳҳорова, С.Асадуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1984. - Ҷилди 2. - 464 с.
12. Хикматов Д.Х. Мухлис Бадахшони и его мухаммасы: авт… дисс… на соис. уч. степ. канд… фил… наук / Д.Х. Хикматов. - Душанбе, 2010. - 26 с.
13. Ҳоҷизода Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода, М.Шукуров, Т.Абдуҷабборов. - Душанбе: Ирфон, 1966. - 188 с.
14. Шоирони Моваруннаҳр / Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. - Душанбе: Адиб, 2006. – 688 с.
15. Шоҳин, Шамсиддин. Куллиёт / Шамсиддини Шоҳин; таҳия ва тавзеҳоти Музаффар Муҳаммадӣ. - Душанбе: Адиб, 2006. - 640 с.

МУХАММАСОТИ НАҚИБХОН ТУҒРАЛ

Нақибхон Туғрал яке аз шоирони боистеъдод ва рангинхаёле монанди шохоби пурталотуме ба маҷрои умумии адабиёти охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX, бо ҳунари волои сухангустарӣ ва хислатҳои ҳамидаи инсониаш диққати аҳли илму адаби замонаро ба зудӣ ҷониби худ кашидааст. Аз Нақибхон Туғрал осори адабии гуногунжанру гуногунмавзӯе мерос монда, аз осори то замони мо расидаи ҳунарвари шаҳир бармеояд, ки вай бештар ба жанрҳои ғиноии адабиётамон таваҷҷуҳ дошта, дар қолаби маснавиҳои хурд, қасида, ғазал, рубоӣ ва фард асарҳои зиёде офаридааст. Мавсуф дар баробари дигар анвои шеъри лирикӣ дар гуфтани мухаммас маҳорати вижа дошта, бештар мухаммаси озоди шоир бо як вазни арӯз, баҳри рамал, рамали мусаммани маҳзуф навишта шудаанд. Инчунин, дар ашъори шоир ҳарду навъи мухамас, ҳам мухаммаси тазминӣ ва ҳам мухаммаси таълифӣ, мушоҳида мешавад. Ҳангоми навиштани мухаммасҳои тазминӣ ба Нақибхон Туғрал ҳунари суханварии асилаш имкон медод, ки робитаи маънавии ғазали интихобӣ ва афзудаҳои худро аз ҳар ҷиҳат нигоҳ дошта, дар заминаи ин ё он ғазал мухаммас бандад. Аз мухаммасҳои Туғрал ба ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ, Бедил, Шоҳин, Гулшании Бухороӣ, Нозими Ҳиротӣ маълум мешавад, ки шоир дар офаридани мухаммас табъи баланди эҷодӣ дошта, ҳам дар мухаммасҳои аз тарафи худ гуфтааш ва ҳам дар мухаммасбандиҳояш маҳорати фавқулодаи суханварӣ нишон додааст, ки муҳтавои мухаммасҳои дар мақола овардашуда баёнгари ин андешаанд.

Калидвожаҳо: Нақибхон Туғрал, маснавӣ, қасида, ғазал, рубоӣ, мухаммас, фард, шеъри лирикӣ, ишқ, жанри ғиноии адабиёт, девон, байт.

МУХАММАСЫ НАКИБХОНА ТУГРАЛА

Накибхон Туграл является одним из талантливых и ярко выраженных поэтов персидско-таджикской литературы второй половины XIX и начала XX веков и всегда своим красноречием и благородными человеческими качествами привлекал внимание современных ученых и литературных деятелей. Накибхон Туграл унаследовал произведения разных литературных жанров и из наследия известного поэта нам известно, что богатое поэтическое наследие Накибхона Туграла включает в себя все жанровое многообразие классической литературы,

такие как небольшие месневи, касиды, газели, рубаи и фарды. Наряду с другими видами лирической поэзии, он обладал особым навыком в произведении мухаммаса и видное место в творчестве Туграла занимает строфическая форма мухаммас, и все его мухаммасы произведены в стихотворной форме, такой как аруз и рамал, в которой поэт проявляет особое изящество мысли и выражения. Накибхон Туграл использует другую строфическую форму мухаммаса тазмин. В своих стихах поэт также использовал стихотворные строки других поэтов и в форме мухаммасах таълифи подражал поэтическому образцу. При написании мухаммасов тазмин мастерство Накибхона Туграла позволяло ему сохранить духовную связь избранных им газелей и писать мухаммасы на основе той или иной газели. Причем искусство красноречия поэта распространяется не только на мухаммасы, созданные самим автором, но также ярко прослеживается и на мухаммасах, написанных на стихи других поэтов, таких как Камол Худжанди, Бедиль, Шохин, Гульшан Бухарский, Низами Хизрати. Необходимо отметить, что в данной статье рассматривается необычайное красноречие Накибхона Туграла в составлении мухаммаса и использовании строфических форм.

Ключевые слова: Накибхон Туграл, месневи, касида, газель, рубаи, фард, мухаммас, лирическое стихотворение, любовь, жанровое многообразие литературы, диван, бейт.

MUKHAMMASSES OF NAQIBKHON TUGRAL

Nakibhon Tugral is one of the talented and prominent poets of Persian-Tajik literature of the second half of the 19th and early 20th centuries and has always attracted the attention of modern scientists and literary figures with his eloquence and noble human qualities. Nakibhon Tugral inherited works of different literary genres and from the legacy of the famous poet we know that the rich poetic heritage of Nakibhon Tugral includes all the genre diversity of classical literature, such as small mesnevi, qasids, gazelles, rubai and fardas. Along with other types of lyric poetry, he had a special skill in the work of muhammas and the stanza form of muhammas occupies a prominent place in the work of Tugral, and all his muhammases are produced in poetic form, such as aruz and ramal, in which the poet displays a special grace of thought and expression. Nakibhon Tugral uses a different stanza form of muhammasa tazmin. In his poems, the poet also used the verse lines of other poets and imitated the poetic model in the form of muhammasah talifi. When writing muhammas tazmin, the skill of Nakibhon Tugral allowed him to preserve the spiritual connection of his chosen gazelles and write muhammas based on a particular gazelle. Moreover, the poet's eloquence extends not only to the Muhammases created by the author himself, but is also clearly seen on the Muhammas written on the verses of other poets, such as Kamol Khujandi, Bedil, Shokhin, Gulshan Bukharsky, Nizami Khizrati. It should be noted that this article examines the extraordinary eloquence of Nakibhon Tugral in the compilation of muhammas and the use of stanza forms.

Key words: Nakibhon Tugral, mesnevi, qasida, gazelle, rubai, fard, muhammas, lyric poem, love, genre variety of literature, sofa, beit..

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нурова Кубриё Алифовна*** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 63/3. E-mail: **nurova 74 @ list. ru.** Тел.: **(+992) 985-19-08-60**

Сведение об авторе: ***Нурова Кубриё Алифовна*** - Технологический университет Таджикистана, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаева 63/3. E-mail: **nurova 74 @ list. ru.** Тел.: **(+992) 985-19-08-60**

Information about the author: ***Nurova Kubriyo Alifovna*** - Technological University of Tajikistan, Ph. D. on philology, docent of the Department of the Tajik language. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N.Karabaeva Str., 63/3. E-mail: **nurova 74 @ list. ru.** Tel.: **(+992) 985-19-08-60**

УДК: 8т1

САНЪАТИ ТАЗОД ДАР «МУҲАББАТНОМА»-И ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Шарипова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

«Муҳаббатнома»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ яке аз асарҳои машҳури Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Ин асари арзишманд ва дорои мазомини баланди ирфонӣ бо санъати сатҳ музайян гардида, забонаш хеле соддаву равон ва салису фасеҳ мебошад. Он шомили муноҷотҳо бо Худо аст.

«Муҳаббатнома» аз муноҷот ё мақолаҳои бо сатҳ ороишёфта иборат аст, ки аксаран дар поёни он ҷамъбасти фикр дар шакли рубоӣ меояд. Бо вуҷуди он ки забони асар содда аст, тамоюли нависанда ба ороиши нигориши сухан ва пайравии ӯ аз сатҳи арабҳо ба назар мерасад. Дар он ҷумлаҳои ҳикматомези сӯфиён бо риояти эҷоз ва лутфи маънӣ, камоли ҳамоҳангиву интизоми сатҳ дар кулли қаринаҳо, маонии дақиқ ва латифи ирфонӣ, тахайюлот ва мазмунҳои зебо тавре дар қолабҳо фишурда ва ҷумлаҳои шоирона таъбир шудааст, ки гӯё баҳреро дар кӯзае рехта бошанд.

«Илоҳо! Рӯзгоре туро мечустам, худро меёфта, акнун худро мечӯям, туро меёбам:

Дар дида айён ту будиву ман ғофил,
Дар сина ниҳон ту будиву ман ғофил.
Аз ҷумла ҷаҳон туро айён мечустам,
Худ ҷумла ҷаҳон ту будиву ман ғофил» [1, с.274-275].

Рисолаҳои Хоҷа Абдуллоҳ асосан ҷанбаи омӯзишӣ доранд, ки вай мекӯшад бо зеҳни равшан мафҳумҳои ирфониро ба насри муназзами хосса дароварад ва биомӯзад. Дар миёни расоили ӯ, рисолаи «Муҳаббатнома» ба далели мавзӯъ ва забони зебо, ки миёни ҷузъиёти созандаи он вуҷуд дорад, аз дигар расоили вай ҷозиб ва ҷолиб аст.

Рисолаи «Муҳаббатнома»-и Хоҷа ҳам ирфонӣ ва ҳам таълимӣ буда, бисту ҳашт бобро ташкил мекунад, мавзӯи он ҳамчунон ки аз номаш бармеояд, баёни қиссаи муҳаббат аст.

«Муҳаббатнома» бо даромади кӯтоҳ, ки дар ҳукми «бароати истеҳлолӣ» аст, оғоз мешавад. Дар ин бахш Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз дидгоҳи асотирӣ ба истилоҳи «муҳаббат» менигарад. Зеҳнро бошад аз раҳгузари тахайюл то лозамон ва ломакон фаро мебурд, то нишон диҳад, ки ин гавҳари гаронбаҳо ва «бунбахши» ҳастӣ ва муаллифи аслии ҳаёт, дар фазои мубҳами офариниш, пеш аз халқ кардани инсон, ба ҷойгоҳи унсурии лозим барои такомули ӯ эҷод шудааст [2, с.124]. Ба гуфти Хоҷа, муҳаббат ҳангоме ки ваҳдат бар ҳама чиз ҳоким буду ҳеҷ кашмакашӣ миёни ҷузъҳои ҳастӣ вуҷуд надошт, ҳангоме ки «дар сабақ пеш аз ҷамъу фарқ, ки ниҳон буду нанамуд, на қабл буду на баъд» [1, с.337], «ва ҷамол юҳиббуҳумро холи юҳиббунаҳу дар кор набуд» [1, с.338] шуд ва барои он ки макнуноти садафи муҳаббат ошкор гардад, инсон офарида шуд.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин рисола муҳаббатро дар маркази андешаи хеш қарор дода, бо матраҳ кардани мулозимот ва мулоимоти он, мақсадҳои гуногунашро мекобад ва аҳволи муҳибро равоншиносона баррасӣ мекунад.

Дар «Муҳаббатнома» Хоҷа муҳаббатро меҳвари асосӣ қарор медиҳад ва мавзӯъҳои ба монанди шавқ, талаб, бақо, зикр, итоб, мусомират, муриду мурод, ҷунунӣ, унс, меҳнат, ишқ, вафо, ғайрат, ғалаён, ваҷд, таҷаллӣ, мушоҳида, фақр, томот, ва тавҳид [1, с.341]- ро барои равшан кардани маънои он меоварад.

Ин бобҳо байни ду муноҷот, яке дар оғоз ва дигаре дар поён, қарор дорад. Ин ду муноҷот аз «завқи муҳаббате», ки дар тасаввуфи ӯ ба чашм мехӯрад, бархӯрдор аст [3, с.68] ва метавон онҳоро порчае аз шеър донист [12, с.130]. Гӯё ӯ дар муноҷотҳои хеш ба гуфтаи Шамси Табрезӣ, сухани ростро гуногун мекунад, ки дар он «ағлаб риққат ояд ва завқ ояд ва ҳолат ояд» [10, с.124]. Гузашта аз ин, гӯё Хоҷа бо қарор додани муҳаббат дар миёни ин ду муноҷот, доирае ба вуҷуд овард, ки ҳар нуқтаи он, ҳамзамон ҳам оғоз ва ҳам поёни як падида аст. Аммо дар баёни мавзӯи рисола, пойбандии хешро ба шариат, ки ҷон мояи андешаи ӯст, ҳифз мекунад. Ба ҳамин далел хонанда дар ҳангоми қироати ин рисола, чеҳраи як ориферо пеши худ дорад ва дармеёбад, ки Хоҷа кӯшидааст ба василаи муҳаббат, ки тачриба аз шароити тариқат аст, шариатро латиф намояд. Ин масъала нишон медиҳад, ки «забон ҳатто барои сӯфии муқайяд ба шариате ҳамчун Абдуллоҳи Ансорӣ низ василае аст барои дастёбӣ ба тачрибаҳои рӯҳӣ» [10, с.250].

Истифодаи бисёр аз шеър, ки отифитарин забонро дорад ва яке аз обзорҳои муҳимми интиқоли маъно ва таъсиргузорӣ ба шумор меоянд. Бинобар ин, дар ин матн, ду масъала «омӯзиш» ва «лаззат», баробар пеш мераванд. Забон ду нақш ё ду коркарди иртиботӣ ва зебошинохтии худро ошкор месозад ва ба дарки ҳунарии мавзӯъ кумак мекунад. Албатта, аз он ҷо, ки Хоҷа дар ниҳоят маънигарост, коркарди зебоишинохти ҳама дар хидмати коркарди иртиботӣ қарор дорад.

Аз он ҷо, ки Хоҷа дар мавриди муҳаббат мегӯяд: «ин шаробро ошомидан бояд на чашидан. Бад-ин мақом бирасидан бояд, на пурсидан» [1, с.341] маълум мешавад, ки аз маънӣ ба сурат меояд ва ногуфта пайдост, ки ёфтани сурати муносиб барои илқои маънои манзур кори осон нест.

Хоҷа мехоҳад ҷаҳонеро, ки дар нигоҳи ӯ мунсаҷим аст гузориш кунад. Ҷаҳоне, ки Худо дар маркази он қарор дорад, ҳама чиз аз ӯ оғоз мешавад ва ба ӯ поён мепазирад ва бинобар ин, низоми марказгаро бар зеҳни ӯ ҳоким аст. Дарки ӯ аз ҳастӣ сабаб мешавад, ки ҳаргиз пой аз ин доира берун нагузорад ва ҳамвора ҳама чизро дар он тачриба ва дарки худро аз ин тарз талаққӣ баён кунад. Душвории кори Хоҷа аз он ҷо сарчашма мегирад, ки мехоҳад тачрибаҳои «отифӣ»- ро ба «хабар» табдил кунад. Яке аз абзорҳои муфид ва муассире, ки ин интиқолро ба уҳда мегирад, тақобулҳои дугона аст.

Ҷуфти аслитарин абзор ин дарки маъно ба шумор меоянд: «Таърифул ашёъ боздодҳо», «Борт ин аслро, ки низом пазируфта шудае аз муносиботи ифтироқӣ, пешфарзи аъмоли инсонӣ аст, дар куллияи ҳавзаҳои фаъолияти иҷтимоӣ, ба кор бастааст» [9, с.102]. Тақобул дар зеҳн аз забони одамӣ шакл мегирад ва сипас, ба ду тараф, табиат ва фарҳанг, руҷӯъ медиҳад. Аммо дар тамоми фарҳангҳои пешин фақат яке аз ду сӯйи ин ҷуфтҳои мутақобил, бо тавоҷҷуҳ ба шароити ҳоким бар низоми андеша, пазируфтанӣ аст ва бар дигаре тарҷеҳ дорад. Бетардид ин интихоб ва тарҷеҳ бо маркази сохтори зеҳн иртибот дорад.

Дар низоми андешагии марказгаро ҳама чиз ба хубу бад тақсим мешавад. Аммо ин фарҳангҳо ҳамеша яке аз ду сӯйи мутақобил бар дигаре бартарӣ дорад «ва ҷузъи дувум ба унвони ҷузъӣ фаръӣ ва мукаммал дар назар гирифта мешавад» [5, с.168].

Ин тарзи омӯхтан, ки солиёни дарозе бар зеҳни башар ҳоким буд, ҳосиле ҷуз тафаккури қолабӣ набуда, ногузир онро мутаодил карда андешаи интиқодӣ баён кардан асту бас. Бадеҳӣ аст, ки умури мутақобил то замоне ки дар як матн ва ё дар як корбурди муайян қарор нагиранд, хунасо хоҳанд буд. Зеро, ба коргирии тақобулҳои дугона шевае аст, ки «маъно аз он тариқ халқ мешавад ва матн дарвоқеъ, худро аз тартиби маҷмӯаҳое аз тақобулҳои дутоӣ месозад» [8, с.231].

Ба рағми вуҷуди неруи дифоъияе, ки дар ду сӯйи тақобул вуҷуд дорад, ҳар як аз дигаре маъно мегирад. Матн то замоне ки ин тақобулҳо вуҷуд доранд, ба ҳаёти хеш идома медиҳад. Аммо агар инҳо дар нуктае «бархӯрд кунанд ва хунасо шаванд. Андешае, ки бузургвор ва ҳақир, болову пасту зебо ва зишт ҳама яксон, маҳсули «миёнмоя» ба назар бирасанд», [8, с.82-83] азамати матн фурӯ мерезад.

Ба ҳар бобат рисолаи «Муҳаббатнома» ҳам сохторе дорад, ки маркази он муҳаббат ба маъбуди ягона аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин марказ, тақобулҳои дугона муҳимтарин унсур барои илқои андешаи Хоҷа ба шумор меояд ва ӯ бо истифода аз ин, тарзи омӯхтани худро нисбат ба мавзӯъ ва дарунмояи рисола намоён месозад. Ошкоро дида мешавад, ки ӯ мисли ҳар мутафаккире, миёни чизҳои қобили қабул ва ғайри қобили қабул дар мавзӯи мавриди назар мушаххас таҳлил мекунад ва дар нигоҳи ӯ ҳамвора яке аз ду сӯ бар дигаре бартарӣ дорад. Албатта, ин ҷазмандешии мутлақ ҳам нест ва дида мешавад, ки дар ин матн як садое, ки масалан васл мутлақан хуб ва ҳичрон мутлақан бад аст, гоҳе, бо таваҷҷуҳ ба маркази андешааш, ин тақобулҳо андаке таъдил меёбанд ва ҳичрон, ки аслан ҷузъи дувум ва фаръӣ аст, вақте барои таҳаққуқи васл таҳаммул шавад, арзишманд хоҳад буд. Бегумон ваҷҳи отифӣ бархӯрд бо ин тақобулҳо аз асбоби умдаи ин таъдил аст.

Дар «Муҳаббатнома» вожаҳои мутақобил, ҳама ба навъе бо мавзӯи рисола муртабит ва аз вожаҳои шинохташуда дар қаламрави ирфонанд. Ин вожаҳо бо мафоҳими мутазодашон дар тақобул қарор гирифтаанд то бо интихоби яке дар қиболи дигаре ба тақвияти марказ ё андешаи меҳварии рисола кумак кунанд. Зеро, бо вуҷуди ин тақобулҳост, ки маълум мешавад чаро муҳибб, барои таҳаққуқи муҳаббат, ногузир бояд аз миёни мақулаҳои дутоӣ, назири иттиҳод ва тафриқа, якеро баргузинад ва дигареро канор бигузорад.

Бо вуҷуди он ки нишон додани андешаи марказгароии Хоҷа аз раҳгузари тақобулҳои дугона, фақат аз тарзи корбурди онҳо дар матн имконпазир аст, барои пешгирӣ аз дарозгӯӣ, ин тақобулҳоро истихроҷ ва ба гунае, ки баёнгари маъонии матн бошад, мураттаб кардем. Бадеҳӣ аст дар ин тақобулҳо мутобиқи шариат ва ахлоқ ва мантиқ марказгароии матн, он чӣ дар самти рост қарор гирифта асл ба шумор меояд:

Ҷамъ - тафриқа, саҷъ - шақоват, сууд - ҳубут, васл - ҳичр [1, с.337], хосс - омм [1, с.338], ато - манъ [1, с.343], қариб - буъд [1, с.353], камол - нуқсон [1, с.355], ишқ - ақл [1, с.356], ҳаёт - мамот [1, с.357], роҳат - офат [1, с.357].

Гоҳе интихоби яке аз ду сӯй мумкин нест ва вуҷуди ҳар як аз ҷуфтҳо ба тановиб лозим аст ва нақш ифо мекунад. Масалан, дар ҷуфти муқобили аён - ниҳон [1, с.348] яке бар дигаре тарҷеҳ надорад, балки мавқеҳост, ки бартарии яке бар дигаре таъйин мегардад. Аз ин қабил, сағир - кабир [1, с.340], ниҳон - аён [1, с.356], об - оташ [1, с.357].

Ин нукта ҳам дархури таваҷҷуҳ аст, ки Хоҷа бахше аз тақобулҳои худро дар маҳалли исҷоъ меоварад то барҷастагӣ ва аҳаммияти онҳо беҳтар намуда шавад. Мисли он чӣ дар ин порчаҳо мушоҳида мешавад: «на сууди осору на ҳубути пиндор» [1, с.337], «он яке фониву он дигаре боқӣ» [1, с.360], «ин ҷо ҳақиқат ҷамъ аён гардад ва тафриқа ниҳон гардад» [1, с.367].

Яке аз роҳҳое, ки Хоҷа барои баёни андешаҳояш мешиносаду ба кор мегирад, ин истифода аз тақобулҳои дугона, он ҳам дар дидгоҳи суннатӣ аст, ки ба марказгароии матн ва яксадоӣ буданаш кумак мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Маҷмӯаи расоили Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ. Матн / Тасҳеҳи Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ. - Чопи дувум. - Теҳрон: Интишори Тӯс, 1377.
2. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ. Монрография. – Ҷ. 2. /Муҳаммадтақӣ Баҳор. - Чопи чаҳорум. - Теҳрон: Китобҳои Парасту. – 2536 с.
3. Зарринкӯб, Абдулҳусейн. Арзиши мероси суфия. Монография /Абдулҳусейни Зарринкӯб. - Теҳрон: Амири Кабир, 1362.
4. Кодон, Ҷ.И. Фарҳанги тавсифии адабиёт ва накд. Монография / Ҷ.И. Кодон; тарҷумаи Козим Фирӯзманд. - Теҳрон: Нашри Шодгон, 1380.
5. Миқдодӣ, Баҳром. Фарҳанги истилоҳоти нақди адабӣ. Монография /Баҳром Миқдодӣ. - Теҳрон: Интишороти Фикри рӯз, 1378.

6. Нуё, Пул. Тафсири Қуръонӣ ва забони ирфонӣ. Монография / Пул Нуё; мутарҷим Исмоил Саодат. - Теҳрон: Нашри Маркази Донишгоҳӣ, 1373.
7. Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ. Монография / К.Олимов. - Душанбе, 1988. – 135 с.
8. Пин, Майкл. Фарҳанги андешаи интиқодӣ. Монография / Майкл Пин; тарҷумаи Паёми Яздончӯ. - Теҳрон: Нашри Марказ, 1382.
9. Салдун, Ромон. Пеш даромаде бар назарияи адабии муосир. Монография /Ромон Салдун. - Теҳрон: Тарҳи нав, 1372.
10. Шамси Табрезӣ. Мақолоти Шамс / Тасҳеҳи Муҳаммадалӣ Муваҳҳид. - Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1369.
11. Шарипова М. Муҳаббат аз нигоҳи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар рисолаи «Муҳаббатнома» / М.Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. - №7. - С.233-236.
12. Кадканӣ, Муҳаммадаризо Шафеӣ. Забони шеър дар насри суфия. Монография /Муҳаммадаризо Шафеии Кадканӣ. - Теҳрон: Интишороти Сухан, 1392.
13. Ҳодизода Р. Таърихи тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик. Монография / Р.Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1992.

САНЪАТИ ТАЗОД ДАР «МУҲАББАТНОМА»-И ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Дар мақола истифодабарии санъати тазод дар «Муҳаббатнома»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. «Муҳаббатнома» яке аз асарҳои машҳури Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Ин асари арзишманд ва дорои мазомини баланди ирфонӣ бо санъати сачъ музайян гардида, забонаш хеле соддаву равон ва салису фасеҳ мебошад. Он шомили муноҷотҳо бо Худо аст. «Муҳаббатнома» аз муноҷот ё мақолаҳои бо сачъ ороишёфта иборат аст, ки аксаран дар поёни он чамъбасти фикр дар шакли рубоӣ меояд. Бо вуҷуди он ки забони асар содда аст, тамоюли нависанда ба ороиши нигориши сухан ва пайравии ӯ аз сачъи арабҳо ба назар мерасад. Дар он чумлаҳои ҳикматомези сӯфиён бо риояти эҷоз ва лутфи маънӣ, камоли ҳамоҳангиву интизоми сачъ дар кулли қаринаҳо, маонии дақиқ ва латифи ирфонӣ, тахайюлот ва мазмунҳои зебо таврe дар қолабҳо фишурда ва чумлаҳои шоирона таъбир шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар «Муҳаббатнома» вожаҳои мутақобил, ҳама ба навъе бо мавзӯи рисола муртабит ва аз вожаҳои шинохташуда дар қаламрави ирфонанд. Ин вожаҳо бо мафоҳими мутазодашон дар тақобул қарор гирифтаанд то бо интихоби яке дар қиболи дигаре ба тақвияти марказ ё андешаи меҳварии рисола кумак кунанд. Зеро, бо вуҷуди ин тақобулҳост, ки маълум мешавад чаро муҳибб, барои таҳаққуқи муҳаббат, ногузир бояд аз миёни мақулаҳои дутоӣ, назири иттиҳод ва тафриқа, якеро баргузинад ва дигареро канор бигузорад.

Калидвожаҳо: «Муҳаббатнома»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, обрӯю эътиор ва таъсиррасонӣ, ақидаирфонӣ, усул ва услуби офариниши наср, истифодаи снъати тазод.

ИСКУССТВО ТАЗОД (ПРОТИВОПОСТАВЛЕНИЯ) В «МУХАББАТНАМЕ» ХОДЖЫ АБДУЛЛОХА АНСОРИ

В статье автором рассмотрено использование искусства тазод (противопоставления) в произведении «Мухаббатнаме» Ходжы Абдуллоха Ансори. «Мухаббатнаме» является одним из известных произведений Ходжы Абдуллоха Ансори. Это ценное произведение, имеющее высокое мистическое содержание оформлена как рифмованная проза, а стиль язык очень красноечив, прост и понятен. Оно состоит из обращений к Богу и статей оформленных как рифмованная проза и в конце даётся подытоживание мыслей в форме рубаи. Также в ней очень много нравоучительных мыслей и наставлений. Ходжа Абдуллох Ансори был одним из выдающихся религиозных ученых и знатоков науки комментирования Корана и хадисов. Его заслуженное и весомое место в суфизме, авторитет и влияние на стиль, и содержание последующей персидско-таджикской литературы оставили свой неизгладимый след в истории духовной культуры народов Востока. Его суфийские размышления, особенно метод и стиль создания прозы, являясь первыми высокохудожественными образцами рифмованной прозы персидского языка, оказывали заметное влияние на динамику художественной прозы и в целом на развитие персидского языка последующих столетий.

Ключевые слова: «Мухаббатнаме» Ходжы Абдуллоха Ансори, авторитет и влияние, суфийские размышления, метод и стиль создания прозы, использование искусства тазод (противопоставления).

THE ART OF TAZOD (CONTRASTING) IN "MUKHABBATNAM" KHODZHY ABDULLOHA ANSORI

In the article, the author examines the use of the art of tazod (opposition) in the work "Muhabbatnam" by Khoja Abdulloh Ansori. "Muhabbatnam" is one of the famous works of Khoja Abdulloh Ansori. This valuable work with a high mystical content is framed as rhymed prose, and the style of the language is very eloquent, simple and understandable. It consists of appeals to God and articles designed as rhymed prose, and at the end there is a summary of thoughts in the form of rubai. It also contains a lot of moralizing thoughts and instructions. Khoja Abdulloh Ansori was one of the foremost religious scholars and scholars of the science of commenting on the Qur'an and hadith. His well-deserved and significant place in Sufism, authority and influence on the style, and the content of the subsequent Persian-Tajik literature left their indelible mark on the history of the spiritual culture of the peoples of the East. His Sufi reflections, especially the method and style of writing prose, being the first highly artistic examples of rhymed prose of the Persian language, had a noticeable influence on the dynamics of fictional prose and, in general, on the development of the Persian language in subsequent centuries.

Key words: "Muhabbatname" by Khoja Abdulloh Ansori, authority and influence, Sufi reflections, method and style of writing prose, use of the art of tazod (opposition).

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипова Муътабар*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1. E-mail: **mutabar-1977@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-782-14-45**

Сведения об авторе: ***Шарипова Мутабар*** – Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, кандидат филологических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **mutabar-1977@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-782-14-45**

Information about the author: ***Sharipova Mutabar*** - Khujand State University named after Bobojona Gafurova, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **mutabar-1977@mail.ru. Tel: (+992) 92-782-14-45**

УДҚ: 891.55

РӮЗГОР ВА ОСОРИ МУҲАММАДСИДДИҚИ ҲАЙРАТИ БУХОРОӢ ДАР ОИНАИ ТАҲҚИҚ

Эшонқулов Ҷ.Ш.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд

Муҳаммадсиддиқ Ҳайрати Бухороӣ аз шоирони маъруфи адабиёти охири асри XIX ва аввали асри XX ба шумор рафта, дар ривоҷ ва густариши шеъру адаби тоҷик саҳми назаррас дорад. Агарчи муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ ба таҳқиқи адабиёти охири асри XIX ва аввали асри XX пардохтаанд, ҳанӯз рӯзгор ва осори комили Муҳаммадсиддиқ Ҳайрати Бухороӣ ба таври алоҳида ва шоиста омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, ин ҷо перомуни ҷузъиёти муҳимтарин ва паҳлуҳои норавшани ҳаёт ва эҷодиёти Ҳайрат аз нигоҳи муҳаққиқон ва тазкиранависони Моваруннаҳр изҳори андеша намуданро ҷоиз медонем. Ашъори ӯ аз ҷониби арбоби тазкира ва донишмандони ҳамасраш намунаи беҳтарин ва пуразиштарини ин давра арзёбӣ шудааст. Ҳамаи тазкираҳое, ки дар поёни асри асри XIX ва оғози асри XX рӯйи кор омадаанд, оид ба шахсият ва ҳунари шоирии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ ироа намудаанд. Ногуфта намонад, ки дар охирҳои садаи XIX ва оғози садаи XX дар Бухоро ҳафт тазкира навишта шуда буд: Тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-л-асҳоб» (таълифаш 1288 ҳ.қ. 1871 м.), «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат (таълиф 1322-1321 ҳ.қ. 1904-1905 м.), «Афзал-ут-тазкор фи зикри шуаро вал ашъор» (таълиф 1321 ҳ.қ. 1904 м.) нигоштаи Афзал Махдуми Пирмастӣ, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин» (таълиф 1320 ҳ.қ. 1903 м.) навиштаи Абдуллоҳҳоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро» асари Хоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё (таълиф 1322 ҳ.қ. 1905-1907 м.).

Муаллифони тазкираҳо истеъдоди баланди шоирӣ ва нуфузи эҷодиёти Муҳаммадсиддиқи Ҳайратро эътироф намуда, шеърҳои ӯро ба сифати беҳтарин намунаи ашъори ҳамон давр мавриди истифода қарор додаанд.

Яке аз иродатмандон ва дӯстони наздики Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат адибони хушсалиқаи тоҷик Садриддин Айнӣ ва Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим мебошанд, ки дар шинохти рӯзгор, осор ва китобат намудани «Ашъори мунтахаб»-и Муҳаммадсиддиқи Ҳайрати Бухороӣ нақши муассир гузоштаанд. Аз матолиби сарчашма ва манбаъҳо маълум мешавад, ки миёни Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва ағлаби тазкиранависон иртиботу ҳамбастагии қавии маънавӣ вуҷуд доштааст.

Барои таҳқиқ ва шинохти аҳволу осори Муҳаммаддиқи Ҳайрати Бухороӣ хизмати устод Садриддин Айнӣ ва Расул Ҳодизода хеле калон аст. Азбаски доир ба рӯзгор ва осори Ҳайрат дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳавзаи адабии Бухоро, аз қабили «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Хоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳҳоҷаи Абдӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ ва дигар баёзу ҷунгҳо маълумоти наззаррас хеле кам аст. Ҳадаф аз ин навишта бознамоии зиндагинома ва осори Ҳайрати Бухороӣ буда, ба ин васила ҷиҳати шинохти нуфуз ва саҳми ин чеҳраи камшинохта дар қаламрави адабиёти форсии тоҷикӣ матолибе фароҳам оварда шудааст.

Роҷеъ ба зиндагӣ ва осори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат сарчашмаҳои илмиву таърихӣ маълумоти камтареро фаро гирифтаанд. Манбаъ ва марҷаи муътамад ва аввалине, ки аз онҳо дар ин бора метавон маълумот ба даст овард, қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дониста мешавад. Мавсуф бо иродати беандоза ва қадршиносии хосса дар чанд боби алоҳида, аз қабили «Шиносоиям бо Ҳайрат», «Тарҷимаи ҳоли Ҳайрат», «Мероси адабии Ҳайрат» лаҳазоти мухталифи рӯзгор, шахсият ва ҳунари шоирииҲайратро ба қалам овардааст [1, с.204; 213; 217].

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат соли 1878 дар гузари Урусони Бухоро, ки тарзи дурусташ “Арӯсон” аст, ба дунё омадааст. Азбаски падари Ҳайрат дар масҷиди ҳамон гузар муаззин будааст, бо даромади ночизи мегирифтааш бечораҳолона зиндагӣ мекардааст. Аммо

зиндагии камбағалонаи оилавӣ ва фавти волидайн таъсири амиқ ба рӯҳонияти шоир мегузорад. Вай бо як додари хурдсолаш дар синни ҳаштсолагӣ аз падар ва дар дувоздаҳсолагӣ аз модар ятим мемонад. Ҳайрат таҳсили ибтидоиро дар мактаби гузари худ гирифта, аз сабаби хушзеҳн ва истеъдоди баланд доштанаш ҳанӯз дар хурдсолӣ бо хушсаводӣ ва хушнависӣ шуҳратёр мегардад. Дар ривоҷ ёфатани донишандӯзӣ ва камолоти маънавиаш нақш ва таъсири устодони аввалинаш Мулло Абдукарими Балхӣ ва Мулло Ҳомиди Араб, бо вуҷуди аз шуҳрати илмӣ бархӯрдор набудан ва бо адабиёт ҳеҷ алоқамандие надоштанашон, назаррас аст. Ҳайрат, ки ба илмомӯзӣ иштиёқ ва муҳаббати хос дошт, аз ин рӯ, дар сарфу наҳви забони араб ва дар мантиқ маҳорати тамом пайдо карда буд [1, с.231-232].

Ин маълумоти Садриддин Айниро як силсила ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, ки шомили ин маҷмӯа ҳастанд ва дар онҳо бисёр мисраъҳо ва таъбирҳои ҷолиби арабӣ хеле мавридшиносона корбаст шудаанд, инчунин бисёр мафҳуму истилоҳоти илми мантиқ, ки ҳамчун васоити бадеии тасвир оварда шудаанд, ба субут мерасонад.

Муҳити оила ва лаҳзаҳои гуногуни даврони бачагии Ҳайрат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ равшан баён карда шудааст [1, с.214].

Ҳамин тавр, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат пас аз синни понздаҳсолагӣ барои касби илму дониш ба мадрасаи Муҳаммадалӣ-Ҳоҷӣ зиндагӣ карда, баъдан ба мадрасаи Сӯзангарон кӯчида меояд ва қариб то охири умр дар ҳамон ҷо зиндагӣ ихтиёр мекунад. Масалан, Садриддин Айнӣ аз хусуси иртиботи дӯстӣ ва шахси наздик буданаш бо Ҳайрат бо муҳаббат ёд мекунад [1, с.207-209].

Устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо”-яш шеъри машҳури бо ном “Гули сурх”-и худро сабт намуда, аз ҷараёни мулоқоти аввалин бо Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва хоссатан, аз қавоиду нозукиҳои илми арӯз воқиф будану “қувваи ҳофизаи фавқулода” доштани ӯ бо сароҳат ёдовар мешавад.

Соли 1900 осори бемории сил дар Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат пайдо шуда, аҳволи ӯ рӯз то рӯз бадтар мешавад. Табибони маҳаллӣ барои бемории сил ду даво: яке шаробхӯрӣ дигаре саёҳат карданро тавсия медиҳанд. Ӯ соли 1900 бо ташаббуси Раҳматуллобек тоҷири пӯсти қарокӯлфурӯш бо баҳонаи савдо ба Фарғона сафар карда бошад ҳам, ба саломатии ӯ беҳбудие падид намеояд. Ба ӯ на шароб ва на саёҳат асар мекунад. Ҳамин тариқ, зимистони соли 1901 Ҳайрат аз ҳар гуна саъю талош аз дарсравию мулоқоти дӯстон бозмонда, дар ҳуҷрааш бистарӣ мегардад. Гарчанде, ки ба Ҳайрат дӯстонаш Айнӣ, Абдухалил-махдум, Аҳмадҷон ва Мирзо-Абдулвоҳид аз наздик кумак карда бошанд ҳам, ба саломатии ӯ суде набахшид. Оқибат соли 1902 аҳволи ӯ бадтар шуда, дар гузари Арӯсон, ки додараш зиндагӣ мекард, мекӯчонанд. Ниҳоят Ҳайрат дар нимаҳои моҳи июли ҳамон сол аз дорулфано ба дорулбақо риҳлат мекунад. Ҷасади ӯро дар беруни дарвозаи Талипоч, ки дар роҳи Чорбакр воқеъ аст, дар қабристоне, ки падару бобоёнаш он ҷо гӯронда шуда будаанд, дафн мекунанд. Тафсилоти мушаххаси рӯзҳои охири зиндагии Ҳайрат аз ҷониби Садриддин Айнӣ муассир ва ба таври равшан ба қалам дода шудааст.

Тасвири симои зоҳирӣ ва баёни ваҷҳи тасмияи тахаллуси шоир низ аз эътибори устод Айнӣ берун намондааст: «Ҳайрат, - менависад С. Айнӣ, - як ҷавони қадаш аз ман пасттари гарданкӯтоҳ, лоғарбадани сиёҳчеҳра, чашмаш сиёҳ буда, лекин, чунонки мегӯянд, «роғ-роғ мерафт», яъне ба ҳар чиз бо ҳайрат ва хомӯшона нигоҳ карда меистод. Тахаллуси «Ҳайрат» чунон ба шахси ӯ муносиб афтода буд, ки ман бо дидани вай ва мулоҳизаи маънии тахаллусаш дар ин муносибати пурраи тахаллус бо шахси шоир дар ҳайрат афтодам» [1, с.224].

Нуктаи қобили мулоҳиза ва баҳсангез дар сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ ин зикри таърихи вафоти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дониста мешавад. Садриддин Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” танҳо бо зикри иттилои таърихи вафот ва фазилатҳои хориқулодаи Муҳаммадсиддиқ Ҳайрати Бухороӣ, ки дар “Ёддоштҳо” айнан такрори матолиб дида мешавад, иктифо намудаасту халос. Мавсуф дар “Ёддоштҳо” соли даргузашти шоирро 1902 ва дар “Намунаи адабиёти тоҷик” бошад, “15 раббиъуссонӣ, шаби душанбе, соли 1330 ҳ.қ,” мутобиқ ба 1905 м. яъне дар 27 солагӣ вафот кардани шоирро таъкид кардааст, ки ин ҷо як навъ дугунагии иттилоъ ба назар мерасад [2, с.182]. Адабиётшиносон Расул Ҳодизода ва Худойназар Асозода бошад аз 24 сол умр дидани Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ишора мекунанд [7, с.15; 3, с.28]. Аз ин рӯ, метавон чунин хулоса кард, ки муҳаққиқон ба ахбори “Ёддоштҳо”-и устод Садриддин Айнӣ такя намуда соли 1902- ро таърихи мушаххаси вафоти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат баршумурдаанд.

Аз матолиби сарчашма ва манбаъҳо маълум мешавад, ки миёни зиндагии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва Шарифҷон-махдуми Садри Зиё низ иртиботу ҳамбастагии маънавӣ вуҷуд доштааст. Аз ин ҷост, ки Садри Зиё ҳанӯз аз даврааи кӯдакӣ дар маҷлис ва маҳфилҳои адабие, ки дар хонаи падараш (Абдушукури Ост) баргузор мегардид, иштирок

мекард ва ба ҳамин васила, бо бисёр шоиру нависандагони нимаи дувуми асри XIX (монанди Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Музтариб, Зуфунун, Айнӣ, Ҳайрат ва дигарон) аз ҷавонӣ махсусан ошно ва аз ҷузъиёти рӯзгори онҳо бохабар буд. Ҳамчунин ин суннат ва анъанаро худ низ баъдан идомат бахшида, як зумра суханварону қаламкашони замонашро ҳам аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ кардааст.

Ҷараёни ошноӣ ва равобити адабии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат бо Шарифҷон-махдуми Садри Зиё маҳз бо кӯшиш ва мусоидати бевоситаи Садриддин Айнӣ сурат гирифтааст. Чунончи устод Айнӣ нақл мекунад: "... Аммо ӯ бо ҳамаи он қувват ва иқтидоре, ки дошт, намехост, ки мардум ӯро ба сифати шоир шиносанд. Бинобар ин, аз ман илтимос кард, ки он шеърашро ба касе, хусусан ба шоирон нишон надиҳам ва шоир будани ӯро ба касе нафаҳмонам.

Лекин ман нахостам, ки он гавҳари ноёб дар қаъри баҳри амиқи гумномӣ пинҳон монад. Хостам, ки гурӯҳи пешрави адабиётдӯстони он замон, ки ҳар кадом худро бемислу монанди ҷаҳон мешумурданд, аз ин яктои замон ва нодири даврон хабардор гарданд ва ба ӯ баҳои сазоворе диҳанд. Бинобар ин, он ғазалеро, ки аз ӯ нигоҳ дошта будам, бар хилофи тавсияи ӯ, ба Шарифҷон-Махдум нишон додам" [1, с.227].

Аз муҳтавои ин навишта маълум мешавад, ки устод Айнӣ фазилати хоксорӣ, дараҷаи иқтидор ва ҳунару салиқаи Ҳайратро ситоиш намуда, ӯро "яктои замон ва нодири даврон" донистааст. Матлаи ғазалеро, ки дар сафҳаи 114 маҷмӯаи ашъори Ҳайрат сабт гардида ва ба гунаи "Эй сарв, беибо ба чаман сар кашидаӣ! Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ!" мебошад, бо мақсади муаррифӣ ва пайвастани Ҳайрат ба маҳфилҳои адабии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё нишон медиҳад. Чунин тавсия ва пешниҳоди устод Айниро Ҳайрат низ кайҳо боз интизор буд ва бениҳоят хушҳол мегардад [1, с.231].

Бино бар таъкиди Садриддин Айнӣ макони истиқоматии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат нахуст дар мадрасаи Муҳаммадалӣ - Ҳоҷӣ буда, ки вай дар наздикии Қӯшмадраса воқеъ гардидааст. Он ҷо аз маркази шаҳр - Чорсӯ, ки дар айни замон маркази донишмандон ва арбобони илму маърифат маҳсуб меёфт, барои шоир дурӣ мекунад. Бинобар ин, Ҳайрат тасмим мегирад, то дар тобистони ҳамон сол ба мадрасачаи Сӯзангарон, ки дар маркази шаҳр воқеъ будааст, кӯч бандад ва онҷоро маҳалли зист қарор диҳад [1, с.231].

Ин солҳо давраи беҳтарини рӯзгори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дониста мешавад. Гарчанде дар вазъи моддии шоир беҳбудие рӯй надода бошад ҳам, аммо ба туфайли робита пайдо карданаш ба муҳити адабии равшанфикрон, ҷаҳони маънавии ӯ вусъат пазируфта, зеҳн ва тафаккури ӯ оромиш меёбад. Метавон гуфт, ки бахши аъзами ғазалиёти лирикии ӯ, ки дар батни онҳо рӯҳи некбинӣ, тараннуми ишқи инсонӣ, ҳою ҳавои нишотангези ҷавонӣ ва орзуву умеди беҳтарини қаҳрамони лирикӣ ифода ёфтаанд, махсусан дар тӯли ҳамин солҳо ба қалам омадаанд.

Аммо ин зиндагии фараҳбахшу осоиштаи шоирро иллати тангдастию фақирӣ халалдор месохт. Ҷойи таассуф аст, ки сабаби парешонҳолии шоир танҳо тангдастӣ набуда, вагарна ӯ, чӣ тавре ки аз муҳтаво ва мазомини ғазалҳои ҳазломезаш равшан мегардад, аз асари бемайлони тангдастиву фақирӣ, бо абёти намакинаш, тасалло ҷуста метавонист ва бо истиғнову фурӯтанӣ бори ин зиндагии эҳтиёҷмандонаро ба дӯш мебардошт, чунон ки худи ӯ менависад:

Задам руфӯ чу Масеҳо қабо ба риштаи фақр,
Манам надӯхтачашме ба ресмони касе:
Ба ҳирси туъма чу боз аз паи шикор чу саг
Ба ресмони касе ё ба устухони касе.
Чу ҷои амну қаноат, чу қути фақрам ҳаст,
Чӣ ҷои хоки касеву чӣ ҷои нони касе?

Инъикос ва шарҳи тафсилоти ин муҳити адабӣ дар қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ зери унвони: "Ҳавлии Шарифҷон-махдум" ва "Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбатони ӯ" оварда шудааст [1, с.7-34].

Сведения об авторе: ***Абдулназаров Абдулназар Абдулкодирович*** – Института гуманитарных наук им. академика Б.Искандарова, кандидат филологических наук, старший научный сотрудник, заведующий отделом фольклора и литературы. **Адрес:** 736001, Таджикистан, г. Хорог, ул. Холдорова, 2. E-mail: **abdulnazar9416@gmail.com**. Тел.: **(+992) 934-06-08-04**

Information about the author: ***Abdulnazarov Abdulnazar Abdulkodirovich*** - Institute of Humanities named after academician B. Iskandarov, candidate of philological sciences, senior researcher, head of the department of folklore and literature. **Address:** 736001, Republic of Tajikistan, Khorog, Koldorova Str., 2. E-mail: **abdulnazar9416@gmail.com**. Tel.: **(+992) 934-06-08-04**

УДК: 891.550-1+82:8

О КЛАССИФИКАЦИИ И МОДЕЛИРОВАНИИ САДЖА

Зарипов С.А., Ниёзбокиев О.С.
Технологический университет Таджикистана

Садж (стихотворная или рифмированная проза) является одним из распространенных литературных жанров, широко использованных в творчестве классиков таджикско-персидской литературы. Например, в «Гулистоне» и «Бустоне» Саади.

В общем, строка считается саджированной, если в ней встречаются, как минимум, два саджированных (рифмированных) слова. Такой садж назовем двухсловным. В случае с большим количеством (три или более рифмированных слова) саджи можно классифицировать как трёхсловный, четырёхсловный и т.д.

Садж можно классифицировать по многим параметрам. Например:

А. По количеству используемых строк для получения необходимого смысла: однострочные и многострочные.

1.Однострочный садж. К нему в основном относятся саджи, использованные в пословицах и поговорках.

Примеры:

а) Олими беамал – замбури беасал (невостребованный ученый – как пчела без мёда);

б) «иморат-ғорат» гуфтагӣ барин … («Стройка-воровка» говоря …)

2.Многострочные (двустрочные и др.).

Б. По количеству используемых слов в строке для получения необходимого смысла: однословный и многословный.

Примеры:

а) Бо моҳ шинӣ *моҳ шавӣ,*
Бо дег шинӣ *сиёҳ шавӣ.*

б) Илмат ба амал чу ёр *гардад,*
Қадри ту яке хазор *гардад.*

Основные парадигмы саджа в пословицах и поговорках можно описать следующими моделями:

Действие _____ результат

1) Если (будет, сделает), то станет (получит, достигнет).
2) Если (будешь, сделаешь), то станешь (получишь, достигнешь).
3) Сделав (став), получишь (достигнешь).

Приведем несколько моделей саджа в пословицах и поговорках.

(1) $W_1 + W_2 + \ldots + W_i + S_1 + W_{i+2} + W_{i+3} + \ldots + S_2 + \ldots + W_k$

Пример 1. Олими беамал – замбури беасал.

Здесь: W_1 = «олими», S_1= «беамал», W_3= «замбури», S_2= «беасал».

Модель (1) можно назвать как *однострочный двухсловный садж*.

Пример 2. «Иморат-ғорат» гуфтагӣ барин … .

S_1= «иморат», S_2= «горат», W_3 = «гуфтаги», W_4= «барин».

(2) $W_{11} + W_{12} + \ldots + S_1 + C$

$W_{21} + W_{22} + \ldots + S_2 + C$

Модель (2) назовём двухстрочным трехсловным саджем.

Пример 3. Илмат ба амал чу ёр гардад,

Кадри ту яке хазор гардад.

S_1= «ёр», S_2= «хазор», C = «гардад»

(3) $W_{11} + W_{12} + P + \ldots + W_{14} + S_1 + C$

$W_{21} + W_{22} + P + \ldots + W_{24} + S_2 + C$

Модель (2) назовём двухстрочным четырехсловным саджем.

Пример 4. Бо моҳ шинӣ *моҳ шавӣ*,

Бо дег шинӣ *сиёх шавӣ*.

S_1= «моҳ», S_2= «сиёҳ», P = «шинӣ», C = «шавӣ»

Здесь приведены некоторые особенности классификации саджа как литературного жанра, привязанные к разнородным параметрам.

Итак можно принять за основу и ещё целый ряд возможных параметров классификации саджа, таких как строчность (количество строк), повторяемость слов, части речи, формы и времена глагола, литературные приёмы («истиора», «ташбеҳ», «киноя», «шиква», «шикоят») и др .

Пример 5. «Аз нӯги хамир фатир» гуфта … .

«Из куска теста - лепешка» говоря … .

W_1 = «Аз», W_2= «нӯги», S_1= «хамир», S_2= «фатир», W_2= «гуфта»

Относительно саджа, примененного в «Гулистоне» Саади, можно привести следующие часто встречающиеся применения саджа (на данный момент только для первой главы этого произведения). Саджированные пары слов будут выделяться курсивом, либо жирным шрифтом.

(1) $S_1 + \ldots + S_i + V + \ldots + S_k$

Пример: Ҳикояти он рӯбоҳ муносиби ҳоли ту аст, ки дидандаш *гурезон*у бехештан *афтон*у *хезон* [6, с. 28].

S_1=”гурезону”, S_2= “афтону”, S_2= “хезон”

(2) $S_1 + \ldots + S_i + V + \ldots + S_k$, где S_i (i=1,2,…,k) – именная часть речи

Примеры: Дурӯғе *маслиҳатомез* беҳ, ки росте *фитнаангез* [6, с. 13].

Здесь V = ”беҳ (аст)”, S_1=”маслиҳатомез”, S_2= “фитнаангез”

Кӯтоҳи *хирадманд* беҳ,ки нодони *баланд* [6, с. 14]

Здесь V = ”беҳ (аст)”, S_1=”хирадманд”, S_2= “баланд”

(3) $V_1 + \ldots + V_2 + \ldots + V_k$, где V_i (i=1,2,…,k) – глагол и её формы

Примеры: *Бахшидам*, агарчи маслиҳат *надидам* [6, с. 17]

Здесь V_1 = ”бахшидам” и V_2= ”надидам”.

Нашнидаӣ, ки ҳар кӣ хиёнат *варзад*, гӯшташ аз ҳисоб *биларзад* (ҳикоят 16, с. 25).

Здесь V_1 = ”варзад” и V_2= ”биларзад”.

(4) $S_1 + \ldots + V + \ldots + S_k + \ldots + V$, где запись V без индекса означает её повторение

Пример: Ҳанӯз *нигарон* **аст**, ки мулкаш ба *дигарон* **аст** [6, с. 14].

(5) $S_1 + \ldots + V + \ldots + S_k + \ldots + [V]$, где запись [V] означает отсутствие, но логическое повторение глагола V.

Пример: Ва ҳукми он, ки малозе манеъ аз қуллаи кӯҳе гирифта **буданд** ва малҷаъу маъвои худ сохта **[буданд]** [6, с. 15]

(6) $S_1 + \ldots + V_1 + \ldots + S_k + \ldots + V_k$

Примеры: Яке аз подшоҳони пешин дар риъояти мамлакат *сустӣ* **кардӣ** ва лашкар ба *сахтӣ* **доштӣ** [6, с. 23]

Здесь V_1 = ”кардӣ” и V_2= ”доштӣ”, S_1=”сустӣ”, S_2= “сахтӣ”

Муҳол аст, ки *хирадмандон* **бимиранд**у *беҳунарон* ҷойи эшон **бигиранд** [6, с. 15].

Здесь V_1 = ”бимиранду” и V_2= ”бигиранд”,

S_1=”хирадмандон”, S_2= “бигиранд”

Эй *мардон*, **бикӯшед** ё ҷомаи *занон* **бипӯшед** [6, с. 15].

(7) $P_1 + \ldots + S_1 + (V_1) + \ldots + P_k + \ldots + S_k + (V_k)$

Пример: На ҳар чӣ ба *қомат* **меҳтар**, ба *қимат* **беҳтар** [6, с. 15].

Здесь (V_1), … ,(V_k) отсутствующие, но контекстуально подразумеваемые глаголы (V_1) = ”бошад” и (V_2)= ”аст”. Также: P_1=”меҳтар”, P_2= “беҳтар”

(8) $V_1 + … + V_k + …+ S_1 + … + S_k$

Пример: Филҷумла, писарро бо нозу неъмат *баровардand* ва устодон ба тарбияти ӯ насб *карданд*, то ҳусни *хитобу* радди *ҷавобу одоби* хидмати мулукаш даромӯхтанд ва ... [6, с. 17].

Здесь V_1 = ”баровардand” и V_2= ”карданд”,

S_1=”хитобу”, S_2= “ҷавобу”, S_3= “одоби”

(9) $P_1+…+P_k+… +V_{11}+…+V_{1k}+…+ Q_1 +…+Q_t +…+V_{21}+…+V_{2k}$

Пример:

Он чӣ худованд, дома мулкуҳу фармуд ... (*бадон, эшон*, **ёфтӣ, гирифтӣ**, *солеҳон, хирадмандон*, **пазирад, гирад**)... . [6, с. 16].

Здесь

P_1=”бадон”, P_2= “эшон”, V_{11}=”ёфтӣ”, V_{12}=”гирифтӣ”

Q_1=”солеҳон”, Q_2= “хирадмандон”, V_{21}=”пазирад”, V_{22}=”гирад”

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бабинко В.Г. Филологический анализ текста, основы теории принципы и аспекты анализа / В.Г. Бабинко. - М.: Академический проект, 2004. - 250 с.
2. В.Нормантас, Ш.А.Шарипов. Информативность букв в пределах слова в таджикских и узбекских текстов / Нормантас В., Шарипов Ш.А. // Материалы конференции, посвященной IT – технологии. Современное состояние перспективы развития. – Душанбе: РТСУ, 2015. – 268 с.
3. Джаъфарова Д.Ф. Модели лингвистического анализа текстов таджикского языка (на материале газелей Хафиза): автореферат / Д.Ф. Джаъфарова. – Душанбе, 2013. - 27 с.
4. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.1. Адабиётшиносӣ ва танқид / Н.Маъсумӣ. - Душанбе: Адиб, 2005. -380 с.
5. Ниёзбоқиев О.С., Зарипов С.А. Место насри мусаджа в первой главе “Гулистон”-а Саади Шерози (на тадж.яз.) / О.С. Ниёзбоқиев, С.А. Зарипов // Респ. НПК на тему «Развитие ИТ в РТ: приоритетные и инновационные направления», Институт предпринимательства и сервиса РТ, 29 сентября 2018 г. - С.125-128.
6. О. Шакурзода. Шарҳи «Гулистон»-и Саъдӣ / Шакурзода О. - Душанбе: Адиб, 2014. - 540 с.
7. Пригорина Н.И. Индийский стиль и его место в персидской литературе (вопросы поэзии) / Н.И. Пригорина. – Москва: Восточная литература. РАН, 1999. - 328 с.
8. Р. Мусулмонқулов. Сачъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик / Мусулмонқулов Р. – Душанбе: Ирфон, 1970. - 199 с.
9. Скафтымов А. Филологический анализ произведения / А.Скафтымов. - М.2007. - 45 с.
10. Усманов З.Д. Об упорядоченном алфавитном кодировании слов естественных языков / З.Д. Усманов // ДАН РТ, 2012. - Т.55. - № 7. - 548 с.

ШАРҲИ МУХТАСАР ОИДИ ТАСНИФОТ ВА АМСИЛАСОЗИИ САҶЪ

Дар мақола маълумот оид ба таснифот ва амсиласозии насри мусаҷҷаъ дар асоси «Гулистон» - и Саъдии Шерозӣ оварда шудааст. Дар зери мафхуми «сачъ» ҳамчун истилоҳи санъати бадеии наср калимаҳоеро мефаҳманд, ки дар охири ду ё зиёда фосилаи насрӣ воқеъ гашта бо ҳамдигар аз ҷиҳати вазн, ё қофия ва ё ҳар ду мувофиқ бошанд. Таснифот ва гурӯҳбандии сачъ дар асоси теъдоди сатрҳои сачъбандишуда, парадигмаҳо, миқдори калимаҳои сачъбандишуда, ҳиссаҳои нутқи сачъбандишуда ва ғ. гузаронида шудааст. Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва амсиласозӣ дар забоншиносӣ яке аз риштаҳои нав буда, имкони таҳлилҳои гуногуни илмиро фароҳам меовард. Мақолаи мазкур яке аз чунин таҳлилҳо ба ҳисоб меравад, ки таснифот ва амсиласозии насри мусаҷҷаъ дар асоси «Гулистон» – и Саъдии Шерозиро дар назар дорад. Дар матншиносии муосири тоҷик матнҳои адабию тахассусӣ бо истифодаи технологияи компютерӣ ва амсиласозӣ хеле кам мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Асарҳои насрӣ аз сабаби сохти мураккаб ва печида доштан камтар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Хоссатан, насри классикии тоҷик дорои вижагиҳои хосса буда, баррасии он метавонад ба ҳалли бисёр масоили илмӣ роҳ кушояд. Мо дар ин мақола кӯшиш намудем, чун таҷрибаи аввалин матни “Гулистон”-и Саъдиро бо истифодаи барномаҳои компютерӣ ва амсиласозӣ таҳлил намуда, дар асоси он хулосаҳои илмии худро пешниҳод намоем.

Калидвожаҳо: барномаҳои компютерӣ, амсиласозӣ, масоили илмӣ, технологияҳои иттилоотӣ, таҳлил, насри мусаҷҷаъ, санъати бадеӣ.

О КЛАССИФИКАЦИИ И МОДЕЛИРОВАНИИ САДЖА

Статья посвящена одному из распространённых в классической таджикско-персидской литературе жанру, каковым является садж. На базе произведений Саади «Гулистон» и народного фольклора авторами осуществлена классификация основных моделей и парадигм саджа. Следует отметить, что глубокое проникновение ИКТ в научно-исследовательскую работу создало предпосылки для применения компьютерных программ в завершении результатов проведенных экспериментов в той или иной отрасли, существенно сокращая при этом долю ручной работы. При классификации саджа и создания его основных моделей авторы приняли во внимание наиболее значимые характеристики: - количество строк поэтического произведения; - применение частей речи; - основные семантические парадигмы; - специфические приёмы составления саджа отдельными авторами. В качестве основополагающих семантических парадигм приняты следующие: 1) Если (быть, сделать), то можно стать (получить, достичь). 2) Не сделав (не став), нельзя получить (достичь). 3) Свойства объекта 1- (сравнительные) свойства объекта 2. и др. Статья посвящена актуальной на сегодняшний день лингвистической проблематике. Она может быть применена при решении очень важных научных задач, в частности, определения авторства литературных произведений.

Ключевые слова: рифмированная проза, жанры, классики, литература, классифицировать, компьютерная лингвистика, моделирование.

CLASSIFICATION AND MODELING OF THE NASRI MUSADJA IN THE "GULISTAN" SAADI SHIRAZI

This article provides general information about the classification and modeling of the nasri musadja in the "Guliston" – Saadii Shirazi. Nasri musadja is one of the types of text work, which is used therefore in Nasr and in Nazm. Classification and modeling of the nasri musadja in the "Guliston" – Saadii Shirazi are maked on the base of sajed strings, words, part of speech, paradigmas of the saj and other. From the point of view of style and linguistic features, studies were carried out, but the use of information technology was not a task. The introduction of information technology in linguistics and literature is one of the new directions that allow carrying out various scientific research. This program is one of the methods of analysis, which describes the meaning of the poetic word in the sense of "Gulistan" Saadi Sharosi. Texts of modern Tajik text texts are widely analyzed using computer technology and modeling. Aliases are less likely to be important than a complex confusing structure. Classical Tajik literary texts have a unique feature that can be used to analyze many scientific problems. This article, as the first experience of analysis with the help of computer software "Gulistan" Saadi Shirazi.

Key words: analyze, problems, software, technology, modeling, structure, literary, linguistics.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Зарипов С.А.*** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсентиа кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерӣ. **Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев, 63/3. E-mail: **szaripov65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-45-77-65**
Ниёзбоқиев О.С. – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи “Системаҳо ва технологияиттилоотӣ”. **Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев, 63/3.. E-mail: **oniyozbokiev@gmail.com.** Тел.: **(+992) 985-85-86-89**

Сведения об авторах: ***Зарипов С.А.*** - Технологический университет Таджикистана, кандидат филологических наук, и.о.доцента кафедры программирования и компьютерной инженерии. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Н.Карабаева, 63/3. E-mail: **szaripov65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-45-77-65**
Ниёзбокиев О.С. – Технологический университет Таджикистана, старший преподаватель кафедры “Системы и информационные технологии”. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Н.Карабаева, 63/3. E-mail: **oniyozbokiev@gmail.com.** Тел.: **(+992) 985-85-86-89**

Information about the authors: ***Zaripov S.A.*** – Technological University of Tajikistan, c.f.-m.n., docent in programming and computers engeneering department. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, улица Н.Карабаева, 63/3. E-mail: **szaripov65@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-45-77-65**
Niyozboqiev O.S. - Technological University of Tajikistan, Senior Lecturer in Systems and information technology department. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaeva street, 63/3. E-mail: **oniyozbokiev@gmail.com.** Tel.: **(+992) 985-85-86-89**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК:070.423

МУХТАСАРИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

Имомзода М.С., Садуллоев Ҷ.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Даҳсолаи охири асри XX-ро, амалан, оғози асри глобалии иттилоотӣ шуморидан мумкин аст. Э. Тоффлер дар тадқиқотҳои худ ин даврароро “мавҷи сеюм” [1] дар таърихи тамаддун номидааст: давраи якум (аграрӣ) то асри XVIII идома ёфт ва баъдан бо пайдо шудани саноат давраи дуюм (саноатӣ) фаро расид. Солҳои 50-уми асри XX навбат ба давраи сеюм (баъдисаноатӣ ё иттилоотӣ) расид, ки дар он иттилоъ ба намуди асосии моли истеҳсолӣ табдил ёфт. Аҳамиятҳои ҷамъбастии инсоният бо прогрессияи геометрӣ меафзояд. Маълумотҳои тахминӣ дар ин бора мавҷуданд, ки агар дар солҳои 70-уми асри XX ҳаҷми донишҳои инсоният дар даҳ сол ду маротиба афзоиш меёфт, пас, дар солҳои 80-уми асри XX, аллакай, панҷ маротиба ва то охири солҳои 90-уми асри XX ба таври ҳамасола зиёд мешуд. Ҳоло ин нишондиҳанда ду маротиба бештар аст [2].

Аксар олимони барҷаста ба омӯзиши феномен (падида)-и ҷамъияти иттилоотӣ рӯй оварданд (Д. Белл, Г.М. Маклюэн, М. Кастелс, П. Друкер, Е. Масуда ва дигарон). Ихтирои ин истилоҳ ба Ю.Ҳаяшӣ, профессори Институти технологии Токио нисбат дода мешавад (соли 1971 ба Ҳукумати Япония “Нақшаи ташкили ҷамъияти иттилоотӣ - ҳадафи миллӣ то соли 2002” пешниҳод гардид). Вазифаи асосии ҷамъияти иттилоотӣ таъмини кафолатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҳар як шаҳрванди он ҷиҳати гирифтани ҳамаи иттилооти зарурӣ дар ҳамагуна макон ва дар ҳамагуна замон мебошад.

Ҳамин тавр, миқдор ва сифати иттилоъ, баён ва коркарди он меъёрҳои асосии ҷамъияти иттилоотӣ ба шумор мераванд. Ба ҳар як шаҳрванд дастрас будани иттилоъ меъёри иловагӣ буда, он бо паст намудани арзиши иттилоъ дар натиҷаи рушд ва татбиқи саривақтии технологияҳои нави телекоммуникатсионӣ ба даст меояд. Баъзе муҳаққиқон дар байни ҷамъияти баъдисаноатӣ ва ҷамъияти иттилоотӣ сарҳад гузошта, онҳоро ду пайиҳамӣ, вале марҳилаҳои гуногуни рушди ҷамъият мешуморанд. Аммо асосгузорони бевоситаи назарияи ҷамъияти иттилоотӣ ин ду мафҳумро ба ҳам монанд меҳисобанд. Масалан, ба тасдиқи сотсиологи маъруфи амрикоӣ Д.Белл, “инқилоб дар ташкилу коркарди иттилоъ ва дониш, ки дар он компютер нақши марказиро мебозад, дар заминаи ҷамъияте инкишоф меёбад, ки ман онро ҷамъияти баъдисаноатӣ меномидам” [3].

Файласуф ва фарҳангшиноси канадагӣ Г.М. Маклюэн бори аввал мафҳуми “деҳаи глобалӣ”-ро барои муайян намудани вазъияти нави коммуникатсионӣ ва баъдан вазъияти фарҳангӣ таҳия намуд. Дар китобҳои худ «Галактикаи Гутенберг» ва «Дарки воситаҳои ахбори омма» [4] Маклюэн ҳанӯз солҳои 60-уми асри XX навишта буд, ки чи тавр ба туфайли воситаҳои электронии алоқа фавран фиристодани иттилоот аз ҳамагуна қитъа ба саросари ҷаҳон имконпазир гардид ва дар натиҷаи он сайёраи замин то ба андозаи деҳа «фишурда шуд». Ба шарофати суръати такмилёфтаи мубодилаи иттилоот одамон имкон ёфтанд, ки ба вазъияти ҷаҳон хеле зуд аксуламал нишон диҳанд. Ин раванд одамонро тавре ба кори ҳамдигар ҷалб мегардонад, ки гӯё онҳо сокинони «як деҳа» бошанд. Чунин шакли коммуникатсия сохтори нави иҷтимоиро дар ҳудуди заминаи фарҳангии мавҷуда ташкил медиҳад. Маклюэн натиҷаи таъсири телевизион ба ҷамъият, моҳият ва табиати рекламаро пешгӯӣ намуда буд. Имрӯз истилоҳи «деҳаи глобалӣ» чун маҷоз нисбат ба интернет ва шабакаи ҷаҳонӣ истифода бурда мешавад. Дар интернет фосилаи физикӣ дар байни ҳамсуҳбатон барои муошират нақши назаррас намебозад: макону замон аз байн мераванд, фарҳангҳо, ҷаҳонбиниҳо ва анъанаю арзишҳо ба ҳам наздик мешаванд. Ҳикматҳои Маклюэн дар ҳувияту фарҳанги Ғарб устувор реша давондаанд.

Иқтисодшиноси маъруфи амрикоӣ, П. Друкер дар бораи рафъи капитализми анъанавӣ ва гузариш ба системаи нави иқтисодӣ (дар заминаи донишҳо ва иттилоот) гуфта буд, ки ин раванд бо тағйири давлати миллӣ таҳти таъсири равандҳои глобализатсияи иқтисод ва ҷамъият сурат мегирад [5].

Ҳамин тавр, ташкил ва паҳн намудани иттилоот дар ҷамъияти иттилоотӣ ба намуди асосии фаъолият табдил меёбад. Масалан, аз рӯи пешгӯиҳои таҳлилгарони амрикоӣ, дар ИМА гузариш ба ҷамъияти иттилоотӣ тахминан то соли 2020 анҷом меёбад; замоне, ки дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ҳамагӣ 17% аҳолӣ бо кор таъмин мегарданд ва фоизи боқимондаи аҳолӣ дар соҳаҳои хизматрасонии иттилоотӣ, маориф ва фароғат машғули кор мешаванд [6]. Тадриҷан, шабакаҳои анъанавӣ, ба мисли муошират инфиродию байниинсонӣ, мукотиба ва ҷамъомад мавқеи дуюмдараҷа касб мекунанд ва ВАО ба

воситаи асосии иттилоот ва коммуникатсия табдил меёбад. Дар рафти таҳаввулоти илмию техникӣ гуногунии шабакаҳои коммуникатсия зиёд мешавад. Чунончи ба тахмини олими японӣ Е. Масуда, технологияи компютерӣ ба бунёди ҷамъияти нав табдил меёбад ва соҳаи асосии иқтисод истеҳсолоти зеҳнӣ мегардад, ки маҳсулоти он бо ёрии технологияҳои нави телекоммуникатсионӣ ҷамъоварӣ ва паҳн карда мешавад. Худи ҷамъият бояд бесинф ва безиддият, яъне ҷамъияти ризоият бо ҳукумати хурд ва дастгоҳи давлатӣ бошад. Ба фарқ аз ҷамъияти саноатии истеъмол, дар ин ҷо арзиши асосӣ вақт аст [7]. Консепсияи «ҷамъияти шабакавӣ» (Network Society)-и М.Кастелссро баррасии ҷудогонаро талаб менамояд [8]. Он пурра ба инноватсияҳои техникӣ вобаста буда, бе робита ба онҳо баррасӣ шуда наметавонад.

Заминаи техникии ҷамъияти иттилоотӣ. Инсоният роҳи тӯлонии ҷамъоварӣ ва паҳн намудани иттилоотро тай кардааст. Ҳама медонанд, ки аз аввал дар муддати ҳазорсолаҳо воситаи асосии коммуникатсия дар байни одамон нутқи шифоҳӣ буд. Сипас дар давраи палеолит (10-14 ҳазор сол пеш) пиктография (қадимтарин шакли хатти тасвирӣ барои ифодаи ҳодисаю падидаҳо, яъне пиктограммаҳо) пайдо шуд. Дертар дар Хито, Миср ва шоҳигарии Шумер идеография (расмҳое, ки ҷумлаю калимаҳои алоҳида, масалан, иероглифҳоро тасвир мекарданд) паҳн гардид. Дар ҳазораи II то милод финиқиҳо бори аввал соҳиби алифбо шуданд: тақсими калимаҳо ба ҳарфҳо ва садоҳо, ки бо рамзҳои гуногун ифода меёфтанд. Дертар алифбои лотинӣ ва дигар системаҳои алифбо эҷод шуданд. Ҳамроҳи алифбо хат бо фаҳмиши имрӯзаи ин калима ба вуҷуд омад, ки раванди ҷамъоварии иттилоъро хеле соддатар гардонд [9]. Дар давоми асрҳои зиёд матнҳо дар рӯи сангу деворҳо (масалан, навиштаҷот бо забони лотинӣ) ва тахтачаҳои бамбукӣ навишта мешуданд ва сипас коғази аввалин пайдо шуд (соли 105 то милод дар Хитой, инчунин, папирус дар Миср). Аввалин таҷрибаҳои нашри матнҳо ба замони ошуриён (ки дар тахтачаҳои сафолӣ нақш мегузоштанд) ва римиёни қадим (ки ба нашри маҷмӯаҳои сенат – acta senatus ва ахбор барои шаҳрвандони Рим – acta diurnal populi romani машғул буданд) тааллуқ доранд. Аз асри VIII дар Хитой аввалин бюллетени чопии ҳукуматӣ «Нусхаҳои дарборӣ» («Паёми пойтахт») нашр мешуд. Аз соли 1050 ҳуруфчинӣ бо аломатҳои алоҳида (дар аввал аз гил, баъдан аз бронза) истифода мегардид, ки онро оҳангари хитоӣ Би Шэн ихтироъ намуд. Ба маълумоти ЮНЕСКО, дар Корея соли 1234 бори аввал рисолаи «Шарҳи мухтасари маросимҳо дар гузашта ва имрӯз» (бо теъдоди 28 нусха) бо ҳарфҳои металлӣ нашр шуд. Аммо санаи инқилобӣ дар нашри китоб ихтирои Иоганн Гутенберг (Майнс, Германия) ба шумор меравад: аз соли 1453 то соли 1456 ӯ бо ёрдамчиҳои худ бо мақсади нашри ду ҷилди Инҷил тахминан бо теъдоди 200 нусха машғули кор буданд. Ин сана паҳншавии мавҷмонанди нашри китобро такон бахшид: дар давоми даҳсолаҳои минбаъдаи асри XV, аллакай, 30 ҳазор, дар асри XVI 250 ҳазор ва дар асри XIX 7 млн. номгӯй китоб нашр шуданд [10].

Мафҳуми иттилооти омма ба шарофати ихтирои дастгоҳи чоп пайдо гашт: на танҳо китобҳо, балки матбуоти даврӣ ҳам нашр мешуданд. Ҳанӯз то пайдоиши чопхона дар Англия ва Баҳри Миёназамин тоҷирон ва бонкдорон хабарҳои хатти (дастнавис)-ро дар бораи ҳолати бозор мубодила мекарданд ва бар ивази маблағ мефурӯхтанд. Дар Венетсия «котибони хабар» варақҳои дастнависро нашр мекарданд, ки 1 “газетта” (тангаи нуқраи Венетсия) арзиш доштанд ва ин варақҳо ба намунаи газетаҳо табдил ёфтанд. Дар Россия аввалин газета «Ведомости» дар замони Пётри 1 (соли 1703) ва аввалин маҷалла соли 1728 рӯи чоп омаданд. То мобайни асри XVIII адади нашри ҳаррӯзаи газетаҳои англисӣ қариб 40 ҳазор нусха буд. Ихтирои алоқаи телеграф дар солҳои 40-уми асри XIX дар соҳаи иттилои омма ҳодисаи инқилобӣ гардид, ки ба шарофати он аввалин имконияти паҳн намудани иттилоот на танҳо фаврӣ, балки ба масофаҳои дур низ фароҳам омад. Ба таъкиди сиёсатшиноси маъруфи франсуз, Ж.Л.Серван-Шрейбер, «дар давоми як сада, аз лаҳзаи ихтирои телеграф то оғози Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, заминаи техникӣ барои ҳамаи воситаҳои ахбори омма фароҳам омад… Ихтирооти бунёдие, ки дар ин роҳ ба марҳилаҳо табдил ёфтанд, инҳоянд: телеграф, мошини ротатсионии чопхона (соли 1848), телефон (соли 1870), телеграфи бесим (соли 1922) ва, ниҳоят, телевизион (соли 1930)… Аз иттилои нокифоя ба иттилои фаровон, аз иттилои дермонда ба иттилои фаврӣ, аз иттилои гаронарзиш ба иттилои арзон... табдил меёфт» [11].

Ногуфта намонад, ки аз 7 майи соли 1895 давраи радио оғоз ёфт; замоне, ки А.С.Попов дар маҷлиси Ҷамъияти физикону химикони Россия аз сохтани воситаҳои сигналдиҳии бесим (бо ёрии мавҷҳои электромагнитӣ) хабар дод. Дар баробари рушди радиотехника дар охири асри XIX кинематограф ҳам пеш рафт. Баъди намоиши нахустин таҳти унвони «Расми зинда», ки бародарон Люмерҳо дар Париж 28 декабри соли 1895 ташкил карданд, ҷаҳонро «бемории кино» фаро гирифт. Дар ҳамон солҳо тайёрӣ ба пайдоиши телевизион оғоз ёфт: соли 1897 найчаи электронию шуоъосо (минбаъд асоси

телевизор) ихтироъ гардид. Дар ИМА аввалин пахши мунтазами телевизион соли 1928 амалӣ гашт. То охири солҳои 30-юми асри XX дар Англия ва ИҶСС (СССР) марказҳои пахши телевизион мавриди истифода қарор гирифтанд, ки таҳвили барномаҳоро ба аудиторияи маҳдуд таъмин карда метавонистанд. Татбиқи телевизиони омма танҳо то охири солҳои 40-уми асри XX баъди анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ аз нав барқарор гардид. Маҳз замони баъди ҷанг замони «таркиши коммуникатсионӣ» ном гирифт. Баъди анҷоми ҷанг Алберт Эйнштейн гуфта буд: «инсоният соли 1945 таркиши атомиро паси сар кард ва то охири аср таркиши боз муҳимтар – «таркиши иттилоотӣ»-ро паси сар мекунад».

Соли 1950 дар ҷаҳон, аллакай, 130 дастгоҳи фиристандаи телевизион ва ретранслятсионӣ дар истифода қарор дошт. Дар даҳсолаи баъдиҷангӣ теъдоди дастгоҳҳои қабули мавҷҳои радио ва телевизор низ босуръат афзуд. Дар мобайни солҳои 50-уми асри XX миқдори дастгоҳҳои қабули мавҷҳои радио дар ҷаҳон (тахминан 250 млн.), аллакай, аз теъдоди ҳамаи газетаҳои чопи ҳаррӯза зиёд гардид. Сиёсатшиноси барҷастаи замони муосир М. Кастелс ба ин давра чунин тавсиф медиҳад: «Паҳншавии телевизион дар давоми се даҳсола баъди анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ (дар даврaҳои гуногун ва бо шиддати тағйирёбанда вобаста ба кишварҳо), агар бо истифодаи истилоҳоти Маклюэн сухан гӯем, «галактикаи нави коммуникатсияҳо»-ро ба вуҷуд овард. Дигар воситаҳои ахбори омма аз байн нарафтанд, балки сохтори онҳо ба системае табдил ёфт, ки дили он аз найчаҳои электронию шуоъосо ва рӯйи он аз экрани телевизион иборат буд. Радио нақши марказии худро аз даст дод, вале дар паҳншавию тағйирпазирии ҳаррӯза бурд кард ва усулу мавзӯъҳои барномаҳоро ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон мутобиқ гардонд. Филмҳо тавре пахш мешуданд, ки ба аудиторияи телевизион мутобиқ бошанд (ба истиснои барномаҳои фарҳангии аз тарафи ҳукумат маблағгузоришаванда ва шоу бо воситаҳои махсусе, ки экрани калонро талаб мекарданд). Газетаю маҷаллаҳо тахассусӣ гашта, мазмуни худро амиқтар ё ба ауторияҳои мақсаднок равона мегардонданд. Ҳамзамон, иттилооти стратегиро барои воситаи бартаридоштаи коммуникатсия – телевизион таъмин менамуданд.

Дар мавриди китобҳо метавон гуфт, ки онҳо тағйир наёфтанд, аммо аз мутолиаи аксарияти китобҳо бармеомад, ки муаллифон беихтиёр онҳоро ба сенарияҳои телевизион табдил додан мехоҳанд: рӯйхати бестселлерҳо ба зудӣ бо номҳое пур шуданд, ки ба персонажҳои телевизион ё ба мавзӯъҳои дар ТВ машҳур тааллуқ доштанд» [12].

Дар охирин даҳсолаҳои асри XX чунин ихтирооти инқилобӣ, ба мисли телевизиони глобалӣ (моҳворавӣ) ва кабелӣ, шабакаи компютерӣ (интернет) ва телефони мобилӣ пайдо гаштанд. Мувофиқи маълумоти тадқиқоте, ки Вазорати тиҷорати ИМА анҷом дод, агар ба радио барои гирд овардани 50 млн. нафар аудитория 30 сол лозим шуда бошад, пас, барои телевизион 13 сол ва барои интернет ҳамагӣ чор сол кофӣ буд! Синни интернет чун воситаи ахбори омма (аз мобайни солҳои 90-уми асри XX) ҳамагӣ 15 солро ташкил медиҳад [13].

Дар ҳамагуна кишвар 10 фоизи истифодабарандагони интернетро ҳамон ҳадде мешумаранд, ки вақте интернет ба омили аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва технологӣ табдил меёбад (дар ИМА ин рақам қариб 50 фоизи аҳолии аз 18-сола боло, дар Австралия зиёда аз 50 фоиз, дар Британияи Кабир 36 фоиз ва дар Бразилия 10 фоизро ташкил медиҳад). Дар Россия, мувофиқи маълумоти тадқиқоти фонди «Афкори умум», дар охири майи соли 2008-ум 32.7 млн. истифодабаранда (29% аҳолии кишвар) ба ҳисоб гирифта шуданд [14]. Паҳншавии оммавии телефонҳои мобилӣ (мувофиқи маълумот барои солҳои 2004-2005, дар ҷаҳон, аллакай, зиёда аз 1 млрд. телефони мобилӣ дар истифода буданд [15]) ба афзоиши якбораи теъдоди истифодабарандагони интернет мусоидат намуд. Зеро солҳои охир пайвастшавии фаъоли телефони мобилӣ ба интернет (GPRS, 3G, WiMax, WiFi) мушоҳида мешавад. Ин падида «инқилоби мобилӣ» ном гирифт: акнун воридшавӣ ба интернет «мобилӣ» шуд, чунки бе «ҳузури муборак»-и компютер имконпазир гардид. Ба паҳншавии васеи интернет нигоҳ накарда, телевизион мавқеи худро аз даст намедиҳад. Мувофиқи тадқиқотҳои соли 2007, масалан, дар Германия давомнокии истифодаи телевизион аз давомнокии истифодаи интернет 4 маротиба бештар буд [16]. Ба ғайр аз ин, талабот ба телевизион тавассути интернет мавҷуд аст. Масс-медиаи нав ва анъанавӣ ҳамдигарро такмил дода, тадриҷан ба ҳам муттаҳид мегарданд ва сифатро навро касб мекунанд.

ВАО-и муосир ва намунаҳои нави коммуникатсионӣ. Бо пайдоиши воситаҳои нави электронӣ ва шаклҳои иттилооти омма тасаввурот дар бораи коммуникатсия тағйир ёфта, мафҳуми таъсири коммуникатсионӣ васеъ гашт. Ба ВАО-и муосир ба маънои васеи он ҳамаи «мултимедиа» дахл дорад. Мувофиқи таъриф, мултимедиа ташкили дубораи муҳитҳои гуногуни физикӣ дар маҷмӯи ягонаи барномавию техникӣ буда, инсон бо ёрии он бо ҷаҳон муошират мекунад, ба мисли: садо, матн, графикаҳои оморию динамикӣ,

мултипликатсия (аниматсия) ва видео. Ба туфайли пайдоиши воситаҳои мултимедиа ҳамгироии компютерии мазмуни оморӣ (матн, графика, расм) ва динамикӣ (аудио, видео, аниматсия) имконпазир гардид. Мувофиқати қисмҳо ва робитаҳо дар системаи гиперматн (матни калон) бо воситаҳои мултимедиа имкон дод, ки ду муҳити нави комилан аз мувофиқати одии ин ду таркиб фарқкунанда – гипермедиа ташкил карда шавад. Гипермедиа (медиаи калон) фалсафаи нави пешниҳоди иттилоъ ва дастрасӣ ба он аст. Консепсияи он дар намунаи муҳити иттилоотие асос меёбад, ки дар намуди сутун пешниҳод шудааст. Қисмҳои ин сутун иттилоотро дар бар мегиранд ва робитаҳои семантикӣ бо камонакҳои сутун пешниҳод шудаанд. Иттилои дар системаи аслии гипермедиа ҳифзшаванда бояд бо ҳамаи шаклҳои имконпазире, ки компютери ҳозиразамон айнан такрор карда метавонад, пешниҳод гардад. Ҳамин тавр, гипермедиа мувофиқати радио (аудио), телевизион (тасвири динамикӣ), матбуот (матн ва нақшу суратҳо) ва компютер (терминали видео)-ро тавассути робитаҳои гиперматнӣ, ки дар асоси гипермуҳити компютерӣ ҷой гирифтаанд, фаро мегирад. Телевизиони интерактивӣ (interactive television) намунаи гипермедиа аст [17]. Он телевизиони анъанавиро бо интерактивии интернет муттаҳид мегардонад: барномаҳо графикаи мукаммал, истинодҳо ба веб-сомонаҳо, муошirати электронӣ бо дигар тамошобинон ва тиҷорати электрониро дар бар мегиранд. Ба хизматҳои иловагӣ инҳо дохил мешаванд: почтаи электронӣ, чат, роҳнамои интерактивии барномаҳо (Electronic Program Guide, EPG), видео бо дархост (Video on Demand, VOD), бозиҳои интерактивӣ (Interactive Games), дастрасӣ ба ҳисоби бонкӣ (Ноте Banking), ҷадвали намудҳои гуногуни нақлиёт, брон намудани меҳмонхонаҳо ва билетҳо, ҳисоботу пешгӯиҳои молиявӣ ва ғ.

Истифодабарандагони телевизиони интерактивӣ имкон доранд, ки дар баробари тамошо аз барнома, анонсҳои барномаҳои оянда, мавод оид ба ҳамон як мавзӯъ (ки ба барномаи асосии телевизион дохил нашудааст) хабардор шаванд, ба бойгонии нашрҳои пештараи барнома мурочиат намоянд, дар рафти барнома хариди молу хизматҳои вобастаро анҷом диҳанд (тиҷорати телевизионӣ). Шаклҳои гуногуни «алоқаи баръакс»-ро истифода бурда, тамошобин ба рафти барнома ҳам бевосита таъсир расонда метавонад [18]. Зимни тавсифи мултимедиа баъзе таҳлилгарон тасдиқ мекунанд, ки: «Зуҳури онҳо ба анҷоми тақсимот, ҳатто зиддиятҳо дар байни воситаҳои аудиовизуалӣ ва воситаҳои чопии ахбори омма, фарҳанги дастраси умум ва воло, истироҳат ва иттилоот, маориф ва тарғибот баробарвазн аст. Ҳамаи нишонаҳои фарҳанг, аз пасттарин то беҳтарин ва аз бонуфузтарин то маъруфтарин, дар ҷаҳони рақамӣ гирди ҳам меоянд. Ҷаҳони рақамӣ дар суперматни калони таърихӣ нишонаҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи андешаи коммуникативиро алоқаманд месозад. Ҳамин тавр, ин нишонаҳо муҳити рамзиро меофаранд. Онҳо воқеияти моро ба ҷаҳони виртуалӣ табдил медиҳанд»[19].

Намунаи нави виртуалию коммуникатсионӣ, моҳиятан, намунаи мураккаби ҳамкорӣ бо нишонаи таркиби виртуалӣ аст. Интернет муҳити хосро таҳти унвони «воқеияти виртуалӣ» (ВВ) дар бар мегирад. Ин начандон намунаи муҳити воқеӣ, балки бештар алтернативаи он аст. Мувофиқи таърифҳо, ин истилоҳ аз калимаи лотинии virtus – эҳтимолӣ, имконпазир ва realis – воқеӣ, мавҷуда гирифта шудааст: ҷаҳоне, ки бо воситаҳои техникӣ офарида шуда, ба инсон тавассути ҳиссиёти муқаррарии ҷаҳони моддӣ: биноӣ, шунавоӣ, шомма ва ҳиссиёти дигар барои дарк фиристода мешавад. Ин иллюзия (фиреби назар)-и ҳузури истифодабаранда дар муҳити намунасозишуда, ки барои ӯ сохта шудааст (ва «ҳузури фосилавӣ» ном дорад). Объектҳои воқеияти виртуалӣ бояд монанди объектҳои воқеияти моддӣ рафтор намоянд (вале онҳо объектҳои ҷаҳони моддӣ нестанд). Субъектҳои воқеияти виртуалӣ, моҳиятан, ба ҳам монанданд ва бисёр вақт номҳои виртуалӣ (аватар) доранд. Истилоҳи «ҷаҳони виртуалӣ»-ро ҳанӯз дар аввали солҳои 50-уми асри XX олимони америкоӣ, яке аз падарони графикаи компютерӣ Иван Сазерленд мавриди истифода қарор дода буд. Ҷаҳони виртуалӣ, ба андешаи ӯ, тасвирест, ки инсон онро дар экрани дисплей дарк мекунад, яъне тасвири як навъ ҷаҳони сунъии компютерӣ. Мафҳуми «воқеияти сунъӣ»-ро бори аввал рассоми компютерии америкоӣ Майрон Крюгер [20] дар охири солҳои 60-уми асри XX истифода бурд. Соли 1964 Станислав Лем – файласуф-футурологи Полша, дар китоби худ «Ҷамъи технологияҳо» (дар боби «Фантомология») вазифаҳо ва маъноҳоро барои тамаддуни ҷавоб ба саволи «чи гуна воқеиятеро бояд сохт, ки он барои махлуқҳои боақли дар он зиндагикунанда аз воқеияти муқаррарӣ фарқе надошта бошад, вале ба қонунҳои дигар тобеъ гардад» шарҳ дод. Соли 1989 олими маъруфи америкоӣ, оҳангсоз ва адиб Ҷерон Ланйе [21] истилоҳи имрӯз бештар маъмули «воқеияти виртуалӣ»-ро ба истифода дод, ки он мафҳуми «ҷаҳони виртуалӣ»-ро васеъ намуд: дар воқеияти виртуалӣ барои одамон имкони ҳамкории фаъол на танҳо бо компютер, балки бо якдигар низ фароҳам оварда шудааст. Бо гузашти вақт ин истилоҳ маънои умумӣ ва фалсафӣ касб кард. Ҳоло, вақте ки технологияҳои компютерӣ ба ҳама

намудҳои фаъолияти инсон ворид мешаванд, ҷаҳони виртуалӣ низ аз ҳудуди компютерҳо ва шабакаҳои компютерии худ берун меравад. Технологияҳои компютерӣ тадриҷан бо ҳамаи воситаҳои анъанавии ахбору коммуникатсияи омма (ба мисли матбуот ва ВАО-и аудиовизуалӣ) муттаҳид гашта, амалан ба онҳо монанд мешаванд (ягон нашрияи чопии муосирро бе истифодаи барномаҳои графикӣ ва матнии компютерӣ тасаввур кардан номумкин аст; инчунин, телевизион бе истифодаи имкониятҳои аудиовизуалии компютер вуҷуд надорад; теъдоди зиёди нашрияҳои чопӣ вариантҳои электронии худро доранд ва стансияҳои радиою телевизион соҳиби «эфири электронӣ» мебошанд). Интернет ва маҳсулоти он чун ивазкунандаи пурраи намудҳои анъанавии ВАО истифода шуда метавонанд. Намунаи виртуалию коммуникатсионӣ қадаме аз мубодилаи одии иттилоот дар байни «фиристанда» ва «қабулкунанда» ба ташкили муҳити иттилоотиест, ки онро иштирокчиёни муколама мефаҳманд ва тағйир медиҳанд, муҳити виртуалию иттилоотиро худи иштирокчиёни раванди мубодилаи иттилоот ба вуҷуд меоранд. Ҳамкорӣ хусусияти бисёрсамта дошта, на дар байни фиристанда ва гирандаи иттилоот (ба мисли намунаҳои анъанавии коммуникатсия), балки дар байни истифодабаранда ва муҳити виртуалӣ ба роҳ монда мешавад, ки дар он ҳамаи иштирокчиёни муколама ҳамзамон фиристанда ва гирандаи иттилоот мебошанд (ҳамагуна фиристандаи иттилоот ҳамзамон истеъмолкунандаи он аст).

Ҳоло дар бораи «намунаи секунҷаи коммуникатсия» низ сухан мегӯянд, ки он се функсияи истифодаи шабакаро дар бар мегирад:

1. Функсияи хештангароӣ (express): вазифаи муҳимтарин – муаррифии худ ва манфиатҳои худ дар шабака. Мувофиқи назарпурсӣ [22], дар байни блоггерҳои амрикоӣ (дар бораи блогҳо поёнтар маълумоти муфассал дода мешавад) 52% «хештангароии эҷодӣ»-ро омили асосии худ шуморидаанд. Дар байни блоггерҳои немис ин нишондиҳанда ба 66.8% баробар аст.

2. Функсияи робита (connect): робита ва мубодилаи иттилоот бо дигар истифодабарандагон ва ҳамфикрон. Чунончи дар ИМА 37 фоизи блоггерҳо бо дӯстон ва шиносҳо робита дошта, 16 фоизи блоггерҳо бо одамони нав шинос шудан мехоҳанд. Дар Ҷумҳурии федералии Германияи ин таносуб 55% ва 18% аст [23].

3. Функсияи иштирок (share): иштирок дар ташкили дастаҷамъонаи иттилоот ва истифодаи он.

Ҳамин тавр, нишонаи хоси ҷамъияти иттилоотии муосир дастаҷамъона ташкил ва паҳн намудани иттилоот аз тарафи аъзоёни ин ҷамъият ба шумор меравад (ва на танҳо аз тарафи мутахассисони иттилоот, тавре ин пештар вобаста ба ҳамаи намудҳои анъанавии ВАО тафсир карда мешуд). Намудҳои анъанавии ВАО, дар навбати худ, ногузир ба шароити нав мутобиқ гардида, бештар интерактивӣ мешаванд, ки ин бо роҳи воридшавӣ ба интернет рӯй медиҳад. Интерактивӣ тавсифи асосии воситаҳои нави ахбор омма ва гарави мубодилаи озодонаи иттилоот аст.

АДАБИЁТ

1. Ниг.ба: Тоффлер Э. Третья волна. М., 2004.
2. Ниг.ба: Кашлев Ю.Б. и др. Информация, массовая коммуникация и международные отношения. М., 2005. С. 40.
3. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования. М., 1999.
4. Ниг.ба: The Gutenberg Galaxy: The Making of Typographic Man. Toronto, 1962; Understanding Media. N.Y., 1964.
5. Ниг.ба: Друкер П. Посткапиталистическое общество. М., 1999.
6. Ниг.ба: Кашлев Ю.Б. и др. асари зикршуда, с. 41.
7. Ниг.ба: Масуда Е. Информационное общество как постиндустриальное общество. М., 1997.
8. Ниг.ба: Кастелъс М. Информационная эра: экономика, общество и культура. М., 2000 (шакли электронӣ: http:// www. gumer.info/bibliotek_Buks/Polit/kastel/05.php).
9. Имрӯз, бино ба маълумоти ЮНЕСКО, дар ҷаҳон қариб 228 кишвар ба ҳисоб гирифта шудаанд, ки аҳолии онҳо тахминан бо 6700 забон ва лаҳҷаҳои он гуфтугӯ мекунанд. Илова бар ин, на зиёда аз 500 забон соҳиби хат буда, танҳо 200 забон аз ин теъдод анъанаи хат доранд.
10. Ниг.ба: Кашлев Ю.Б. и др. асари зикршуда. С. 7-9.
11. Серван-Шрейбер Ж. - Л. Власть информации. М., 1973.
12. Кастельс М. асари зикршуда.
13. Ниг.ба: Aus Politik und Zeitgeschichte (замимаи газетаи Das Parlameni). 2008. N 39. S. 2.
14. Ниг.ба: http:// www. osp.ru/news/2008/0701 /5195509/ (18.08.19)
15. Ниг.ба: Кашлев Ю.Б. и др. асари зикршуда. С. 11, 40.
16. Ниг.ба: www. ard.de/intern/basisdaten/onlinenutzung (аз 02.01.2009).
17. Номҳои наздик: ITV, iTV, i-TV, ETV, eTV, Enhanced Television (TV), Enhanced Broadcasting, Fully Interactive TV, Interactive Digital Television (TV), Synchronous Programming, Digital Interactive TV/Broadband IP Convergence, Interactive Cable, Interactive Video, Advanced TV, Advanced Interactive TV, TV with Interactive Programming, Total ITV, Multiplexed TVviewing, Full-service Integrated Interactive TV, Customized, Individualized or Personalized TV (бештардарАврупоистифодабурдамешавад), Active TV Интерактивноетелевидениеможетассоциироватьсяс: Web TV, WEB Enhanced TV, Internet TV, Internet

Television, Net TV, Online TV, Internet on TV, TeleWeb, TV-based Web Browsing, TV Based Browsing, TV Internet System, Web-over-TV, BusinessTV, Set-top Browsers, Internet HDTV (High Definition Television).
18. Ниг.ба: Казанцев Г. Интерактивное телевидение - новая эра прямого маркетинга // Мировая экономика и международные отношения. 2006. N 11.
19. Ниг.ба: Поликарпова Е. Аксиологические функции масс-медиа в современном обществе (www. gumer.info/bibliotek_ Buks/Gurn/Polikarp/index.php).
20. Майрон Крюгер – таҳиягари нахустин асарҳои интерактивию бадеӣ, пешоҳанг дар соҳаи тадқиқи воқеияти виртуалӣ.
21. Ҷерон Ланйе истилоҳро барои тавсифи муаррифии инсон дар воқеияти виртуалӣ - аватар (дар санскрит – «ғуруби» худо, дар ҳиндуия таҷассуми худо Вишна дар симои қаҳрамонон Кришна, Рама, гуроз, пакана ва ғ., ки дар рӯи замин корнома нишон медиҳад) истифода бурд. Ширкати ӯ VPL Research аввалин дастпӯшаки рақамиро барои идоракунии ВР-ҳамкорӣ, инчунин воситаҳоро барои таҳияи ВР-намунаҳо истеҳсол намуд.
22. Ниг.ба: http:// labs.live.com/photosynth/default.html от 15.07.2008 (26) См.: www. pewinternet.org/pdfs/PIP%20Bloggers%20Report% 20 July%2019%202006.pdf от 15.07.2008
23. Ниг.ба: Meckel M. Aus Vielen wird das Eins gefunden-wie Web 2.0 unsere Kommunikation verandert // Aus Politik und Zeitgeschichte. 2008. N 39. S. 23.

МУХТАСАРИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

Дар мақола ба рушду такомули ҷамъоварӣ ва интишори иттилоот сухан рафта, таъкид гаштааст, ки дар натиҷаи ба осонӣ паҳн ва дастрас намудани иттилоот тавассути дастовардҳои илмӣ-техникӣ ҷаҳон ба як деҳкадаи хурд табдил ёфтааст. Ба андешаи муаллифон, ба туфайли пайдоиши воситаҳои мултимедиа ҳамгироии компютерии мазмуни оморӣ (матн, графика, расм) ва динамикӣ имконпазир гардид. Мувофиқати қисмҳо ва робитаҳо дар системаи гиперматн (матни калон) бо воситаҳои мултимедиа имкон дод, ки ду муҳити нави комилан аз мувофиқати одии ин ду таркиб фарқкунанда – гипермедиа ташкил карда шавад. Ба таъкиди муаллифон, намунаи виртуалию коммуникатсионӣ қадаме аз мубодилаи одии иттилоот дар байни «фиристанда» ва «қабулкунанда» ба ташкили муҳити иттилоотиест, ки онро иштирокчиёни муколама мефаҳманд ва тағир медиҳанд, муҳити виртуалию иттилоотиро худи иштирокчиёни раванди мубодилаи иттилоот ба вуҷуд меоранд. Имрӯз технологияҳои компютерӣ ба ҳама намудҳои фаъолияти инсон ворид шудааст ва ҷаҳони виртуалӣ низ аз ҳудуди компютерҳо ва шабакаҳои компютерии худ берун гаштаанд ва технологияҳои компютерӣ тадриҷан бо ҳамаи воситаҳои анъанавии ахбору коммуникатсияи омма муттаҳид шудаанд.

Калидвожаҳо: иттилоот, аудио, видео, аниматсия, компютер, медиа, телевизион, радио

КОРОТКО ОБ ИНФОРМАЦИОННОМ ОБЩЕСТВЕ

В статье обсуждается развитие и совершенствование сбора и распространения информации, и подчеркивается, что в результате легкого распространения информации и доступа к ней, благодаря достижениям науки и техники мир превратился в маленькую деревню. По словам авторов, благодаря появлению мультимедиа стала возможной компьютерная интеграция статистического (текст, графика, изображения) и динамического контента. Совместимость частей и соединений в гипертекстовой системе (крупный текст) с помощью мультимедиа позволила создать две совершенно новые среды, отличающиеся от простого сочетания этих двух компонентов – гипермедиа. По мнению авторов, виртуальная коммуникационная модель – это шаг от простого обмена информацией между «отправителем» и «получателем» до создания информационной среды, понятной и изменяемой участникам диалога, и самой виртуальной информационной среды. Сегодня компьютерные технологии проникли во все виды человеческой деятельности, а виртуальный мир вышел за пределы компьютеров и компьютерных сетей, и компьютерные технологии постепенно интегрируются со всеми традиционными средствами массовой коммуникации.

Ключевые слова: информация, аудио, видео, анимация, компьютер, медиа, телевидение, радио.

BRIEFLY ABOUT THE INFORMATION SOCIETY

The article discusses the development and improvement of information collection and dissemination, and emphasizes that as a result of easy dissemination of information and access to it, thanks to the achievements of science and technology, the world has become a small village. According to the authors, thanks to the advent of multimedia, computer integration of statistical (text, graphics, images) and dynamic content has become possible. The compatibility of parts and connections in a hypertext system (large text) using multimedia allowed us to create two completely new environments that differ from the simple combination of these two components – hypermedia. According to the authors, the virtual communication model is a step from a simple exchange of information between the "sender" and "recipient" to creating an information environment that is understandable and changeable to the participants of the dialogue, and the virtual information environment itself. Today, computer technology has permeated all human activities, and the virtual world has moved beyond computers and computer networks, and computer technology is gradually integrating with all traditional media.

Keywords: information, audio, video, animation, computer, media, television, radio.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Садуллоев Ҷамшед Мулокомилович **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи журналистика. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Сведения об авторах: ***Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали*** - Таджикский национальный университет, академик Национальной академии наук Таджикистана, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17
Садуллоев Джамшед Мулокомилович - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the authors*: Imomzoda Muhammadyusuf Saydali* - Tajik National University, Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, professor of the Department of History of Tajik Literature**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.
Sadulloev Jamshed Mulokomilovich - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17

УДК: 07. (575.3)

ТАЪСИРИ ИНТЕРНЕТ БА НИЗОМИ КОРИ МАТБУОТИ ДАВРӢ

Абдуҷалилов Фирдавс, Ҳамидиён И.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Табиист, ки пайдоиши ҳар воситаи нави хабаррасон ба фаъолияти дигар воситаҳо таъсир мегузорад. Мафҳумҳое монанди “Интернет ТВ”, “Интернет-радио”, “Интернет-газета” ва амсоли инҳо натиҷаи ҳамин раванд буда, гоҳо ба ҷои “Интернет” истилоҳи “Онлайн” низ истифода мешавад, масалан, “Онлайн-газета”, “Онлайн-радио” ва ғ. Баъзан версияҳои онлайнии васоити ахбори оммаро бо истилоҳи умумии “Интернет-ВАО” (Интернет-СМИ, Internet-media) ифода мекунанд. Ба таърифи муҳаққиқи рус И. Зубков “.....Интернет- ВАО ҳамчун веб-сайтҳои муайян вазифаи расонаҳои хабариро дар шабакаи интернет иҷро мекунанд, ки бо принсипҳои журналистика роҳнамоӣ мешаванд” [4]. Ба ҳамин монанд, ба шинохти Т.Ф. Ефремов: “Интернет-ВАО” ин нашрия, маҷалла ва монанди инҳост, ки бо технологияи компютерӣ сохта шуда, ба воситаи ин шабака ба муштариён расонида мешавад. ” [2, С. 23]

Коҳиш ёфтани тиражи нашрияҳои даврӣ кам шудани хонандагону муштариён, камранг шудани таъсиргузории онҳо ба афкори умум ва ба ҳолати бади иқтисодӣ гирифтор шудани баъзе расонаҳои чопӣ аз масъалаҳоест, ки коршиносон ва соҳибрасонаҳо дар аксар маврид аз оммавияти интернет вобаста медонанд, зеро "Интернет ҳама чизро ба ҳама шаффоф сохт. ВАО-и анъанавӣ роҳҳояшонро гум карданд. Албатта, дар ин замина, натанҳо нашри электронии касбӣ, балки ҳатто вебсайти донишҷӯии оддӣ низ метавонад ҳар гуна чорабиниҳои сершумор ва воқеаҳои муайяни рӯзро нашр карда, хонандаву харидор ёбад.” [1, С. 10]

Рақобат дар ҳама ҳолат сабаби талошу мубориза ва дар ниҳоят пешрафт мегардад. Ҳар нашрия ё оналай-газета то рақиби расонаҳои дигар шудан бояд зинаи мутобиқшавиро паси сар кунанд. Муҳаққиқи соҳа А. Грабельников дар бораи нашрияҳои пасошӯравӣ андеша ронда, камбудии онҳоро дар он мебинад, ки “Мушкилоти аслии ин нашрияҳо мутобиқ нашудани онҳо ба варианти шабакавист, дар навбати худ ин ба стандартҳои ҷории байналмилалии журналистикаи чопӣ дар интернет ҷавобгӯ нест” [16, С. 31] .

Фаъолияти интернет-нашрияҳо дар Тоҷикистон ба маънои том ва ҷавобгӯ ба тамоми қонуниятҳои онлайн-газета, ташаккул наёфтааст. Тамоми муҳаққиқоне, ки нисбат ба ин бахши журналистика изҳори назар намуданд, умдатан сомонаҳоеро дар назар доштанд, ки саҳифаи интернетии рӯзномаҳо ҳастанд. Аз ин нигоҳ, шумораи онҳо кам нест, аммо то кучо инҳо маъруфияти як расонаи онлайниро ифода мекунанд ва ба муассисон имкон медиҳанд, то зарфияти аздастрафтаи нашрияҳоро барқарор кунанд, масъалаи баҳснок аст. Мо низ сомонаҳои назди рӯзномаҳоро бо номи шартии “онлайн-газета” ном мебарем.

Ягона унсури фарқкунандаи онҳо дар ҷой додани версияи электронии нашрияҳо дар шакли PDF мебошад, ки аксар сомонаҳои ҳафтаномаҳои кишвар ҷорӣ кардаанд.

Портали www.faraj.tj, ки рӯзномаҳои Маркази тадқиқоти журналистии Тоҷикистонро муттаҳид мекунад, нисбатан фаъол аст. Ба ғайр аз матолиби нашрияҳо Марказ хабару мақолаҳо низ интишор мекунад. То ҳол ин Марказ асосан ба ҳафтаномаҳо такя мекард, бо фаъол кардани сомонаи www.sugd.tj он ба расонаҳои электронӣ таваҷҷуҳашро бештар кард. Эҳтимолан муваффақияти дубораи ин Марказ дар вуҷуди интернет хоҳад буд. www.cccp.tj, кирӯзномаи“СССР”-ро муаррифӣ мекунад, аз дигар онлайн-газетаҳоифаъоласт. Он талош дорад, ки ба сифати нашрияи онлайнӣ ташаккул ёбад. Портали www.tajikistantimes.tjмарбут ба гурӯҳирасонаҳои “Оила принт” қадамҳои тоза гузошта истодааст. Шароити молии медиаҳолдинги “Оила принт” беҳтар аст ва барои ташаккули нашрияҳои онлайнӣ шанси васеъ дорад. Медиаҳолдинги “Чархи гардун” дучори мушкилоти зиёд аст, аз он умеди камтар боқӣ мондааст. Рӯзномаи “Азия пюлс” ки ба АИ “Азия плюс” дахл доранд, наметавонанд дар алоҳидагӣ чун нашрияи онлайнӣ

баромад кунанд. Ҳафтаномаи “Миллат” бо вуҷуди доштани веб-сайти алоҳида (www.millat.tj) қодир нашуд, ки дар интернет мавқеъ пайдо кунад.

Аз расонаҳои ҳукуматӣ “Ҷумҳурият”, “Садои мардум”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Хатлон” ва “Ҳақиқати Суғд” ба фаъолияти сомонаҳояшон таваҷҷуҳ мекунанд ва иқтидори хуби ташкили интернет-нашрияҳои муваффақро доранд.

Журналист ва таҳлилгари расонаҳои онлайнӣ Исфандиёр Одина ба қаринаи электронӣ гузаштани матбуоти давриро ягона роҳи дастрасии онҳо ба тамоми манотиқи кишвар медонад. Исфандиёри Одина камтар дастрас будани расонаҳои чопиро дар маҳалҳо мушкили асосии матбуоти мустақили даврони Истиқлолият меҳисод: "Дар маҷмӯъ вазъияти расонаҳо дар Тоҷикистон тайи як даҳаи гузашта беҳтар шудааст, аммо мушкилоте ҳамчунон вуҷуд дорад. Бештари нашрияҳо тиражи андаке (аз як то 10 ҳаор адад) доранд, ҳафтае як бор чоп мешаванд ва танҳо дар шаҳрҳо паҳн мешаванд, ба рустоҳои дуруфтода, ки бештари ҷамъият онҷо ба сар мебарад, намерасанд.” [12] Марзшикан будани интернет матбуоти тоҷикро дар тамоми гӯшаву канори кишвар дастрас мекунад.

Ҳамаи ин дар кулл, мушкилотест, ки ривоҷ наёфтани интернет-газетаҳои тоҷикиро баён мегардад. Ба андешаи Мурод Муродӣ акнун расонаҳои чопиро зарур аст, ки ба матолиби таҳлилӣ бештар таваҷҷуҳ кунанд, то иттилоотӣ. Чун интернет дигар фаврияти пахши иттилоъро соҳиб шудааст: “Бо рушди васоити электронӣ (ВЭА), аз ҷумла интернет, баъзе аз вазифаҳо ва рисолате, ки қаблан расонаҳои чопӣ доштанд, аз даст медиҳанд. Асосан фаврияти пахши иттилоъро. Бо вуҷуди ин, замон ҳамеша дар тараққиёт аст, воқеаҳои нав ҳар лаҳза рӯй медиҳанд ва дар инъикоси онҳо интернет бартарӣ дорад. Ин андешаи дигарро ба вуҷуд меорад, ки матбуот бояд рисолаташаро дигар кунад. Имрӯз матбуот ба минбари иттилоот не, балки ба минбари афкор табдил ёфтааст. Ин омил аз як нигоҳ хуб ҳам ҳаст, ки аудиторияро ҷудо мекунад. Ҳоло хонандагони матбуот назару андеша ва чаҳонбинию муносибаташон хубтар аст” [11] .

Аз ҳамин лиҳоз, коҳиш ёфтани шумораи хонандагон матбуоти даврӣ аз масъалаи доғи журналисткаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Рухшона Олимова ҳам ин равандро ба таъсироти технологияи компютерӣ мебинад: “Вақте имрӯз мегӯянд, теъдоди нашри рӯзномаҳо кам мешавад ва инро ба бухрон вобаста медонанд, ман фикр мекунам, чандон дуруст нест. Шояд талаботи бозор дигар мешавад. Мардум дигар интизори рӯзи панҷшанбе баромадани рӯзномаҳо нест, дар ҳоле ки он иттилоъро аз интернет хондан мумкин аст. Барои ин як ҳафта интизор шудан ҳоҷат нест. Аз чоп кардани рӯзномаҳои ҳаррӯза, рафтани оҷонсиҳои иттилоотӣ ба Фейсбук, нерӯманд кардани сомонаҳо манзур нигоҳ доштани аудитория аст.” [7]

То рафт тангтар гардидани бозори расонаҳои чопӣ, бештар ба нашрияҳои сифатии сиёсӣ ва иттилоотӣ хос шудааст. Рӯзномаҳои хиёбонӣ як навъ аз ин гирдоби хатарзо дар канор мондаанд. Шояд ба далели он аст, ки аудиторияи онҳоро бештар занони хонашин ва калонсолон ташкил медиҳанд. Табиист, ки дастрасии онҳо ба интернет камтар аст. Новобаста ба ин, онҳо ҳам таъсири инро хоҳанд чашид.

Маҳдуд шудани бозори расонаҳои чопӣ аз соли 2009 ба ин сӯ оғоз гардид. Ин замонест, ки журналистикаи тоҷик ба марҳилаи нав ворид гардид ва таъсироти типи нави расонаӣ- интернет-ВАО аён шуд. Ҳамоиши расонаӣ аввалин зарбаи худро ба матбуот расонид. Ҳанӯз соли 2012 дар ин робита сомонаи радиои «Озодӣ» матлаберо зери унвони «Интернет нашрияҳои Тоҷикистонро муфлис мекунад» интишор намуд, ки ба воқеияти имрӯзи бозори расонаҳои чопӣ бисёр мувофиқ аст. Муаллифи матлаби мазкур менависад: «Интернет, ки чанд сол пеш дӯсти ҷонии ҳафтаномаҳои Тоҷикистон буд, ҳоло ба як норафиқи онҳо табдил шудааст. Нашрияҳои Тоҷикистон, ки то кунун аз кам будани хонандаҳо менолиданд, ҳоло ба воқеъияти талхи дигаре рӯ ба рӯ шудаанд. Дастрасии рӯзафзун ба Интернет ва бештар шудани хабаргузориву нашрияҳои интернетӣ бозори ҳафтаномаҳои Тоҷикистонро танг ва тиражи нашри онҳоро камтар кардааст».[5]

Тираж- муайянкунандаи эҳтимолии хонандагон барои матуботи даврӣ буда, фурӯши нашрияҳо асосан дар савдои чакана ё ба воситаи обуна, муҳимтарин василаи даромад аст. Аз ҳамин нуктаи назар, мантиқист хулоса кунем, ки интернет ба миқдори хонадагон ва харидорони матуботи чопӣ беасар набудааст. Ин ба он маъност, ки интернет воситаи аслии иттилоърасонӣ гардидааст. Тибқи як тадқиқоти сотисологие, ки аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии “Медиа консалтинг” дар соли 2016 гузаронида шудааст, аксари кормандони расонаҳо кам шудани шумораи хонандагонашоро тасдиқ мекунанд:

Кам шудани теъдоди нашри рӯзномаҳои мустақил, ки даромади онҳо аз ҳисоби фурӯш, реклама ва даромади муассис аст, дар шароити феълӣ як амри табиист. Гарчанде

яке аз роҳҳои осонии кори нашрияҳои даврӣ интернет аст. Ин раванд ба нашрияҳои ҳукуматӣ ва кооперативӣ камтар таъсир расонидааст, зеро онҳо бо обуна ва доираи хонандагони худӣ таъминанд ва аз кам ё зиёд шудани теъдоди нашри ин рӯзномаҳо зарари молӣ ба онҳо нахоҳад расид. Ба вазъияти ногувори молӣ дучор омадани расонаҳои чопӣ бо аз даст додани хонандаҳо боис гардид, ки муҳтавои матуботи даврӣ ҳам хеле коста гардад. Ошкор гардид, ки бештари нашрияҳои хиёбонӣ эҳтиёҷоти худро аз ҳисоби фурӯш таъмин мекарданд.

[13]

Ба ҳолати буҳронӣ гирифтор гардидани расонаҳоро коршиносони иқтисодӣ ва журналистика ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Бархе аз онҳо буҳрони ҷориро, ки аз соли 2014 шадид гардид, муҳимтарин омил медонанд. Бархе дигар ногузир шудани ковергентсияи расонаиро пеш меоранд. Агар буҳрон бозори муштариёнро кам созад, пас зуҳури интернет ба тираж ва реклама таъсир расонд ва маҳдудиятҳои озодии баён имкон нахоҳад дод, ки дилхоҳ мавзӯъ мунфисона таҳлил гардад. Ҳамаи ин ба нуфузи расонаҳо беасар наемонад ва дар натиҷа фаъолияти онҳо маҳдуд мегардад.

Буҳрони ҷорӣ нишон дод, ки таъминоти молии расонаҳои тоҷик, бавижа расонаҳои онлайнӣ комилан аз даромади муассисон вобаста аст. Нашрияҳое, ки дар шакли анъанавӣ ба буҳронӣ молӣ дучор омаданд, дар шакли онлайнӣ ҳам муваффақ нагардиданд. Дар мисоли дигар шаклҳои васоити ахбори омма низ мумкин аст, инро муқоиса кард. Ба муаллифи мақолаи “*Зарба ба гӯшу даҳони халқ*”, ки нисбат ба муассисон ва соҳибмулкони расонаҳои ғайриҳукуматӣ баён медорад, метавон розӣ шуд: “ Феномене, ки ҳадди аққал ду таркиби вижа дорад: нахуст ин, ки дар ҳеҷ кишвари дигари ИДМ 99% расонаҳои мустақил аз ҷониби журналистон таъсис наёфтаанд, дувум ин ки расонаҳо нақши азҳоби сиёсиро иҷро карда, огоҳона аз қудратталабони мухталиф канораҷӯӣ мекунанд. Дар Русияву Қазоқистон ва ҳатто Қирғизистони парлумонӣ аксарияти кулли расонаҳо ба нерӯҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои моливу саноатӣ ва олигархӣ тааллуқ доранд” [9].

Тааллуқияти васоити ахбори оммаи ғайриҳукуматӣ ба ашхоси рӯзноманигор ва ё медиамагнатҳо бешубҳа барои беғаразии фаъолияти онҳо хуб аст, агар онҳо мустақилияти молӣ дошта бошанд ва мудирияти молиро дар рақобати бозори расонаӣ танзим карда тавонанд. Буҳрон амалан исбот намуд, ки расонаҳои мустақили тоҷикро муассисоне мудирият мекунанд, ки фаъолияти онҳо дар ҳар ҳолат бекафолат аст. Натиҷаи буҳрони иқтисодӣ на танҳо матуботро ба ҳолати бади молӣ оварда, балки чанд расона ба он тоб наоварда, фаъолияташонро расман қатъ карданд.

Гузашта аз ин дар будҷаи соли 2017 барои ҳаққи қалами рӯзноманигорон ва чандин хароҷотҳои дуюмдараҷаи ВАО-и расмӣ маблағ ҷудо нашуд ва расонаҳо бояд ин маблағро аз ҳисоби худ пардохт мекарданд. “Мутаносибан, аз 15 то 20 дарсад барои расонаҳои

ҷудогона ихтисор гардид. Ҳамчунин дар пайи мушкилоти молӣ соли 2017 ду ҳафтаномаи вилоятӣ - “Вароруд” ва “Дам” (Суғд) аз чоп монданд.” [15]

Ба ин масъала некбин бояд буд, зеро “бухрон фурсати хубе барои офаридани андешаҳо ва қувваи тоза мебошад.” [7] Бухрони иқтисодӣ “фурсати беҳтарин”-ро дар ҳамзамонӣ бо таъсироти интернет ба фазои иттилоотӣ эҷод намуд. Аз ин рӯ, дурнамои журналистика тоҷик ва истифода аз фурсати бадастомадаро дар имконоти интернет ҷустуҷӯ бояд кард. Роҳҳои анъанавии даромади молӣ ва усулҳои алтернативӣ дар фазои маҷозӣ омезиш ёфтаанд, чунки “пайдоиш ва рушди интернет ба тағйирёбии ҷиддӣ дар бозори ВАО боис шуд. Афзалиятҳои асосии рақобатпазирии интернет - набудани маҳдудиятҳои дастрасии ҳудудӣ, маҳдудияти надоштан барои идоракунии дастрасӣ ва мӯҳтаво, дар муддати кӯтоҳ навсозии иттилоот, қобилияти интиқоли бемаҳдуди иттилоот мебошад, ки боиси он гардид, то интернет дар бозори ВАО ворид шавад.” [8, С. 74]

Акнун роҳбарони ВАО-и тоҷикро мебояд баҳри пешрафт ва мавқеъ пайдо намудани шакли онлайнии расонаҳои худ андеша намоянд. Ҳудкифо нашудани расонаҳои онлайнӣ ҳамчун мушкили калидӣ боқӣ мондааст. Ба ибораи Бен Руни (Ben Rooney) корманди The Wall Street Journal (WSJ)“Барои нашрияҳои имрӯза нисбат ба гузашта рақобат бештар аст. Аллакай дигар нашрияҳо муҳтавои худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ, монанди Facebook ё Twitter ва ё бозиҳои мисли Angry Birds пешниҳод мекунанд. Лозим аст, ки бренди худро дар платформаҳои гуногун ва пешниҳоди матолиби ҷолибро тавсеа диҳанд”. [13]

Ба роҳ мондани фаъолияти мунтаззами қаринаи оналайнии рӯзномаҳо дар оянда афзалиятҳои хосаро ҷиҳати шикастани қолабҳои ҷуғрофии доираи хонандагони нашрияҳои анъанавӣ ва монанди ин метавонад соҳиб шаванд. Ҳарчанд “...аудиторияи онлайн-версияи рӯзномаҳои имрӯза аз варианти коғазии худ бисёртаранд. Баъзе аз онлайн-версияҳо барои ҷомеа, намояндагони мақомоти гуногуни ҳукуматӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва воситаҳои ахбори омма сарчашмаҳои устувор ва эътимодбахши иттилоот ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин, аксарияти мутлақи захираҳои онлайнӣ ҳанӯз дар субсидияҳои муассисони худ буда, ҳамчун ВАО камдаромаданд" [14] . Барои аз дотатсияи муассисон озод кардан ва аз расонаҳои “зарароварҳ” ба “фоидаовар” табдил додани версияҳои онлайнии ВАО-и классикӣ, тақвият бахшидани фурӯши иттилооти интернетӣ ва ҷорӣ намудани реклама дар сомонаҳои хабарӣ зарур аст.

Ҳарчанд интернет ҳамчун манбаи даромад аз ҳисоби иттилоот ба расонаҳои онлайнӣ хизмат карда метавонад. Кам шудани теъдоди нашри рӯзномаҳои мустақил ва ба интернет ворид шудани онҳо боиси косташавии фоидаи молии муассисонашон гардида, худкифо шудани онҳоро мушкилтар кард. Аз ин рӯ, фурӯши иттилооти онлайнӣ то ҷое вазъияти онҳоро беҳтар хоҳад кард. Фурӯши иттилоъ дар олами маҷозӣ вобаста ба сатҳи иҷтимоии мардум то ҳол муваффақона сурат нагирифтааст.

Реклама дар интернет масъалаи дигарест, ки мушкили молии интернет-ВАО-ро бештар кард. Интернет барои интишори майдони алтернативии муносиб шароит муҳайё сохт ва то андозае маркази интишори рекламаро аз ВАО, махсусан, матбуоти даврӣ ҷудо кард, ки боиси коста гардидани яке аз шохаи асосии даромади онҳо шуд. Имрӯз ҳар мағоза, ширкат, корхона ё соҳибкорӣ одӣ метавонад, моли худро озодона таблиғ кунад. Ҳатто интернет-магазинҳо пайдо шуданд, ки навъи махсуси тиҷорат аст. Ин ҳолат намуди нави рекламаро ҳам асос гузошт. Ташкили сомонаҳои махсусгардонидашудаи рекламавӣ, монанди www.somon.tj, www.lalafo.tj ва www.rg.tj фаъолияти густарда пайдо карданд. Инҳо аз сомонаҳои иттилоотӣ ба маротиб бинанда ва корбари зиёд доранд ва ҳар корбар метавонад дар онҳо рекаламаи худро гузорад.

Дар интернет-нашрияҳо ва дигар пойгоҳҳои хабарӣ реклама ҷойи худро ба гунаи кофӣ наёфтааст. Ин аст, ки қисми рекламавии аксар веб-сайтҳои иттилоотӣ ташкил нашудаанд. Дар пахши рекламаву эълон сомонаҳои www.news.tj ва www.faraj.tj гомҳои нисбатан ҷиддӣ гузоштаанд. Махсусан www.news.tj қисмати рекламавии худро такмил дода, пайваста рекламаву эълон пахш мекунанд. Дар сомонаҳои дигари мавриди назар агарчи гӯшаҳо барои рекалама ҷой доранд, аммо онҳо хеле дер иваз мешаванд ё умуман реклама надоранд. Такмил нашудани гӯшаҳо барои таблиғ ё рӯи кор наомадани замимаҳо (преложения)-и ҷудогонаи рекламавӣ маънои нотавонии онҳо дар ҷалби реклама мебошад.

Чунин вазъият пиари ғайриқонуниро бештар мекунад, ки поймол шудани принсипҳои касбӣ ва даст задан ба фасод эҳтимол дорад. Табиист, ки дилхоҳ нашрия бо сабаби коста шудани доираи хонандагонаш, ба фурӯш нарафтани теъдоди нашр ва наёфтани рекламаи қонунӣ ва расонаҳои онлайнӣ бошанд бо ниёзмандии молӣ вақте дучор меоянд, дар пайи “сарпарастони пасипардагӣ” ва фармоишҳои ғайриқонунӣ

мегарданд. Муносибатҳои корупсионӣ ва таблиғи пӯшида беғаразии касбӣ ва рисолати созандагии ВАО-ро зери суол мебарад. Пай бурдани чунин муносибатҳо дар расонаҳои чопӣ кори мушкил нест.

АДАБИЁТ

1. Актуальные проблемы журналистики. Сборник научных статей. Выпуск 5. Душанбе: РТСУ-2012- 151 с.
2. Будущее журналистики: что говорят эксперты / onmedia.dw 23.04.206 Режим доступа: http://onmedia.dw-akademie.com/russian/?p=5905
3. ГиздатовГ.Гражданская журналистика — нерожденное дитя Казахстана / ГазинурГиздатов //09 06 2016.Режим доступа: https://www.neweurasia.net/ru/politics-and-society/grazhdanskaya-zhurnalistika-nerozhdennoe-ditya-kazahstana/
4. Грабельников А.Средства массовой информации постсоветской России: пятнадцать лет спустя / А.А.Грабельников – Москва, 2008. — 341с. Режим доступа: http://web-local.rudn.ru/web-local/prep/rj/files.php?f=pf_9d08986972490c220e8b5490df7850e8
5. Дӯстов С. Зарба ба “Чашму гӯши халқ” / Саймуддин Дӯстов //Нигоҳ, №43 (476). 26. 01. 2016. дастрасӣ:http://tojnews.org/tj/news/zarba-ba-chashmu-gushi-halk-sarmakolai-nigokh
6. Зубков И. Г. Информационный медиаконтент в интернете: современная спецфика и ключевые характеристики. Дис. канд. филол. наук: 10.01.10. / Зубков И. Г. – Москва, 2014. –155 с
7. Ерофеев, С. В. Становление профессии интернет-журналиста на рубеже XX - XXI вв. Дис. канд. филол. наук:10.01.10 / Ерофеев Сергей Владимирович.–Москва, 2011 –180 с.
8. Исследовательский опрос. Оценка воздействия мирового финансового кризиса на независимые средства массовой информации РТ. (*май-июль 2016 г*) Душанбе, 2016 - 56 с.
9. Каршибоев Н. Онлайн-журналистика в Таджикистане: яркое будущее или полная безнадёжность? / Нуриддин Каршибоев // НАНСМИТ 10.12.2010 Режим доступа: http://nansmit.tj/15202/
10. Кирьянова Л. Г.Экономика средств массовой информации: Учебноепособие /Л.Кирьянова – Томск, 2006. – 132 с.
11. Низом Ф. Сабақҳои “Бухорои Шариф” / Фирдавси Низом // firdavsinizom.blogspot.com 10.03.2016. Дастрасӣ: http://firdavsinizom.blogspot.com/2016/03/blog-post_10.html#more
12. Р.Олимова: «Бозори журналистикаи чопӣ маҳдуд шудааст» / Радиои “Озодӣ”// 02.05.2020. Дастрасӣ: http://www.ozodi.org/content/article/25042158.html
13. Сафар Т. Интернет нашрияҳои Тоҷикистонро муфлис мекунад / Тоҳири Сафар // Радиои “Озодӣ” 27.04. 2012 . Дастрасӣ: http://www.ozodi.org/content/article/24562596.html
14. Юсуфӣ Б. Вазъи матбуоти тоҷик аз нигоҳи ду рӯзномафурӯш / Барот Юсуфӣ // 07.03. 2017. Дастрасӣ: https://www.ozodi.org/a/tajik-media-from-yeas-for-two-tajik-newspaper-seller/28355574.html
15. Юсупов Н. Экономическая ситуация в СМИ Таджикистана, влияние кризиса и пути выхода из сложившейся ситуации / Наби Юсупов // Душанбе. 19.12.2015
16. Adinabay E. Changing media and politics in Tajikistan / Esfandiar Adinabay. – London, 2013. – 12 p.

ТАЪСИРИ ИНТЕРНЕТ БА НИЗОМИ КОРИ МАТБУОТИ ДАВРӢ

Дар мақола вазъи матуботи даврӣ дар 10-солаи ахир, ки давраи оммавияти бештари интернет дар ҷомеа мебошад, таҳлилу баррасӣ шуда, ба майлон(тендеция)-ҳои нав дар матбуот, таъсири интернет ба фаъолияти матбуоти даврӣ ва пеш омадани мушкилоту монеаҳои дар ин самт ба баҳои илмӣ дода шудааст. Бо маъруфият касб кардани интернет дар ҷомеа ва таъсири амиқ гузоштан ба фазои иттилоотӣ тағйиротҳои куллӣ дар фаъолияти матуботи даврӣ ба вуҷуд омад, ки аксари ин тағйиротҳо ба манфиати матбуоти даврии ватанӣ нестанд. Камаҳамият шудани матолиби хусусияти иттилоотидошта, коҳишёфтани тиражи нашрияҳо, танг шудани харидорон ва хонандагони онҳо дар бозори расонаӣ, менеҷменти замонавӣ надоштан ва коста шудани мавқеи реклама дар матбуот силсила проблемаҳое ҳастанд, ки бо ворид шудани интернет ба фазои иттилоотӣ бештар гардиданд, ки ин масъалаҳо дар мақола дар асоси факту рақам ва муқоисагузорӣ таҳқиқ шудааст. Натиҷаи пажӯҳишҳо нишон дод, ки то рафт мушкилоти матбуоти даврӣ бо таъсири интернет ҳам дар қисмати эҷодӣ ва ҳам молӣ афзоиш меёбанд. Махсусан матбуоти даврии ғайриҳукуматӣ бо вуҷуди талошҳо барои мутобиқ шудан ба равандҳои нав фаъолияти рӯзноманигорӣ бештар дучори коҳиши хонанда ва бӯҳрони молӣ мешаванд. Матбуоти ҳукуматӣ зери ҳимояи давлат қарор гирифта, ҳолати молиашон тағйир наёфтааст. Аммо ба майлонҳои нави журналистӣ чандон мароқ ва ҳавасмандӣ зоҳир намекунанд. Ин ҳолат тақозо мекунад, ки давлат барои ҳимояи матуботи мустақил ҳам тасмимҳои заруриро андешида, матуботи ҳукуматиро водор намоянд, ки имкониятҳои интернетро ҳадафмандона ва самарабахш истифода намоянд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, матбуоти даврӣ, пресса, интернет нашрия, низоми итиллоот, интернет журналистика, сосмонаҳои расмӣ, амнияти итиллоотӣ, технология.

ВЛИЯНИЕ ИНТЕРНЕТА СИСТЕМЕ РАБОТЫ ПЕРИОДИЧЕСКОГО ИЗДАНИЯ

В статье анализируется состояние и перспективы перидочиеской печати за последние 10 лет. Также дана научная оценка новым тенденциям, имеющим место быть в печати, влиянию всемирной сети интернет деятельности периодической печати, а также другим сопутствующим трудностям и препятствиям. Сеть интернет, ставшая популярным в обществе оказывая глубокое воздейтсвие информационному пространству трансформировало деятельность периодичской печати. Большинство этих изменений (трансформаций) противоречат интересам отечественной периодики. На основе фактов, соответствующих цифр а также сравнительного анализа в статье особое внимание уделяется отстутствию достаточного внимания информационной специфике, уменьшению тиража изданий, сокращению покупателей на рынке печатных изданий и читательской аудитории, отсутствию современного менеджмента, снижению рекламы в печатных СМИ. С внедрением интернета в информационное пространство выше упомянутые проблемы лишь увеличились. В результате исследования было выявлено, что трудности в деятельности периодической печати с влиянием интернета в творческой и финансовой составляющих увеличиваются. Тем не менее негосударственная периодическая печать

предпринимая усилия для соответствия новым направлениям в журналистской деятельности сталкивается с уменьшением количества читателей и финансовым кризисом. В свою очередь официальная периодическая печать будучи под эгидой государства, её финансовая часть не потерпела изменений. Однако, данный сегмент печати не настолько вызывает интерес среди журналистов. Исходя из всего этого государство обязывает официальную периодическую печать пользоваться возможностями интернета исключительно в целях и в меру.

Ключевые слова: Таджикистан, периодическая издания, пресса, онлайн газеты, информационная система, онлайн журналистика, официальные сайты, информационная безопасность, технология

INFLUENCE OF THE INTERNET TO THE WORK OF PERIODICALS

As a result of the study, it was revealed that the difficulties in the activities of periodicals with the influence of the Internet in the creative and financial components are increasing. Nevertheless, the non-state periodicals, making efforts to comply with new directions in journalistic activity, are faced with a decrease in the number of readers and a financial crisis. The article has been analysing the state and prospects of the Peridocal press over the past 10 years. Also, scientific assessments are given to new trends in print, the impact of the worldwide Internet on the activities of periodicals, as well as other related difficulties and obstacles. The Internet, which has become popular in society, has profoundly influenced the information space and has transformed the activities of the periodical press. Most of these changes (transformations) contradict the interests of Russian periodicals. Based on the facts, relevant figures and comparative analysis, the article pays special attention to the lack of sufficient attention to information specificity, a decrease in circulation of publications, a decrease in buyers in the print media market and readership, a lack of modern management, and a decrease in advertising in print media. With the introduction of the Internet into the information space, the above-mentioned problems have only increased. In turn, the official periodical press, being under the auspices of the state, its financial part has not undergone any changes. However, this segment of the press is not so interesting among journalists. Proceeding from all this, the state obliges the official periodicals to use the possibilities of the Internet exclusively for the purposes and in measure.

Keywords: Tajikistan, mass media, press, online-newspaper, information system, online journalism, official sites, information security, technology.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Абдуҷалилов Фирдавс*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи телевизион ва радиёи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17. E-mail:**firdavsjalili@gmail.com**
Телефон: **(+992) 904-50-52-58.**
Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 919708170**

Сведения об авторах: ***Абдуджалилов Фирдавс*** – Таджикский национальный университет, аспирант очной формы обучения кафедры ТВ и радиовещания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 904-50-52-58**. E-mail:**firdavsjalili@gmail.com**
Хамидиён Илхомджон Иномзода – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **919708170**

Information about the authors: ***Abdujalilov Firdavs*** - Tajik National University, full-time postgraduate student of the Department of TV and Radio Broadcasting of the Tajik National University. Address: **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **firdavsjalili@gmail.com** Phone: **(+992) 904-50-52-58**.
Hamidiyon Ilhomjon Inomzoda - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Television and Radio Broadcasting of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17 Pone: **919708170**

УДК: 070 (1-87)

ОҶОНСИИ ИМА ОИД БА ВАО-И ГЛОБАЛӢ

Муқимов М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърихи ВАО-и байналхалқии ИМА аз соли 1942 оғоз мегирад. Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон, 24 феврали соли 1942 Ҳукумати ИМА барои пахши барномаҳо ба Италия ва Олмони фашистӣ Радиои «Садои Америка»-ро таъсис дод ва аввалин барномаҳо ба забони итолиёвӣ ва немисӣ пахш шуданд [4, с.9]. То охири соли 1942 Радиои «Садои Америка», аллакай, бо 22 забон ба хориҷа барнома пахш мекард.

Ҳамон вақт зери назорати Департаменти давлатии ИМА Маъмурияти иттилооти байналхалқӣ таъсис дода шуд. Бо қарори Конгресси ИМА 1-уми августи соли 1953 ба ҷойи ташкилоти мазкур Оҷонсии иттилоотии ИМА (United States Information Agency - USIA) - органи тарғиботи хориҷӣ таъсис ёфт, ки то 1-уми октябри соли 1999 фаъолият карда, тобеи Департаменти давлатӣ буд. 3 -юми апрели соли 1978 USIA ба Оҷонсии иртиботи байналхалқии ИМА табодули ном кард. Вале моҳи августи соли 1982 номи аввалаи он баргардонида шуд.

Умури пахши байналхалқии Ҳукумати ИМА аз соли 1990 якҷоя фаъолият доранд. Ҳамон вақт Оҷонсии иттилоотии ИМА барои дар як ташкилот муттаҳид кардани се

расонаи худ – «Садои Америка», Умури телевизион ва кинои «Worldnet», Радио ва ТВ «Марти» Бюрои пахшро таъсис дод. Воқеан, 16-уми майи соли 2004 барои кам кардани хароҷоти «Worldnet» (шабакаи ҷаҳонӣ), ки соли 1983 таъсис ёфта буд, он ба «Садои Америка» ҳамроҳ карда шуд.

Пахши байналхалқии Ҳукумати ИМА аз 30 апрели соли 1994, баъди имзои Қонун дар бораи «Пахши байналхалқӣ» (International Broadcasting Act №103-236) аз ҷониби президент Билл Клинтон боз ҳам муттаҳид гардид. Тибқи қонунгузорӣ Бюрои байналхалқии пахш (IBB) ё ин ки Шӯрои идораи пахш (BBG - Broadcasting Board of Governors), ки ваколати назорати ҳамаи пахши байналхалқии давлатии ғайриҳарбиро дошт, таъсис дода шуд. Бояд гуфт, ки асоси қонуни мазкурро Хартияи «Садои Америка», ки соли 1976 президенти ИМА Ҷералд Форд имзо карда буд, ташкил медиҳад.

Соли 1998 Дар ИМА Қонун «Дар бораи ислоҳот ва таҷдиди сохтори корҳои хориҷӣ» қабул шуд. Тибқи қонуни мазкур 1-уми октябри соли 1999 Шӯрои идораи пахш (BBG) ё ин ки Шӯрои идораи пахши барномаҳои телевизиону радио ташкилоти мустақил гардида, масъулияти идораи «Садои Америка», Идораи пахши барномаҳо барои Куба, Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ва Шабакаҳои пахши барномаҳои Шарқи наздик (MBN)-ро ба дӯш гирифт [18].

Ҳоло «Садои Америка» бузургтарин ташкилоти иттилоотии мултимедиявии ИМА буда, мақари асосиаш дар шаҳри Вашингтон ҷойгир аст. Вай ба забони англисӣ ва 45 забони дунё барнома пахш мекунад. Аз моҳи январи соли 1994 иттилои пахшкардаи «Садои Америка» дар Интернет дастрас аст. Ҳоло ба ғайр аз радиову телевизион барномаҳои «Садои Америка» тавассути 48 сомона ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо забонҳои гуногуни дунё пахш карда мешаванд. Феълан Аманда Беннетт вазифаи директори радио ва телевизиони «Садои Америка»-ро ба уҳда дорад. «Садои Америка» яке аз 5 шабакаи пахши барномаҳои ИМА ба хориҷа аст, ки таҳти назорати Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) мебошад.

Радиои «Аврупои Озод»/Радио «Озодӣ» расонаи дуюмест, ки таҳти назорати USAGM қарор дорад. Воқеан, Радиои «Аврупои Озод» ҳамчун ташкилоти алоҳида пахши барномаҳояшро 4 июли соли 1950 аз студия дар Ню-Йорк барои Чехословакия шурӯъ карда, сипас барои кишварҳои сотсиалистии Европаи Шарқӣ идома додааст. Радиои«Озодӣ», ки барои Иттиҳоди Шӯравӣ пешбинӣ шуда буд, 1-уми марти соли 1953 пахши барномаҳояшро ба забони русӣ аз Мюнхени Олмон оғоз карда, сипас барномаҳояшро ба забонҳои дигари халқҳои СССР тавсеа бахшидааст. 1 октябри соли 1976 ин ду радио муттаҳид карда шуданд. Ҳоло 28 бахши Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ» ба 21 кишвари олам барнома пахш мекунанд. Дар шаҳри Прага ва 19 шуъбаи он дар кишварҳои мухталиф 400 рӯзноманигори штатӣ ва 750 хабарнигори ғайриштатӣ ифои вазифа мекунанд. Радиои мазкур яке аз бузуртарин расонаи таблиғотии ИМА мебошад [5]. Ҷейми Флай аз соли 2019 президенти Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ» аст.

Идораи пахши барномаҳо барои Куба ВАО-и сеюми байналхалқии ИМА мебошад, ки аз радио ва телевизиони «Марти» иборат аст. Радиои «Марти» соли 1983 таъсис ёфта, 20-уми майи соли 1985 пахши барномаҳои он ба забони испанӣ барои Куба шурӯъ шуд. Телевизиони «Марти» бошад, 27-уми марти соли 1990 пахши барномаҳояшро оғоз кард. Идораи пахши барномаҳо барои Куба дар шаҳри Майамии иёлоти Флорида ҷойгир аст. Шабакаи мазкур маркази чандрасонаии иттилоотӣ ва таҳлилӣ буда, барои бурдани тарғибот ба Ҷумҳурии Куба таъсис ёфтааст [7]. Аз моҳи сентябри соли 2019 Эмилио Васкес вазифаи директори Идораи пахши барномаҳо барои Кубаро ба уҳда дорад.

Радиои «Осиёи озод» 12-уми марти соли 1996 аз ҷониби Кумитаи озодии Осиё таъсис ёфта, барномаи аввалини он 29 сентябри соли 1996 ба эфир баромад.

Ҳадафи радио бурдани тарғибот ба кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Осиёи Ҷанубӣ Шарқӣ аст, ки қаблан рӯ ба тарзи рушди сотсиалистӣ оварда буданд ва аз ҷониби Иттиҳоди Шӯравӣ дастгирӣ меёфтанд.

Штаб-квартираи радио дар шаҳри Вашингтони иёлоти Колумбияи ИМА ҷойгир аст. Радио ба 9 забон дар 6 мамлакат - Бирма, Камбоҷа, Лаос, Ҷумҳурии Халқӣ - Демократии Корея, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ветнам барнома пахш мекунад. Радиои «Осиёи озод» ҳамчун умури ахбори интернетӣ низ фаъолият дорад. Радиои «Осиёи озод» 10 сомонаи чандрасонаии интерактивӣ дорад, ки 9-тои он ба забонҳои пахши барномаҳо буда, сомонаи 10-ум ба забони англисӣ аст [6]. Аз моҳи ноябри соли 2019 Бэй Фанг президенти нави Радиои «Осиёи озод» мебошад.

ИМА барои кишварҳои арабзабон бошад, тавассути Шабакаҳои пахши барномаҳои Шарқи наздик (MBN) тарғиботи густурда мебарад. Вай ташкилоти ғайритиҷоратии иттилоотии ИМА буда, телевизионҳои «Ал-Ҳурра», «Ал-Ҳурра-Ирок», Радиои «Сава», Радиои «Офия Дарфур», лоиҳаҳои интернетии «Садо баланд бикун», «Садоҳои Мағриб»-

ро идора мекунад. Радиои «Сава» аз 23 марти соли 2002 ба пахши барномаҳояш ба забони арабӣ оғоз кардааст. Телевизиони «Ал-Ҳурра» шабакаи моҳворавӣ буда, аз 14 феврали соли 2004 ба забони арабӣ ва лаҳҷаҳои он ба 22 кишвари Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ барнома пахш мекунад. Штаб-квартираи Шабакаҳои пахши барномаҳои Шарқи наздик дар шаҳри Спрингфилди иёлоти Виргиния ҷойгир аст. Шабакаҳои мазкур барномаҳои худро аз штаб-квартираи MBN дар Виргинияи Шимолӣ ва бюроҳояш дар Қоҳира, Дубай, Байтулмуқаддас, Бейрут, Эрбил, Работ, Бағдод ва Вашингтон пахш мекунанд [8]. Ҳоло Алберто Фернандес президенти Шабакаҳои пахши барномаҳои Шарқи наздик мебошад.

Шӯрои идораи пахш - BBG (Шӯрои идораи телевизиону радиошунавонӣ) дар асоси дуҳизбӣ таъсис ёфта, аз 9 нафар иборат буд. Ба он котиби давлатии ИМА аз рӯйи вазифа ва 8 нафари дигар, ки таҷрибаи фаъолият дар ВАО ва умури хориҷӣ доштанд, дохил мешуданд. Аз рӯйи қонун бештар аз 4 нафар аз як ҳизб наметавонистанд аъзои шӯро бошанд. Аъзои шӯроро президент таъйин мекунад ва Сенат тасдиқ менамояд. Аъзои аввалин Шӯрои идораи телевизиону радиошунавонӣ 11-уми августи соли 1995 савганд ёд карданд, ки инҳо буданд: Дэвид У. Берк (август 1995-2002), Тед Эдвард Кауфман (август 1995 - декабр 2008), Том С. Корологос, Бетт Бао Лорд, Алберто Х. Мора, Черил Халперн, Марк Натансон, Карл Шпилфогел.

Баъдан Норман Паттиз (май 2000 - март 2006), Кеннет Томлинсон (августи 2002), Уолтер Айзексон (июл 2010 - январ 2012), Дана Перино (июл 2010 - декабр 2012), Виктор Эш (июн 2010-2013), Майкл Линтон (июл 2010 - май 2013), Сюзен Мак-Кю (июл 2010 - май 2014) узви шӯро буданд.

То моҳи январи соли 2015 инҳо аъзои Шӯрои идораи телевизиону радиошунавонӣ буданд: Ҷеффри Шелл, Мэттю Армстронг, Леон Арон, Райан Крокер, Майкл Кемпнер, Карен Корнблах, котиби давлатӣ Ҷон Керри (аз рӯйи вазифа), Майкл Михан, Кеннет Вайнштейн.

Моҳи декабри соли 2016, баъди қабули Қонун «Дар бораи мудофиа барои соли молиявии 2017» Шӯрои идораи телевизиону радиошунавонӣ таҳти идораи як нафар узви шӯро қарор гирифт ва аъзои шӯро то ба 5 нафар кам карда шуд. Акнун шӯро танҳо ваколати машваратӣ дорад [1].

Тибқи қонуни мазкур директори генералии Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ аз ҷониби президент таъйин гардида, Сенат тасдиқ менамояд. Қаблан аъзои шӯро метавонистанд бемуҳлат таъйин гарданд. Акнун аъзои шӯро ба муддати 5 сол таъйин мешаванд.

Феълан Кеннет Вайнштейн раиси Шӯрои идораи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ маҳсуб мешавад. Ӯ президент ва директори иҷроияи Институти Ҳадсон мебошад. Узви дигари шӯро, доктор Леон Арон дар вазифаи директори лоиҳаи пажӯҳишҳо оид ба Россия дар Институти америкоии соҳибкорӣ фаъолият мекунад. Ӯ солҳои 1990 – 2004 иштирокчии барномаҳои бахши русии Радиои «Садои Америка» ва телешоуи «Нигоҳе аз Америка» буд. Узви сеюми шӯро Райан Крокер узви Кумитаи байналхалқии машваратӣ буда, ҳамчунин ба ҳайати Кумитаи махсус оид ба ояндаи пахши кӯтоҳмавҷи радиоӣ шомил аст. Узви чоруми шӯро Майкл У. Кемпнер асосгузор, президент ва директори иҷроияи ширкати иртибот бо ҷомеаи MWWPR мебошад, ки соли 1986 дар Ню-Йорк таъсис ёфтааст. Узви панҷуми шӯро Карен Корнблах ходими калони илмӣ ва директори барномаи техникии Фонди Маршалл мебошад.

Котиби давлатии ИМА Майк Помпео, ки қаблан директори Раёсати марказии кашшофӣ буд, аз рӯйи вазифа узви шӯро аст. Мишел Ҷуда, ёвари котиби давлатӣ оид ба робита бо ҷомеа, намояндаи вазорати корҳои хориҷӣ дар шӯро мебошад [14].

Ҷаласаи шӯро дар давоми сол барои муҳокимаи фаъолияти Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ, баррасии сиёсат ва стратегияи роҳбарӣ, шунидани ҳисобот гирд меояд.

22 августи соли 2018 барои навсозии фаъолият Шӯрои идораи пахш - BBG (Шӯрои идораи телевизиону радиошунавонӣ) номашро ба Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM – US Agency for Global Media) иваз кард. Вазифаи ташкилоти мазкур назорати ҳамаи фаъолияти телевизиону радиошунавонии хориҷӣ ва таъмини идораи стратегӣ мебошад. Он ҳамчун пул байни Ҳукумати ИМА ва расонаҳои таблиғотии он ба хориҷа хизмат мекунад.

Кормандони Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ қарори шӯроро иҷро карда, назорати ҳамаи пахши байналхалқии ИМА-ро амалӣ менамоянд. Онҳо ба шӯро дастгирии техникӣ, касбӣ ва маъмурӣ расонида, роҳбарии стратегӣ ва идораи барномаҳои баъзе муассисаҳоро анҷом медиҳанд [17].

Директори иҷроияи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ Ҷон Лэнсинг моҳи сентябри соли 2019 аз вазифааш истеъфо дода, президент ва директори генералии Радиои

миллии ҷамъиятӣ таъйин гардид [2], [9]. Ҳоло дар сомонаи Радиои миллии ҷамъиятӣ (NPR) www.npr.org номи Ҷон Лэнсинг дар вазифаи мазкур сабт шудааст [15].

Ӯ соли 2015 бо фармони президент Барак Обама ба вазифаи директори иҷроияи Шӯрои идораи телевизиону радиошунавонӣ таъйин гардида буд. Дар давраи роҳбарии Ҷон Лэнсинг аудиторияи расонаҳои зертобеи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ ба беш аз 100 миллион нафар зиёд карда шуд. Зеро дар ҳамин давра барои афзоиши тарғибот ба хориҷа, махсусан Русия ва Эрон расонаҳои нав таъсис дода шуданд. Аз ҷумла, соли 2017 бо роҳбарии ӯ шабакаи телевизионии русии «Настоящее время» (вақти ҳозира), сомонаҳои «Полиграф», «Фактограф», соли 2019 «Север реалии» ва ғайра таъсис дода шуданд. Барои тавсеаи тарғибот ба Ҷумҳурии Исломии Эрон телевизиони шабонарӯзии форсии «Садои Америка» - VOA 365 ба фаъолият шурӯъ кард.

Президенти ИМА Доналд Трамп ҳанӯз моҳи июни соли 2018 Майкл Пэкро ба вазифаи директори иҷроияи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ пешниҳод карда буд. М. Пэк продюсери филмҳои мустанад аст. Ӯ қаблан роҳбари Институти консервативии Клэрмонт дар Калифорния буд ва дар ташкилоти ғайритиҷоратии Корпоратсияи пахши ҷамъиятӣ кор мекард. Солҳои 1990-ум ӯ роҳбари телевизиони байналхалқии «WorldNet» буд. Соли 2002 президент Ҷорҷ Буши хурдӣ М. Пэкро ба узвияти Шӯро оид ба улуми инсонӣ ворид намуд. Ӯ 19 сентябри соли 2019, баъди қариб 16 моҳи пешниҳод дар баррасии кумитаи байналхалқии Сенат ба суолҳо вобаста ба фаъолияти минбаъдааш дар вазифаи директори иҷроияи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ посух дод [3].

Бояд гуфт, ки пас аз истеъфояшро эълон кардани директори иҷроияи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ Ҷон Лэнсинг директори Идораи пахши барномаҳо барои Куба Томаса Регаладо 20 сентябри соли 2019 аз вазифааш истеъфо дод. Ӯ моҳи июни соли 2018 ба ин вазифа таъйин гардида буд [13]. Томас Регаладо то ба ин вазифа таъйин шуданаш ҳамчун журналисти касбӣ ва ду давра мири шаҳри Майами фаъолият кардааст. Ҳоло вазифаи директори Идораи пахши барномаҳо барои Кубаро муовини қаблии директор - Эмилио Васкес иҷро карда истодааст.

20 ноябри соли 2019 дар роҳбарии расонаи дигари Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ – Радиои «Осиёи озод» тағйирот ба вуҷуд омада, Бэй Фанг президенти нави радио таъйин гардид [11]. Бэй Фанг дар ин вазифа Либби Люро иваз кард. Ҳоло Либби Лю ҳамчун директори генералии Фонди технологияҳои кушодаи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ фаъолият мекунад.

Бэй Фанг журналисти касбӣ буда, аз моҳи октябри соли 2016 дар вазифаи директори иҷроияи Радиои «Осиёи озод» фаъолият мекард. Ӯ хатмкардаи донишгоҳи Гарвард буда, 20 соли собиқаи журналистӣ дорад. Ҳамчунин Бэй Фанг қаблан дар вазифаи ҷонишини ёвари котиби давлатӣ низ фаъолият кардааст.

Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ паҳн кардани маводи мултимедиявӣ ва дастгирии техникиву маъмурии шабакаҳои пахши байналхалқии ИМА-ро таъмин менамояд. Вай шабакаи глобалии стансияҳои паҳнкунанда, системаҳои моҳворавӣ, шабакаҳои нахӣ ва системаи Интернетро, ки ба расонаҳои зери назорат хизмат мерасонанд, идора мекунад.

Идораи сиёсат ва таҳқиқоти Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ барои таҳия ва такмили стратегия, инчунин арзёбӣ ва баҳодиҳии таъсир масъул аст.

Рисолати Оҷонсӣ аз ду ҳадафи умумии стратегӣ иборат аст:

- тавсеаи озодии иттилоот ва баён, ки ба таври куллӣ барои ҷамъиятҳои озод, кушода ва демократӣ эътироф шудаанд ва дар навбати худ манфиатҳои Амрикоро тавассути субот, сулҳ, иттифоқҳо ва савдо дастгирӣ мекунанд;

- табодули таҷриба ва арзишҳои демократии Амрико, ки ҳадафҳои якхела доранд.

Ҳадафҳои мазкур бо сутунҳои сеюм ва чоруми Стратегияи амнияти милли (САМ)-и ИМА - “Нигоҳ доштани сулҳ тавассути неру” ва “Пешрафти таъсироти Амрико” бо истифода аз иттилооти дақиқ ва объективӣ барои тақвияти арзишҳои амрикоӣ дар соҳаи демократия ва озодии баён мувофиқат карда, пешниҳоди САМ "таблиғу ташвиқи душманонро фош кунед," ба роҳбарӣ гирифта шудааст.

Тавре ки САМ эътироф мекунад: "Давлатҳое, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандони худро эҳтиром мекунанд, ҳамчун воситаи беҳтарини пешрафт, хушбахтии инсонӣ ва сулҳ боқӣ мемонанд." САМ инчунин ваъда медиҳад, ки "дар аксари ҷаҳон озодиҳои Амрико рӯҳбаландкунанда буда, Иёлоти Муттаҳида ҳамеша бо касоне, ки озодиро меҷӯянд, ҳамраъй аст. Мо дар байни тамоми онҳо байрақи озодӣ ва имконият хоҳем буд” [16].

Бояд гуфт, ки ҳамасола барои фаъолияти расонаҳои зертобеи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад. Масалан, барои соли молиявии 2017 - 748,3 млн. доллари ИМА, барои соли молиявии 2018 – 685,2 млн. доллар, барои соли молиявии 2019 – 661,1 млн. доллар ва барои соли молиявии 2020 628,1 млн. доллар маблағ

дархост шуда буд [19]. Аз маълумоти мазкур бармеояд, ки сол аз сол барои тарғиботи хориҷӣ маблағи камтар дархост мешавад. Дар асл бошад, маблағи масрафшуда барои фаъолияти расонаҳои мазкур зиёдтар аст. Зеро Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ аз Конгресс маблағи камтар дархост мекунад, вале намояндагони порлумон аз соли 2016 ба ин ҷониб аз дархост бештар маблағ ҷудо мекунанд. Масалан, «соли 2020 USAGM 808 млн. доллар мегирад, ки он 180 млн. доллар аз маблағи дархостшуда бештар аст» [10]. Воқеан ҳам, Конгресси ИМА барои тарғибот ба хориҷа аз маблағи дархостшуда бештар маблағ ҷудо мекунад. Масалан, Конгресс ба Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ барои соли молиявии 2019 қариб 808 млн. доллар, барои соли 2018 - 807,5 млн. доллар ва соли молиявии 2017 – 782 млн. доллар ҷудо кард.

Чунин амал қаблан ҳам ба назар мерасид. Масалан, соли 2011 Шӯрои идораи телевизион ва радиошунавонӣ (BBG) барои муборизаи бо сонсури интернетӣ аз Конгресси ИМА 10 млн. доллари иловаги маблағ гирифт. Он вақт ҳангоми баррасии буҷа президент Барак Обама аз BBG дастгирӣ карда буд.

Аз рӯйи маълумоти сомонаи www.usagm.gov муштариёни расонаҳои Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ рӯ ба афзоиш мебошад. Ҳоло аудиторияи такрорнашавандаи расонаҳо ҳафтае 350 миллион нафар буда, маводи онҳо дар беш аз 100 мамлакати дунё ба 61 забон дастраси муштариён аст. Ин дар ҳолест, ки соли 2013 аудиторияи умумии ин расонаҳо (радио, ТВ ва Интернет) ҳамагӣ 206 млн. нафар дар як ҳафта буд [12].

А Д А Б И Ё Т

1. Агентство США по Global Media (USAGM) / usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://ru.qwe.wiki/wiki/U.S. Agency for Global Media?ddexp4attempt=1 (Санаи истифодабарӣ: 25.01. 2020).
2. Глава Агентства США по глобальным медиа уходит в отставку/ golos ameriki.ru. 2009-2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.golos-ameriki.ru/a/usagm-chief-executive-john-lansing-resigns-/5072606.html (Санаи истифодабарӣ: 06.09. 2019).
3. Кандидат на пост главы USAGM Майкл Пэк ответил на вопросы сенаторов / golos ameriki.ru. 2009-2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.golos-ameriki.ru/a/trump-nominee-pledges-independence-for-us-government-news-outlets/5091630.html (Санаи истифодабарӣ: 20.01. 2020).
4. Муким Джовид. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография / Джовид Муким. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 180 с.
5. Муқимов М.А. Нақши Радиои «Озодӣ» дар фазои иттилоотии Тоҷикистон / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. - № 3. - С. 268 – 273. ISSN 2413-516X
6. Муқимов М.А. Радиои «Осиёи озод» дастгоҳи тарғиботии ИМА / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. -№2. - С. 320 – 325. ISSN 2413-516X.
7. Муқимов М.А. Тарғиботи расонаҳои электронии ИМА ба Ҷумҳурии Куба / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. -№4. - С. 282 – 288. ISSN 2413-516X.
8. Муқимов М. А. Шабакаҳои пахши шарқи наздик тарғибгари манфиатҳои ИМА / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. -№3. - С. 304 – 311. ISSN 2413-516X
9. Президент USAGM Джон Лансинг подал в отставку/ ruherald.com. 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://ruherald.com/prezident-usagm-dzhon-lansing-podal-v-otstavku/ (Санаи истифодабарӣ: 21.09.2019).
10. Русофобский маневр: США увеличили бюджет «Голоса Америки» и «Радио Свобода» / вперёдроссия.рф. 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://вперёдроссия.рф/blog/43348995773/Rusofobskiy-manevr:-SSHA-uvelichili-byudzhet-«Golosa-Ameriki»-i- (Санаи истифодабарӣ: 18.11.2019).
11. Bay Fang named Radio Free Asia's new president/ rfa.org. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.rfa.org/about/releases/bayfang_president-11202019123259.html (Санаи истифодабарӣ: 24.01.2020).
12. BBG Global Audience Estimate From the FY 2013 Performance and Results Report/.bbg.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.bbg.gov/wp-content/media/2013/12/2013-Audience-Overview-Factsheet.pdf (Санаи истифодабарӣ: 15.01.2020).
13. Director Regalado Leaves TV and Radio Martí/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/2019/09/20/director-regalado-leaves-tv-and-radio-marti/ (Санаи истифодабарӣ: 18.01.2020).
14. Explore a list of former members of the Board/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/who-we-are/board/ (Санаи истифодабарӣ: 25.01.2020).
15. NPR Board of Directors/ npr. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.npr.org/about-npr/182676957/npr-board-of-directors (Санаи истифодабарӣ: 26.01.2020).
16. Strategy and Results/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/our-work/strategy-and-results/ (Санаи истифодабарӣ: 23.01.2020).
17. Structure/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] https://www.usagm.gov/who-we-are/organizational-chart/(Санаи истифодабарӣ: 21.01.2020).
18. The history of U.S. civilian international broadcasting/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/who-we-are/history/ (Санаи истифодабарӣ: 20.01.2020).
19. USAGM by the numbers/ usagm.gov. 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/news-and-information/press-room/ (Санаи истифодабарӣ: 21.01.2020).

ОҶОНСИИ ИМА ОИД БА ВАО-И ГЛОБАЛӢ

Дар мақолаи мазкур таърихи ташаккули Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ ва фаъолияти он мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Таърихи ВАО-и байналхалқии ИМА аз соли 1942 оғоз мегирад. 24 феврал Ҳукумати ИМА барои пахши барномаҳо ба Олмони фашистӣ ва Италия Радиои «Садои Америка»-ро таъсис дод. Аввалин барномаҳои ин радио ба забони немисӣ ва итолиёвӣ пахш шуданд. Ҳамон вақт зери назорати Департаменти давлатии ИМА Маъмурияти иттилооти байналхалқӣ таъсис дода шуд. 1-уми августи соли 1953 бошад, ба ҷойи ташкилоти мазкур Оҷонсии иттилоотии ИМА (United States Information Agency - USIA) – органи тарғиботи хориҷӣ таъсис ёфт, ки то 1-уми октябри соли 1999 фаъолият карда, тобеи Департаменти давлатӣ буд. Соли 1998 Дар ИМА Қонун «Дар бораи ислоҳот ва таҷдиди сохтори корҳои хориҷӣ» қабул шуд. Тибқи қонуни мазкур 1-уми октябри соли 1999 Шӯрои идораи пахши барномаҳои телевизиону радио (BBG) ташкилоти мустақил гардида, масъулияти идораи «Садои Америка», Идораи пахши барномаҳо барои Куба, Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ва Шабакаҳои пахши барномаҳои Шарқи наздик (MBN)-ро ба дӯш гирифт. 22 августи соли 2018 барои навсозии фаъолият Шӯрои идораи телевизиону радиошунавонӣ номашро ба Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM – US Agency for Global Media) иваз кард. Вазифаи ташкилоти мазкур назорати ҳамаи фаъолияти телевизиону радиошунавонии хориҷӣ ва таъмини идораи стратегӣ мебошад. Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ дар шаҳри Вашингтони округи Колумбия ҷойгир аст. Дар оҷонсӣ ва расонаҳои зертобеи он ҳудуди 4000 нафар фаъолият мекунанд. Дар 5 шабакаи расонаҳои зертобеи оҷонсӣ ва 95 сомона ҳафтае 4100 соат муҳтавои аслии маводҳо ба тамоми олам паҳн карда мешаванд.

Калидвожаҳо: тарғибот, ВАО, «Садои Америка», Радиои “Аврупои Озод”/Радиои «Озодӣ», Радиои “Осёи озод,” Вашингтон, ЮСИА, USAGM, USIA.

АГЕНСТВА США ПО ГЛОБАЛЬНЫМ МЕДИА

В данной статье анализируется история развития и деятельность Агентства США по глобальным медиа. История международных СМИ США восходит к 1942 году. 24 февраля правительство США учредило Радио «Голос Америки» для трансляции программ для фашистской Германии и Италии. Первые радиопрограммы транслировались на немецком и итальянском языках. В то время под надзором Государственного департамента США была создана Администрация международной информации. 1 августа 1953 года она была заменена Информационным агентством США (USIA), которое подчинялось Государственному департаменту. В 1998 году в США был принят «Закон о реформе и реструктуризации иностранных дел». В соответствии с этим законом, 1 октября 1999 года на основе USIA был создан Совет по телерадиовещанию (BBG), который стал независимой организацией, ответственной за управление телерадиовещанием «Голос Америки», Радио «Свободная Европа» /Радио «Свобода», Радио «Свободная Азия», Управление вещанием на Кубу и Ближневосточную вещательную сеть (MBN). 22 августа 2018 года Совет по телерадиовещанию переименовали в Агентство США по глобальным медиа (USAGM), чтобы обновить свою деятельность. Миссия этой организации заключается в том, чтобы контролировать все зарубежные телевизионные и радиопередачи и обеспечивать стратегическое управление. Штаб-квартира Агентства США по глобальным медиа находится в Вашингтоне, округ Колумбия. В агентстве и его филиалах работают около 4000 человек. В 5 подразделениях агентства и на 95 сайтах по всему миру распространяется 4100 часов оригинального контента в неделю.

Ключевые слова: пропаганда, СМИ, “Голос Аменики”, Радио “Свободная Европа”/ Радио “Свобода”, Радио «Свободная Азия», Вашингтон, USAGM, USIA, США.

THE UNITED STATES AGENCY FOR GLOBAL MEDIA

This article analyzes the history and development of the United States Agency for Global Media. The history of US international media dates back to 1942. On February 24, the US government established Voice of America Radio to broadcast programs for fascist Germany and Italy. The first radio programs were broadcast in German and Italian. At that time, the International Information Administration was created under the supervision of the US Department of State. On August 1, 1953, it was replaced by the United States Information Agency (USIA), which was subordinate to the Department of State. In 1998, the United States passed the Foreign Reform and Restructuring Act. In accordance with this law, on October 1, 1999, on the basis of the USIA, the Broadcasting Board of Governors (BBG) was created, which became the independent organization responsible for managing the broadcasting of Voice of America, Radio Free Europe / Radio Liberty, Radio Free Asia ”, Cuba Broadcasting Management and the Middle East Broadcasting Network (MBN). On August 22, 2018, the Broadcasting Board of Governors was renamed the United States Agency for Global Media (USAGM) to update its operations. The mission of this organization is to control all foreign television and radio broadcasts and provide strategic management. The United States Agency for Global Media is headquartered in Washington, DC. The agency and its branches employ about 4,000 people. In 5 divisions of the agency and on 95 sites around the world, 4100 hours of original content are distributed per week.

Key words: propaganda, mass media, «Voice of America», Radio «Free Europe» / Radio «Liberty», Radio «Free Asia», Washington, USAGM, USIA, USA.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамади Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **E-mail:** **jovidm@mail.ru**

УДК: 070 (575.3)

НАЗАРЕ БА МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФ ВА РИСОЛАТҲОИ МАТБУОТИ ТОҶИК

Қутбиддинов А.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуоти тоҷик се давраву марҳилаи асосии инкишофро аз сар гузаронидааст: Замони қабл аз Инқилоби Октябр, даврони шӯравӣ ва замони истиқлолият. Дар ҳар як давра матбуот барои ҷомеа хидматҳои бузургеро анҷом додааст. Агар замони қабл аз инқилоб давраи маҳдудтар бошад, пас замони шӯравӣ давраи асосӣ ва камоли матбуоти мо дониста мешавад. Замони истиқлолро метавон давраи гузариш унвон кард, ки то ҳанӯз идома дорад. Ба андешаи муҳаққиқон вазифаи матбуот ва умуман тамоми шаклҳои васоити ахбор дар замони шӯравӣ таблиғи амиқи ҳадафмандонаи ҳизбӣ ба шумор мерафт. Идеяи ленинӣ ва ҳизбияти васоити ахбор самтҳои фаъолияти рӯзноманигоронро муайян мекард: «... матбуоти Шӯравии тоҷик тӯлонитарин давраи журналистикаи тоҷикро дар бар мегирад. Ин давраи ВАО таблиғ буд ва он хусусияти миллӣ не, федералӣ дошт. Яъне, матбуот, радио ва телевизиони Тоҷикистон ҷузъи воситаҳои ахбор ва таблиғи оммавии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Вай ба идеяи хос такя мекард, ки онро В.И. Ленин ба ҳайси матбуоти партиявии коммунистӣ маънидод кардааст» [1, с.661].

Таъкидан бояд иброз дошт, ки пайдоиши матбуот ва ташаккули он дар ҷумҳурии мо танҳо ба таъсиси давлати шӯравӣ робита дошта наметавонад. Агар ҳукумати подшоҳии Русия ба Осиёи Миёна дастдарозӣ намедошт, ногузир буд, ки чун дигар кишварҳои шарқӣ (Ҳиндустон ва дигар кишварҳои арабӣ) империалистони аврупоӣ дар ин ҷо матбуоти худро роҳандозӣ мекарданд. Аз ҷониби дигар, бесарусомонии давлати амирӣ ва худхоҳии ҳокимон намегузошт, ки матбуоти мустақили хусусӣ равнақ дошта бошад. Хидмати русҳо барои Тоҷикистони имрӯза танҳо он аст, ки онҳо дар таъсиси ҷумҳурии кӯчаки мо мусоидат кардаанд. Ба ҳар сурат, мусоидату нақши сохти шӯравӣ дар таъсису инкишофи матбуоти мо қатъи назар буда наметавонад. Муҳаққиқ А.Азимов дар натиҷаву қиёсҳо ба он хулоса меояд, ки маҳз сохти шӯравии ҷумҳурии мо дар инкишофи матбуоти навин мусоидат кардааст: «Ташаккул ёфтани матбуоти тоҷик баъди мустақилият пайдо кардани ҶШС Тоҷикистон назаррас гардид» [1, с.6]. Баъди ташкилёбии ИҶШС ва махсусан, ҳамчун ҷумҳурии алоҳида муаррифӣ гардидани Тоҷикистон ба миён омадани матбуот дар ҳудуди он ин маънии дастгоҳи таблиғиву ташвиқӣ доштани ин ҷумҳурии навтаъсисро дошт. Дар аввалин қадамҳои ҳамчун миллати алоҳида соҳибмулк гардидани тоҷикон ин падидаҳо қаноатмандкунанда буданд: «… вақте Тоҷикистон ҳамчун як ҷумҳурии иттифоқӣ мақом пайдо кард, аллакай, панҷ газетаи ҷумҳуриявӣ, як газетаи округӣ ва се маҷалла бо тиражи умумии 20 ҳазор ба табъ мерасид» [4, с.57]. Албатта, ин нашрияҳо миллӣ набуданд ва ҳамчун ҷузъе аз дастгоҳи мукътадири идеологии ҳукумати шӯравӣ уҳдадориҳои зиёдро бар дӯш доштанд. Аммо ба ҳар сурат имкон буд, ки зиёиёни кишвар номи тоҷику Тоҷикистонро дар саҳифаҳои ин матбуот ошкору пӯшида таблиғ намоянд. Маҳдудиятҳо ва ноадолатиҳо дар тақсимоти ҳудудиву миллӣ кам набуданд ва барои тоҷикон танҳо як қисмати кӯчаке аз Хуросони бузург боқӣ монда буд. Қатъи назар аз ин ҳама ноадолатиҳо ва як давраи тираву мураккаб матбуоти даврии ҷавони ҷумҳурии ҷавони мо ташаккулу инкишоф меёфт: «... ба даст овардани комёбиҳои ҷиддӣ дар бахшҳои иҷтимоиву иқтисодиву фарҳангӣ дар ҷумҳурии ҷавони мо ба рушди матбуоти даврӣ мусоидат менамуд» [4, с.61].

ҲҚИШ ҳамчун ягона ҳизби ҳукмрон равия ва самти фаъолияти матбуотро шурӯъ аз таъсисёбии давлати шӯравӣ то соли 1991 муайян мекард. Фаъолияти ҳизб, маҳбубият ва нуфузу эътибори он ба рӯзнома ҳамбастагии қавӣ дошт. Ҳизби ягонаи ҳукмрон матбуотро дастгирӣ менамуд ва матбуот содиқона таблиғу ташвиқи сиёсати ҳизбиро ба роҳ мегузошт. Хислати сиёсии матбуот дар ҳизбияти он ифода мегардид. «Газета органи чопии расмии ташкилоти партиявӣ ба ҳисоб меравад» [4, с.35] гуфтани муҳаққиқон маънии онро дорад, ки ин навъи матбуот ягона буд. Ин ягонагии матбуоти ҳизбӣ идеяи ягонаро таблиғ намуда, самтҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоиро танҳо аз як равзанаи таърифу тавсифи мақсаднок маълуму мушаххас мегардонид. Матбуот тавонист дар мафкураи ҷомеа андешаи мусбатро нисбат ба сохти нав ба вуҷуд оварад. Матбуот оинаи инъикоси пешравию нуқсонҳои ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Аз таҳаввулу таназзули ҷомеа ба воситаи матбуот огаҳ мегардид. Матбуот вазифа мегузошт ва иҷрои онро талаб мекард. Омма ба он эътимод дошт ва ҳамчун нишондиҳандаи ҳисоботи бурду бохт ба матбуот муроҷиат менамуд: «Матбуот дар назди меҳнаткашон уҳдадориҳои мушаххасро гузошта, ҳамзамон иҷрои онро талаб мекард» [8, с.56].

Пойдевори матбуоти миллии мо қабл аз инқилоби Октябр гузошта шуда бошад ҳам, аммо нақши созандагии он бештар ба замони шӯравӣ хос буд. Зеро, матбуоти замони шӯравии мо ба як маънӣ озод буд ва ба мавҷудияи он ҳеҷ хатаре таҳдид намекард. Ин ҳолатро агар бо “Бухорои шариф” ва “Шуълаи инқилоб” муқоиса намоем, фарқ хеле бузург аст. Дар замони шӯравӣ масъалаи таъқибу бастани ин ё он рӯзнома вуҷуд надошт ва давлату ҳукумат медонист, ки ҳар як нашрия дар хатти кашида қарор дорад. Неруи назаррасу бунёдкоронаи матбуоти мо аз оғоз маълуму мушаххас буд ва афзудани тиражу номгӯи матбуот нақшаи мақсадноки сиёсиву идеологӣ ба шумор мерафт: «... матбуоти даврӣ дар аввалин қадамҳои худ неруи назаррасу созандае дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии ҷумҳурии ҷавони мо ба ҳисоб мерафт» [4, с.56]. Матбуот бо хонандаи худ зиндаву устувор аст. Ҳамон андоза зиёд будани шумораи хонандагон ҳамон адоза имкони васеъ доштани матбуотро бозгӯ менамояд. Теъдоди зиёди хонанда имкони зиёд гардонидани маводи рӯзномаро ба вуҷуд меоварад. Хонандагон самтҳои мавзӯиро пешниҳоду талаб менамоянд. Аз миёни хонандагон кормандони эҷодии ғайриштатӣ пайдо мешаванд, ки онҳоро дар замони шӯравӣ мухбирони коргару деҳқон мегуфтанд. Ин гуна мухбирон бо донишу ҷаҳонбинии худ ҳамчун намояндагони бевоситаи корзор воқеияти зиндагии рӯзмарраро бештар инъикос карда метавонанд. Дар саргаҳи инкишоф ва таъсиси матбуот мушкилиҳо аз чандин паҳлуҳо вуҷуд дошт: «… бо иллати бесаводии омма дар давраи ташкилёбии Ҷумҳурии автономии Тоҷикистон матбуоти миллӣ наметавонист, ки дар дараҷаи ташкилотчии фаъол қарор гирад. Матбуот шумораи васеи хонандагонро надошт ва мухбирони коргару деҳқон ҳанӯз кам буданд»[17, с.172].

Қабл аз Инқилоби Октябр мавҷудияти нашрияҳои форсизабон инкор карда намешавад ва заминаи устувору аслии инкишофи матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистони ин системаи шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Ин система симои матбуотро барои мардум ошно кард ва ҳамзамон системаи матбуоти моро ба вуҷуд оварду такмил дод. Эътибору неруи матбуотро маҳз ин системаи давлатдорӣ тақвият мебахшид. Матбуот рӯҳ дошт, завқ мебахшид, тарбия мекард ва дар инкишофи ҷамъият нақш мегузошт. Барои ҳар як корманди матбуот ошкор буд, ки «масъулияти сухани газетаи шӯравӣ» [2, с.15] ин, пеш аз ҳама, масъулияти шаҳрвандии корманди матбуот дониста мешуд. Маҳаки асосии фаъолияти эҷодии корманди матбуот дар партави ҳамин масъулият қарор дошт, ки як андоза маънии озодӣ надоштани корманди рӯзномаро низ ифода мекард.

Дар давраи соҳибистиқлолии мо матбуот хусусиятҳои умда касб намуд. Мункир наметавон буд, ки матбуот асолати дар замони шӯравӣ доштаашро аз даст дод. Маҳбубият, эътибор, эътимод ва нашри пайваставу тиражи баланди он аз байн рафт. Омилҳои рақобат ва оғози асри нав (ҷаҳонишавии иттилоот) мавқеи матбуотро коҳиш дод. Дигаршавии сохт ва файзи истиқлол ҳамин аст, ки танҳо номгӯи нашрияҳо афзуд. Масалан, агар дар «... соли 1993 дар Тоҷикистон 174 нашрия, аз ҷумла 24 ҷумҳуриявӣ ва 9-то шахсӣ...» [14, с.646] нашр мешуда бошад, пас «то оғози соли 2015, дар Тоҷикистон 616 номгӯи рӯзномаву маҷаллаҳо иҷозати чоп доштанд, ки аз онҳо 307 рӯзномаву маҷалла... » [16, с.33] хусусӣ буданд. Яъне, танҳо номгӯи нашрияҳои хусусӣ 35 маротиба афзудааст. Истиқлолият барои тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт зинаҳо ва саҳифаҳои нави рушду инкишофро пешниҳод кард. Андешаи «рисолати матбуот дар замони истиқлол боз ҳам васеътар гардид» [5, с.6] маънии ба зинаи нав қадам ниҳодани матбуотро дошт. Агар гӯем, ки рисолатҳои матбуот тағйирпазир гардид, саҳеҳтар аст ва ҳамзамон дар оғози истиқлол якбора аксар рисолатҳову анъанаҳои неки матбуоти замони шӯравӣ (даврият, нуфуз, маҳбубият, таъсирбахшӣ, эътимод ва ғ.) ихтисор гардид. Ба ҳар сурат, матбуоти даврӣ ҳамчун як воситаи фаъоли муколамаи иҷтимоӣ ба хонанда имкон фароҳам овард, ки ӯ дар бораи ҳама чиз маълумот пайдо намояд. Махсусан, дар оғози солҳои навадум баррасии мавзӯоти алоҳида (таҳқиру танқиди ҳизб, доҳӣ, система) муҷиби ҳайрати хонандаи дар як қолаб тарбиятдидаи он солҳо ба ҳисоб мерафт. Акнун, хонанда дар замони истиқлолият дар заминаи ин гуна маводу маълумот донишу ҷаҳонбинии худро зиёд менамуд ва менамояд. Нисбат ба як тамоюл назари мусбат пайдо менамояд ва баръакс, дар ҳолатҳои дигар нафрати ӯ нисбат ба зуҳуроти маълум ба вуҷуд меояд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, раҳоӣ аз сензура ва мавҷудияти матбуоти озодандеш дар шароити демократӣ мебошад. Акнун боз ҳам он фаҳм қатъитар мешавад, ки матбуот инъикоскунандаи набзи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад: «Дар ҳама давру замон матбуот инъикоскунандаи воқеа ва ҳаводиси иҷтимоӣ, таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ буду мебошад» [1, с.76]. Ин вазифаҳо барои матбуоти тоҷик дар охири асри гузашта як андоза дигар шуданд. Охири асри гузашта ин истиқлолияти ҷумҳурии мо буд. Вазифаҳои матбуоти даврӣ ҳеҷ гоҳ пурра аз байн намераванд ва танҳо тағйирпазирии фазову муҳити иттилоотӣ ба фаъолияти он таъсир бахшида метавонад. Ин таъсир водор месозад, ки он бояд аз равзанаҳои дигар сухани худро ироа намояд. Ҳамин аст, ки дар замони истиқлолият нақш ва мавқеи матбуот як андоза дигар гардид: «...

матбуоти замони истиқлол бо рӯҳияи демократӣ, озодбаёнӣ, гуногунтипӣ, рангорангии шакливу мазмунӣ, мавқеъпазирӣ ва амсоли ин фарқ мекунад» [5, с.6].

Дар ҳақиқат, шаклу мазмун барои матбуоти замони истиқлоли мо тағйир ёфт, ки ин худ падидаи неки замони истиқлол ба ҳисоб меравад. Таъйинот ва нишондоди ҳизбӣ барои матбуот аз байн рафт. Журналисти тоҷик акнун чун оғози асри гузашта аз манфиатҳои миллӣ ҳарф мегуфт. Ин ҷараён аслан аз бозсозии замони горбачевӣ оғоз ёфта буд, ки чандон давомдор нагардид. Ҷойи инкор нест, ки оғози аввалин солҳои соҳибистиқлолии мо аз душвориҳову тирагиҳои сиёсӣ иборат буд, ки шумтарини он ҷанги дохилӣ буд. Ихтилофи дохилӣ мушкилоти иқтисодиро ба вуҷуд овард. Фарҳанги миллӣ, ки акнун шакл гирифтан мехост, аз назарҳо дур монд Дар ҳамин лаҳзаҳо бояд матбуот ба мадади мардум мешитофт. Рӯзнома бояд мардумро аз хавфу хатарҳо огоҳ менамуду ҷаҳонбинии сиёсии навро таълим медод. Аммо «рӯзнома маънои луғавии худро гум кард» [12, с.31-32] ва ин рӯзнома гоҳо баръакс дар шиддатёбии авзоъ мусоидат мекард. Набудани идеологияи қатъии роҳнамо дурнамои матбуотро дар шакли тира қарор медод. Мухолифи манфиатҳо ва мавқеи миллӣ амал кардани матбуот низ вуҷуд дошт: «Матбуоти ҳақиқӣ ифодагари имону виҷдони пок буда, хосияти фарогирии оммаро дорад. Набояд рӯҳияи пархошгариро ифода бикунад» [7, с.12]. Мушкилоти иқтисодӣ ва буҳрони маънавӣ оммаро аз матбуот як андоза дур нигоҳ дошт. Буҳрони мураккаби инкишофи матбуот низ истисно набуд ва «сохти композитсионии маъмулии газетаҳо ба шикасти сахт мувоҷеҳ шуд» [12, с.31-32]. Муҳаққиқону равшанфикрон бо ҳасрат аз мавқеи ночизи рӯзнома ҳарф мезаданд. Рӯзнома дигар рисолати ташкилотчигиву созандагии худро ба таври дилхоҳ иҷро карда наметавонист. Сухани рӯзнома эътибори худро гум кард. Танқиду мазаммат хавф дошт ва касе тоқати сухани танқидии матбуъро надошт. Рисолати ислоҳгарии матбуот аз миён рафт. Дигаргуниҳову таҳаввулотро на матбуот, балки овозаву иғво ба вуҷуд меовард. Ҳол он ки дар замони шӯравӣ ҳар як танқид мақсаднок буду таъсиру самара дошт: «… он вақт танқид расмӣ буд, яъне ҳама имкони танқид шунидану ислоҳ шуданро дошт» [11, с.33]. Дар ҳама сурат мо мавҷудияти матбуоти солҳои аввали соҳибистиқлолиро инкор карда наметавонем. Муҳаққиқ И.Усмонов ақида дорад, ки матбуоти тоҷик танҳо баъди истиқлолият «хусусияти соф миллӣ ва соф Тоҷикистонӣ» [14, с.663] пайдо кардааст. Андешаи болоро инкор наметавон кард, аммо ба он пурра ҷонибдор ҳам наметавон буд. Махсусан, дар остонаи соҳибистиқлолӣ мазмуну мундариҷоти баъзе нашрияҳои мо дар ботини худ эҳсосу таҳқиру мухолифати тираеро нигоҳ медошт, ки он ба мухолифати намояндагони як миллат мусоидат мекард. Он ба минбаре табдил ёфта буд, ки ба ақидаву афкори як андоза миссионерӣ махлут гардида, ҳанӯз хосияти пурраи миллӣ надошт. Албатта, даврони гузариш будани он солҳо сарфи назар нест, аммо ҷойи пӯшида ҳам нест, ки як қисми зиёиён дар баробари онҳое, ки истиқлолияти муфт ҳосилшударо бо мамнуният мепазируфтанд, ошкору ниҳон садоқати худро нисбат ба империяи парокандашуда нигоҳ медоштанд. Барои матбуотчиёни мо, ки парвардаи замони шӯравӣ буданду дар як қолаби мушаххас фаъолият мекарданд, қабулу интихоби шеваи нави ба роҳ гузоштани фаъолияти матбуот душвор буд. Қолаби якнавохти матбуот шикаста гардид ва рӯзноманигорон дар фазои истиқлолият бо истифода аз имкони озодии фароҳамомада ҳар гуна рӯзномаву маҷалларо таъсис медоданд, ки аз ҷониби муҳаққиқон дар он солҳо пурра баҳои мусбатро соҳиб намегардиданд. Камаҳаммият будани баъзе нашрияҳо аз мадди назари муҳаққиқон дур қарор надошт: «... рӯ овардани матбуот ба мавзӯъҳое, ки ба коста шудани ахлоқ дар ҷомеа сабаб мегарданд..., барҳақ матбуотро камаҳаммият сохтаанд» [9, с.7].

Дар ин самт бояд аз қолаби шахшудаи матбуот низ таъкид кард, ки матбуоти мо бештар дар доираи худсензор қарор мегирад. Ягон қонун озодии баёну танқидро манъ накардааст. Агар матбуоти замони шӯравӣ бо ҳарорат ва хеле таъсирбахш дар бораи проблемаҳои рӯзмарра менавишт, имрӯз ҳавсалаи баррасии проблемаҳо аз ҷониби кормандони матбуот хеле коста мебошад. Хуб аст, ки дар даҳсолаи аввали истиқлолият ҷуръати муҳаққиқон назаррас аст: «… Матбуоти имрӯзаи тоҷик ба таҳлили амиқи воқеоти зиндагӣ, масъалагузорӣ, пешбурди соҳаҳои хоҷагии халқ камтар аҳаммият медиҳад. Чӣ ҷойи пинҳон, аксаран маводи рӯзномаҳо хому рӯякӣ, таҳлилҳояшон ноаниқанд. Пешниҳоду ҳалли проблемаҳо аҳёнан ба чашм мерасанд. Ҳол он ки рӯзгори кунунии мо пур аз дарду доғ, проблема ва муаамост» [9, с.5]. Шояд ин раванд ва тамоюл ба он вобаста бошад, ки «… ягон рӯзнома ба номаш мувофиқ номаи рӯз нест» [9, с.5]. Рӯзнома агар ҳамарӯза бо хонанда дар иртибот набошад, аҳаммият ва қимати худро аз даст медиҳад. Маълум аст, ки дар давоми се даҳсолаи истиқлолият ба маънии томаш дар кишвари мо рӯзномае ба вуҷуд наомад, ҳарчанд ки баъзе падидаҳову комёбиҳо дар ин самт ба назар мерасанд, ки чандон кифояткунанда нестанд: “Аз воқеияти имрӯзаи газетаҳои Тоҷикистон берун наравем (ҳафтае 5 маротиба ба табъ расидани танҳо «Имрӯз-Нюс», «Ҷумҳурият» ва

3 маротиба чоп шудани «Садои мардум»), набудани рӯзномаро иқрор шавем, куҷо расад ба газетаҳои ҳар рӯз 2 бор чопшаванда, тибқи аломати даврияти чоп гурӯҳбандӣ намудани газетаҳо бароямон кори ҳанӯз барвақт аст” [16, с.64]. Мушоҳидаҳои чанд соли охир нишон медиҳанд, ки раванди ба вуҷуд омадану шакл гирифтани рӯзномаи ҳаррӯза дар кишвари мо ба назар намерасад ва шояд дигар нарасад. Зеро даврони (эпоха) матбуоти классикӣ (чопи қоғазӣ) нуқтаи ниҳоиро гузашт ва ин хосси тамоми ҷаҳони муосир аст. Шояд ҳамин бошад, ки на аз ҷониби нашрияҳои расмӣ ва на хусусӣ талоши табдил додани рӯзномаашон ба рӯзномаи ҳаррӯза қариб ки вуҷуд надорад. Ин, пеш аз ҳама, ба он марбут аст, ки нашрияҳо таъйиноти ахбории худро гум карда, бештар хислати андармонсозиро касб кардаанд: «... матбуоти даврӣ василаи иттилоотрасонии худро коҳиш дода, ба минбари суҳбат, афкор, мубодила ва музокира табдил меёбад» [5, с.38]. Ақидаву орзуву пешниҳоди таъсис додани рӯзномаи ҳаррӯза 10-15 сол қабл хел зиёд садо медод: «Тоҷикистон ба нашрияи асосие, ки ҳамарӯза чоп шавад, ниёз дорад» [9, с.5]. Чун имрӯз дастрасӣ ба иттилоот аз дигар равзанаҳо сурат мегирад, табиист, ки завқи таъсис додани рӯзномаи ҳаррӯза торафт аз байн меравад. Рушди журналистикаи мултимедиявӣ торафт мавқеи ин гуна нашрияро маҳдуд менамояд. Доман паҳн кардани васоити электронии ахбор ва воситаҳои нави коммуникатсионӣ матбуотро дуюмдараҷаву камэътибор сохт. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки акнун ҳавасу иқдоми таъсис додани рӯзномаи ҳаррӯза аз миён рафт. Ҳатто барои таъсис додани он андаке таъхир низ вуҷуд дошт. Зеро «нуфузи матбуоти электронӣ» [3, с.60-64] дар ҷаҳони муосир ба маротиб боло рафта, насли нав таваҷҷуҳи хеле ночиз ба газетаи чопӣ дорад.

Матбуот аз оғоз майдони инкишофи публитсистика мебошад. Публитсистика бошад, ин, пеш аз ҳама, сару кор доштан бо фикр аст ва фикр дар ҳама замонҳо аҳаммияти худро гум намесозад. Танҳо шакли пешниҳод ва минбару василаи пешниҳод дигар мешавад. Имрӯз афкор ва ахбор дар рақобати шадиде қарор доранд. Афкори ҷолиби таъсирбахш бо андозаи маҳдуди худ сангари устувор пайдо кардан мехоҳад, ки ин рисолат, пеш аз ҳама, ба дӯши публитсистону адибон аст. Мактаби тарбияи журналистону адибон будани матбуот як самти бузурги шинохти матбуот ба ҳисоб меравад. Матбуот аввалин парвозгоҳи адиби баркамоли оянда мебошад. Сарфи назар аз таъйиноти худ (ҳизбӣ, расмӣ, оммавӣ, соҳавӣ, сиёсӣ ва ғ.) матбуот ба ҳар як эҷодкор имкон медиҳад, ки худро дар корхонаи эҷодии рӯзнома обутоб диҳад. Рисолати ба ҷомеа муаррифӣ кардани адибону эҷодкорони муваффақ барои матбуот аз аввалин рӯзҳои пайдоиш вуҷуд дошт: «Матбуоти даврӣ натанҳо воситаи инъикоси проблемаҳои актуалии сиёсиву иҷтимоиву иқтисодӣ, балки муаррифгари дастовардҳои адабӣ гардид» [13, с.6].

Матбуот бо он сифат, ки «… рангу равишҳои хосси зиндагӣ мебошад» [10, с.221-230] дар саҳифаҳои худ ба таври мудовим аз дастандаркорони худ навҷӯиву навгӯиҳо ва навпардозиҳоро талаб менамояд. Табиист, ки барои ин ҳама танҳо табъу завқи болидаву баланди эҷодкор мусоидат карда метавонад. Дар ин раванд бошад, танҳо журналисти соҳибистеъдоду бомаҳорат комёб гардида метавонад. Он журналисте, ки рӯзе чун публитсисту адиби шинохта дар ҷомеа мақом пайдо мекунад: “... аксарияти нависандагони бузурги Фаронса дар даҳ асри охир ба монанди Волтеру Дидро, Руссою Бомарше, Беранжею Стендал, Балзаку Гюго, Меримею Флобер, Мопасану Дюма, Бодлеру Рембо, Верлену Потйз, Ролану Арагон..., ки дар рӯйи замин онҳоро мешиносанд, дар матбуот низ кор кардаанд” [6, с.83]. Матбуот хосият ва хислати амиқи иҷтимоӣ дошта, дар саҳифаҳои худ он маводеро ба нашр мерасонад, агар он бо мафкурае созиш карда тавонад. Он андешаи муҳаққиқон, ки «матбуоти даврӣ майдони асосии публитсистика» [5, с.131] мегӯянд, ба ҳамин омил иртибот дорад. Матбуот ҳамчун минбари оммавию иҷтимоӣ бо назардошти талаботи рӯз ва равандҳои идеологӣ он асарҳоеро рӯйи нашр меорад, ки агар он аз манфиатҳову хостаҳои фардӣ дар фосила қарор дошта бошад. Фаврияту оҷилияти матбуот ҷузъиёти истисноӣ нест ва наметавон онҳоро инкор кард. Яъне, ҳамқадами замон будану зуз-зуд нашр гардидани он хосияту талаботи матбуот мебошад ва дар ин роҳ намешавад, ки саҳифаҳои матбуот холӣ ҳам ба нашр расанд. Пур кардани саҳифаҳои ҳар як шумораи рӯзнома меҳнати сангин аст ва дар ин раванд бояд муҳарриру кормандон ба ҳама мушкилот тобовар бошанду ба саросемагӣ роҳ надиҳанд. Бобоҷон Ғафуров дар як маърӯзаи худ қайд карда буд: “Асарҳои хом, чалла ва халтуравӣ набояд умуман дар матбуоти мо чоп шаванд. Бояд дар ҳар асар рӯҳи замони ҳозира ҳис карда шавад – ба ҳамин сурат ин асар ба муддатҳои дароз ба халқ ғизои маънавӣ дода метавонад” [5, с.206].

Аз ин ҷиҳат, вазифаи публитсистии матбуот имрӯз ба маротиб бештар гардида ягона неруву иқтидори он ба ҳисоб меравад. Ҳонанда тавассути жанрҳое, ки хосияти публитсистиву бадеӣ доранд, ҳаётро дар доираи фалсафаву маънавият шинохтан мехоҳад. Адибон бо истифода аз ин минбар ҷомеаро тарбия месозанд ва дар доираи табъу завқи хонанда чизе меофаранд, ки хосияти мондагорӣ доранд. Яъне, публитсистикаи матбуотӣ

он равзанаест, ки воқеиятро бо эҳсоси мусбату манфӣ пешниҳод менамояд. Ин навъи эҷод дар матбуот нав нест ва тавре ишора гардид, аз замони пайдоиши матбуот публитсистика ҳамқдами он аст. Ҷойи инкор нест, ки вазифаҳову уҳдадориҳои матбуоти даврӣ тағйироти зиёдро пазируфт ва нақши публитсистии матбуот имрӯз бештар мегардад. Мункир наметавон буд, ки имрӯз хислати андармонсозӣ, фароғатӣ, тарбиявӣ, муътақидсозӣ ва дигар ҷанбаҳои оммавии матбуот боқӣ монд ва ё боло рафтааст. Манзур хосияти баланди публитсистии матбуот дар шароити феълӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, дар шинохти матбуот ба чунин хулосаҳои умумӣ расидан мумкин аст.

1. Матбуоти чопӣ аз ҷумлаи дастовардҳои маънавии инсоният аст, ки дар тӯли мавҷудияти худ дар пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёт ба таври амиқ мусоидат кардааст.
2. Матбуот ҳамчун шакли классикии воситаи ахбор дар такомули ҷаҳонбиниву афкори иҷтимоӣ нақши созандаи худро нигоҳ дошта, бо назардошти таҳаввулоти ҷомеа онро дар қолабҳои нави замонавӣ ба роҳ мегузорад.
3. Матбуот аз рӯйи дарияти худ дар чанд даҳсолаи охир дар як ҳолати ноҷунбон ва гоҳе таназзулёбанда қарор гирифта, тираж ва миқдори саҳифаҳои худро аз даст медиҳад. Хосияти рӯзмаррагиро аз даст додан марбут ба омилҳои рақобатнопазирии он мебошад.
4. Барои матбуот принсипҳои ҳизбият, халқият, демократизм, оммавият, интернатсионализм, ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, ҳақиқатнигорӣ ва сареҳият аз оғоз вуҷуд дошт.
5. Дар раванди рақобатҳои шадид матбуот нақши иттилоотиро то ҳадде аз даст дода бошад ҳам, хосияти ташреҳию таҳлили он аудиторияро ҷалб карда метавонад.
6. Матбуот бо хосияти фарҳангиву иҷтимоии худ дар шаклгириву пешрафти тамаддуни инсоният нақш дошт. Имрӯз ин рисолат то ҳадде коста гардида бошад ҳам, аммо маҳз вазифаҳову уҳдадориҳои матбуот барои дигар шаклҳои васоити ахбор ҳамчун анъана истифода мешавад.
7. Имрӯз нақши фароғативу андармонсозӣ ва фарҳангиву адабии рӯзнома муҳимтар гардидааст, ки аз моҳияти амиқи публитсистии маводи саҳифаҳои он дарак медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Матбуот ва маҳви бесаводӣ (1928-1940) / А.Азимов. – Душанбе, 2013. – 83 с.
2. Васильева А.Н. Газетно-публицистической стиль / А.Н. Вассилева. - М.: Русский язык, 1982. - 198 с.
3. Муқимов М. Роҳҳои нави дарёфти даромади матбуоти муосир / М.Муқимов // Журналистикаи байналхалқӣ–IV. – Душанбе, 2012. - С.60-64.
4. Муллоев, Ш. Жанрово–тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны (1941–1945) Монография / Ш. Муллоев. – Душанбе, 2015. – 302 с.
5. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 320 с.
6. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ / А.Нуралиев. - Душанбе, 2001. - 224 с.
7. Назир У. Андоза нигаҳ дор, ки андоза накуст / У.Назир // Матбуоти муосири тоҷик: пешомад ва проблемаҳо. - Душанбе, 1998. – С.11-13.
8. Нуралиев А.Н. История отечественной журналистики XX в.Часть 4. Журналистика советского периода (1917-1991): учебное пособие / А.Нуралиев. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 212 с.
9. Салимзода О. Матбуоти муосир: Пешомад ва проблемаҳо / О.Салимзода // Матбуоти муосири тоҷик: пешомад ва проблемаҳо (маҷмӯаи мақолаҳо). - Душанбе, 1998. – С.5-7.
10. Сатторова З. Баъзе хусусиятҳои очеркҳои портретӣ / З.Сатторова // Шарофати «Бухорои шариф». - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2012. – С.221-230.
11. Саъдуллоев А. Истеъдод парвариш мехоҳад / А.Саъдуллоев // Матбуоти муосири тоҷик: пешомад ва проблемаҳо. - Душанбе, 1998. – С.33-36.
12. Саъдуллоев, А. Жанри нав, ё падидаи замон / А.Саъдуллоев // Нақвои наҷотофарин (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2008. – С.31-32.
13. Соҳибназарбекова Р. Становление и развитие литературно-художественных изданий в Таджикистане. Монография / Р.Сохибназарбекова. - Душанбе: РТСУ, 2016. - 111 с.
14. Усмон И. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳо ва мусоҳибаҳо) / И. Усмон. - Душанбе, 2016. - 672 с.
15. Усмонов И.К. Журналистика. Ҷ.4 / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.
16. Шарифзода Қ. Газета (рӯзнома) аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он. Воситаи таълимӣ / Қ.Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 104 с.
17. Шукуров М.Р. История культурной жизни советского Таджикистана. Ч.1. - Душанбе, 1970. - 197 с.

НАЗАРЕ БА МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФ ВА РИСОЛАТҲОИ МАТБУОТИ ТОҶИК

Дар ин мақола ба таври умумӣ дар бораи марҳилаҳои инкишофи матбуоти тоҷик сухан рафта, муҳимтарин рисолатҳои он дар даврaҳои гуногун баён мегардад. Маълум карда мешавад, ки матбуоти тоҷик се давраву марҳилаи асосии инкишоф - замони қабл аз Инқилоби Октябр, даврони шӯравӣ ва замони истиқлолиятро тай кардааст. Ҳар як давраи инкишофи матбуоти тоҷик гувоҳи рисолатҳои бузургеро анҷом додани ин матбуот мебошад. Пеш аз инқилоб матбуоти тоҷикро масъалаҳои худшиносиву ислоҳотхоҳӣ фаро мегирифт. Маорифпарварону равшанфикрон талош мекарданд, ки маънавиёту фарҳанги мардумро баланд бардоранд. Замони қабл аз инқилоб давраи маҳдудтар ба ҳисоб равад ҳам, даврони шӯравӣ давраи асосӣ ва камоли матбуот ба шумор дониста мешавад. Даврони истиқлолиятро давраи гузариш номидан мумкин аст, ки анъанаҳои зиёди матбуоти замони шӯравиро дар худ нигоҳ доштан мехоҳад. Дар ҳақиқат,

замони шӯравӣ даврони асосии рушди матбуоти тоҷик мебошад. Вазифаи матбуот ва умуман тамоми шаклҳои васоити ахбор дар замони шӯравӣ таблиғи амиқи ҳадафмандонаи ҳизбӣ ба шумор равад ҳам, аз ҷониби дигар, ин матбуот нақши амиқи созандагӣ дошт. Ҳизбияти матбуот онро дар қолаби маҳдуд нигоҳ медошт, аммо ин падида монеаи нуфузу эътибори он набуд. Матбуоти замони истиқлол низ бо чандин рисолатҳои худ шинохта мешавад. Барои ин матбуот принсипҳои ҳизбият, халқият, демократизм, оммавият, интернатсионализм, ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, ҳақиқатнигорӣ ва сареҳият боқӣ монда, нақши ваҳдатсозиву худшиносии он дар мадди аввал қарор мегирад. Хосияти ташреҳию таҳлилии он имрӯз бештар аудиторияро ҷалб карда метавонад. Дар баробари ин, нақши фароғативу андармонсозӣ ва фарҳангиву адабии матбуоти муосир аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта метавонад. Яъне, ҳар як давраи инкишоф бо хусусияти умдаи худ дар саҳифаҳои таърих боқӣ мемонад.

Калидвожаҳо: вазифа, давра, инқилоб, шӯравӣ, истиқлолият, худшиносӣ, созандагӣ, даъват, эътимод, фарҳанг, ҳақиқатнигорӣ, адабӣ, андармонсозӣ.

ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ И МИССИЯ ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЫ

В статье рассматриваются основные этапы развития таджикской прессы и ее функционирование в разные периоды своего существования. На основе многочисленных материалов автор выделяет три основных этапа развития таджикской прессы: до Октябрьской революции, Советское время и период независимости. Исследования данного вопроса позволяет автору выдвинуть гипотезу, что на каждом этапе своего развития таджикская пресса выполняла перед обществом разные функции и задачи, к которым можно отнести ликвидацию безграмотности, поддержку идеологии власти, создание гражданского и демократического общества. Выявляются характеристики, функции и задачи прессы на разных этапах ее развития. Автор приходит к выводу, что для прессы дореволюционного периода характерно освещение тем, касающихся проведения социальных реформ, создания представления о таджикском народе с богатой историей и языком. Развитие таджикской прессы, в рамках коммунистической идеологии оценивается положительно, поскольку в это время наблюдается увеличение количества газет на таджикском языке, несмотря на присущую им в тот период пропагандистскую функцию. Автор делает вывод о том, что переход от тоталитарного режима к демократии привел к появлению многочисленных политизированных газет, отражающих как интересы народа, так и интересы различных политических сил, имеющих одну общую цель: захват власти. Для советской прессы были характерны пропаганда партийной идеологии и выполнение организаторской функции. Хотя партийная принадлежность препятствовала функционированию прессы в рамках других моделей, однако это не стало ограничением для развития различных видов СМИ на этой территории. Отмечается, что особенности функционирования прессы в начале период независимости заключаются в освещении разнообразных точек зрения, основой которых является конфликт интересов различных политических сил. Для прессы данного периода также характерен новый принцип освещения тем, касающихся принадлежности партии, публичности, стремления к созданию демократического и гражданского общества, объективности, патриотизма, национального единства, налаживания контактов между различными политическими силами. Способ подачи материала и анализ политических или социальных вопросов привлекает внимание как читателей, так и рекламодателей. Также автор уделяет внимание анализу таких важных для современной прессы функции как развлекательной и культуроформирующей функций. Результаты анализа позволяют автору прийти к выводу о том, что каждый период развития прессы имеет свою специфику и занимает особое место в истории таджикского народа, и важным моментом в этом процессе являются взаимоотношения между прессой, властью и обществом.

Ключевые слова: функции прессы, периодичность, советская модель прессы, независимость, революция, культура, самопознание, призыв, объективность, развлекательность.

OVERVIEW OF THE STAGES OF DEVELOPMENT AND MISSION OF TAJIK PRESS

This article will tell you in general about the stages of development of the Tajik press and discuss its major missions in this period. It is reported that the Tajik press has traversed three main stages of development - the period before the October Revolution, the Soviet period, and the independence. Each period in the development of the Tajik press illustrates the missions of the press. Prior to the revolution, the Tajik press covered issues of self-awareness and reform. Educators and educators sought to promote the spirituality and culture of the people. Although the period before the Revolution was regarded as a shorter period, the Soviet period was considerred to be the most basic and complete period of press. The period of independence can be called a transitional period, which seeks to preserve many traditions of the Soviet press. In fact, the Soviet era is a key period in the development of the Tajik press. Although the press and all forms of media in the Soviet period were clearly targeted party propaganda, on the other hand, the press had a strong constructive role. The press party kept it in a limited format, but this did not prevent it. The Independence Press is also well-known for its many missions. For this press the principles of party hood, nationhood, democracy, publicity, internationalism, patriotism, humanism, authenticity and clarity remain, and the role of its constitution and self-awareness is at stake. Its peculiarity of analysis can attract even more viewers. At the same time, the role of entertainment and mobilization and the cultural and literary role of the modern press can be considered a priority. In other words, every development moment remains a key feature in the pages of history.

Key words: task, period, revolution, soviet, independence, self-esteem, constructivity, calling, trust, culture, authenticity, literature, and mobilization

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik national University, Cand.Phil.Sci., the associate professor of the International Journalism department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

УДК: 070 (1-87)

МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ БАРНОМАҲОИ “МАВҶИ ОЛМОН”

Анҷум М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таъсир ба афкор аз тариқи радиову телевизион ҳамеша тавассути барномаҳо сурат мегирад. Ва танҳо он барномаҳое таъсиргузор мешаванд, ки агар мувофиқи завқи аудитория дар сатҳи баланди касбӣ бо назардошти талаботи аудитория омода гарданд. Ба таври дигар, маҳз барномаи ҷолиб ҳам писанди аудитория мегардад ва ҳам таъсиргузор мегардад. Ин таъкид ба ҳама шаклҳои барномаҳо ва ҳама жанрҳои воситаҳои электронии ахбори омма тааллуқ дорад. Профессор Муқимов М. А. чунин андеша дорад: “ВАО новобаста аз муҳтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад. Зеро вай хусусияти таъсиррасонӣ ба тафаккури ҷомеа дорад” [2, с.251]. Аммо, пеш аз ҳама, вазифаи асосии журналистика ба аудитория додани иттилоъ дар бораи вазъияти рӯз аст. Ва табдил ёфтани инъикосу пешниҳоди навигариву рӯйдодҳои тоза тавассути жанрҳои хабарӣ ба фаъолияти ҳарлаҳзаинаву ҳамарӯзаи кормандони расонаҳо бархоста аз ҳамин рисолати журналистика мебошад. Дар ин замина агарчи фикру мулоҳизоти муҳаққиқон гуногун бошад ҳам, аммо дар умум ҳама муҳаққиқон ин рисолати асосии журналистикаро эътироф мекунанд.

Муҳаққиқони тоҷик А. Саъдуллоев ва М. Шоев навигариро маънидод карда, таъкид месозанд, ки “... ҳар чизи наве, ки дар маҳал ё дар миқёси бузург шуҳрат пайдо мекунад, медонанд ва таъкид мекунанд, ки комёбию нокомиҳои ташкилотҳои давлатӣ, сиёсӣ, корчаллонӣ, бозаргонӣ, ҷамъиятӣ ва намояндагони онҳо, ки бо ном нюсмейкерҳоро ба вуҷуд меоранд, намоиши симои шахсиятҳои бузург ҳангоми амале, кашфиёте дар ин ё он соҳа метавонанд ба навигарӣ пайванд дода шавад” [3, с.37].

Яке аз расонаҳои байналмилалие, ки дар пешниҳоди навигариву рӯйдодҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ пешдастӣ дорад, ин ширкати радиову телевизиони “Мавҷи Олмон” (Deutsche welle) мебошад. Ин ширкат дар олами иттилоот яке аз расонаҳоест, ки фаъолияташ эътимодбахш ва ба меъёрҳои касбиву этикӣ ҷавобгӯ мебошад. Пеш аз ҳама, ин расона ба сарчашмаҳои муътамад, тавозуни андешаҳо, беғаразӣ, касбият, эҳтироми мухотабон ва амсоли ин такя мекунад. “Ба “Мавҷи Олмон” 157 миллион нафар ба воситаи радио, интернет ва телевизион дастрасӣ доранд. Тавассути сомонаи иттилоотӣ www.dw.com бо 30 забон, аз ҷумла англисӣ, испанӣ, португалӣ, франсузӣ, олмонӣ, юнонӣ, албанӣ, булғорӣ, босниягӣ, сербӣ, македонӣ, хорватӣ, полякӣ, руминӣ, русӣ, украинӣ, чинӣ, арабӣ, ҳиндӣ, индонезиягӣ, банғолӣ, дарӣ, пашту, урду, туркӣ, форсӣ ва ғайра иттилоот пахш карда мешавад. “Мавҷи Олмон” дар 4 кишвари хориҷӣ бунгоҳ (бюро) дорад. Ин бунгоҳҳо бо таҷҳизоти телевизонӣ ва студиявӣ таъмин буда, дар шаҳрҳои Брюссел (Белгия), Москва (Федератсияи Русия), Вашингтон (ИМА), Буэнос-Айрес (Аргентина) қарор доранд” [1, с.282].

Дар инъикоси навигариву воқеоти кишварҳои Осиёи Марказӣ ин расона талош мекунад, ки принсипи беғаразиро риоя карда, рӯйдодҳои муҳимтаринро бо назардошти таваҷҷуҳи аудиторияи худ пешниҳод кунад, яъне иттилоеро пахш мекунад, ки дар ин ё он сатҳ ба Иттиҳоди Аврупо рабт дорад. Тавре маълум аст, Олмон дар Иттиҳоди Аврупо аз нуқтаи нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ бузургтарин кишвар аст. Иттиҳоди Аврупо чандин барномаву лоиҳаҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки ба минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи тарафайнро дар робитаҳои наздиктарини сиёсӣ ва иқтисодӣ зоҳир карданд. Ҳамкориҳои Иттилоотӣ ва ҳамкорӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ мавҷуд аст.

Кумак барои рушди идоракунии хуб, таҳсилоти олӣ, таҳсилоти касбӣ ва омӯзиш, мусоидат ба рушди иқтисодӣ, энергияи устувор, устувории экологӣ ва об, инчунин дар мубориза бар зидди таҳдидҳо ва мушкилоти умумӣ нигаронида шудааст. Иттиҳоди Аврупо нақшаи зеринро барои рушди рӯзноманигорӣ амалӣ мегардонад:

- Нақши ВАО барои инъикоси беҳтари муҳити зист ва захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ.

- Барои рушди касбии мутахассисон ва иқтидори техникии ВАО-и маҳаллӣ дар самти таҳияи иттилооти босифат ва инъикоси баҳсҳо дар бораи захираҳои табиӣ.

- Мусоидат намудан ба ҳамкории минтақавӣ оид ба иттилоот ва коммуникатсия, мубодила ва паҳн намудани иттилоот дар бораи рӯйдодҳои сарҳадӣ.

- Барои таҳия намудани воситаҳо ва платформаҳои устувор барои ҳамкории байниминтақавӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва истеҳсоли маводи воситаҳои ахбори омма [4].

Ҳамчунин Иттиҳоди Аврупо чанд лоиҳаро бо кишварҳои минтақа дар самти идораи сарҳад амалӣ месозад, ки дар самти суботи минтақа нақши муҳим доранд. Аз ҷумла мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир душвории асосии панҷ кишвари Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) мебошад. Иттиҳоди Аврупо барои ҳалли ҳар ду масъала тавассути ду барномаи солонаи минтақавӣ: «Барномаи идоракунии сарҳад дар Осиёи Марказӣ» (BOMCA), ки таҷдид ва ислоҳоти идоракунии сарҳадро дар панҷ мамлакати Осиёи Марказӣ дастгирӣ менамояд; ва барномаи "Осиёи Марказӣ дар соҳаи маводи мухаддир" (КБСС), ки ба кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шуда, барои коҳиш додани талабот ва гардиши ғайриқонунӣ маводи мухаддир равона гардидааст.

Ин ҳамкориҳо ва раванди иҷрои лоиҳаҳо ба таври доимӣ мавриди инъикос дар барномаҳои “Мавҷи Олмон” (Deutsche welle) мегарданд. Ба гунаи мисол чанд намуна аз хабару гузоришҳоро ин ҷо ба таҳлил мегирем:

Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ: Ҳамкорӣ дар самти муҳити зист ва об

24 январ дар Тошканд Конфронси 6-уми сатҳи баланди Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳамкории муҳити зист ва об оғоз ёфт. Намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, намояндагони созмонҳои экологии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Италия, Фаронса, Британияи Кабир, Латвия, Словакия, Венгрия, Чехия, Руминия, сохторҳои махсуси СММ, коршиносони Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд иштирок доранд.

Раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба экология ва ҳифзи муҳити зист Баҳром Кучаров, муовини сардори Хадамоти амалиётии берунии Аврупо Филипп Ван Амерсфорт, намояндаи Вазорати ҳифзи табиат, замин ва баҳри Италия Маслимо Кожонон ва дигарон дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ суханронӣ карданд.

Дар чорабинӣ натиҷаҳои фаъолияти платформаи ҳамкории Иттиҳоди Аврупо - Осиёи Марказӣ дар самати муҳити зист ва об барои солҳои 2015-2018 пешниҳод гардид. Дар ҷаласаҳои марбутаи конфронс масъалаҳои беҳтар намудани вазъи экологӣ ва иҷтимоию иқтисодии минтақаи баҳри Арал, дастгирии Фонди бисёрҷонибаи амниятии инсонӣ дар минтақаи баҳри Арал, рушди минбаъдаи шарикии минтақавӣ дар доираи чорабиниҳои Фонди байналмилалии наҷоти Арал, ҷалби кумаки берунии молиявӣ ва техникӣ муҳокима карда шуд.

Пешниҳодҳо оид ба кам кардани таъсири тағйирёбии иқлим, коҳиш додани ифлосшавии муҳити зист, ҷалби сармоя барои дастгирии иқтисоди сабз баррасӣ шуда, самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ муайян карда шуданд [5].

Ин як хабари васеъ аст, ки аз як чорабинии минтақавӣ дар самти ҳифзи муҳити зист иттилоъ медиҳад. Хабари дигар доир ба инъикоси мавзӯи муҳимми байналмилалӣ - пешгирии паҳншавии экстремизм ва терроризм мебошад:

Журналистон барои пешгирии паҳншавии экстремизм ва терроризм дар Осиёи Марказӣ кӯшиш мекунанд.

Лабораторияи аввалини минтақавии инноватсионии «STORYCRAFT–Innovate, Бозӣ, Иштирок», ки дар Бишкек дар таърихи 24 то 26-уми сентябр баргузор гардид, нишон дод, ки роҳи сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ беҳбудии ҳамкории байниминтақавӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҷомеа мебошад.

Рӯзи 24-уми сентябр беш аз 50 нафар мутахассисони воситаҳои ахбори оммаи Осиёи Марказӣ, фаъолони ҷамъиятӣ ва мутахассисони IT ҷамъ омада, барои пешгирии паҳншавии ифротгароӣ дар Осиёи Марказӣ роҳҳои навро ҷустуҷӯ намуданд. Ин чорабинӣ бар асоси фаъолияти ҳафтаҳо баргузор шуд. Барои амалишавии идеяҳои навтарин дар ин самт додани грантҳо то 14 000 евро ба анҷом расиданд. Бо вуҷуди ин, якчанд лоиҳаҳои хуби якҷояи мутахассисони маҳаллӣ ва байналхалқӣ барои таҳияи маводи мултимедиявии фарогири пешгирии экстремизм (PVE) ҷой доштанд.

Талабот барои пешгирӣ: Забони иттилои ВАО дар бораи пешгирии экстремизм (PVE) дар як вақт ба ақидаҳои бештар дар соҳаи пешгирии радикализатсия меояд. Директори минтақавии барномаи муколамаи Аврупо ва Авруосиё Ҷуллиан Мс Кормак (Gillian Mc Cormack) қайд мекунад, ки дар айни замон набудани мавзӯъҳои омӯзишии журналистӣ дар минтақа вуҷуд дорад. "Ҳеҷ мутахассисе нест, ки битавонад ба андозаи кофӣ пуштибонии молӣ, ҳирфаӣ ё фаннӣ бо шумо кунад, то тавонед ба як мутахассис дар мавзӯи хос бипардозед", - қайд кард ӯ.

Интернюс - ташкилоти байналхалқии ғайритиҷоратӣ бо таърихи тӯлонӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар баъзе кишварҳо тақрибаи 20-сола дорад. Консепсияи лабораторияи инноватсионӣ якҷоя бо шарикони Иттиҳоди Аврупо баъди таҳлилҳои пешазинтихоботӣ нишон дод, ки ҳарчанд ҳамкории ҳамаҷонибаи пешгирии экстремизм (PVE) дар сатҳи ҳукумат вуҷуд дорад, ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле камфаъолиятанд. Илова бар ин, сармоягузориҳои давлатӣ аксар вақт барои тадбирҳои қатъӣ зидди терроризм ва гурӯҳҳои террористӣ нигаронида шудаанд, дар ҳоле, ки захираҳои нисбатан каме барои дастгирии тадбирҳои нарм ё пешгирикунанда равона кардан имкон дорад.

Яке аз нигарониҳои асосӣ ин аст, ки захираҳои кофӣ барои кор бо гурӯҳҳои осебпазире, ба монанди ҷавонон, ки аксар вақт созмонҳои террористӣ ҳадаф қарорашон медиҳанд, бахшида шудааст. "Имрӯз гурӯҳҳои террористӣ барои ҷавонон паёмҳои асосиро таҳия мекунанд ва медонанд, ки ҷавонон кадом воситаҳоро барои шиносоӣ бо ин паёмҳо истифода мебаранд, масалан, маблағҳои зиёд дар воситаҳои ахбори омма истифода мешаванд", - мегӯяд Фарҳод Раҳматов, директори лоиҳаи Осиёи Марказӣ зимни мусоҳиба. Умедворем, ки платформаи навтаъсис барои ҳамкориҳои сарҳадии байнидавлатӣ дар самти назорат ва тафтиши усулҳои радикал шудани ҷавонон имкон медиҳад.

Кор дар ҳамкорӣ дар марҳилаи сарҳадӣ дар рӯзноманигорӣ: Дар роҳнамо барои иштирок дар лабораторияи инноватсионӣ имконият дода шуд, ки гурӯҳҳояшонро худашон ташкил диҳанд ва аз даҳ гурӯҳе, ки дар чорабинӣ ширкат варзиданд, иштирокчиён аз чанд кишвари Осиёи Марказӣ шомил буда, ба анҷом расониданд. Масалан, рӯзноманигори тоҷик Ҳуршед Улмасов аз дастаест, ки аъзои он аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон мебошанд. Вай боварӣ дорад, ки ҳамкории байнимарзӣ дар пешгирии паҳншавии экстремизм дар минтақа ҳатмист. “Мо дар лоиҳаҳои худ агар танҳо бо кишварҳоямон кор кунем, хеле маҳдуд ҳастем. Ҳамсоягони мо монанди мо мушкилот доранд ва таҷрибаи якдигар ба осонӣ интиқол дода мешавад. Мо бояд якдигарро кумак кунем ва хатоҳоро такрор накунем. Мо ҳама журналистон ҳастем ва мо бояд якҷоя кор кунем. Дар байни мо риштаи бародарӣ ва хоҳарӣ вуҷуд дорад".

Дастаи Ҳуршед дар мавзӯи саводнокии ВАО ҳамчун омили пешгирикунандаи экстремизм ва терроризм кор мекунад. Нақшаи се лоиҳаи мултимедиявӣ ва тарҳрезии он аз тариқи намунаи дарахтони мевадиҳанда ба даст меояд: “Мо мехоҳем, ки мисли дарахтон кӯдаконро якҷоя парвариш намоем. Дар баробари нашъунумо эҳтиёҷоти зеҳнӣ ва рӯҳии онҳо низ меафзояд. Агар шумо дарахтро нигоҳубин накунед, ӯ хушк хоҳад шуд. Ҳамин тавр, агар шумо дар бораи писари худ фаромӯш кунед, шумо ҳатто намефаҳмед, ки ӯ дар муҳити бад парвариш ёфта истодааст".

Журналист Саида Солеҳанова мегӯяд, ки интихоби мавзӯи лоиҳа дар бораи ҷавонон аз сатҳи касбият ва таҷрибаи шахсӣ иборат аст: "Мо ба ин мавзӯъ майл дорем, зеро, пеш аз ҳама, мо падару модар ҳастем. Мо бо ҳамин масъалаҳо ба нисбати фарзандони худ дучор мешавем ва мефаҳмем, ки волидайни дигар низ аз ҳамин мушкилот гузашта истодаанд [6].

Аз таҳлил ва баррасии ин хабар ва гузориш бармеояд, ки расонаҳои муътамад талош мекунанд, ки барномаҳоро бо маҳорати баланди касбӣ дар мавзӯъҳои ҷолиб таҳия созанд.

Хулоса, барномаҳои “Мавҷи Олмон” ба талаботи замон мувофиқ буда, пеш аз ҳама, манфиат ва таваҷҷуҳи аудиторияи худашонро фаро мегиранд. Ин барномаҳо дар баробари пешниҳоди иттилои гуногун дар бораи рӯйдод ва навигариҳои кишварҳои хориҷӣ, барои ҷалби сайёҳон, тарғибу ташвиқи сиёсат, фарҳанг ва ҳунар (санъат)-и Иттиҳоди Аврупо ва Олмон нақши калон мебозанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Анҷум М.А. Таъсис ва ташаккули шабакаи “Мавҷи Олмон” / М.А. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2018. - №3 – С.282-285.
2. Муқимов М.А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2018. - № 2 – С.251-255.
3. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А. Саъдуллоев, М. Шоев. - Душанбе, 2010. – 109 с.
4. https://ec.europa.eu/europeaid/regions/central-asia-0_en (дата обращение 05.10.2019)
5. http://uza.uz/en/society/european-union-and-central-asia-environment-and-water-cooper (дата обращение 06-10-2019)
6. https://www.internews.org/news/central-asian-journalists-join-efforts-prevent-spread-violent-extremism (дата обращение 10.10.2019)

МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ БАРНОМАҲОИ “МАВҶИ ОЛМОН”

Дар ин мақола сухан дар бораи барномаҳои шабакаи телевизиони “Мавҷи Олмон” (Deutsche welle) меравад. Таъсир ба афкор аз тариқи радиову телевизион ҳамеша тавассути барномаҳо сурат мегирад. Ва танҳо он барномаҳое таъсиргузор мешаванд, ки агар мувофиқи завқи аудитория дар сатҳи баланди касбӣ бо назардошти талаботи аудитория омода гарданд. Маълум аст, ки “Мавҷи Олмон” (Deutsche welle) яке аз 3 шабакаи иттилоотии Аврупо мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлилу таҳқиқи барномаҳои шабакаи

телевизионии “Мавҷи Олмон” онҳоро дар вобастагӣ ба мавзӯъ, самт ва шаклҳои барномасозӣ арзёбӣ мекунад. Дар барномаҳо асосан жанрҳои хабар, мусоҳиба, суҳбат, тафсир, ток-шоу ва ғайра истифода бурда мешаванд. Шакл ва самтҳои асосии барномаҳои ин шабака вобаста ба талаботи аудитория инҳо мебошанд: иттилоотӣ, сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, экологӣ, фарҳангӣ, фароғативу тафреҳӣ, динӣ, варзишӣ, филмҳои ҳуҷҷативу кӯтоҳ ва ғайра. Ин барномаҳо барои қишрҳои гуногуни аудитория нигаронида шудаанд. Махсусияти барномаҳои “Мавҷи Олмон” аслан иборат аз он аст, ки дар онҳо ба риояи меъёрҳои касбӣ, ҳуқуқӣ ва этикӣ, эҳтироми аудитория, ҳаққи аудитория дар дастрасӣ ба иттилои гуногун бартарӣ дода мешавад. Хулоса, барномаҳои “Мавҷи Олмон” ба талаботи замон мувофиқ буда, пеш аз ҳама, манфиат ва таваҷҷуҳи аудиторияи худашонро фаро мегиранд. Ин барномаҳо дар баробари пешниҳоди иттилои гуногун дар бораи рӯйдод ва навигариҳои кишварҳои хориҷӣ, барои ҷалби сайёҳон, тарғибу ташвиқи сиёсат, фарҳанг ва ҳунар (санъат)-и Иттиҳоди Аврупо ва Олмон нақши калон мебозанд.

Калидвожаҳо: журналистика, телевизион, аудитория, барнома, шаклҳои барномасозӣ, мавзӯъ, жанр, иттилоъ, мусоҳиба, тарғибу ташвиқ.

ТЕМЫ И СОДЕРЖАНИЕ ПРОГРАММ “НЕМЕЦКАЯ ВОЛНА” (DEUTSCHE WELLE)

В данной статье речь идет о программах телерадиокомпании “Немецкая волна” (Deutsche welle). Воздействие на сознание масс всегда осуществляется посредством радио и телевизионных программ. Воздействовать могут только те программы, которые соответствуют интересам аудитории и подготовлены на высоком профессиональном уровне. Известно, что “Немецкая волна”(Deutsche welle) является одним из 3 новостных каналов Европы. На основе исследования сущности и специфики программ канала “Немецкая волна”, автор оценивает их в соответствии с тематическими особенностями, направлением деятельности и способами подготовки программ. В программах в основном используются жанры информации, интервью, беседы, комментария, ток-шоу и другие. Основными темами и направлениями программ данного канала в соотвествии с интересами аудитории являются – новости в сфере политики, экономики и торговли, экологии, культуры, развлечений, религии, спорта, документальных фильмов и др. Отдел программ “Немецкой волны” особое внимание уделяет профессиональным нормам и требованиям журналистики, в том числе правовым и этическим, уважению голоса аудитории, а также запросам аудитории в подготовке тех или иных материалов. В общем, программы “Немецкой волны” вполне соответствуют требованиям времени и играют ключевую роль в общественной жизни Германии, благодаря разносторонней подаче информации в привлечениии туристов, пропаганде политики, культуры и искусства.

Ключевые слова: журналистика, канал, аудитория, программа, тема, жанр, информация, интервью, агитация и пропаганда.

TOPICS AND PROGRAMS OF DEUTSCHE WELLE

This article is about the programs of “Deutsche Welle”. The impact on the consciousness of the masses is always carried out through radio and television programs of the holding. Only those programs that meet the interests of the audience and are prepared at a high professional level can have an impact. It is known that “Deutsche Welle” is one of the 3 news channels in Europe. Based on the study of the essence and specificity of the programs of the channel “Deutsche Welle”, the author evaluates them in accordance with the thematic features, activities and methods of preparation of programs. The programs mainly use genres of information, interviews, conversations, commentary, talk shows and others. The main topics and directions of the programs of this channel in accordance with the interest of the audience are-news in the field of politics, Economics and trade, ecology, culture, entertainment, religion, sports, documentaries, etc. The “Deutsche Welle’s” programs Department pays special attention to the professional norms and requirements of journalism, including legal and ethical ones, respecting the voice of the audience, as well as their requests of the audience in the preparation of certain materials. In General, the program “Deutsche Welle” is consistent with the requirements of the time and plays a key role in the social life of Germany due to the diverse presentation of information in attracting tourists, propaganda policy, culture and art.

Key words: journalism, television, audience, program, topic, genre, information, interviews, conversation, agitation and propaganda.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Анҷум Маҳмуд Аҳмад*** - Донишгоҳи милии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **maanjum27@gmail.com** Тел.: **(+992) 985-34-91-25**

Сведения об авторе: ***Анджум Махмуд Ахмад*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **maanjum27@gmail.com** Тел.: **(+992) 985-34-91-25**

Information about the author: ***Anjum Mahmood Ahmed*** - Tajikistan National University, Ph.D of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **maanjum27@gmail.com**. Tel.: **(+992) 985-34-91-25**

УДК: 002+070.2(1-32)+9 тоҷик+37 тоҷик

«ПАЁМИ КӮҲИСТОН» ЗОДАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН

Ғоибов С.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кӯҳистони Мастчоҳ таърихӣ қадимаи маскуният дорад, ки дар осори таърихии то замони мо расида, аз он ишора мешавад. Ин мавзеъ дар охирҳои асри XVIII, аниқтараш аз соли 1886 то соли 1913 ҳамчун воҳиди маъмурӣ бо номи «Волост» (ҷамоъат, музофот) дар ҳайати Уезди (вилояти) Самарқанд ба қайд гирифта шуда буд. Соли 1913 «Волости Мастчоҳ» ба ҳайати Уезди Ӯротеппа дохил гардидааст. Пас аз Инқилоби Октябр, соли 1923 ҳамчун «Волост» дар ҳайати вилояти Ӯротеппа будааст. Соли 1923 Кӯҳистони Мастчоҳ ба ҳайси Кумитаи маҳаллии инқилобӣ аз тарафи ҳукумати шӯравӣ шинохта шуд. 4 октябри соли 1924, ҳангоми тақимоти марзӣ дар Осиёи Миёна, онро аз ҳайати РСС Туркистон бароварда ба РАСС Тоҷикистон дохил намуданд.

Соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт ва Мастчоҳ чун воҳиди мустақили маъмурӣ, аз 5 декабри ҳамон сол расмият пайдо кард. Аз соли 1929 то соли 1956 Кӯҳистони Мастчоҳ ҳамчун ноҳияи мустақил вуҷуд дошт. Соли 1956 бо тақозои замон ва қарори ҳукумати вақт ба мақсади аз худ кардани заминҳои бекорхобида мардуми Кӯҳистони Мастчоҳ ба дашти Дилварзин муҳоҷир карда шуданд. Пас аз муҳоҷират ба дашти Дилварзин муддате ин маскангоҳ матрук шуд ва пас аз солҳои 1970 дар натиҷаи вопас кӯчида омадани мардум зиндагӣ дар рустоҳои он эҳё гардид. Осори маҳфузи таърихӣ ва тадқиқотҳои бостоншиносӣ собит мекунанд, ки дар ин диёр фарҳанг, илм ва ҳунар дар ҳар даврон тараққӣ кардааст ва то замони мо осори хаттӣ, касбӣ, меъморӣ ва ҳунарии сокинони Кӯҳистони Мастчоҳ омада расидаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми ин диёр ба илму фарҳанг ва ҳунар гароиши созанда доштаанд. Масалан: «Қалъаи Ҳисорак» дар мавзеи Падаск зиёда аз дуним ҳазор сол таърих дорад. Дар бисёр рустоҳои ин водӣ сангнавиштаҳо ёфт шудаанд. Ғайр аз ин, хӯлаҳои сафолине, ки аз як зумра деҳаҳо бозёфт шуданд, гувоҳи рушди кишоварзӣ ва обёрикунонӣ дар ин диёр мебошад.

6-уми декабри соли 1995 таҳти рақами 712 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор кардааст, ки ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар ҳайати вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) таъсис дода шавад. Дар заминаи ин қарор 21 феврали соли 1996, яъне баъд аз 40 сол ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ҳамчун воҳиди маъмурӣ аз нав ташкил карда шуд. Маркази ин ноҳия шаҳраки Меҳрон муқаррар гардид. Ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дорои ду ҷамоат: ҷамоати Иван - Тоҷик (Малик Ашӯров) ва Лангар мебошад, ки дар он бинобар маълумотҳои оморӣ то санаи якуми январи соли 2017 24 462 нафар аҳолӣ иқомат доранд. Шуғли асосии мардуми ноҳия кишоварзӣ, бахусус картошкапарварӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва зироаткорӣ мебошад. Солҳои охир дар ноҳия ба парвариши занбӯри асал ва қутос низ таваҷҷуҳ шудааст.

Нашрияи «Паёми Кӯҳистон» соли 1997 баъди ташкилшавии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ҳамчун минбари меҳнаткашони ин ноҳия таъсис дода шуд. «Паёми Кӯҳистон» ба иборае фарзанди «Машъал» аст, зеро то соли 1997, яъне то ташкилшавии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ҳудуди ин ноҳия дар ихтиёри ноҳияи Мастчоҳ буд ва нашрияи «Машъал» низ дар инҷо низ паҳн мегардид. Аз тарафи дигар, чунончи собиқадори ин нашрия Ҳоҷӣ Солоти Солеҳ навиштааст: «бо пешиҳоди ҳукумати ноҳия дар Кӯҳистони Мастчоҳ расман нуқтаи хабарнигорӣ – «корпунк»-и «Машъал»-ро кушода будем. Ҳар семоҳа, нимсола ва ё аз пайи мактуб ба ин ҷо сафар карда, аз кору бор, зиндагӣ, мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии ин маҳал хабару мақолаҳо, очеркҳо нависонда, онҳоро ба ҳамдиёрони дилварзини худ муаррифӣ менамудем» [10, с.279]. Ин сухан бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки «Машъал» ҳаёти мастчоҳиёнро новобаста аз он ки сокини Мастчоҳ ва ё Кӯҳистони Мастчоҳанд, инъикос менамуд.

Нашрияи «Паёми Кӯҳистон» дар замоне ба вуҷуд омад, ки Тоҷикистон нав аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ раҳо шуда, мардум ҳанӯз дар ҳоли тарсу ҳарос зиндагӣ менамуданд. Аз тарафи дигар, Кӯҳистони Мастчоҳ ҳамчун ноҳияи навтаъсис имкониятҳои хуби моддиву кадриро надошт. Ин ҳолат дар кори таъсиси нашрия ва ба роҳ мондани фаъолияти он мушкилиҳо меовард. Бинобар ин ва сабабҳои дигар рӯзнома саривақт чоп нагардид. Дар ин бора аввалин сармуҳаррири он Олим Исматӣ дар хотираҳояш чунин навиштааст: «Раиси ноҳия С. Ҳасанов давоми як соли фаъолияти пурмуҳтаво - муайян кардани маркази ноҳия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои болаёқат дар мақомот, аз ҳисоби ҳосили тирамоҳи сол ғанӣ гардонидани буҷет ва ҳоказо зарурати таъсис додани оинаи рӯз-рӯзномаи ноҳиявӣ пайдо гардид..... Мо аз ҳама мушкилот ва бахусус, замони баъди ҷанги шаҳрвандӣ, ки ҷомеа ба таназзули иқтисодӣ мувоҷеҳ шуда буд, наҳаросида,

рӯзномаро бо чӣ мушкилиҳое чоп кардем» [3]. Ҳамин тавр, 28-уми декабри соли 1996 Иҷлосияи дуюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия дар шаҳраки Меҳргон доир гардид, ки дар баробари дигар масоли муҳим таъсиси рӯзномаи ноҳиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ҷаласа барои рӯзнома ду ном «Варақи санг» ва «Паёми Кӯҳистон» пешниҳод ва баррасӣ гардид. Вакилони Иҷлосия номи дуюмро пазируфтанд. Баъдтар бо тавсияи Раиси ноҳия шоир Олим Исматӣ ҳамчун аввалин сармуҳаррир таъйин шуд. О. Исматӣ чанде аз хабарнигорони ҷамоати нашрияи «Машъал»-ро, ки дар Кӯҳистони Мастчоҳ зиндагонӣ мекарданд, ба ҳайати эҷодии «Паёми Кӯҳистон» ҷалб кард.

Бо кӯшишу талошҳои сармуҳаррир рӯзнома дар Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.04.1997 номнавис шуд. Дар таҳияи шумораи аввал ва табъу нашри он ҳуруфчин Муҳаббатулло Одинаев, саҳифабанд Ҳасан Юсуфӣ ва ношир Қурбон Холбоқев, директори матбааи шаҳраки Бустон М. Одинаев саҳм гузоштаанд. Ба ин тартиб шумораи аввали нашрияи «Паёми Кӯҳистон» таҳти шиори «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» бо теъдоди 500 нусха аз тариқи матбааи шаҳри Бустон дар санаи 07. 04. 1997 аз чоп баромад. Ин шумора дар чор саҳифаи формати А-3 интишор гардид. Дар саҳифаи аввали он сармақолаи рӯзноманигори маъруф Ҳамдам Шарифов бо номи «Эҳёи Кӯҳистон» ҷой дода шудааст, ки дар он фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Раиси ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ таъйин шудани Сироҷиддини Ҳасан бо аксу касби ҳоли ӯ инъикос шудааст. Дар поёни ҳамин саҳифа нигоштаи шодбошии сармуҳаррири рӯзнома Олимхон Исматӣ зери унвони «Падидаи нав» ба табъ расидааст, ки оҳанги даъват ба ҳамкориро дорад.

Саҳифаи дуюми рӯзнома «Мавҷи табрикот» номгузорӣ шудааст ва номаҳои шодбошии Раиси ноҳия Мастчоҳ Саидшариф Шарифов, раиси Созмони вилоятии Иттиҳоди рӯзноманигорони Тоҷикистон Абдулмаҷиди Бобоҷониён, рӯзноманигор ва шоир Усмон Олим, ҳайати эҷодии нашрияи «Машъал», ҳунарпешагони маъруф Ҷӯрабек Муродов, Даврон Алиматов, Асрор Камолиддин, кормандони бахши тоҷикии радиои «Озодӣ»-и ш. Прага Салими Аюбзод, Обид Шукурзода, академики Академияи фанҳои Россия Мирсаид Саидов ва рӯзноманигорон Мирзо Шукурзода ва Шоҳимирзо Хуҷаевро фаро мегирад. Аксари нигорандагони шодбошиҳо чопи «Паёми Кӯҳистон»-ро дар ҳаёти фарҳангии мардуми ин гӯшаи диёр ҳамчун рӯйдоди муҳим арзёбӣ намуда, онро чун шароре дар санг унвон кардаанд. Маводи дигари ин саҳифаро «Барномаи амали тараққиёти иқтисодӣ ва сотсиалии ноҳия дар соли 1997», «Рӯйхати вакилони Маҷлиси ноҳиявӣ» ташкил медиҳад.

Дар саҳифаи сеюм «Фишурдаи гузориш аз Иҷлосияи дуюми Маҷлиси вакилони халқ» дарҷ гардидааст. Саҳифаи чорум хислати адабӣ пайдо кардааст. Он унвони адабии «Ашки булбул»-ро ба худ касб кардааст. Зери ин рубрика манзумаи Маликнеъмат бо номи «Маснавии нав» ва шеърҳои Оламафрӯз ва Саврнисо чоп гардидааст. Ҳамчунин дар ин саҳифа як хабари фарҳангӣ доир ба китоби тозанашри Мирзо Шукурзода «Тоҷикон дар масири таърих» ва таъсиси рӯзномаи «Гулбонг» -и Қувват Давлат ҷой дода шудааст.

Нашрияи «Паёми Кӯҳистон» дар соли аввали фаъолияташ ба мушкилоти молиявӣ гирифтор шуд. Дар нашрҳои минбаъда теъдоди шумораҳояш камтар гардид. Ин буд, ки то охири соли 1997 адади чопи он тадриҷан аз 500 нусха ба 400, 300 ва 200 нусха расид.

Дар соли 1998 сармуҳаррири нашрия Олимхон Исматӣ бо баҳонаи ба шаҳри Душанбе аз нав ба ҳайси муҳаррири нашриёти «Адиб» ба кор даъват шудан, аз вазифа истеъфо дод. Охири ҳамин сол собиқ корманди телевизион, шоир ва ҳаҷвнигор Мирзо Давлат сармуҳаррир таъйин гардид. Ин муҳаррир низ натавонист роҳи ҳалли мушкилоти нашри рӯзномаро пайдо кунад. Ӯ набудани маблағ ва шароиту имконоти зарурии табъу нашрро далел оварда, тарки вазифа кард.

Соли 1999 муассисон Абдуллои Фозилро, ки дар вазифаи сармутахассис оид ба кор бо ҳизбу ҳаракат ва ташкилотҳои ҷамъиятии шуъбаи иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи ҳукумати ноҳия фаъолият дошт, бо тавсияи раиси дастгоҳи иҷроияи он Мирзоҳаёти Мирзоолим муҳаррири «Паёми Кӯҳистон» таъйин карданд. Абдулло Фозил ба нашрия умри дубора бахшид. Ӯ дар яке аз навиштааш лаҳзаҳои аввали дар ин вазифа кор карданашро ёдрас шуда, аз ҷумла навиштааст: «Мушкил буд, хеле мушкил. Дарёфти маблағ, коғаз, тайи масофаи тӯлонӣ, аз Кӯҳистони Мастчоҳ то маркази вилоят, ки роҳаш пурхатар буд, хусусан, зимистон ва аввали баҳор тариқи ағбаи Шаҳристон, зери бими барфу тармаҳо, бо нақлиёти тасодуфию кироя, «КамаАЗ»-ҳову кирокашҳо сафар кардан пеш меомад» [1]. Қобилияти кордонӣ, ташкилотчигӣ, масъулиятшиносӣ ва, албатта, дастгирии ёру ошно ба ӯ имкон дод, ки дар тӯли на чандон зиёд мушкилоти таҳияи рӯзнома ва табъу нашри онро ҳал намояд. Дар солҳои аввал нашрия ба ҷуз муҳаррир коргари дигари ба иборае «қобил» надошт. Дар чопи нашрия Ҷӯра Юсуфӣ, ки дар вазифаи ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Суғд» фаъолият мекард бо

шогирдонаш ёрӣ мерасониданд. Гӯё он солҳо «Паёми Кӯҳистон» дар Хуҷанд мусофир буд ва зери боми нашрияҳои «Суғд», «Вароруд» ва баъдтар «Дам» мезист. Ҳамин тавр, чунончи А. Фозил навиштааст: «нашрия то ҳадде аз «орият» баромад. Мазмун, мундариҷа, сифати ороишаш беҳтар гардид, муштариёнаш афзуданд, суханаш расо, маводҳояш гирою нишонрас шуданд». Дар чунин вазъ пайдо кардани нашрия, дар баробари Ҷӯра Юсуфӣ ва шогирдону ҳамкоронаш, саҳми сармуҳаррир Абдуллои Фозил кам набуд. Ӯ на танҳо аз пайи корҳои ташкилӣ шуд, балки худ низ доир ба масъалаҳои доғи рӯз мақолаҳо менавишт. Албатта, навиштаҳои интиқодонаи сармуҳаррир барои баъзеҳо хушоям набуд, аммо бо ин вуҷуд масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия камбудиҳои ишорашударо ислоҳ мекарданд. Ҳамин гуна навиштаҳои сармуҳаррири нашрия дар хотири аксар боқӣ мондааст. Дар шумораи ҷашнии «Паёми Кӯҳистон», ки моҳи апрели 2017 нашр гардидааст, Раиси ноҳия Муҳаммадҷобир Раҷабзода дар паёми табрикиаш чунин нигоштааст: «Бист соли зинадагӣ ва кор «Паёми Кӯҳистон» бо мо буд. Мо ҳарчанд саргарми кору пайкор, ҳалли мушкилоти рӯзафзуни ин ноҳияи нав, ин «Шукуфаи Истиқлол» будем, набзи зиндагии диёрамонро аз мақолаю гузориш, мусоҳиба, танзу танқид, назму наср, «Миш-пресс»-у «зарофат»-ҳои пурнамак, очерку ёднома, таҳнияту «таъзия»-ҳо, таърихномаи «Кӯҳан диёро, диёри ёро»-и он эҳсос мекардем. Сари маводҳои танқидӣ - таҳлилии нашрия бо муҳаррираш тунду талх мегуфтем, гунаҳкорони норасоиҳои кору рӯзгори ноҳияро сарзаниш намуда, роҳи ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва кадриро меҷустем. Бояд иқрор кард, ки «Паёми Кӯҳистон», ба қавли муштариёнаш «оинаи диёр» буд» (Паёми Кӯҳистон, 2017.– №5, 6, 7.– апрел).

Воқеан шиносоӣ бо бастаҳои нашрия нишон медиҳад, ки аксари матолиби онро мақолаҳои танқидӣ ташкил медиҳанд. Чунончи дар шумораи моҳи январи соли 2003 таҳти сарлавҳаҳои «Дилам ба ҳоли дурӯғ месӯзад», «Замин дуздӣ то кай?», «Агар буз хирман мекӯфт..... », «Варзиш надорад арзиш», «Кӣ киро «кидат» мекунад?» матлабҳое интишор гардидааст, ки аксар рӯҳияи интиқодӣ доранд. Аз мазмуни сарлавҳаҳо бармеояд, ки нашрияи «Паёми Кӯҳистон» ҷасурона, аммо бо риояи меъёрҳои касбӣ масъалаҳои мубрами маҳалро пайгирӣ намуда, дар сатҳи ҳирфаӣ онҳоро инъикос намудааст. Ҳарчанд дар ифшои камбудиҳои рӯзгори мардум муаллифони гуногун саҳм дошта бошанд, чун ишора шуд, дар ин самт маҳсули ҷустуҷӯву талошҳои сармуҳаррири он Абдуллоҳи Фозил зиёд будааст. Ӯ бо чунин нигоштаҳои худ нашрияро на ин, ки дар водии Зарафшон, балки дар вилояти Суғд ва ҳатто берун аз он муаррифӣ кард. Ба таъбири собиқ сармуҳаррири рӯзномаи «Машъал» Мирзоҳамдам Шарифзода «.... Абдуллои Фозил кӯшиш ба харҷ дод, ки ҳар шумораи он саривақту ҷаззоб ба хонанда пешниҳод карда шавад ва ба ин мақсади нек муваффақ ҳам шуд. «Паём...»-и Абдуллои Фозил бо маводҳои гуногунжанру ҷасорати рӯзноманигорӣ, амиқии назар, забони суфтаю шево байни ҷаридаҳои ноҳиявию шаҳрӣ аз беҳтаринҳо номбар мешуд, муштариёни зиёде пайдо кард. Онро на танҳо дар деҳу рустоҳои хурду бузурги диёри аҷдодиамон Кӯҳистони Мастчоҳ, балки дар Мастчоҳи нав, ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Зафаробод, шаҳри Хуҷанд, пойтахти кишвари соҳибистиқлоламон Душанбе ҳамдиёронамон дастрас ва мутолиа менамоянд» (Паёми Кӯҳистон, 2017. – №5,6,7. – апрел). Ин навиштаҳо аз ҷиҳати мундариҷа ва услуби навишт ҷолибу муассир будани рӯзномаи «Паёми Кӯҳистон»-ро дар давраи сармуҳарририи Абдуллоҳи Фозил гувоҳ медиҳанд.

Абдуллоҳи Фозил 18 сол ин рӯзномаро сарварӣ кардааст. Дар ин солҳо нашрияи «Паёми Кӯҳистон» гоҳе дар чор саҳифа ва баъзан ҳашту дувоздаҳ саҳифа ба табъ расидааст. Вобаста ба доираи мавзӯот ва набзи рӯз дар ҳар шумора рубрикаҳои нашрия тағйир ёфтааст. Масалан, дар шумораи моҳи август ва сентябри соли 2003, ки 12 саҳифаро фаро мегирад, рубрикаҳои «Ҷашнвор», «Ҳамоиш», «Таҳлил», «Нуктаи назар», «Минбари мутахассис», «Идао», «Варақи санг» ва «Зикри хайр» нишон дода шудааст. Таҳлилу муқоиса нишон медиҳад, ки миёни ин танҳо ду рубрика «Варақи санг» ва «Зикри хайр» дар ин нашрия маъмултаранд.

«Паёми Кӯҳистон» аз ҷиҳати мундариҷа гуногун буда, соҳаҳои сиёсат, фарҳанг, иҷтимоиёт, иқтисод, варзиш ва дигар паҳлуҳои хоҷагии халқро фаро мегирад. Бахусус дар шумораҳои давраи сармуҳарририи А. Фозил мундариҷа ва муҳтавои нашрия фарогири ҳаёти ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ шудааст. Масалан, дар шумораи моҳҳои июл ва августи соли 2016 таҳти номи «Арзишҳои меҳварӣ» чанд андешае перомуни мақолаи С. Ятимов «Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ (дар доираи шуури муқаррарӣ)» нашр шудааст. Дар ин мақола дар хусуси арзишҳои миллӣ ва умумимиллӣ сухан меравад.

Дар тӯли бист соли фаъолият фосилаи чоп ва теъдоди нашрия як хел набудааст. Дар ибтидои фаъолият рӯзнома дар ҳаҷми 4 саҳифа бо теъдоди 300 нусха нашр шуда, ин рақам бо андаке каму беш то соли 2003 идома ёфтааст. Соли 2003 теъдоди саҳифаҳои нашрия ба

8 расонида шуд. Баъзан он то 16 саҳифа низ нашр мешудааст. Мушкилоти молӣ ва дурии масофаи корхонаи табъу нашр боис гардида, ки рӯзнома баъзан ҳафтае як маротиба дар ҳаҷми 4 саҳифа, баъзан моҳе ду маротиба дар ҳаҷми 8 саҳифа ва баъзан моҳе як маротиба дар ҳаҷми 16 саҳифа нашр шавад. Ҳоло «Паёми Кӯҳистон» моҳе ду маротиба дар 8 саҳифа дар шаҳри Хуҷанд нашр мешавад. Дар солҳои аввали фаъолият нашрия на танҳо ҳайати эҷодии мукаммал надоштааст, балки муассиси асосии он, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои нашрия дар буҷа маблағ пешбинӣ намекардааст. Ҳайати эҷодӣ маҷбур будаанд, ки аз ҳисоби обунаи ночиз, хизматрасониҳои тиҷоратӣ фаъолияти нашрияро пеш баранд. Соли 2004 бо ибтикори раиси вақти ноҳия Нурулло Оқилов барои нашрия аз буҷаи ҳукумати ноҳия маблағ ҷудо карда шуд. Маҳз дар ҳамин давра нашрия соҳиби таҷҳизоти замонавии корӣ, компутар, принтер, диктафон ва суратгир гардид. Ин дастгирӣ вазъи идораи нашрияро нисбатан беҳ ва сатҳу сифати рӯзномаро баланд гардонид. Аммо теъдоди нашри рӯзнома сол ба сол фарқ мекунад. Ба ин минвол, агар аз соли аввали нашр то соли 2010 бо тиражи 300 нусха нашр шуда бошад, баъди соли 2010 як муддат тиражи он ба 500 нусха расид ва боз дубора ба 300 пойин фаромадааст. Дар соли 2015 теъдоди нашри он боз ба 500 адад боло карда шудааст. Дар ҳоли ҳозир бо теъдоди 300 нусха ба нашр мерасад. Фаъолияти бистсолаи «Паёми Кӯҳистон»-ро шартан ба 3 давра ҷудо кардан мумкин аст:1) Аз соли таъсис то соли 2005.2) Солҳои 2005 - 2010. 3) Аз соли 2010 инҷониб.

Давраи якумро метавон давраи мушкилтарини фаъолияти нашрия арзёбӣ кард, зеро дар ин давра ҳафтанома ба мушкили ҷиддии молӣ гирифтор будааст ва, чӣ хеле ки дар боло зикраш рафт, бо ин сабаб муддати 2 соли аввал нашраш номунтазам буд. Ин сабабҳои гуногун дошт, ки навтаъсисии ноҳия яке аз онҳо маҳсуб меёфт. Дар ин давра ду муҳаррири ҳафтанома бо иллати мушкилоти таҳия ва камтаваҷҷуҳии муассис ба чопи нашрия тарки вазифа карданд.

Давраи дувуми «Паёми Кӯҳистон»-ро ташаккули ҳайати эҷодӣ ва расидан ба имконоти нисбатан хуби фаъолияти нашрия метавон номид. Дар ин давра ҳафтанома мушкилоти худро оҳиста-оҳиста ҳал кард, соҳиби таҷҳизоти замонавӣ ва ҳуқуқ ба буҷаи худ гардид.

Давраи севуми инкишофи «Паёми Кӯҳистон» соли 2010 ба ин тараф аст. Ҳафтанома дар ин давра бе таъхир интишор гардида, теъдоди нашри он аз 300 ба 500 нусха боло рафтааст. Бо ин вуҷуд то ҳол фосилаи чопи нашрия ба низоми муайян надаромадааст. Он моҳе ду ва баъзан як шумора интишор мешавад. Метавон хулоса кард, ки Нашрияи «Паёми Кӯҳистон»-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар замони вазнинии вазъи сиёсӣ ва мушкилоти иқтисодии кишвар таъсис ёфта, дар тӯли бист соли фаъолияти худ роҳи пурпечутоберо тай намуд. Нашрия тадриҷан соҳиби дафтари корӣ ва таҷҳизоти техникии замонавӣ гардид, чопаш ба низом даромад, имконияти хуби фаннӣ ва кадрӣ пайдо кард, сатҳу сифаташ баланд гардид. Имрӯз ҳайати эҷодии онро асосан ҷавонони соҳибкасб ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, Фитрати Ҳикмат, Низомати Устосафар ва Саидвоҳиди Қосим хатмкардагони ихтисоси рӯзноманигории Донишгоҳи олӣ буда, дар идораи нашрия таҷрибаи касбӣ андӯхтаанд.

Муҳаққиқ М. Муродов доир ба мушкилоти матбуоти маҳаллии кишвар андеша ронда, аз ҷумла қайд намудааст, ки: «мушкилоти дигаре, ки имрӯз матбуоти маҳаллии мо бо он рӯбарӯст, бетарафӣ ва ё бетаваҷҷуҳии хонандагон ба он мебошад. Ин қазияро метавон ба чанд омил нисбат дод. Омили асосӣ сатҳи пасти зиндагии мардум мебошад, ки имкони харидории нашрияҳои давриро надоранд. Аз тарафи дигар, паст будани маънавиёти ҷомеа низ дар канори ин омил қарор гирифтааст. Билохира ба завқи хонандаи ҷавон мувофиқ набудани матолиби нашрияҳо» [4, с.256].

Ин мушкилотро ба нашрияи «Паёми Кӯҳистон» низ метавон нисбат дод. Нигоштаи сармуҳаррири вақти ин рӯзнома Абдулло Фозил «Матбуот ва музофот» (Паёми Кӯҳистон, 2008. – 8 март) далели ин гуфтаҳост. То имрӯз нашрия чопхонаи худӣ надорад ва барои нашри шумора бояд 380 км роҳро тай кард. Табиист, ки ин на танҳо ба чопи номуназзами нашрия боис мешавад, балки фаврияти матолиби рӯзномаро паст мекунад ва талаботи иттилоотии хонандаро қонеъ кунонида наметавонад. Зимнан чунин ҳолат дар нашрияҳои дигари ҳамин водӣ –"Файзи Зарафшон" ва "Зарафшон" низ вуҷуд дорад. Гумон мекунем, агар раисони ҳукуматҳои ноҳияҳо ба мувофиқа оянд, бо дастгирии эшон дар ноҳияи Айнӣ, ки дар маркази ин водӣ ҷойгир аст, метавон чопхонае бунёд кард ва ба ҳалли масъала мусоидат намуд. Аз тарафи дигар, нашрияи маҳаллӣ, пеш аз ҳама, мебояд ҳаёти маҳалли худро инъикос намояд, кору пайкор ва зиндагии шоиставу ибратомӯзи шахсиятҳои алоҳидаро тарғиб намояд, тадбиқи сиёсати ҳукумати кишварро дар заминаи фазои маҳалли худ дунболагирӣ намояд. Дар ин ҳолат мундариҷаи рӯзнома барои хонанда нисбатан шавқовар мегардад, яъне ӯ симои худро дар он мебинад. Ба ин манзур

нашрияҳои музофотӣ танҳо ба инъикоси фаъолияти мақомоти ҳукуматҳои маҳаллӣ маҳдуд нашуда, кӯшиш намоянд, ки ба тарафи дигари зиндагии мардум низ эътибор диҳанд.

Умуман, «Паёми Кӯҳистон» новобаста ба мушкилоти молию техникӣ дар тӯли 20 соли мавҷудият шакли худро пайдо намуд, рӯ ба инкишоф ниҳод ва дар фазои иттилоотии маҳалли худ ва ҳатто берун аз он шинохта шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулло, Ф. Дар роҳи Пуршебу фароз / Ф. Абдулло // Паёми Кӯҳистон, 2017. – №5, 6, 7. – апрел.
2. Азимов, А. Рӯзнома ва рисолати худшиносӣ / А.Азимов. – Душанбе: Шарқи Озод, 2015. – 152 с.
3. Исматӣ, О. Тавлиди рӯзномаи «Паёми Кӯҳистон» / О.Исматӣ // Паёми Кӯҳистон, 2017. – №5, 6, 7. – апрел.
4. Маъмурзода Н. Журналистикаи Хатлон: вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд: Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ / Н.Маъмурзода. - Душанбе, 2015. – 204 с.
5. Муродов, М. Баъзе мушкилоти матбуоти маҳаллӣ ва зарурати пажӯҳиши онҳо / М. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филологӣ). – Душанбе, 2015. – №4/7 (180) . – С.252-257.
6. Муродов, М. Вазъ ва дурнамои матбуоти маҳаллӣ (чанд андеша дар ҳошияи омӯзиши сотсиологии матбуоти шаҳри Қурғонтеппа) М.Муродов, М. Ҷумъаев // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмию таҳлилӣ. - Душанбе, 2014. – №3(27). – С.7-12.
7. Муродов М., Қутбиддинов А. Таъйиноти дирӯз ва имрӯзи матбуоти маҳаллӣ / М.Муродов, А.Қутбиддинов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2017. – №1 (37).– С.55-64.
8. Муродов, М. Омилҳои рушди матбуоти тоҷик дар замони истиқлол М.Муродов // Осор. Ҷ.3. – Душанбе: Аржанг, 2016. – С.311-343.
9. Муродов М. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон: Донишнома / М.Муродов, А.Қутбиддинов, М.Ҷумъаев, Қ.Исоев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 200 с.
10. Хоҷӣ, С. Аз дафтари хотирот / С. Хоҷӣ // Шукуфаи истиқлол. – Хуҷанд, 2016. – С.278-284.

«ПАЁМИ КӮҲИСТОН» ЗОДАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН

Мавзӯи баҳси мақоларо омилҳои пайдоиши нашрияи «Паёми Кӯҳистон»-и Кӯҳистони Мастчоҳ ва марҳалаҳои ташаккул ва инкишофи он ташкил медиҳад. Муаллиф дар заминаи сафари эҷодӣ ва омӯзиши бевоситаи бастаҳои ин нашрия омилҳои таъсис ва роҳи тайкардаи ин рӯзномаи ноҳиявиро дар тӯли беш аз бист сол баррасӣ намудааст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки «Паёми Кӯҳистон» нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи кӯҳистони Мастчоҳ буда, аз моҳи апрели соли 1997 ба фаъолият шурӯъ намуда, роҳи пурпечутоберо тай ва мушкилоти зиёдеро паси сар намудааст. Рӯзнома дар аввал дар ҳаҷми 4 саҳифа бо теъдоди 300 нусха нашр шудааст. Ин рақам бо андаке каму беш то соли 2003 идома ёфтааст. Соли 2003 теъдоди саҳифаҳои нашрия ба 8 расонида шуд. Баъзан он то 16 саҳифа низ нашр мешудааст. Мушкилоти молӣ ва дурии масофаи корхонаи табъу нашр боис гардида, ки рӯзнома баъзан ҳафтае як маротиба дар ҳаҷми 4 саҳифа, баъзан моҳе ду маротиба дар ҳаҷми 8 саҳифа ва баъзан моҳе як маротиба дар ҳаҷми 16 саҳифа нашр шавад. Ҳоло «Паёми кӯҳистон» моҳе ду маротиба дар 8 саҳифа дар шаҳри Хуҷанд нашр мешавад. Аммо теъдоди нашри рӯзнома сол ба сол фарқ мекунад. Ба ин минвол, агар аз соли аввали нашр то соли 2010 бо тиражи 300 нусха нашр шуда бошад, баъди соли 2010 як муддат тиражи он ба 500 нусха расид ва боз дубора ба 300 пойин фаромадааст. Дар соли 2015 теъдоди нашри он боз ба 500 адад боло карда шудааст. Дар ҳоли ҳозир бо теъдоди 350 нусха ба нашр мерасад. «Паёми Кӯҳистон» новобаста ба мушкилоти молию техникӣ дар тӯли беш аз 20 соли фаъолияти худ дар фазои иттилоотии маҳал ва берун аз он шинохта шудааст.

Калидвожаҳо: Кӯҳистони Мастчоҳ», «Паёми Кӯҳистон», нашрия, ташаккул, давра, инкишоф, интишор, мавзӯъ, мундариҷа, мушкилот, инъикос, таҳлил, баррасӣ.

"ГОЛОС ГОР" ПЛОД НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

Темой обсуждения статьи является происхождение газеты «Паеми Кухистон» в Кухистони Мастчох и этапы ее формирования и развития. На основе творческого пути и непосредственного изучения статей и публикации автор обсуждает факторы становления и развития этой районной газеты на протяжении более двадцати лет. Анализ показывает, что газета «Паеми Кухистон» является публикацией исполнительной власти района Мастчох, которая работает с апреля 1997 года и прошла большой путь и преодолела множество трудностей. Первоначально газета выходила на 4 страницах тиражом 300 экземпляров. Эта цифра держалась до 2003 года. В 2003 году количество страниц публикации было увеличено до 8. Иногда и до 16 страниц. Из-за финансовых трудностей и удаленности издательства газета иногда выходит раз в неделю объемом 4 страницы, иногда два раза в месяц объемом 8 страниц, а иногда один раз в месяц объемом 16 страниц. В настоящее время газета «Паеми Кухистон» публикуется два раза в месяц на 8 страницах в Худжанде. Тем не менее, количество газетных публикаций меняется из года в год. Аналогичным образом, если с первого года публикации до 2010 года она была выпущена тиражом 300 экземпляров, то после 2010 года ее тираж некоторое время достигал 500 экземпляров и снова уменьшился до 300 экземпляров. В 2015 году количество газеты было увеличено до 500 экземпляров. В настоящее время она издана в 350 экземплярах. Несмотря на финансовые и технические трудности, газета «Паёми Кухистон» признана в местном и международном информационном пространстве более 20 лет.

Ключевые слова: «Кухистони мастчох», «Паёми Кухистони», публикация, формирование, период, развитие, публикация, тема, содержание, проблемы, рефлексия, анализ, дискуссия.

“THE MESSAGE OF THE MOUNTAIN” WHICH WAS BORN IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

The theme of the discussion of the article consists of the factors of the appearance of the publication “The message of the mountain” of the mountainous Mastchoh and the periods of its formation and development. The author studied the factors of establishment and the passed way of this publication in the period of twenty years in the frame of the creative

trip. From the studies it can be seen that the publication “The message of the mountain” is the publication of the Executive body of the mountainous Mastchoh, and began its activity from April 1997, faced a lot of difficulties in this period. The publication first published in 4 pages and 300 copies. By 2003 the number of the copies continues like this. And on 2003 the number of pages reached to 8 and even to 16 pages. Financial difficulties and the distance to the publishing house became the reason of publishing the publication once in a week in 4 pages, sometimes twice in a month in 8 pages, and even once in a month in 16 pages. At the moment, “The message of the mountain” publishes twice in a month in 8 pages in Khujand city. But the number of the copies of the publishing differs year by year. If from the first years of its activity to 2010 it was published in 300 copies, after 2010 it was published in 500 copies for a while and then again it began to be published in 300 copies. On 2015 the number of copies of this publication raised to 500, but now it is publishing in 300 copies. “The message of the mountain” was recognized more than 20 years in the in its place and far beyond despite of financial and technical difficulties.

Key words: “Mountanious Mastchoh”, “The message of the mountain”, publication, formation, period, development, publish, theme, plot, difficulty, reflection, discussion, consideration.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғоибов Саъдӣ Шокирович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи матбуоти факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Jahon.888@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 938-00-08-30**

Сведения об авторе: ***Гоибов Саъди Шокирович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры печаты факултета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Jahon.888@inbox.ru**. Тел.: **(+992) 938-00-08-30**

Information about the author: ***Ghoibov Sa`di Shokirovich*** - Tajik National University, Postgraduate student of the Department of Printing, Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Jahon.888@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 938-00-08-30**

УДК: 070 (575.3)

РОЛЬ ПРЕСС-СЛУЖБЫ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ МЕДИАСРЕДЕ

Мухтори Кутбиддин
Таджикский национальный университет

Понятие «пресс-служба» уже давно бытует в информационной среде Республики Таджикистан. О ее формировании, назначении и задачах как особой формы сотрудничества органов власти и неправительственных структур со СМИ и в целом сотрудничества юридических и частных лиц существует определенное количество исследований таджикских ученых, где доказана ее роль в качестве своеобразного социального института [3; 5; 7]. Во многих государствах они, прежде всего, встречаются в формате PR-агентств и компаний в сфере организации связей с общественностью.

В Таджикистане пресс-службы были созданы на уровне центральных структур государственной власти еще со времен становления и упрочнения независимости нашей республики. «*В настоящее время различные организации и учреждения, как государственные, так и частные, сформировали специальные отделы, сферу деятельности которых составляют взаимодействие и сотрудничество со средствами массовой информации*» [3, с.4].

В настоящее время в информационном обществе пресс-служба является основным источником официальной информации в государственных, коммерческих, корпоративных структурах и доказательством этому служит ссылки информационных текстов в источниках медиа-среды. Источники новостной информации могут быть разыми. Об этом свидетельствует, прежде всего, структура или модель новостного текста. Сама модель информационного текста почти однообразна и нормативна: в начале текста структуры предложения согласно нормативной грамматике: подлежащее – второстепенные члены предложения – сказуемое. Сказуемое глагольное, не номинативное, где глагольное сказуемое указывает на действие, ккоторое является основой факта, случившегося события.

По нашим наблюдениям, самыми широкоупотребительными глаголами в формах сказуемого является конструкция «*ittilo’ dod*» - *сообщил* – глаголом прошедшего времени, третьего лица, единственного числа, «*ittilo’ medihad*» – *сообщает* – глагол настоящего и будущего времени, третьего лица, единственного числа, который указывает на недавно прошедшее во времени события. Глагольные конструкции «*ittilo’ dod*» - *сообщил,* «*ittilo’ medihad*» – сообщает, употребляются обычно, когда источник информации конкретен, приводятся имена сообщающих, а глагольные конструкции «*ittilo’ dodand*» – сообщали и «*ittilo’ medihand*», будучи глаголами множественного числа третьего лица, со значением настоящего времени, употребляются, когда отсутствует конкретный источник информации или же не хотят сообщать об этом источнике. Данная форма глагола в таджикском языке образует обобщенно-

личные предложения [см.: 2]. Употребление данных глаголов во многом дает информацию о том, насколько объективна передаваемая информация и насколько она достоверна:

«*Chunon ki ba mo dar markazi ……. ittilo dodand – как нам сообщили в Центре.....*» в таджикской медиасреде, по нашим наблюдениям, правительственные периодические издания почти не употребляют такие выражения. Общественно-политичекие издания, имеющие информацию из разных источников и ко всему этому из косвенных источников, в том числе, в целях сохранения конфиденциальности и безопасности в отношении источников, часто употребляют подобные выражения. Модель информационного текста получает следующую форму:***событие → ссылка на определенный / неопределенный источник → результат.***

В зависимости от источника и характера передаваемой информации порядок указанных частей может меняться, но суть остается той же:

ЗАГОЛОВОК	*KHIZMATRASONĪ: Kamвudiho isloh meshavand*
СОБЫТИЕ	*Dar nishasti matвuotii Vazorati tandurustī va hifzi ijtimoii aholī dar вaroвari vak qator mas'alahoi muhim, holati kununii muassisahoi dandonpizishkī va rioya naqardidani qoidahoi sanitariyu epidemiologī dar inshooti tibbī mavridi barrasī qaror giriftand.*
ИСТОЧНИК	*Bino ba guftai Saida Umarzoda, muovini avvali vaziri tandurustī va hifzi ijtimoii aholī,*
РЕЗУЛЬТАТ	*az 254 muassisai stomatologii jumhurī fa'oliyati 28 adadi onho muvaqqatan bozdoshta shud va dar shash holat ishtibohhoi tibbii dandonpizishkon oshkor gardid.* *Бузургмехри БАХОДУР [Джумхурият.-3.07.2018].*
ЗАГОЛОВОК	*УСЛУГИ: Недостатки исправлены*
СОБЫТИЕ	*На пресс-конференции Министерства здравоохранения и социальной защиты населения был обсужден ряд ключевых вопросов, текущее состояние стоматологии и несоблюдение санитарно-эпидемиологических правил в медицинских учреждениях.*
ИСТОЧНИК	*По словам Саиды Умедзоды, первого заместителя министра здравоохранения и социальной защиты Республики Таджикистан,*
РЕЗУЛЬТАТ	*из 254 учреждений были временно приостановлены деятельность 28 стоматологических учреждений, и в шести случаях были выявлены нарушения медицинско-врачебного характера со стороны стоматологов.*

Данная структура является стандартом для информационного текста, показывающая на отсутствие непосредственной экспрессии и вмешательство канала передачи / издания / коммуниканта, отсутствие помех. Это теоретический предполагаемый принцип. Но иногда даже по заголовкам можно определить редакционную политику, в том числе в приведённой заметке: *KHIZMATRASONĪ: Kamвudiho isloh meshavand – Услуги: Недостатки исправляются.*

Данной заметке, исходя из поставленных целей, можно дать и другие заголовки: *«28 стомотологических учреждений закрыты», «Медицинские недостатки в стомотологических учреждениях»,* а при нейтральном отношении к событию можно было бы назвать *«Пресс-конференция замминистра здравоохранения»* и т.п.

По словам А.Л. Леонтьева: *«Обычно полагают, что существует некий объективный «факт», который и описывается суждением или высказыванием. На самом деле все обстоит сложнее. Человек начинает с того, что вычленяет в реальности (в пространстве событий) некоторый фрагмент. Этот фрагмент всегда рассматривается под определенным углом зрения, в определенном аспекте» [6, с.151]*.

Анализ определенного количества таджикских периодических изданий показывает, что чисто, объективно передаваемые сообщения почти не существуют.

Во-первых, подборка самой передаваемой информации тоже является субъектвным отношением к распространению информации. Простая логика данной теории исходит из внимания редакции к политическим (общественно-политическим, правительственным изданиям), культурным (изданиям общественных организаций), социальным, экономическим, образовательным (корпоративным изданиям) событиям.

Во-вторых, событие просматривается через призму редакционной политики.

Во-третьих, акцентирование на определенные моменты события делается с той целью, чтобы привлечь и заинтересовать аудиторию.

При этом, коммуникант – журналист в информационных новостях выступает от имени общества, как социальное лицо, его личность, мнения открыто не сообщается и, на первый взгляд, для реципиента это не важно. Информация в новостных текстах передается в том формате, который для респондента представляет важность самого случившегося события.

В данном случае важна роль самого ***источника информации***. В качестве источника информации в современном обществе в основном выступают специалисты по связям с

общественностью, пресс-службы, информационные агентства и, в связи с распространением доступа общественности к интернету и гаджетам, источником и распространителем информации может стать каждый член общества, имеющий при себе гаджет, соединенный с интернетом и доступом к социальным сетям [см.: 10, с.78]. Это усложняет работу государственных и частных структур в управлении информацией, формировании общественного мнения, его направления в нужное русло и сохранения своего имиджа.

Ныне в Таджикистане эффективно пользуются услугами пресс-служб центральные государственные структуры, такие как Аппарат Президента Республики Таджикистан, Министерство внутренных дел, Министерство вооруженных сил, корпорация «Барки точик», исполнительные аппараты областных структур, некоторые министерства, а остальные государственные и частные структуры, недостаточно эффективно пользуются услугами пресс-служб. Практика формирования общественного мнения вокруг политических и социальных проблем в республике показывает, что несвоевременная передача информации из первоисточников приведет к тому, что обшественность поверит неизвестным источникам информации, чем достоверным и истинным источникам информации из-за того, что достоверная информация распространяется гораздо позднее, чем информации неизвестных источников.

